# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

2022. №2

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

2022.№2

# YOUNG RESEARCHER

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

2022. No2

***МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА***
***ДУШАНБЕ – 2022***

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**
**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Раҷабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2022©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Ќаххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Furthermore Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |


**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2022

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL “YOUNG RESEARCHER”**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Qobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of technical sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of philological sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, assistant professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Nuriddin Parvin Raymalikhon** | *Candidate of Politics, assistant professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of pedagogical sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological sciences, Professor* |

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**E-mail:** **molodoy.issledovatel@mail.ru**
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2022

# ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

## ДАВЛАТДОРИИИ СОМОНИЁН АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚИ АНГЛИСЗАБОН РИЧАРД НИЛСОН ФРАЙ

***Пирумшоев Ҳ., Нуруллозода Ҳ. М.***
**АМИТ**

Ричард Фрай 27 марти соли 1920 дар Иёлоти Алабаи Амрико ба дунё омада, соли 1938 ба Университети шаҳри Пристон шомил шуда, ба омӯзиши таъриху фалсафа мепардозад. Замони вусъати фашизм дар Аврупо Ричард Фрай соли 1941 дар мактаби пажӯҳишу таҳқиқоти Шарқу Африқо Лондон таҳсилро идома дод ва забонҳои форсӣ, арабӣ ва туркиро азхуд кард. Замони ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чун сарбози амрикоӣ дар Афғонистон ва Эрон хидмат анҷом медиҳад ва ошиқи шайдои забони форсӣ мегардад. Пас аз хатми ҷанг соли 1946 дар донишгоҳи Гарвард рисолаи доктори илмро дифоъ карда, ҳаёти минбаъдаашро пурра ба омӯзишу таҳқиқи илм ва тарбияю омода сохтани мутахассисони варзидаи сатҳи ҷаҳонӣ сарф месозад.

Чун шарқшинос Ричард Фрай аз замони ба пажӯҳиши таъриху фарҳанги ҳавзаи забони форсӣ сару кор гирифтан, Тоҷикистон ва тоҷиконро хуб шинохта буд ва медонист, ки қавмҳои ориёӣ чун тоҷикону эрониҳо ва афғонҳо бо марзбандиҳо аз ҳам ҷудо бошанд ҳам, бо як забони муштарак форсӣ ҳарф мезананд. Замона ва сохти сиёсии вақт роҳ барои Ричард Фрай барин ховаршиноси забардастро ба кишвари мо Тоҷикистон масдуд сохта буд. Хушбахтона кишвари Эрон ва сохти шоҳии он Ричард Фрайро ба оғӯш гирифт ва барои ӯ тамоми шароитҳои кору зиндагиро фароҳам овард. Дар ёддоштҳояш Ричард Фрай менигорад, ки ман аз овони шогирди мактаб буданам ошиқи Шарқ шудам, аввал аз рӯйи чанд расми китоб Хиндустонро дӯст доштам. Аммо вакте дар синни ҷавонӣ бо амри тақдир ба Афғонистону Эрон расидам, бароям дунёи нав пеш омад ва худро дигар аз ин худоии тақдир ҷудо тасаввур карда наметавонистам. Бо ин орзуҳо Ричард Фрай соли 1968 дар сини 48 солагӣ бо даъвати Фарҳангистони улуми вақти Эрон ба ин кишвар омад. Чанд муддате вақтро ба сайру тамошои Эрон сарф кард. Дар канори Зояндарӯд барояш гуворо афтода, баъди хафтсол маркази илмӣ фарҳангии Шероз қадамгоҳи Шайх Саъдӣ ва Хоҷа Хофизро бештар писандид. Тули панҷ сол дар ин мадинаи шоирхез, ки замони Каримхони Занд пойтахти Эрон буд, зиндагиро ихтиёр намуд. Дар Эрони он солҳо Донишгоҳи Шероз яке муассисаҳои бузурги илми пажӯҳишӣ ба ҳисоб мерафт ва он пажӯҳишгоҳҳои зиёдеро бобати ривоҷи илм ва омодасозии мутахассисон ба ҳам оварда буд. Профессор Ричард Фрай раиси пажӯҳишгоҳи Осиё пазируфта шуд ва ба таҳқиқи забону таърихи фарҳанги Эрон камар баст. Ба ӯ муяссар гардид, ки дар ин давра инчунин ба омӯзиши мероси фарҳангии ақвоми турку армании сокини Эрон ва ба балучу паштуҳои Афғонистону Покистон ва ҳам таърихи Ҳиндустон ҷиддитар машғул шавад. Ричард Фрай дар шарқшиносии ҷаҳон хизматҳои бузургеро анҷом дод.Тавонист бо таълифҳои бунёдии хеш дар Шарқу Ғарб марказҳои бузурги илмӣ - пажӯҳиширо таъсис бидиҳад ва фаъолияти онҳо тайи беш аз ним асри гузашта бо номи ин олими сатҳи ҷаҳонӣ сахт пайвастагӣ дошт [4,28].

Бо вуҷуде ки Ричард Фрай бо гузашти солҳо солмандтар ҳам мешуд, меҳру муҳаббаташ нисбат ба тоҷикон бештар мегардид ва ҳарчи мехосту орзу дошт, ки Тоҷикистону тоҷиконро бубинад. Дар сини 70 солагӣ (1990) ба Тоҷикистон омад ва ду сол дар ин ҷо иқомат ихтиёр кард. Ричард Фрай хизматҳои боарзишеро низ дар шинохти тоҷикон ба ҷаҳон анҷом дода тавонист. Дӯстони зиёдеро дар кишвари мо пайдо кард ва шогирдони тоҷикаш бо роҳнамоии ӯ дар симпозиуму конфронсҳои зиёди байналмилалӣ маърузаҳои илмӣ намудаанд. Ин олими тавоно ҳамон солҳо омӯхтану донистани забони англисиро ба масобаи забони илм тарғиб мекард ва ба пажӯҳандагони англисӣ меомӯзонд ва хотираи неки ин олими забардасти тоҷикдӯст дар қалби тоҷикон боқист. Ричард

Нилсон Фрай яке аз муҳаққиқони машҳури англис буда, бештари асарҳои худро ба давлатдории Осиёи Марказӣ, бахусус Сомониён бахшидааст. Ба ақидаи муаррихон дар осораш ба Осиёи Марказӣ махсус диққат додааст. Соли 2019 Ричард Фрай, пажӯҳишгар ва шарқшиноси номвари амрикоӣ, китоби нави худро таҳти унвони «Таърихи тоҷикон» («A History of the Tajiks») дар муассисаи мутолеоти осиёӣ ва африқоии Донишгоҳи Лондон ба чоп расонидааст. Профессор Фрай, ки то имрӯз китобҳои бисёре дар бораи Эрони бостон ва Маздаясно навиштааст, китоби тозаашро ба қадимтарин миллати Осиёи Марказӣ – тоҷикон бахшид ва дар чунин китоб дар бораи таърихи тоҷикон, бахусус давлатдории Сомониён ба таври возеҳу равшан ибрози назар намудааст, ки бениҳоят арзиши воло дорад. Фрай аз ихлосмандону дилбохтагони садоқатманди фарҳанги тоҷик буда, бо бештари адибону олимон ва рӯзноманигорони тоҷик равобити мустақим дошт. Р.Фолтс дар мавриди равобити дӯстонаи худ бо Фрай мегӯяд: «Айёми донишҷӯӣ бо профессор Ричард Фрай, ки як тоҷикшиноси бисёр бузург буд, ошноӣ пайдо кардам ва аз донишу малакаи ӯ баҳравар гардидам. Фрай муддате дар Тоҷикистон зиндагӣ дошт ва пажӯҳиш бурд. Ман ҳам пас аз хатми донишгоҳ барои ба поён расондани рисолаи докторӣ хостам ба Тоҷикистон оям. Аммо сафарам ба соли 1992 рост омад, Душанбе ба коми ҷанг фурӯ рафта буд. Ба ин хотир, Ӯзбекистон рафтам, зеро шаҳрҳои таърихии тоҷикон имрӯз дар ҳайати ин кишвар аст. Дар Самарқанд бо тоҷикони зиёде шинос шудам, он ҷо муддате иқомат кардам ва пажӯҳишамро ба поён расондам. Ниҳоят, соли 2012 ба Тоҷикистон омадам ва равобитам то имрӯз идома дорад. Тули 30 сол, ки ба пажӯҳиш саргармам, роҷеъ ба таърихи мардуми эронӣ даҳҳо мақолаву рисола ба табъ расондам [1,12].

Доктор Фрай нияти навиштани китоберо роҷеъ ба тоҷикон дар зеҳнаш мепарварид ва мани он замон донишҷӯ интизор будам, то ин китобро бихонам. Маҳз ба ҳамин хотир, ӯ солҳои 1991-1992 ба Тоҷикистон омад ва ин ҷо зиндагӣ кард. Аммо баъди чанд муддат, ба ман гуфт, ки ин китоб ба масири дигар рафт. Пас аз ин ӯ китобе нанавишт. Яъне, ӯ натавонист ин орзуяшро ҷомаи амал пӯшонад. Соли 2014 Ричард Фрай дар 94 - солагӣ бо зиндагӣ падруд гуфт. Аммо гӯё маро раҳнамоӣ мекард. Соли 2016 дар гиромидошти Ричард Фрай дар як конфронс иштирок ва сухан рондам. Азбаски Фрайро хуб мешинохтам, аз густурдаи фарохи пажӯҳишаш огоҳ будам, дар суханронӣ самти тоҷикшиносии ӯро интихоб кардам. Дар рафти таҳқиқ дарёфтам, ки тоҷикшиносӣ дар фаъолияти ӯ нақши марказӣ дорад. Ӯ дар мавриди «Таърихи Наршахӣ», ки манбаи муътамади таърихи тоҷикон аст, рисолаи докторӣ навишта буд. Дар ҷаласаи бузургдошт Фрайро ҳамчун тоҷикшиноси мумтоз муаррифӣ намудам. Дар ин маврид мақолае дар «Бухоро» нашр кардам, ки ба ҳуруфи кириллӣ дар Тоҷикистон ҳам ба нашр расид. Бубинед, то имрӯз дар ғарб дар бораи халқи тоҷик китобе нест. Фрай мехост нависад, аммо, натавонист. Ин масъулиятро ман ба дӯш гирифтам ва давоми 2 сол доир ба тоҷикон китобе навиштам, - изҳор доштааст Ричард Фолтс [6]. Профессор Фрай меӯяд: «Фикр мекунам, бо китоби «Таърихи тоҷикон» халое, ки дар бораи тоҷикон ҳаст, пур нашудааст, аммо қадами аввал гузошта шуд» [2]. Ҳамчунин, зикр мекунад, ки ба ҳар ҳол қолаби афкору тасаввуроте, ки пеш аз ин дар бораи тоҷикон, ба сифати як халқияте вобастаи шуравӣ дар Аврупову Амрико ҳукмфармо буд, шикаста гардид. Фрай ба падидаҳои шаҳрсозӣ, фарҳанг, забон ва шахсиятҳои таърихиву адабии тоҷикон, ки пас аз ҷудо шудани марзҳои маъмурӣ баъзе аз афроди алоҳидаи ин ё он қавми дигар медонанд, посухи дандоншикане медиҳад, ки чунин аст: «Дар Осиёи Марказӣ ҳанӯз ин гуна даъвоҳо ҳаст, ки чӣ ё кӣ моли кист? Дар дунёи илм ин масъалаҳо ҳал шудааст ва касе шак намекунад, ки фарҳанги Осиёи Марказӣ аз тоҷикҳост».[5].

Барои таҳкими худшиносӣ, таърихи фарҳанг ва донистани нуқсу камоли андешаҳои дигарон дар бораи миллати мо китоби «Таърихи тоҷикон» сазовори тарҷумаву тарғиб аст. Аз ин сабаб, бисёр мехостем, ки Академияи миллии илмҳо ва шуъбаи «Тоҷикшиносӣ» - и Китобхонаи миллӣ тарҷумаи онро омода карда, дар муаррифии он саҳм гиранд.

Вақте арабҳо омаданд, онҳо тақрибан мудирияти империяро надоштанд, бинобар ин аз дабирони эронӣ истифода карданд. Забони арабӣ дар ибтидо қудрати идорӣ, қудрати инъикоси илму фалсафаро надошт, ин табиист, зеро забони кӯчӣ аст. Бинобар ин, форсизабонон онро хеле тағйир доданд, калимасозӣ карданд, забонро ба меъёр мувофиқ

карданд. Баъди зиёда аз сад сол, дабирони ориёӣ дар замони ҷунбиши шуубия ёғӣ шуданд ва онҳо кушиданд, ки фарҳанги ориёиро бартар аз араб нишон диҳанд. Баъдан дар замони Ёъқуб ибни Лайси Саффорӣ, ки аслан арабиро намедонист, аммо ба унвони як шоҳ ба фарҳангу адабиёту мусиқӣ аҳмият дод, забони форсӣ пуштибон ёфт. Яъқуби Лайс шеъри арабиро намефаҳмид, бинобар ин иҷозат дод, ки ба забони форсӣ шеър бихонанд ва баъди ин Сомониён ҳам пуштибони фарҳанги худашон шуданд. Аммо Сомониён муваффақтарин буданд, зеро онҳо расман забони тоҷикиро забони давлатдорӣ эълон карданд. Маҳз дар замони Сомониён собит шуд, ки дини ислом моли араб нест, маркази ислом Бухорост ва фарҳанги ислом фарҳанги форсизабон аст. Бинобар агар Сомониён набуд, Эрон набуд, зеро дар сурати ҳимоя накардани Сомониён забони форсӣ аз байн мерафт [3].

Дар Эрон ӯро бо як ҷаҳон эҳтироми хоса «эронидӯст» ва дар Тоҷикистон бо ин шостагӣ «тоҷикдӯст» меномиданд. Ду китобе, ки Ричард Фрай замони иқоматаш дар Эрон бо номҳои «Мероси Эрон» ва «Асри тиллоии Эрон» ба нашр расонид, ба қавли мусташриқони ҷаҳонӣ Эронро бо ҷаҳон бештар шиносонд. Ричард Фрай ба ҳайси пажӯҳишгари тавонои Ғарб (Амрико) бори аввал нақши фарҳангии эрониён, бахусус забони форсиро дар тавсиаи ислом дар кишварҳои ҳавзаи Осиёи Марказӣ ва Миёна бузург арзёбӣ намуда, ба қавли ӯ забони форсӣ исломро дар сатҳи байналмиллалӣ ошно сохт.

### АДАБИЁТ


1. A History of the Tajiks: Iranians of the East. — London: Bloomsbury, 2019.( санаи муроҷиат 22.10.2021)
2. Камолиддин Абдуллаев, «Таджики — иранцы Востока?», ASIA-Plus, 18 марта 2019. Маҷаллаи адабиёт ва санъат.№1 – С.,15
3. Маҷаллаи Ҷумҳурият. Ричард Фолтс: “ Шеър ва Наврӯз намоди тоҷиконанд” — Д.,2019. – С.,12. Нашрияи “Тоҷикистон”. –Д.,2014.- С.,28
4. Ричард Фольц: иранистика не может быть полно и адекватно освещенной без осетинского элемента» (санаи муроҷиат 11.10.2021)


### ДАВЛАТДОРИИИ СОМОНИЁН АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚИ АНГЛИСЗАБОН РИЧАРД НИЛСОН ФРАЙ


Дар мақолаи мазкур муаллиф ҳаёт ва фаъолияти Ричард Фрайро таҳқиқ намудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки шарқшинос Ричард Фрай аз замони ба пажӯҳиши таъриху фарҳанги ҳавзаи забони форсӣ сару кор гирифтан, Тоҷикистон ва тоҷиконро хуб шинохта буд ва медонист, ки қавмҳои ориёӣ чун тоҷикону эрониҳо ва афғонҳо бо марзбандиҳо аз ҳам ҷудо бошанд ҳам, бо як забони муштарак форсӣ ҳарф мезананд. Ричард Нилсон Фрай яке аз муҳаққиқони машҳури англис буда, бештари асарҳои худро ба давлатдории Осиёи Марказӣ, бахусус Сомониён бахшидааст. Дар Эрон ӯро бо як ҷаҳон эҳтироми хоса «эронидӯст» ва дар Тоҷикистон бо ин шостагӣ «тоҷикдӯст» меномиданд. Ду китобе, ки Ричард Фрай замони иқоматаш дар Эрон бо номҳои «Мероси Эрон» ва «Асри тиллоии Эрон» ба нашр расонид, ба қавли мусташриқони ҷаҳонӣ Эронро бо ҷаҳон бештар шиносонд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Ричард Фрай, тоҷикон, ҳаёт ва фаъолият, асарҳо.


### ГОСУДАРСТВО САМАНИДОВ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АНГЛИЙСКОГО ИССЛЕДОВАТЕЛЯ РИЧАРДА НИЛЬСОНА ФРАЙ


В данной статье автор исследует жизнь и творчество Ричарда Фрая. Автор отмечает, что востоковед Ричард Фрай сначала изучения истории и культуры персидского языка хорошо знал Таджикистан и таджиков, знал, что арийские народы, такие как таджики, иранцы и афганцы, разделены границы, но имеют общий язык, говорят на персидском. Ричард Нильссон Фрай — один из самых известных английских ученых, посвятивший большую часть своих работ государствам Средней Азии, особенно Саманидам. В Иране мир называл его «иранолюбивым», а в Таджикистане его называли «таджиколюбивым». По мнению международных комментаторов, две книги, изданные Ричардом Фраем во время его пребывания в Иране под названиями «Наследие Ирана» и «Золотой век Ирана», познакомили мир с Ираном.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: Ричард Фрай, таджики, жизнь и творчество, труды.


### THE STATE OF THE SAMANIDS FROM THE POINT OF VIEW OF THE ENGLISH RESEARCHER RICHARD NILSON FRY


In this article, the author explores the life and work of Richard Fry. The author notes that the orientalist Richard Fry, from the time he began to study the history and culture of the Persian language, knew Tajikistan and the Tajiks well, and knew that the Aryan peoples, such as Tajiks, Iranians and Afghans, were separated by borders but shared a common language. they speak Persian. Richard Nilsson Fry is one of the most famous English scholars, devoting much of his work to Central Asian states, especially the Samanids. In Iran he was called “Iranian-loving” by the world, and in Tajikistan he was called

“Tajik-loving”. Two books published by Richard Fry during his stay in Iran under the titles “Heritage of Iran” and “The Golden Age of Iran” introduced Iran to the world, according to international commentators.

**KEYWORDS:** Richard Fray, Tajiks, life and work, works, the importance of his research and more.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Пирумшоев Ҳайдаршо*** - доктори илмҳои таърих, профессори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш АМИТ. Телефон: **(+992) 919 148736**
***Нуруллозода Ҳангома*** - магистранти соли дуюми Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш АМИТ. Телефон: **(+992) 935751103.**

**Сведение об авторах**: ***Пирумшоев Хайдаршо*** - доктор исторических наук, профессор Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ. Телефон: **(+992) 919 148736**
***Нуруллозода Хангома*** – магистр 2 курса Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша НАНТ. Телефон: **(+992) 935751103.**

**Information about the authors**: ***Pirumshoev Haidarsho*** - Doctor of historical sciences, Professor of the Institute of History, Archeology and Ethnography named A. Donish National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: **(+992) 919 148736**
***Nurullozoda Hangoma*** – second-year master`s student of the Institute of History, Archeology and Ethnography named A. Donish National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: **(+992) 935751103**

## САҲМИ “ОВОЗИ ТОҶИК” ДАР ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ НОГУВОРИ МАОРИФИ ТОҶИКОН

***Расулов Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пас аз тақсимоти ноодилонаи марзию миллии соли 1924 дар Осиёи Миёна теъдоди зиёди тоҷикон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, яъне дар ҳудуди Ӯзбекистон монда, ба сарнавишти талх гирифтор шуданд. Бахусус вазъи забони тоҷикӣ ҳолати ногувор дошт. Чунки ин забон ба расмият шинохта намешуд. Тоҷикон гӯё безабон монда буданд. Дар чунин шароити ногувор бо кӯшишу талошҳои зиёди чанд тан аз фарзандони огоҳ, ватандӯст ва миллатхоҳи тоҷик рӯзномаи “Овози тоҷик” дар шаҳри Самарқанд ба фаъолият оғоз намуда, забони гӯёи тоҷикон гардид. Баъдтар, дар ҷаласаи КМ ҲК (б) Тоҷикистон аз 14 феврали соли 1936 Ш.Шоҳтемур рӯзҳои ба нашри рӯзнома оғоз намуданро чунин ёдрас мешавад: “Дар назди Ҳизби коммунистии Туркманистон шуъбаи коммунистии тоҷикон амал менамуд ва сарварии онро ман ба зимма доштам. Ба мо лозим буд, ки рӯзномаи якуми тоҷиконро барорем, аммо маблағи зарурӣ набуд. Ман бо Ҳоҷибоев, ки он вақт намояндаи вилояти Фарғона буданд, шиносоӣ пайдо намудам ва ӯ барои баровардани рӯзнома ба мо 2000 сӯм дод”.[1:16]

Ҳамин тавр, шумораи якуми рӯзнома 25 авусти соли 1924 дар ҳаҷми чаҳор саҳифа ва ба миқдори ду ҳазор нусха, ҳамчун нашири афкори Кумитаи иҷроияи вилояти Самарқанд бо номи “Овози тоҷики камбағал” ба табъ расид. Аммо ин рӯзнома аз лиҳози теъдод ва даврият талаботи замон, мардум ва сарварони худогоҳро қонеъ карда наметавонист. Боз Ш.Шоҳтемур ва пайравони ӯ масъала пеш гузоштанд, ки дар як ҳафта як маротиба нашр гардидани рӯзнома қобили қабул нест ва даврияти онро бояд бештар намуд. Гузоришномаи зершуъбаи ақаллиятҳои миллии КМ ҲК Туркманистон ба унвони шуъбаи ташвиқоту тарғиботи КМ РКП (б) далели ин гуфтаҳост. Дар ин гузоришнома омадааст, ки дар қатори дигар халқҳо тоҷикон қисмати бузурги аҳолии Осиёи Миёнаро ташкил кунанд ҳам, то ҳанӯз аз хидматрасонии матбуот бархурдор нестанд. Қисми ақалли тоҷикони ҳамворзамини Туркистон, ки дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд, ӯзбекӣ ва русиро медонанд, боқимондаҳо рустоӣ ва кӯҳистониён ҷуз забони тоҷикӣ (форсӣ) дигар забонҳоро намедонанд... Зершуъбаи ақаллиятҳои милли КМ ҲК Туркистон зарур шумурд, ки ба ин забон барои сухани чопӣ рӯзнома, ки ҳаёти рӯзмарраро равшан инъикос кунад, нашр шавад. Он аллакай аз 25 моҳи августи ҳамин сол баромада истодааст. Зершуъбаи ақаллиятҳои миллӣ зарур мешуморад, ки рӯзнома агар ҳамарӯза не, лоақал ҳафтае се маротиба интишор гардад. Барои ин зершуъбаи ақаллиятҳои милли ба шумо панҷ шумораи аввалини ин рӯзномаро ирсол фармуда, ақаллан дар давраи аввал, то пойдору мустаҳкамшавии он дар соли буҷавии 24-25-и КМ РКП (б) ба бароварди (сметаи) рӯзномаҳои ақаллиятҳои миллӣ дохил

кунонидани онро зарур мешуморад. Таърихи пайдоишу ташаккули рӯзномаи “Овози тоҷик” ба масъалаҳои тақсимоти марзию миллӣ дар Осиёи Миёна пайвастагии ногусастанӣ дорад. Ҳанӯз дар арафаи ин тақсимот бо ташаббуси коммунистон Ш.Шоҳтемур, Ч.Имомов, Н.Махсум дар шаҳри Самарқанд нашри рӯзномаи “Овози тоҷик” ба роҳ монда мешавад. Сабаби асосии ташкили рӯзномаи “Овози тоҷик” тақсимоти марзию миллӣ буд ва аксари мақолаҳои он низ ба восита ва ё бевосита маҳз фарогири ин мавзуъ буданд “Овози тоҷик” аз шумораи аввал оид ба масъалаҳои тақсимоти марзию миллӣ ба нашри мақолаҳо пардохта, дар ин замина ҳуқуқу манфиатҳои миллати тоҷикро ба соҳибихтиёрӣ дифоъ менамуд. Ин рӯзнома аз аввали рӯзҳои таъсисаш ба масъалаи миллӣ, тақсимоти марзӣ, ҳуқуқи қонунии халқи тоҷик барои таъсиси ҷумҳурӣ диққати ҷиддӣ медод. Дар ин баҳсу мунозираҳо роҳбарони онвақтаи ҶМШС Тоҷикистон Н.Махсум, Ш.Шоҳтемур, А.Муҳиддинов, Ч.Имомов, А.Алиев ва дигарон ширкати фаъол доштанд.

Мақолаҳои А.Вордекис “Ҷумҳуриятҳои Туркистон” (25 августи 1924), “Тайини ҳудуди ҷумҳуриятҳои Туркистон” (4 сентябри 1924), Маҳмудзода “Сиёсати ҳукумати кӯҳна ва тақсимоти ҳудуди миллатҳои Осиёи Вусто” (12 сентябри 1924), “Пленуми қуми фирқаи вилоятӣ” (12 сентябри соли 1924), “Иҷлоси фавқулоддаи Кумитаи иҷроияи марказии Туркистон” (28 сентябри 1924), “Дар бораи тайини ҳудуди давлатӣ ва миллии Осиёи Вусто” (5 октябри 1924), Саидмуродзода “Инқилоби уктабр ва Шарқ” (7 ноябри соли 1924), Қурбӣ “Инқилоби соли ҳаштум ва ҷумҳуриятҳои миллии Осиёи Вусто” (7 ноябри 1924), “Ба муносибати ташкил шудани ҷумҳурияти тоҷикон” (23 ноябри 1924), “Ҷумҳурияти мухтори тоҷикон” (23 ва 30 ноябри 1924), “Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Вусто” (12 сентябри 1924), Б.Ҳ. “Ба забони миллатҳо диққат бояд кард” (11 маи 1927), “Ба муносибати ҷумҳурияти нав ташкил шуда” (30 ноябри 1924), “Дар Самарқанд шурои ҷудогонаи тоҷик” (24 июни 1924), Зеҳнӣ “Шоири бузурги нахустини тоҷикон” (8 августи 1925), “Тайини ҳудуди ҷумҳуриятҳои Туркистон” (4 сентябри 1924), “Анҷумани дуюми шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон” (28 апрели 1928), Бобоҷонзода “Тақсимоти иқтисодӣ ва мулкии дохили Тоҷикистон” (13 июни 1925) ва ғайра ба паҳлӯҳои гуногуни масъалаи тақсимоти марзию миллӣ ихтисос дода шуда, дар онҳо ноодилона будани ин тақсимот, маҳрум гардонидани тоҷикон аз марказҳои бузурги фарҳангии худ, муносибати бепарвоёнаи роҳбарон нисбат ба арзу шикоятҳои тоҷикон дар мавриди поймол намудани ҳуқуқи онҳо, нақши бисёр манфӣ ва хоинона бозидани пантуркистон дар сарнавишти тоҷикон ва ғайра мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар маҷмуъ аз се ду ҳиссаи тоҷикон берун аз марзи ҷумҳурии тозатаъсиси Тоҷикистон монданд. Вазъи мактибу маорфи тоҷикон дар байни солҳои 1924-1929, яъне аз давраи таъсиси ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайси ҶШС Ӯзбекистон то таъсиси ҶШС Тоҷикистон яке аз муҳистарин мавзуҳои рӯзномаи “Овози тоҷик” буд. Доир ба ин масъала, аз ҷумла набудани мактабҳои тоҷикӣ, нарасидани китоб ва маводи таълимӣ ба забони тоҷикӣ, ба забони ӯзбекӣ таҳсил намудани фарзандони тоҷик, фишори сахти ниҳодҳои давлатӣ ба забони тоҷикӣ дар минтақаҳое, ки берун аз ҶМШС Тоҷикистон монда буданд ва ғайра дар ҳар як шумораи рӯзнома мақолаҳои тезу тунд ба чоп расид.

Мақолаҳои С.Айнӣ “Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик” (4 сентябри 1924), Сомонӣ “Муаллими биступанҷсолаи тоҷик” (15 октябри 1925), Зеҳнӣ “Масаъалаи бисёр муҳимми тоҷикон” (5 августи 1926), Баҳром “Барои тоҷикон китоб ва рисолаҳои мактабӣ лозим аст” (5 октябри 1924), Ғ.Козимзода “Як ташаббуси бузург дар роҳи маориф” (5 октябри 1924), “Китоби тоҷикӣ” (14 январи 1925), Ф.Обидӣ “Китоб лозим аст” (21 январи 1928), Азимзода “Ба мо китоб лозим аст” (7 ноябри 1926),Т.Н. “Як назар ба мактабҳои тоҷикии округи Самарқанд” (12 сентябри 1928), Ҳилмизода “Аҳволи маорифи тоҷикони Ӯзбекистон” (15 марти 1925), М. “Мактабҳои тоҷикӣ” (21 сентябри 1926), Х.Ҳамдамзода “Кай кушода хоҳад шуд?” (15 октябри 1925), Паҳлавонзода “Аҳволи техникуми духтарони тоҷик дар Самарқанд” (5 январи 1928), С.Манофзода “Дар мезанем, фарёд мекунем” (12 январи 1926), Шарифзода “Яке аз камбудиҳои мо тоҷикони Бухоро” (31 майи 1927), Б.Икромӣ “Камбудии мактабҳои Бухоро” (29 октябри 1929), Ш.Ҷ. “Аҳволи маорифи тоҷикон дар Самарқанд” (8 марти 1927) ҳама ба ҳамин мавзуъ дахл доранд. Яке аз масъалаҳои доғи соҳаи маориф, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи “Овози тоҷик” мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтааст, набудан ва ё кам будани мактабҳо ба забони тоҷикӣ мебошад. Аз ҷумла, дар соли 1926 ба беш аз ним миллион аҳолии тоҷик фақат 12 мактаб хидмат мерасонд.[11:119]

Ва ҳамон 12 мактаб ҳам дар ноҳияи мухтори тоҷикии Конибодом фаъолият менамуд. Тоҷикони боқимонда аз мактаби миллӣ ва таълим ба забони модарӣ маҳрум буданд. Дар яке аз мақолаҳое, ки доир ба вазъи мактабҳои округи Бухоро навишта шудааст, чунин сатрҳо ҷой доранд: "Аз аввали инқилоб то ҳол ба аҳволи тоҷикони округи Бухоро дуруст диққат карда намудааст. Аз рӯйи шумораи тоҷикзабонон ду мактаби тоҷикӣ, ки ҳаст, барои тоҷикон кам аст. Дар Бухоро нуфузи тоҷикон ба қадри 35 ҳазор мебошад. Барои ин қадар халқи бесавод 12 синф, албатта, кам аст. Ҳеҷ вақт тоҷикон бо ин мактаб наметавонанд маорифи худро пеш баранд [12:5]. Дар мақолае, ки доир ба вазъи маорифи ноҳияи Шаҳрихони округи Андиҷон баҳс мекунад, омадаас, ки дар миқёси роюн (ноҳия) фақат 2-3 синф ба забони тоҷикӣ буда, муаллимони ӯзбек дарс медиҳанд. Агарчи 1-2 нафар муаллимони тоҷикзабон бошанд ҳам бинобар набудани китобҳои тоҷикӣ маҷбур мешаванд, ки бо китобҳои ӯзбекӣ дарс диҳанд."[6:8]. Яке аз мушкилоти дигаре, ки дар риштаи омӯзишу парвариш ҷой дошт, нарасидани китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ буд. Ин мавзуъ низ дар саҳифаҳои рӯзномаи "Овози тоҷик" тобиши густурдае доштааст. Вазъияти ногувори табъу нашри китоб ба забони тоҷикиро мо дар мисоли фаъолияти Нашриёти давлатии Ӯзбекистон дар давраи аз 1 январи соли 1925 то 1 августи соли 1936 ба хубӣ мушоҳида мекунем. Дар тули ин ҳафт сол 268 номгӯй китоб бо тиражи умумии 1804900 ҷилд китоб ба забони ӯзбекӣ ва ҳамагӣ 4 номгӯй китоб бо тиражи 32 ҳазор нусха ба забони тоҷикӣ табъу нашр шудааст.[13:276 ]. "Солҳои 26-27-28 аз тарафи Нашриёти давлатии Тоҷикистон китобҳои гуногуни мактабӣ чоп шуда бошад ҳам, мактабҳои тоҷикии шаҳр фақат 40 фоиз таъмин карда шуданд. Мактабҳои қишлоқ кам таъмин карда шуданд ё ин ки ҳеҷ таъмин карда нашуданд"[7:9]-менависад шахсе дар бораи вазъи таъмини китобҳои дарсии тоҷикӣ дар шаҳр ва вилояти Самарқанд. Дар яке аз номаҳое, ки аз ноҳияи Рошдон (Риштон)-и вилояти Фарғона ба идораи рӯзномаи "Овози тоҷик" ирсол шудааст, омада, ки то алҳол мактабҳои тоҷикӣ бо китоб ва асбобҳои забони модарии худ таъмин карда нашуда аст. [4:10]. Дар ноҳияи Хавоси округи Тошканд аз сабаби нарасидани китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ, тоҷикон ба забони ӯзбекӣ дарс мехонданд. "Барои мактабҳои ибтидои ин ҷо ҳама китобҳои ӯзбекӣ дода шудааст, ки талабагон аз ин китобҳо истифода карда наметавонанд." [10:5]. Дар яке аз мақолаҳои дигаре, ки дар бораи вазъи мактабҳои тоҷикии вилояти Зарафшон навишта шудааст, гуфта мешавад, ки дар вилояти мазкур 94 ҳазор тоҷик зиндагӣ мекунад. Аммо барои фарзандони онҳо ҳамагӣ 21 синф кушода шудаасту халос. Ҳамин миқдори ками синфҳо ҳам бо китобҳои дарсӣ таъмин намегарданд. Аз ин рӯ дарсҳо бештар бе китоб гузашта, ба шогирдон манфиати зиёде намеоваранд. "Мактабҳое, ки дар вилояти Зарафшон барои тоҷикон кушода шудааст, аз ҷиҳати адабиёт хеле кӯтоҳӣ дорад. Барои дарс додан китобҳои дарсӣ мавҷуд нест. Ҳол он ки аввали уктобр мактабҳо кушода шудааст. Дарсҳо фақат шифоҳӣ рафта, шогирдон аз ин дарсҳои шифоҳӣ ҳеҷ баҳра бурда наметавонанд."[13:317]

Хуллас, рӯзномаи "Овози тоҷик", ки нахустин шумораи он 25 августи соли 1924 дар шаҳри Самарқанд бо номи "Овози тоҷики камбағал" ба табъ расид, дар амри бедории шуури миллии тоҷикон нақши муҳим гузошта, мавзуи вазъи мактабу маорфи тоҷикон пас аз тақсимоти марзию миллии Осиёи Миёна дар соли 1924 яке аз мавзуҳои муҳим барои ин рӯзнома маҳсуб меёфт. "Овози тоҷик" тавонист тавассути навиштаҳои худ аз ҳуқуқи тоҷикон дифоъ намуда, то андозае дар беҳбуд бахшидани вазъи мактабу маорифи тоҷикӣ саҳм гузорад.

**АДАБИЁТ**


1. Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дувум. Душанбе, 1991.
2. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. Душанбе, 2007.
3. Қаландаров И.Қ. Фарзанди бовафо ва баномуси халқи тоҷик// Ҷунбиш. 1999, №14 (49).
4. Н.Аҳволи маорифи тоҷикони роюни Рошдон// "Овози тоҷик". 1928, 25 октябр.
5. Расулиён Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ. Китоби II / Қ. Расулиён. - Душанбе, 2012.
6. Тоҷик. Корҳоро ба забони худ бояд бурд// "Овози тоҷик". 1927, 24 август.
7. Т.Н. Як назар ба мактабҳои тоҷикии округи Самарқанд// "Овози тоҷик". 1928, 12 сентябр.
8. Усмонов И. Журналистика. Китоби I / И.Усмонов. - Душанбе, 2005.
9. Усмонов И.,Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик / И.Усмонов. - Душанбе, 1999.
10. Фарзанди тоҷик. Аҳволи маорифи тоҷикони Хавос// "Овози тоҷик". 1928, 27 май.
11. Ҳошим Р. Ҳамсоли республика// Садои Шарқ. 1974, №10.
12. Шарифзода. Яке аз камбудиҳои мо тоҷикони Бухоро// "Овози тоҷик". 1927, 31 май.

13. Ҷӯраев М. “Овози тоҷик” ва худогоҳии миллӣ / М.Ҷӯраев. - Душанбе, 2008.

**САҲМИ “ОВОЗИ ТОҶИК” ДАР ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ НОГУВОРИ МАОРИФИ ТОҶИКОН**

Дар мақола гуфта мешавад, ки пас аз тақсимоти ноодилонаи марзию миллии соли 1924 дар Осиёи Миёна теъдоди зиёди тоҷикон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, яъне дар ҳудуди Ӯзбекистон монда, ба сарнавишти талх гирифтор шудаанд. Бахусус вазъи забони тоҷикӣ ҳолати ногувор дошт. Чунки ин забон ба расмият шинохта намешуд. Тоҷикон гӯё безабон монда буданд. Дар чунин шароити ногувор бо кӯшишу талошҳои зиёди чанд тан аз фарзандони огоҳ, ватандӯст ва миллатхоҳи тоҷик рӯзномаи “Овози тоҷик” дар шаҳри Самарқанд ба фаъолият оғоз намуда, забони гӯёи тоҷикон гардид. Рӯзномаи “Овози тоҷик”, ки нахустин шумораи он 25 августи соли 1924 дар шаҳри Самарқанд бо номи “Овози тоҷики камбағал” ба табъ расид, дар амри бедории шуури миллии тоҷикон нақши муҳим гузошта, мавзуи вазъи мактабу маорифи тоҷикон пас аз тақсимоти марзию миллии Осиёи Миёна дар соли 1924 яке аз мавзуъҳои муҳим барои ин рӯзнома маҳсуб меёфт.

**КАЛИДВОЖАҲО:** “Овози тоҷик”, рӯзнома, забони тоҷикӣ, тоҷикон, мактаб, маориф, Самарқанд, китоб, синф, худшиносӣ.

**ВКЛАД «ОВОЗИ ТОҶИК» В ОСВЕЩЕНИЕ СЛОЖНОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СИТУАЦИИ ТАДЖИКОВ**

В статье говорится, что после несправедливого раздела границ и национальностей в Средней Азии в 1924 году большое количество таджиков осталось за пределами территории Таджикской АССР, т.е. в Узбекистане, и их постигла горькая участь. Ситуация с таджикским языком была особенно тяжелой, потому что язык не был официально признан. В таких неблагоприятных условиях усилиями нескольких хорошо информированных, патриотически настроенных и националистически настроенных таджикских детей в Самарканде вышла газета «Овози Тоҷик». Газета «Овози Тоҷик», первый номер которой вышел 25 августа 1924 года в Самарканде под названием «Голос бедного таджика», сыграла важную роль в пробуждении таджикского национального самосознания и положения таджикской школы и образования, которая году была одной из самых важных тем для этой газеты в 1924.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** «Голос таджика», газета, таджикский язык, таджики, школа, образование, Самарканд, книга, класс, самопознание.

**THE CONTRIBUTION OF "OVOZI TOJIK" TO THE COVERAGE OF THE DIFFICULT EDUCATIONAL SITUATION OF TAJIKS**

The article says that after the unfair division of borders and nationalities in Central Asia in 1924, a large number of Tajiks remained outside the territory of the Tajik ASSR, i.e. in Uzbekistan, and they suffered a bitter fate. The situation with the Tajik language was especially difficult because the language was not officially recognized. In such unfavorable conditions, through the efforts of several well-informed, patriotic and nationalistic Tajik children, the newspaper "Ovozi Tojik"was published in Samarkand. The newspaper "Ovozi Tojik", the first issue of which was published on August 25, 1924 in Samarkand under the title "Voice of a poor Tajik", played an important role in awakening the Tajik national identity and the status of the Tajik school and education, which was one of the most important topics for this newspaper for a year in 1924.

**KEYWORDS:** "Voice of a Tajik", newspaper, Tajik language, Tajiks, school, education, Samarkand, book, class, self-knowledge.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Расулов Ҷаннатулло* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети таърих. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **000091515.**

**Сведение об авторе:** ***Расулов Джаннатулло*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **000091515.**

**Information about the author:** ***Rasulov Jannatullo*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **000091515.**

## РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ВА ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ ТИҶОРАТИ ҒАРБ ВА ШАРҚ

***Мирзомуддинов К. М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Роҳ аввалин, табиитарин ва сареътарин василаи иртиботи миёни инсонҳои ҷаҳон мебошад, ки бо набудани он иртибот ва чархиши иқтисоди ва фарҳангӣ, мумкин ва муяссар буда наметавонад. Аз ҷумлаи роҳҳои заминии иртиботие, ки миёни мардуми гузашта маълуму машҳур буд, ин Роҳи бузурги Абрешим мебошад. Роҳи бузурги Абрешим то

асрҳои миёна як шакли муколамаи байни Шарқ ва Ғарб ба ҳисоб мерафт. Он ҳамчун як зарурияти таърихӣ ба вуҷуд омада, ба табодули дастовардҳои фарҳангии халқҳои гуногун мусоидат мекард. Ин роҳ аз соҳилҳои уқёнуси Атлантика то соҳили уқёнуси Ором тул кашида, қитъаҳои Аврупо ва Осиёро убур карда, мамлакатҳои Баҳри Миёназаминро бо Шарқи Дур пайваст намуда, инчунин вазифаи пуле миёни ду тамаддун Шарқ ва Ғарбро иҷро мекард. Истилоҳи Роҳи Абрешим, ки роҳи тиҷоратие аз нигоҳи ҷаҳони қадим бузург буд, ё дурусттараш як системаи томи роҳҳоеро ифода мекунад, ки минтақаҳои асосии Авруосиё Чин ва Ҳиндустонро бо ҳам мепайваст. Аввалин маротиба ин роҳи бузурги тиҷоратиро олим ва муаррихи олмонӣ К. Рихтофен дар соли 1877 дар асари худ " Чин „ бо чунин ном, яъне "Абрешим „ номгузорӣ кардааст.

Оғози фаъолияти Роҳи Бузурги Абрешем даҳсолаи охири асри 2 пеш аз милод ҳисобида мешавад. Императори Хитой Ву Ди соли 138 пеш аз милод сафири худ Чжан Сзянро барои ҷустуҷуи иттифоқчиён дар мубориза бо қабилаҳои кучманчии Хун, ки канори шимолии Хитойро хароб карда буданд, фиристод. Сафир Чжан Сзян ҳангоми сафар ба асорати Хунҳо афтода ниҳоят муддати даҳ сол дар асорати онҳо мемонад. Дар ниҳоят ба ӯ муяссар шуд то аз қуллаҳои баланди Тёншон убур намуда гурехта ба Иссикул бирасад. Чжан Сзян аз дарёи Норин гузашта, ба водии Фарғона ворид мегардад, ки дар натиҷа ӯ шаҳрҳои зиёдеро мушоҳида мекунад, ки ҳамаи онҳо дар як давлат муттаҳид гардидаанд ва ин ҳолат ӯро дар ҳайрат меоварад. Сафири Хитой талош менамояд бо ҳокими Фарғона гуфтушунид намояд, ки барои муқобилият бо қабилаҳои кӯчи бо император ҳамкори намоянд, аммо ҳоким танҳо дар барқарор намудани робитаҳои тиҷоратӣ ризоият медиҳад. Чжан Сзян баъд аз гуфтушунид бо ҳокими Фарғона ба тарафи ҷануб сафар мекунад. Баъд аз бозгашти аз сафар ӯ боз ба дасти Хунҳо ба асорат афтода, аммо ин маротиба баъд аз ду сол фирор намуда, ба Хитой бармегардад. Ҳангоми бозгашт Чжан Сзян ба император дар хусуси сафарҳояш гузориши муфассал пешниҳод намуда, роҳҳои муносиби тиҷоратиро нишон медиҳад, ки баъдан асоси Роҳи Бузурги Абрешим мегарданд. Бо мурури замон ин роҳ бо номи Роҳи Абрешим дар ҳама ҷо паҳн гардид. Ногуфта намонад, ки бо вуҷуди шарти будани ин роҳ бо номи абрешим дар ин роҳ на танҳо абрешим, балки дигар намуди молҳо ба монанди; шиша, сангҳои қиматбаҳо, қолинҳо ва дигар асбобу анҷом ва масолеҳи зарурии он замон хариду фурӯш мешуданд. Дар он замон ба ғайр аз шаклҳои савдои корвони, муомилот ва хариду фуруш дар бозорҳои шаҳрӣ бошишгоҳҳо ва пойгоҳҳо низ анҷом дода мешуд. Воситаи асосии нақлиёт, ки ба воситаи онҳо молҳои тоҷирон ба нуқтаҳои нисбатан дур кашонида мешуд, шутурҳо ба ҳисоб мерафтанд. Дар баъзе самтҳо тоҷирон аз асп, фил, хар, қутос ва ғайра истифода мебурданд. Императори Чин ҳар сол панҷ маротиба тоҷиронашро ҳамроҳи садҳо посбон ба Ғарб мефиристод. Онҳо ҳамроҳи худ маснуъоти абрешимӣ ва филизӣ меоварданд ва онҳоро бо асп, нефрит, марҷон ва ғайра ашёи лозимии худ дар Осиёи Марказӣ иваз менамуданд. Аммо маҳсулоти чинӣ на танҳо барои Осиёи Марказӣ пешкаш карда мешуд, балки он то ба Ғарб (Аврупо ) низ рафта мерасид. Дар Ғарб маҳсулоти абрешимии Чин хело машҳур гашта буд, ки ҳатто ғарбиҳо чунин бовар доштанд, ки сирри истеҳсоли онро танҳо чинниҳо медонанд. Замони ҳукмронии император Августин, Рим барои абрешими чинӣ матоъҳои пашмин, ҳанут ва зарфҳои шишагӣ пардохт мекард.

Дар замони ташаккулёбӣ, ин роҳи тиҷоратӣ аз шаҳри Сиани Чин оғоз гардида, ба воситаи Ланчжоу ба Дун Хуан расида, аз он ҷо ба ду самт – шимолӣ ва ҷанубӣ тақсим мешуд. Роҳи самти шимолӣ, аз Турфон ва Помир гузашта, ба Фарғона ва Дашти Қазоқ мерасид. Роҳи самти ҷанубӣ аз шафати кӯли Лабнор, аз қисми чанубии биёбони Такламакон гузашта, ба воситаи Ёркент ва Помир ба Порт (Парфия ё худ давлати Аршакиён), Ҳиндустон ва то Шарқи Наздик тл мекашид. Асри I милодӣ нуқтаи баландтарини инкишофи ин роҳ дар замони дунёи қадим ба ҳисоб меравад. Дар ин давра маҳз ба шарофати роҳҳои номбурда алоқаи тиҷоратии байни империяи Рим, давлати Парфия (Империяи Аршакиҳо), подшоҳии Кӯшон, давлати Чин (Империяи Ханҳо), ки давлатҳои бузургтарин ва аз ҷиҳати иқтисодию сиёсӣ, инчунин маданӣ тараққикардатарин давлатҳои ҳамон давраи дунёи қадим ба ҳисоб мерафтанд, инкишоф ёфта буд. Маҳз алоқаи тиҷоратии байни ин мамлакатҳо ҳанӯз дар ҳамон давр қитъаҳои Осиёю Аврупо ва Африқоро бо ҳам мепайваст. Маълумотҳои дастрасшуда боз аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз аз замонҳои қадим матоъҳоеро (махсусан шоҳии чиниро) дар Рим пайдо кардан

мумкин буд, ки он молҳо асосан аз Чини шимолӣ – ғарбӣ, ба воситаи сарзамини Бохтар (водиҳои Олою Қаротегин, Ҳисору Вахш ва Афғонистон) ба сарзамини имрӯзаи Эрон мегузаштанд. Тоҷирони бохтарӣ бошанд, ба ғайр аз сарзамини Бохтару Суғд ва дигар мулкҳои атроф, ҳатто дар Искандарияи Миср низ бо тоҷирӣ машғул шудаанд. Тоҷирони империяи Рими қадим бошанд, дар мулкҳои гуногуни Осиёи Марказӣ тиҷорат кардаанд. Яъне, барои тоҷирон ҳангоми оромии байни давлатҳо ягон хел маҳдудияти сарҳадӣ вуҷуд надошт. Бинобар ин, тоҷирон ҳар ҷое, ки моли барои харид мақбулро пайдо мекарданд, ё худ мавҷуд будани харидори зиёдро пай мебурданд, ба он нуқта сафар мекарданд. Дар натиҷаи ин ҳама доду гирифтҳо Роҳи бузурги абрешим боз ҳам васеътар мегардид. Роҳи бузурги абрешим дар давраҳои гуногун ташкил ёфта, инкишоф ёфтааст. Бинобар ҳамин ҳам ҳар як давлате, ки дар хати ин самтҳо вуҷуд дошт, дар ташаккулу инкишофи он ҳиссаи худро гузоштааст. Мардуми мамлакатҳои гуногун ба воситаи тоҷирон на танҳо бо молҳои гуногун шинос мешуданд, балки бештар дар асоси он молҳо ба такмил додани молҳои худ, ё худ дар асоси он истеҳсол намудани моли нав мекӯшиданд. Бостоншиносон аз мулкҳои ба давраи Аршакиён (Парфия), Бохтари қадим ва Хоразми қадим хокпораи шишаҳоро пайдо намудаанд, ки таркиби кимиёвиашон ба шишаҳои истеҳсоли Рими қадим хеле наздик буда, инчунин аз ҳудуди Бохтари қадим пораҳои шишаҳоро низ пайдо намудаанд, ки онҳо ба шишаҳои Ҳиндустони қадим низ наздикӣ доранд. Дар навбати худ аз ҳудуди Ҳиндустон бошад шишаҳоеро пайдо намудаанд, ки онҳо ба шишаи истеҳсоли Осиёи Миёнагӣ хеле шабоҳат доранд. Дар бораи тиҷорат сарчашмаҳои хаттӣ (румӣ ва чинӣ), сиккаҳо ва бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки сокинони Бохтар савдогарони моҳиранд ва дар пойтахташон бозор доранд. Дар ёдгориҳои замони Кушониён бостоншиносон ба миқдори зиёди сиккаҳои миссинро пайдо намуданд, ки нишонаи тараққиёти савдои дохилӣ мебошад. Дар давраи Кушониён савдо махсусан бо минтақаҳои шарқии империяи Рум ва Миср хело инкишоф меёбад. Кушониён қисмати калони шоҳроҳи тиҷоратии байни Шарқ ва Ғарбро, ки аз ҳудуди давлати онҳо мегузашт, зери назорати худ доштанд.

Тиҷорат байни кушониён ва румиён хело инкишоф ёфта буд. Омили муҳимми густариши ин тиҷорат шоҳроҳе ( Шоҳроҳи Абрешим ) буд, ки аз соҳилҳои баҳри Миёназамин ба воситаи Эрон то қаламрави давлати Кушониён мерасид. Аз Марв ин роҳ ба якчанд шоха тақсим шуда, ба самти шарқ мерафт. Як шохааш то Бохтар омада, ба ҷануб тоб хӯрда то Каписа (шимоли Кобул ) ва аз он ҷо то Ҳиндустон мерасид. Шохаи дигари ин роҳ аз Арея (Ҳирот), мегузашт. Бояд қайд кард, ки қисмати ғарбии ин Шоҳроҳи тиҷоратӣ зери назорати Парфия қарор дошт. Парфия қариб ҳамеша бо Рум дар ҳолати ҷанг буд ва кӯшиш мекард, ки барои барқарор шудани алоқаи мустақим байни он ва Кушониён ва ҳамчунин Чин монеъ шавад. Аз ҷониби дигар Парфия дар тиҷорати Чин бо Ғарб нақши миёнаравро иҷро мекард, яъне абрешимро аз чиниҳо харида, онро бо фоидаи калон ба румиҳо мефурӯхт. Дар бораи алоқаҳои савдои Бохтар ва Суғд бо Рум ва Миср бозёфтҳои бостоншиносон шаҳодат медиҳанд, ки дар бисёр ноҳияҳои Осиёи Миёна аз ҷумла, Тоҷикистону ҷануби Ӯзбекистон сиккаҳои румӣ ба даст омадаанд. Аз ҷумла, дар деҳаи Муҷуми ноҳияи Ғончии Тоҷикистон қариб 300 – адад сиккаҳои нуқрагини румии мансуб ба асри I-II мелодӣ пайдо карда шудаанд. Шубҳае нест, ки ашё ва сиккаҳои ёфташуда ба воситаи тоҷирон ба Осиёи Миёна омадаанд. Дар навбати худ устухонҳои кандакоришудаи кушонӣ – ҳиндӣ дар Помпей ва сиккаҳои Канишка дар Скандинавия низ ёфта шудаанд.

Давлати Кушониён бо якчанд шохаҳои шоҳроҳи тиҷоратӣ, ки онро румиҳо “Роҳи абрешим„ меномиданд, бо Чин пайваст мешуд. Яке аз ин роҳҳо аз Бохтар ба воситаи Помир ба Чин мерафт. Роҳи дигар аз Бохтар ба воситаи Тирмиз, Шумон, Вашгирд ва Рашт (Қаротегин) ва Олой ба Ош ва аз онҷо то Туркистони Шарқӣ ва Чин мерасид. Мувофиқи маълумоти солномаҳои чинӣ қариб ҳар сол аз ин кишвар ба Ғарб, аз ҷумла, Осиёи Миёна, корвонҳои тиҷоратӣ фиристода мешуданд. Ҳамин солномаҳо дар бораи “сафоратҳо„ аз кишварҳои Осиёи Миёна ба дарбори императорони Чин хабар додаанд. Дар ҳайати ин сафоратҳо тоҷирон мавқеи муҳимро ишғол мекарданд. Дар яке аз ахборҳои маъмури чинӣ доир ба сафорати ҳокими Гибин (асри I то милод.) гуфта шудааст, ки дар он ягон хеши шоҳ ё ашрофи дарборӣ нест ва ҳамааш тоҷирони қаторӣ мебошанд, ки ба мақсади савдо кардан омадаанд. Тоҷирон аз Чин ба Осиёи Миёна пеш аз ҳама шоҳӣ (абрешим) ва ҳамчунин оинаҳои биринҷӣ, маҳсулоти рангмолӣ ва ғайраро меоварданд.

Роҳи бузурги Абрешим яке аз гаронбаҳотарин мероси таърихии башарият мебошад. Маҳз ҳамин шоҳроҳ ба таърих ва тамаддуни халқҳои Ғарб ва Шарқ таъсири амиқ ва ҳамаҷониба гузоштааст. Тамоми он халқиятҳое, ки қад-қади Роҳи Абрешим зиндагӣ мекарданд, дар сатҳҳои гуногуни рушди зеҳнӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ қарор гирифта буданд. Бо туфайли амалиётҳои тиҷоратӣ онҳо ба шаҳрҳои гуногун сафар карда, бо ҳаёти тиҷоратӣ, маданию иқтисодии дигар халқҳо шинос гашта, илм, санъат, адабиёт, ҳунар ва дигар касбҳоро дар доираи Роҳи бузурги Абрешим аз ҳамдигар меомухтанд.

## АДАБИЁТ


1. Richthofen K. China. B., 1877. Bd. I. S. 454.
2. Гафуров Б. Таджики. Т.1. Душанбе «Ирфон», 1989. С. 162-163.
3. Зеймаль Е. В. Древние монеты Таджикистана / Е.В. Зеймаль. - Душанбе «Дониш» 1983, 310 стр. стр. 177.
4. Иерусалимская А. А. “ Кавказ на Шелковом пути „ : каталог временной выстав- ки. СПб., 1992. с. 3.
5. История таджикского народа. Акад. наук Таджик. СССР. Ин-т истории им. А. Дониша ; Под ред. чл.-кор. АН СССР Б. Г. Гафурова и канд. ист. наук Б. А. Литвинского. - Москва : Изд-во вост. лит., 1963-1965. - 3 т.; 372.
6. Лубо-Лесниченко Е. И. Китай на Шелковом пути / Е.И. Лубо-Лесниченко. - Л., М: Восточная литература. 1989. Стр 326.с. 7.
7. В.М. Массон, В.А. Ромодин. История Афганистана. В двух томах. / В.М. Массон. - М.: ГРВЛ. 1964-1965. Т.1. стр.176.
8. Намоз Ҳотамов. Таърихи халқи тоҷик / Намоз Ҳотамов. - Душанбе 2011. с. 51.
9. Эдвард Р. В. Цивилизации, государства, культуры Центральной Азии / Р.В. Эдвард. - Ташкент, 2005. с. 288.
10. Эмомалӣ Раҳмон “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ”. Душанбе: “Ирфон”, 2009. с.206.


## РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ВА ОҒОЗИ ФАЪОЛИЯТИ ТИҶОРАТИ ҒАРБ ВА ШАРҚ


Дар мақола масъалаи пайдоиши Роҳи бузурги Абрешим ва оғози фаъолияти Ғарб ва Шарқ суханронда шуда ва дар хусуси чигуна пайдо шудан ва инкишофи Роҳи Бузурги Абрешим аз сарчашмаҳои таърихи истифода ва таҳлил карда шудааст. Аввалин маротиба ин роҳи бузурги тиҷоратиро олим ва муаррихи олмонӣ К. Рихтофен дар соли 1877 дар асари худ “Чин” бо чунин ном, яъне “Абрешим” номгузорӣ кардааст. Роҳи Бузурги Абрешим яке аз аввалин роҳҳои пайвандгари миёни Ғарб ва Шарқ дар соҳаҳои гуногун чун тиҷорат, фарҳанг, ҳунар ва ғайра соҳаҳои замони қадим то асрҳои миёна мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Роҳи Абрешим, шоҳроҳ, тиҷорат, муомилот, роҳ, Ғарб, Шарқ, Кушониён, Чин, Рум, Бохтар.


## ВЕЛИКИЙ ШЕЛКОВЫЙ ПУТЬ И НАЧАЛО ТОРГОВЛИ МЕЖДУ ЗАПАДОМ И ВОСТОКОМ


В статье обсуждается вопрос о происхождении Великого Шелкового пути и начале деятельности Запада и Востока, а также анализируются источники истории использования и развития Великого Шелкового пути. Впервые этот великий торговый путь открыл немецкий ученый и историк К. Рихтгофен в 1877 году назвал в своей работе “Китай” таким именем, а именно “шелк”. Великий Шелковый путь-один из первых соединительных путей между Западом и Востоком в различных областях, таких как торговля, культура, ремесла и т. д., от древних времен до средневековья.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Шелковый Путь, шоссе, торговля, сделки, дорога, Запад, Восток, Кушаниен, Китай, Рим, Бохтар.


## THE GREAT SILK ROAD AND THE BEGINNING OF TRADE BETWEEN THE WEST AND THE EAST


The article discusses the origin of the Great Silk Road and the beginning of the activities of the West and the East, as well as analyzes the sources of the history of the use and development of the Great Silk Road. For the first time this great trade route was discovered by the German scientist and historian K. Richthofen in 1877, in his work he called “China” by that name, namely “silk”. The Great Silk Road is one of the first connecting routes between the West and the East in various fields, such as trade, culture, crafts, etc., from ancient times to the Middle Ages.



**KEYWORDS:** Silk Road, highway, trade, transactions, road, West, East, Kushanien, China, Rome, Bokhtar.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзомуддинов Комилҷон Муҳриддинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти соли дуюми факултети таърих. **Сурога**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988 64-65-85.**

**Сведение об авторе:** ***Мирзомуддинов Комилджон Мухриддинович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 988 64-65-85.**

**Information about the author:** ***Mirzomuddinov Komiljon Mukhriddinovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988 64-65-85.**

## ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

# МОҲИЯТИ АХЛОҚӢ ВА ГУМАНИСТИИ КОРИ ИҶТИМОӢ

***Тошов А., Муллобоева Д.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавре ки дар кодекси одоби кормандони иҷтимоии Тоҷикистон оварда шудааст, рисолати касбии корманди иҷтимоӣ аз маҷмуи арзишҳои асосӣ сарчашма гирифта, пойдевори онро мафҳумҳои эҳтиром гузоштан ба шарафи инсон; адолати иҷтимоӣ; хизматрасонӣ ба одам; поквиҷдонӣ; махфӣ нигоҳ доштан; рушди касбӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки кори иҷтимоӣ ҳамчун касб моҳияти гуманистӣ дошта, пойдор намудани адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа вазифаи асосии кори иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ – ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамин ҷомеа аст, ки дар раванди фаъолияти муштараки фардҳо, гурӯҳи фардҳо дар шароитҳои муайян, ҷой ва вақт муттаҳид карда шудааст. Моҳияти ахлоқӣ ин натиҷаи фаъолияти муштараки фардҳои гуногун аст, ки дар натиҷаи муошират ва робитаи байниҳамдигарии онҳо ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин, моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ дар омӯзиши ҷамъият, мафҳуми ҷамъият, системаи иҷтимоӣ, сохтори иҷтимоӣ, равандҳои иҷтимоии глобалӣ: маданият, дин, миллат, синф ва ғайраро истифода мебурданд ва ҷамъиятро ҳамчун як организми бутун ва ягона мешумориданд. Тарафдорони макросотсиология равандҳои бузурги рушди ҷамъиятӣ, институтҳои иҷтимоӣ, сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳо, таҳқиқи зуҳуротҳо ва равандҳои тамоми ҷомеаро фарогиранда, таҳлили умумиятҳои бузурги иҷтимоӣ ва робитаи байниҳамдигарии онҳоро меомӯзанд.

Моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ – табиати иҷтимоии қонунҳои иҷтимоӣ, ки қувваи ҳаракатдиҳандаи организми иҷтимоӣ ва ифодакунандаи хусусияти иҷтимоии робитаҳо дар ҷомеа мебошад. Таърихчиён, ҳуқуқшиносон, иқтисодшиносон, адабиётшиносон метавонанд онҳоро ҳамчун заминаҳои методологии омӯзиши қонунҳои илмҳои худ истифода баранд, аммо дар низоми қонунҳои худ ҷой дода наметавонанд, чуноне ки кимиёгарон қонунҳои физикиро истифода мебаранд, вале онҳоро қонунҳои кимиёвӣ гуфта наметавонанд. Қонунҳои иҷтимоӣ – такягоҳи назариявии илми иҷтимоӣ мебошанд. Моҳияти ахлоқӣ ва гуманисти кори иҷтимоӣ - ин ҷанбаи субъективии қонунҳои сотсиологӣ мебошад. Ҷомеаро мавҷуди боақлу заковатманд - инсон ташкил медиҳад. Одамон ҳамаи низомҳои иҷтимоӣ, зернизомҳо, ниҳодҳо ва ҷараёнҳо, ҳамаи бахшҳои ҷомеаро бунёд менамоянд ва равнақ медиҳанд. Фаъолияти онҳо нерӯе аст, ки табиати иҷтимоиро месозад, робитаҳоеро тавлид мекунанд, ки қонунҳои организми зиндаи иҷтимоӣ мегарданд. На қонунҳои рушди форматсионӣ ва тамаддунӣ, на қонунҳои рушди инқилобӣ ва эволютсионӣ ва ғайра ҷой намедоштанд, агар фаъолияти эҷодиёти боақлона ё ғайриақлона, фаъолияти тасодуфӣ ё нақшавӣ, ҷисмонӣ ё зеҳнии одамон вуҷуд намедошт. Аз ин рӯ, қонунҳои иҷтимоӣ ҷиҳати субъективӣ доранд, на танҳо барои он ки онҳоро мавҷуди шуурнок кашф менамояд, меомӯзад ва баён мекунад, балки табиати қонунҳо иҷтимоӣ буда, дар натиҷаи фаъолияти одамон тавлид ва рушд меёбанд.

Гурӯҳи одамоне, ки байни якдигар ягон чизи умумӣ доранд дар шуури муқарарӣ ба мафҳуми «ҷамъият» фаҳмида мешавад. Масалан, ҷамъияти ҳамкасбон.

Дар фаҳмиши илмӣ «ҷамъият» - ин иттиҳоди худинкишофёбанда ва мустаҳками одамон аст, ки бо манфиатҳои умумӣ байни ягдигар алоқаманд ва дар асоси меъёру арзишҳои умумиҳатмӣ барои қонеъ намудани талаботи шахсии худ амал мекунанд.

1. Нишонаҳои ҷамъият дар моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ:

- ин умумияти иттиҳоди одамон аст, ки дорои ирода ва шууранд. Пайдоиши ҷамъият гузариш аз иттиҳоди ҳисси одамон ба иттиҳоди бошууронаи он далолат медиҳад.
- Ин натиҷаи алоқаи мутақобилаи одамон барои қонеъ намудани талаботҳои муҳимми онҳост.

• Ин алоқамандии доимӣ ва мустаҳками одамон, ки дар асоси манфиатҳои объективии умумӣ пайдо шуда, сабаби ба вуҷуд омадани мақсадҳои ягонаи иҷтимоӣ шудаанд. Ба онҳо талаботҳое дохил мешаванд, ки қонеъ намудани онҳо дар алоҳидагӣ ғайримкон аст.

• Вуҷуд доштани ҳокимияти оммавӣ дар симои органҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқ.

• ин низоми иҷтимоӣ ва маданиест, ки қоидаҳои мустаҳками рафтор (меъёр) - ҳоро ба вуҷуд меорад ва дар ҷамъият мақсад (арзиш) - ҳои маъмулро барқарор мекунад.

2. Худинкишофёбандагии ҷамъият.

Худинкишофёбандагии ҷамъият дар заминаи механизми принсипи «сабаб-аксуламал» асос меёбад. Он ахбороте, ки аз муҳити беруна ва ё аз қисматҳои система бар меояд ба сифати сабаб баромад мекунанд. Аксуламал ин ҷавоб ба таъсири берунию дохилӣ аст. Барои ба масъалаҳои пайдошаванда таваҷҷуҳ намудан ҷамъият бояд дорои захираҳои иқтисодӣ, молиявӣ, иттилооти ва ҳуқуқӣ бошад. Ба туфайли мубодилаи дуҷонибаю доимии захираҳо, механизми мутобиқшавии ҷамъият ташаккул меёбад. Моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ ин маҷмуи нишонаҳои устуворе, ки ҷамъият ва халқҳоро дар давраҳои гуногун тавсиф мекунад. Навъбанди он ба мо нишон медиҳад, ки ҷамъият чи гуна тағйир ёфта, кадом давраҳоро аз сар гузаронидааст. Ҳамчун асоси таснифоти ҷамъият Люис Генри Морган усули пайдо намудани воситаҳоро гузошт, ки дар давраҳои мавҷудияти инсон гуногун буданд.

Давраи ваҳшигӣ – ин давраи аз худкунии неъматҷамъоварӣ, шикорчигӣ ва моҳидорӣ;

Давраи варварӣ – давраи пайдоиши заминдорӣ ва чорводорӣ;

Давраи тамаддун – давраи пайдоиши синфҳо, давлат ва ҳуқуқ;

Олимони амрикоӣ Г. Ленски ва Ҷ. Ленски ба сифати талабот сохтори иҷтимоӣ ва тарзи зиндагиро муайян карда, навъҳои зерини ҷоме аҳоро муайян намудаад:

Ҷомеаҳои боғпарварӣ дар шарқи наздик, ки дар ҳазораи lV- уми то давраи мо пайдо шудаанд;

Ҷомеаҳои аграрӣ, ки дар Мисри Қадим, Аркод, Шумер ва Бобулистон пайдо шудаанд;

Ҷомеаҳои аграрие, ки дар охири асри XVlll – дар Аврупо пайдо шудаанд.

Таҳқиқотчӣ Д. Белл ҷомеаҳоро дар асоси омилҳои технологӣ бо назардошти камолоти соҳаи сиёсӣ ва маданӣ тасниф мекунад:

Ҷомеаҳои анъанавӣ (тоиндустриалӣ) ҷомеаи аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомондае, ки асоси иқтисодиёташонро кишоварзӣ ташкил дода, тамоми соҳаҳо аз рӯи анъанаҳо ба танзим дароварда мешаванд.

Ҷомеаҳои баъди индустриалӣ ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ асос меёбанд ва захираи аз ҳама арзишнок дар ин ҷомеаҳо иттилоот ба шумор меравад, сохтори иҷтимоии ҷомеа мураккаб мегардад.

Дар назарияи «ҷомеаи фаровон» - и худ Ҷон Кеннет Гелбрейт ба сифати талаботи таснифкунанда сатҳи истеъмолотро муайян мекунад. Ҷомеаи фаровонӣ мамлакатҳои тараққикардаи саноатиеро меномад, ки дар он аксарияти аҳолӣ ба сатҳи баланди зиндаги одат кардаанд. Истеҳсоли мол (маҳсулот) бефосила зиёд мегардад ва ба вуҷуд овардани талаботи сунъӣ ба чашм мерасад. Дар натиҷа истеҳсоли аз ҳад зиёд пайдо шуда, хариди молҳои нодаркор танҳо барои нигаҳдории мақоми иҷтимоии худ аст.

1. Ҷамъият ҳамчун низоми иҷтимоӣ маданӣ.

Дар ҷомеаи инсонӣ се унсури хеле гуногунро аз зумраи моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ ҷудо намудан мумкин аст.

1. Муҳити табиӣ: замини ҳосилхез, дарёҳо, ҷангалзор, канданиҳои фоиданок ва ғайра, ки одамон барои мавҷудияти худ онро истифода мебаранд.

2. Одамон, ки гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро ташкил медиҳанд.

3. Маданият, ки ҷамъиятро ба як низоми ягона муттаҳид мекунад.

Ҷамъияти инсонӣ ин низоми иҷтимоӣ, маданӣ ва иқтисодиест, ки яке аз қисматҳои муҳимми онро маданият ташкил медиҳад. Маданият гуфта, дар сотсиология муҳити идеалӣ ба таври сунъӣ моддигардонидашудае, ки муайянкунандаи ҳаёти иҷтимоии одамон маҳсуб меёбад, фаҳмида мешавад. Сотсиологҳо ба маданият маънои иҷтимоӣ дода, дар ҳаёти иҷтимоӣ мақоми пешбар доштани онро ҷонибдорӣ мекунанд. Маҳз маданият ҳамчун

низоми арзишҳо, меъёрҳо ва намунаи рафтор муҳити иҷтимоиеро ба вуҷуд меорад, ки индивидҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар алоқамандӣ бо он рафтори худро муайян мекунанд. Маданият натиҷаи алоқаи байни одамон бо муҳити табиист. Лекин ҳамаи ин унсурҳо дар алоҳидагӣ ҳоло ҷамъият нестанд. Байни онҳо алоқамандие зарур аст, то имконят фароҳам оварад, ки онҳо дар ягонагии ногусастанӣ мавҷуд бошад. Ҳамин тариқ, унсурҳои табиат, одамон ва маданият дар раванди худинкишофёбандагӣ ва алоқамандӣ байни якдигар низоми мураккаби ба таври динамикӣ худтанзимшаванда, ҷомеаи инсониро ба вуҷуд меоранд ва моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ доранд.

Маҳз дар ҷомеаи инсонӣ мо тамоми нишонаҳои системаро дида метавонем.

Мавҷудияти қисмҳои алоҳида;

Мавҷудияти алоқаҳо байни қисмҳо;

Мавҷудияти хусусиятҳое, ки ба хусусияти дигар қисмҳо монанд нестанд;

Алоқамандӣ бо муҳити атроф ва табиат;

Маданияти ягонаи ҷамъият, имконият медиҳад, ки дар асоси рамзҳои умумӣ ташкилотҳо, гуруҳҳои иҷтимоӣ, шахсони алоҳида байни худ амал намоянд;

Низоми ягонаи иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия), ба насли ҷавон имконият медиҳад, ки маданияти ягонаро қабул намуда, онро инкишоф диҳанд;

Низоми назорати иҷтимоӣ, маданияти аксарияти ҷомеаро муайян намуда, индивидҳо ва гурӯҳҳои гуногунро маҷбур месозад, ба қоидаҳои ягона тобеъ шаванд ва аз рӯи меъёрҳои ягонаи иҷтимоӣ амал кунанд;

Ҳамгироӣ (интегратсия) – ин раванди муттаҳиднамоии ҷамъият, устуворгардии алоқаҳои иҷтимоӣ, ҳамрайъӣ байни аъзоёни ҷомеа, мутобиқшавӣ байни қисмҳои гуногуни сохтори он аст. Дар ҳолати риоя накардани ин шартҳо дар ҷомеа раванди дезинтегратсия (ҷудошавӣ) ба вуҷуд меояд.

Сохтори маданият: Маданияти моддӣ – ин тамоми он маҳсулоте, ки аз табиат мегиранд; Нишонаҳо (объектҳо) – и рамзи ин арзишҳо ва меъёрҳо; Намунаи муносибати одамон – ин усули нисбатан устувори тафаккур, дарки рафтори инсон аст;

Маданият ҳаҷун сохтори арзишӣ – меъёрӣ, ҷамъиятро ба таври муайян бунёд мекунад ва яке аз унсурҳои функсионалии он ба шумор меравад.

Вазифаҳои моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ:

-Ҳамгироии иҷтимоӣ, яъне ташаккули ҷамъият, дастгирии ягонагӣ ва ҳуввияти он;

-Иҷтимоишавӣ – такрористеҳсолнамоии тартиботи иҷтимоии наслҳои имрӯза ва интиқоли он ба наслҳои оянда;

-Назорати иҷтимоӣ – муайян шудани рафтори одамон аз рӯи меъёр ва намунаи хоси маданияти мазкур;

-Интихоби маданӣ – бартараф намудани қолибҳои иҷтимоии нодаркор:

Таркиби моҳияти ахлоқӣ-

Арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ тартиби алоқаҳои иҷтимоиро муайян мекунад. Рафтори иҷтимоии инсон дар асоси он тасаввуротҳое, ки вобаста ба маданият ташаккул меёбад, амалӣ мегардад. Маданият дар асоси арзишҳои иҷтимоӣ ва намуна, қолиби рафтореро интихоб мекунад, ки аксарияти ҷамъият онро мепазирад. Арзиш – боварихои умумиҷамъиятие, ки вобаста ба онҳо инсон метавонад дар ҷамъияти мазкур ба мақсадаш расад, арзиш номида мешавад; Меъёрҳои иҷтимоӣ – қоидаи рафтореро меноманд, ки алоқамандии одамонро дар асоси арзишҳои бартаридоштаи ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ танзим мекунанд. Ҳавасмандкунӣ ва ҷазоҳо риояи ин қоидаҳоро таъмин менамоянд;

Меъёрҳои ҳуқуқ – бо давлат алоқаманд аст ва иҷроиши он умумиҳатмӣ буда, аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ танзим мешавад;

Меъёрҳои ахлоқӣ бошанд вобаста ба афкори умум танзим мешаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Хайдаров Р.Д. Таджикистан в орбите глобализационых и геополитических процессов / Р.Д.Хайдаров. – Душанбе, 2005.

2.Ҳиматзода М. Дидгоҳ ва масоил / М.Ҳиматзода.- Душанбе: Деваштич, 2006.

3.Шишков Ю. В. Глобализатсия-враг или союзник развивающих стран. //Миравой экономика.2003 №4.

4.Штомпка П. Социология социальных изменений / П.Штомпка. - М., 1996.

5.Эйзенштадт Ш. Револютсия и переоброзования общества / Ш.Эйзенштадт. - М., 2005
6.Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих / Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе, 1997.
7.Юрлов Ф.Н. Социальное издежки глобализации// Соц. исслед. –2001.№5.
8. Яздонӣ Н. Ҷисму ҷони одамӣ дар “Маснавӣ”. // Садои Шарқ, №9.
9. Кори иҷтимоӣ. Душанбе. 2018. 352с.

**МОҲИЯТИ АХЛОҚӢ ВА ГУМАНИСТИИ КОРИ ИҶТИМОӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ баррасӣ шудааст. Зери мафҳуми моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ - маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамин ҷомеа аст, ки дар раванди фаъолияти муштараки фардҳо, гурӯҳи фардҳо дар шароити муайян, ҷой ва вақт муттаҳид карда шудааст, фаҳмида мешавад. Ҳамчунин, муаллиф дар мақола нишонаҳои ҷамъият дар моҳияти ахлоқӣ ва гуманистӣ, намудҳои давраҳои мавҷудияти инсон ва унсурҳои моҳияти ахлоқӣ ва гуманистии кори иҷтимоӣ маълумот овардааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** моҳият, ҷамъият, маданият, давраи варварӣ.

**МОРАЛЬНО-ГУМАНИСТИЧЕСКИЙ ХАРАКТЕР СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ**

В данной статье рассматривается этический и гуманистический характер социальной работы. Понятие о нравственно-гуманистическом характере общественного труда представляет собой совокупность общественных отношений одного общества, которое понимается в процессе взаимодействия индивидов, групп индивидов, объединенных в определенных условиях, месте и времени. Также автор дает информацию о признаках общества нравственно-гуманистического характера, типах периодов человеческого существования и элементах нравственно-гуманистического характера общественного труда.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** сущность, общество, культура, варварский период.

**MORAL AND HUMANISTIC CHARACTER OF SOCIAL WORK**

This article discusses the ethical and humanistic nature of social work. The concept of the moral and humanistic nature of social work is a set of social relations of the same society, which is understood in the process of interaction of individuals, groups of individuals united in certain conditions, place and time. The author also provides information on the signs of society in the moral and humanistic nature, the types of periods of human existence and the elements of the moral and humanistic nature of social work.

**KEYWORDS**: essence, society, culture, barbaric period.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муллобоева Дилфуза Абдусамадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи кори иҷтимоӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **928489498.**
***Тошов Абдулрашид Ҳомидович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси кори иҷтимоӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах:** ***Муллобоева Дилфуза Абдусамадовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры социальной работы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **928489498.**
***Тошов Абдулрашид Хомидович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности социальной работы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors**: ***Mulloboeva Dilfuza Abdusamadovna*** – Tajik National University, candidate of Philosophy sciences, Associate professor of the Department of Social work. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **928489498.**
***Toshov Abdulrashid*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty of social work. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ОИЛА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ

***Қувватова Р., Муллобоева Д.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои инсон, масъалаи инсон аз ҳама масъалаи мураккабтарин, вале басо шавқовар маҳсуб меёбад. Дар бораи институти оила ва оиладорӣ аз қадим фикрҳо ва ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, Монавия барои расидан ба камолот, зуҳду тақво, гӯшанишинӣ ва беникоҳиро тарғиб менамояд. Оиладорӣ, никоҳ, тавлиди фарзанд кори зишту бад ҳисобида мешавад. Сарватмандӣ, истеҳсоли неъматҳои моддӣ кори бад аст. Файласуфи асримиёнагии форс-тоҷик, Абдураҳмони Ҷомӣ мефармояд, ки инсон худро

танҳо дар оила хушбахт ҳис мекунад. Осоиштагӣ, бахту саодати инсон аз оила вобастагии калон дорад. Оила аввалин институти иҷтимоие мебошад, ки инсон дар он ташаккул меёбад. Бояд қайд кард, ки оилаи имрӯзаи ҷомеаи демократии Тоҷикистон табиатан аз он оилаҳои пештара, агарчи ҳоло ноқисиҳои моддӣ дошта ббошад ҳам, аз нигоҳи диду фаросат фарқ мекунад. Тавассути бо суръати тез пешравии илму техника, системаи бозоргонии замони муосир ва матбуоти даврӣ ва интернет сатҳи ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии аъзёни оилаҳо тоҷик хеле боло рафтааст. [7].

Амалияи кори иҷтимоӣ бо оила яке аз самтҳои мураккаби кори иҷтимоӣ буда, малака, дониш ва фаъолиятҳои муштаракро бо мутахассисони соҳаҳои гуногун ва хадамоти мухталифро талаб мекунад. Барои ҳалли мушкилоти оила кормандони иҷтимоӣ бояд аз вазъият, мушкилот, муносибат ва дигар паҳлӯҳои ҳаёт ва фаъолияти аъзои оила бархӯрдор шуда, барои беҳтар намудани вазъияти аъзои оила чораҳои мушаххас пешниҳод кунанд ва аз тарафи дигар, аз мавҷудият ва дастрасии дигар хизматрасониҳо ва хадамот ба мисли муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ, хадамоти ҳифзи кӯдак ва паноҳгоҳҳо, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ғайраҳо бояд бархӯрдор бошанд. Дар баробари ин, кормандони иҷтимоӣ аз сиёсати иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа, фарҳанг ва урфу одат ва дигар унсуру низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ба рафтору кирдори аъзои оила таъсир мерасонанд огоҳ буда, аз ҳуқуқҳои мизоҷони худ бархӯрдор бошанд. [5].

Бояд қайд кард, ки кори иҷтимоӣ ба арзишҳои касбӣ такя мекунад ва ин арзишҳо дар амалияи кори иҷтимоӣ бояд инъикос ёбанд. Адолати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, имкониятҳои баробар, эҳтиром ва таъмини ҳуқуқ, афзалияти манфиатҳои мизоҷон ва эҳтироми мизоҷон аз ҷумлаи арзишҳои кори иҷтимоӣ мебошанд ва кормандони иҷтимоӣ ҳангоми кор бо оила ин принсипҳоро бояд риоя ва фаъолияти худро дар ин асос амалӣ гардонанд. Дар ҳоле, ки кормандони иҷтимоӣ бо оилаҳои гуногун сарукор доранд, ба монанди оилаҳои бесарусомон, оилаҳои серфарзанд ва камбизоат, оилаҳои аз ҷиҳати этникӣ омехта ва оилаҳое, ки аъзои он дорои фарҳангу арзишҳои мухталиф мебошанд, инчунин оилаҳое, ки аъзои он ба бемориҳои муолиҷанашаванда гирифторанд ва оилаҳое, ки аъзои он эҳтиёҷи махсус дошта бошад (маъюб) ва дигар оилаҳо бо мушкилоти гуногун, донистан ва муҳимтараш истифода бурдани ин арзишҳо хеле муҳим мебошад, зеро ки дар чунин ҳолатҳои мураккаб кормандони иҷтимоӣ бояд қарор қабул кунанд, ки он ба ҳаёт ва фаъолияти оила таъсир мерасонад ва арзишҳои касбӣ барои қарори дуруст қабул кардан кӯмак мерасонад. Дар баробари арзишҳои касбӣ, дониш ва маҳорату малакаи касбии корманди иҷтимоӣ низ нақши бузург доранд. Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, корманди иҷтимоӣ бояд маълумоти кофӣ ва илмӣ аз назарияҳои иҷтимоиву иқтисодии мувофиқ бархӯрдор бошад. Қобили қайд аст, ки илми кори иҷтимоии имрӯза, тамоюл ва падидаҳои иҷтимоиро аз чанд паҳлӯ баҳо дода тафсир менамояд. Дар байни олимони ҳозиразамон, ақидае маъмул аст, ки рафтори фарди алоҳида ва ё гурӯҳро дар чаҳорчӯбаи таъсири мутақобилаи онҳо бо низоми гуногун, аз ҷумла низоми иҷтимоиву иқтисодӣ, муҳити зист ва табиат, ҷиҳатҳои биологии ташаккули руҳиву ҷисмонии одамон мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Донистани усулҳои ҷадид ва маълумоти дақиқ барои самаранокии фаъолияти кори иҷтимоӣ бо оила хеле зарур мебошад, вале самаранокии амалияи кори иҷтимоӣ бо оила, дар баробари такя ба арзишҳои касбӣ ва дониш, аз маҳорату малакаи кормандони иҷтимоӣ бисёр алоқаманд аст. Корманди иҷтимоӣ бояд дорои маҳорату малакаи зарурӣ низ бошад, то мушкилоти оиларо дуруст ташхис карда нақшаи фаъолиятро тартиб дода, онро татбиқ карда тавонад. Корманди иҷтимоӣ бояд дорои малакаҳои муошират бошад, ки бо аъзои гуногуни оила иртибот пайдо карда тавонад. Ғайр аз ин, дар кор бо оила, кормандони иҷтимоӣ методҳои гуногунро истифода мебаранд. Яке аз чунин метод, ин машварати оилавӣ мебошад. Машварати оилавӣ дар кори иҷтимоӣ бо кӯмаки психологӣ ба оила ва психотерапияи оилавӣ алоқамандии зиёд дошта, таҷриба ва усулҳои кории онҳоро истифода мебарад. Ҳадафи машварати оилавӣ ин омӯзиши мушкилоти аъзоёни оила, тағйир додани муносибатҳои байниҳамӣ дар оила ва таъмин намудани имкониятҳо барои рушди инфиродӣ мебошад. Фарқияти асосии машварати оилавӣ аз терапияи оилавӣ дар он аст, ки дар машварати оилавӣ таҳлили вазъиятҳои оилавӣ, таҳлили ҷиҳатҳои муносибатҳои байниҳамӣ, ҷустуҷӯйи имкониятҳои шахсӣ ва муҳокимаи роҳҳои ҳалли масъала дида баромада мешаванду халос. Терапияи оилавӣ бошад, сохтори оиларо

тағйир дода, ба дигаргун шудани рафтори ҳар як аъзои оила бурда мерасонад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки машварати оилавӣ ин оид ба ягон масъала бо мутахассис маслиҳат кардан аст. [5]. Машварати оилавӣ бояд барои барқарор ва ё дигаргун сохтани робитаҳои аъзоёни оила байни якдигар ва бо нафарони гирду атроф, инчунин ба танзим даровардани муносибатҳо ҳам дар дохили оила ва ҳам бо гуруҳҳои гуногуни иҷтимоӣ равона шуда бошад. Ҳангоми кор бо ҳар як оила мақсад ва вазифаҳо метавонанд гуногун бошанд. Мақсад ва вазифаҳои машварати оилавӣ ин озод кардан аз ранҷу азоб, ҳал намудани мушкилиҳо набуда, мақсади асосӣ ин расонидани кӯмак барои қабул кардани воқеияти ҳаётӣ, мушкилиҳои ҳаётиро паси сар карда тавонистан, муносибати худро бо атрофиён дубора дида баромадан, масъулиятро барои ҳаёти худ ва наздикон ҳис карда тавонистан ва вазъиятҳои дар зиндагӣ ба вуҷуд ояндаро ба таври созанда истифода кардан аст. Машварати оилавӣ метавонад дар шаклҳои мухталиф амалӣ гардонида шавад. Дар марҳилаҳои гуногуни раванди машваратӣ метавонад шаклҳои гуногуни ташкили кор бо оила гузаронида шавад:

- ✓ Суҳбат ба ҳамаи аъзоёни оила (аз он ҷумла, ҳам оилаи васеъ ва ҳам оилаи нуклеарӣ, чунки таъсир ба оила метавонад гуногун бошад, аз ин хотир машварат ба бобою бибӣ, амаку амма ва дигар хешовандони наздике, ки дар як хона зиндагӣ мекунанд, дар ҳоли зарурӣ шарт аст);
- ✓ Машварати фардии як аъзои оила;
- ✓ Машварати ҳамсарон

Ҳангоми кор бо оила дар марҳилаҳои душвори ҳаётӣ ҷустуҷӯи сабабҳои сар задани низоъ зарурат надорад. Аввалин коре, ки бояд мутахассис иҷро кунад, ин бо роҳи амалҳои мушаххас муносибати байни аъзоёни оиларо тағйир додан аст. Дар ҳоли интихоб намудани стратегия ва тарзи мувофиқи корӣ вазъияти оилавӣ якҷоя бо иҷро шудани тавсияҳои мутахассис беҳтар мегардад.

### АДАБИЁТ


1.Раҳмонов Э. Танзими оила – кафолати рушди устувори ҷомеа / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 21 с.
2.Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Эрграф, 2009. – 36 с
3. Абдуллозода Ш. Фалсафаи одамият / Ш.Абдуллозода. – Душанбе, 2003.
4.Амирхонов Ш.Т. Кори иҷтимоӣ фаъолияти инсонгароист // Маводи конфренсияи байналмилали / Ш.Т.Амирхонов. – Душанбе, 2018. – 303 с.
5.Баҳромбеков Д.А. Кори иҷтимоӣ бо оила / Д.А.Баҳромбеков. – Душанбе: Истеъдод, 2012.
6.Баҳромбеков В., Миров Ф., Зеваров Х., Шоинбеков Х., Худойдодов Х. Муқаддимаи кори иҷтимоӣ. Маводи таълимӣ / В.Баҳромбеков. –Душанбе, 2011.
7.Сарчашма: https://allinweb.ru/pedagogika/39618/ © allinweb.ru/


### ОИЛА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОӢ


Мақолаи мазкур фарогири мавзуи "Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ" буда, дар он масъалаҳои муҳимми ба танзими муносибатҳои байни аъзоёни оила бахшидашуда, баррасӣ шудааст. Мутафаккирон оид ба масъалаи оила ва оиладорӣ ақидаҳои мухталиф пешниҳод кардаанд. Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд, ки инсон худро танҳо дар оила хушбахт эҳсос мекунад. Осоиштагӣ, бахту саодат ва оромиши қалби инсонҳо аз муҳити оила вобастагӣ дорад. Машварати оилавӣ дар кори иҷтимоӣ бо кӯмаки психологӣ ба оила ва психотерапияи оилавӣ алоқамандии зиёд дошта, таҷриба ва усулҳои кории онҳоро истифода мебарад. Ҳадафи машварати оилавӣ ин омӯзиши мушкилоти аъзоёни оила, тағйир додани муносибатҳои байниҳамӣ дар оила ва таъмин намудани имкониятҳо барои рушди инфиродӣ мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** кори иҷтимоӣ, корманди иҷтимоӣ, машварати оилавӣ, мутахассис.


### СЕМЬЯ КАК СОЦИАЛЬНЫЙ ИНСТИТУТ


В данной статье обсуждается тема «Семья как социальный институт», и рассматриваются важные вопросы, связанные с регулированием отношений между членами семьи. Разные мыслители предлагали разные взгляды на тему семьи. Абдурахмони Джоми говорит, что человек чувствует себя счастливым только в семье. Мир, счастье и спокойствие человеческого сердца зависят от семейного окружения. Семейное консультирование в социальной работе тесно связано с психологической поддержкой семьи и семейной психотерапией, использует их опыт и методы работы. Целью семейного консультирования является изучение проблем членов семьи, изменение семейных отношений и предоставление возможностей для индивидуального развития.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социальная работа, социальный работник, семейное консультирование, специалист.


### FAMILY AS A SOCIAL INSTITUTION

This article discusses the topic "Family as a social institution", and discusses important issues related to the regulation of relations between family members. Different thinkers have offered different views on the topic of the family. Abdurahmoni Jomi says that a person feels happy only in the family. The peace, happiness and tranquility of the human heart depend on the family environment. Family counseling in social work is closely related to psychological support for the family and family psychotherapy, and uses their experience and methods of work. The purpose of family counseling is to study the problems of family members, to change family relationships and to provide opportunities for individual development.
**KEYWORDS:** social work, social worker, family counseling, specialist.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муллобоева Дилфуза Абдусамадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи кори иҷтимоӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **928489498.**
***Қувватова Рафоат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах:** ***Муллобоева Д. А.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры социальной работы/ **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Кувватова Рафоат*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors**: ***Mulloboeva D. A***. – Tajik National University, candidate of Philosophy sciences, Associate professor of the Department of Social work. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Quvvatova Rafoat*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ДАВРАБАНДИИ ТАЪРИХИ КОРИ ИҶТИМОӢ

***Азизуллоева Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Чи тавре ки бузургони гузаштаи мо қайд кардаанд, масъалаи инсон дар шакли шинохти моҳияти ҳастӣ, тарзи ташкили рӯзгор, офаринандагии арзишҳои моддиву маънавӣ, ҷойгоҳи он дар ҷомеа аз масоиле маҳсуб мешавад, ки тули асрҳо таваҷҷуҳи аҳли илмро ба худ ҷалб намуда, то имрӯз мубрамияти худро аз даст надодааст. Аз даврони пайдоиши дониши илмӣ инсон мақоми меҳвариро дар ҳама масоил ишғол намудаву ҷойгоҳи волои худро аз даст надодааст. Яъне, аз замони бостон то имрӯз масъалаи мубрами мавриди баррасиву таҳқиқ дониста мешавад. Шинохти ҷавҳар, моҳият, мақсади ҳастӣ, камолоти ахлоқиву маданӣ ва мақому ҷойгоҳи он дар низоми ҳастиву ҷамъият, ҳанӯз аз ҷаҳобинии атиқӣ шуруъ гардида, дар тамоми даврони минбаъдаи густариши фарҳанги башарӣ ба сифати мубрамтарин масоил аст. Инсон мавҷудест, ки ба куллӣ аз дигар шаклҳои ҳастӣ фарқ дорад. Вай таҷассумкунандаи моҳияти ҳама гуна вуҷудият аст. Ба маънии дигар инсон нигини офариниш (У.Хайём) ва ашрафи махлуқот (Қуръон) аст. Маъниву моҳияти инсон дар ҷавҳари вуҷудии ӯ нуҳуфтааст. Шинохтани ин ҷавҳари арзишманд ва мавриди эҳтиром қарор додани ӯ дар ҳама ҳолат масъулияти аввалини инсони ҳушманд ба ҳисоб меравад. Аз сифоти муҳимтарини инсонӣ низ ҳамин аст, ки ба насли хеш меҳрубон бошад, онро гиромӣ дорад ва бахри хушбахтии он кӯшиш намояд [1.43].

Кори иҷтимоӣ, ки мо имрӯз мехоҳем дар бораш сухан кунем, ҳамчун фаъолияти амалӣ (ба шакли ёрӣ, дастгирӣ ва муҳофизат) аз аввали пайдошавии инсон ҷой дорад ва дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеа шаклҳои гуногунро гирифтааст. Бо мурури замон кори иҷтимоӣ характери касбиро соҳиб шуд ва омодасозии касбии мутахассисони дорои маълумоти мутобиқ ва кори низомии ин соҳа оғоз гардид. Дар замони ҳозира дар тамоми дунё кори иҷтимоии касбӣ бо намудҳои муайяни фаъолияти ғайрикасбӣ (накӯкорӣ ва худихтиёрона) якҷоя истифода бурда мешавад [3. 30].

Кори иҷтимоӣ – як намуди фаъолияти инсон мебошад, ки ҳадафи асосии он беҳтар намудани нақши субъектии одамон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, дар ҷараёни таъмини ҳаёту фаъолияти шахс, оила, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ мебошад. Кори иҷтимоӣ ҳамчун намуди махсуси фаъолият дар баробари инкишофи ҷамъияти инсонӣ ва тақсимоти меҳнат як чанд давраро дар бар мегирад:

1) Давраи археикии эҳсонкорӣ (то ташкил ёфтани аввалин давлатхои ғуломдорӣ дар охири ҳазораи III - нимаи якуми ҳазораи II пеш аз милод).

2) Давраи филантропӣ (тақрибан то асри V милодӣ).

3) Давраи хайрияи оммавӣ (ҷамоа, калисо) (то ибтидои асри XVI ).

4) Давраи хайрияи давлатӣ (то ибтидои асрхои XIX—XX).

5) Давраи кори иҷтимоӣ (то ҳол идома дорад).

Марҳилаи илмии ташаккули кори иҷтимоӣ бо омилҳои зиёди таҳаввулоти он ва пеш аз ҳама бо тағйирёбии робитаҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар аксари кишварҳо дар ибтидои асри XX сифатан тағйир ёфтаанд, алоқаманд аст. Сабабҳои тағйир додани парадигмаи кумаки иҷтимоӣ чист? Сабабҳои асосӣ инҳо буданд:

• нобудшавии ҷомеаи аз рӯи принсипҳо ва меъёрҳои умумии мавҷудият алоқамандбуда;

• урбанизатсия (шаҳришавӣ) ва индустриализатсия;

• афзудани робитаҳои иҷтимоӣ ва вусъати муносибатҳое, ки инсон ба онҳо таъсири бевосита дорад.

Инҳоянд сабабҳои асосӣ, ки ба таҳаввулоти кори иҷтимоӣ дар маҷмӯъ таъсир расониданд. Доираи кори иҷтимоӣ васеъ мебошад ва тамоюли васеъшавӣ дорад. Барои мисол, тақрибан 100 сол пеш дар Шветсия кор иҷтимоӣ аввал ҳамчун ёрӣ дар кори хона, хоҷагии пиронсолон ва оилаҳои серфарзанд суръат гирифт**.** Баъдан хизматҳо барои нигоҳубини кӯдакони касалманд, кӯдакони волидайнашон серкор ва дигар намудҳои хизматрасониҳо, мисли хариди хӯрокворӣ барои пиронсолон ва маъюбон, шустушуи сару либос, рӯбучини хона, сартарошӣ дар хона, ташкили чорабиниҳои вақтхушӣ, варзиш, сайругашт, бозиҳо, марказҳои рӯзонаи таъминоти гуногун (табобат, варзиш, бозиҳо барои шахсони камақл, майпарастон, нашъамандон ва ғайра) илова шуданд. Аввалин қадамҳои амалӣ дар соҳаи дарки назариявии кори иҷтимоӣ аз ҷониби феминистҳо дар бисёр кишварҳои ҷаҳони Ғарб - Алиса Соломон дар Олмон, Мария Гахерӣ дар Фаронса, Элизабет Фрай дар Англия, Ҷейн Адамс дар ИМА гузошта шуданд. Аммо дар соҳаи тадқиқоти назариявӣ муваффақияти калонтаринро М.Ричмонд ба даст овардааст, ки усули кори индивидуалиро бо ниёзмандон тавсиф кардааст. Муносибати вай дар асоси усулҳои тиббӣ, мактаби рафтори равоншиносӣ, психоанализи З.Фрейд ташаккул ёфтааст. Яке аз аввалин китобҳои М.Ричмонд дар соҳаи назарияи кори иҷтимоӣ асари фундаменталии «Сафари дӯстона ба камбизоатон: дастур барои онҳое, ки дар ташкилотҳои хайрия кор мекунанд» мебошад. Соли 1917 китоби «Ташхиси иҷтимоӣ» аз чоп баромад, ки дар он М.Ричмонд асосҳои назариявию методологии кори ҷамъиятии фардиро тавсиф кардааст. Дар солҳои 1921—1930 донишҳои психологӣ ба усулҳои индивидуалии кори иҷтимоӣ «дохил шуданд». «Психологияи нав», ки аз тарафи мактаби бихевиористӣ, мактаби Адлер, мактаби фрейдӣ, мактаби Юнг ифода ёфтааст, дар назария ва амалияи кори иҷтимоӣ инъикос ёфтааст. М.Ричмонд аз соли 1922 принсипҳои «кори ҷамъиятии индивидуалӣ»-ро кор карда мебарояд, ки онро худи муаллиф «принсипҳои гигиенаи равонӣ» меномад. Минбаъд ин принсипҳо ҳамчун асоси кодекси ахлоқии корманди иҷтимоӣ истифода мешаванд. Фаъолияти назариявии М.Ричмонд ба як равиши муайян, мактаби кори иҷтимоӣ, ки бо номи «мактаби ташхис» маъруф аст (муносибати ин мактабро ба кори иҷтимоъӣ мувофиқан «равиши диагностикӣ» меноманд) асос гузошт.

Хулоса карда гуфтан мумкин аст: Инсон, новобаста аз дараҷаву мақом ва ҷойгоҳи ишғолнамудааш дар ҷомеа ҳамеша ба навозишу пазириш ва мавриди эҳтироми дигарон будан эҳтиёҷ дорад. Тибқи мисраи машҳури мардумӣ “Одам ба одам зинда аст”. Ҳамин гуна масъулиятеро, ки аз инсон пайваста хабардорӣ намуда, онро новобаста аз вазъи сиҳативу нуқсон гиромӣ медорад ва худро масъули ҳифзи қадру манзалат ва ору номус, ҳуқуқу манфиати инсонӣ медонад пешаи корманди иҷтимоӣ аст. Корманди иҷтимоӣ ва касби кори иҷтимоӣ дар ҷаҳони муосир аз дидгоҳи арзиши инсоншиносӣ заруриву мубрам барои ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллозода Ш. Фалсафаи одамият / Ш.Абдуллозода. - Душанбе, - 2003.
2. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. Душанбе, -2002.

3. Муқаддимаи кори иҷтимоӣ. Баҳромбеков В.А., Зеваров Х., Миров Ф., Шоинбеков Х, Худододов Х. Зери тахрири дотсент Бахромбеков В.-Душанбе,2011.
4. Баҳромбеков Д.А. Кори иҷтимоӣ бо оила / Д.А.Баҳромбеков. - Душанбе:Истеъдод, 2012.
5. Буева Л.П. –Социальная среда и сознания личности / Л.П.Буева. –М.,1968.
6. Реан А.А. Социализация личности // Хрестоматия: Психология личности в трудах отечественных психологов / А.А.Реан. - СПб.: Питер, 2000.
7. Репина Т.А. Анализ теорий полоролевой социализации в современной западной психологии // Вопросы психологии / Т.А.Репина. - 1987. - №2. - С.158-1
8. Хасан Б.И., Тюменева Ю.А. Особенности присвоения социальных норм детьми разного пола // Вопросы психологии. - 1997. - №3. - С.32-39.

**ДАВРАБАНДИИ ТАЪРИХИ КОРИ ИҶТИМОӢ**

Дар мақола мавзуи даврабандии таърихи кори иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Кори иҷтимоӣ – як намуди фаъолияти инсон мебошад, ки ҳадафи асосии он беҳтар намудани нақши субъектии одамон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, дар ҷараёни таъмини ҳаёту фаъолияти шахс, оила, гурӯҳҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ҳамчунин, муаллиф дар мақола оид ба сабабҳои тағйирёбии парадигмаи кумаки иҷтимоӣ ва аввалин қадамҳои амалӣ дар соҳаи дарки назариявии кори иҷтимоӣ маълумот овардааст. Чи тавре ки бузургони гузаштаи мо қайд кардаанд, масъалаи инсон дар шакли шинохти моҳияти ҳастӣ, тарзи ташкили рӯзгор, офаринандагии арзишҳои моддиву маънавӣ, ҷойгоҳи он дар ҷомеа аз масоиле маҳсуб мешавад, ки тули асрҳо таваҷҷуҳи аҳли илмро ба худ ҷалб намуда, то имрӯз мубрамияти худро аз даст надодааст.

**КАЛИДВОЖАҲО**: ҷавҳар, офариниш, давраи филонтропӣ, моҳият.

**ХРОНОЛОГИЯ ИСТОРИИ СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ**

В статье рассматривается хронология истории социальной работы. Социальная работа - вид человеческой деятельности, основной целью которой является повышение субъектной роли людей во всех сферах жизни общества, в процессе обеспечения жизни и деятельности отдельных лиц, семей, групп и социальных классов. Также в статье автор приводит информацию о причинах смены парадигмы социальной помощи и первых практических шагах в области теоретического осмысления социальной работы. Как отмечали наши великие предки, вопрос о человеке в форме понимания сути существования, способов организации жизни, создания материальных и духовных ценностей, своего места в обществе является одним из вопросов, привлекающих внимание ученых. в веках.не потеряно.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** субстанция, творчество, человеколюбивый период, сущность.

**CHRONOLOGY OF SOCIAL WORK HISTORY**

The article discusses the cycle of the history of social work. Social work is a type of human activity, the main purpose of which is to improve the subjective role of people in all spheres of society, in the process of ensuring the life and activity of individuals, families, groups and social classes. The author also provides information in the article on the reasons for changing the paradigm of social assistance and the first practical steps in the field of theoretical understanding of social work. As noted by our great ancestors, the issue of man in the form of understanding the essence of existence, how to organize life, the creation of material and spiritual values, its place in society is one of the issues that has attracted the attention of scientists for centuries. not lost.

**KEYWORDS**: substance, creation, philanthropic period, essence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азизуллоева Шукрона*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторе*:*** ***Азизуллоева Шукрона*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Azizulloeva Shukrona*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

***Баҳромбеков В., Рамхудоева З.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Имрӯзҳо насли ҷавони кишварамон бо фаҳмиши масъулияти баланд, доштани иродаи мустаҳкам, садоқату муҳаббати ватандорӣ, эътиқод ба арзишу муқаддасоти миллӣ ва ақлу заковати худ исбот намуд, ки роҳи интихобкардаи мо дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад. Мисол иштироки фаъолонаи ҷавонони мамлакатамон дар сохтмони

неругоҳу корхонаҳои калони кишварамон, аз ҷумла неругоҳи барқии обии “Роғун” ва корҳои бунёдкориву созандагӣ бараъло мушоҳида менамоем. Сафи ҷавонон дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла саноату сохтмон, маорифу тандурустӣ ва кишоварзӣ низ торафт зиёд шуда истодааст. Саҳми ҷавонон дар ҳифзи Модар-Ватан шоистаи таҳсин буда, онҳо дар тамоми ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ содиқона хизмат намуда, дар ҳимояи давлату сарҳади кишварамон нақши калон мегузоранд. Имрӯз зиёда аз 257 ҳазор нафари ҷавонон, ки 30%-и онҳоро духтарон ташкил медиҳад, дар муассисаҳои таҳсилоти касбии дохил ва хориҷи кишвар таҳсил карда истодаанд. Барои таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва ҳифзи минбаъдаи манфиатҳои ҷавонон сохтору мақомоти марбутаро вазифадор месозем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“ Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2030 “-ро дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд. Ҷавонон дар фаъолияти варзишӣ низ нақши калон доранд. Варзиш ба фаъолияти ҷавонон алоқамандии зич дорад [4,5].

Имрӯз дар кишварамон 10 ҳазор иншооти варзишӣ фаъолият дошта, тайи солҳои 2011-2021 қариб 2200 иншооти соҳаи варзиш бунёд ва 1059 иншоот таъмиру таҷдид гардидааст. Соли 2021 358 иншоот дар худи пойтахт сохта шуда буд. Мо бояд дар оянда низ ба оммавӣ гардонии варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим диққати аввалиндараҷа диҳем ва барои тандурустии аҳли ҷомеа шароити беҳтар фаро созем. Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзишро зарур аст, ки якҷо бо Кумитаи миллии олимпӣ ва федератсияҳои варзиш навъҳои мухталифи варзишро васеъ ҷорӣ карда, ҷиҳати баргузор намудани мусобиқаҳо мунтазам чораҷӯӣ намояд. Пешрафти ҷомеа дар ҳама давру замон аз ҷавонони он вобастагӣ дорад. Ҷавонон неруи бузург буда, пешрафти миллат dониста мешуданд. Ҷавононро ояндасози ҷомеа меномиданд. Ҷавонон дар меҳвари ҳама гуна тағйироту табадуллоти равандҳои ҷомеа, неруи маркази маҳсуб ёфта, дар таърихи ҷомеа низ нақши муассир доранд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон барҳақ қайд мекунанд: “Ҷавонон бояд сабақаҳои Истиқлолиятро омузанд, аз равандҳои солиму носолими сиёсати имрӯза огоҳ бошанд. Таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаву баргашта варақ зананд ва аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор кунанд.” [2,50].

Ба ин нигоҳ накарда, ҷавонон қисми асосӣ ва муайянкунандаи аҳолии кишвар ба ҳисоб меравад ва дар рушду нумуи он ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми худро мегузораанд. Агар ба Тоҷикистон нигарем аз ҷиҳати сиёсати демографӣ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон ҳамчун давлати ҷавон ба ҳисоб меравад. Ҳисоби миёнаи синну соли аҳоли ба 24 рост меояд. Яъне, 35%-и аҳолӣ ҷавонони аз синну соли 14 то 30 сола ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҷавонон 70 дарсади аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, яке аз самтҳои роҳандозии сиёсати давлатии ҷавононро тайёр намудани ҷавонони босавод, баландихтисос ва болаёқат дар бар мегирад. Ҷавонон ҳамчун як гуруҳи системаи худинкишоф ба ҳисоб мераванд, ки ҳаёти онҳо аз шароити воқеии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ вобастагӣ дорад. Ҷавонон имрӯз раванди пешравии соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳам сиёсиву фарҳангиро муайян мекунанд. Вале муттаасифона имрӯз масъалаи бекорӣ яке аз масъалаҳои глобалӣ на фақат дар ҷомеаи мо, балки дар тамоми давлатҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамаи давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҷавононро ҳаматарафа дастгирӣ кунанд, барои онҳо шароитҳои хуби ҳаётирофароҳам созанд. Худи бозори меҳнат ин як қисми асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Маҳз бозори меҳнат пешравии ҷомеаро муайян мекунад ва он дар навбати худ ба кадрҳои бақувват ниёз дорад. Аммо муттаассифона қисми зиёди ҷавонон имрӯз ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Тайёр кардани кадрҳои хуб ин вазифаи асосии институти маориф ба ҳисоб меравад. Аммо имрӯз институти маориф вазифаашро хуб иҷро намекунад. Бисёр гуруҳи ҷавононе, ки бо ҳамон ихтисосе, ки донишгоҳҳову донишкадаро хатм кардан ҷойи кор ёфта наметавонанд. Дар бозори меҳнати низ харидор ва фурӯшандадида мешавад. Фурӯшанда шахсоне мебошанд, ки онҳо қувваи кории худро мефурӯшанд, ва харидор он ташкилотҳо ва созмонҳо, ки ба қувваи кории фурӯшанда ниёз доранд.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки раванди бекорӣ байни ҷавонон аз синни 15 то 24 дар соли 2021 зиёд шудан гирифт, ки сабаби асосияш бухрони иқтисодие, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифт. Имрӯз дар тамоми ҷаҳон қариб 75 миллион одамон, яъне 15%-и аҳолии дунё барои ёфтани ҷойи кор мушкилӣ доранд. Ин мушкили бисёртар дар давлатҳои Осиёи Марказӣ бисёртар дида мешавад, ки даронҳо раванди бекорӣ дар байни ҷавонон қариб

17,5%-ро ташкил медиҳад. Аз рӯи тадқиқотҳои Ташкилоти Байналхалқии Меҳнатӣ вазъият метавонад, қариб тайи 5 сол давом кунад ва метавонад мушкилиҳои зиёдро ҳам ба вуҷуд биёрад. Имрӯз дар Тоҷикистон шумораии бекорон қариб 11,5%-ро ташкил дода, дар байни ҷавонони аз синни 15 то 25 сола 17%-ро ташкил медиҳад. Аз рӯи ин нишондиҳанда мо ба хулосае омада метавонем, ки шумораи ҷавонони бекори Тоҷикистон қариб 1,5 маротиба зиёдтар нисбати шумораи бекорони дигар давлатҳо. Аз рӯии нишондиҳандаҳои Маркази тадқиқотии "Шарқ" ҳар сол шумораи зиёди ҷавонони тоҷик рӯ ба муҳоҷирати меҳнатӣ меоранд. Қариб миллионҳо муҳоҷирони тоҷик дар Русия қарор доранд, ки шумораи зиёди онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд. Шумораи зиёди онҳоро ҷавононе ташкил медиҳанд, ҳоло оиларо барпо накардаанд, нав мактаби миёнаро хатм карданд, ташкил медиҳад [3,43].

Аз ин сабаб ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон яке аз талаботҳои зарурии ҷамъият ба ҳисоб меравад. Дар замони ҳозира дар ҷамъият дигаргуниҳои кулли ба вуҷуд омаданд. Он пеш аз ҳама ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии ҷавонон ва ташаккул додани афкори ҷамъиятии он таъсир мерасонад. Пеш аз ҳама бояд фаъолнокии ҷаҳонбинии иҷтимоии ҷавонон бояд баланд карда шавад ва баъдан дар шароити кунунӣ масоили ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инкишофи тарзу усулҳои минбаъдаи он, ки аҳамияти ҳаётӣ ва маънавӣ дорад. Маҳз ҷавонони бекор аз як тараф ҳамчун гуруҳи хавфнок барои ҷамъият ба ҳисоб мераванд. Зеро шумораи зиёди ҷавонони бекор ба ҳар гуна гуруҳҳои хавфнок дохил мешаванд ва барои ҷомеаи башар ҳамчун як гуруҳи хатарнок дониста мешаванд. Ҳарчанд ҷавонон неруи пешбари ҷомеа ба ҳисоб раванд ҳам, аммо боз шумораи зиёди ҷавонони ҷинояткор ҳам дида мешавад. Вобаста ба ин, сиёсатшинос К. Миралиев ки дар бахши истифодаи истилоҳи мафҳуми сиёсати давлатии ҷавонон собит менамояд: "Ҷавонон - ҳамчун таъсиснамоии гуруҳи иҷтимоӣ-демографие мебошанд, ки қисми нисбатан фаъоли эҷодкор ва нозуки аҳолиро дар бар мегиранд". Субъектҳои бозори меҳнат: кордеҳ ва намояндагони онҳо (иттифоқҳо): коргарон ва намояндагони онҳо (Иттиҳоди касаба): давлат ва мақомотҳои он: вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ: идораҳо, кумитаҳо ва раёсатҳои меҳнатӣ дохил шуда метавонанд. Барои паст намудани шумораи камбизоатӣ ва бекорӣ дар байни ҷавонон ислоҳоти бозори меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии бекорон тадбирҳои зерин андешидан сари вақтӣ мебошад:

Инкишоф додани иқтисоди миллӣ;

Баланд бардоштани музди меҳнат;

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд кардани маош;

Вориднамудани дигаргуниҳо дар соҳаи иқтисодӣ;

Татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва коммуникатсионӣ дар истеҳсолот пеш аз ҳама дар саноат;

Тарбия намудан кадрҳои баландихтисос ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар

Ҳавасмангардонӣ соҳибкорон ва сармоядорони тоҷик барои саҳм гузоштан дар рушди иқтисоди миллӣ.

Бекорӣ ҳам ба шахси алоҳида ва умуман ҳам ба ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Инсон худро чи дар оила чӣ ҷомеа таҳқиршуда, ҳуқуқҳои инсонии худро поймол меҳисобад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши хадамоти шуғли аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳо бекорӣ, тағйир додани рафтори меҳнатии шаҳрвандон дар шароитҳои бозоргонии субъектҳои хоҷагидорӣ ва кӯмаки иҷтимоии шаҳрвандон ниҳоят бузург аст. Онҳо кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки сафи камбизоатӣ ва бекорӣ дар байни ҷавонон кам шудан гирад. Давлат барои шахсоне, ки ҷойи кор ёфта наметавонанд имтиёзҳои зерин барои онҳо муҳайё карда истодааст. Аз ҷумла, кумакпулӣ як намуди он мебошад, шахсоне, ки ҳамчун бекор ба қайд гирифта мешаванд ҳар моҳ аз тарафи давлат кумакпулӣ мегиранд, то он даме, ки ҷойи кор наёфтанд. Ин як намуди имтиёз аз тарафи давлат барои шахсони бекор ба ҳисоб меравад. Барои шахси алоҳида бекорӣ-набудан коре аст, ки тавассути он шахс худро бо дар омади муайян таъмин карда метавонад. Тавассути бозори меҳнат қувваҳои фурӯши қувваи корӣ бо муҳлати муайян суръат мегирад. Дар бозори меҳнат қонуни пешниҳод ва дархост амал мекунад, ки тағйирёбии он ба музди меҳнат таъсир мерасонад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда ҷавонон дар пешравии ҷомеа,иқтисоди бозаргонӣ нақши бузурги худро мегузаронанд. Аз замонҳои қадим то ин ҷониб диққати ҷомеа ба ҷавонон буд. Онҳо дар ҳама соҳаҳои ҷамъият

фаъолона иштирок кардан ва дар пешравии он нақши худро мегузоштанд [1,50]. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатамон ин кам кардани бекорӣ мебошад.

Бекорӣ метавонад ба шахс ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати психологи таъсири манфӣ мерасонад. Шахс аз сабаби бекорӣ метавонад гирифтори беморӣ шавад. Зеро бекори аз ҷиҳати психологи ба шахс таъсир расонда, арзиши ӯро паст мекунанд ва дар шахс аз ҷиҳати бекорӣ худбаҳодиҳии паст ба вуҷуд меравад ва ҳатто шахс ба бемории руҳи низ гирифтор шуда метавонад. Ӯ худро як фарди беарзиш ва беқадруқимат дар оила ва ҳам дар ҷомеа ҳисоб карда, гирифтори ҳар гуна бемориҳои психологӣ мешавад.

### АДАБИЁТ


1.Асадуллоев Р.,Шарифов М. Ҷавонон – неруи пешбари ҷомеа / Р.асадуллоев. – Душанбе, 2005.– С. 30.

2.Безработица: понятие, виды, причины. Факт и естестуровни безработицы.[Электроныый ресурс]. – Режим доступа: https://scicenter.online/sotsiologiya-knigi-scicenter.html.

3. Гулов А.Б. Рушди иқтидори меҳнатӣ дар бахши аграрии минтақа / А.Б.Гулов. - Д.,2021. –197с.

4.Ҳасанов Ш.Қ., Буриев Н.С. Сиёсати Давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Қ. Ҳасанов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012.


### НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ


Дар мақолаи мазкур масъалаи нақши ҷавонон дар бозори меҳнат мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз давлат махсусан ба ин масъала диққати аввалиндараҷа равона месозад. Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, то вазъи кунунии ин масъаларо таҳлил намуда, барои бартараф намудани мушкилотҳо, хулоса ва пешниҳоди худро пешкаш намоем. Имрӯзҳо насли ҷавони кишварамон бо фаҳмиши масъулияти баланд, доштани иродаи мустаҳкам, садоқату муҳаббати ватандорӣ, эътиқод ба арзишу муқаддасоти миллӣ ва ақлу заковати худ исбот намуд, ки роҳи интихобкардаи мо дар масири ватансозиву ватандорӣ дуруст мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷавонон, бекорӣ, омилҳо, сабабҳо.


### РОЛЬ МОЛОДЕЖИ НА РЫНКЕ ТРУДА


В данной статье рассматривается роль молодежи на рынке труда. Сегодня государство уделяет этому вопросу особое внимание. В связи с этим в данной статье мы постарались проанализировать текущую ситуацию по данному вопросу и представить свои выводы и рекомендации по преодолению возникших проблем. Сегодня молодое поколение нашей страны, обладающее высоким чувством ответственности, сильной волей, преданностью и любовью к патриотизму, верой в национальные ценности и святость, интеллигентностью, доказало, что избранный нами путь является верным путем патриотизм.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: молодежь, безработица, факторы, причины


### THE ROLE OF YOUTH IN THE LABOR MARKET


This article discusses the issue of the role of youth in the labor market. Today the state pays special attention to this issue. In this regard, in this article we have tried to analyze the current situation of this issue and present our conclusions and recommendations for overcoming the problems. Today, the young generation of our country, with a high sense of responsibility, strong will, devotion and love of patriotism, belief in national values and sanctity, and intelligence, has proved that the path we have chosen is the right path of patriotism.



**KEYWORDS:** youth, unemployment, factors, reasons.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Баҳромбеков В.*** **-** номзади илмҳои фалсафа,дотсент Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ. Телефон: **(+992) 935493818.**

***Рамхудоева Зарифамо*** **-** магистранти соли дуюми Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ. Телефон: **(+992) 904006998.**

**Сведение об авторах**: ***Бахромбеков В.*** - кандидат философских наук, доцент Института философии, политологии и права им. Баховаддинов НАНТ. Телефон: **(+992) 935493818.**

***Рамхудоева Зарифамо*** – магистр 2 курса Института философии, политологии и права им. Баховаддинов НАНТ. Телефон: **(+992) 904006998.**

**Information about the authors**: ***Bahrombekov V.*** - candidate of philosophical sciences, associate professor of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov Academy of Sciences of Tajikistan. **Phone:** (+992) 935493818.

***Ramkhudoeva Zarifamo*** – second-year master`s student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: **(+992) 904006998.**

# ГУМАНИЗМ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ФАЛСАФӢ ВА АХЛОҚӢ

*Ҳакимова М.О.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маҳфуми гуманизм «humanitas» лотинӣ буда, маънояш инсонгароӣ, одамдӯстӣ ва ё башардӯстро дорад, ки мазмуну ақидаҳои таърихан тағйирёфта, эҳтиром ва қадру қиммати инсонро ифода карда, шароити заруриро барои инкишофи ҳаматарафаи ӯ тақозо менамояд. Гуманизм ҳамчун ҷараёни маданӣ, адабӣ, илмӣ - фалсафӣ буда, аввалан дар Италия зуҳур кардааст ва баъдтар дар Фаронса, Олмон, Англия ва дигар кишварҳо паҳн гардидааст. Дар он давра ба пайдоиши ақидаҳои гуманистӣ омилҳои зерин сабаб гардиданд:

–фаъолияти якҷояи меҳнаткашон ва муборизаи онҳо бар зидди истисмору нобаробариҳо;

–эҳтиёҷи озод шудан аз шиканҷаҳои ақидаҳои схоластикии асримиёнагӣ ва идеологияи динӣ;

–инкишофи пуравҷи қувваҳои истеҳсолкунанда ва илму санъат.

Аввалин маротиба истилоҳи гуманизмро файласуфи машҳури юнон Ситсерон дар солҳои (106-43)-то мелод истифода намудааст. Аммо агар ба таърихи ин истилоҳ назар афканем он дар замонҳои қадим дар мамлакатҳои Шарқ, хусусан дар Осиёи Миёна дар асрҳои III - II пеш аз милод дар китоби «Авесто» бо синонимҳои дигар ба монанди инсон, инсондӯстӣ, инсонпарварӣ, хулқи накӯи инсонӣ, истифода шудааст.

Асосгузори равияи гуманистӣ олим ва файласуфи барҷастаи амрикоӣ Франческо Петрарка (1304- 1374) мебошад. Ба ақидаи ӯ ба пайдоиши мафҳуми гуманизм омилҳои зерин сабаб гардидаанд:

а)инкишофи нерӯҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ, илм, фарҳанг афкори пешқадами фалсафӣ;

б)фаъолияти муштараки мардум, муборизаи зидди истисмору нобаробарӣ ва беадолатӣ, ёриву дастгирии ҳамдигарӣ;

в)эҳтиёҷи озод шудан аз шиканҷаҳои дар он замона мавҷуда;

г)мубориза бар зидди сохтори нобаробариҳои иҷтимоӣ;

Аз ибтидо ин калима дар муқобили ду гуруҳи мавҷудот, яъне мавҷудоти заминӣ, одамон аз як тараф ва сокинони осмон ё худоҳо (deusldivus, divinus) аз тарафи дигар будаанд. Дар охири асрҳои қадим ва асрҳои миёна олимон ва руҳониён байни “дивинитаҳо” фарқ мекарданд, ки маънояшон соҳаҳои дониш ва фаъолияти аз Китоби Муқаддас асосёфта ва гуманитаҳост, ки соҳаҳои марбут ба масъалаҳои амалии ҳаёти дунёро дар назар доранд. Азбаски ин соҳаи дуюм қисми зиёди илҳом ва ашёи хоми худро аз навиштаҳои қадимаи Рим ва Юнон гирифтааст, тарҷумонҳо ва муаллимони ин асарҳо, ки одатан итолиёӣ буданд, худро “umanisti” "гуманист" меномиданд [7, с.125].

Юманис истилоҳест, ки бори аввал дар асри XIX (соли 1808) дар асарҳои мутафаккирони олмонӣ истифода шудааст ва ба як навъи таълимоте ишора мекунад, ки ба асарҳои классикии юнонӣ ва лотинӣ нигаронида шудааст. Дере нагузашта дар Англия истилоҳи гуманизм пайдо шуд. Аввалин ҳуҷҷате, ки дар он истилоҳ истифода шудааст, асари Сэмюэл Тейлор Колериҷ дар соли 1812 буд. Дар ин асарҳо ӯ истилоҳи гуманизмро барои ишора ба нуқтаи назари масеҳӣ истифода кардааст, ки эътиқод ба табиати комили инсонии Исои Масеҳ аст. Ин мафҳум бори аввал дар маънои фарҳангии худ дар соли 1832 истифода шудааст [1. с.42.]. Имрӯз дарки умумии мафҳуми инсонпарварӣ - мухолифати он ба дин аст, аммо вожаи гуманизм худ аз худ маънои мухолифат бо дин ё мухолифат бо Худоро надорад.

**Гуманизми динӣ** гуманизмест, ки ба шаъну шараф ва волоияти инсон эътиқод дошта, эътиқоди динӣ ва метафизикиро ҳифз мекунад. Ба ибораи дигар гуманизми динӣ бо дигар гуманизмҳо хоҳиши нигоҳ доштани ҳаёти инсон ва баланд бардоштани сифати онро дорад, вале аз он иборат аст, ки сарчашмаи қудрати инсонӣ ва ҳадафи онро Худои офаридгори наҷотдиҳанда медонад. Ҳарчанд таърифе, ки барои гуманизми динӣ дода шудааст, маънои

умумӣ дорад ва бояд аз рӯйи мантиқ чунин бошад, дар ин ҷо гуманизми динӣ ба гуманизми насронӣ ишора мекунад, зеро он ба пайдоиш ва муҳите, ки инсонпарварӣ дар он ба вуҷуд омада ва ривоҷ ёфтааст ва вокунишҳое, ки теологҳои масеҳӣ ба он нишон медоданд ва бархӯрде, ки ба вуқуъ пайваст ва бо назардошти он ки бархе аз масоиле, ки дунявиятҳо дар бораи он ҳарф мезананд, дини насронӣ аст. Гуманизми динӣ гуманизми насронист. Нуқтаи дигари мавриди таваҷҷуҳ ин аст, ки тафсири дурусти ин навъи инсонпарварӣ - инсонпарварии динӣ аст. Зеро истилоҳи гуманизми динӣ дар назар дорад, ки ин навъи инсондӯстиро дин муаррифӣ карда, аз дин бармеояд, дар ҳоле ки дар таърифи ин навъи инсондӯстӣ ва боз ҳам равшантар баён шудааст, ин навъи инсондӯстиро диндорон пешниҳод кардаанд. Бо нигаҳдории эътиқоди динии худ аз баъзе масъалаҳо ба инсон шаъну шарафи хосе мебахшанд.

Ин гуна инсонпарварӣ дар Аврупои Шимолӣ зоҳир шуда, ба шиори машҳури инсонпарварӣ, ки бояд ба асли аслии худ бармегардад, пайравӣ мекард. Гуманистҳои Аврупои Шимолӣ мисли ҳамкасбони итолиёвии худ ба донишҳои классикӣ рӯ овардаанд ва асарҳои классикиро тарҷума карданд. Онҳо ҳис мекарданд, ки дар осори классикӣ принсипҳои ахлоқӣ мавҷуд аст, ки нисбат ба баҳсу мунозираҳои теологии уламои асримиёнагӣ инсонпарвартаранд. Шиори «Бозгашт ба сарчашмаҳо» то он даме, ки ба калисо дахл дошт, маънои бозгашти мустақим ба сарчашмаҳои аслии насронӣ, нависандагони патриархалӣ ва пеш аз ҳама, Инҷилро дошт. Аз ин рӯ, гуманистҳои шимолӣ ба навиштаҳои Аҳди Қадим истинод карда, асосан ба сарчашмаҳои аввали масеҳият, аз қабили Инҷил ва навиштаҳои падарони калисо, аз қабили Августин, Амброуз ва Ҷером ишора карданд. Аз нигоҳи ин гуманистҳо матнҳои классикӣ таҷрибаро ба наслҳои оянда меомӯзонанд. Ин таҷрибаҳо метавонанд бо ҳамин тарз дар болои матнҳо кор кардан такрор шаванд. Ба маънии дунявӣ инсон меъёри ҳама чиз аст. Инсон меъёри ниҳоӣ ва асосист, ки тамоми ҳаёт дар асоси он андоза ва баҳо дода мешавад. Масъалаҳое, аз қабили қонун, адолат, некӣ, зебоӣ, дуруст ва нодуруст, ҳама аз рӯи қоидаҳои инсонӣ, бидуни эътиқод ба Худо ва Китоби Муқаддас баҳо дода мешаванд. Инсон меъёри шинохт, меъёри арзиш ва меъёри машруъият, дурусту нодуруст аст. Ин дидгоҳро метавон дар осори мутафаккирон ба мисли Маркс, Кант ва Огюст Конт ва баъдан дар мактабҳое чун “Экзистенсиализм” дидан мумкин аст. Андешаҳои гуманизми дунявӣ дар ду манифест, ки яке дар соли 1933 ва дигаре дар соли 1973 нашр шудаанд, дидан мумкин аст.

Гуманизми дунявӣ раванди эволютсиониро аз ибтидои Ренессанс оғоз кардааст:

Дар иқдоми нахуст, ки дар асрҳои XVI-XVII огоз ёфт, инсон бераҳмона решаҳои ғизоии онро фаромӯш карда, тамаддунеро бар пояи нерӯи хиради инсонӣ барпо кард. Ин дар ҳоле буд, ки ӯ ҳанӯз ба намунаи масеҳӣ пайравӣ мекард.

Дар марҳилаи дуюм, ки қарни XVIII- XIX-ро дар бар мегирад, инсон худро аз меъёрҳои ғайритабиатӣ ҷудо карда, муътақид буд, ки бояд худро аз хурофотҳои дини насронии ваҳй раҳо гардонад ва худро ба некиҳои фитрӣ мубтало намояд.

Қадами сеюм - замони сарнагуни моддии арзишҳо, замони револютсияе, ки дар он одам қатъиян ба худаш хотима медиҳад.

Ба андешаи гуманистҳо, сарчашмаи арзишҳои ахлоқӣ худи инсон ва таҷрибаҳои ӯ аст ва набояд дар масъалаҳои метафизикӣ сарчашмаи арзишҳоро ҷустуҷӯ кард. Аз ин ҷост, ки аксарияти гуманистҳо чунин мешуморанд, ки инсон қодир аст сарчашмаҳои ҳаёти аз ҷиҳати ахлоқӣ некро кашф кунад. Аз ҳамин сабаб гуманистҳо аз қонуну фармонҳои аз дин бархосташуда танқиди ҷиддӣ мекунанд. Ба гуфтаи ӯ, динҳои илоҳӣ ҳамеша беҳтарин ғаризаҳои инсониро поймол карда, озодии инсонро нодида гирифтаанд. Азбаски сарчашмаи арзишҳо худи инсон аст, ҳеҷ арзиш ё меъёри мутлақ аз он чизе, ки инсон инфиродӣ ё иҷтимоӣ интихоб мекунад, ҷудо нест. Тавре зикр гардид, арзишҳои ахлоқӣ, ки бар нуқтаи назари индивидуалистии инсонпарварӣ асос ёфтаанд, масъалаҳои инфиродӣ ва шахсӣ мебошанд, ки асли онҳо табиати инсонист (бо хусусияти табиатпарастии гуманистҳо мувофиқ аст). Швейтсер навишта буд: «Барои одами воқеан ахлоқӣ тамоми ҳаёт муқаддас аст, ҳатто он ҳаёте, ки аз нигоҳи инсонии мо паст ба назар мерасад» [6, с-78].

Ин фардикунонӣ ва нисбии арзишҳо боиси буҳрони ахлоқӣ дар Ғарб гардид. Буҳрон, ки аз Нитше (ки бо "болғаи фалсафа"-и худ тамоми пояҳои арзишманди тамаддуни ғарбиро аз Суқрот сар карда, рад ва беқурб кард) як воқеияти пазируфташуда дар Ғарб гардид. Ин

бухрон то "бегонагӣ" ва "танҳоӣ"-и инсон расид. Ин шахспарастии шадид дар муносибатҳои инсонӣ як навъ фазои нофаҳмӣ, ғалат ва тарки мардумро ба вуҷуд овард ва ба таъбири Жан-Пол Сартр, инсон ба як "объекти худ" табдил ёфт, ки берун аз зоҳираш ҳеҷ гоҳ ба дигарон ошкор намешавад. Экзистенсиалистҳо дар пайи Сартр бо такя ба ҳамин дидгоҳ изтироб ва танҳоиро сарнавишти инсони имрӯз донистаанд. Яке аз мавзуҳои баррасӣ ва таъкиди гуманитарӣ, озодӣ ва қудрати инсон аст. Иқтидори ба амал баровардани он дар табиат ва ҷамъият ва ба амал овардани дигаргуниҳо дар он тартибе, ки дар асрҳои миёна ба дахлнопазирии он таъкид мекард. Дар асрҳои миёна ақидае пайдо мешуд, ки ҳама чизҳо, чи моддӣ ва чӣ маънавӣ, аз як низоме, ки инсон дар он аст, сарчашма мегирад ва пирони руҳонӣ тарҷумон ва нигаҳбони он низом ҳастанд. Аммо ба ақидаи инсонпарварӣ, инсон қодир аст мустақилона муҳити зист ва зиндагии худро тарҳрезӣ кунад. Инсон қодир аст, ки барои инсон ва ҷомеаи худ қонуни ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ созад ва ҳатто бояд гуфт, ки асоси корҳои ахлоқию ҳуқуқӣ дар худи инсонҳо ва пояи онҳо худи инсон аст.

Яке аз ҷузъҳои аслии инсондӯстӣ ратсионализм ва эътиқод ба худкифоӣ ва истиқлолияти ақли инсон дар шинохту ҳастӣ, хушбахтии ҳақиқӣ ва роҳ ба он аст. Гуманистҳо дар ҷанбаи гносеологӣ бар ин бовар буданд, ки он чизе, ки бо чанголи нерӯи ақли инсон наметавон кашф кард, вуҷуд надорад ва аз ин рӯ дар ҷанбаи онтологӣ ҳама гуна мавҷудоти ғайритабиӣ, аз қабили Худо, ваҳй, эҳё ва муъҷиза - тавре ки дар китоби динӣ пешниҳод шудааст, вуҷуд надорад. Онҳоро иддаоҳои исботнашуда медонистанд ва дар ҷанбаи гносеологӣ низ боварӣ доштанд, ки арзишҳои ҳуқуқӣ бояд бо кӯмаки зеҳни инсон муайян карда шаванд. Натиҷаи чунин тафаккур стиентизм ё илмшиносӣ аст. Ба ин хусумати гуманистҳо нисбат ба асрҳои миёна ва ба Юнони қадим сахт пайваст будани онҳо шаҳодат медиҳад. Онҳо Юнони қадимро асри ақл ва асрҳои миёнаро асри ҷаҳолат ва хурофот медонистанд. Ин ратсионализм ва эмпиризми густурда соҳаҳои арзишҳои дин ва ахлоқро низ дар бар мегирифт. Онҳо бар ин бовар буданд, ки ҳама чиз, аз ҷумла қоидаҳои ахлоқӣ аз дасти одам сохта шудааст ва бояд бошад. Волтер Липпман дар китоби «Муқаддима ба ахлоқ» менависад: «Одамон бояд меъёрҳои ахлоқиро дар таҷрибаи инсонӣ пайдо кунанд ва бояд ... бо эътиқод зиндагӣ кунанд, ки он чизе, ки барои инсон зарур ва муҳим аст, на он аст, ки иродаи худро бо иродаи Худо иҷро кунад, балки хоҳиши инсон бояд мувофиқи дониши беҳтарини шароити некуаҳволии инсон бошанд. Яке аз принсипҳои инсонпарварӣ озодӣ аз ҳама гуна маҳдудиятҳои берун аз худи инсон мебошад. Худи инсон метавонад мавқеъ ва табиати худро интихоб кунад ва онро ба ҳар тарзе ки хоҳад, шакл диҳад. Ин озодии бемаънӣ роҳро барои таҳқир ва беэътиноӣ ба ҳақиқатҳои ахлоқӣ ва муқаддас боз мекунад ва ба ин васила роҳро барои тасарруфи ҳаво ва нафси башарӣ боз мекунад. Мавҷудияти фосилаи амиқ байни инсондӯстӣ ҳамчун вориси ақлӣ ва он чи дар амал ва матни таърихи ҳукмронии инсонпарварӣ бар ҷомеаҳои башарӣ анҷом шудааст, яке аз интиқодҳои бунёдии афкори инсонпарварист. Ҷунбиши инсондӯстона ба ҷои эҳтиром гузоштан ба мақоми инсон, ӯро дар амал қурбонии ин афюни нав гардонид ва даъвогарони ҳуқуқи башар ин истилоҳро ба манофеи худ сӯиистифода карданд. Аз ибтидо, ки дар бораи ҳуқуқ ба зиндагӣ, озодӣ, хушбахтӣ ва некӯаҳволӣ ҳамчун ҳуқуқи инсонпарваронаи инсон сухан мерафт, то як аср пас дар Амрико ғуломии сиёҳпӯстон қонунӣ буд [4,с-110] ва як гуруҳи калони инсон дар ҷамъият бо номи гуманизми муосир зулм мекарданд. Натсизм, фашизм ва империализм дугона, якхела ва бо гуманизм алоқаманд буданд. Гуманистҳои дунявӣ, ки марказӣ ва миқёси инсонро барои ҳама чиз ва инкори ҳаргуна ҳақиқатҳои абадӣ ва мутлақ ва инкори мавҷудоти ғайритабиӣ, аз ҷумла Худо ва охират таъкид мекунанд, ба чӣ далел чунин даъвоҳои бузурге кардаанд? Дар ҷанбаи онтологӣ ва гносеологӣ барои тарки мутлақ ва озодии инсонҳо, инкори Худо ва низоме, ки аз он бармеояд ва ниёзе ба ваҳй вуҷуд надорад ва на дар ҷанбаи аксиологӣ, далели боварибахши ахлоқӣ вуҷуд надорад ва арзишҳои ҳуқуқӣ, ки бар ормонҳо асос ёфтаанд, ормонҳо, ақидаҳо ва андешаҳои инсонӣ баён шудаанд ва чунин масъалаҳои фикрӣ ва фалсафӣ бо таҳлили равонии баъзе файласуфони гуманистӣ инкор ва собит шуда наметавонанд, балки далелҳои ақлӣ ва ривоятӣ ва далелҳои эмперикӣ ба муқобил далолат мекунанд [3, с-53]. Аксарияти куллии гуманистҳо ба як навъ натурализм дар бораи инсон бовар доранд. Аз ин рӯ, инсон ҳамчун мавҷуди табиӣ ва баробар ба ҳайвонот муаррифӣ карда мешавад. Оқибатҳои ин гуна

муносибат ба инсон, аз як сӯ тиҷоратчигӣ ва асолати неъматҳои моддӣ, фасод ва сукути инсон ва аз сӯи дигар, инкори ҳар гуна арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва трансcендеталӣ, фазилатҳо, камолоти маънавӣ ва саодати абадӣ буд. Дар воқеъ, инсонпарварӣ инсон ва мавқеи бузурги ӯро дар олам хор карда, инсонро, ки аз нигоҳи дин шарифтарин махлуқот ва маркази таваҷҷуҳи ҷаҳониён ва амири илоҳӣ аст, як мавҷуди танҳову фард гардонид, ки маҳсули эволютсияи биологии хайвонот ва баръакс ба маймуну шимпанзе табдил ёфта, тамоми арзишҳои маънавӣ ва бузургии маънавии худро инкор мекард. Рене Гуэнон менависад: «Дар ҷаҳонбинии мазҳабӣ инсон арзишмандтарин махлуқоте буд, ки тамоми мавҷудот ва махлуқот барои истифода ва истисмор офарида шудаанд ва арзиш ва бузургии ӯ ба ҳадде буд, ки фариштагон аз ҷониби Худованд ба саҷдааш супориш шуда буданд, аммо аз нигоҳи афкори инсонӣ инсон тамоми ҳастӣ ва оламро дар бегонагӣ аз худ медид ва иртиботаш бо маънавиёт канда шуд. Ӯ дар ҷаҳоне, ки нобино ва беҳуш буд, худро бегона ва изтироб ҳис мекард». Принсипи дигари гуманистҳо ин таҳаммулпазирии мутлақ аст. Ин масъала дар баробари асос ёфтан ба пояҳои нисбӣ ва шакку шубҳаи ирфонӣ, ки рад мешаванд, бо он чӣ дар таълимоти динҳои биҳиштӣ, бахусус Ислом, ба шеваҳои мухталиф баён шудааст, созгор нест, аммо мухолифат низ дорад. Ислом дар баробари дигар динҳо ва пайравони онҳо таҳаммулпазириро намепазирад ва дар баробари куфр ва бединӣ мавқеи оштинопазир дорад. Дар мавриди пайравони дигар динҳои биҳиштӣ, таҳаммулпазирии исломӣ маҳдудият ва чаҳорчӯби хоси худро дорад ва таблиғи бечунучарои динҳо дар ҷомеаи исломӣ ва миёни мусалмонон пазируфта намешавад. Вақте ки ҳақиқат дар тафаккури гуманистӣ ҷойгоҳи худро гирифт, ҷаҳоне ба вуҷуд омад, ки дар он воқеият низ пас аз муддате пажмурда ва ғайривоқеӣ шуд, зеро фаромӯш кардани ҳақиқат танҳо боиси ба холӣ ва нестӣ расидан хоҳад буд. Яке аз паёмадҳои ин холӣ ва нестӣ фирор аз инсонҳост, ки бо даст задан ба маводи мухаддир ва ё даст задан ба ҷинсият ва омехта кардани он бо сиёсат аст. Чунон ки Вилгелм Рейх онро таъриф карда, озодии ҷинсиро муқаддимаи сарнагун кардани дунёи капиталистӣ медонист. Дар чунин вазъият, бешак, ҳама чиз ҷоиз аст ва ҳар кас худро дар ҳар соҳа мутахассис ва донишманд медонад, аммо шояд дар ҳеҷ як соҳаи дигар ин беманфиатӣ ба мисли санъат равшан нест. Дар ин арса одами наве пайдо мешавад, ки зидди санъат аст ва аз марги санъат хабар медиҳад. Чунон ки марги Худо, ба гуфтаи Мишел Фуко, боиси марги инсон мегардад, марги инсон низ ба марги санъат мебарад [5, с-21]. Вақте инсон Худоро фаромӯш мекунад, худашро низ фаромӯш мекунад ва дар ин фаромӯшӣ ҷойе барои паҳлӯҳои мухталифи зиндагии башар, аз қабили сиёсат, фарҳанг ва иқтисодӣ намемонад ва ин ҳама ҷанбаҳо ба навъе дар нестӣ ва фаромӯшӣ мемонанд. Дар баробари ин, одами бемаънӣ гӯё бо партовҳои партофтааш ва бо зӯроварӣ ва ҷинояткорӣ, ки ҳадаф надорад, бозӣ мекунад, то гӯё аз маҳбаси сохтааш фирор кунад ва хоҳишҳои ӯ дар таркиши беист наҷот ёбад.

Рукни дигари ҷаҳонбинии инсонпарварӣ ин «фардпарастӣ» мебошад. Доираи таъсири инфиродӣ дар тафаккури муосири Ғарб ба ҳадде аст, ки дар тамоми руки҇ои илм ва андешаи ғарбӣ як навъ буҳрони фарогирро ба вуҷуд овардааст, буҳроне, ки баъзе мутафаккирони ғарбӣ низ дар бораи он гуфтаанд. Эдмунд Ҳуссерл, асосгузори мактаби фалсафии феноменология, дар конфронсҳои машҳури соли 1935 аз ин буҳронҳо ҳамчун "буҳрони инсонии аврупоӣ" ном бурда буд. Ба гуфтаи Ҳуссерл, буҳрон ба дараҷае амиқ аст, ки вай ба наҷоти Ғарб шубҳа дорад. Пешрафти илм, ки ба шахспарастӣ асос ёфтааст, инсонро ба вестибюли фанҳои махсус андохтааст. Инсон баробари пешравии дониши худ тамоми дунё ва худ аз чашми ӯ дуртар мешавад [2, с-25].

Ҳамин тавр, Гуманизми нав, ки дар замони Ренессанси Ғарб оғоз шуда буд, се марҳиларо паси сар кард. Гуманизм тамоми соҳаҳои тамаддуни ғарбиро бо стандартизатсияи инсон ва пешниҳоди принсипҳо, аз қабили натурализм, сарчашмаи арзиши инсон, озодӣ ва таҳаммулпазирӣ фаро мегирад, аммо инсондӯстӣ ба далели шаклу паёмадҳои зиёди номатлуб, аз қабили нисбият, беэҳтиромӣ ба принсипҳои ахлоқӣ ва арзишӣ, зиддият дар андеша ва амал, сарнагунии инсон қобили қабул нест.

**АДАБИЁТ**


1. Бабак Аҳмадӣ, Мушкилоти муосир / Бабак Аҳмадӣ.Ч II. - Теҳрон, Марказ. 2001, -42 с.
2. Заршенас, Шаҳриёр.Муқаддима ба инсонпарварӣ ва романнависӣ / Заршенас. - Теҳрон.1991, -25 с.

3. Маҳмуд Раҷабӣ, Антропология, Қ 15, Қум, Пажӯҳишгоҳи таълимӣ ва тадқиқотии Имом Хумайнии Қудс. 2011, -53-55 с.
4. Рене Декарт, Андешаҳо дар бораи фалсафаи аввал, тарҷумаи Аҳмад Аҳмадӣ - Ч III, Теҳрон, Самат. 2002, -110-111с.
5. Дориюш Шайган. Осиё бар зидди Ғарб, Қ. II / Дориюш Шайган. – Теҳрон, 1993, -21-30 с.
6. Швейцер А. Благоговение перед жизнью / А.Швейцер.- М.: Прогресс, 1992, -78 с.
7. Эндрю Лаланд, Энсиклопедияи фалсафии Лаланд, нашрияҳои Авидат, Бейрут. 1997, -125-126с.

**ГУМАНИЗМ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ ФАЛСАФӢ ВА АХЛОҚӢ**

Дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиши мафҳуми “гуманизм” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Чи тавре ки аз манбаъҳо бармеоянд, мафҳуми “гуманизм” ҳамчун ҷараёни маданӣ, адабӣ, илмӣ-фалсафӣ буда, аввалин маротиба дар Италия пайдо шудааст, баъдтар дар дигар кишварҳои Ғарб паҳн гардидааст. Мафҳуми гуманизм дар таълимотҳои дини Масеҳӣ ифода ёфтааст ва ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Баъдан дар таълимотҳои фалсафии мутафаккирони ғарб дар асрҳои XVII мундараҷаи мафҳуми гуманизм инкишоф ва таҳаввул ёфтааст. Дар мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки тобиши мундариҷавии мафҳуми “гуманизми динӣ” ва “гуманизми илмӣ”-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. Ба ақидаи муаллиф асоси гуманзиро хирадгароӣ ташкил мекунад. Дар асри XXI гуманизм бояд принсипи асосии фаъолияти ҳар як инсон бошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** гуманизм, хирадгароӣ, гуманизми динӣ, арзиш, ахлоқ, гуманизми дунявӣ, таҳаммулпазирӣ, фардигароӣ.

**ГУМАНИЗМ КАК ФИЛОСОФСКО-НРАВСТВЕННАЯ КАТЕГОРИЯ**

В данной статье рассматривается история возникновения понятия «гуманизм». Согласно источникам, понятие «гуманизм» представляет собой культурный, литературный, научный и философский процесс, впервые возникший в Италии, а затем распространившийся на другие западные страны. Концепция гуманизма выражена в христианских религиозных учениях и занимает особое место. Позже, в философских учениях западных мыслителей XVII века, концепция гуманизма развивалась и образовалась. В статье автор пытается проанализировать нюансы содержания понятий «религиозный гуманизм» и «научный гуманизм». По мнению автора, основой гуманизма является рационализм. В XXI веке гуманизм должен быть главным принципом любой человеческой деятельности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: гуманизм, рационализм, религиозный гуманизм, ценность, нравственность, светский гуманизм, толерантность, индивидуализм.

**HUMANISM AS A PHILOSOPHICAL AND MORAL CATEGORY**

This article discusses the history of the concept of "humanism". According to the sources, the concept of "humanism" is a cultural, literary, scientific and philosophical process that first arose in Italy and then spread to other Western countries. The concept of humanism is expressed in Christian religious teachings and occupies a special place. Later, in the philosophical teachings of Western thinkers of the 17th century, the concept of humanism developed and formed. In the article, the author tries to analyze the nuances of the concepts of "religious humanism" and "scientific humanism". According to the author, the basis of humanism is rationalism. In the 21st century, humanism should be the main principle of any human activity.

**KEYWORDS**: humanism, rationalism, religious humanism, value, morality, secular humanism, tolerance, individualism.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ҳакимова Мунира Оймаҳмадовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти соли дуюми факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+ 992-987-54-54-52.**

**Сведение об авторе**: ***Хакимова Мунира Оймахмадовна*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+ 992-987-54-54-52.**

**Information about the author**: ***Khakimova Munira Oymahmadovna*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+ 992-987-54-54-52.**

# ВАТАНДӮСТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲАЁТИ СИЁСӢ

***Саноӣ Э. С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳое, ки дар ҳама давру замон диққати мутафаккирон ва муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб намудааст, ин масъалаи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад. Муҳиммияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи ватандӯстӣ ва эҳтирому

ҳимояи арзишҳои Ватан дар пешрафт ва инкишофи давлатҳои мухталифи олам саҳми беандоза бузург дорад. Ватандӯстӣ ҳамчун замина ва омили таъсиррасон дар рӯоварӣ ба ҳаёти сиёсии давлатҳо нақш ва мавқеи устуворро касб кардааст. Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмату сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Аз ин ҷост, ки меҳру муҳаббат ба Модар – Ватан, эҳсоси ватандӯстию ватанхоҳӣ дар қалби ҳар фарди некном аз овони ҷавонӣ, аз он рӯзе, ки худ ва қадру қимати инсонии дигаронро шинохту дарк кард, шуруъ мешавад.[16, 148]. Ватан яке аз арзишҳои муқаддасе ба ҳисоб меравад, ки интихобӣ нест. Он арзише ба ҳисоб меравад, ки бар ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст, ноёбу беҳамтост. Ватан – макони муқаддас, ҷойи тавлиди шахсиятҳои бузург, домони баркамолрасонандаи адибону шоирон, олимон, сарбозони далеру номдор, фарзандони бонангу номусу ватандӯст мебошад. Ватанро дӯст доштан, обод кардан, ба қадри неъматҳои он расидан вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад.

Ватан – сарзамине, ки шахс дар онҷо чашм ба олами ҳастӣ боз менамояд ва рушду инкишоф меёбад. Муҳаббат ба Ватан ва ҳифозат аз он қарзи шаҳрвандии ҳар як шахс ба ҳисоб меравад. Мутафаккирони зиёде мавзуи Ватану ватандӯстиро дар асарҳои худ васф кардаанд ва мо бошад кӯшиш намоем то ватандӯстиро бештар аз ҷиҳатҳои сиёсиаш мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор диҳем. Нақш ва мақоми ватандӯстӣ дар ташаккули ҳаёти сиёсии кишварҳои гуногуни ҷаҳонӣ бениҳоят бузург аст. Маҳз ватандӯстӣ яке аз сабабҳои рӯоварии одамон ба ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ мегардад, дар ин замина шаҳрвандон дарк менамоянд, ки иштироки онҳо дар маъракаҳои сиёсӣ ва мақомотҳои давлатӣ боиси пешрафту инкишофи кишварашон мегардад. Ҷалб гардидани шаҳрвандон ба фаъолияти сиёсӣ ва ҳаёти сиёсӣ ҳар чи бештару беҳтар мегардад. Ватандӯстӣ ( юн. πατριώτης — “ҳамватан”, πατρίς — “ватан”) принсипи сиёсӣ, эҳсоси иҷтимоӣ, мазмуни он муҳаббату дилбастагӣ ба Ватан, садоқат ва омода будан ба ҳама гуна қурбониҳо ба хотири Ватан мебошад. [18, 164]. Ватандӯстӣ ифтихор аз дастовардҳо ва фарҳанги ватани худ, хоҳиши нигоҳ доштани хислат ва хусусиятҳои фарҳангии он ва худшиносӣ (таҷрибаи махсуси эмотсионалии мансубият ба кишвар ва шаҳрвандӣ, забон, анъанаҳои худ), майлу ҳохиши ҳифзи манфиатҳои Ватан ва халқи худ. [17, 19]. Муҳаққиқи тоҷик, профессор, Г.Н. Зокиров мафҳуми ватандӯстиро чунин шарҳ додааст: Патриотизм (юнонӣ. Patris - Ватан) – муҳаббат ба Ватан. Патриотизм амалҳоеро фаро мегирад, ки бахри ҳимояи манфиатҳои Ватан, кишвар равона гардидаанд. Он яке аз ҳиссиётҳои амиқ аст, ки ба замин ва маданияти асили халқи хеш дар натиҷаи фаъолияти наслҳои гуногун ташаккул меёбад. Баъзан патриотизмро дар муқобили мафҳуми “миллатгароӣ” истифода менамоянд, ки чандон ба воқеият рост намеояд. Ватанпарвариро дар ҳеҷ сурат ба муҳаббат ба Ватан муқобил гузоштан мумкин нест, зеро ватанпарвари асил бар зидди манфиатҳои халқҳо ва кишварҳои дигар баромад наменамояд. [3, 484]. Сарчашмаи таърихии ватандӯстӣ дар тули асрҳо ва ҳазорсолаҳо дар шароити мавҷудияти устувори давлатҳои ҷудогона, ташаккули дилбастагӣ ба ватан, забон, анъанаҳои худ ташаккул ёфтааст. Дар шароити ташаккули миллатҳо ва давлатҳои миллӣ, ватандӯстӣ дар асри XVIII ҷузъи ҷудонашавандаи шуури ҷамъиятӣ гардида, худшиносии миллиро дар рушди худ инъикос менамояд. Дар давоми асри XVII калимаи “патриот” дар забони сиёсии Аврупои Марбӣ мустаҳкам ҷой гирифтааст. Дар ин давра хидмат ба Ватан гуфта, пеш аз ҳама, хидмат ба монарх фаҳмида мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки монархия хамчун ягона шакли имконпазири мавҷудияти давлат фахмида мешуд. Чунон ки шоири англис Ҷон Драйден навиштааст: “Ватандӯст дар назди Подшоҳу Ватан вазифадор аст”.

Истилоҳи “ватандӯстӣ”-ро шахсиятҳои равшанфикр, пеш аз ҳама фаронсавиҳо дар асри XVIII ба муомилот ворид кардаанд. Дар ин давра оҳиста – оҳиста фаҳми монархии ватандӯстӣ коста гардида, фаҳми шаҳрвандии ватандӯстӣ ва хусусияти демократии он бештар паҳн мегардад. Ба ақидаи мутафаккирони фаронсавӣ муҳаббат ба Ватан аз давлат ҷудо буда, дар замони демократия (ҳокимияти халқ) ба дараҷаи олӣ мерасад (ки бо эътирофи мардум ҳамчун манбаи қудрат алоқаманд аст). Маорифпарварони фаронсавӣ ба тарбияи ватандӯстӣ аҳамияти калон медоданд: “Фарзанд чашм кушода аввал Ватанро бубинад ва то дами марг майр аз Ватан чизи дигареро бояд набинад”. Таълимот дар бораи ватандӯстӣ ҳамчун қисми таркибии назарияи умумӣ ба миён омадааст, ки мақсади асосии он ҳимояи манфиатҳои халқ мебошад. Мояи ватандӯстиро олимон дар даврае пешниҳод

намуданд, ки буржуазия тавлид ёфта, бо феодализм барои ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебурд ва вобаста ба вазъи мушаххаси сиёсӣ ва моявии ҷомеа рушд меёфт. Агар ба назар гирем, ки ватандӯстӣ дар натиҷаи қонунияти инкишофи таърихӣ ба миён омадааст, метавон муайян намуд, ки мафҳуми ватандӯстӣ дар як вақт дар мамлакатҳои гуногун дар давраи барқароршавӣ ва мустаҳкамгардии яккаҳокимиятӣ ба миён омадааст. Аммо вобаста ба давру замон, махсусан дар раванди тамйирёбии сохтори сиёсии ҷомеа ва дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ ватандӯстӣ низ мазмун ва моҳияти худро тамйир медиҳад. Ин аст, ки бори аввал дар давраи Инқилоби бузурги Франсия мафҳуми "ватандӯст" ҷойгоҳи худро дар луматҳои сиёсӣ пайдо менамояд. Дар он замон, ватандӯстон дӯстони ватан ва озодӣ ба шумор рафта, одатан инқилобчиён, душманони яккаҳокимиятӣ, мухолифони ҳокимияти мутлақ ва феодализмро ватандӯст ном мебурданд. Ватандӯстӣ "дини дунявии" ба худ хос гардид, ки бар ивази мояҳои аз ҷониби калисо ҷоригардида ба миён омад. [14, 280]

Мояҳои ватандӯстӣ дар рафти Инқилоби буржуазии Франсия дар асри XVII аз ҷониби Т. Гоббс ва Ҷ. Локк пешниҳод гардиданд. Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ дар шароити бухрони феодализм ба миён омада, дар асри XVII пеш аз инқилоби Франсия ба сатҳи олии худ расидааст. Ватандӯстӣ ҳатто ба раванди татбиқи инқилобҳои буржуазӣ таъсир расонидааст. Офарандаи назарияи ватандӯстӣ, ки манфиатҳои буржуазияи он давраро инъикос менамуд, файласуфи франсуз Ж.Ж. Руссо ба ҳисоб мерафт. Ӯ ба мафҳуми Ватан ва моҳияти он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз менамуд, ки Ватан - ин на танҳо заминест, ки тамоми талаботҳои ҳаётии инсонро қонеъ гардонида ӯро чунин одат ба ватан вобаста кардааст, ин на танҳо ҷойи маъмулӣ, балки ватан муҳаббатест, ки ба мо наздик мебошад. Ӯ инчунин қайд менамояд, ки бигузор Ватан худро ҳамчун модари умумии шаҳрвандон зоҳир намояд, бигузор он манфиатҳое, ки онҳо аз Ватани худ истифода мебаранд, онро барои одамон азиз гардонад. Давлат, дар навбати худ, ба одамон ҳисси кофии идоракунии ҷамъиятиро медиҳад, то ки онҳо худро озод ҳис намоянд. Чунин вазъ бояд аз тарафи қонун дастгирӣ карда шавад. Ватан наметавонад бе озодӣ, бе накукорӣ ва бе шаҳрвандон вуҷуд дошта бошад. Чунин формулаи хушку холӣ бо мазмуни маънавӣ, эстетикӣ ва инсонӣ пурра карда мешавад. Барои Ж.Ж. Руссо ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ аз ҳам тафовут доранд ва аз муқобилгузории мафҳумҳои "инсон" ва "шаҳрванд" иборат мебошанд. Ба андешаи ӯ, ҳам шаҳрванд ва ҳам ватандӯст танҳо дар доираи миллат – давлат дарк карда мешаванд: "На шаҳрванд, на ватандӯст наметавонанд беватан (космополит) бошанд. Онҳо ватандӯстиро ҳамчун ҳисси олӣ ва амиқ муайян менамоянд, ки ба худи онҳо муҳаббат мебахшад ... ва қувваеро медиҳад, ки ... онро ба ҳиссиёти аз ҳама қаҳрамонона табдил медиҳад". Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки бори аввал тафовути мафҳумҳои "шаҳрвандӣ" ва "ватандӯстӣ" аз ҷониби Ж.Ж.Руссо муайян карда шудааст. Дар маҷмуъ, ба андешаи ӯ, ватандӯстӣ накукории олиест, ки инъикосгари муҳаббати инсони озод нисбати худ ва ба воситаи худ нисбати Ватани худ мебошад. [15, 125].

Г.Ф. Гегел зери мафҳуми ватандӯстӣ эҳсосеро дар назар дорад, ки дар вазъияти барои мамлакат хатарнок, вақте ки унсурҳои қаҳрамононаи хислати халқидошта бо онҳо ифода меёбанд, зоҳир мегардад. [1, 74]. Г.Ф. Гегел ватандӯстиро маҳсули ба ном "давлати мутлақ" ҳисобида, ақидаҳои худро бо назарияҳои материалистони франсуз муқобил гузошта, навиштааст: "Ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ дар руҳияи халқ дорои ҷавҳари маънавии худ мебошад.. Лекин дар асоси ватандӯстӣ на…, балки чунин руҳия дар дарки мутлақияти давлат нуҳуфта аст… Давлат аз шартномаи мушаххаси як шахс бо ҳама ва ё ҳама бо як шахс ва ё шахсони алоҳида ва ҳукумат байни ҳам асос наёфтааст. Иродаи умумӣ ифодаи иродаи шахси ҷудогона нест. Он иродаи умумӣ мебошад, ки барои афрод дар худ ва ё барои худ ҳатмӣ мебошад". Дар чунин шароит Г.Ф. Гегел моҳияти сиёсии ватандӯстиро ба тарви зерин хулосабарорӣ менамояд: "...тайёр будан барои додани дороӣ ва ҳаёти худ бахри халқ ҳамон қадар зиёд аст, ба монанди он ки шахси алоҳида метавонад барои кори умумӣ бо иродаи худ ва мустақилона амал кунад ва ҳамон қадар зиёд ба давлат боварӣ эҳсос намояд". Г.Ф. Гегел дар бораи ватандӯстӣ мулоҳизаронии худро идома дода, иброз медорад: "Агар дарвоқеъ ба фаъолияти одамон аз нуқтаи назари ҳуқуқ назар андозем, чунин манзараро дармеёбем: вақте ки давлат ҳуқуқҳои хусусии

шахсони алоҳидаро ҳифз менамояд, шахси алоҳида бошад, пеш аз ҳама, моликияти худро дар назар дорад, аммо додани як қисми моликият ба давлат нигоҳдории боқимондаи онро ба куллӣ имконпазир мегардонад. Ватандӯстӣ, на аз чунин манфиат, балки аз дарки мутлақияти давлат бармеояд. Чунин кайфият, тайёр будан барои додани тамоми дороии худ ва ҳаёти худ ба хотири ягонагии халқ, ҳамон қадар зиёд аст, агар шахси алоҳида тавонад барои кори умумӣ аз рӯйи иродаи худ ва мустақилона амал намояд ва ҳамон қадар зиёд ӯ нисбати давлат боварӣ ҳис намояд". Г.Ф. Гегел ватандӯстиро ҳамчун "натиҷаи муқаррароти дар давлат мавҷудбуда" муайян менамояд, ки дар онҳо дурандешӣ воқеӣ аст. [1, 75]. Дар рушди таълимоти ватандӯстӣ ва муайянсозии нақши он дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таълимоти марксистӣ–ленинӣ саҳми арзанда гузоштааст. Дар ин таълимот Ватан на танҳо ҳамчун зодгоҳ ("диёри аҷдодӣ") ва на ҳамчун миллати дорои забони модарӣ, умумияти ҳудудӣ, ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангӣ, балки Ватан бо сохтори иқтисодӣ ва сиёсӣ, муносибати мутақобилаи синфҳо муайян карда мешавад. Аз ҷумла қайд карда шудааст, ки маҳз муҳити сиёсӣ назар ба муҳити иқтисодӣ ва фарҳангӣ серҳаракат буда, бевосита зуҳури шуури ватандӯстиро муайян месозад.

Бояд гуфт, ки марксизм ҳамчун таълимоти инқилобӣ аввалин бор аз ҷониби К.Маркс ва Ф.Энгелс дар "Манифести Ҳизби коммунистӣ" (соли 1848) дарҷ гардидааст, ки дар он ҳисси ватандӯстии онҳо ошкор карда шудааст. Муаллифони "Манифест" изҳор намудаанд, ки коргарон ватан надоранд ва аз онҳо он чиро, ки онҳо надоранд, гирифта намешавад. Азбаски пролетариат худ ҳоло миллӣ мебошад, ҳарчанд на ба он маънӣ, ки онро буржуазия мефаҳмад, он бояд аввал ҳукмронии сиёсиро ба даст биёрад, то ба сатҳи синфи миллӣ барояд, ҳамчун миллат пойдор бошад. Дар ин фишурда К. Маркс ва Ф. Энгелс муносибати пролетариати мамлакатҳои сармоядориро нисбати ватани буржуазӣ ифода намудаанд. Ватан муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мавҷуда мебошад. Вақте ки сухан дар бораи ҳифзи манфиатҳои худ, моликияти хусусӣ, ҳокимияти сиёсӣ меравад, онҳо тамоми суханҳои зебои худро дар бораи муҳаббат ба ватан фаромӯш месозанд. Ба андешаи марксистон, пролетариат бояд ҳокимияти сиёсиро ба даст орад ва худ ва Ватани худро нисбати синфҳои истисморгар муқобил гузорад [9, 444]. Рушди минбаъдаи таълимоти марксистӣ дар зери таъсири андешаҳои В.И.Ленин ба амал омадааст. Ба андешаи В.И.Ленин, ватандӯстӣ "ҳиссиёти амиқе мебошад, ки тули садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо аз ҷониби тамоми ватанҳо ва ватанхоҳони алоҳида тақвият мееёфт". Муқаррароти ибтидоии ақидаҳои ленинизм нисбати моҳияти ватандӯстӣ ин муқоисаронӣ мебошад, яъне муқоисаи ватандӯстии "кухна", ки ба сохти сармоядорӣ хос аст ва ватандӯстии "нав", ки дар ҷомеаи сотсиалистӣ рушд меёбад. Ватандӯстии сотсиалистӣ, аз рӯйи ақидаи В.И. Ленин, дорои заминаи сифатан нави сиёсӣ ва иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва моявӣ мебошад, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Ҷанбаҳои сиёсии ватандӯстии «нав»-ро демократияи сиёсӣ ташкил медиҳад, ки ҳуқуқҳои сиёсиро барои тамоми меҳнаткашон новобаста аз мансубияти миллӣ таъмин менамояд.
2. Ҷанбаҳои иқтисодии он, пойдории моликияти ҷамъиятӣ, рушди тахассуснокӣ ва ҳамкорӣ мебошад.
3. Заминаи иҷтимоӣ – баланд бардоштани нуфузи синфи коргар ва муттаҳид намудани он бо деҳқонон ба шумор меравад.
4. Ҷанбаҳои моявии ватандӯстӣ мояи марксистӣ-ленинӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, шарти асосии таъсиси ватани сотсиалистӣ, ташаккулёбии ватандӯстии нав бо роҳи барҳамдиҳии синфҳои истисморкунанда, ҷорисозии диктатураи пролетариат, тасдиқи моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот мебошад. [7, 329] Дар шароити муосир ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар ду шакл баррасӣ мегардад. Ба андешаи гурӯҳи аввал, дар шароити ҷаҳонишавӣ ватандӯстӣ падидаи ирсӣ мебошад, намояндагони гурӯҳи дуюм бошанд, ватандӯстиро ҳамчун алтернативаи фарҳанги ҷаҳонишавӣ ва бeватанӣ (космополитизм) муаррифӣ менамоянд. Ба андешаи онҳо, ватандӯстӣ имконият медиҳад, ки мустақилияти иҷтимоию фарҳангӣ ва соҳибистиқлолии халқҳо нигоҳ дошта шавад. Мувофиқан, ҳар қадаре ки ҷаҳонишавӣ оламро фаро мегирад, ҳамон қадар давлат бояд оиди нигоҳдории ягонагии тамаддунии

худ чораандешӣ намояд. Аз ҷониби дигар, зарурати сарфи мақсадноки мабламҳои давлатӣ муҳим буда, таваҷҷуҳи хосро баробар намудани сатҳи зиндагӣ миёни табақаҳои аҳолӣ, мабламгузории соҳаи маориф ва маънавиёт тақзо менамоянд. Дар чунин шароит амалигардонии мояҳои ватандӯстӣ дар ҳар як ҷомеа мубрамияти бештар касб менамояд.[6, 439]. Бо назардошти махсусияти ватандӯстӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ метавонад ба сифати унсури муҳимтарини моявии умумимиллии давлат баромад намояд.

Ҳамин тавр, дар таърихи ватандӯстӣ ҳама гуна ҳисси хоса нисбат ба падидаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоӣ ватандӯстӣ номида мешуд. Муносибатҳои зерин дар реша алоқамандӣ бо мафҳуми ватандӯстӣ доранд, чунончи:

- ватандӯстии давлатӣ - муҳаббат ба давлат.
- ватандӯстии империалистӣ - садоқат (муҳаббат) ба империя ва ҳукумати он.
- ватандӯстии полис (шаҳрӣ) - муҳаббат ба полис (шаҳр), яъне тарзи зиндагӣ, анъанаҳо, вижагиҳо, мазҳабҳо.
- ултраватандӯстӣ - муҳаббат ба Ватан дар шаклҳои шадид, канора.
- ватандӯстии этникӣ - муҳаббат ба миллат ва халқи худ.
- ватандӯстии шаҳрӣ - муҳаббат ба шаҳри худ

Ватандӯстиро ахлоқи универсалӣ рад мекунад, зеро эътиқод дорад, ки инсон набояд танҳо ба як сарзамини алоҳида дилбастагӣ дошта бошад ва тамоми инсониятро робитаҳои ахлоқӣ ба ҳам мепайвандад, онҳо бояд ба кулли ҷаҳон ҳамбастагӣ дошта бошанд. Ин танқид бори аввал аз ҷониби файласуфони Юнони Қадим (киникҳо, стоиҳо - аз ҷумла, киник Диоген аввалин шуда худро космополит, яъне “шаҳрванди ҷаҳон” тавсиф карда буд, омоз шуда буд.

Дар империяи Рим ватандӯстӣ дар шаклҳои ватандӯстии маҳаллии «полисӣ» ва ватандӯстии империалистӣ вуҷуд дошт. Ватандӯстии полисӣ аз ҷониби динҳои гуногуни маҳаллӣ дастгирӣ карда шуд. Императорони Рим бо мақсади муттаҳид намудани аҳолии империя дар таҳти роҳбарии Рим кӯшиш карданд, ватандӯстии императориро ташкил кунанд. Идеяи давлати Рим ҳамчун фазои ягонаи фарҳангию таърихӣ, Рум ҳамчун ватани умумии ҳамаи сокинони мутамаддини империя ба миён омад. Плиний Итолиёро “ноновар ва волидайн” -и ҳама сарзаминҳо номид, ки бо амри илоҳӣ барои боз ҳам бештар ҷалол додани осмон, муттаҳид кардани қудратҳои пароканда ва пайваст кардани урфу одатҳо, муттаҳид кардани забонҳои нофаҳмо ва дамали бисёр халқҳо интихоб шудааст ва бо умумияти забонӣ ва тамаддунӣ барои ҳамаи халқҳои рӯи замин ватани ягона гардад. Моҳияти ватандӯстии “универсалистӣ”-и римӣ, ки дар замони императорӣ ташаккул ёфтааст, дар суханони машҳури император-файласуф Марк Аврелий ба хубӣ таҷассум ёфтааст: “Шаҳру ватан, одамони дунё барои ман, ба Антонин бошад – Рум”. [10]. Бо пайдоиши дини Насронӣ бисёрдинӣ дар Рим аз байн рафт ва ватандӯстии полисӣ низ ҷойи худро ба ватандӯстии универсалӣ ва ҳамарофарогирандаи империалистӣ иваз кард.

Муҳаққиқон ватандӯстиро ба “нобиноёна” ва “шаҳрвандӣ” ҷудо мекунанд. Роберт Шатз, Эрвин Стауб ва Ҳовард Лавин (Дар бораи навъҳои пайвастагии миллӣ: Блинд ба муқобили ватандӯстии созанда, 1999) ватандӯстии “нобиноёна”-ро ҳамчун дилбастагӣ ба кишвар ба муҳаббати мусбати бешубҳа ба ватани худ ва таҳаммулнопазирӣ ба интиқоди давлати худ тавсиф мекунанд. Мазмуни асосии ин навъи ватандӯстӣ дар он аст, ки шахс ба камбудию тазодҳои дохилидавлатӣ нигоҳ накарда, ба таври стихиявӣ ва канорӣ ба ватани худ муҳаббат дорад ва ҳеҷ гуна танқидро дар нисбати кишвари худ намеписандад. Баръакси ин, ватандӯстии “шаҳрвандӣ” ё “созанда” меҳру муҳаббат ба ватан аст, ки бо таҳлилу интиқоди вазъи мавҷудаи он ва хоҳиши ба суи беҳтар тамйир додани он алоқаманд аст. Мазмуни асосии ин навъи ватандӯстӣ дар он аст, ки камбудию костагиҳои ватани худро медонанд, онро қабул доранд ва бештар бар он мекӯшанд, ки онҳоро бартараф намуда, кишварро ба сӯи ояндаҳои беҳтар, ба сӯи комёбиҳои беназир раҳнамун бисозанд. Ин навъи ватандӯстӣ бешубҳа созанда ва бештар қобили қабул дониста мешавад. Тадқиқоти онҳо, ки дар миёни донишҷӯёни амрикоӣ анҷом дода шудааст, маълум кардааст, ки донишҷӯён дорои навъи “нобиноёна”-и ватандӯстӣ буда, бо фаъолияти пасти сиёсӣ, сатҳи баланди миллатгароӣ, афзоиши ҳассосият ба таҳдидҳои беруна ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ

бештар хосанд. Ватандӯстии “нобиноёна” бо дастгирии бетанқидӣ ба тамоми амалиёти кишвар, инчунин афзалият додан ба манбаъҳои амрикоипарастӣ алоқаманд буд.

Ватандӯстии мусбӣ метавонад бо тамоми хусусиятҳояш ба монанди консерватизм баромад намояд ва дар ҳар гуна мавридҳо тартиботи муқарраргардидаро ҳифз кунад ё дар ҳолатҳои буҳронӣ ба хотири ҳифзи он ҷомеаро ба ваҳдат даъват кунад. Ин барои элитаи ҳукмрон ниҳоят муфид аст, зеро он ба онҳо имкон медиҳад, ки роҳи муҳофизати барояшон фоиданокро қонунӣ гардонанд, то ки ба мавқеи имтиёзноки онҳо ягон таҳдид ба амал наояд. Ин гуна ҳолат даврахои гуногуни таърихӣ ба хубӣ дида мешуд. Ватандӯстӣ ҳам ба сифати сипари ҳокимон ва ҳам ба сифати муттаҳидгари ҷамъият ва кишвар истифода мегардид. Ҳамчун сипар барои ҳокимон аз ҳокимиятхоҳони дигар ва ҳамчун муттаҳидгари кишвар аз таҳдидҳои мамолики майр. Маҳз ҳамин гуна ватандӯстӣ дар бораи ягонагии манфиатҳои ҷомеа, дар бораи давлат ҳамчун ифодакунандаи ин манфиатҳо ва дар бораи Ватан ҳамчун арзиши муқаддас, ки бояд аз даст дода нашавад, ҳарф мезанад. Ватандӯстии ташаббускор, баръакс комилан равшан ба азму иродаи «худӣ»/ «бегона» асос ёфта, ба муқобили бо ҳама шаклҳои муттаҳид намудани манфиатҳо мубориза мебарад. Мақсади асосии ин шакли ватандӯстӣ рад кардани ҳама гуна тарзу шеваи кӯҳнаи сохти ҷамъият буда, ҳарчи зудтар тамйир додан ва шаклану сифатан нав кардани сохти ҷамъиятии Ватан мебошад. Сохтори асосӣ аз рӯи принсипи “аз они мо”/ “аз мо не” ташаккул меёбад. Арзишҳои куҳна аз они мо нест ва арзишҳои наву созанда аз они мост. Бояд гуфт, ки меъёри «мо» метавонад гуногун бошад: аз синф то миллӣ. Қайд карда мешавад, ки ватандӯстӣ худ аз худ арзиши дохилӣ буда наметавонад. Он метавонад дар шуури омма вокуниши бениҳоят васеъ пайдо кунад, он метавонад як шарти зарурии баҳодиҳии ахлоқии парадигмаи ин ё он ҷаҳонбинӣ бошад ва метавонад як навъ минбар барои муттаҳидшавии кӯтоҳмуддати қувваҳои гуногуни сиёсӣ гардад, вале ватандӯстӣ. худ, ба гуфтаи А.В. Кошкин, наметавонад ва набояд ба худ идеология ё арзиш бошад. [5, 163]. Ватандӯстӣ бояд созанда ва бунёдгузори ободии Ватан бошад на бар муқобили миллату давлатҳои дигар. Ватандӯстӣ бояд чунон бошад, ки бар арзишҳои дигарон эҳтиром карда шавад. Маҳз бо ин роҳ Ватан обод мешавад ва сулҳу амнияти берунаи давлат низ таъмин мегардад. Ватандӯстӣ, меҳандӯстӣ, ватанпарварӣ – принсипи ахлоқию сиёсӣ ва ҳисси иҷтимоӣ, мазмуни аслиаш меҳру муҳаббат ба Ватан ва омода будани инсон ба боло гузоштани манфиатҳои ӯ аз манфиатҳои шахсии худ мебошад. Ватандӯстӣ муносибати ҳиссӣ нисбат ба Ватан буда, дар хизмат кардан ба Ватан ва муҳофизат намудани он ифода меёбад. Ватандӯстӣ – ватанпарварӣ, садоқат ба Ватан, саъю кӯшиши ба нафъи вай хизмат кардан. Ватанпарварӣ яке аз бузургтарин ҳиссиётест, ки барои инсонҳо муҳиммияти махсус дорад. Нишонаҳои ватандӯстӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ пайдо шудаанд. Бо мурури замон ҳисси дилбастагӣ ба замин ва забони худ бо дарки вазифаҳои шаҳрвандӣ дар назди ҷамъият пайваст гардид. Кӯшиши одамон барои инкишофи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании Ватани худ, ҳифзи он аз истилогарони хориҷӣ нишонаи барҷастаи ватандӯстӣ аст. Ватандӯстӣ дар замони капитализм бо пайдоиши миллат ва давлатҳои миллӣ ба қисми ҷудонашавандаи шуури ҷамъиятӣ табдил ёфтааст. Дар Фаронса ташаккули идеяи миллӣ хусусиятҳои худро дорад. Масалан, мафҳуми “Ватан” бо маҳуми “Миллат” алоқаи зич дошт. Калимаи Ватан низ дар забони фаросавӣ аз калимаи лотинии “ patria” ворид гардида, мафҳуми “патриот”, яъне ватандор ё ватандӯстро ба вуҷуд овардааст. Патриотизм ҷавҳари асосии идеяи миллии фаронсавиҳоро ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии аҳамияти ватандӯстӣ бо муттаҳидсозии ҷомеа алоқаманд гардонида мешавад, чунки маҳз шуури ватандӯстии сокинони мамлакат муайянкунандаи мавқеи шаҳрвандӣ ва фаъолнокии иҷтимоии онҳо ба ҳисоб меравад. Раванди барқарорсозии шуури ватандӯстӣ дорои ҷанбаҳои гуногун мебошад ва масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: беҳтар сохтани сатҳу сифати ҳаёти тоҷикистониён; тарбияи оилавӣ; ҷустуҷӯйи роҳҳои ташаккулёбии шуури таърихӣ; ҷустуҷӯйи шаклҳои истифодаи рамзҳои давлатӣ ва расму ойинҳо; тақвияти корҳои моявӣ ва тарбиявӣ; бартарафсозии қадрношиносӣ ва хубтару беҳтар ба роҳ мондани қадрдонии фарзандони фарзонаи миллат; омезиш ва ба ҳам мутобиқгардонии рамзҳои маҳаллӣ ва умумимиллӣ. Тармиби арзишҳои ватандӯстӣ дар маҳалҳо заминаи густариши онро дар тамоми давлат фароҳам меорад. Зеро дар низоми арзишҳои моявӣ зарур аст, ки тафовути маҳалҳо ва

халкҳои алоҳидаи сокинони кишвар ба инобат гирифта шаванд, то дар маҷмуъ, ваҳдати умумимиллӣ таъмин гардад. [11, 49]. Ба ташаккули ватандӯстӣ омилҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ ва иҷтимоӣ таъсири худро мерасонанд. Пеш аз ҳама барои ташаккули ватандӯстӣ омилҳои иқтисодӣ нақши бузург доранд. Албатта ҳеҷ чиз дар ҷои хушку холӣ ба миён намеояд ва барои ба вуҷуд омадани он замина даркор аст. Ифтихор намудан аз дастовардҳо ва фарҳанги Ватани худ, бо хоҳиши худ маҳфуз нигоҳ доштани хислат ва хусусиятҳои фарҳангии он, ҳимояи манфиатҳои Ватан ва халқи худ сифатҳои беҳтарини Ватандӯстӣ мебошанд. Дар шароити бавуҷудоии миллатҳо ва давлатҳои миллӣ, ватандӯстӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ, инъикоскунандаи инкишофи омилҳои умумимиллии он мегардад. Ватандӯстӣ дар ҳамаи давру замонҳо яке аз хислатҳои неки инсоният ба шумор меравад. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" бошад, Ватан ба маъноҳои зодгоҳ, ҷои таваллуд ва нашъунамо, ҷои истиқомат, маскан, манзил, макон, кишвар, мамлакат, сарзамин, диёр омадааст. [19, 229]. Бале, ин замине ки ба мо аз ниёгони худ боқӣ мондааст ин Ватан мебошад. Бо ҳамин сабаб "Ватани ниёгон" меноманд. Барои хубтар дарк намудани ин ибора калимаи ниёгонро мо бояд бифаҳмем. Ниёгон аз решаи "ниё" гирифта шуда маънояш бобо мебошад, барои ҳамин Ватани бобоён ё ватани бобоӣ меноманд, ки дар ин ҷо бобою бобокалонҳои мо умр ба сар бурдаанд. Пеш аз қавми ориёӣ будани худ болидан, мо бидонем, ки гузаштагони мо кистанд. Ин замини паҳновару ҳосилхез ва пурфайзу кӯҳсорони пурганҷро киҳо бар мо мерос гузоштаанд? Пеш аз шинохтани дигарон мо худро бишносем. Барои донистани таърихи худ мо метавонем ба таърихномаҳо назар кунем. Чи тавре ки Пешвои Миллат дар яке аз баромадҳояшон баён кардаанд: "Ҳар миллат ва ҳар халқ, хоҳ бузург бошаду хоҳ хурд то худро нашиносад, эҳтиром накунад, ҳеҷ гоҳ дар миёни миллатҳои дигар мақому манзалати шоён пайдо карда наметавонад".[13, 26]. Ватандӯстӣ як рукни ҳастии миллат ва неъмати бузургу бебаҳо аст. Волотарин меъёри ватандориву ватандӯстӣ расидан ба қадри Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлол, ба ҷо овардани хизмати Ватан ва ҳифзи марзу буми он аст. Ҳанӯз дар аҳди қадим файласуфи барҷаста ва мутафаккири оламшумули Юнони Қадим Афлотун гуфта буд: "Ҳар киро ҳубби Ватан нест, номус нест ва ҳар киро номус нест, саодат нест." Инчунин, дар ҳадиси Паймамбари дини мубини Ислом ҳазрати Муҳаммад (с) омадааст, ки "Ҳуббул Ватан минал имони" (Ватанро дӯст доштан аз имон аст). Дар ин хусус адибони муосири тоҷик низ андешаҳои пурарзиш иброз дошта, асарҳои нодиреро эҷод кардаанд, ки хусусияти таърихию тарбиявӣ доранд. Аз ҷумла, доир ба масъалаи фавқулзикр ва муҳиммияти он устод С.Айнӣ чунин таъкид доштааст: "...Ҳар фарзанди одам Ватани худро мисли модари худ, ҳатто аз вай ҳам зиёдтар дӯст медорад, ӯро ҳимоя ва мудофиа мекунад. Ба ӯ хидмат менамояд ва дар роҳи ӯ аз фидо кардани ҷони худ ҳам боз намеистад. ...Агар Ватан аз даст равад, ӯ дар он ҷо шаҳрванди оддӣ ҳам шуда наметавонад, балки дар дасти мосибони истилогар мулом ва асир шуда мемонад...". Воқеан, доир ба муқаддасоти Ватан, ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан андешаҳо хеле зиёданд ва онҳо ҳамчун заминаи маънавӣ ҷиҳати ташаккули шуури мудофиавӣ дар ҷомеаи имрӯза баромад намуда метавонанд. [20, 216]. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаддасоти Ватан, зарурати ҳифзи он аз ҷониби ҳар фарди кишвар махсус таъкид гардида, аз ҷумла чунин омадааст: "Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст". [4, 43]. Дар ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз Паёмҳои хеш ба намояндагони мақомотҳои қудратии кишвар чунин таъкид менамояд: "...фаромӯш набояд кард, ки танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ амният ва ободии Ватани худро таъмин созад". Ин гуфтаҳои Пешвои миллат гувоҳи онанд, ки ободии давлат дар дасти фарзандони ватандӯсту ба нангу номуси он аст ва танҳо фарди ватандӯст метавонад дар пайи ободии Ватани хеш кӯшиш намояд. Шахсе, ки воқеан Ватани худро дӯст медорад, аз самими қалб барои ободонии давлат саҳми худро мегузорад.

Патриотизм – ин муҳаббат ба Ватан аст, ба Ватани аҷдодӣ. Ватандӯстӣ набояд танҳо ба ҳарф бошад, балки онро бояд бо амалҳои худ исбот намуд. Мафҳуми "Ватан"-ро ҳар кас аз диди хеш мефаҳмад: касе давлат, касе забон, касе ҷойи таваллуд ва майра. Патриотизм ин муҳаббати куллӣ ба Ватан аст, яъне тамоми дӯстдориҳо ба Ватанро фаро мегирад. Дӯстдории Ватан ҳам метавонад, эҳсосӣ ва ҳам амалӣ бошад. Ватандӯстӣ дар асли худ чунин ҳолати равонии инсон аст, ки ҳангоми дар вуҷуди инсон зуҳур намудани он шахс

тайёр аст, ки барои Ватан-модари худ охирин ва нодиртарин дороии худ - ҷони азизро фидо намояд. Дар таърихи тоҷикон, хушбахтона, чунин шахсиятҳои дорои ҳамин гуна ҳиссиёти баланди инсонӣ хеле бисёр буданд ва ҳар яке тақдири хоси худро доштаанд, албатта, яке дар ин роҳ то ҳадди имкон муваффақ шудаву дигаре бадбахту ноком монда... Одатан, дар ҳоли малабаи ҳисси ватандӯстӣ инсон мехоҳад, ки садоқати худро ба Ватан аз тариқи бузургдошт ва қадрдонӣ намудани арзишҳои милливу фарҳангии халқи худ, мансубияти худ ба умумияте, ки шахс дар омуши он солҳо ба камол расидааст, собит намояд, муҳаббати худро ба расму русуми аҷдодӣ, ба забону каломи модарӣ (бо дарбаргирии тамоми вожаномаи он) ба қалам дароварад. Маҳз ҳамин гуна ҳиссиёт роҳнамои қаҳрамонони маҳбуби сарзамини мо буданд, ки ҷони худро дар роҳи озодӣ аз аҷнабиён (қабоили кучии арабу мумулу турк ва баъдан рус ва м.), қаҳрамононе ба мисли сафедҷомагону пайравони Муқаннаъ ва Абумуслими Хуросонӣ, Сомониён муқобили арабҳо ва Муриёну Сарбадорон дар муқобили мумул ва ниҳоят, барои эҳёи давлатдорӣ ва ифтихори миллии мардумони эрониасл дар Осиёи Марказӣ барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ-бунёди давлати миллии тоҷикон сипар намуданд. Дар ростои шинохти дубораи мафҳуми ватан ва миллат дар замони модерн, террори сталинӣ ва истиқлолияти давлатии навин номҳои шахсиятҳои сиёсие, ба мисли Шириншоҳи Шоҳтемур, Нусратулло Махсум, Чинор Имомов, Бобоҷон Мафуров, Муҳаммад Осимӣ ва Эмомалӣ Раҳмон дар тафаккури мардум мақоми рамзӣ (ибратбахш) ва калидӣ доранд. Маълум аст, ки эҳсоси ватандӯстӣ моли таърих аст, он таърихи таҳаввул дорад, он эҳсоси абадиву осмониву фалакӣ нест. Ин падида дар замону макони мушаххас ба вуҷуд меояд ва наметавонад, ки бе хости соҳиби амал (субъекти фикркунанда) дар ҷое ва замоне мушаххас ба миён ояд. Вобаста ба ин падида, вожа ва мафҳуми меҳану Ватан аз тарафи ҳаммеҳанон гоҳе аз будаш васеътар ва гоҳе хеле танг таъбир мешаванд. Вале агар ашхоси миллат дар бораи натиҷаи амалии ҳиссиёти худ, муҳаббати худ ва масъулияти худ ҳамвора ва мунтазам фикр накунанд, зиёда аз ин, фикру амали худро дар тарозуи ақл насанҷанд, он гоҳ миллат ба мушкилоти вазнине дучор хоҳад шуд. Ин фикр дар робита ба диалектикаи мафҳумҳо аст, ки дар қутби дигари ватандӯстиву миллатдӯстӣ ҳиссиёти дигари майри қобили қабул-эҳсоси бетарафӣ ва бемасъулиятӣ қарор гирифтаанд, ки метавонанд соҳиби фикру амал (субъект) ва ҳам мухотабу объектхои гирду атрофи онро аз ҳоли мувозинат ва ҳамоҳангӣ берун барорад ва ниҳоят, будиши онҳоро таҳдид ва тахриб намояд. Ин ҷо сухан дар бораи ҳиссиёти бузургталошӣ (шовинизм) ва бегонаситезӣ (ксенофобия), яъне паст задани иззати нафси миллату халқҳои дигар дар баробари миллати худ меравад, ки дар сиёсатҳои ашхос ва гурӯҳҳову давлатҳои алоҳидаи замони ҳозира ҳоло хеле роиҷанд. Аз ин ҷост, ки ҳисси ватандӯстӣ масъулият аст ва дар ҷавҳари он муҳаббат ба миллати худ ва дигарон ниҳон аст. [12]. Ватандӯстӣ асоси пойдорӣ ва инкишофи миллату давлатҳо мебошад. Аз замоне, ки давлат пайдо гардид то ба замони муосир ҳамеша ин падида дар пешрафт ва таъмини амнияти он нақши бузург бозидааст. Ватандӯстӣ дар давлатҳо ҳамчун идеяи созанда ва ҳамчун як қувваи пешбарандаи он баромад кардааст.

Умуман, инсондӯстӣ ин эътирофи арзишҳои шахсияти инсон ва ҳуқуқи инсон барои фароҳамории шароитхое мебошад, ки ба фард имконият фароҳам меорад, то худро дар мувофиқа бо тааccуротҳои шахсӣ оиди маънии арзишҳо ва манфиатҳои ҳаётӣ татбиқ намояд. Инсондӯстӣ дар ҳолати мазкур аз ду ҷанбаи муҳим иборат мебошад. Якум, он мамхории шаҳрвандро на танҳо дар бораи умумияти сиёсӣ, инчунин дар бораи ҳар як инсон (ҳамватанон), инчунин дар бораи худ дар назар дорад. Ба ибораи дигар, ҳам қурбонӣ ва ҳам хидмат ба манфиати на танҳо Patria, инчунин ҳамватанон низ равона карда шудааст. Дуюм, инсондӯстӣ на танҳо муносибат ба худиҳо (ҳамватанон), инчунин муносибат нисбат ба бегонаҳо (халқҳои бегона) ва ба душманонро низ дар назар дорад. Муҳаббат ба Ватан пешбинӣ наменамояд, ки сарҳад байни худиҳо ва бегонаҳо мутлақ бошад, он ки дар роҳи манфиатҳои Patria –и худ меравад ҳатман бояд нисбати Patria –и “бегона” ба таври дигар амал намояд. Лекин, ҳиссиёт нисбати ҳамватанон, ки аз дарки мансубият ба як Patria асос ёфтааст, дар муқоиса бо ҳиссиёт нисбати майриҳамватанон амиқтар аст. Бояд қайд намуд, ки аввалин андеша оид ба ягонагии ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ аз ҷониби В.В. Макаров иброз гардидааст. Ҳамин тариқ, муаллиф, тасдиқ менамояд, ки: Ватандӯстӣ – ин ҳисси давлатӣ мебошад, ки бо ҳурмат нисбати инсон

тавъам аст [8, 77]. Инчунин, дар як вақт ӯ оиди зарурати нигоҳдории тавозуни муайян сухан мегӯяд: “Ҳимояи эътибори шахсият, озодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ӯ, ҳифзи инсонпарварии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар маҷрои ватандӯстӣ нуҳуфта аст, наметавонад аз сарҳадҳои муайян гузарад, дар акси ҳол ягонагии ватандӯстӣ ва инсондӯстӣ несту нобуд карда мешавад. Мутлақияти усули мазкур бар зарари манфиатҳои умумӣ, ноуҳдабароии даст кашидан аз манфиати шахсӣ (беш аз он, рафтан ба ин ва ё он қурбонӣ) дар роҳи дарки бардурӯми инсондӯстӣ ҳамчун музаффарияти “ягонагӣ” инсонро ба ҷониби дур аз ватандӯстӣ мебаранд.” [2, 127].

Ватандӯстӣ дар ҷиҳатҳои зерин ифода меёбад: Аввалан, идеология ба ҳисоб меравад. Ватандӯстӣ худ метавонад ба сифати як идеологияи мукаммал барои рушди инкишоф ва сафарбарнамоии ҷомеа аз ҷониби давлат истифода гардад. Ба сифати идеяи миллӣ баромад кардани ватандустӣ қобили қабул аст. Дуввум рамзҳои сиёсӣ мебошанд, ки ҳамчун омили таъсиррасон ба ватандӯстӣ баромад менамоянд. Бешубҳа, ки рамзҳои сиёсӣ ба ҳайси яке аз воситаҳои муаррифгарии миллату давлат баромад менамоянд. Парчами давлатӣ матои оддӣ нест, балки он нишона аз давлати соҳибистиқлол аст. Аксаран, давлатҳоро аз рӯи парчамҳои онҳо мешиносанд. Қомат афрохтани парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори парчамҳои дигар давлатҳо ба кас ифтихор мебахшад ё дар мусобиқаҳои варзишии ҷаҳонӣ боло бардоштани парчам ва садо додани суруди миллӣ мояи ифтихор ва сарфарозист. Саввум урфу одат ва анъанаҳо ҳастанд. Арзишҳо ва анъанҳои волои ниёгони мо, ки аҷдодони мо ба мо мерос мондаанд, метавонанд дар ташаккули муҳаббати мо ба сарзамини аҷдодии хеш таъсиргузор бошанд. Миллати тоҷик чун миллати тамаддунофар ва соҳибмаданияту дорои таърихи бойу рангин аст. Агар мо ба таҷрибаи таърихӣ нигоҳ кунем, миллати тоҷик ҳамчун миллати мубориз, ҷоннисор ва барои Ватани азизи худ сарбадор омадааст. Пешгузаштагони мо ориёиҳо ҳамчун асосгузорони тамаддуни шаҳрсозӣ, ба вуҷудовардаи падидаи шаҳриёрӣ ва нахустофарандагони хату савод буданд. Онҳо аз худ ба оянлагон арзишҳои волои инсониро ба мерос гузоштаанд. Мероси хаттии ниёгони мо “Авесто”, ҷашни бошукӯҳ ва ҷаҳонии Наврӯз, ҷашни Сада аз ориёиҳо маншаъ мегиранд. Ин ифтихорот масалан, ҷашни Наврӯз бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби СММ ҷашни ҷаҳонӣ эълон гардид. Нақш ва мавқеи Пешвои миллат дар таҳкими сулҳу субот ва нигаҳдошти якпорчагию ваҳдати миллӣ бемислу монанд аст.

Ҳамин тавр, ватандӯстӣ яке аз масъалаҳои диққатҷалбкунанда ва асосӣ буда, махсусият ва аҳамияти бештарро дар замони муосир ба худ касб намудааст. Маҳз ҳамин омил метавонад, дар пешрафт ва инкишофи мамолики мухталифи сайёра нақши арзанда дошта бошад. Бо ташаккул ёфтани шуури ватандӯстӣ арзишҳои миллию давлатӣ низ ташаккул меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Гегель, Г.Ф. Введение в философию (философская пропедевтика) / Г.Ф.Гегель. - М., 1927. 259 с.
2. Гумницкий, Г.Н. Основные проблемы теории морали. / Г.Н. Гумницкий. - Иваново, 1972; Гумницкий, Г.Н. К вопросу об основных этических категориях / Г.Н. Гумницкий // Философские науки. – 1963. № 1. 195 с.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ.2 / Г.Н.Зокиров. С.484.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
5. Кошкин А.В. Горизонт диалектики / А.В.Кошкин. - СПб.: Аврора, 2020. 176 с.
6. Кудашев, Р.К. Патриотизм как общечеловеческая идея: социально философский аспект / Р.К. Кудашев // Евразийский юридический журнал. – 2018. № 4 (119). С.439-441.
7. Ленинизм и национальный вопрос в современных условиях. Изд. 2-е. М.: Политиздат, 1974. 495 с.
8. Макаров, В.В. Отечество и патриотизм. Логико-методологический анализ / Под ред. В.Е. Давидовича. – Саратов: Изд-во саратовского ун-та, 1988. 159 с.
9. Маркс, К., Сочинения. Т.4. / К.Маркс, Ф.Энгельс. М.: 1960. 920 с.
10. Махлаюк А. Римской патриотизм и культурная идентичность в эпоху империи: (http://www.unn.ru/pages/e-library/vestnik/19931778_ 2014 1(1)_ unicode/.
11. Муҳаммад А.Н. Донишномаи мухтасари сиёсӣ. / А.Н. Муҳаммад. Душанбе, Эр-граф, 2016. 378 с.
12. Оини ватандорӣ, рушди давлати миллӣ ва ҷомеаи маданӣ. **Суннатулло Ҷонбобоев.** https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/ oini-vatandor-rushdi-davlati-milli-va-jomeai-madani.html.
13. Раҳмонов Э. Мақоми шоиста дар ҷомеаи башар. Душанбе, Ирфон, 2002.102 с

14. Рогачев, П.М. Патриотизм и общественный прогресс./ П.М. Рогачев, М.А. Свердлин. М.: Политиздат, 1974. 280 с.
15. Руссо Ж.-Ж. Трактаты./ Под ред. А.З. Манфреда. – М.: Наука, 1969. С. 448.
16. Сафаров С.Д. Фалсафаи ватандӯстӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. №5. Қисми 2. С. 148-151.
17. Скибицкий М. М. Патриотизм // Отоми — Пластырь. М.: Советская энциклопедия, 1975.
18. Социологическая энциклопедия. В 2 т. Т. 1. М.: Мысль, 2003. С. 164.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. М., 1969. с. 229.
20. Холов Х.Қ. Хусусиятҳои ташаккули шуури мудофиавӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. С. 226.

**ВАТАНДӮСТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲАЁТИ СИЁСӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи ватандӯстӣ ва хусусиятҳои ташаккулёбии он дар замони мусоир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Нуқтаи меҳварии масъаларо маҳз Ватану ватандӯстӣ ташкил медиҳад. Ватандӯстӣ ҳамчун омили асоии рӯоварии мардум ба ҳаёти сиёсӣ аҳамияти бештарро дар замони муосир касб кардааст. Ватандӯстӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ чӣ гуна рушду инкишоф ёфтааст ва кадом сабабу омилҳо ба он таъсир расонидаанд, ҳамчунин муайян намудани он ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ аз рӯи кадом сабабу омилҳо ватандӯстии миллати тоҷик ташаккул ва инкишоф ёфт ва дар замони муосир кадом омилҳо ба ташаккули он мусоидат менамоянд, мақсади асосии омӯзиши мо қарор гирифтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Ватан, ватандӯстӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллати тоҷик, ташаккулёбӣ, манфиатҳои давлат.

**ПАТРИОТИЗМ КАК ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ**

В статье исследуется проблема патриотизма и особенности его формирования в наше время. В центре внимания - Родина и патриотизм. Патриотизм стал более важным фактором в наше время как ключевой фактор обращения людей к политической жизни. Как патриотизм развивался на разных исторических этапах и какие причины и факторы на него повлияли, а также определить, по каким причинам патриотизм таджикской нации формировался и развивался на разных исторических этапах и какие факторы способствуют его формированию в наше время было основной целью нашего исследования.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Родина, патриотизм, Республика Таджикистан, таджикский народ, формирование, интересы государства.

**PATRIOTISM AS A FACTOR FOR FORMING POLITICAL LIFE**

The article examines the problem of patriotism and the peculiarities of its formation in our time. The focus is on the Motherland and patriotism. Patriotism has become a more important factor in our time as a key factor in the conversion of people to political life. How patriotism developed at different historical stages and what reasons and factors influenced it, as well as determine for what reasons the patriotism of the Tajik nation was formed and developed at different historical stages and what factors contribute to its formation in our time was the main goal of our study.

**KEYWORDS:** Motherland, patriotism, Republic of Tajikistan, Tajik people, formation, interests of the state

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Саноӣ Эшон Санокул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **000088722**

**Сведение об авторе:** ***Санои Эшонкул Санои*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **000088722**

**Information about the author:** ***Sanoi Eshon Sanoqul*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **000088722**

# МАСЪАЛАИ БЕКОРӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

***Баҳромбеков В., Рамхудоева З.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ**

Масъалаи бекорӣ дар байни ҷавонон яке аз мушкилотҳои асосии ҳар ҷомеа ба шумор меравад. Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон бояд ба ин масъала диққати махсус равона намуд, чунки ин падида муайянкунандаи меъёрҳои захираҳои миллӣ ва зиндагии омма аст. Бекорӣ падидаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ буда, дар раванди он аҳолӣ бе ҷойи кор монда ё ҷойи кори мувофиқ наёфта, худро бекор меноманд. Муҳим аст, ки дар ин

масъала ва ба пайдо кардани роҳҳои ҳалли амалии он бештар ба масъалаи шуғли ҷавонон диққати махсус равона намуд [1,50].

Масъалаи шуғли ҷавонон дар Тоҷикистон яке аз самтҳои асосӣ дар самти сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Мавриди зикр аст, ки пеш аз дарёфти роҳҳои ҳалли ин масъала, ба таври амиқ оиди ин падида дар ҷомеа тадқиқи доманадор гузаронид ва он гоҳ, роҳҳои самараноки бартараф намудани онро муайян кард. Дар байни хусусиятҳои фарққунанда мумкин аст ба монанди ичрои вазифаҳои муайян ба аҳолӣ, муносибат мушаххас, манфиатҳо, арзишҳои дар байни дигар гурӯҳҳои одамон муайян карда мешавад. Як маҳаки муҳим барои баёни ин гурӯҳ синну сол меистад. Мафҳуми бекорӣ ҷудонопазир бо фаъолияти муайян мебошад. Бекорӣ дар маънои васеъ як падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, тавассути мураккабии он дар ҷомеа тавсиф дода мешавад. Қобили зикр аст, ки бозори меҳнат ва шуғли ҷавонон ба яке аз проблемаҳои асосии ҷомеаҳои имрӯзина мубаддал гардидааст [2,25].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар шароити муосир бо ҷойи кор таъмин гардидани мутахассисони ҷавон масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Дар яке аз пурсишҳои сотсиологие, ки соли ҷорӣ аз тарафи шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ гузаронида шуд, чунин натиҷа ба даст омад. (Нигаред ба расми 1.)

***Расми 1.***

**Ба фикри Шумо барои чӣ баъзе аз шаҳрвандони мо бекор мемонанд?**




Ин чиз ба назари мо ҷолиб аст, ки сол аз сол теъдоди мутахассисони дорои маълумоти олӣ аз рӯи касбу корҳои мухталиф дар ҷомеа зиёд мегардад, аммо ҷомеа ҳанӯз тайёр нест, ки ҳамаи онҳоро бо кори мувофиқ таъмин намояд. Масалан, 48,3 % пурсидашавандагон кам будани корхонаю ташкилотҳо ва 47, 1 % бошад афзудани қувваи корӣ ва нарасидани ҷойи корро сабабҳои асоии бекорӣ дар байни ҷавонон меҳисобанд (Расми 1).

Аз як тараф мутахассис ҳаст, аммо бо кор таъмин карда намешавад ва ё агар коре ҳам пайдо шавад аз рӯи нишондодҳои худ (ҳаҷми маош ва ҳам шароити кор ва ғайраҳо) қобили қабули ҷавонон намегардад, ки ин ба бекорию оворагии бештари ҷавонон сабаб мегардад.

***Ҷадвали 2.***

**Ба фикри Шумо барои чӣ баъзе аз шаҳрвандони мо бекор мемонанд?**

| | Душанбе | ВМКБ | НТҶ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон |
|---|---|---|---|---|---|
| Саводу дониши кофӣ надоранд | 27,8% | 54,5% | 40,4% | 18,0% | 52,1% |
| Қобилияти ташкилотчигӣ надоранд | 11,1% | 22,7% | 25,7% | 5,9% | 11,3% |
| Касбашонро дуруст аз худ накардаанд | 34,4% | 50,0% | 38,8% | 3,8% | 32,6% |
| Қувваи кори торафт меафзояд ва ҷойи кор намерасад | 54,4% | 54,5% | 53,6% | 32,6% | 52,1% |
| Корхонаю ташкилотҳо каманд | 68,9% | 54,5% | 43,7% | 46,9% | 45,4% |
| Забони хориҷиро намедонанд | 21,1% | 31,8% | 18,6% | 10,9% | 26,6% |
| Технологияи муосири компютериро намедонанд | 20,0% | 18,2% | 13,7% | 12,1% | 20,6% |
| Пуштибон (роҳнамо, кӯмакрасон) надоранд | 14,4% | 31,8% | 10,4% | 1,7% | 40,8% |
| Пул надоранд | 22,2% | 36,4% | 9,3% | 1,3% | 36,2% |
| Танбаланд, худашон кор кардан намехоҳанд | 13,3% | 27,3% | 9,8% | 6,3% | 22,7% |
| Бо маоши кам кор кардан намехоҳанд | 23,3% | 45,5% | 23,5% | 10,0% | 42,9% |
| Ба ҷавоб гуфтан душворӣ мекашам | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 1,3% | 1,8% |

Дар натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ сабабҳои муҳимми бекории ҷавонон муайян карда шудааст (Нигаред ба ҷадвали 1.). Мусоҳибон, чунин сабабҳои асосии бекориро дар байни ҷавонон қайд кардаанд:

- надоштани саводу дониши кофӣ;
- интихоби нодурусти касб, ки дар натиҷа донишҷӯён шавқу рағбат барои дуруст аз бар кардани касби худ надоранд;
- зиёд шудани қувваи корӣ, ки дар натиҷа ҷойи кор намерасад;
- набудани ҷойи кор, корхонаю ташкилотҳо каманд;
- маош кам аст, ки бо он ҷавонон кор кардан намехоҳанд [3,49].

Боз як омили дигари харобшавии вазифаи раванди иҷтимоишавии шаҳрвандии ҷавонон бекорӣ ба ҳисоб меравад, ки васеъ паҳн шудани он боиси ба амалҳои зиддиҳуқуқӣ ва фаъолияти ҷиноятκорона ҷалб гаштани ҷавонон мегардад.

Дар раванди дигаргуниҳо оид ба ҷои корӣ таъмин намудани аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, дар ҳоли ҳозир чунин тамоюлҳо ба назар мерасанд:

-Дар сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ вазни қиёсии соҳаи истеҳсолоти моддӣ паст рафта, соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ боло мераванд;

-Таҳлили гуруҳии шуғлҳо, ки бо таври кироя дар соҳаи иқтисодиёт фаъолият мекунанд нишон дод, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ тамоюли назарраси камшавии ҳиссаи шуғлҳо рафта истодааст ва шумораи шуғлҳо дар истеҳсолоти ғайримоддӣ зиёд шуда истодааст;

-Вазни қиёсии коргарони ғайрикироя боло меравад ва он асосан ба диверсификатсияи (гуногунсоҳавии) муассисаҳои хоҷагии қишлоқ вобастагӣ дорад;

-Миқдори бекорони расман дар шуъбаҳои шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда меафзояд.

Бекорӣ ин зуҳуроти даврӣ мебошад, ки зиёд будани пешниҳоди меҳнат аз талабот ба онро ифода мекунад. Ин муаммои макроиқтисодӣ буда, ба ҳар нафар таъсири бевоситаю қавӣ мегузорад. Аз даст додани ҷойи кор барои аксари мардум маънои поинравии сатҳи зиндагиро дорад [5].

Тибқи муқаррароти Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) шахси бекор нафаре маҳсуб мешавад, ки қобилияти корӣ дорад, хоҳиши кор дорад, мустақилан ва ба таври фаъол дар ҷустуҷӯи кор аст, вале бо сабаби камбудии ҷойи кор ё омодагии нокифояи касбӣ кор пайдо карда наметавонад. Сатҳи бекорӣ ҳамчун таносуби шумораи бекорон нисбат ба қувваи корӣ (бо ҷои кор таъминбудагон ва бекорон) муайян карда мешавад.

Панҷ соли охир дар ҷумҳурӣ, мувофиқи маълумотҳои расмӣ зиёда аз 600 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шудааст. Аз ин лиҳоз дақиқ муайян намудани ҷойҳои корӣ зарур аст: аз рӯи тақсимоти соҳавӣ ва ҳудудӣ; аз рӯи хусусияти фаъолият – доимӣ (чанд баст), вақтӣ, фаслӣ; аз рӯи нишондиҳандаҳои сифатӣ технологияи нави фаннӣ, механиконидашуда, маҳорати пасти касбӣ, дастӣ ва ғайра [4,12].

## АДАБИЁТ


1. Бобоҷонов Р.М. Рушди инсонӣ / Р.М.Бобоҷонова. - Д.,2014 –200с
2. Гулов А.Б.Рушди иқтидори меҳнатӣ дар бахши аграрии минтақа / А.Б.Гулов. -Д.,2021. –197с.
3. Сабабҳо ва дарёфти роҳҳои имконпазири пешгирии рушди зуҳуроти экстремизм // Ҳисоботи тадқиқоти сотсиологии шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ.– Душанбе, 2018. –55с
4. Самандаров И.Х. Современное состояние и совершенст ванаиесоциальной инфраструктуры села в условиях становления рыночной экономики/ И.Х. Самандаров.- Душанбе: Изд-во ТАУ, 2004.- 142с.
5. http://russian.dushanbe.usembassy.gov/usaid.html


## МАСЪАЛАИ БЕКОРӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи бекорӣ дар байни ҷавонони Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз давлат махсусан ба ин масъала диққати аввалиндараҷа равона месозад. Вобаста ба ин, дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, вазъи кунунии ин масъаларо нишон дода, барои бартараф намудани мушкилотҳо, хулоса ва пешниҳоди худро пешкаш намоем. Масъалаи бекорӣ дар байни ҷавонон яке аз мушкилотҳои асосии ҳар ҷомеа ба шумор меравад. Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон бояд ба ин масъала диққати махсус равона намуд, чунки ин падида муайянкунандаи меъёрҳои захираҳои миллӣ ва зиндагии омма аст. Бекорӣ падидаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ буда, дар раванди он аҳолӣ бе ҷойи кор монда ё ҷойи кори мувофиқ наёфта, худро бекор меноманд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҷавонон, бекорӣ, омилҳо, сабабҳо, оқибатҳо.


## ПРОБЛЕМА БЕЗРАБОТИЦЫ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ


В данной статье рассматривается проблема безработицы среди молодежи Таджикистана. Сегодня государство уделяет этому вопросу особое внимание. В связи с этим в данной статье мы постарались показать современное состояние этого вопроса и представить свои выводы и рекомендации по преодолению проблем. Безработица среди молодежи является одной из главных проблем любого общества. В целях снижения молодежной безработицы этому вопросу следует уделить особое внимание, так как он определяет нормы национальных ресурсов и общественной жизни. Безработица – социально-экономическое явление, в процессе которого население теряет работу или не находит подходящей работы и называет себя безработным.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: молодежь, безработица, факторы, причины, последствия.


## THE PROBLEM OF UNEMPLOYMENT AMONG YOUNG PEOPLE


This article discusses the issue of unemployment among young people in Tajikistan. Today the state pays special attention to this issue. In this regard, in this article we have tried to show the current state of this issue and present our conclusions and recommendations for overcoming the problems. Unemployment among young people is one of the main problems in any society. In order to reduce youth unemployment, special attention should be paid to this issue, as it determines the norms of national resources and public life. Unemployment is a socio-economic phenomenon, in the process of which the population loses its job or does not find a suitable job and calls itself unemployed.



**KEYWORDS:** Youth, unemployment, factors, causes, consequences.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бахромбеков В*** **-** номзади илмҳои фалсафа,дотсент Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ. Телефон: **(+992) 935493818.**

***Рамхудоева Зарифамо*** **-** магистранти соли дуюми Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ. Телефон: **(+992) 904006998.**

**Сведение об авторах**: ***Бахромбеков В*** - кандидат философских наук, доцент Института философии, политологии и права им. Баховаддинов НАНТ. Телефон: **(+992) 935493818.**

***Рамхудоева Зарифамо*** – магистр 2 курса Института философии, политологии и права им. Баховаддинов НАНТ. Телефон: **(+992) 904006998.**

**Information about the authors**: ***Bahrombekov V.*** - candidate of philosophical sciences, associate professor of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov Academy of Sciences of Tajikistan. **Phone:** (+992) 935493818.

***Ramkhudoeva Zarifamo*** – second-year master`s student of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: **(+992) 904006998.**

# БАҲСИ ЗАБОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТ

*Юсуфов И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

«Маданияти баланди ҷамъият ва пешрафти маънавии онро бидуни забони иқтидорманде тасаввур наметавон кард. Ҳастии таърихи халқ ва ҷустуҷӯйҳои бардавоми маънавии ӯ дар оинаи забон акс андохтааст» [19,3]. Ягона шабакаи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон, ки корбаронаш зиёд ҳастанд, ин шабакаи иҷтимоии Фейсбук мебошад. Барои ҳамин ҳам мо танҳо бо ҳамин шабака кор мекунем ва барои тақвияти фикри худ далелҳоро аз ҳамин ҷо меорем. Матолибе, ки аслан дар Фейсбук (такя ба баҳси забонӣ) сурат мегиранд, аслан дар доираи як мавзуанд. Оҳиста – оҳиста маълум мешавад, ки мақсад аз баҳс ташкил кардан ғайр аз гарм кардани бозори худ ва инкори ҳақиқат чизи дигаре беш нест. Хеле зиёд вохӯрдан мумкин аст баҳсҳоеро, ки ҳангоми ёфтани хатогии ночизи мубоҳис – мубоҳисон мавзуро ҳусни анҷом мебахшанд ё диданд, ки ба мақсад намерасанд, ба масъалаи тамоман дигаре мечаспанд.

Овардаи Исфандиёри Назар чунин буд:

«Ба ҷои пешгуфтор

Аввалин китоби мо «Авесто» буд ва нахустин шоирамон Зардушт. Мардуми форсизабони Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон фарҳанги муштарак доранд. Забону адабиётамон низ форсист, фақат ба он фарқ, ки садаи бист онро ба форсиву дарӣ ва тоҷикӣ “маъруф” сохт.

Оё мо ин забону адабиётамонро медонем? Бале, аммо хеле заиф. Барҳам додани расмулхати арабиасос форсизабонони Осиёи Миёнаро дар мисоли Тоҷикистони имрӯза беш аз ҳафтод сол безабон сохт».

Дар зери ин матлаб 45 нафар лоиқ (лайк) мондаанд ва 7 нафар шарҳ навиштаанд.

Масалан, Ҳамза Алишбеков гуфтааст: «Дар ҳақиқат ҳам ҷойи шакку шубҳа нест, ки порсии дарӣ забони мост ва тоҷик қавму миллате ҳаст эронитабор, ки ба порсӣ ҳарф мезанад, пас имрӯз мардумоне, ки худро дар Ирон форс мегӯянд, ҳамун мардумоне ҳастанд, ки шайх Саъдӣ аз онҳо ёд кардааст. Турки ту бирехт хуни тоҷик. Имрӯз Форс остонаест дар Ирон марказаш шаҳри Широз зодгоҳи Шайх Саъдӣ, ки тоҷики порсигӯй буданд».

Дар ин ҷо маълум нест, ки муаллифи ин шарҳ дар кадом тараф қарор доранд ва натавонистаанд, ки фикрашонро пурра баён кунанд. Исфандиёри Назар низ чун диданд, ки намешавад, роҳи дигареро пеш гирифтанд. Ин нафар бо овардани номи профессор Худойназар Асозода хостаанд шогирдону шахсонеро, ки ба марҳум бовар мекарданд ё ихлос доштанд ба тарафи худ кашанд ва дар ин ҷо Субхон Аъзамзод дар шарҳашон ёдовар шудаанд, ки дар ҳамин китоби эшон нашри соли 1991 саҳифаҳои 8 - 16 чунин омадааст «Барои адабиёту фарҳанг марзи сиёсӣ гузоштан норавост!» Ҳамчунин, ин нафар дар мавриди мақолае дар «Ҷумҳурият» (1993-94) бо номи «Соҳиби ин забон кист?» баҳси чанде аз равшанфикрон, аз ҷумла Акбари Турсон ёд кардаанд ва гуфтаанд, ки ин мавзуъ дар он ҷо матраҳ шудааст. Аҷобати кор дар он аст, ки Исфандиёри Назар дар ин ҷо чизе нагуфтаанд. Аммо, ҳангоме ки Нигора Наимҷонзода навиштаанд: «Устод шахси донишманд буданд. Руҳашон шоду охираташон обод бошад!» Исфандиёри Назар дарҳол навиштаанд: «Бале, ва ҳамин шахси донишманд бо таъкид забонро «форсӣ» номида ва бозгашт ба ин ному хати онро муҳим хондааст». Бубинед, барои суханони ҳақ ҷавобе дода нашудааст, аммо барои ба тарафи худ кашидани дигарон ҷавоб тайёр аст. Аз ин чӣ хулоса баровардан мумкин аст? Сараввал онҳо диданд, ки бо гуфтани суханони хушку холӣ касе ба онҳо аҳамият намедиҳад ва дигар нафарони донишмандро аз роҳ задан ғайриимкон аст, гузаштанд ба гап задан аз номи шахсоне, ки дар қайди ҳаёт нестанд ва гуфтаҳои онҳоро ба таври худ обу ранг доданд.

Масалан, дар гуруҳи “Забони порсӣ” Юсуфи Гумгашта (фейк) дар санаи 25.04.2020 матлаби Фахриддин Фузайловро, ки чунин буд, гузоштааст:

Дар кӯчаву бозор, мактабу донишгоҳ ва умуман дар бисёр ҷойҳо ҷумлаҳои “Дар Тоҷикистон ҳастӣ, пас тоҷикӣ гап зан!”, “Ин ҷо Русия нест, тоҷикӣ гап зан!” ва ғайра шунавида мешаванд. Ба фикрам, Шумо низ чунин ҷумлаҳо ва ё ҷумлаҳои ба ин монандро шунавида бошед. Дар яке аз қонунҳои асосии кишвар, яъне Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад, дар бораи забони муошират чунин қайд мегардад:

“Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.

Забони русӣ ҳамчун забони муошироти байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд”. (Моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Яъне, ба мо Конститутсия кафолат додааст, ки бо дилхоҳ забон суҳбат кунем, ҳеҷ кас ҳаққи аз ин ҳуқуқ маҳрум кардани моро надорад.

Агар саволе дошта бошед, ҳатман дар шарҳ “комментария” нависед.

Дар зери ин матлаб 18 нафар лоиқгузорӣ кардаанд ва 29 нафар шарҳ навиштаанд.

Ба ин гуфтаҳо Шаҳригул Наботова ҳамроҳ шуда, онҳоро тақвият додаанд, ки:

Магар забони тоҷикӣ ин порсӣ нест? Дар аксар мавридҳо мебинам ба мардуми тоҷик эрод мегиранд, чаро шумо байни худ бо забони модарии худ ҳарф намезанед? Танҳо мо тоҷикон на забони худро хуб медонему на ҳурматашро.

Исфандиёр Одина бошад, тоҷикиро ҳамон порсӣ хондаанд ва ин қонунро нодуруст, ки бояд лағв карда шавад. Мисол овардаанд ӯзбеку қирғизеро, ки дар Тоҷикистон бояд байни худ русӣ гап зананд ва монанди инҳо.

Пасон зидди Майкл Ҳошимиён баромада мегӯяд:

"На Конститутсия, балки сарқонун аст унвони он китоби муқаддаси ҳар як кишвари соҳибистиқлол ва на комментария, балки фикр ё андешаҳои худро матраҳ ва ё навиштан дар зери мақола кардан аст".

Фахриддин Фузайлов:

Ташаккур!

“Вақти қабули Конститутсия дар куҷо будед? Ин Консепсия бо овоздиҳии мову Шумо қабул шудааст ва ба онҳо тағйиротҳо ворид карда шудааст. Ин ягона қонунест, ки дар Тоҷикистон бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда мешавад. Вақте ман аз истилоҳи русӣ истифода мекунам, ҳатман ин аломатҳоро мегузорам”.

Оё ин хатост?

Баъд дигар шахсон низ фикру ақидаи худро баён карда буданд, аммо дигар ин ҷо ҳоҷати қилу қоле намонда буд.

Бубинед, ин ҷо паст задани давлат як тараф истад, аммо таҳқир кардани Конститутсияе, ки мардуми тоҷик бахри озодиву демократия ва зиндаги хуш дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ 6. 11.1994, ҳангоме ки дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ буд, мардум дар ғами рӯзиву ҷони худ буданд ва ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, онро қабул карда буданд, магар ҳарзагӯие беш нест?

Пас, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ин баҳсҳо дар доираи нофаҳмӣ ва наёфтани мавзуи муайян ба амал меоянд. Сабаби «тоҷикӣ ё порсӣ»- ро ба баҳси «сиёҳ» дохил кардани мо низ дар он аст, ки аз ин баҳс фоидае барои миллат нест. Бо далелу бурҳон исбот карданд, ки ҳақиқат чист ва ҳақиқатгӯ кист, аммо ҳарзагӯёнро қонеъ карда намешавад, як роҳ мондааст, ки эшон қонеъ шаванд, мурдаҳоро зинда кардан ва ҳаққашонро рӯйи дасташон гузоштан. Агар шахси оқил мешуд кайҳо аз ин баҳси бемаънӣ даст мекашид. Аммо сухан дар бораи осмон мераваду онҳо оиди ресмон гап мезананд.

Оиди баҳсҳои лоиҳавӣ ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки баъзе нафарони дар шабакаҳои иҷтимоӣ, хусусан Фейсбук дар баҳсҳо фаъолбуда (хусусан мухолифон) барои маблағ шуда ба ин корҳо даст мезананд. Вагарна кӣ гуфтааст онҳорову пофишории беҳуда карданро? Киро мефорад музамиву беобрӯӣ? Танҳо шахсеро, ки пешааш ҳамин аст. Кори дигаре надорад ва баъзеи дигар ба оташ равған мерезанд, яъне ба кумаки рафиқи мулзамшудаашон меоянд ва чун диданд нашуд, ба ҳақорату дашном мегузаранд. Борҳо таъкид карда шуд, ки модераторони гурӯҳ ба куҷо нигоҳ мекунанд, онҳо бояд пеши роҳи

чунин таҳқиру дашномдиҳиву ҷанҷолро бигиранд. Агар дар асл гирем, ҳамаи баҳсҳои «сиёҳу сафед» - и забонӣ лоиҳавианд. Масалан, мисолеро аз гурӯҳи «Ин қанди порсӣ» берун аз забонӣ, яъне лоиҳавӣ меорем. Исфандиёри Назар (тахти унвони «Барои андеша») ба қалами Меҳмоншо Шарифов «Хиёнати элитаи сиёсӣ» ном матлаберо дар санаи 17.12.2019 гузоштаанд. Он чунин шуруъ мешавад: «...воқеан элитаи сиёсӣ дар ин сарзамин дигар машруъият надорад, яъне имон ва боварии мардумро аз даст дода.

Акнун, чӣ ҷои ситоиш аз илмҳои дақиқ ва шикоят аз шеъру шоирист, чун дар ин сарзамин сиёсати воқеӣ вуҷуд надорад ва фасоду дуздӣ доранд, ҳукмронӣ мекунанд. Бахусус, дар дар Тоҷикистон «элитаи сиёсӣ», ки Раҳимзода намояндаи хуби он аст, дар се чиз номашрӯъ будани худро исбот намуданд ва бо ин будани давлатро зери хатар гузошта, ба мардуми Тоҷикистон хиёнат ҳам кардаанд...

Якум, дар ин сарзамин технологияи душмансозиро ниҳодина кардаанд... Дар ибтидо, аққалан баъди сулҳи тоҷикон, бояст раванди сохтани бунёди истиқлол сурат мегирифт, ки он имкони аз байн бурдани технологияи душмансозиро дар дохил ва мушаххас кардани душман ва дӯстро дар сатҳи байналхалқӣ медод. Технологияи душмансозӣ дар дохили як давлат, ки моли шӯравии собиқ буд, бояд шинохта мешуд, ки он ҷавҳари ҷанги шаҳрвандӣ ва нигоҳ доштани заъфи Тоҷикистон аст...

Дуюм, «элитаи сиёсӣ» ба ҷойи истифодаи ақлу илм ва сохтани бунёди ҷаҳони муттаҳидкунандаи Тоҷикистониён, аз номи ақлу илм як ҳаракати «рӯшангароӣ»- и болшевикӣ дар муқобили фарҳанги миллии худ ташкил намудаанд...

Сеюм, устураеро дар ин сарзамин тофтаву бофтаанд, ки дар сояи он на ақл на илм, на имон ва на ишқ нафас кашида наметавонанд...»

Дар зери матлаб 16 нафар лоиқ гузоштаанд ва 3 нафар шарҳ навиштаанд. Аз ҷумла, Хаким Раббимпур гуфтаанд, ки гӯё Исфандиёри Назар сухани ҳақро гуфта бошад.

Пасон Исфандиёри Назар навиштаанд: «Дуруд бар Шумо! Ин навиштаҳо ба қалами файласуф Меҳмоншо Шарифов нигошта шудаанд. Сипос аз эшон.» Баъдан Хаким Раббимпур миннатдориашонро ба муаллиф изҳор кардаанд.

Бубинед, аслан бо ин кор онҳо хостаанд, ки ду – се нафарро ҷамъ кунанду баҳсаке ғулғуладор ташкил кунанд, шояд сари кас ба онҳо маблағ медиҳанд, кӣ медонад? Ва чун диданд, касе аҳамият надод таъкидро ба кор бурдаанд. Ин баҳс бар муқобили давлату ҳукумат аст, барои ҳамин шояд ин кор аз тарафи бадхоҳон лоиҳакашӣ шуда бошад.

Масалан, дар санаи 24.02.2020 соати 07:44 Азизи Нақибзод дар гурӯҳи «Забони порсӣ» чунин матлаберо пешниҳоди хонандагон гардонда буданд, ки он чунин буд:

«Ҳоло дар Бухоро қарор дорам. Шукри Худо вазъи забони порсӣ беҳтар аз он аст, ки мо тасаввур мекунем. Аксари тоҷикон дар хонаву кӯчаю бозор форсӣ суҳбат мекунанд. Бароям ҷолиб аст, ки дар Самарқанд номи забонамонро тоҷикӣ мегӯянд, аммо бухориён ё форсӣ меноманд ё форсӣ-тоҷикӣ».

Дар зери ин матлаб 189 нафар лоиқгузорӣ кардаанд ва 23 нафар шарҳ навиштаанд. Аз он ҷумла, Ғолиб Усмониён ва Зафар Сӯфӣ гуфтаҳои муаллифро дастгирӣ кардаву таҳсин гуфтаанд, аммо Илҳом Эшонқулов «Ё ҳарду!» гӯён шеъри Қанд ҷӯӣ, панд ҷӯӣ... -и Мӯъмин Қаноатро то охир овардаанд:

Қорӣ Исмат ном фейк дар зери ин шеър номи шеъргузорандаро бечора навиштааст, ки беҳурматие нисбати шоир ва шеъри ӯ беш нест. Ҳадди аққал барои ҳурмати шеър набояд чунин мекард.

Пасон байни Ат-тоҷикӣ ва Азиз Нақибзод баҳси тезутунд меравад, ки аз рӯйи гуфтаи Ат-тоҷикӣ бухороиҳо ӯзбек ё форс бошанд, ки қариб буд хархаша шавад. Ин матлаб аз тарафи дигарон пурра дастгирӣ карда шудааст. Аммо ба чунин чиз фикр мекунем ҳоҷате набуд.

Дар мавриди баҳси ихтилофӣ ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки дар шабакаи иҷтимоӣ шумораи баҳсҳои ихтилофӣ шаклан каманд, аммо мазмунан пур – пуранд. Шинохти баҳсҳои ихтилофӣ аз дигар баҳсҳо дар он аст, ки ҳангоми баҳс ихтилофи фикриву илмӣ ба вуҷуд меояд. Ҷанҷолу хархаша ва носозгӯиҳо дар ин навъи баҳс хеле зиёданд. Ана аз ҳамин ҷиҳат шинохтани он нисбат ба дигар баҳсҳо осонтар аст. Гоҳо мисли матлаби дар боло овардаамон, ки дар он шарҳҳо хеле каманд муайян кардан ва ё ба як қолаби баҳсӣ даровардани он хеле мушкил мегардад. Барои исботи гуфтаҳои худ мисолеро меорем.

Дар санаи 02.03.2014 аз тарафи Саъдӣ Маҳдӣ матлабе дар гурӯҳи «Турон» гузошта шуда буд, ки баҳси дар сангарбудагонро ба миён овард. Дар он ҷо оварда шудааст: «Дар «Шоҳнома» таъкид шудааст, ки аз Золу Рудоба фарзанде ба дунё меояд, ки нагаҳбони Эрон мешавад, яъне Рустам ва баъдан порчаи шеърие аз ин асари безавол оварда мешавад. Мардуми тоҷик як меҳру муҳаббате нисбати Рустам доранд, ки чунин ҳис дар дигар ҷо мушоҳида намешавад. Кампиракони мо дар бораи Рустам ривоятҳо нақл мекунанд. Ҳатто аз забони паёмбар мегӯянд, ки он Ҳазрат (с) баъди муҳорибаҳо ҳазрати Алиро мегуфт, ки Рустамона кор кардӣ. Ин ривоятро қариб ҳама медонанд. Ман аз забони мӯйсафеди деҳаамон бо номи Давлати Афсонагӯ шунидам, ки он дар «Шоҳнома» нест. Хулоса, дӯстии мардуми тоҷик бо Рустами Дастон аз қадим сарчашма дорад, аз ин рӯ Рустам чун муҳофизи Эрон ин мулкро низ ҳимоя кардааст, ки мардум ӯро ин қадар дӯст медорад. Пас ба яқин минтақаи имрӯзаи Тоҷикистон ба Эрон дохил мешуд на ба Турон. Забонашон низ эронӣ буд на туркӣ». Ин матлаб аз тарафи 4 нафар лоиқгузорӣ карда шудааст ва як қатор шарҳҳо навишта шудаанд.

Масрур Почоев: «пас Суғд дар ҳайати Тӯрон набуда, Вашгирд ё Висагирд нест?»

Саъдӣ Маҳдӣ: «Бинед, ки дар ин миқёси калони ҷуғрофӣ, ки аз марказ ҳазорҳо км дур аст, мардуми кӯҳистон бо ҳоли худ буданд, вале эронӣ будани худро фаромӯш накардаанд» ва шарҳи дигар «Куруш барои мисол бо масагетҳо дар ҷанг буданаш ба хотири муттаҳид намудани марказгурезон буд. Ин маънои онро надорад, ки мо масагетҳо ё Томирисро ғайриэронӣ ба қалам диҳем» ва Масрур Почоев қаноатманд гаштаанд.

Баъдан Умед Ҷайҳонӣ: «Киё Саъдӣ Маҳдӣ, оё помириён туркзабонанд?» .

Саъдӣ Маҳдӣ :«Умедшоҳ, ин чӣ суолест? Чаро туркзабон?» Умед Ҷайҳонӣ «Чунки Шумо мегӯед: Пас ба яқин минтақаи имрӯзаи Тоҷикистон ба Эрон дохил мешуд, на ба Турон. Забонашон низ эронӣ буд, на туркӣ. Эрону Турон дар «Шоҳнома»- ро метавон бо ҳамин Хатлону Бадахшон дар Тоҷикистон муқоиса кард. Ҳарду ҳам тоҷиканд, ҳарду ҳам эронитаборанд, аммо Хатлон порсизабон аст ва Бадахшон помиризабон. Турониён эронитабору эронизабон буданд.»

Масрур Почоев навиштаанд: «Оё замини Ҳайтолиён ба Турон дохил аст ё Эрон? ».

Ҳанафӣ аз Ҳанафия:«Ман ҳам боре турк будани Туронро рад кардам, вале далелҳои «Шоҳнома» маро раҳгум карданд».

Саъдӣ Маҳдӣ: «Дар Турон аз "Шоҳнома" мебинем, ки мардуми турку чиниву эронӣ бо ҳам мезистанд. Ҳудудҳо низ дар натиҷаи муборизаҳо тағйир меёфт. Аммо дар кӯҳистони Помир дасти турке нарасидааст».

Умед Ҷайҳонӣ: «Замоне, ки эрониёну турониён бар сари марзу буму тоҷу тахти Эронзамин меҷангиданд, ҳанӯз он модагурге ки туркҳоро зода буд, зода нашуда буд, чӣ расад ба туркҳо. Достонҳои «Шоҳнома» бозгӯи устураҳои ариёҳо ҳастанд ва замонашон бисёр куҳан аст. Он замон аз туркҳо бӯе дар Тӯронзамин набуд.» «Хатлону Шуғнон дар бархе аз достонҳои «Шоҳнома» сарзамини Турон ҳастанд»

Саъдӣ Маҳдӣ: «Охир турк дар «Шоҳнома», ки ҳаст, намешавад онро аз асар сутурд»

Умед Ҷайҳонӣ: «Касе ҳам нагуфта ки ин вожаро бояд аз «Шоҳнома» сутурд. Шояд ҳам Фирдавсӣ «тур» суруда буду дертар ки туркон бар Эрону Турон фармонраво шуданд, нусханависон онро «турк» навишта бошанд. Инро намешавад иддао кард, вале эҳтимолашро ҳам наметавон рад кард».

Ҳанафӣ аз Ҳанафия: «Аз турк набояд тарсид, аз турктозӣ бояд ҳаросид. Ба фикрам туркон хеле қадиманд».

Ин баҳс бо ҳамин хатм мешавад.

Ҳамчунин, дар гурӯҳи “Дуруст бинависем” дар санаи 15.01.2019 с.13:05 Саъдӣ Маҳдӣ матлаберо бо номи “Ғалатизм – равияи нав дар забон” ба аҳли гурӯҳ пешниҳод карда буданд. Дар он дар бораи пуризм, яъне забонро тоза ва беиқтибос овардан ва равияи навкашфшуда – ғалатизм, яъне ғалат баровардани ҳар як вожаи тоҷикӣ ва забони зиндаи халқ, ки як андоза пеши роҳи ин падидаро гирифта, онро маҳдуд месозад. Аз тарафи 41 нафар корбарони ин шабакаи иҷтимоӣ ва гурӯҳ аломатгузорӣ шуда, 58 шарҳ навишта шудааст. Дар шарҳҳо баҳси тезутунд байни Саъдӣ Маҳдӣ ва Исфандиёр Одина меравад, ки Исфандиёр пуризмро калимаи русӣ медонанд ва ғалатизмро низ бошад сохтаи худи устод. Баъдан чун Исфандиёри Одинаро фаҳмондан мушкил мешавад, намедонам, хитоб ба кӣ

буд, ки Нусратулло Бобоев “Харизм ҳам истилоҳи хубест мегӯяд”. Баъдан яку якбора аз тарафи Сайф Достиев :

“Дар луғати тоҷикӣ вожаи хубе ҳаст Кунихар, ҳатто байтеро ҳам мисол меоранд:

Доно агар ба мол кунад кибр бар ҳаким,

Кунихараш шумор агар гови анбар аст.”

Пасон ин нафар шахсони забонфурӯшро низ кунихар меноманд. Ва дар охир бо ҷумлаи “Мо метавонем” суханашро хатм мекунад.

Баъдан Назар Мирзода менависанд, ки “Не оғои Сайфиддин! Аз паси куни Хар ки рафтӣ, хамсояи куни хар, яъне поёнтар аз он мешавӣ! Мы умеем!!!”

Баъдан Саъдӣ Маҳдӣ: “Бисёр мехостам, як баҳси илмӣ шавад ва ба он аҳли сухан, забоншиносону огаҳон ворид шаванд, вале афсӯс...”

Устод Абдуқодири Рустам:

“Чун аз масоили илмӣ баҳс мекунед (забон баҳси илмист) аз таҳқиру дашноми ҳамдигар иҷтиноб кунед... Бо ҳамин баҳс ба анҷом расид.

Тайи чанд муддати охир ҷараёни гузариши баҳсҳо як дараҷа хуб шудаанд. Дар кори курсии пешинаамон дар ин гуна мавридҳо мисолҳои ҷолиберо оварда будем, аммо, мутаассифона, ба меъёрҳои ахлоқӣ дуруст намеомаданд ва ҳатто иштирокчиёни баҳс якдигарро ҳақоратҳои гӯшношунид мекарданд. Модераторони гуруҳҳо дар ин ҳолатҳо дахолат намекарданд ва пеши роҳи ин гуна носозгӯиҳоро намегирифтанд. Аммо баъди чанд рӯзи баҳс дастрасии онро тамоман маҳдуд мекарданд ва то ҳол чунин аст.

Оиди баҳсҳои беҳуда ҳаминро гуфтан бамаврид аст, ки одатан баъзе баҳсҳои шабакаи иҷтимоӣ кӯҳна ва дилбазан шудаанд ва ҳангоме аз тарафи мухолифин гузоштани матлабе “баҳсталабу ҳалталаб”касе ба онҳо аҳмияте намедиҳад.

Дар санаи 30.09.2019 соати 09:13 дар гурӯҳи “Ин қанди порсӣ” аз тарафи яке аз ташкилкунандагони гурӯҳ Исфандиёри Назар навиштаи Варқа Зайниддинов бо номи “Мазҳакаи илоҳӣ” дар асри 21 интишор карда шуд, ки дар он ҷо гӯё он нафар мақсад доштаанд, ки якчанд асарҳоро, аз ҷумла порчаҳои шеърии Нимо Юшиҷ, Нодирпур, Аҳмади Шомлу ва Парвини Эътисомиро аз “забони порсии хориҷӣ”(порсии Теҳрон) ба забони ноби модарияшон забони тоҷикӣ тарҷума кунанд. Баъдан хостаанд, бо ашъори Зиё Қоризода, Сулаймон Лоиқ ва устод Халилуллоҳ Халилиро аз “забони хориҷии дарӣ” (порсии Кобулӣ) сари кор гиранд. Баъди итмоми ин “тарҷумаҳо” ба тарҷумаи асарҳои Амир Хусрав, Бедил, Зебуннисо ва ғайраҳо аз “забони хориҷии порсӣ”, яъне порсии Деҳлавӣ даст ба кор мезадаанд. Боз асарҳои Мушфиқӣ, Носири Бухороӣ, Малеҳои Самарқандӣ ва ғайраҳоро тарҷума мекардаанд. Баъдан дар охир гуфтаанд, ки ба гуфти болшевикони туркӣ “Бутун дунё пролетарӣ бирлашингиз” мешавад. Баъдан аз тарафи шахсони зерин шарҳҳо гузошта шудаанд:

Зафар Сӯфӣ: “Намедонам бихандам ё бигирям...”

Адаш Истад: “Танзи ҷолибе!”

Саидшо Акрамов: “Ҷойи гиря аст.”

Достон Каюмарс: “Чӣ навишта шудааст?”

Исфандиёри Назар: “Тоҷикистон”

Мисли оне ки дар боло зикр кардем, касе ба ин баҳс ҳамроҳ нашуд ва баҳс бо ҳамин ба итмом расид ва то имрӯз касе ба ин матлаб шарҳе нанавишт. Чунки писханди муаллиф нисбати забони тоҷикӣ буд ва он нафратовар ба анҷом расид. Ҳамчунин, мавзуе, ки кӯҳна шуд ва такрор дар он зиёд гашт дилбазан мешавад, гарчанде “ишораҳо” зиёд буданд. Чун диданд бозорашон сард шуд аз чунин баҳсҳои бефоида бояд даст кашанд, аммо на...

Дар санаи 12.04.2020 дар гурӯҳи “Забони порсӣ” Дориюш Раҷабиён чунин матлаберо гузошта буданд:

Дар феҳрасти имзокунандагон тоҷикҳоеро мебинем, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба сар мебаранд, аммо ҳамчунон вобаставу ҷонбаста ба Моми Меҳан - Тоҷикистон ҳастанд ва бартарин хостаашон рафъи монеъаҳо барои расидан ба худшиносии миллӣ ва пешрафту шукуфоии сарзаминашон Тоҷикистон аст.

Зинда бод Тоҷикистон бо забони миллиаш, ки порсист!”

Дар зери ин матлаб 87 нафар лайк гузоштаанд ва 177 нафар шарҳ навиштаанд.

Искандари Раҳмон навиштаанд, ки агар Фирдавсии бузургвор дигарбора зинда шавад аз ин навиштаҳои Шумо чиро мефаҳмид? Ин навиштаҳои Шумо то кадом андоза порсист ва бо ин навиштаҳоятон чӣ гуфтан мехоҳед? Фирдавсӣ то тавонист аз истифодаи калимаҳои арабӣ дурӣ ҷуст. Шумо ин порсиатонро пеши худ нигоҳ доред ва аз тоҷикон нахоҳед, ки ба забони арабизадаи Шумо порсӣ ном гузоранд. Барои мо порсӣ забони Фирдавсист.

Хуллас, баҳси забон дар шабакаи иҷтимоии фейсбук ба равишҳои гуногун сурат гирифта, ба сиёсат пайваст мешавад. Яъне, дар ҳама баҳсҳо мо метавонем ғарази сиёсиро бубинем, мутаассифона, ин ғараз дар ҳама баҳсҳо намоён мегардад. Аз ин лиҳоз фарқу шинохти онҳо аз матолиби одӣ барои ҳар як нафар, хусусан журналистон муҳим аст.

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ, С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / С. Айнӣ. – Душанбе, 2007. – 718 с.
2. Камолиддинов, Б. Дар бораи баъзе нуқсонҳои забони матбуоти тоҷик / Б. Камолиддинов // Оинаи забон. – Душанбе, 2003. – 143с.
3. Камолиддинов, Б. Нависанда ва иқтибоси калима // Сухандонон сухан санҷида гӯянд / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2005. – 49с.
4. Камолиддинов, Б. Сухандонон сухан санҷида гӯянд. -Душанбе: Эҷод, 2005.-276 с.
5. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Интернюс Тоҷикистон, 2001. – 171 с.
6. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Пойтахт, 2015. – 108 с.
7. Муҳаммадюсуф Имомзода, Саъдӣ Маҳдӣ, Бахтиёри Қутбиддин. Усули таҳқиқ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – 200 с.
8. Павлова, К.Г. Психология спора / К.Г. Павлова. – Владивосток, 1988. – 288 с.
9. Саъдӣ Маҳдӣ. 33 мақола. –Душанбе, 2011. –160 с.
10. Слемнев, М.А. Диалектика спора / М.А. Слемнев. – М: Униваристетское, 1990. – 224 с.
11. Тархова, Л.П. А если спор? / Л.П. Тархова. – М.: Знание, 1979. – 64 с.
12. Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар. – Душанбе. Адиб. 1990. – 128 саҳифа.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Сов.энцик., 1969. - Ҷ. 1. – 951 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: Сов.энцик., 1969. - Ҷ. 2. – 947 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 949с.
16. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 549с.
17. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ. – Душанбе, 2006. – 784 с.
18. Шакурӣ, М. Сухан аз забон ва тарзи баёни аҳли матбуот / М. Шакурӣ // Садои Шарқ.-1965.-№10.-С.90.
19. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 400 с.
20. Шамелашвили, М.А. Функционально-стилистические и лексико-грамматические особенности газетных заголовков: автореф. дисс. … канд. филол. наук. / М.А. Шамелашвили.– М., 198 с.
21. https://www.facebook.com/profile.php?id=100014994032883/
22. https://www.facebook.com/groups/345434293005678/
23. https://www.facebook.com/groups/750326131656793/


**БАҲСИ ЗАБОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТ**


Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ хатарҳои зиёде ҷомеаи моро таҳдид мекарданд. Яке аз онҳо хатари забонӣ буд. Забон пояи бақои ҳар як давлату миллат аст. Истиқлоли давлатӣ имкон дод, ки забони тоҷикӣ мақоми аввалиндараҷаро касб кунад. Аз аввали асри 21 сар карда олимони соҳа ба масъалаи сохтории забон аҳамияти ҷиддӣ медодагӣ шуданд. Дар ҳамин солҳо баҳс аслан сари забони тоҷикӣ мерафт, ки то имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Баъзеҳо ҳастиву асолати забони тоҷикӣ ва дар умум тамоми далелҳои таърихиро инкор мекунанд. Ҳол он ки ҳама чиз аён аст. Хусусан, тули чанд соли охир мавзуи мазкур диққати олимонро ба худ ҷалб карда, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар мақолаи зер мо ба ҳамин мавзуъ сарукор гирифта, холисона фикру ақидаамонро дар ин бора баён мекунем. Дар ин ҷо аслан гурӯҳҳои шабакаи иҷтимоии Фейсбук мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, бештар сари баҳси сиёҳи «порсӣ ё тоҷикӣ?» кор мекунем ва мисолҳоро низ аз гурӯҳҳои ин шабакаи иҷтимоӣ меорем. Дар мақола баҳсҳо ба бахшҳо тақсим ва мухтасар маълумот дода шудааст. Таассуфовар он аст, ки сафи ашхоси тундрав рӯз аз рӯз меафзояд. Хуб мешуд, ки чунин шахсон ба ҷойи чунин корҳои бефоида ба илм ё истеҳсолот машғул мешуданд. Бинобар ин ҳам гоҳо далелҳои ғалат овардашуда боиси нофаҳмии мардум ва ҳатто зиёиён мегарданд, ки паёмадҳои хеле нохушро ба бор меоранд. Яке аз сабабҳои асосии баҳсҳои тезутунд ва аз одоб берун низ ҳамин гуна ғалатҳо ба ҳисоб мераванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истиқлол, давлатӣ, забон, хатар, тоҷикӣ, олимон, соҳа, аҳамият, баҳс, асолат, далел, таърихӣ, мавзуъ, пажӯҳиш, шабака, Фейсбук, иҷтимоӣ, гувоҳ, таҳрир, таҳриф, ғалат.


**ОБСУЖДЕНИЕ ЯЗЫКА В СЕТЕЙ ИНТЕРНЕТА**

После обретения независимости нашему обществу угрожали многие опасности. Одним из них был языковой риск. Язык - основа существования любого государства и нации. Государственная независимость позволила таджикскому языку получить приоритетный статус. С начала 21-го века ученые в этой области уделяли пристальное внимание структуре языка. В эти годы спор велся главным образом из-за таджикского языка, который до сих пор остается одним из самых важных вопросов. Некоторые отрицают существование таджикского языка и даже все исторические факты. Особенно в последние годы эта тема привлекла внимание ученых и стала предметом исследований. В данной статье мы сосредоточимся на этой теме и объективно выскажем свое мнение по ней. Здесь вступают в игру группы социальной сети Фейсбука, основной темой которых является «Персидский или таджикский?». Будем работать и приводить примеры из групп этой социальной сети. В статье дискуссия разбита на разделы и дан краткий обзор. К сожалению, количество экстремистов растет день ото дня. Было хорошо, если бы такие люди занимались наукой или производством вместо такой бесполезной работы. Поэтому иногда искажение фактов приводит к недопониманию среди обычных людей и даже интеллигенций, что имеет не хорошее последствия. Одна из главных причин жарких и неэтичных споров - одни и те же ошибки.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** независимость, язык, опасность, таджикский, ученые, область, значимость, споры, оригинальность, свидетельства, исторический, тема, исследование, сеть, Фейсбук, социальное, редактирование, искажение, неправильность.

**LANGUAGE DISCUSSION ON INTERNET NETWORKS**

Since independence, our society has faced many dangers. One of them was language risk. Language is the basis of the existence of any state and nation. State independence allowed the Tajik language to receive a priority status. Since the beginning of the 21st century, scholars in this field have paid close attention to the structure of language. During these years, the dispute was conducted mainly over the Tajik language, which still remains one of the most important issues. Some deny the existence of the Tajik language and even all the historical facts. Especially in recent years, this topic has attracted the attention of scientists and has become the subject of research. In this article, we focused on this topic and gave our objective opinion on it. This is where Facebook social networking groups come into play, whose main theme is "Persian or Tajik?" We worked and gave examples from the groups of this social network. The article breaks down the discussion into sections and provides a brief overview. Unfortunately, the number of extremists is growing day by day. It would be good if such people were engaged in science or production instead of such useless work. Therefore, sometimes distortion of facts leads to misunderstandings among ordinary people and even intellectuals, which has not good consequences. One of the main reasons for heated and unethical debate is the same mistakes.

**KEYWORDS:** independence, language, danger, Tajik, scientists, area, significance, controversy, originality, evidence, historical, topic, research, network, Facebook, social, editing, distortion, incorrectness.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Юсуфов Ифтихор Абубакирович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 937-84-22-24**, E-mail**: iftikhor1998@mail.ru.**

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримова Дилбар Зафаровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи рус. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918817575.** E-mail: **dilbarkarimova98@mail.ru.**

**Сведение об авторе**: ***Каримова Дилбар Зафаровна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета русской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918817575.** E-mail: **dilbarkarimova98@mail.ru.**

**Information about the author:** ***Karimova Dilbar Zafarovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **918817575**. E-mail: **dilbarkarimova98@mail.ru.**

# ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИЮ НАЗАРИЯВИИ ИСТИЛОҲОТ ВА ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВИЮ ЭТИМОЛОГИИ ЯКЧАНД ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ – ТОҶИКӢ

***Шарипов Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳофаринӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бо майли худ ба он дохил гардад. Мақсади асосии он ҳарчи зудтар, аниқтар ва возеҳтар барои аҳли ҷомеа ва агар маъно доир ба ҳаёти дипломатӣ бошад, барои соҳаи дипломатия, ифода кардани маънои мафҳумҳои тоза ба ҳисоб меравад. Вақте ки дар ҷамъият чунин мафҳумҳо зуҳур мекунанд ва инсоният бо он рӯ ба рӯ мегардад, дар мадди аввал кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар забони модарӣ худ истилоҳ ва ё маъноҳое пайдо кунад, ки аз лиҳози мафҳум монандӣ ё

наздикӣ бар онҳо дошта ва барои аҳли башар бештар равшантар бошад ва мафҳумҳои тозаро инъикос кунад. «Агар дар забон калимаи муносиб барои ифодаи чунин мафҳумҳо пайдо нашуд, он гоҳ фаъолияти калимасозии забон ба кор медарояд. Барои ин кор забон ва захоири имконоти дохилӣ ва васоили гуногуни дастури хеш аз қабили калимасозӣ мутобиқи суннатҳои анъанавӣ аз пасванду пешвандҳо ва нимвандҳо ва ғайра истифода мебаранд» [7, 24]. Ба андешаи муҳаққиқон истилоҳ калимаи хос, аниқтараш калимаи дорои вазифаи хос аст. Вай калима ё ибораест, ки тобиши махсуси маъноии илмӣ дошта, дар ҳавзаи амалкарди як илми мушаххас мафҳуми муайянеро ба шакли равшану дақиқ ифода мекунад. Бояд қайд кард, ки дар сурати маънои истилоҳӣ пайдо кардани калима ва ё вожа дигар маъниҳои он қатъи назар мегардад. Ба таъйини фалсафии мафҳуми истилоҳ, таъйини мантиқии мафҳуми истилоҳ низ алоқаманд аст, зеро истилоҳ ба мафҳум робитаи ногусастанӣ дорад, яъне ҳар кадом мафҳум тавассути истилоҳ ифода мегардад. Ёдрас бояд шуд, ки дар «Луғати мантиқ» истилоҳ «вожа ё таркиби вожагон» номи дақиқи мафҳуми мушаххаси илм, техника ва ғайра мебошад. «Азбаски инсонҳо барои фарқи беҳтарин падидаҳои нави моддиву маънавии атрофи хеш ҳамеша дар фикру таҳлилу таҳқиқ мебошанд, мехоҳанд барои онҳо қолабҳо сохта, меъёру таърифҳоро муқарар намоянд» [7, 24]. Омӯзиш ва таҳқиқоти истилоҳот бевосита яке аз масъалаҳои муҳимми илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Вобаста ба ин масъалаи муҳимми илми забоншиносӣ зарурат ба миён меояд, ки истилоҳоти забонҳои гуногуни дунёро омӯзем. Дар роҳи рушд ёфтани омӯзиши теорияи забоншиносии муосир сохтор ва вазифаҳои забонҳои гуногун ва ҷиҳати этимологии онҳо дар алоҳидагӣ масъалаҳои актуалии илми забон ба шумор меравад. Истилоҳоти дипломатии забони англисӣ ва тоҷикӣ яке аз самти сермӯзиштарин дар шохаи луғатнигории қисми лексика мебошад, ки имрӯз диққати бештари забоншиносон ва хусусан истилоҳофаронро ҷалб намудааст. Истилоҳот яке аз қисматҳои махсуси лексика ба шумор рафта, ки шакл, сохтори хос, ҷиҳати иборасозӣ вобаста ба умумиистифодашавии калимаҳо ва нақши махсусеро дар системаи лексикии забон мебозад. Истилоҳоти дипломатӣ дар соҳаи сиёсат ва дипломатия дар созмонҳои байналмилалӣ аз ҷониби шахсони дахлдор (президентҳо, сарони созмонҳои байналмилалӣ ва дигарон) садо медиҳад. Таърихи ҳар кадом илм, алалхусус илми истилоҳшиносӣ таърихи мафҳуму истилоҳотро дар бар мегирад. Дар забони русӣ ва бисёре аз забонҳои хориҷӣ мафҳуми «**termin**» истифода мегардад. Калимаи мазкур дар забони тоҷикии Шуравӣ хело фаъолона истифода гардида буд, зеро аз солҳои сиюми садаи бист то нимаи аввали солҳои ҳаштодуми ҳамин аср дар Тоҷикистон ба таваҷҷуҳ ба забони русӣ дар ифодаи мафҳуми истилоҳ аксари калимаҳо ҳамчун мафҳуми “**термин”** истифода мешуданд.

Аввалин маротиба калимаи «**термин**» аз решаи калимаи лотинии «**terminus**» гирифта шуда, маънояш «Худованди нигаҳбони марз ва аломатҳои марзӣ» мебошад. Дар забони лотинӣ ин вожа баъдан ба маънии «санги сарҳадот» ва сипас барои ифодаи мафҳумҳои «ҳудуд», «анҷом», «интиҳо» истифода мешуд.

Ба ақидаи Брокгауз Ф.А. ва Ефрон И.А. (охири асри XIX), ки муаллифони «Луғати энсиклопедӣ» ба шумор меравад, ҳангоми баррасии маънои калимаи «**термин**» дар воқеъ хамин матлабро таъкид намуданд: «**Термин**» (**terminus**) – дар назди римиёни қадим Худованди марзҳо, ки сангу нишонаҳои марзӣ зери ҳимояи вай қарор доранд муқаддас дониста мешаванд. Луғатнигори дигар Хаютин А.Д. дар он ақида аст, ки шояд калимаи «**terminus**» дар забони лотинии асрҳои миёна дар худ маъниҳои таъйин, ифода пайдо намуда ва маҳз зери таъсири ҳамин маъноҳо истилоҳои «**terminus**» дар забони фаронсавии қадим вожаи «terme» ба маънои калима ба вуҷуд омада буд. Чи тавре ки мушоҳида намудем калимаи термин бо сабабҳои гуногун аз қолаби забонии хеш дур афтода дигар маънои истилоҳиро ба худ касб намудааст, ки он ҳам дар забони тоҷикӣ ба вожаи арабиасос монандӣ дошта “истилоҳ” мебошад.

Ибораи истилоҳ дар забони арабӣ аз феъли навъи VIII (*istalaha)* пайдо шуда ба якчанд маъно шинохта мешавад:

1. беҳ шудан, ислоҳ гаштан
2. сулҳ кардан бо касе
3. мувофиқа кардан дар бобати чизе, созиш кардан, шарт бастан, чизеро пазируфтан ва ғ.

Дар забони тоҷикӣ бештар дар воҳидҳои луғавӣ истилоҳ истифода мегардад. Ёдовар бояд шуд, ки дар забони арабӣ барои ифода гардидани вожаи истилоҳ бештар аз калимаи ***mustalah*** *(at)* истифода мекунанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳол зери мафҳуми истилоҳ ақида ягон вуҷуд надорад, зеро ин вожа дар тамоми соҳаҳои илм васеъ кор фармуда мешавад ва ҳар илм кӯшиш ба харҷ медиҳад, то мафҳуме роҷеъ ба худаш фаҳмову равшанро истифода барад. Назарияҳо аввалин маротиба доир ба мафҳуми истилоҳ дар илми забоншиносӣ дар охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба вуҷуд омад. Забонишиносони дигар ба монанди Гриноф ва Кетриҷ истилоҳотро ба формулаи риёзӣ шабеҳ доданд, зеро истилоҳот танҳо бо мақсади ифодаи мафҳумҳои махсус миёни одамон истифода мегардад. Аз ин рӯ, онҳоро ба таркиби луғавии забон дохил намудан аҳамияти хосе надорад. Забонишиноси дигар бо номи Л.Олшки назарияи “ҳироглифият” – и истилоҳотро пешниҳод намудааст. Л. Олшки дар он ақида буд , ки истилоҳ ҳамчун аломати комилан бетарафи маъноӣ – “симои мурда” баррасӣ гардида, танҳо барои ифода намудани далелҳои ақлонӣ кор фармуда мешавад. Назарияи мазкурро забоншиносони маъруф О. Е Есперон ва Ф. Бруно ҷонибдорӣ намудаанд. “Забоншиноси англис О. Нейбеккен дар муқобили мафҳуми «забони мутадовили англисӣ» (**vernacular English**) мафҳуми «забони фани англисӣ»-ро **(techical English)** пешниҳод кардааст. Ба ақидаи ӯ забони фани забони англисӣ ба фаровонии «истилоҳоти фаннӣ» (**technical terms**) ифода меёбад”.[6.8-9]

Доир ба таҳқиқи истилоҳот олимону забонишиносони даврони Шуравӣ ба монанди Д.С. Лотте, В.В.Виноградов, Г.О. Винокур, Н.П. Кузкин, А.А. Рефоматкий, А.В. Суперанская, А.Д. Хаютин, Л.В. Морозова, Р.А. Будаков, Н.И. Кандаков ва дигарон бетараф набуданд. Дар тартиб додану муқаррар намудани истилоҳот ду ҷанбаи асосӣ дар назар дошта мешавад: сохториву забонӣ ва мафҳумиву маъноӣ, ки боиси рушди системаи вожаҳои илмӣ дар риштаҳои гуногуни илми забоншиносӣ ба чашм мерасад. Ин ҳар ду ҷанба аз ҷиҳати таърихиву фарҳангӣ бо ҳам алоқамандии зич дорад, мегӯяд В.В. Виноградов.

“Н.П. Кузкинов дар бораи чор назарияи зерини таъйини истилоҳ изҳори ақида мекунад:

а) истилоҳ – калимаест ба вазифае дефинитив

б) истилоҳ – калимаест ба вазифаи номи мафҳум

в) истилоҳ – калимаест барои ифодаи калимаи тахассусӣ

г) истилоҳ – калимаест барои ифодаи мафҳуми махсус”[6.9-10]

Дар андак муддати кӯтоҳ муҳаққиқони боистеъдоди ҷавони тоҷик ва донандагони хуби забони тоҷикӣ ба монанди С. Сулаймонов, Мирзо Ҳасани Султон, А. Байзоев, Назарзода С., Абдулфайзов С. ва дигарон роҷеъ ба истилоҳсозони даврахои пеш, аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ва дигарон рисолаҳои илмӣ ва китоби мақолаҳои арзишманде навиштаанд.

Дипломатия низ як ҷузъи таркибии фанни робитаҳои байналмилалӣ ба шумор рафта, маънову таркиботи хоси худро дорад, ки ҳамаи ин истилоҳҳо ва калимаҳо ифодагари матлабу мафҳумҳое мебошанд, ки марбути калима ва истилоҳоти робитаи байналмилалӣ аст. Истилоҳоти дипломатӣ як шохаи илми истилоҳшиносӣ ба шумор рафта он дар тули истиқлолият ба комёбиҳои беназир ноил гардидааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки имрӯз дар дар илми забоншиносии тоҷик мавқеи истилоҳ хело ба дараҷаҳои илмӣ расида ва он дар забони тоҷикӣ мавқеъи хоси худашро пайдо намудааст, ки мо метавонем ҷиҳатҳои луғавию этимологии якчанд истилоҳоти дипломатиро дар ду забон- англисӣ ва тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

**Ambassador** – Сафир – номояндаи асосии корпуси дипломатӣ. Номи пурраи истилоҳи мазкур дар забони тоҷикӣ «сафири фавқулода ва мухтор» мебошад. Истилоҳи «сафир» дар асри XIV аз забони англо- фаронсавӣ «**ambassadeur**» ба забони англисии миёна «**ambassadour**» ворид гашта, аз ин забон дар натиҷаи пурзур гаштани равобити дипломатӣ байни давлатҳо ба забони русӣ “**посоль**”ва ҳамчунин ба забонҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла забони тоҷикӣ ҳамчун мафҳуми “сафир» қабул гардидаст.

Дар фарҳанги англисӣ – тоҷикии мутафаккир, луғатнигор ва профессор Абдусалом Мамадназаров истилоҳи «сафир» чунин тавзеҳ дода шудааст: **ambassador** – сафир, сафири кабир, элчӣ, the newly appointed US ambassador to Tajikistan – сафири навтаъиншудаи ИМА дар Тоҷикистон; номи пурааш чунин офарда шудааст: «ambassador extraordinary and plenipotentiary – сафири фавқулода ва мухтор”[1. 50]. Дар луғати машҳури Мериям Вебстер истилоҳи сафир ба чунин шакл тавзеҳ дода шудааст: the highest – ranking person who represents his or her own government while living in another country. An official envoy; especially; a diplomatic agent of the highest rank accredited to a foreign government or sovereign as the resident representative of his or her own government or sovereign or appointed for a special. First use: 14th century

***Тарҷумааш*** – шахси воломақоме, ки мамлакати хешро дар мамлакати мизбон муаррифӣ менамояд.

Фиристодаи махсус; оҷонсии дипломатии рутбаи баланд дошта дар мамлакати хориҷӣ ё шахси соҳибихтиёри намояндаи кишвари хеш дар кишвари мизбон мебошад.

Истилоҳи мазкур дар китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих”- и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, ки бо забони англисӣ тарҷума гардидааст дар чунин шакл оварда шудааст: Fortunately, for our Iranian neighbours, Sir Henry Rawlinson, who was firstly British **Ambassador** in India (1827-1839) and then in Baghdad and Teheran (1840—1843) was greatly interested in Assyrian history [10.75] . Хушбахтона, барои ҳамсоягони Эронии мо ҷанобиҲенри Ровлинсон, ки яке аз аввалин сафирони Бритониёӣ дар Ҳиндустон буд, ки ба таърихи Ассуриён таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Дар китоби “Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз” қисми 1-уми Ҳамроххон Зарифӣ, собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи “сафир” ба таври зайл оварда шудааст: In 1993 India appointed the ambassador to Tajikistan with residence in Tashkent, and in May 1994 opened its diplomatic representation in Dushanbe [9.90].

***Тарҷумааш*** – соли 1993 Ҳиндустон Сафири Фавқулода ва Мухтори худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қароргоҳ дар шаҳри Тошканд таъйин намуд ва майи соли 1994 намояндагии дипломатии худро дар шаҳри Душанбе кушод.[9.115]

**Attache** – Атташе (вобаста) – мансаб ва рутбаи корманди дипломатӣ. Дар фаъолияти байналхалқии дипломатӣ маъноҳои зерини атташе – ро чунин васф намудаанд:

а) вобастаи ҳарбӣ, ҳарбӣ – баҳрӣ, ҳарбӣ-ҳавоӣ – намояндагони мақомоти ҳарбии хеш дар мақомоти ҳарбии кишвари мизбон. Инчунин, онҳо мушовирони намояндагони дипломатӣ дар кишвари мизбон ба шумор мераванд.

б) вобастаи махсус – намояндагони мақомотҳои мухталифи кишвари хеш – оид ба саноат, хоҷагии қишлоқ, меҳнат, тиҷорат, фарҳанг, техника, илм ва ғайра. Онҳо маъмулан мутахассисони баланд ихтисосанд, ки вобаста ба равияи хеш маълумоти бештар доранд ва метавонанд, ки кишвари хешро дар мамлакати мизбон муаррифӣ намоянд.

в) вобастаи матбуотӣ (пресс - атташе) – корманди масъули намояндагии дипломатӣ, ки ба масъалаҳои нашр ва иттилоотӣ намояндагӣ машғул аст.

г) вобастаи дипломатӣ – корманди хурди дипломатӣ намояндаи дипломатӣ ва ё дастгоҳи махсуси ВКХ. Ба вазифаи атташеи дипломатӣ шахсоне дохил мешаванд, ки хизмати дипломатиро оғоз намудаанд.

д) вобастаи ифтихорӣ – шахсоне, ки фаъолияти дипломатиро интихоб намудаанд ва то ҳол ба хизмати доимӣ номнавис нашуда, маош низ намегиранд. Дар баъзе кишварҳо атташеи ифтихорӣ дар ягон намояндаи дипломатӣ коромӯз мешаванд. Баъди анҷоми фаъолияти дипломатӣ онҳо ба гурӯҳи хадамотӣ-дипломатӣ номнавис мешаванд.

Тамоми категорияҳои атташе ба ҳайати корпуси дипломатӣ шомил буда, аз тамои имтиёзу масуниятҳо бархурдоранд.

Атташе – истилоҳи дипломатӣ буда, соли 1826 истифода шудааст. Ин истилоҳ дар аввал дар забони лотинӣ пайдо шуда, баъд он ба забони фаронсавӣ (attaché) дохил гашта, аз ин забон ба фонди луғавии забони англисӣ дохил гардида, инчунин дар натиҷаи пешравии корҳои сиёсиву дипломатӣ аз забонҳои дар боло зикргардида ба забони русӣ ва билохира аз ин забон ба забони модарии мо ворид гардид. Маънои ин истилоҳ, коршиноси

сафорат ба шумор рафта, он дар сафорат ҳамчун маслиҳатчӣ доир ба самтҳои гуногун адои вазифа менамояд. Дар фарҳанги англисӣ – тоҷикии, забоншинос, луғатнигор, профессор, устод Мамадназаров А. истилоҳи атташе – attache – атташе, вобаста, (ходими ихтисосманди сафорат); attache case – ҷомадонча, киф, дипломат оварда шудааст. [1.71] Дар фарҳанги дигар ба номи Мериям Вебстер истилоҳи мазкур чунин шарҳ дода шудааст: a**ttache** – a person who works at an embassy as an expert on a particular subject – шахсе, ки дар сафорат ба ҳайси коршиноси соҳаи махсус фаъолият менамояд.

Full Definition – Тавсифи пурраш

A technical expert on a country's diplomatic staff at a foreign capital "a military attaché" – коршиноси техникии ҳайати дипломатии кишвари мизбон «атташеи (вобастаи) ҳарбӣ »

Origin: French, past participle of attacher and first use in 1826 – асли вожаи мазкур аз сифати феълии **attacher** гирифта шудааст ва аввалин маротиба соли 1826 мавриди истифода қарор гирифтааст. Мисол: A group of military **attache** of embassies, accredited in Moscow visited Tajikistan. A meeting took place with the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. [10,65] Гурӯҳи атташеи ҳарбии сафоратҳо дар шаҳри Москав қарор гирифта ба Тоҷикистон сафар карданд. Вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барпо гардид.

**Memorandum- Меморандум "Ёддошти тафоҳум"** – як навъи ҳуҷҷати дипломатӣ мебошад, ки тамоми масъалаҳои сиёсиву ҳуқуқии тарафҳоро вобаста ба муносибати давлатҳо баррасӣ менамояд. Меморандум метавонад ҳамчун пешниҳод дар варақаи нотаи дипломатӣ қарор гирад. Он ҳамчун ҳуҷҷати махсус дар бланкаи нота нашр шуда дар он макон ва санаи ирсол мегардида дарҷ намегардад. Ба маънии дигар, мактуби кӯтоҳмазмун ё гузорише аз ҷониби як шахс, шуъбаи, корхона ё ташкилоти хориҷие мебошад, ки ба дигар шахсони марбута, шуъба, корхона ё ташкилоти хориҷӣ ирсол карда мешавад. Вожа ё худ истилоҳи «меморандум» аз забони лотинӣ дар асри 15 пайдо шуда, баъдар дар забони англисии миёна мавриди истифода қарор гирифтааст. Он дар забони тоҷикӣ бо вожаи "ёддошти тафоҳум" мавриди истифодаи аҳли қалам қарор гирифтааст. Зикр бояд кард, ки дар фарҳанги англисӣ – тоҷикии профессор Абдусалом Мамадназаров **memorandum** [mema'raendsm] *n (pi* **memoranda or memorandums)** 1) ёддошти тафоҳум *(хулосаи масъалаҳои мавриди баррасӣ);* 2) номаи ғайрирасмӣ аз як идора ба идораи дигар **(memo** дам мегуянд); 3) хулосаи руйдодҳо вамушоҳидот, ёддоштҳои кӯтоҳ, фишурдаи мушоҳидаҳо; 4) ёддошти хаттӣ ва расмӣ тавсиф гардидааст. Истилоҳи мазкур дар фарҳанги дигари забони англисӣ ба номи Мериям Вебстер ба таври зайл оварда шудааст, ки мо тарҷумаашро дар боло ишора намудаем: **memorandum** – a usually brief written message or report from one person or department in a company or organization to another. Example: I'm waiting for the memorandum that will explain the new vocation policy. Ман меморандумеро, ки тавозуни нави сиёсиро мефаҳмонад, интизорам. **Origin:** middle English, to be remembered, from Latin, neuter of memorandus, gerundive of memorare. First **use:** 15$^{th}$ century. Ё худ мисоли дигар дар китоби "Тоҷикон дар оинаи таърих"- и Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба чунин тарз ишора гардидааст: In April this year, Tajikistan joined the **Memorandum** of the International Monetary Fund. [10.98]. Моҳи апрели ҳамин сол Тоҷикистон ёддошти тафоҳуми фонди пулии байналмилалиро ба имзо расонид.

**Дипломатия** – фаъолияти расмии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо ва мақомоти махсуси сиёсати хориҷӣ, баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати хориҷии кишвар, ҳамчунин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кишвар дар давлати мизбон мебошад. Истилоҳи "дипломатия" дар соли 1711 аз вожаи юнонии "**diploma**" пайдо шудааст. Дар Юнони бостон "**diploma**" гуфта, тахтачаҳои қатшудаи фулузӣ бо навиштаҷотро, ки ба қосидон ба сифати эътимоднома ва ҳуҷҷате, ки солоҳияти онҳоро тасдиқ менамуд, мeномиданд. Истилоҳи мазкур ҳамчун ифодакунандаи фаъолияти давлатӣ дар самти сиёсати хориҷӣ аз охири асри XVIII дар Аврупои Ғарбӣ маъмул гардидааст. Дар асари безаволи "Тоҷикон дар оинаи таърих"- и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомолӣ Раҳмон истилоҳи дипломатия бо чунин ҷумла тавзеҳ дода шудааст: The Republic of Tajikistan has concluded agreements on peace, friendship, cooperation and economic and cultural relations with more than forty countries

of the world and established its **diplomatic** representation in fifteen countries. [10.89] ***Тарҷумааш***: Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сулҳ, дӯстӣ, иқтисодӣ, муносибатҳои фарҳангӣ зиёда бо 40 давлати ҷаҳон шартнома ба имзо расонида ва намояндагии дипломатии хешро дар 15 давлати ҷаҳон барқарор намудааст. Чӣ тавре ки ба мову Шумо маълум аст, Ҳамроҳхон Зарифӣ дипломат, сиёсатмадор ва собиқ Вазири корҳои хориҷии ҶТ буда, бо чунин ҷумла дар китоби "Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз" – и хеш истилоҳи мазкурро бо таври зерин овардааст: These sections also list the countries, which have recognized Tajikistan's state independence, and countries, which have established **diplomatic** relations with our country, and international organizations which the Republic possesses membership in.[9.3] ***Тарҷумааш***: Ин бахшҳо ва ҳамчунин рӯйхати кишварҳое, ки истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохтанд ва бо кишвари мо муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуданд, ҳамчунин Ҷумҳурии мо узви як қатор ширкатҳои байналмилалӣ мебошад. Ё худ луғатнигор, забоншинос ва прфессор - устод Мамадназаров А. дар фарҳанги англисӣ-тоҷикии хеш истилоҳи "дипломатия" – ро чунин тавзеҳ додааст: **diplomatic** [,dipb'mastik] *a* дипломатӣ, сиёсаткорона, сиёсаткорӣ: to restore diplomaticrelations барқарор кардани робитаҳои дипломатӣ;

**Briefing** – **брифинг** – истилоҳи дипломатӣ буда, соли 1910 дар семинар ва конфронсҳои созмонҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Тавсифи асосии брифинг – вохӯриҳо, суҳбатҳои намояндагони мақомоти сиёсати хориҷӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва васоити ахбори омма, радио, телевизион бо мақсади хабардор намудани онҳо аз рӯйдодҳои муҳим, рафти гуфтушунидҳои байналмилалӣ, конфренсияҳо симпозиюмҳо, вохӯриҳо дар бораи мавқеъ ва назари ширкаткунандагон ва натиҷаҳои бадастомадаро ифода мекунад. Истилоҳи мазкур дар фарҳанги англисӣ – тоҷикии устод Мамадназаров А. чунин оварда шудааст: **briefing** ['bri:fig] ***n*** дастур, нишондод. Дар китоби "Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз" истилоҳи "брифинг" чунин оварда шудааст: Besides, when required, briefings and press-conferences are held playing crucial role in spotlighting of the foreign visits of the Head of State and visits of foreign delegations and high-rank officials to Tajikistan, as well as in doing quarterly summing-up of the Ministry's activity.[9.51] ***Тарҷумааш***: Илова бар ин, брефингҳо ва Васоити матбуоти конфронсҳо дар интишори сафарҳои сарвари давлат, ташрифи намояндагони хориҷӣ ва меҳмонони олимақом ба Тоҷикистон нақши асосиро мебозанд, инчунин интишори ҳар се моҳа натиҷаи ҷамъбасти вазоратро аз онҳо талаб карда мешавад. Дипломатия таърихи кӯҳан дошта, дар ҷараёни зуҳур ва ташаккули он вожаҳо, истилоҳотҳои мухталиф пайдо шудаанд. Таъкид кардан ба маврид аст, ки рушди истилоҳҳои мазкур бо тараққи кардани забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ ва англисӣ дар Ғарб ва вобаста ба забонҳои форсӣ арабӣ, чинӣ ва ҳиндӣ дар Шарқ ба фонди луғавии забонҳои дунё ғановати бештар бахшид.

Чӣ тавре ки мушоҳида намудем забони тоҷикӣ ҳам аз пешравиҳои забонҳои дунё қафо намонда тавонистааст, ки ба фонди луғавии хеш истилоҳотҳои наву тозаи дипломатиро ворид созад.

**АДАБИЁТ**


1. А. Мамадназаров, Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ/ А.Мамадназаров. - Душанбе – Эр-граф, 2015 – 1015с.
2. Аникина, А.В. Немецко-русский экономический словарь: Ок. 70000 терминов / Под ред. - М: Рус.яз, 1981. - 792 с.
3. Байзоев, А. М.Маводи конфренсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истилоҳшавии калимаҳо; сермаъноӣ ё калимасозӣ» 2018. – 187с
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикография, фонетика ва мофология. – Қисми 1 – Душанбе, Ирфон – 1993
5. Комлев, Н.Г. Словарь новых иностранных слов ( с переводом, этимологией и толкованием) / Н. Г. Комлев. - М.: Изд-во МГУ, 1995. - 144с.
6. Мирзо Ҳасани Султон, Истилоҳшиносӣ ва истилонигории тоҷикӣ . / Мирзо Ҳасани Султон - Душанбе 2019 – 216саҳ.
7. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо./ С. Назарзода – Душанбе, 2014.- 367 саҳ.
8. Саидов, Х. А. Дипломатическая терминалогия в таджикском и англиском языках. Диссертация на соисконие ученой степени доктора филол. Наук / Х.А.Саидов. - 10.02.20. -2013. 185с.
9. Ҳамроҳхон, Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз./ Зарифӣ Ҳамроҳхон/ Ирфон, 2009. - 296с.

10. Эмоммалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих, ҷилди 1/ Эмомалӣ Раҳмон/Душанбе – Ирфон, 2006. - 109с.

**ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИЮ НАЗАРИЯВИИ ИСТИЛОҲОТ ВА ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВИЮ ЭТИМОЛОГИИ ЯКЧАНД ИСТИЛОҲОТИ ДИПЛОМАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ - ТОҶИКӢ**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илмӣ забоншиносӣ, яъне истилоҳшиносӣ бахшида шудааст, ки дар раванди омӯзиш ба мо маълум гардид, ки пас аз Истиқлолият ба даст овардан, забони тоҷикӣ ба марҳилаҳои баланди илмӣ расидааст. Ҳангоми омӯзиш таҳқиқ намудем, ки тамоми истилоҳоти дипломатии забони англисӣ дар забони тоҷикӣ мафҳуму маъноҳои худро дорад. Истилоҳофаринӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бо майли худ ба он дохил гардад. Мақсади асосии он ҳарчи зудтар, аниқтар ва возеҳтар барои аҳли ҷомеа ва агар маъно доир ба ҳаёти дипломатӣ бошад, барои соҳаи дипломатия, ифода кардани маънои мафҳумҳои тоза ба ҳисоб меравад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сафир, намояндаи воломақом, агенти дипломатӣ, намояндаи дипломатӣ, атташе, дипломат, атташеи ҳарбӣ, ёддошти тафоҳум, брифинг

**ИСТОРИИ – ТЕОРИТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ТЕРМИНОЛОГИИ И ЛЕКСИКО-ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В АНГЛО-ТАДЖИКСКИХ ЯЗЫКАХ**

Данный статья посвящён одному из повседневных вопросов терминологии. В процессе исследования мы обнаружили что после обретения Независимости, таджикский язык достичь научного уровня. В течении исследовании мы обнаружили, что все дипломатические термины английского языка имеют свое значения в таджикском языке. Терминология — это сознательная деятельность человека, то есть человек может войти в нее добровольно. Его основная цель состоит в том, чтобы как можно скорее, точнее и яснее выразить значение новых понятий для общественности и, если это значение для дипломатической жизни, для области дипломатии.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** посол, высокопоставленный человек, дипломатические агент, дипломатические представительство, атташе, портфель, военный атташе, меморандум, брифинг

**HISTORICAL AND THEORETICAL FOUNDATION OF TERMINOLOGY AND LEXICAL-ETIMOLOGICAL ANALYSIS OF SOME DIPLOMATIC TERMS IN ANGLO-TAJIK LANGUAGES**

The article is devoted to one of the everyday problems, exactly terminology. On the process of research, we discovered that after gaining independence, Tajik language reached higher levels of science. During the researching or exploring we found which all the diplomatic terminologies have their meanings. Terminology is a conscious activity of man, that is, man can enter it voluntarily. Its main purpose is to express the meaning of new concepts as soon as possible, more precisely and clearly for the public and, if the meaning is for diplomatic life, for the field of diplomacy.

**KEYWORDS:** ambassador, the highest – ranking person, diplomatic agent, diplomatic representation, attache, attache, a military attaché, memorandum, briefing

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Дурандеш*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 881110031.** G-mail: **durandesh2020@gmail.com**

**Сведение об авторе:** ***Шарипов Дурандеш*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 881110031**. G-mail: **durandesh2020@gmail.com**

**Information about the author:** ***Sharipov Durandesh*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Asian and Europian Laguages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: +**992 881 11 00 31.** G-mail: **durandesh2020@gmail.com**

# МАСЪАЛАИ ВОЖАСОЗӢ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

***Алӣ Ғ.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳар як забон дорои давраҳои густариши таърихӣ буда, давраҳои таърихӣ бо доштани вижагиҳои овоӣ, дастурӣ ва луғавӣ метавонанд аз ҳам тафовут дошта бошанд, ки инро таърихи забони форсӣ дар мисоли осори давраҳои таърихӣ собит месозад. Дар робита ба ин яке аз мавзуҳои муҳимми ташаккули луғати забон дар ҳар давраи таърихӣ масъалаи вожа ва вожасозӣ ба шумор меравад.

Ҷалолиддини Казозӣ дар китоб "Вожномаи порсии сара. /Фарҳангистони забони порсӣ/" чунин нигоштааст: "Забони шакарину шевои порсӣ, ки метавонем бедирангу дудлӣ онро нағзтарин ва тавонмандтарин забони зебошнохтӣ дар ҷаҳон бидонем, сиришту сохтори дугона ва носозворона дорад: аз сӯе забоне аст бисёр содаву сода, нағзу нозук, бо

зангу оҳангии диловезу хунёӣ ва гӯшнавоз; аз дигар сӯй, забони устувору сахтҷону пойдор ки туфонҳову тундбодҳои саҳмноку ситезомезро аз сар гузоронидааст ва дар дарознои садаҳову ҳазораҳо сол, барҷой ва барпой мондааст ва бори гарону пуштшиканро бар дӯш кашидааст, ки фарҳанги гаронсанг ва нозишхези эронӣ аст. Ин забон, баҳраҷӯӣ аз тавоноиҳо ва диловезиҳои хеш, ҳамвора имрӯзиёни Эронро ба дирузён ва пасиниёнро ба пешинён ва наводагонро ба ниёкон пайвастааст ва риштаи сахту устувор ва ногусастанӣ будааст, ки гузаштаи Эронро акнунӣ ва рӯзомад гардонидааст пойгоҳ ва якпорчагии фарҳангу таърих Эрон гардидааст.

Забоне, ки моявартарин ва нағзтарин сомонаи сурудина ва саровидан (~и шеър) ҷаҳонро дар чандӣ ва чунӣ дар худ падид овардааст ва овозаи Эронро то дуртарин сарзаминҳои гетӣ густурдааст ва суханварони бузургу варҷовандро дар офариниши шоҳкорҳои ҷовдони адабӣ ба кор омадааст; шоҳкорҳо ва суханвароне ки ба ҳеҷ гумону газофаи ҳамонанду ҳамоле барояшон дар саросари ҷаҳон наметавон ёфт. Шигарфӣ ва шоҳвории ин забону сахтагӣ ва сутвории он то бад-он поя будааст, ки сухани порсӣ ва адабӣ пайваста онро ончунон моя бахшидааст ва барбурдааст ки фарознои фархундаи фарҳангу ҳунари Эрону ситеғи устувор ва сар бар сипиҳри ин ҳунар ва фарҳанг гардидааст.

Дар Эрони пас аз ислом ҳамвора он чи мояи нозишу сарбаландии мо эрониён будааст ва бад-он бар паҳнаи гетӣ боло барафрӯхтаему хештанро аз дигар мардумо волотар донистаему нозону сарафрозон гуфтаем ки: "Моем ки тавонистаем суханварони сутург ва бе монанд чун Фирдавсиву Хайёму Мавлавиву Саъдиву Ҳофиз дар домони фарҳанги хеш бипарварем ва биболоноем!" сухани порсӣ будааст [2, с. 4-7].

“Забони поку сара ҳеч ҷои дунё надорем. Вожае, ки ҷои як вожаи ҳамсонро гирифта бошад (монанди «ташаккур», ки ҷои «сипос»-ро гирифта ва ин вожаро берун карда), вомвожа нест ва аз роҳи доду ситади фарҳангӣ ҳам наёмада, басо ки зӯрвожа аст, ки бо шамшер омада ва бо забону килки чоплусони бегонапараст густариш ёфта. Аз ин гузашта, ҳафтод дарсади забони форсӣ вожаҳои тозиянд, пас ин дигар доду ситади фарҳангӣ набуда, “юриш” - и биёбонӣ будааст. Ниме аз забони англисӣ вомвожа аст, вале забони англисӣ бисёр комёб аст. Забони англисӣ як забон бо решаи миёнаи жерманик ва аз решаи бунёдини ҳиндуурупоӣ аст. Вомвожаҳои забони англисӣ низ камобеш аз ҳиндуурупоӣ (лотин) ҳастанд. Пас ин вом аз як забони ҳамсозу ҳамсохтор ва наздику ҳамрешаи англисӣ гирифта шуда ва на аз як забони саросар бегона ва ноҳамреша, монанди забони сомии арабӣ, ки ноҳамсохтор бошаду носоз. Пас ин сухан ҳам боз сафсатаи санҷиши нобаробар буд, ки “нобаробарӣ” дар он, ҳамон сомона ва сохтору ноҳамсозӣ ё ҳамсозии ин “вомвожаҳо” аст. Забони “форсӣ” ба ангезаи вожаҳои арабӣ забоне фохир аст ва бе онҳо лухту бараҳна ва “алкан”! Фирдавсӣ бо сурудани “Шоҳнома” посухе дархӯр ба ин сухани беҳуда додааст, бо камтарин корбурди вожаҳои тозӣ болотарин шоҳкори забони порсиро офарида, ки саршор аз пиндора ва гавҳар аст.” [3, с. 45]. Фаридаи Розӣ дар муқаддимаи китоби хеш "Фарҳанги вожаҳои форсии сара" таъкид кардаанд – дар ин фарҳанг, ба суроғи вожасозӣ нарафтаанд; балки кушидаанд барои вожаҳои арабии роиҷ дар забони имрӯзаи форсӣ, муодилҳоеро ёфтаанд ки пеш аз ин дар навиштаҳо ва гуфтаҳои форсизабонон вуҷуд дошта ва ба кор рафтааст. Мисли ҳар фарҳанги дигаре, мумкин аст бархе аз ин вожаҳо барои шумо чандон ошно набошанд ва дар ниҳоят, тарҷеҳ бидиҳед аз ҳамон калимаи арабӣ истифода кунед (масалан “моеъ”-ро ба “обкӣ” тарҷеҳ диҳед). Аммо бе тардид мавориди бисёре ҳам вуҷуд хоҳад дошт, ки бо салиқаи шумо ҳамсоз бошад ва аз ин ки чаро камтар аз онҳо истифода мекунед шигифтзада шавед. Ба ин чанд намуна таввачуҳ кунед :

| فارسی | عربی |
|---|---|
| تازگی، شادابی | طراوت |
| نیازمند، نادار | محتاج |
| گوناگون | متنوع |
| کنونی | معاصر |
| کوتاهشده | مخفف |
| چشمداشت | انتظار |

Ҳангоми муроҷиа ба “Фарҳанги вожаҳои форсии сара - ду вижагии арзишманд ба чашм мехӯранд. Нахустин вижагӣ, салиқаи хонум Фаридаи Розӣ дар гузиниши вожаҳо ва таввачуҳи эшон ба интихоби муодилҳои ҳамнишин ва ошност. Вижагии дувум, фосила гирифтани эшон аз сахтгириҳое аст, ки гоҳе дар ин гуна китобҳо дида мешавад. Эшон худ дар дебочаи китоб таъкид доранд ки «ҳеҷ забоне аз вожаҳои бегонаи тиҳӣ ва бе ниёз нест.» Ҳамчунин, ишора мекунанд, ки бисёре аз ин гуна вожаҳо дар забони форсӣ ҷо афтодаанд ва бо он ҷӯш хӯрдаанд [6, с. 7-9]. Дориюш Ошурӣ андешаҳои хешро дар китоби “Ду мақола перомуни насри форсӣ ва вожасозӣ” чунин баён кардааст: “Чи ниёзе вожасозиро зарурӣ мекунад? Ниёз ба номидани чизе тоза ё баёни мафҳуме тоза. Ҳангоме ки чизҳои тозае, чи аз мақулаи зот, чи аз мақулаи маъно, дар миён меояд, ногузир номе металабад, ки пеш аз ин дар забон набудааст. Ҳол ин масъала матраҳ аст, ки ин чизҳои тозаро чӣ гуна метавон номид? Оё бояд айни он номҳо ва феълҳо ва ҷуз онҳоро аз забони бегона вом гирифту ба кор бурд ё дар забони бумӣ ҷонишине барои онҳо ёфт ё сохт? Бегумон, агар кӯшиши андешаварон намебуд, агар касоне ҳамчун Форобию Бӯалӣ ва Розию Берунӣ ва дигар ҷӯшишҳои кӯшишу нубуғ, мояи кори мутарҷимон ва миёнҷиҳои фарҳангиро намеварзонданд ва пухтаву сахта намекарданд, он корҳо ҳамчунон хому бесуд мемонд. Муҳим ин аст, ки фалсафаи исломӣ тарҷума ва рӯнивиште аз фалсафаи юнонӣ нест, балки мояи юнониро сурати хосси хеш бахшида ва ин кор ҳосили офаринандагии офаринандагони ин тамаддун аст, на мутарҷимон. Бад-ин тартиб, вожагони зиндаи форсӣ аз сӯе коста ва аз сӯе афзуда мешавад ва аз дарун тағйири маъно медиҳад, то забоне дамсозу ҳамсоз бо аволими тамаддуни мудерн ва ҷаҳони текнулужик бошад. Аммо ин дигаргунӣ танҳо маҳдуд ба таквожаҳо нест, балки ҳамчунин наҳвӣ низ ҳаст. Ҳамчунонки рӯзгоре дароз тамос бо ҳавзаи забони арабӣ дар мақоми забони фарҳанги исломӣ, сабаб шуд, ки бисёре аз қолабҳои иборатӣ ё иборатҳои қолабии он забон тарҷумавор ба забони форсӣ роҳ ёбад ва ҳамагир шавад, тамоси доимии мо бо инглисӣ ва фаронса низ хоҳнохоҳ ҳамин асарро хоҳад дошт, зеро бисёре аз мафоҳим ҳаст, ки барои баён қолаби забонии хосси худро металабад ва ин қолабҳо ногузир ҳамроҳи он мафоҳим аз забоне ба забоне дигар меравaнд. [3, с. 53]. Ҳангоме ки вожаҳои арабӣ вориди забони порсӣ шуданд, ором-ором вожаҳои порсӣ рӯ ба фаромӯшӣ ниҳоданд. Акнун шуморе аз вожаҳои порсӣ барои бисёре аз мо ноошно ҳастанд ва онҳоро намедонем. Барои намуна ба чанд вожаи зер бингаред: омоҷ – ҳадаф; басовидан – ламс кардан; чалипо – салиб; чатранг – шатранҷ; гуҷастак – малъун; варҷованд – муқаддас; язиш – ниёиш ва қурбонӣ; мазгит – намозхона, масҷид...

Форсӣ аз назари имконоти вожасозӣ забонест пурмоя ва сохтмони таркибии вожа дар он мояи бисёр барои густариши доманаи вожагони ин забон фароҳам мекунад. Ва имрӯз, ки мо ба ҳазорон вожаи тоза дар заминаи илму фан, фалсафа ва ҳунар ниёз дорем, баҳрагирӣ аз ин имконоти дарунии забон метавонад бисёр мушкилгушо бошад. Вожаҳои форсӣ барои вожаҳои арабӣ. Вожашиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ дар ҳамаи забонҳои зиндаи дунё корбурд дорад. Дар кишварҳои тавсиаёфта муҳимтарин амр, меъёрсозӣ ва стандарт кардани мафоҳим ва истилоҳот барои сода кардани иртибототи илмӣ аст. Барои кишварҳои дар ҳоли тавсеа, ки дар марҳилаи эҷоди забони бумии илмӣ ҳастанд, муҳимтарин мавзуъ он аст, ки муодилҳои муносибе барои вожаҳои илмӣ интихоб кунанд ё бисозанд. Ҳамаи ин умур дар маҳдудаи илми вожашиносӣ таъриф мешаванд.

| **арабӣ** | **форсӣ** |
|---|---|
| қонун | дота |
| қонунӣ | дотаӣ |
| қонунманд | дотаманд |
| қонунгузорӣ | дотагузорӣ |
| қонунӣ кардан | дотондан |
| қонунӣ шудан | дотонидан |

Алии Кофӣ дар мақолаи худ зери унвони “Мабонии илмии вожасозӣ ва вожагузинӣ” чунин изҳори андеша кардааст: “Форсизабонон барои баёни мафоҳими нав ба вожаҳои нав ниёз доштанд ва доранд ва барои сохтани ин вожаҳо усул ва равишҳо ва завобитеро иттихоз кардаанд, аммо дар ғолиб мавориди ин усулу равишҳо ва завобит ба сароҳат баён надоштаанд. Ба баёни дигар, вожагузинон маъмулан пеш аз оғози кор дар андешаи пазириши низоми мунсаҷиме аз усул ва равишҳо ва завобит нестанд, балки агар аз усулу

равиҳ ва зобитае даст ёфтаанд, зимни кор будааст. Вожагузинӣ фароянде аст, ки тайи он дар баробари як мафҳум вожаи муносиб баргузида мешавад. Дар ҳоли ҳозир равшҳои шаклгирии мафоҳим дар зеҳни фосризабонон ба ду сурат аст:

А) Бе марҷаи забонӣ. Дар ин равиш мафоҳим ба андешидан ва ё мушоҳидаи падидаҳо ва бе он ки қаблан вожаи мушаххасе ҳатто ғайри форсӣ маҳмили он мафҳум бошад дар зеҳн шакл мегирад.

Б) Бо марҷаи забонӣ. Дар ин равиш мафҳум ба сурати ғайримустақим ва аз роҳи забон ва вожаҳои он дар зеҳн шакл мегирад.

Сурати аввал замоне пеш меояд, ки донишманд, ҳунарманд ё аҳли фан бар асари пажӯҳиш ё озмоиш ба мафҳум ё падидаи нав даст меёбад, яъне бештар барои далолат бар он мафҳум вожае набудааст ва ӯ бино ба завқу салиқаи худ вожае бармегузинад.

Сурати дувум бештар пеш меояд ва он зимни илмомӯзӣ аст, яъне шахс зимни мутолиаи мутуни марбут ва риштаи мавриди назар бо бархе вожаҳои бегона (вожаи мабдаъ) мувоҷеҳ мешавад ва нахуст аз роҳи ин вожаҳо мафҳум дар зеҳни ӯ шакл мегирад ва он гоҳ тасмим мегирад бо таваҷҷуҳ ба мафҳуми шаклгирифта дар зеҳни худ ва низ бо таваҷҷуҳ ба вожаи бегона вожаи форсӣ (вожаи мақсад)-ро башузинад.” [1, с. 50-51]. Забони порсии имрӯз сохторе дорад, ки бо бисёре аз дигар забонҳои ҷаҳон ҳамрӯзгор нест. Ба сухани дигар, он забонҳо аз диди корбурдҳои сириштину бунёдин дар рӯзгорону сохторҳое мондаанд, ки дерест забони порсӣ аз онҳо гузаштааст. Дигар забонҳои ҷаҳон бо порсии дарӣ ё ҳамон порсии нав ҳамрӯзгор нестанд. Барои намуна бо порсии миёна санҷиданианд, ҳатто бо порсии бостон. “Агар забони порсӣ, ки бисёр пешрафта аст, аз ин забонҳо, ки дар санҷиш бо он ҳанӯз куҳан мондаанд, вожа бистонад, бар худ зиён задааст. Ин вожаҳо бо сохторҳо, ҳанҷорҳо ва рафторҳои забони порсӣ созгор нестанд. Аз ин рӯ, онҳоро газанд мерасонанд ва бармеошубанд.” [5, с. 41]. “Сарагароӣ тамоюл ба як ҷомеаи забонӣ ё бахше аз он барои ҳифзи забон ё пок кардани он аз анрсири хориҷӣ ё нохостааст. Сарагароӣ дар ҳамаи сутуҳи забон зоҳир мешавад, аммо зуҳури аслии он дар вожагон аст. Аз назари сарагароён, талош барои холис кардани забон, талош дар ростои бартарии забон ва дар натиҷа эътилои шони он аст. Ин падида қидмати беш аз забоншиносии навин дорад. Ағлаби сарагароён бо ғанисозии вожагон аз тариқи гӯишҳо мувофиқанд , чаро ки ба ин васила метавонанд нишон диҳанд ки забон дорои манобеи худӣ ва бениёз аз манобе хориҷӣ аст. Яке аз муаллафаҳои сиёсати фарҳангистони забону адаби форсӣ, сарагароии мантиқӣ ва мутаодил аст.” [5, с. 47].

Дар китоби «Вожаномаи порсии сара»-и Фарҳангистони азбони форсӣ вожаи “адабиёт”-ро чунин шарҳ додааст: адабиёт- адабсаро. Адаб худ як вожаи порсӣ аст, ки ба арабӣ рафтааст; дабир, дабира, дабистон ва дабиристон ҳар як аз “адаб” гирифта шудаанд. [2, с. 49].

Чанд вожаи дигарро аз ин китоб, яъне «Вожаномаи порсии сара»-и Фарҳангистони азбони форсӣ ин ҷо гувоҳ меоварем:

| **форсӣ** | **арабӣ** |
|---|---|
| торпо | ҳашара |
| торпоён | ҳашарот |
| ёдгорҳо | осор |
| дигарсаро | охират |
| вопасиндам | охирин лаҳза |
| корозмоӣ | таҷриба |
| нигаристанӣ | ҷолиби таваҷҷуҳ |
| пагоҳи ростин | субҳи содиқ |
| шуморгар, оморгар | муҳосиб |
| шохоб | халиҷ |

Дар канори инҳо садҳо вожа ё таркиби навсохтаи форсӣ қарор мегирад, ки барои баёни мафоҳими тоза дар заминаҳои гуногун сохта шудаанд, монанди: *ҳамапурсӣ, вожагон, ҷашнвора, моҳвора, сангвора, беҳдошт, беҳдорӣ, беҳёр, бахшнома, ойиннома, абарқудрат, расона, дурбурд, ҳавобурд, ҳавопаймо, донишкада, донишгоҳ, гузарнома, барномарезӣ, осебшиносӣ, мардумшиносӣ* ва ҷуз онҳо.

Ҳамчунин, корбурди бархе аз вожаҳои мавҷуд дар забон барои баёни мафоҳими илмӣ, фаннӣ ва идории ҷадид, ҳамчун парастор, посбон, бозрас, корогоҳ, парванда, додхоҳ, додрас, мудир, равон, ҳанҷор ва ҷуз онҳо.

Ба ин тартиб аст, ки имрӯз бо ҳазорон вожае, ки забони форсӣ дар ин садсола аз забонҳои урупоӣ вом гирифта ва ё чанд ҳазор вожае, ки барои баёни мафоҳими навини илмию фаннӣ ва сиёсию фалсафӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ ва идорӣ ва ҷуз онҳо аз даруни худ берун дода ва ё бо бахшидани бори маъноии тоза барои ниёзҳои навин басич карда ва ҳамчунин бо берун рафтани садҳо вожа аз гардунаи корбурди рӯзона ё адабию илмӣ ва идорию фаннӣ, дастгоҳи вожагонии ин забон дигаргунии шигарфе ёфтааст. Ин таҳаввули шигарф на танҳо дар забони коргоҳи санъатию корхона ва вазоратхонаву артиш ва мадрасаву донишкада, ки дар коргоҳи ҳар хайёту наҷҷор ва ороишгару ошпаз низ рух дода ва на танҳо номи ашёи тозаи фаровоне ба онҳо роҳ ёфта, ки шеваҳо ва ҳанҷорҳои навини кор ва коркарди мошинҳо ва дастгоҳҳо низ забону истилоҳоти дигареро талабидааст, ки ё аз забонҳои урупоӣ гирифта ё аз даруни худ падид овардааст.


## АДАБИЁТ

1. Алии Кофӣ. Мабонии илми вожасозӣ ва вожагузинӣ. Номаи фарҳангистон. 1374, №2. с. 49 – 67
2. Вожаномаи форсии сара. Фарҳангистони забони форсӣ. Теҳрон, 1390. 250 с.
3. Дорюш Ошӯрӣ. Бозандешии забони форсӣ / Дориюш Ошурӣ. - Теҳрон: "Огоҳ" 1356. 241 с.
4. Миёвуш Юсуфнажод. Фароянди вожасозӣ ва вожагузинӣ дар забон ва адабиёти форсӣ. /Рушди омӯзиши забони форсӣ/. Теҳрон, 1388., №91 с. 56- 58
5. Нигор Доварии Ардаконӣ. Сарагароии забонӣ / Нигор Доварии Ардаконӣ. - Теҳрон, 1378. 152 с.
6. Фарида Розӣ. Фарҳанги фожаҳои форсӣ барои вожаҳои арабӣ дар форсии муосир / Фарида Розӣ. - Теҳрон: "Марказ" 1380. 256 с.
7. Ҷалолиддини Каззозӣ. Зебошиносии сухани порсӣ./Даҳ мақола/ Теҳрон: "Нашри марказ" 1375. 195 с.



## МАСЪАЛАИ ВОЖАСОЗӢ ДАР ЗАБОНИ ФОРСӢ

Забони форсӣ монанди бештари забонҳои зинда, омезиш ва додуситадҳое бо дигар забонҳо доштааст. Дар тули таърих ба иллати қарор доштани Эрон дар минтақае, ки конуни додуситади фарҳангӣ ва бозаргонӣ ва ҳатто ҳадаф чангҳои ҳамешагӣ будааст, забони форсӣ ҳамеша дар ҳоли куниш ва вокуниш бо забонҳои дигар будааст. Дар байни забонҳои бегона, ба хотир ривоҷи забони арабӣ, бештарин омезиш бо забон арабӣ будааст. Ҳар як забон дорои давраҳои густариши таърихӣ буда, давраҳои таърихӣ бо доштани вижагиҳои овоӣ, дастурӣ ва луғавӣ метавонанд аз ҳам тафовут дошта бошанд, ки инро таърихи забони форсӣ дар мисоли осори давраҳои таърихӣ собит месозад. Дар робита ба ин яке аз мавзуҳои муҳимми ташаккули луғати забон дар ҳар давраи таърихӣ масъалаи вожа ва вожасозӣ ба шумор меравад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** забони форсӣ, забони арабӣ, вожа, вожасозӣ, иқтибос, решашиносӣ, фарҳанг, таърих, наввожаҳо, истилоҳ.



## ПРОБЛЕМА СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ

Персидский язык, как и большинство живых языков, имел общение и торговлю с другими языками. На протяжении всей истории из-за того, что Иран находился в регионе, который был центром культурной и коммерческой торговли и даже объектом постоянных войн, персидский язык всегда взаимодействовал и реагировал с другими языками. Среди иностранных языков из-за преобладания арабского языка он больше всего смешался с арабским языком. Каждый язык имеет периоды исторического развития, и исторические периоды могут различаться по фонетическим, грамматическим и лексическим особенностям, о чем свидетельствует история персидского языка на примере исторических сочинений. В связи с этим одной из важнейших тем формирования словарного запаса языка в каждый исторический период является вопрос о лексике и лексикографии.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** персидский язык, арабский язык, слово, словообразование и слово, заимствование, этимология, культура, история, новые слова, термин.



## THE PROBLEM OF WORD FORMATION IN PERSIAN LANGUAGE

Persian language, like most living languages, has had intercourse and trade with other languages. Throughout history, due to Iran being in a region that has been the center of cultural and commercial trade and even the target of constant wars, the Persian language has always been interacting and reacting with other languages. Among foreign languages, due to the prevalence of Arabic language, it has been the most mixed with Arabic language. Each language has periods of historical development, and historical periods can differ in phonetic, grammatical and lexical features, as evidenced by the history of the Persian language in the example of historical works. In this regard, one of the most important topics in the formation of the vocabulary of the language in each historical period is the issue of vocabulary and lexicography.



**KEYWORDS:** Persian language, Arabic language, word, lexicography, borrowing, etymology, culture, history, new words, term.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Алӣ Ғурм Умарӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail: **alialomari7@gmail.com**. Телефон: **(+992) 93 009 32 00.**

**Сведение об авторе:** ***Али Гурм Умари*** – Таджикский национальный университет, магистр факультета языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **alialomari7@gmail.com.** Телефон: **(+992) 93 009 32 00.**

**Information about the author:** ***Ali Ghurm Uamri*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **alialomari7@gmail.com.** Phone: **(+992) 93 009 32 00.**

# КӮШИШҲОИ АҲМАДИ КАСРАВӢ ДАР ПЕРОСТАНИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

***Саидов М.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аҳмади Касравӣ бегумон яке аз барҷастатарин ва донишвартарини пажӯҳандагону андешамандони Эрони қарни бистум аст. Аҳмади Касравӣ хоҳони перостани забони форсӣ аз ҳамаи вожаҳои арабӣ набуд. Ӯ мегуфт: вожаҳое монанди ҷумла, китоб, ҷилд, фаҳм, талаб ва ҷуз инҳо то замоне ки аз ҳанҷ орҳои забони форсӣ пайравӣ мекунанд, осебе ба он намерасонанд; зеро ниёзе нест, ки аз рӯйи дастури забони арабӣ вожаҳои дигаре аз онҳо бисозем; яъне ба ҷои “таҷаллид”-и арабӣ ба содагӣ мегӯем ҷилд кардан ё ба ҷои тафаҳҳуму тафҳим ва мутолиба мегӯем фаҳмидану фаҳмондан ва талбидан.

Касравӣ мекӯшид, ҳар чи бештар аз шумори масдарҳои мураккаб дар забон форсӣ бикоҳад ва фузунии ин масдарҳоро низ беш аз ҳар чиз, натиҷаи бе дару пайкар будани забони форсӣ ва ҷойгузин кардани вожаҳои арабӣ дар он медонист; зеро дар гузашта ҳангоме ки нависандагону чомасароён вожаҳои арабиро мегирифтанд ва барои ҳунарнамоӣ дар гуфторҳо ва чомаҳояшон ба кор мебурданд, бо истифода аз ҳамкардҳои форсӣ (феълҳои кумакӣ) масдарҳои мураккаб аз онҳо месохтанд, монанди: “тақозо кардан”, тановул намудан, майл кардан, тавваҷуҳ кардан ва ҷуз инҳо. Сипас ҳамин рафторро бо вожаҳои форсӣ мекарданд ва барои мисол, ба ҷой он ки бигӯянд: нолид ва зорид ва гиристу пароканд ва зист, мегуфтанд: нола кард ва зорӣ намуд ва гиря карду пароканда сохт ва зиндагӣ кард.

Ба ақидаи Касравӣ, масдарҳои сода бар тавони зояндагии забон меафзоянд. Муштаққо (ба гуфтаи Касравӣ: ҷудошудаҳо)-ро аз масдарҳои сода осонтар ва басомонтар метавон сохт. Аз ҳамин рӯ, то ҷое ки метавонист масдари сода месохт. Монанди кӯтоҳидану дарозидану азонидан (ба маънои: аз они худ кардан,) ва доварзидан (ба маънои қазоват кардан) ва ҷуз инҳо. Далерии Касравӣ дар сохтани масдарҳои ба истилоҳ “ҷаълӣ” мояи дилгармии бархе аз нависандагону аҳли илм шуд, то бо эътимод ба нафс барои баъзе аз истилоҳҳои илмӣ, масдари сода бисозанд, чунонки масдарҳое монанди “ювнидан” (табдил кардан) ва “каҳрабоидан” (электрикӣ кардан) сохтанд. Ба ақидаи Касравӣ, даромехтагии беҳисоби забони форсӣ бо арабӣ дар миёни саромадони фарҳангии мо одатҳои забонии носозгор бо табъи забони форсӣ падид оварда, чунонки акнун барои истилоҳҳо ва номҳое, ки аз забонҳои фарангӣ мегиранд, худ ба худ муодилҳои арабӣ месозанд, монанди “дор-уш-шӯро”, “истизоҳ”, “тасвиб”, "дор-ул-маҷонин” ва ҷуз инҳо, ки бисёре аз мардум маънои дурусти онҳоро намефаҳманд ва ногузиранд ҳамаро нафаҳмида ба ёд биспоранд. Дар ҳоле ки маънои муодилҳои форсӣ монанди меҳмонхона, роҳи оҳан, истгоҳ, озмоишгоҳ, дурбин, дучарха ва ҷуз инҳоро мефаҳманд ва ба осонӣ ёд мегиранд. Ба гуфтаи Касравӣ, забони зинда, забоне аст, ки битавон дар он барои маъноҳои тоза аз мояҳои худи забон ва на забони бегона, вожаҳои нав сохт. Намегуфт: касоне, ки забонро падидаи муқаддас меангоранд ва гумон мекунанд забони форсӣ набояд аз ҳадду марзе, ки Ҳофизу Саъдӣ барои он таъйин кардаанд, фаротар биравад, аз коркарди забон чизе ҷуз суханбозӣ намефаҳманд ва мехоҳанд эрониён ба ҳамон ҳоли замони Ҳофизу Саъдӣ бозбимонанд. Мо имрӯз ба садҳо маънии тоза ниёз дорем ки ба фикри Саъдию Ҳофиз намерасид. Ӯ мегуфт: пешинёни мо чандон ба фикри маънои дақиқи вожаҳо набуданд. Аз ҳамин рӯ, бештари вақтҳо вожаҳоро ба ҷои ҳам ба кор мебурданд ва бисёре аз онҳоро аз маънои аслияшон тиҳӣ мекарданд. Дар ҳоле ки мо имрӯз ниёзманди маънои дақиқи вожаҳо ҳастем. Барои мисол,

агар ба вожаи “ситез” дар “Бурҳони қотеъ” бингаред, мебинед онро чунин маънӣ кардааст: ҷангу хусумату саркашӣ ва лаҷоҷату хашму кину иноду таассубу носозгорӣ. Ҳатто баъзе аз вожаҳо маъноҳои дур аз ҳам доранд. Барои мисол, дар “Бурҳони қотеъ” зайли вожаи “род” чунин омадааст: “род бар вазни шод, кариму ҷавонмард ва соҳиби ҳиммату саховатро гӯянд ва ба маънии шуҷоу диловар ҳам ҳаст ва ҳакиму донишмандро низ гуфтаанд ва ба маънии сухангӯю сухангузор ва қиссахон ҳам омадааст.” [6, с. 28].

Касравӣ барои сохтани вожаҳои нав бар аҳамияти пасвандҳо ва пешвандҳои форсӣ бисёр пой мефишурд. Касравӣ муътақид буд, ки бо чунин забоне сухани дақиқу ҷиддӣ наметавон гуфт ва пешниҳод мекард, ҳар вожаеро ҷуз дар маънои вижа ва беолоиши он набояд ба кор бурд. Мегуфт: чӣ чизе ҷуз суханбозии форсизабонро вомедорад масдари “намудан”-ро ки ба маънои “нишон додан” аст , ба маънои “кардан” ба кор бибаред ва бигӯед: “бо ин ҳама ҷафо, ки диламро намудаӣ…” муътақид буд вожаҳо дар асл барои баёни маъноҳои дақиқе падид омадаанд. Барои мисол, фарқ аст миёни гирифтану ситондан, тарсидану ҳаросидан, шунидану нӯшидан, тавонистану ёристан, шоистану сазидан, шарму озарм, панду андарз, ҷаҳону гетӣ ва ҷуз инҳо; аммо дар забони форсӣ бино ба одат фарқе миёни онҳо намегузоранд.

Касравӣ муътақид буд, ки чирагии забони арабӣ бар забони форсӣ ва фузунии гирифтани масдарҳои мураккаб сабаби фаромӯш шудани бисёре аз замонҳо шудааст. Аз ҳамин рӯ, форсизабонони имрӯз наметавонанд бисёре аз ҳолатҳо ва маъноҳоро бифаҳманд ва бифаҳмонанд. Он гоҳ аз матнҳои куҳани форсӣ мисолҳое меоварад ва нишон медиҳад, ки дар гузашта аз бархе замонҳо дар забони форсӣ истифода мекардаанд ва акнун намекунанд. Барои мисол, дар “Сафарнома”-и Носири Хусрав омадааст: “ва ҳар рӯз дар Басра ба се ҷой бозор будӣ. Аввали рӯз дар як ҷо доду ситад кардандӣ ки онро Суқ-ул-хузоа (номи бозор - С.М.) гуфтандӣ ва миёнаи рӯз ба ҷое, ки онро Суқи Усмон (бозори Усмон - С.М.) гуфтандӣ ва охири рӯз ба ҷое, ки онро Суқ-ул-қаддоҳин (номи бозор - С.М.) гуфтандӣ ва ҳоли бозор чунон буд, ки он касро, ки чизе будӣ, ба сарроф додӣ ва аз сарроф хат бислтадӣ…”

Касравӣ замоне ин ҷумлаҳоро “гузаштаи ҳамешагӣ” [коре, ки паёпай, ҳамвора ва бино ба одат анҷом гирад] меномад. Имрӯз ба ҷойи кардандӣ, гуфтандӣ, будӣ, додӣ ва биситадӣ мегӯянд: мекарданд, мегуфтанд, мебуд (ё буд), медод ва меситанд. Дар ҳоле ки замоне ин феълҳо гузаштаи истимрории ноқис (ё ба гуфтаи Касравӣ: гузаштаи ҳамонзамонӣ) аст ва онро дар ҷое ба кор мебаранд, ки ҳамзамон бо вуқӯи феъл, феъли дигаре низ воқеъ шавад, монанди: ҳангоме ки расидам коғаз менавишт. ё: ман менавиштам, ки муаллим омад. Касравӣ барои нишон додани фарқи ин ду замон (гузаштаи ҳамешагӣ ва гузаштаи ҳамонзамонӣ) боз аз “Сафарнома”-и Носири Хусрав мисол меоварад, дар он ҷо ки мегӯяд: “кӯдакон бар дари гармоба бозӣ мекарданд, пиндоштанд ки мо девонагонем; дар пайи мо афтоданд ва санг меандохтанд ва бонг мекарданд. Мо ба гӯшае боз шудем ва ба тааҷҷуб дар кори дунё менигиристем.” Дар ин ҷо феълҳои меандохтанд, мекарданд ва менигиристем, гузаштаи истимрории ноқисанд ва набояд онҳоро ба ҷои гузаштаи ҳамешагӣ ба кор бурд. Касравӣ мехост замонҳое монанди оянда дар гузашта (ё ба гуфтаи худаш: гузаштаи ояндагӣ)-ро низ дар форсӣ боб кунад. Ин замон, чунонки аз номи он пайдост, вуқуи феълеро дар ояндаи наздике нисбат ба феъли дигар дар гузашта (мозии мутлақ) нишон медиҳад. Монанди “хостӣ гуфт, хостаме навишт, хостандӣ рафт.” Чунонкӣ Носири Хусрав мегӯяд: “он рӯз ки бомдод султон ба фатҳи халиҷ берун хостӣ шуд, даҳ ҳазор мард ба музд гирифтанд …” то пеш аз Касравӣ касе ба ин замонҳо дар матнҳои куҳани форсӣ бо ин диққат таваҷҷуҳ накарда буд. [6, с. 32]. Касравӣ чун забони паҳлавӣ медонист ва чандин забони хориҷиро аз арабию англисӣ ва арманӣ нек омӯхта буд, тавоноиҳои забонҳои гуногунро бо ҳам месанҷид ва гиру гирифториҳои забони форсиро беҳтар ташхис медод. Мехост ҳатто бархе замонҳои роиҷ дар забонҳои дигарро, ки дар форсӣ муодиле надоранд, вориди забони форсӣ кунад . Ба ҳамин сабаб, баъзе вақтҳо ҷумлаҳояш мояи шигифтии хонандаи форсизабон мешавад. Бинобар ин, беҳтар аст хонандагони навиштаҳои ӯ нахуст бо дидгоҳҳояш дар заминаи забон ошно шаванд [4, с. 65]. Касравӣ нахустин касе буд, ки ба ҳолатҳои гуногуни масдари “боистан” дар ҷумла, монанди бояд, боистӣ, мебоист ва ҷуз инҳо сару сомон бахшид ва пас аз ӯ буд, ки дастурнависон дар ин бора сухан гуфтанд ва пешниҳодҳои ӯро бе он ки номе аз ӯ бибаранд, ба унвони ҳанҷори дастурӣ дар китобҳояшон

ғунҷониданд. Бигузарем аз ин ки ҳанӯз ҳам бисёре аз форсизабонон ин масдарро нодуруст ба кор мебаранд. Касравӣ барои сохтани вожаҳои нав бар аҳамияти пасвандҳо ва пешвандҳои форсӣ бисёр пой мефишурд. Мегуфт: ду роҳи асосӣ барои сохтани вожаҳои нав дар забони форсӣ вуҷуд дорад. Яке ба ҳам пайвастани ду калима аст, монанди пешрафт, пасрафт, бадандеш, шаҳрнишин, бадхоҳ ва ҷуз инҳо ва дигаре истифодаи ҳар чи бештар аз пасвандҳо ва пешвандҳои форсӣ аст, ки бисёре аз онҳо ба ҳоли худ раҳо шудаанд ва касе таваҷҷуҳе ба онҳо намекунад. Ба ақидаи ӯ, бо бисёре аз ин вожаҳои нав масдар ҳам метавон сохт. Барои мисол, метавон гуфт: мо дар ин чанд соле пеш рафтаем. Аммо акнун форсизабонон ба одати куҳан мегӯянд: “пешрафт кардаем” ки аз назари дастурӣ ғалат аст. Ӯ аз пешвандҳое монанди “под, “диж”, “фаро”, “но”, “бар” ва ҷузи инҳо ва пасвандҳое монанди “гон”, “ок”, “од”, “гарӣ”, “када”, “дис” ва ҷуз инҳо, вожаҳои фаровон сохт, ки бисёре аз онҳо акнун ҷузви сармояи вожагонии забони форсианд. [4, с. 68].

Насри Касравӣ кам ва беш дар ҳамаи навиштаҳои гаронқадре, ки аз худ ба ёдгор гузошта, равшану равон ва сода аст. Ӯ на танҳо кӯшид, то гиребони забони форсиро аз вожагон ва наҳви арабӣ бираҳонад, балки бо худдорӣ аз суханбофӣ ва ҷумлапардозӣ ва саҷъу дарознависӣ, форсии навишториро аз анбӯҳи истилоҳҳо ва иборатҳои ноҳамвору беҳудае, ки дар тайи қарнҳо, муншиён ва қофиябофону чомасароён бар он бор карда буданд, перост.

Сабки ӯ дар ҳамаи навиштаҳояш яксон нест. Шояд ба ин сабаб ки то поёни зиндагониаш дар бораи забон ва беҳбуди он меандешид. Касравӣ анбӯҳе аз вожаҳои фаромӯшшудаи форсӣ монанди “худкомагӣ” ва “ангеза” ва ҷуз инҳоро аз матнҳои куҳан берун кашид ва дубора дар забони форсӣ боб кард. Дар баъзе аз навиштаҳояш асари забони модариашро метавон дид, ба вижа дар навиштаҳое, ки аз рӯйи суханрониҳояш навиштаанд; аммо аз ин айб метавон чашм пӯшид ва набояд онро баҳона кард ва хидматеро, ки ӯ ба забони форсӣ карда, нодида гирифт.

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмади Касравӣ. Озарӣ ё забони бостони Озарбойҷон / Аҳмади Касравӣ. - Теҳрон, 1325. 53 с .
2. Аҳмади Касравӣ. Дар перомуни хирад / Аҳмади Касравӣ. - Теҳрон, 1384. 20 с.
3. Аҳмади Касравӣ. Забони пок / Аҳмади Касравӣ. - Теҳрон, 1322. 56 с.
4. Аҳмади Касравӣ. Зиндагонии ман / Аҳмади Касравӣ. - Теҳрон, 1323. 143 с.
5. Аҳмади Касравӣ. Дар перомуни адабиёт / Аҳмади Касравӣ. - Теҳрон, 1378. 196 с.
6. Маҳмадалии Лавоӣ. Тавоноии забони порсӣ / Маҳмадалии Лавоӣ. - Теҳрон, 1316. 211 с.


**КӮШИШҲОИ АҲМАДИ КАСРАВӢ ДАР ПЕРОСТАНИ ЗАБОНИ ФОРСӢ**


Дар мақолаи мавзуи кӯшишҳои Аҳмади Касравӣ дар перостани забони форсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар он ақидаҳои Касравӣ, вожаҳое, ки аз забони арабӣ ворид шудаанд ва мисолҳои зиёдеро аз китобҳои гуногун овардааст. Муаллиф қайд мекунад, ки Касравӣ чун забони паҳлавӣ медонист ва чандин забони хориҷиро аз арабию англисӣ ва арманӣ нек омӯхта буд, тавоноиҳои забонҳои гуногунро бо ҳам месанҷид ва гиру гирифториҳои забони форсиро беҳтар ташхис медод. Насри Касравӣ кам ва беш дар ҳамаи навиштаҳои гаронқадре, ки аз худ ба ёдгор гузошта, равшану равон ва сода аст. Ӯ на танҳо кӯшид, то гиребони забони форсиро аз вожагон ва наҳви арабӣ бираҳонад, балки бо худдорӣ аз суханбофӣ ва ҷумлапардозӣ ва саҷъу дарознависӣ, форсии навишториро аз анбӯҳи истилоҳҳо ва иборатҳои ноҳамвору беҳудае, ки дар тайи қарнҳо, муншиён ва қофиябофону чомасароён бар он бор карда буданд, перост.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Аҳмади Касравӣ, забон, форсӣ, арабӣ, таърих, фарҳанг, истилоҳ, вожаҳо, феъл, наввожа.


**УСИЛИЯ АХМАДА КАСРАВИ ПО ПОПУЛЯРИЗАЦИИ ПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА**


В статье рассматриваются усилия Ахмада Касрави по популяризации персидского языка. В нем автор приводит идеи Касрави, слова, заимствованные из арабского языка, и множество примеров из разных книг. Автор отмечает, что Касрави знал как язык пехлеви и выучил несколько иностранных языков из арабского, английского и армянского, вместе проверил способности разных языков и лучше диагностировал персидский язык. Проза Касрави более или менее ясна и проста во всех его драгоценных произведениях. Он не только старался освободить персидский язык от нагромождения арабских слов и слогов, но и воздержаться от риторики и фразировки и длинного письма, уберечь письменный персидский от нагромождения иррациональных терминов и словосочетаний.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Ахмад Касрави, язык, персидский, арабский, история, культура, термин, слова, глагол, новое слово.


**AHMAD KASRAVI'S EFFORTS IN POPULARIZING THE PERSIAN LANGUAGE**

The article discusses the efforts of Ahmad Kasravi to popularize the Persian language. In it, the author gives Kasravi's ideas, words borrowed from Arabic, and many examples from various books. The author notes that Kasravi knew both the Pahlavi language and learned several foreign languages as Arabic, English and Armenian, together tested the abilities of different languages and better diagnosed the Persian language. Kasravi's prose is more or less clear and simple in all his precious writings. He not only tried to free the Persian language from the clutter of Arabic words and syllables, but also to refrain from rhetoric and phrasing and long writing, to keep the written Persian from a pile of irrational terms and phrases. were perost.

**KEYWORDS:** Ahmad Kasravi, language, Persian, Arabic, history, culture, term, word, verb, new word.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Саидов Мирҳидоятулло Файзуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(+992) 93 114 15 63.**

**Сведение об авторе:** ***Саидов Мирхидоятулло Файзуллоевич*** – Таджикский национальный университет, магистр факультета языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93 114 15 63.**

**Information about the author:** ***Saidov Mirhidoyatullo Fayzulloevich*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (+992) **93 114 15 63.**

# ПЕРЕДАЧА ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С РУССКОГО ЯЗЫКА НА ТАДЖИКСКИЙ

***Тешаев Х. И., Мехрона Х.***
**Таджикский национальный университет**

На начальных этапах развития общей теории фразеологии как лингвистической дисциплины учеными внимание уделялось в основном исследованию фразеологических оборотов, одним из признаков которых является возможность идентифицироваться с одним простым словом. На наш взгляд, исследование фразеологических единиц (ФЕ) в рамках лексикографии также обусловлено именно этой характерной особенностью фразеологизмов. Однако с возрастанием степени интереса к различным аспектам данной проблемы, фразеология как лингвистическая наука стала охватывать более широкий круг фразеологических единиц, к которым относятся пословицы, поговорки, афоризмы, в том числе и деятелей литературы, и крылатые выражения, а также фразеологические предложения. По словам известного таджикского ученого Х. Маджидова, «поскольку важнейшей особенностью фразеологических единиц, в том числе фразеологических предложений, является их семантическая целостность, автор или писатель не обращает внимания на их построение, которое в некоторых случаях может быть достаточно сложным. Именно по этой причине фразеологические предложения вне контекста обозначают отдельное понятие. Кактолько такого рода фразеологические единицы употребляются с другими предложениями, их в некоторой степени сложная структура как будто заново восстанавливается. В этом случае фразеологическое предложение отличается от других предложений контекста не только с точки зрения структуры, но и выражения мысли и интонации». Из чего можно прийти к двум важным заключениям: 1) во фразеологических предложениях, как и в других фразеологических единицах, учитывается их семантическая целостность; 2) фразеологические предложения по структуре отличаются от других предложений контекста.

На наш взгляд, фразеологические предложения произошли в основном следующими способами:

1. Многие фразеологизмы уже первоначально были созданы в живой речи народа, а затем посредством художественных произведений вошли в литературный язык.
2. Некоторые фразеологизмы возникли на базе свободных словосочетаний, а именно на основе метафорического переноса значения словосочетания.
3. Известное количество устойчивых сочетаний восходит к литературным

источникам. Сюда же относятся фразеологизмы, созданные на базе цитат из литературных произведений. По словам известного таджикского ученого Б. Камолиддинова, «источником возникновения фразеологических единиц являются образные выражения и словосочетания, получившие широкое распространение среди масс и ставшиеустойчивыми в результате многократного их воспроизведения в речи».

С точки зрения структурной организации фразеологические предложения можно подразделить на два общепринятых вида: простые и сложные. Как известно, основным источником возникновения фразеологических единиц, в том числе фразеологических предложений, является живой народный язык.

В романе «Шураб», известном в истории современной таджикской литературы своей народностью, язык персонажей изобилует народными словами и изречениями. Эта особенность, несомненно, придает художественному произведению особенный колорит и национальную окраску, но, вместе с тем, вызывает ряд трудностей у переводчика. В переводческой практике одной из наиболее сложных задач является перевод фразеологических предложений, поскольку при переводе ФЕ необходимо передать не только ее смысл, но и стилистическую окраску, экспрессию, которая в значительной степени зависит от контекста художественного произведенияи стиля писателя.

В этой связи исследование особенностей передачи фразеологических предложений, в особенности сложных фразеологических предложений, предполагает решение ряда сложных лингвистических и экстралингвистических задач. В нижеследующих примерах наблюдается соответствие переводимых фразеологических предложений как с точки зрения семантики, так и с точки зрения лексического состава: Қадам расид, бало нарасад, – даст ба рӯй кашид. //– Ноги ваши достигли этого места, пусть несчастье не достигнет его, – провёл руками по лицу Эсанпай; – Хайр духтарҷон, сиҳат омадӣ – саломат рав, – аз оби дида карданихуд бехабар монд модар…. // – До свидания, доченька, здоровой пришла – здоровой иди.

Бача не, тилло! – дар навбати худ таъриф менамуд пиразан. – Илоҳи калон шаву рӯз бин, соҳиби хонаву дар шав. Ба муроду мақсадат рас. //– Не мальчик, а золото, – твердила она своему мужу. – Дай ему бог вырасти и стать хозяином в доме … Дай бог, чтобы все желания его исполнились.

Следует отметить, что добиться эквивалентного воспроизведения значений образных фразеологических единиц в большинстве случаев не представляется возможным. Так, например, в вышеназванном примере переводчику не удалось передать эмоциональный компонент значения фразеологизма «сиҳат омадӣ – саломат рав» (букв: целой, невредимой пришла - здоровой уходи), так как для передачи рифмующихся синонимов «сиҳат – саломат» было использовано одно и то же слово «здоровый». Более того, в переводе был опущен фразеологизм «рӯз дидан» («рӯз бин») - «жить хорошо, зажиточно», а в переводе «соҳиби хонаву дар шав» не был передан предметно-логический компонент значения фразеологического предложения, так как слово «соҳиб» в данном случае употреблено не в значении «хозяина в доме», а в значении «быть достойным семьи и дома». Не всегда переводчику удается достичь эквивалентного воспроизведения значенийобразных ФЕ.

Или же в исследуемом произведении для передачи сложного фразеологического предложения «замин сахту осмон баланд», переводчиком использованы три аналогии: 1) «до неба высоко, до Бога далеко»; 2) «Бог далеко, а небо высоко»; 3) «земля тверда, небо высоко». Последний вариант по лексическому составу тождественен переводимой единице, однако не воспроизводит переносный смысл переводимой фразеологической единицы.

Синтаксическое строение большинства пословиц идентично сложносочинённым предложениям, в которых простые предложения тесно связаны между собой как части одного целого и находятся друг с другом в различных смысловых отношениях.

Синонимичные отношения возникают между двумя простыми фразеологическими предложениями, соединёнными соединительными союзами и интонацией. Следует отметить, что в таких пословицах вторая часть служит только для подтверждения мысли, выраженной в первой части, и не вносит дополнительного значения. Такого рода фразеологические предложения переводятся в основном следующими способами:

а) эквивалентность – подбираются фразеологические единицы, тождественные по семантике, структурно-грамматической организации и компонентному составу:

«Кулол аз мундӣ об мехӯраду бофанда кафангадо». – «Гончар утоляет жажду из черепка, а ткач собирает милостыню себе на саван»: Чунонки дар зарбулмасали он замон гуфта мешуд: «кулол дар мундӣ об мехӯраду бофанда кафангадо» хонаи ӯ ҳатто аз чизу чораҳое, ки худи ӯ месохт, таъмин набуд.

б) частичная эквивалентность – перевод одной из синонимичных частей: «тир аз камон ҷастаю, хишт аз қолиб кӯчида буд» – кор аз кор гузашт, акнун пушаймонӣ афсӯс надорад ва чораҷӯӣ суд надорад – «стрела вылетела из лука»: Аммо ҳарчанд тир аз камон ҷастаю хишт аз қолиб кӯчида буд, ӯ кӯшид, ки аз инҳолати ногувор як навъ карда халос хӯрад.

Таким образом, перевод образных фразеологических единиц, в особенности сложных фразеологических предложений - одна из наиболее сложных задач в переводческой практике, поскольку зачастую в силу того, что материал фразеологии разнообразен как в генетическом, так и функциональном плане, и разнохарактерен в семантическом отношении, добиться полной эквивалентности не представляется возможным. Более того, многие фразеологические предложения транслируют специфические черты языковой личности писателя, передача которых на другой язык вызывает определенные трудности.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Иванова, И. В. (1999). Проблемы перевода фразеологических единиц (на основе немецких экономических текстов) / И.В. Иванова. - Известия РОСИ, 3, 47-51.
2. Комиссаров В. Н., Коралова А. Л. (1999). Практическое пособие по переводу с английского на русский / В.Н. Комиссаров. - Москва: Высшая школа.
3. Мокиенко В. М. Загадки русской фразеологии / В.М. Мокиенко. - М.: Высшая школа, 2005. 257 с.


## ТАРҶУМАИ ҶУМЛАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ АЗ ЗАБОНИ РУСӢ БА ТОҶИКӢ


Барои тарҷумаи ҷумлаҳои фразеологӣ, тарҷумон бояд луғатҳои фразеологиро истифода барад ва контекст дар раванди тарҷума нақши муҳим дорад. Ҷумлаҳои фразеологӣ фарҳанг ва менталитети миллии халқи мушаххасро инъикос мекунанд. Аз ин сабаб тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ яке аз масъалаҳои мубрами тарҷумаи муосир ба ҳисоб меравад. Воҳидҳои фразеологӣ ҷузъи таркибии ҳама гуна забон ё фарҳанг мебошанд ва донистани ин воҳидҳо ва тафсири дурусти онҳо далели тарҷумаи дурусти тамоми баён ё асари бадеӣ мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: тарҷумаи ҷумлаҳои фразеологӣ, воҳиди фразеологии тарҷума, луғатҳои фразеологӣ, забон, русӣ, тоҷикӣ, тарҷума.


## ПЕРЕДАЧА ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С РУССКОГО ЯЗЫКА НА ТАДЖИКСКИЙ


Для перевода фразеологических предложений переводчику необходимо пользоваться фразеологическими словарями, и важную роль в процессе перевода играет контекст. Фразеологические выражения отражают национальную культуру и менталитет конкретного народа. По этой причине перевод фразеологизмов является одним из важнейших вопросов современного перевода. Фразеологические предложения являются неотъемлемой частью любого языка или культуры, и знание этих единиц и их правильное толкование является доказательством правильности перевода всего выражения или произведения искусства.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** перевод фразеологических предложений, фразеологическая единица перевода, фразеологические словари, язык, русский, таджикский, перевод.


## TRANSFER OF PHRASEOLOGICAL SENTENCES FROM RUSSIAN TO TAJIK


To translate phraseological sentences, the translator needs to use phraseological dictionaries, and the context plays an important role in the translation process. Phraseological expressions reflect the national culture and mentality of a particular

people. For this reason, the translation of phraseological units is one of the most important issues of modern translation. Phraseological sentences are an integral part of any language or culture, and knowledge of these units and their correct interpretation is proof of the correctness of the translation of the entire expression or work of art.

**KEYWORDS:** translation of phraseological sentences, phraseological unit of translation, phraseological dictionaries, language, Russian, Tajik, translation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Тешаев Хайём Икромович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ходими пешбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992937198030**. Почтаи электронӣ: **dalerti@mail.ru**
***Худойбердиева Меҳрона Махмуродовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи рус. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992111188187**. E-mail**: mehrona@list.ru**

**Сведение об авторах**: ***Тешаев Хайом Икромович*** – Таджикский национальный университет, ведущий научный сотрудник, кандидат филологических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992937198030.** Эл. адрес; **dalerti@mail.ru**
***Худойбердиева Мехрона Махмуродовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета русской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992111188187.** E-mail: **mehronaa@list.ru**

**Information about the authors:** ***Teshaev Khayom Ikromovich*** - Tajik National University, Leading Researcher, Candidate of Philology, docent. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992937198030**. E-mail; **dalerti@mail.ru**
***Khudoyberdieva Mehrona Mahmurodovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992111188187.** E-mail: **mehronaa@list.ru**

# ТАҲЛИЛИ ОВОЗИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАГОНИ “ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ”

***Иброҳимзода Ф. И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Назарияи технологияи иттиллоотӣ барои тамоми шохаҳои забон муҳим мебошад ва барои истифодаи барномасозӣ саҳмгузор аст. Омили асосии нуфузи илмию техникӣ ва пешрафти ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонҳо аз истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотрасонии муосир иборат мебошад. Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳимми замони муосир мебошад. Барои ҳамин, мо тасмим гирифтем, оид ба таҳлили овозии калимаҳои забони тоҷикӣ ва сохтани лоиҳаи таҳлили овозии калимаҳои забони тоҷикӣ дар барномаи Delphi 2010 истифода ва иҷро намоем. Маводҳои асосии мақоларо аз “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ва “Фонетикаи забони адабии тоҷик ”- и Хаскашев Т.Н. дастрас кардем. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ зиёда аз 80 ҳазор вожаву ибора ва таркибҳои забони тоҷикиро фаро гирифтааст ва аз лиҳози сохтор, калимаву таркиб ва истилоҳот ҳам давраи классикии инкишофи забон ва ҳам давраи муосири рушди забонро дар бар гирифтааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳад, то мақомоти давлатӣ аз шароити замонавӣ баҳри фаъолияти босамар таъмин бошанд, бад - ин васила дар роҳи дастрасӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ, ки асоси таъмини пурсамари хизматчиёни давлатӣ дар шароити ҳозира ба ҳисоб меравад, дар кишвар қадамҳои муассир гузорад. Тоҷикистон узви ҷудоинопазири ҷомеаи башарист ва дар бобати татбиқи сиёсати дохилӣ, ки низомаш эъмори ҷомеаи дунявию демократист, барои таҳкими ҳукумати электронӣ тадбирҳои мушаххас меандешад. Кор ва таҳқиқи мо дар барномаи пуриқтиқдори Delphi 2010 мебошад. Delphi ин системаи ба обект нигаронидашудаи лоиҳаи визуалии муҳити программасозие мебошад, ки аз тарафи ширкати Borland коркард шудааст. Ширкати Embarcadero ширкати Амрикоӣ мебошад ва соли 1993 таъсис ёфтааст. Ҳоло низ ин ширкат ба таъминоти программавӣ машғул мебошад. Навишти барномаҳо дар Delphi дар ду муҳит амалӣ мегарадад муҳити консолӣ ва визуалӣ.

Теъдоди забонҳои дунёро муҳаққиқон ба 6000 гуфтаанд. Бо вуҷуди ин ки забонҳои дунё аз ҳам фарқ доранд, аммо аз ду ҷиҳати асосӣ бо ҳам шабоҳат доранд: а) ҳамаи онҳо дорои хазинаи луғат (калимаҳо) ва қоидаю қонунҳои истифодаи он (грамматика) мебошанд; б) барои таъмину фароҳам овардани мубодилаи афкор, мухобираи аъзоёни ҷамъият хизмат мекунанд. Воҳиди асосии мухобира гуфтор мебошад. Он дар се шакли асосӣ амалӣ мегардад: хабар додан (гуфтори ахборӣ), аз касе доири чизе маълумот гирифтан (гуфтори саволӣ) ва касеро барои иҷрои коре водор кардан (гуфтори амрӣ). Мураккабтарин воҳиди мухобира гуфтор аст ва он ба як ё якчанд ҷумла ифода мешавад. Ҷумла ба калимаҳо, калимаҳо ба морфемаҳо ва морфемаҳо ба фонемаҳо ҷудо мешаванд. Воҳидҳои забон фонема, морфема, калима, ибора, ҷумла ва ғ. мебошанд ва онҳо хусусиятҳои гуногун доранд. Масалан, хусусияти ҷумла, калима ва морфема дар он аст, ки ин воҳидҳо дорои ҷиҳатҳои маъноӣ (ифодашавӣ) ва овозӣ (ифодакунӣ) мебошанд. Овозҳоро, ки баръакси воҳидҳои маънодор танҳо ҷиҳати овозӣ доранд, низ ба сатҳи алоҳидаи забон нисбат дода, онро сатҳи огоҳии забон ё ҷиҳати овози забон мегӯянд. Хусусияти асосии воҳидҳои сатҳи овозӣ ин аст, ки онҳо дорои маъно нестанд ва чун масолеҳ дар сохтмони воҳидҳои маънодор истифода мешаванд. Масалан, овозҳои (м), (а), (н) дар танҳоӣ маъноро ифода намекунанд, аммо агар мо онҳоро бо тартиби муайян якҷоя кунем, калимаи “ман” ифода мешавад, ки дорои маъно аст. Бинобар ҳамин, ҷиҳатҳои ифодашавию ифодакунӣ бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Воҳидҳои маъноиро илмҳои лексикология, сарф (морфология), наҳв (синтатсис) ва воҳидҳои овозиро бошад фонетика меомӯзад.

Вазифаи аввалиндараҷаи фонетикаи ҳар як забон муайян намудани миқдори фонемаҳо ва муносибати байни онҳо дар низоми фонологӣ мебошад [19, 47].

Фонетика аз калимаи юнонии ("phonetike" аз асоси phone - "садо","овоз") гирифта шудааст, як қисмати забоншиносӣ, ки таркиб ва ҷиҳатҳои овозии забонро меомӯзад. Фонетика ҷиҳати овозии нутқи забони инсонро меомӯзад. Мавзуи баҳси фонетика воҳидҳои овозии нутқ мебошад. Ҳиҷо ва роҳҳои ташаккулёбии он, задаи калимагӣ, таснифи садоноку ҳамсадоҳо ва интонатсияро низ фонетика меомӯзад. Ҷиҳати асосии воҳидҳои сатҳи овозӣ ин аст, ки онҳо дорои маъно нестанд, барои сохтану шинохтани воҳидҳои маънодори забон истифода мешаванд. Масалан калимаи **хонабарбод** – ро мегирем. Ин калима аз даҳ овоз:[х], [о], [н], [а], [б], [а], [р], [б], [о], [д] иборат мебошад ва маҳз бо мавҷудияти ҳамин овозҳо он ҳамчун воҳиди мустақили забон вуҷуд дорад ва аз калимаҳои дигар фарқ мекунад. Дар ташкили симои овозии воҳидҳои маънодор қонунҳои ҳамнишнию тағйирёбӣ, мутобиқату мувофиқати овозҳою ҳиҷоҳо ва ҳодисаҳои ба онҳо алоқаманд низ саҳм доранд ва мавзуи баҳси илми фонетика мебошанд.

Сохти овозии забон ҳодисаи ниҳоят мураккаб ва серсоҳа мебошад.Чунин хусусияти овозии забон моро водор мекунад, ки онро аз ҷиҳатҳои гуногун ва бо методҳои мухталиф омӯзем. Чунин навъҳои фонетикаро фарқ мекунанд:

1.**Фонетикаи хусусӣ -** сохти овозии забони алоҳидаро меомӯзад. Масалан, сохти овозии забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, олмонӣ ва ғайра. Дар фонетикаи хусусӣ ҳодисаи овозӣ дар як давраи муайяни инкишофи забон омӯхта мешавад.

2.**Фонетикаи таърихӣ -** сохти овозии забон, ки дар давоми даҳсолаҳо, садсолаҳо пайдо шудаанд ва сабабҳои таърихи пайдоиши онҳоро меомӯзад.

3.**Фонетикаи муқоисавӣ -** барои тафсиру шарҳи ҳодисаҳои овозии забон дар шароити ҳозира ё ягон давраи таърихии инкишофи онҳо барои муқоиса ҷалб кардани материалҳои забонҳои дигари хеш омӯхта мешуд.

4.**Фонетикаи умумӣ -** тадқикотҳои фонетикии як гурӯҳи калони забонҳоро ва ё ҳамаи забонҳоро меомӯзад. Он ба материали ин забонҳо такя карда, мавқеи фонемаҳо ва роҳҳои ташаккули онҳо, қонунҳои умумии тағйирёбӣ, гурӯҳбандӣ ва ҳамнишинии онҳоро муайян мекунад. Муайян кардани хусусиятҳои умумии сохтмони ҳиҷоӣ, аксентӣ ва оҳангии забон низ вазифаи фонетикаи умумӣ мебошад.

5.**Фонетикаи тавсифӣ** ба ҳодисаҳои овозӣ ва методҳои маълуми забоншиносӣ, ки мушоҳидаю муқоиса асос ёфтааст, баён мешавад.

Овозҳои нутқ дар воҳидҳои маънодор ду вазифаро иҷро мекунанд, яке калимасозӣ ва дигар калимафарққунӣ (ё калимашиносӣ). Овозҳо барои сохтани калимаҳо хизмат мекунанд. Масалан, калимаи **китоб** овозҳои **к, и, т, о, б,** ба сифати масолеҳи бинокорӣ

хизмат мекунанд ва мавҷудияти ин калима ҳамчун воҳиди забонӣ ба миқдори муайяни овозҳо, тартиби онҳо, сохти ҳиҷоюю заданокӣ вобаста аст. Вазифаи калимасозӣ дар он зоҳир мешавад, ки он хоси ҳамаи овозҳои нутқ мебошад, чунки ҳамаи воситаҳои овозӣ дар калимасозӣ ва шаклсозӣ иштирок мекунанд. Ҳамаи овозҳои нутқ ба воситаи ҳавои аз шуш бароянда пайдо мешаванд. Ҳамаи узвҳои инсонро, ки дар ташаккулёбии нутқ иштирок мекунанд, олатҳои нутқ меноманд. Ба олатҳои нутқ дохил мешаванд: лабҳо, дандонҳо, забон, ком, забонча, ковокии даҳон, ковокии бинӣ, пешгаҳи даҳон, ҳалқ, хирной, бронххо, шуш ва диафрагма. Нақши мағзи сар ё ба ибораи дигар,системаи марказии асабҳо, ки ҳамаи олатҳои нутқро идора мекунад, хеле муҳим аст.

Бо тартиби муайян навиштан ва номбар кардани ҳарфҳо алифбо ном дорад. Алифбои имрӯзаи забони тоҷикӣ аз 35 ҳарф иборат мебошад. Дар алифбои забони тоҷикӣ 24 ҳамсадо, 6 садонок, 4 йотбарсар мавҷуд аст.

Тибқи "Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ" аз санаи 4 отябри соли 2011 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №458 алифбои забони тоҷикӣ тасдиқ карда шуд. Дар нутқ овозҳо алоҳида-алоҳида ва аз ҳам ҷудо талаффуз карда намешаванд, балки онҳо бо ҳамдигар пайванд шуда, ҷараёни нутқро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа, дар ҷараёни нутқ одатан каму беш характери овозҳо дигаргун, мешавад тобишҳои гуногуни овозҳои аслӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳатто фонемаҳо ба куллӣ тағйир ёфта, ивази талаффуз мешаванд. Масалан, дар як калима (аммо) ва ё дар маҳалли васли ду калима (кам мебарӣ) ду бор омадани овози "м" ва талаффузи онро мушоҳида намоем, мебинем, ки ҳар дуи онҳо якхел талаффуз намешаванд. Дар ҷараёни ба ҳам наздикшавӣ ва ба ҳам монандшавии овозҳо ба амал меояд, ки он ассимилятсия (монандшавӣ) ном дорад.

а) Дар талаффузи калимаи **бадтамъ** "**д**"-и бад ба "**т**" табдил мешавад.

б) Дар талаффузи калимаи **чӯбча** овози "**б**" ба овози беҷаранги "**п**" иваз мешавад, чунки органҳои нутқ барои талаффузи ҳамсадои беҷаранги "**ч**" тайёр шуда, садопардаҳо аз ларзиш бозмемонанд.

в) Дар калимаи **анбор** овози ҳамсадои нӯгизабонии "**н**" ба овози "**м**" табдил меёбад, чунки овози пеш аз он омадаи "**б**" овози "**н**"- ро ба худ монанд мекунад.

д) дар талаффузи калимаи **қасд** ва **тасдиқ** овози беҷаранги "**с**"- пеш аз "**д**" омада рӯй додааст.

Дар нутқи гуфтугӯӣ ва лаҳҷаҳо гоҳо яке аз ду овози якхела ва ё баъзан яке аз ду овози аз ҷиҳати талаффуз ҳамҷинс ба овози талаффузаш дигаре табдил меёбад. Ба мисоли ин ҳамчун **аждод** талаффуз шудани калимаи **аҷдод** мисол шуда метавонад, ки овози "**ҷ**" ба "**ж**" табдил гаштааст. Мисоли дигар, калимаи иҷтимоӣ ба шакли иҷтимоӣ талаффуз мешавад, ки дар ин ҷо овози "**ҷ**" ба овози "**ш**" иваз шудааст.

Дар байни калима баъзан овозҳо ҷойҳои худро бо якдигар иваз мекунанд, ин ҳодиса дар забоншиносӣ метатеза ё ҷойивазкунӣ ном дорад. Ҷойивазкунӣ дар забони тоҷикӣ хоси ҳамсадоҳо мебошад. Ҷойивазкунии овозҳо ду навъ мешаванд: таърихӣ ва муосир.

а) Ҷойивазкунии таърихӣ дар давраҳои гузаштаи инкишофи забон сурат гирифта ва тадриҷан мустаҳкам шудааст. Ба меъёр дохил шуда, дар хат инъикос ёфтааст ва шакли талаффузи аслии калимаро танг карда, ҷои онро гирифтааст ба ин мисол шуда метавонад калимаҳои қулф, китф, сурфа, маҳсӣ, авф, вале дар асл дар шакли қуфл, кифт, суфра, масҳӣ ва афв будаанд аммо дар натиҷаи ҷойивазкунии овозҳои ҳамнишин тадриҷан мустаҳкам шуда, мустақилият пайдо намуда, шакли имрӯзаро гирифтанд.

б) Ҷойивазкунии муосир ҳодисаи ҳанӯз зинда мебошад ва танҳо дар нутқи гуфтугӯӣ роиҷ аст. Барои ҷойивазкунии калимаҳои муосир инҳо мисол шуда метавонанд: ба мисли ҳалво-ҳавло, дарё-дайро, ҷумъа-ҷуъма, ҷамъ-ҷаъм ва ғайра.

Овозҳои нутқро ба ду гуруҳ ҷудо мекунанд, садонокҳо ва ҳамсадоҳо.

Овози аз шушбароянда, ки ба монеаҳо талаффуз мешавад, ҳамсадо ном дорад. Овозои ҳамсадо мувофиқи вазъияти садопардаҳо, ширкати олатҳои нутқ, тарзи ба вуҷуд омадани онҳо тасниф карда мешавад.

Аз рӯйи вазъияти садопардаҳо ҳамсадоҳо ба ду намуд ҷудо мешаванд. Ҳамсадои ҷарангдор ва беҷаранг. Миқдори ҳамсадоҳо 24 – то мебошад. Аз онҳо 13 – то ҳамсадоҳои ҷарандор ва 11 – то ҳамсадоҳои беҷаранг аст.

а) ҳамсадоҳои ҷарангдор: б, в, г, д, ж, з, р, н, м, л, й, ғ, ҷ.

б) ҳамсадоҳои беҷаранг: к, қ, п, с, т, ф, х, ҳ, ч ш, ъ.

Дар навбати худ ҳамсадоҳои ҷарангдор ба гурӯҳои зерин ҷудо мешаванд: лабӣ, ҳамсадои зичи тарканда, шавшувдор, ғайридимоғӣ, ҷарангдор, лаҳндор, ҷуфт, бешавшув, пешизабонӣ, ҳамсадои думахраҷа, забонӣ, якмахраҷа.

Ҳамсадоҳои беҷаранг бошанд ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: лабӣ, ҳамсадои зичи тарканда, шавшувдор, ғайридимоғӣ, белаҳн, ҷуфт, пешизабонӣ, ҳамсадои зичи рахнадор (мураккаб), ҳалқӣ, ҳамсадои роғӣ, ҳамсадои якмахраҷа, ҳамсадои роғии пешрахна.

Овози аз шуш бароянда, ки бе монеаҳо талаффуз мешавад, садонок ном дорад. Овозҳои садонок ҳиҷосоз мебошанд ва миқдори онҳо 6 - то мебошад. Ин овозҳо дар талаффуз аз якдигар фарқ мекунанд, масалан дар талаффузи овозҳои **о, у, ӯ** лабҳо иштирок мекунанд аммо овозҳои **и, э, а** бе иштироки лабҳо талаффуз мешаванд, ки онҳоро ба гурӯҳи садонокҳои ғайрилабӣ дохил намуданд.

Дар забони тоҷикӣ миқдори ҳиҷоҳои калима ба миқдори садонокҳои он баробар аст, яъне воситаи асосии ҳиҷосозӣ садонокҳо мебошанд. Садонокҳо якҷоя бо ҳамсадоҳо ва ё алоҳида хелҳои гуногуни ҳиҷоҳоро месозанд. Навъҳои ҳиҷоҳои забони тоҷикӣ (с - садонок, ҳ - ҳамсадо)

Ҳиҷо хелҳои гуногун дошта, агар бо садонок тамом шавад, ҳиҷои кушода ва агар бо ҳамсадо ба охир расад, ҳиҷои баста номида мешавад.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаҳои зиёди русӣ ва советию интернасионалӣ низ мавҷуд мебошанд, ки мафҳумҳои зарурии ҳаётро ифода мекунад. Онҳо дар нутқи тоҷикон баробари калимаҳои гуруҳи аввал истифода мешаванд. Сохти ҷудокунии ин гуна калимаҳо аз калимаҳои тоҷикӣ фарқ мекунад. Ҳиссаи калимаро ба сатри дигар кӯчонидан, калимаро ҳиссаи аввалашро яклухт менависем, масалан хоб-гоҳ, мо-дар ва ғ., агар як ҳарф ҳиҷоро ташкил диҳад ҳам, онро ба сатри дигар намекӯчонем. Масалан, калимаи **ароба -** ро ба ҳиҷо ҷудо кунем шакли дурусташ ҳангоми ба сатри дигар гузаштан ин гуна аст: а-роба не, балки аро-ба, о-ромӣ не, оро-мӣ ва ғайра. Агар ҳолате шавад, ки садонок пеш аз ҳарфи сакта (ъ) биёяд, ҳиҷои дуюми он ба сатри дигар гузаронида мешавад. Масалан, эъ-лон, аъ-ло.

Ҳиҷо вобаста ба заданокиаш ду намуд мешавад: ҳиҷои заданок ва ҳиҷои безада. Ҳиҷое, ки дорои зада аст, ҳиҷои заданок ва ҳиҷое, дорои зада нест, ҳиҷои безада ном дорад. Дар забони тоҷикӣ теъдоди ҳиҷоҳои безада нисбат ба ҳиҷои заданок зиёдтар аст.

Ҳиҷои безада: асп, орд, гуфт.

Ҳиҷои заданок: шоҳ-мот, мо-дар.

Ҳиҷоро чун воҳиди хурдтарини нутқи овозӣ илмҳои гуногун ба монанди физика, физиология, психология (равоншиносӣ), психолигвистика (забоншиносии равонӣ) ва дигар илмҳо бо мақсадҳои гуногун меомӯзанд. Илми забоншиносӣ аз маълумоти ҳамаи ин илмҳо истифода бурда, ҳиҷоро ҳамчун яке аз воҳидҳои асосии забон ва бо мақсади забоншиносӣ меомӯзад. Ҳангоми омӯзиши ҳиҷо дар забоншиносӣ зарурати ҳалли ду масъалаи асосӣ ба миён меояд.

а) дар забонҳо ҳиҷосозӣ чӣ тавр сурат мегирад , ба кадом восита овозҳои гуногун дар таркибҳои муайян масалан, па-дар, мо-дар якҷоя шуда, як воҳид ҳиҷоҳоро ба вуҷуд меоранд?

б) ҷудокунии ҳиҷоҳо бо кадом роҳ амалӣ мешавад, ҳудуди ҳиҷоҳоро дар таркиби калима ва ё ҷумла чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?

Ҳар дуи ин масъала бо ҳамдигар сахт алоқамананд, чунки агар аз як тараф вобаста ба тарзи муттаҳидшавии овозҳо таркиби ҳиҷо муайян карда шавад, ба воситаи он то дараҷае ҳудуди ҳиҷоҳоро муайян кардан имконпазир мегардад, аз тарафи дигар бошад, агар мо қонунҳои ҳиҷоҷудокуниро донем, ба воситаи онҳо аз тарзу воситаҳои ҳиҷосоз бохабар шуда метавонем вале пеш аз ҳама мо бояд табиату моҳияти овозии ҳиҷоҳоро донем. Ҳангоме ки мо дар хусуси ҳиҷо сухан меронем, одатан таркиби овозие, ки аз садоноку ҳамсадо иборат аст, пеши назар меояд. Масалан, ҳиҷои **бо** ва **об** – ро мегирем. Дар вақти муқоиса кардани онҳо гуфта мешавад, ки ҳар дуи ин ҳиҷоҳо аз ду овоз ҳамсадои "**б**" ва садоноки "**о**" сохта шудааст, вале фарқи ин ҳиҷоҳо аз он чи гуфта шуд, бештар аст, чунки ҳиҷо ҳамчун воҳиди талаффуз танҳо барои ҳамнишинии овозҳои садонок ва ҳамсадо нест.

**АДАБИЁТ**

1. Бобомуродов Ш. Садоноки "ӯ" ва мақоми он дар системаи вокализми забони тоҷикӣ / Ш. Бобомуродов. - Душанбе, 1978.
2. Бобомуродов Ш. Ҳамсадоҳои такрор дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Бобомуродов. - Душанбе, 1987.
3. Бобомуродов Ш. Сохти овозии калимаҳои якҳиҷогӣ ва баъзе масъалаҳои ҳиҷо// Мактаби советӣ.- № 12.- 1974.
4. Бузургзода Л. Фонетикаи забони адабии тоҷик / Л. Бузургзода. -Л.-1940
5. В.С.Соколова.Фонетика таджикского языка / В.С. Соколова. - М.-Л №1949.
6. Зиндер Л.Р. Общая фонетика.-Изд.2. / Л.Р. Зиндер. - М.-1979.
7. Хаскашев Т. Н. Ибни Сино ва фонетикаи тавлидӣ// Мушкилоти Сино / Т.Н. Хаскашев. - Душанбе, 1980.
8. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: Садонокҳо ва ҳамсадоҳо / Т.Н. Хаскашев. - Душанбе, 1983.- Қ 1.

**ТАҲЛИЛИ ОВОЗИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАГОНИ "ФАРҲАНГИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ"**

Дар мақола вижагиҳои овозии вожагони "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар натиҷаи ҷустуҷу ва таҳқиқи кардани ин мавзуъ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки минбаъд ин барнома метавонад, кори забоншиносон ва онҳоеро, ки ба таҳлили калимаҳо сару кор доранд осон гардонад. Барои таҳия намудани луғатҳои электронӣ имрӯз имконият зиёд аст, зеро забонҳои барномасозии зиёд, ба монанди нусхаҳои гуногуни Delphi, сохта шудаанд, ки кори таҳиягаронро осон мегардонад. Барномаи мо калимаро пурра таҳлили овозӣ намуда, онро ба фонемаҳо ва ҳиҷо ҷудо мекунад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** таҳлили фонетикӣ, садонок, ҳамсадо, таркиб, забоншиносӣ, технологияи иттилоотӣ

**ФОНЕТИЧЕСКИЙ РАЗБОР НЕКОТОРЫХ СЛОВ НА ОСНОВЕ "ТОЛКОВОГО СЛОВАРЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА"**

В данном статье рассматриваются фонетические особенности слов «Толкового словаря таджикского языка». В результате изучения данной темы можно сделать вывод, что в дальнейшем программа может еще больше облегчить работу лингвистов и тех, кто занимается анализом слов. Сегодня существует множество возможностей для разработки электронных словарей, поскольку многие языки программирования, такие как различные версии Delphi, созданы для облегчения работы разработчиков. Наша программа производит полный звуковой анализ слова и разделяет его на фонемы и слоги.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** фонетика, фонетический разбор, гласный, согласный, состав, языкознание, информационные технологии.

**THE PHONETIC ANALYSIS OF SOME WORDS DUE TO "INTERPRETIVE DICTIONARY OF TAJIK LANGUAGE"**

The article analyzes the phonetic features of the words from "Interpretive Dictionary of Tajik language". There are many opportunities to develop electronic dictionaries today as programming languages, such as different versions of Delphi, are built to make the work of developers easier. Our program provides a complete sound analysis of the word and divides it into phonemes and syllables.

**KEYWORDS:** phonetic or phonetic analysis, vowel, consonant, composition, linguistic and informative technology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иброҳимзода Фархунда Идрис*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904262020.**

**Сведение об авторе:** ***Иброхимзода Фархунда Идрис*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **904262020.**

**Information about the author:** ***Ibrohimzoda Farkhunda Idris*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **904262020.**

# ОСОБЕННОСТИ ФИЛОСОФСКОЙ ЛИРИКИ ИННОКЕНТИЯ АННЕНСКОГО (НА ПРИМЕРЕ СТИХОТВОРЕНИЯ «В АРОМАТНОМ КРАЮ В ЭТОТ ДЕНЬ ГОЛУБОЙ»)

***Назирова А-Н. О.***
**Таджикский национальный университет**

В творчестве Анненского особое место занимает философская лирика, наполненная мотивами красоты, чистоты, глубокого осознания бытия, наслаждения реальностью и проживанием каждого мига в этом прекрасном мире. Лирика, которая исполнена, с одной стороны, глубокого экзистенциализма, с другой стороны очень тонкого осознания автором тех

границ реальной действительности, в которых он пребывал, осознавая этот мир во всех красках, во всех его непростых проявлениях. Однако при этом ключевым мотивом философской лирики Анненского является ее жизнеутверждающий характер, поскольку лирический герой Анненского принимает реальность во всех проявлениях, как в положительном, так и в отрицательном ключе, причем отрицательный опыт прошлого становится более ценным уроком и более ресурсным моментом для дальнейшего формирования характера и осознания дальнейшей жизни человека. И поэтому ключевой принцип лирического героя, проживающего жизнь здесь и сейчас, – это умение наслаждаться реальностью, проживая жизнь во всех ее красках.

Подтверждением этого тезиса служит стихотворения «В ароматном краю в этот день голубой». Стихотворение написано в 1904 году, в непростой, мятежный для России период, предшествующий первой русской революции, Кровавому воскресенью с его надрывной нотой и с последующим расколом русского общества на два лагеря, определивших дальнейший исторических ход развития событий в стране. Но при этом стихотворение начинается с безмятежных красок, которые гармонично и мягко ложатся на восприятие читательского образа:

В ароматном краю в этот день голубой
Песня близко: и дразнит, и вьется;
Но о том не спою, что мне шепчет прибой,
Что вокруг и цветет, и смеется.

Строфа разделена на две части: с одной стороны, это безмятежная подводка, в которой доминирующей темой является тема природы с использованием синтаксического параллелизма, когда «песня и дразнит, и вьется». Этот прекрасный песенный мотив является логическим продолжением природной зарисовки, но противительный союз, использованный в последних двух строках стихотворения, говорит о том, что лирический герой как-раз-таки принимает жизнь не в ее сугубо гармоничных красках, не в том, о чем «шепчет прибой», и не в том, что вокруг «цветет и смеется». Дальнейшим продолжением этого тезиса является строфа:

Я не трону весны — я цветы берегу,
Мотылькам сберегаю их пыль я,
Миг покоя волны на морском берегу
И ладьям их далекие крылья.

Темы жизни и природы осложняются мотивом нетронутости, первозданности природы в том состоянии, в котором эту Вселенную задумал Всевышний, и именно желание лирического героя сберечь этот первозданный характер бытия, для того чтобы в этой нетронутости ощутить себя другого, найти новые смыслы, по-новому взглянуть на реальность этого мира. Наполняет эти строки и образ нового «я», который является одним из ключевых образов этой части стихотворения, сопровождаемых общим ощущением покоя, безмятежности, внутренней радости, принятия того, что происходит в этом мире. Все это украшает поэтический строй стихотворения Анненского. Эта строфа дает нам понимание того, почему его желание «не спеть» только о гармонии, почему его желание «не трогать эту весну», а сберечь эту нетронутость в ее какой-то первозданной живости. Ответом на этот вопрос является последняя строфа:

А еще потому, что в сияньи сильней,
И люблю я сильнее в разлуке
Полусвет-полутьму наших северных дней,
Недосказанность песни и муки…

В этих строках усиливается мотив того, что иногда истинные шедевры, и истинное понимание жизни рождаются тогда, когда проживаешь ее во всех красках, причем отрицательный опыт становится для человека более ресурсным, и иногда ощутить сладостный характер любовных страданий человек может, только находясь в разлуке со своей возлюбленной. А ощутить всю полноту жизни можно, прожив не только день, но и ночь. Метафорой дня и ночи становится вся человеческая жизнь, когда день это положительные перемены, а ночь - падения и препятствия, которые человек встречает на своем жизненном пути. Доказательством этих слов является характерная антитеза «полусвет-полутьма наших северных дней», еще раз подчеркивающая непростую диалектику жизни, которая именно во всех ее красках становится подарком, высшим даром бытия для человека. Поэтому, чтобы понять, кто есть ты и что такое

жизнь, нужно прожить не только след этой жизни, но и ощутить тьму во всех ее проявлениях, и тогда «недосказанность песни и муки», то есть те самые последние строки, которые заканчивается умолчанием, станут для человека высшим подарком судьбы, потому что тогда он сможет подняться на новую ступеньку осознания себя и на новый уровень восприятия бытия. Именно эта мысль является идеей стихотворения данного текста и рождает в сердце читателя сопричастность этому тезису, разделеность и всю его правомерность.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Иннокентий Анненский и русская культура XX века: Сб. науч. тр. — СПб., 1996. — 151
2. Гаспаров М. Л. Поэтика «серебряного века» // Русская поэзия «серебряного века», 1890-1917: Антология / М.Л. Гаспаров. — М., 1993.
3. Гашева Л.П. Эстетические и образно-изобразительные принципы И.Ф. Анненского как поэта серебряного века // Вестник ЧГПУ. - 2011. -№ 3.
4. Иннокентий Анненский и русская культура XX века: Сб. науч. тр. — СПб., 1996.


**ХУСУСИЯТҲОИ ЛИРИКАИ ФАЛСАФИИ ИННОКЕНТИЙ АННЕНСКИЙ (ДАР АСОСИ ШЕЪРИ «В АРОМАТНОМ КРАЮ В ЭТОТ ДЕНЬ ГОЛУБОЙ»)**


Мақолаи мазкур ба таҳлили лирикаи фалсафии Иннокентий Анненский бахшида шудааст. Лирикаи фалсафа дар эҷодиёти Анненский ҷойи махсусро ишғол мекунад: бо мавҷудҳои зебой, покӣ ва бо дарки аниқи ҳастӣ фаро гирифта шудааст. Мавзуи асосии лирикаи фалсафии Анненский хусусияти ҳаётбахшаш мебошад, зеро ки қаҳрамони лирикии Анненский воқеиятро дар тамоми зуҳурот ҳам ба таври мусбат ва ҳам манфӣ қабул мекунад ва таҷрибаи манфӣ барои ташакули минбаъдаи хислат ва дарки ҳаёти ояндаи шахс дарси муҳим мешавад. Барои ҳамин, принсипи асосии қаҳрамони лирикӣ, ки дар инҷо ва ҳоло зиндагӣ мекунад, ин маҳорати аз воқеят лаззат бурдан, ва зиндагии пурранг кардан мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** лирикаи фалсафӣ, таҳлили ғоявию бадеӣ, шеър, мавзуъ, моҳият, қаҳрамонҳои бадеӣ.


**ОСОБЕННОСТИ ФИЛОСОФСКОЙ ЛИРИКИ ИННОКЕНТИЯ АННЕНСКОГО (НА ПРИМЕРЕ СТИХОТВОРЕНИЯ «В АРОМАТНОМ КРАЮ В ЭТОТ ДЕНЬ ГОЛУБОЙ»)**


Данная статья посвящена анализу философской лирики Иннокентия Анненского. Философская лирика в творчестве Анненского занимает особое место: она наполнена мотивами красоты, чистоты, глубоким осознанием бытия. Ключевым мотивом философской лирики Анненского является ее жизнеутверждающий характер, поскольку лирический герой Анненского принимает реальность во всех проявлениях, как в положительном, так и в отрицательном ключе, причем отрицательный опыт прошлого становится более ценным уроком и более ресурсным моментом для дальнейшего формирования характера и осознания дальнейшей жизни человека. И поэтому ключевой принцип лирического героя, проживающего жизнь здесь и сейчас, – это умение наслаждаться реальностью, проживая жизнь во всех ее красках.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** философская лирика, идейно-художественный анализ, стихотворения, темы, мотивы, художественные образы.


**FEATURES OF THE PHILOSOPHICAL LYRICS OF INNOKENTIY ANNENSKY (ON THE EXAMPLE OF THE POEM "IN THE FRAGRANT LAND ON THIS DAY IS BLUE")**


This article is devoted to the analysis of the philosophical lyrics of Innokenty Annensky. Philosophical lyrics in the work of Annensky occupies a special place: it is filled with motifs of beauty, purity, deep awareness of being. The key motive of Annensky's philosophical lyrics is its life-affirming character, since Annensky's lyrical hero accepts reality in all its manifestations, both in a positive and negative way, and the negative experience of the past becomes a more valuable lesson and a more resource moment for further character formation and awareness of future life person. And therefore, the key principle of a lyrical hero living life here and now is the ability to enjoy reality, living life in all its colors.



**KEYWORDS:** philosophical lyrics, ideological and artistic analysis, poems, themes, motifs, artistic images.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Назирова Авджия-Набот Озодовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи рус. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **annazirova@gmail.com**. Телефон: **93-125-51-11.**

**Сведение об авторе***: **Назирова Авджия-Набот Озодовна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета русской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **annazirova@gmail.com.** Телефон**: 93-125-51-11.**

**Information about the author**: ***Nazirova Avjiya-Nabot Ozodovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Russian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.E-mail: **annazirova@gmail.com**. Phone: **93-125-51-11.**

# МАВҚЕИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР РОМАНИ «МАРГИ БЕГУНОҲ»-И К.МИРЗО

***Файзуллобекова М. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воҳидҳои фразеологӣ аз рӯи сохт ва маънои худ гуногун мешаванд. Дар забоншиносии тоҷик воҳидҳои фразеологӣ аз рӯйи аломатҳои маъноӣ, дастурӣ, услубӣ ва ғайра гурӯҳбандӣ шудааст [4]. Тибқи ҳамин гуруҳбандӣ таҳқиқотҳои зиёде анҷом ёфтаанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти бешумори воҳидҳои фразеологӣ дар асоси асарҳои бадеӣ ба вуқуъ пайвастааст, ки бо равишҳои гуногун баррасӣ шудаанд. Зикр бояд кард, ки муайян намудани мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар забон муҳимтарин масъалаи фразеология маҳсуб меёбад. Дар мақолаи мазкур мо воҳидҳои фразеологии романи “Марги бегуноҳ”-и Кароматуллоҳи Мирзоро аз нуқтаи назари маъноӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Воҳиди фразеологӣ ё худ ибораҳои фразеологӣ гуфта, ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам марбутеро меноманд, ки маънои яклухт ва дар аксар маврид образнокро ифода мекунанд. Воҳидҳои фразеологӣ аз нигоҳи маъноӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: идиомаҳо, фраземаҳо, фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ [4,29].

Идиомаҳо ду ва ё зиёда калимаҳои таркиби ифодаи идиоматикӣ, ки як маънои бутун ва ба ҳиссаҳо ҷудонашавандаро мефаҳмонанд. Ифодаҳои «**об гирифтан**» (сабзидан), «**дили касе кашол**» (хоҳишманд будан), **«дил кандан»** (дил хунук шудан), **«гӯши касеро тофтан»** (касеро танбеҳ додан) ва монанди инҳо аз ҳамин қабиланд. Аз рӯи ифодаи маъно ибораҳои рехтаи фразеологӣ (идиомаҳо) ё худ ифодаҳои идиоматикӣ чунин воҳидҳои фразеологии махсуси забонамонро ташкил медиҳанд, ки бо мазмуни яклухту пуробуранг ва сохти ба қисмҳо ҷудонашавандаи худ бо калимаҳо наздикӣ доранд. Бинобар ин, ибораҳои рехтаи фразеологӣ қисмати аз ҳама ҷаззоб, рехтаву устувор ва образноки воҳидҳои фразеологиро ташкил медиҳанд. Образнокию пуробурангӣ ва рехтаву устувори ибораҳои рехтаи фразеологӣ дар он зоҳир мешавад, ки семантикаи ибораҳои рехта дар бештар ҳолат бо маънои калимаҳои онро ташкилдиҳанда мувофиқат намекунад. Чунончи, ифодаҳои серистеъмоли **«гули сари сабад»** (азиз, сара), **«ҳар чӣ бодо бод»** (таваккал), **«салмаи сақат»** (лозим, барзиёд), **«нури дида»** (фарзанд), **«арақи ҷабин рехтан»** (меҳнати сахт кардан), **«ба чашм расидан»** (намудор шудан), **«гӯш ба қимор»** ва ғайра ба гурӯҳи ифодаҳои идиоматикӣ дохил мешаванд [4].

Дар робита ба гуфтаҳои боло, кӯшиш мекунем, мавқеи воҳидҳои фразеологиро дар романи «Марги бегуноҳ»-и К. Мирзо мавриди таҳлил қарор диҳем.

Тазаккур бояд дод, ки дар романи мазкур воҳидҳои фразеологӣ хеле зиёд ва дар мавқеи зарур истифода шудаанд, ки мисоли онҳоро мо дар ибораҳои фразеологӣ дида мебароем.

Яке аз ибораҳои рехтаи хеле серистеъмоле, ки умуман дар осори Кароматуллоҳи Мирзо, аз ҷумла дар романи «Марги бегуноҳ» истифода шудааст, ин ибораи рехта (идиома)-и «**димоғи сӯхта**» мебошад.

Нависанда бо маҳорати бузурги фавқуттабииаш идиомаи «**димоғи сӯхта**»-ро дар осори худ мулоҳизакорона ва оқилона истифода намуда, мавқеи қаҳрамонони худро тавассути он барои хонанда хеле хуб нишон медиҳад. Ибораи рехтаи «**димоғи сӯхта**» дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ба таври зер шарҳ дода шудааст: «1. хафа, ғамгин гардидан; 2. хашмгин шудан» [7, с. 410]. Ба ҳамин монанд дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ тафсир шудааст: «**бо димоғи сӯхта** бо табъи хира, бо дили хафа, ғамгинона; **димоғ кардан** ба касе қаҳру ғазаб кардан, ба касе хашмгин шудан; **димоғи касе сӯхтан** табъи касе хира шудан, хафа шудан, зиқ шудан, кайфи касе паридан; **димоғи касеро сӯзондан** табъи касеро хира кардан» [7, с. 453].

Вобаста ба маъноҳои дар фарҳангҳо тавзеҳдода дар асари Кароматуллоҳ Мирзо низ ибораи рехтаи «**бо димоғи сӯхта**» ба маънои ғамгин ё хафа шудан корбурдд шудааст.

Масалан, дар романи «Марги бегунох» ҳангоми тафсири ҳолати руҳии Малика – яке аз омӯзгордухтарони мактаби деҳа, ки ҳусну ҷамоли зебо ва саводу дониши баланд дошт, нависанда «ғамгинӣ»-и ӯро ҳангоми ба дарс даромадан чунин ба қалам медиҳад:

*Малика бо* ***димоғи сӯхта****, чеҳраи ғамолуд рӯ ба шогирдон вазифаи хонагӣ пурсидан мехост.* (1, с. 8).

Дар ин ҷумла Кароматуллоҳ Мирзо тавонистааст тавассути ибораи рехтаи «**димоғи сӯхта**» ба хонандаи худ нишон диҳад, ки қаҳрамони ӯ – Малика дар кадом ҳолати ногувор қарор дорад. Нависанди барои тақвияти маънои ибораи «**димоғи сӯхта**», инчунин ибораи «**чеҳраи ғамолуд**»-ро ҳамчун муродифи маъноӣ истифода бурдааст, ки он дар маҷмуъ маънои ҷумларо боз ҳам пуробурангтар намуда, дарки онро беҳтар мегардонад. Таъкид бояд кард, ки дар ин ҷо ибораи «**чеҳраи ғамолуд**» низ ҳамчун идиома истифода шуда, он низ ба маънои «ғамгин ва андуҳгин» истифода мегардад.

Ҳамин гуна мисолҳо бо ибораи рехтаи «димоғи сӯхта» дар дигар асарҳои К. Мирзо зиёд ба чашм мерасанд: Масалан:

*Нимчамулло бо* ***димоғи сӯхта,*** *бо хаёлоти зиёд ҷониби кулбааш мешитофт»* (1, с. 157).

*Шабҳо вақти торикӣ фаромадан хастаю шалпар шуда, ба хона меомад, бо* ***димоғи сӯхта*** *хоб мерафт.* (1, с.217).

*– Ту, бачам, гапи падаратро намегирифтӣ, гапи маро нагирӣ, гапи очаатро нагирӣ... намедонам, ҳолат чӣ мешуда бошад... – Мӯйсафед бо* ***димоғи сӯхта*** *аз назди Рустам рафт* (1, с.258 ).

*– Ҳа, вай пирсаги беимонро мо куштем, – гуфт пас аз сукунати тӯлонӣ Мавлонбой бо* ***димоғи сӯхта*** *ва андаке худро ба даст гирифта, давом дод: – Ту аз чӣ меҳаросӣ?* (1, с.393).

*– Меравам, ҳамин тавр мегӯям, – ман ки бори нахуст бо Лоиқ ҳамсуҳбат шуда будам ва дар хаёлам ӯро дигар хел тасаввур мекардам, аз муносибаташ ранҷидам, қаҳрам омад. Бо* ***димоғи сӯхта*** *аз ҳуҷрааш рӯ ба берун овардам* (1, с.258 ).

Табъи баланди нависандагӣ ба нависандаи маъруфи тоҷик Кароматуллоҳ Мирзо даст додаст, ки аз ибораҳои халқӣ, хусусан ибораҳои қолабгирифта ё ибораҳои рехта дар асараш хеле фаровон корбаст намояд. Истифодаи ибораҳои рехта асарҳои нависандаро боз ҳам хонданбобу дилчасп намудаанд. Аз ҷумла, истифодаи ибораҳои рехта дар романи «Марги бегуноҳ» асарро ҷаззобу пуртаъсир намудаанд. Воқеаҳои мудҳиши солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикситон, ки дар мисоли сокинони як деҳа дар романи «Марги бегуноҳ» тасвир ёфтааст, барои насли баъдазҷангӣ дарси зиндагист ва муаллифи роман тавонистааст, ки бо корбасти ибораҳои рехта вазъияти ҳамонвақтаро хеле пуртаъсир нишон диҳад.

Ибораи рехтаи **«ҷони саги сиёҳ кандан»** дар баёни мардум хеле маъмул аст ва ин ибораро нисбат ба шахсе мегӯянд, ки дар зиндагӣ, яъне вақти сиҳату саломат буданаш дар ҳаққи мардум бадиҳои зиёд раво мебинадад ва мардумро ранҷу азоб медиҳад. Вақте ки ба болини марг меафтад, яъне дар ҳолати назъ, дар ҳолати дами марг ӯ хеле азобу машаққат мекашад ва ҷондиҳии ӯро ба *ҷон кандани саги сиёҳ* монанд мекунанд. Ибораи *ҷон кандан* дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода шудааст: «**ҷон кандан** а) дар ҳолати назъ будан, дар дами марг будан; б) азобу машаққат кашидан, сахт кӯшидан барои коре» [6, с. 600]. Нависанда дар романи «Марги бегуноҳ» ибораи **«ҷони саги сиёҳ кандан»**-ро дар ҳаққи Хидиралӣ – яке аз қаҳрамонони манфури роман, ки «сиёҳдил, тухматчӣ, бахил, курнамак» будааст, аз забони қаҳрамони асосии роман Мустафои писари Абдусалими лолазорӣ чунин ба қалам додаст:

*Хидиралӣ шуморо ба ин роҳ андохт, вай ба мақсад мерасад, вай шод мешавад, вай орзу мекард: ба чашмаш натобам, набинадам, фарзандам бепадар, хонаҳоям вайрон шаванд, вай зану духтаронашро ба савдо монд, вай* ***ҷони саги сиёҳ канд****. Вай! Вай!! Лек на...* (1, с. 3).

Бояд зикр кард, ки семантикаи ибораҳои рехта на ҳамеша бо маънои калимаҳое, ки онро ташкил медиҳанд, созгор мебошанд. Яъне номувофиқатии байни калимаҳои таркиби ибораи рехта ва маъно он ҳамеша ба назар мерасад. Масалан, дар ибораҳои рехтаи «аз касе дил кандан» - хомӯш шудани муҳаббати касе, «чашм ба роҳ будан» - интизорӣ кашидан, «гӯшту нохун будан» - бо ҳам хешутабор будан, «гули сари сабад» - азиз, сара, «ҳар чӣ бодо бод» - таваккал, «нури дида» - фарзанд, «гӯш ба қимор» - хушёр, «арақи ҷабин рехтан» - меҳнати сахт кардан, «чашми бад доштан» - озору нуқсон расонидан ба касе ва ғайра маҳз

ҳамин ҳолати дар боло зикршударо мушоҳида мекунем. Масалан, дар ибораи «чашм ба роҳ будан» сухан дар бораи касеро интизор шудан, интизорӣ кашидан ва монанди инҳо меравад. Ибораи фразеологӣ дар ин ҷо ба маънои маҷозӣ корбаст шудааст. Таъкид бояд кард, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ибораҳои рехта (идиомаҳо) аз дигар навъи фразеологизмҳо дар он равшан мегардад, ки ҷузъҳои таркибии ибораҳои рехта ба маънои аслии худ наомада, балки пурра ба маънои маҷозӣ меоянд.

Барои мисол ибораҳои рехтаи "**чашми бад доштан**", **«чашм ба роҳи касе буда»** дар романи "Марги бегуноҳ" чунин истифода шудааст:

*Шумо намедонед, ҳикояташ дароз аст, хонаҳои хешашон Ҳоҷисаидро алов зад, ба зану духтарони мардум **чашми бад дорад*** (1, с.3).

*Лек шояд ин фарзандҳо ҳам ба мисли Мустафо ба кадом як дара, калфҳои санг, горҳо оварда шудаю ҷасадашон даруни обканда, чуқурӣ ё таги сангу хоку кулӯх хобида, бекафан, беҷаноза, туъмаи зогу заган, ҳазор гуна ҷонзоду ҳашарот шудаанд, лек **чашмҳо ба роҳи онҳо**, дилҳо ба умеди дидор метапанду месӯзанд* (1, с.4).

Дар ҷумлҳои мазкур ибораҳои рехтаи «**чашми бад доштан**» ва «**чашм ба роҳ**» аз нигоҳи семантика хеле пуробуранг мебошад. Ибораи рехтаи «**чашми бад доштан**» дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» чунин шарҳ дода шудааст:

«Чашми бад доштан — 1. ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан. 2) ба касе кинаву ғараз доштан» [8, с. 368].

Ибораи рехтаи «**чашм ба роҳ**» дар фарҳангномаи мазкур ба таври зер тафсир шудааст: «Чашм ба роҳ – ба омадани касе интизор будан, нигарони касе будан» [8, с 372].

Таъкид бояд кард, ки ибораи рехтаи «**чашм ба роҳ**» дар романи «Марги бегуноҳ» аз ҷониби нависанда хеле моҳирона истифода шуда, интизориҳо ва нигарониҳои қаҳрамонони марказӣ, ки тавассути ибораи мазкур бо ҳаяҷону изтиробҳо тасвир шудааст. Масалан, дар матни зер эҳсоси падару модар ва амакҳои Осиямоҳ чунин тасвир ёфтааст:

*Наздиктари дарвозаи дутабақаи калони кандакорӣ мерафтанд. Ҳар ду табақаи он ба пушт кушода, қандилҳои сақфи дарвозахона то дуриҳо равшанӣ медоданд, равшанӣ ба пеши роҳ, ба чашму рӯи Осиямоҳу Барзу афтода. Падар дар тан ҷома ва амакҳояш ҳам ҳамин ҷо, онҳо **чашм ба роҳи** Осиямоҳ.*

*– Осиямоҳ? – овози падар баланд шуд.*

*– Лаббай, дада, – бо садои гирёолуд ҷавоб гардонд.*

*– Омадӣ? Духтари додош, омадӣ?*

*– Ҳа, дада, – Осиямоҳ баландтар гирист* (1, с.49).

Ё дар матни дигар ҳолати беморон ва чашминтизориҳои онҳоро нависанда маҳз тавассути ибораи рехтаи «ҷашм ба роҳ» ба қалам додаст:

*Дар беморхонаи Сарой баъзе беморон солҳои сол дард мекашиданд. Силкасал, умед ба зинда мондан намонда, рӯзи башумур ҳисоб мекарданд. Онҳоеро, ки ворисҳояшон дигар суроғ намекарда, як ҳоле, муҳтоҷ, афтода, **чашм ба роҳи** касоне буданд, ки баъзан аз барои Худо як чи-ним чи хайр мекардаанд* (1, с.56).

Ҳамчунин, дар романи «Марги бегуноҳ» ибораи рехтаи **«чашм накандан»** истифода шудааст, ки ба маънои «ба чизе, касе бодиққат нигоҳ андохтан, назар кардан» [8, с. 377] корбурд мешавад. Масалан, дар ҷумлаи зер нависанда бо зикри ибораи рехтаи мазкур, ки бо маҳорати хеле баланд истифода шудааст, муҳаббати беандозаи шогирдонро ба Малика нишон дода:

*Малика дар толори бузург дарс мегуфт, шогирдон гӯё дар рӯи Малика гул дида, ки аз ӯ **чашм намекананд*** (1, с. 8).

Дар ҷумлаи болозикр, чунон ки мушоҳида менамоем яку якбора ду воҳиди фразеологӣ «**дар рӯйи касе гул дидан**» ва **«чашм накандан»**, ки дар забони тоҷикӣ хеле фаровон истифода мешавад, корбаст шудааст. Аз рӯи семантика онҳо ба гурӯҳи ибораҳои рехтаи фразеологӣ ё ки идиомаҳо дохил мешаванд. Агар ба маънои умумии ибораи «**дар рӯйи касе гул дидан**» ва маънои ҷузъҳои дохили он таваҷҷуҳ намоем, албатта маълум мегардад, ки маънои умумии ибора ба маънои калимаву ибораҳои ҷузъи дохили он вобастагӣ надорад. Ҷузъҳои ибораро тағйир додан ва ё иваз кардан имконнопазир аст, зеро дар ин ҳолат ибораи рехта ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати сохт барҳам мехӯрад.

Ибораи рехтаи «**дар рӯйи касе гул дидан**» дар фарҳангҳо маънидод нашудааст, аммо он дар базе фарҳангҳо дар шакли «**Аз (ба) рӯи касе моҳ (маҳ) дидан**» зикр гардида, ба маънои «1. ба касе дилбастагӣ доштан, 2. дар касе чизи фавқулода, аҷоибе дидан» [8, с. 933] тафсир шудааст. Вале дар байни мардум ибораи мазкур дар шакли «**дар рӯйи касе гул дидан**» низ хеле маъмул мебошад. Ин аст, ки нависанда бо маҳорати баланди суханварӣ ҳамин ибораи рехтаро аз забони мардум дар ҷумлаи мазкур истифода бурдааст:

*Малика дар толори бузург дарс мегуфт, шогирдон гӯё* ***дар рӯи Малика гул дида****, ки аз ӯ чашм намекананд* (1, с. 8).

Дар ҷумлаи мазкур нависанда бо истифода аз ибораи рехтаи «***дар рӯи Малика гул дида***», пеш аз ҳама, барои хонанда ҳусни зоҳириву ботинии Маликаро нишон медиҳад, ки то чӣ андоза ӯ духтари дилкашу хушахлоқ аст, ки шогирдонаш мафтуни ақлу заковату донишу дигар хислатҳои ҳамидаи инсонии ӯ гашта буданд. Шогирдонаш бисёр мехостанд мисли муаллимаи худ бошанд, аз ӯ чизе барои худ гиранд. Ин буд, ки дар рӯйи муаллимааашон Малика гул медиданд.

Ибораи рехтаи **«гӯшту нохун»** ба маънои «хешу ақрабо, хешовандони наздик» дар забони тоҷикӣ хеле маъруф аст ва қариб дар гуфтори қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мавриди истифода қарор дорад. Муаллифи романи «Марги бегуноҳ» низ барои нишон додани ҳолати руҳии қаҳрамонони асараш аз ин ибора хеле хуб истифода намудааст. Масалан, ҳангоми Маликаро барои ба Содирхон ба занӣ баромадан розӣ кунонидан нависанда аз забони падари Малика ибораи «**гӯшту нохун**»-ро чунин истифода намудааст:

*Нагз, бо Малика гапзанон кардӣ? Нагуфтӣ, ки бегона нестанд,* ***гӯшту нохунанд****, Содирхон бачаи холааш (1, с. 5).*

Нависанда дар ҷойи дигари романи мазкур ибораи рехтаи «**гӯшту нохун**»-ро аз забони қаҳрамони манфии роман – Барзу, ҳангоме ки мехост модари Содирхонро розӣ кунонад, ки Содирхон ба гурӯҳи онҳо – силоҳбадастон ҳамроҳ шавад, чунин ба қалам медиҳад:

*Аммо ман танҳо, одами худӣ надорам, Содирхон додарам,* ***гӯшту нохун*** *ҳастем, бонигари худам шавад мегӯям (1, с. 21).*

Ибораи рехтаи ***«гӯшту нохун»*** дар дигар асарҳои нависанда низ хеле фаровон корбаст шудаанд. Масалан, дар қиссаи «Ситораҳои паси абр» ибораи мазкурро чунин зикр мекунад:

*– Қавмо, мою шумо ҳама хешу табор,* ***гӯшту нохун****, обшарику хокшарик. Пагоҳ мурдаи якдигарамонро худамон соҳиб мешавем, каси дигар, бегонаҳо не, худамон (1, с. 154).*

Воҳиди фразеологии дигаре, ки нависанда истифода кардааст, ин ибораи рехтаи «**бероҳа кардан// накардан**» мебошад. Ин ибораи рехта дар забони тоҷикӣ муродифоти худро низ дорад. Масалан, ибораҳои рехтаи «**касеро вайрон кардан**», «**касеро аз дин баровардан**», «**фикри касеро вайрон кардан**»-ро низ ба маънои «**касеро бероҳа кардан**» метавон ҳамчун моридифоти фразеологӣ истифода кард. Ибораҳои рехтаи «**касеро вайрон кардан**», «**касеро аз дин баровардан**», **«фикри касеро вайрон кардан»** дар Фарҳанги ибораҳои рехта зикр гардида, чунин тафсир шудаанд: «*касеро вайрон кардан* – касеро аз роҳ баровардан, бероҳа кардан; касеро ба роҳи бад кашидан» [7, с. 151], «*аз дин баровардан – 1.* касеро бедин кардан, ба дини дигар даровардан, 2. касеро бероҳа кардан» [7, с. 411], «*фикри касеро вайрон кардан* – майнаи касеро гич кардан; касеро аз роҳ бероҳа кардан, гумроҳ кардан» [8, с. 233]. Дар «Фарҳанги тасфирии забони тоҷикӣ» низ ибораи рехтаи «бероҳа кардан» ба таври зер шарҳ дода шудааст: «***бераҳа кардан*** касеро аз роҳ задан, гумроҳ кардан, ба роҳи ғалат бурдан касеро» [5, с. 185].

Муаллифи романи «Марги бегуноҳ» муродифи ибораи рехтаи «**касеро бероҳа (на) кардан**» ҳангоми ба синфхона, ба назди Малика даромадани Барзу аз забони Барзу чунин корбурдд кардааст:

*Ҳама гап дар сари ту, Малика. Духтарони деҳаро* ***бероҳа накун****, худат ҳам мусулмон шав, ба отат ҳама гапро гуфтам»* [1, с. 8].

Ибораи рехтаи **«калима гардондан»** дар забони тоҷикӣ маъмул аст. Ин воҳиди фразеологӣ дар шакли «калима хондан» низ ба назар мерасад. Маънои ***«калима гардондан (хондан)»***, яъне калимаи шаҳодат вирд кардан, ба забон овардан ҳангоми ягон хавфу хатар пеш омадан мебошад. Ё пеш аз марг калимаи шаҳодат мехонанд, ки шаҳодат аз мусулмонии худ медиҳанд. Ҳамин, ҳолат дар забони мардум дар шакли «калима хондан» ҳамчун ибораи

рехта корбаст мешавад [7, с. 509]. Ибораи рехтаи ***«калима арза кардан»*** ҳамчун мурофиди ибораи фразеологии ***«калима гардондан (хондан)»*** корбаст мешавад. Дар романи «Марги бегуноҳ» нависанда ибораҳои мазкурро аз забони Мустафо дар мавриде, ки Барзу ба сӯйи ӯ мили автоматро равон мекунад чунин тасвир мекунад:

*– Чӣ на? Мебинӣ-ку, ман туро мепаронам, ман, ман, ман!* ***Калима арза кун****.*

*– Хуб, додар,* ***калима мегардонам****, алҳамдулиллоҳ, мусулмонам, лекин тавба мегӯям, Худо мегӯям, ки касе мисли ман асири душмани номард нашавад»* (1, с. 3).

Ибораи **«гардани шайтон шиканад»**-ро муаллифи роман хеле моҳирона истифода намудааст. Ибораи мазкур дар забони мардум маъмулан дар шакли ***«сухани касе шикастана гардани шайтон шиканад»*** [8, с. 127] истифода мешавад, ки маънои «ҳар чи бошад ҳам, хоҳиши ту иҷро мешавад»-ро дорад. Муаллифи роман, ҳангоме ки ду қаҳрамони худро, як қаҳрамони мусбат ва дигаре манфӣ, бо ҳам рӯ ба рӯ мегузорад, ӯ аз забони қаҳрамони мусбати худ ибораи рехтаи «**гардани шайтон шиканад»**-ро хеле мулоҳизакорона истифода мебарад, ки мабодо хашми душман (қаҳрамони манфӣ)-ро наоварад:

*– Астгфируллоҳ гӯй, бачам, ба худ биё,* ***гардани шайтона шикан****, номбад мешавӣ, одамон аз хотир намебароранд* (1, с. 5).

Агар ҳамин ибораи рехтаро, ки дар романи «Марги бегуноҳ» истифода шудааст, дар «Паёмҳои дӯстӣ»-и А.Деҳотӣ муқоиса намоем, дар он ҷо адиб ибораи мазкурро дар шакли пуррааш «***сухани касе шикастана гардани шайтон шиканад***» истифода шудааст. Аммо ҳолат ва вазъияти воқеаҳо аз ҳам хеле фарқ мекунанд. Чунончи:

*– Хайр,* ***суханатон шикастана гардани шайтон шиканад****. Майлаш, менӯшем, фақат бегоҳ – фориги кор.* А.Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ».

Воҳиди дигари фразеологие, ки нависанда онро дар романи «Марги бегуноҳ» истифода намудааст, ин ибори рехтаи ***«ваҳму ҳарос соя андохтан»*** мебошад. Ҳарчанд дар фарҳангҳои муосир ибораи рехтаи мазкур қайд нагардидааст, аммо дар забони муқаррарии мардум ин ибораи рехта хеле зиёд корбаст мешавад. Шакли пурраи ибораи мазкур «***дар дили касе чизе соя андохтан***» мебошад, ки маънои аз чизе, воқеае ё ҳодисае тарсидан мебошад. Маҳз ба ҳамин маъно ибораи мазкур дар шакли «**дар дили** эшони Саидҷалолхон ва Малика **ваҳму ҳарос боз соя андохт**» истифода шудааст:

*Ҳамин тавр дар дили бисёриҳои аҳли деҳа, дар дили эшони Саидҷалолхон ва Малика* ***ваҳму ҳарос боз соя андохт****»* (1, с. 10).

Ибораи рехтаи **«хун аз рӯйи касе паридан»** маънои «сахт тарсидан, ҳаросидан»-ро дорад. Ибораи мазкур низ дар фарҳангҳо қайд нашудааст, вале дар забони халқ ин ибора маъмул буда, аз ҷумла нависанда дар романи «Марги бегуноҳ» ин ибораи фразеологиро истифода намудааст. Муаллифи роман ҳолати тарсидани хонандаҳои мактаб ва муаллимаи онҳо Маликаро чунин ба қалам додаст:

*– Гӯш букуне, мочахирсҳо, гӯш куне, ки ман чӣ мегӯм. Аз пагоҳ ягонтаатон дар синф бо сари луч намешине, рӯймол мебанде, куртаҳотон ҳам дигар шавад, куртаҳои очаҳотон барин шавад… Хабар мегирум, – Барзу автоматашро аз болои миз бардошта, аз тиреза чанд тир ба ҳаво андохт. Ҳамаи талабаҳо, муаллима талхакаф, дар ҷойҳояшон шах шуда буданд.* ***Хун аз рӯяшон парида****. Ба худ намеомаданд хонандагон ва муаллима.* (1, с. 9).

Дар ҷумлаи болозикр ибораи рехтаи **«шах шудан»** низ истифода шудааст, ки маънои «беҳаракат шудан, роҳ рафта натавонистан, гап зада натавонистан»-ро дорад. Иброраи «**шах шудан**» дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ» зикр гардида, ба таври зер тафсир шудааст: «***шах шудан*** сахт ҳайрон, гаранг шудан, аз ҳаяҷон чӣ кор кардани худро надониста мондан; карахт шуда мондан» [8, с. 436]:

*Ҳамаи талабаҳо, муаллима талхакаф, дар ҷойҳояшон* ***шах шуда*** *буданд.* (1, с. 9).

***«Ҳар чӣ бодо бод»*** аз ибораҳои рехтаи бисёр маъмулест, ки дар байни омма ба таври хеле васеъ истифода мешавад. Маънои ибораи рехтаи «ҳар чӣ бодо бод» низ барои хосу ом маълум аст, ки «таваккал кардан»-ро ифода мекунад. Дар фарҳангномаҳо ибораи мазкур ба таври «ҳар чӣ шавад, шудан гирад; таваккалан» [8, с. 596], «ҳар чӣ шуданӣ бошад, шудан гирад (дар мавриди таваккалан ба коре даст задан гуфта мешавад)» [5, с. 213], маънидод ва тафсир шудааст. Таъкид бояд кард, ки муаллифи романи «Марги бегуноҳ» ин бораи

рехтаро хеле кам мавриди истифода қарор додааст. Аз ҷумла, ӯ танҳо як маротиба дар қиссаи «Ситораи умед» онро корбаст намудааст. Чунончи:

*Не, Наврӯз ба онҳо муқобил омада наметавонад, ӯро пора-пора мекунанд, ҳар чӣ бодо бод, ақиб мегардад, мегурезад* (Ситораи умед, с. 380).

***«Лаб фурӯ бастан»*** аз зумраи ибораҳои рехтаи маъруфест, ки ба маъноҳои «хомӯш истодан», «чизе нагуфтан», «гап назадан, сухан нагуфтан» ва монанди инҳо кор бурда мешавад. Ин воҳиди фразеологӣ дар забони тоҷикӣ дар шакли **«лаб бастан»** низ истифода мешавад: «***лаб бастан*** аз сухан бозистодан, хомӯш мондан» [7, с. 586] ё ин ки «***лаб бастан // лаб фурӯ бастан*** гап назадан, хомӯш шудан» [5, с. 702]. Дар романи «Марги бегуноҳ» муаллиф онро дар лаҳзаи зерин истифода намудааст:

*– Мо хубем ё гуруҳҳои силоҳдор? Ва гуруҳҳои силоҳбадаст низ ба ӯ ҳамин суолро медоданд. Сӯфигадо аввалҳо* ***лаб фурӯ баста*** *ҷавоб намедод. Аммо баъдҳо ба сарони гуруҳҳои силоҳдору ҳукуматиҳо мегуфт:*

*– Бачаҳом, ҳам шумоҳо хубен, ҳам ҳукуматиҳо. Мо бадем, мо падарлаънатем, ки таги суму сапали шумоҳо хор шудем, азоб мебинем, ҷои гурез намеёбем.* (1, с. 9).

Дар забони тоҷикӣ барои *оҳиста гап задан* ва ё *оҳиста хондан* баъзан аз ибораҳои рехтаи **«зери лаб гап задан»** ё **«зери лаб хондан»** истифода мебаранд. Иборaи «зери лаб гап задан» дар «Фарҳанги рехтаи забони тоҷикӣ» ба таври зер тафсир шудааст: «***зери лаб гап задан*** оҳиста гап задан» [7, с. 476]. Муаллифи романи «Марги бегуноҳ» ибораи «зери лаб хондан»-ро дар ҷумлаи зер чунин корбурдд намудааст:

*Сураҳои медонистаашро* ***зери лаб мехонд****, сураҳои чорқулро, ки падар мегуфтанд, касе чор сура, сураҳои Қулҳуваллоҳ, Қулаузу бирабилфалақ, Қулаузу бирабиннос, қулёро, ки ин чорро чорқул гӯянд, хонад, Худованд аз ҷамъи балоҳо эминаш дорад.* (1, с. 14).

Воҳиди фразеологии дигаре, ки ба маънои «синну соли касе баҷойе расидан» ё «пир шудан» истифода мешавад, ин ибораи рехтаи «**пой бар лаби гӯр расидани касе»** мебошад. Дар фарҳангномаи ибораҳои рехта ибораи мазкур чунин тавзеҳ дода шудааст: «***пой ба лаби гӯр расидан*** пири фартут шудан, 2. умр кам мондан, вақти мурдан расидан» [7, с. 840]. Шакли дигари ин ибора «***по ба лаби гӯр будан***» мебошад, ки ба маънои пири фартут шудан, наздик ба марг будани касеро ифода мекунад [5, с. 104]. Дар романи «Марги бегуноҳ» муаллифи асар ибораи «***по ба лаби гӯр расидан»***-ро дар мавриди зер истифода бурдааст:

*– Намедонум, нишон дода наметонум. Мардум чӣ меган? Меган, ки бобои Абдукарим* ***пош ба лаби гӯр расидаю*** *бузӣ мекуна. Ман ин нома бардошта наметонум.* (1, с. 80).

Дар забони тоҷикӣ омма аз ибораи рехтаи **«дидаю рӯ (на)доштан»** ба таври васеъ истифода мекунанд. Ин воҳиди фразеологӣ аслан ба маъноҳои *беобрӯ, беҳаё, бешарм* ва монанди ин корбурдд мешавад. Вале, мутаассифона дар фарҳангҳои забони тоҷикӣ ин ибораи рехта ба қайд гирифта нашудааст, ҳарчанд дар забони мардум фаровон корбурдд мешавад. Аммо дар асарҳои бадеӣ он хеле зиёд истифода шудааст. Аз ҷумла, дар романи «Марги бегуноҳ»-и Кароматуллоҳи Мирзо бо истифода аз ибораи **«дидаву рӯ надоштан»** тавонистааст, ки ба хонандаи худ беобрӯиву бешармӣ ва разиливу пастфитратии қаҳрамони манфии роман – Барзуро нишон диҳад. Таъкид ба ёдоварист, ки вазифаи асосии ибораҳои рехта низ маҳз ҳамин аст, ки ҷумларо пуртаъсир ва ҷаззоб мекунанд, ҳолати руҳии гӯяндаро ошкор месозанд. Бинобар ин, муаллифи роман низ ибораи рехтаи мазкурро дар шакли зер бо маҳорати баланд истифода намудааст:

*Аммо ба кадом забон ба Барзу мефаҳмонӣ, ки ӯ ин қадар одам куштт…* ***Дидаю рӯ надорад,*** *чи ба вай гап занӣ, чи ба дару девор* (1, с. 11).

Ҳамчунин, ибораи рехтаи **«дида дӯхтан»** дар забони мардум хеле серистеъмол аст. Ин ибора асосан маънои *«нигоҳ кардан, назар андохтан, дидан»*-ро дорад. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ибораи «дида дӯхтан» ба ду маъно шарҳ дода шудааст: «*дида дӯхтан а*) нигоҳ кардан, назар кардан; б) *маҷ*. чашм пӯшидан, нигоҳ накардан, қатъи назар намудан» [5, с. 444]. Муаллифи романи «Марги бегуноҳ» ин ибораро ба маънои аввал чунин корбаст намудааст:

*– Гум бишав аз ин ҷо ту, – гуфт ва автоматро аз китф болои миз партофт. Ба аҳли синф, ки паси партаҳо бо сарҳои хам чун гунҷишкакони тарсхӯрда лап зада, пушти ҳамдигар панаҳ бурдан мехостанду нафас намебаровварданд,* ***дида дӯхт*** *(1, с. 8).*

Ба ҳамин маъно, ки ҳамеша дар шакли аслӣ ҳамчун «нигоҳ кардан, назар намудан» истифода мешавад, дар роман низ хеле моҳирона истифода шудааст. Дар ҷумлаи зер чунин ба қалам дода шудааст:

*Мустафо боз пайи кандани гӯр шуд. Хок мебаровард, бо бел хокро ба дуртар мепартофту ба офтоби умраш дам ба дам* ***дида медӯхт****, гӯраш омода шавад ё нашавад, рӯзашро анҷом омадааст (1, с. 41).*

**«Ба дил ғубор овардан»** воҳиди дигари фразеологиест, ки дар романи «Марги бегуноҳ» истифода шудааст. Маънои ибораи рехтаи мазкур «касеро дилгир кардан, касеро ғамгин кардан, ба шодии касе халал ворид намудан» мебошад:

*Ҳавои барфолуду тира* ***ба дилаш ғубор оварда*** *буд (1, с. 11).*

Ибораи рехтаи ***«дар дили касе зангу ғубор намондан***» ҳамчун зидмаънои ибораи ***«ба дили касе ғубор овардан»*** дар «Фарҳанги рехтаи забони тоҷикӣ» ба маънои «*осори алам, зиқӣ, ҳасрат дар дил намондан, аз кинаву адоват пок шудан»* тафсир шудааст. Ибораи **«дили касеро реш (реш-реш) кардан»** ҳамчун муродифи ибораи рехтаи ***«ба дили касе ғубор овардан»*** ба маъноҳои зерин тафсир шудааст: *1. касеро аламзада кардан, сахт ғамгин кардан; ба азоб андохтан, 2. ба ҳаяҷон овардан* [7, с. 386] шарҳ дода шудааст. Таъкид бояд кард, ки ибораи рехтаи **«дар дили касе чанг андохтан»** низ дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст, ки ба маънои «фикр, мақсад, майл, хоҳиши касеро фаҳмиданӣ шудан» истифода мешавад. Аз маънои ибораи мазкур маълум аст, ки он ба маънои ибораи рехтаи «**ба дил ғубор овардан**» иртиботи маъноие надорад.

Ибораи рехтаи **«ба дил ғунҷидан»** дар фарҳанги employed ибораҳои рехта ба таври зер тафсир шудааст: «*ба дил ғунҷидан* 1) чизеро маъқул донистан, писандидан; 2) ба чизе розӣ шудан; 3) ба чизе майлу хоҳиш доштан» [7, с. 403]. Вале дар баъзе маврид дар забон аз маънои инкории он тавассути илова намудани пешванди инкоримаънои «на» ба феъли «ғунҷидан» истифода мебаранад, ки шакли **«ба дил нағунҷидан»**-ро мегирад. Аз чунин қолаб муаллифи романи «Марги бегуноҳ» Кароматуллоҳи Мирзо низ истифода намуда, симои қаҳрамонони романашро хеле барҷаста тасвир намудааст:

*Намедонист бо кадом забон ҳарф зада, хешро ба онҳо маъқул кунонда, баъд ба хонумони одамони* ***ба дилаш намеғунҷида*** *оташ андозад (1, с. 10).*

Дар ҷумлаи боло ибораи **«оташ андохтан»** низ истифода шудааст, ки асалан дар ин ҷо ба маънои маҷозии ба дили касе оташ (алав) андохтан, ба шӯр овардан, бесаранҷом намудан, беқарор намудан, ошуфта намудан, касеро ба қаҳру ғазаб овардан, адовати касеро зиёд намудан, касеро ба изтиробу хуруш овардан, касеро ба ҳаяҷон овардан [7, с. 785], [5, с. 477] кор фармуда шуда, ибораи рехтаро ташкил намудааст:

*Намедонист бо кадом забон ҳарф зада, хешро ба онҳо маъқул кунонда, баъд ба хонумони одамони* ба дилаш намеғунҷида ***оташ андозад*** *(1, с. 10).*

Ибораи рехтаи **«ба дил сиёҳӣ»**, ки муаллифи романи «Марги бегуноҳ» дар ҷумлаи поён истифода бурдааст, аслан дар забони тоҷикӣ гунаҳо (вариантҳо)-и гуногун дорад, ки дар романи мазкур яке аз гунаҳои он истифода шудааст. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ» бо чунин тарз тафсир шудаааст: «*дили касеро сиёҳӣ зер (пахш) кардан* 1) ғамгин шудан; 2) пешомади бадеро ҳис кардан» [7, с. 388].

Бо назардошти ҳамин маъно муаллифи романи «Марги бегуноҳ» ҳодисаҳои даҳшатбори солҳои ҷанги шаҳравандиро, ки мардум умед аз ҳаёти осоиштаро канда буданд ва ҳамеша пешомади бадеро ҳис мекарданд, бо тасвири табиате, ки дар охири фасли тирамоҳ қарор дорад, ибораи рехтаи «**ба дилҳо сиёҳӣ**»-ро хеле моҳирона ва нозукбинона ба қалам медиҳад:

*Рӯзҳои охири фасли тирамоҳ, мавсими ҳузнангез, баргҳои дарахтон, токҳо рехтаанд, рӯи роҳу роҳрав, дами дару дарвозаҳо пур аз хазон. Дар ҳавлии эшони Саидҷалолхон ҳам рӯ-рӯи хазон мерафтанд.* ***Ба дилҳо сиёҳӣ*** *ва ҳузну навмедӣ. Ба замми ин, дар он бегоҳирӯзӣ боди сарде аз ҷониби кӯҳ мевазид, ҳаво тахти абр, осмон сиёҳ дуд карда. Шамоли сард ба сару рӯ мезад, бӯи барф меомад. Фасли сармо, бӯи зимистон (1, с. 110).*

Ибораи рехтаи **«ба дилу ҷигари касе алам андохтан»** дар фарҳангномаҳо қайд нашудааст, вале зикр бояд кард, ки чунин ибора дар забони халқ ба маънои «касеро

мушавваш намудан, касеро ғамгин ва ҷигархун кардан» маъмул аст. Маҳз бо ҳамин маъно он дар романи «Марги бегуноҳ» истифода шудааст:

*Ӯ аз дарвоза чӣ навъ фигоне андохта, додувойгӯён вориди ҳавлии падар шуданашро намедонист, гоҳҳо «вой, додоҷон!», гоҳ «очаҷон!» гуфта бому дари хонаро ба сар мебардошт. Гӯяндагӣ мекард,* ***ба дилу ҷигари мардум алам меандохт****, сангу чӯб гӯё ба гиря омада. Дар ин рӯзи мотами модар модори дилаш – Содирхон ҳам набуд (1, с. 17).*

Ибораи рехтаи **«хок бар сари касе»** дар забони мардум хеле маъмул аст. Ин ибора аслан ҳамчун дашном ба маънои «лаънат бар касе, марг ба касе» дар ду ҳолат корбурдд мешавад: яке, дашноми сахт ё қабеҳ, ҳангоми бо касе бо хашму ғазаб гап задан ва, дигаре, дашноми малеҳ (ҳамчун навозиш), ки бо худ ё ба дӯсти наздики худ гуфта мешавад. Дар ҷумлаи поён нависанда аз забони Малика ибораи мазкурро ҳамчун дашноми малеҳ истифода бурдааст:

*Дар назараш ҳамон манзарае, ки Барзу ба синаи падар аз автомат тир мекушод. Рӯи барфҳо рангин гашта аз хун… Ӯ ҳоло ин ҷо, дар Поёноб, аз хона дур,* ***чӣ қиёмате он ҷо ба по****. Он ҷо ҷаноза, ҷанозаи падар, рафта наметавонад… Модар дар чӣ ҳол?* ***Хок бар сари Малика****, дод, вой дод, сад дод! Овоз равшан накарда дарун-дарун месӯхт ва мегирист (1, с. 7).*

Дар ҷумлаи боло ибораи рехтаи **«қиёмат бар по шудан»** низ истифода шудааст, ки маънои «воқеае рух додан»-ро ифода мекунад. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ» ибораи «қиёмат бархостан» зикр шуда, ба маънои «барпо шудани ошуфтагии умумӣ ба сабаби коре ё хабаре, шӯру ғавғо хестан» [8, с. 548] тавзеҳ дода шудааст. Ба ин маъно низ метавон ҷумлаи болоро маънидод кард.

**«Ба хок супурдан»** ибораи рехтае аст, ки нависанда дар романи худ аз он истифода бурдааст. Маънои маҷозии ибораи «ба хок супурдан» гӯр кардан мебошад. Дар фарҳангномаҳо ин ибора ба таври зер тафсир шудааст: «дафн кардан, гӯронидан» [8, с. 286; 634], [6, с. 442]:

*Ҳавлӣ пас аз оне, ки модари Маликаро дар гӯристон паҳлӯи шавҳар, эшони Саидҷалолхон* ***ба хок супурданд*** *ва мардум аз қабристон баргашта дуою фотиҳа хонда рафтанд, камодам шуд (1, с. 70).*

Дар ҷойи дигар нависанда дар романи «Марги бегуноҳ» ибораи рехтаи «хоки роҳ»-ро истифода бурдааст. Ибораи мазкур ба ҷуз аз маънои аслии худ, инчунин ба ду маънои маҷозӣ корбаст мешавад: 1) беқадр будан, қадру қимат надоштан; 2) хоксор, ҳалим. Дар ҷумлаи зер ба маънои аввал истифода мешавад:

*Мардумро насиҳат медиҳад, ки ба роҳи бад нараванд, нек бошанд, силоҳ нагиранд, ба гапи Барзу надароянд, баъд ӯ боз мегуфт, ки давру даврони Барзу ботил ва худи ӯ* ***хоки роҳ*** *мешавад(1, с. 62).*

Тазаккур бояд дод, ки доираи истифодаи воҳидҳои фразеологӣ, хусусан ибораҳои рехта васеъ буда, дар забони бадеӣ гуногунии шаклу намуд ва мазмуни он равшан мегардад. Хусусан, дар тасвири забони нависанда онҳо хеле барҷаста зоҳир мешаванд.

Таъсиргузории ибораҳои фразеологӣ дар устувории анъанавӣ ва кӯтоҳии шакли ифодаи онҳо муайян мегардад. Нависанда барои оммафаҳм ва мардумӣ шудани асари худ бештар бояд аз ғановатмандии воҳидҳои фразеологӣ, ки дар забони халқ васеъ истифода мешаванд, корбурд намояд. Ин усули корбарӣ, яъне аз забони халқӣ-гуфтугӯйӣ гирифта шудани таъбирҳо аз он маълум мешавад, ки ҳамаи калимаҳо, хусусияти грамматикии ибораҳо ба хусусиятҳои забони зинда мувофиқат мекунанд.

Нависандаи муосири тоҷик Кароматуллоҳи Мирзо низ ин муҳиммиятро ба назар гирифта, аз таъбирҳои халқӣ дар асарҳои худ, аз ҷумла дар романи “Марги бегуноҳ” хеле самаранок истифода бурда, ҳар яки онҳоро дар мавриди зарурӣ истифода намудааст:

*“Мухлисону муътақидонаш беҳисоб, ба сари Барзу бало меояд,* ***пеши даҳони кадом яки мардуми бисёрро гирифтан мумкин мешавад****. Ба ақидаи худаш, роҳи ҳалли ин мушкилӣ****, роҳи бастани пеши даҳони*** *ӯро ёфт” (1, с.62).*

*«Эшони Саидраҳмон монду саҳни васеъи сабзазори масҷид. Замину осмон ва чинорҳои баланди канори ҷӯи пуроб* ***ба сараш гирдгардон****.* ***Балои ногаҳонӣ ба сараш омад****. Аз он раҳоӣ номумкин. Чӣ кор кунад?»(1, с.63).*

*“Мирзомуроди банкир баъди нооромиҳою пайи ғорати молу мулки мардум афтодани силоҳдорон **ғамашро хӯрда буд**” (1, с.84).*

Воҳидҳои фразеологӣ, хусусан ибораҳои рехта паҳлуҳои гуногуни зиндагиро фаро мегирад, бинобар ин онҳо метавонанд хусусият, симо ва амалиётҳои гуногуни одамонро ифода кунанд. Аз ин рӯ, нависанда воҳидҳои фразеологиро ҷиҳати барои хонанда нишон додани сифату симои қаҳрамони асараш истифода мебарад. Масалан, дар ибораи рехтаи **«гапро аз даҳон шамол бурдан»**, ки маънои “амалӣ нашудани сухани гуфташуда, амалӣ нашудани дуои бад”-ро ифода мекунад, авзо ва ҳолати руҳии Барзуро чунин тасвир мекунад:

*«Мустафо белро бардошта ба ӯ мегӯяд: «Дар хотир дор, ҳамин гапи мана фаромӯш накун: Ана бо ҳамин бел гӯри худатро меканӣ, дар ҳамин ҷо, дар Дараи Марг!» Наход ҳамин хел шавад, **гапашро аз даҳонаш шамол барад**. Тарсид дуои бади Мустафоро ба хотир оварда, сахт тарсид. Маргашро тасаввур карда наметавонист.» (1, с. 405).*

Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ ибораҳои рехтае мавҷуданд, ки ниҳоят пуробуранг буда, суханро таъсирнок мегардонад. Махсусан, дар асарҳои бадеӣ, дар нутқи тасвирии нависанда барои образноку фардӣ намудани нутқи қаҳрамонҳои асар нақши калон дорад. Воҳидҳои фразеологӣ метавонанд аз ҷониби гӯяндагон ба тарзҳои гуногун ифода ёбанд. Инро дар забони романи «Марги бегуноҳ»-и К.Мирзо низ ба назар мерасад. Масалан, ибораи фразеологии **«алови чашми касеро гирифтан»**-ро нависанда чунин кор мефармояд:

*«Ваҳ, чӣ нописандие! Бояд роҳ ёбад, аз ӯ халос хӯрад, бигӯяд ба зердастонаш: «Ман Барзу», **алови чашми онҳоро ҳам мегирад**, аз вафодорӣ ҳар кадом **қасам бихӯранд**, лаҳзаҳои қасамёдкунӣ меорояд» (1, с.74).*

Зери мафҳуми «алови чашмеро гирифтан» маънои касеро тарсонидан фаҳмида мешавад. Дар забони тоҷикӣ муродиф ба ҳамин маъно ибораи рехтаи «***ба дили касе ғулғула андохтан*** 1) касеро мушавваш кардан; 2) тарсонидан, ҳаросонидан, 3) касеро ба воҳима андохтан; ба ҳаяҷон овардан» [7, с. 402] низ истифода мешавад.

Нависандагон тавассути таъбиру ибораҳои халқӣ, ки ҳанӯз аз аввали инкишофи забони тоҷикӣ доман густурда буданд, эҷодиёти худро рангин сохта, ба ин восита дар инкишофу такмили минбаъдаи забони адабӣ ҳиссаи муҳим мегузоранд. Забоншиноси тоҷик Н. Маъсумӣ таъкид мекунад: «Аз ҷиҳати ифодаи семантика воҳиди фразеологӣ ба як калима баробар мешавад, вале фразеологизмҳо баръакси калимаҳои одӣ на фақат предмет, аломат, амал ва ҳолати онҳо, балки тобишҳои гуногуни эмотсионалиро низ дар бар мегиранд».

Ибораҳои «ғами касеро хӯрдан» (нисбат ба касе хавотир шудан, фикри касеро кардан), «даҳон кушодан» (гап задан, сухан гуфтан), «ба рӯй (сар, кифт)-и касе фуровардан» (ба рӯйи касе мушт задан, касеро кӯфтан, задан), «дастбагиребон шудан» (ба ҳамдигар дарафтидан), «по бар лаби гӯр расидан» (пир шудан, мӯйсафед), «тарбуз аз бағал афтидан» (ноумед шудан, маъюс гаштан), ба дил қошуқ тарошидан (дар дил хурсандӣ кардан) ва монанди инҳо дар баробари ифодаи мафҳумҳои алоҳида эҳсосоти гуногуни шахси гӯяндаро низ ифода карда метавонад. Мо ин фикрро дар осори К.Мирзо аз назар мегузаронем:

*«Боз гуфт, ки то рафтани бачаҳои Сиёҳдара ба Лолазор наравӣ. Вай **ғами туро мехӯрад**, «додарам», мегӯяд.» (1, с.76).*

*« – Сафсата нахон, бузриш! Агар як бори дига **даҳон кушоӣ**, ба Худо, мепаронумут, – силоҳбадаст аз пас бо қундоқи автомат **ба китфи мӯйсафед фуровард**, рӯ ба замин афтод бобои Абдукарим ва дарк кард, ки беҳуда «як марди пирум, гуноҳ надорум» гуфта аз паси ҳамроҳонаш нарафт.» (1, с.79).*

*«– Намедонум, нишон дода наметонум. Мардум чӣ меган? Меган, ки бобои Абдукарим **пош ба лаби гӯр расидаю** бузӣ мекуна.» (1, с.80).*

*«Саҳар шуд, Хидиралӣ шаби дароз дар орзуи паронда шудани Мустафо бедорхобӣ кашид, **ба дил қошуқ метарошид**, ноумед гашт.» (1, с.33)*

Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки ибораҳои рехтаи фразеологӣ (идиомаҳо) дар забон мавқеи махсус дошта, онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш мебошанд ва доираи

истеъмолашон низ хеле васеъ аст. Хусусияти дигари ин иборахо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба дигар забонҳо тарҷума намешаванд. Аз таҳлилҳои фавқ ва умуман сарчашмаҳои таҳқиқотии ибораҳои рехта маълум мегардад, ки аксар вақт семантикаи ибораҳои рехта бо маънои калимаҳои онро ташкилдиҳанда мувофиқат намекунанд. Ин қабил ибораҳоро К. Мирзо дар асарҳояш, аз ҷумла дар романи «Марги бегуноҳ» хеле зиёд истифода намуда, кӯшиш намудааст, ки ҳар як аз ибораҳои рехта мавқеъ ва ҷойи худро дар ҷумлаҳо дошта бошанд ва дар ин кор муваффақ низ шудааст. Ҷузъҳои таркибии ибораҳои рехта (идиомаҳо) на ба маънои аслии худ, балки пурра ба маънои маҷозӣ меоянд. Воҳидҳои фразеологӣ, аз ҷумла ибораҳои рехта барои нависанда як воситаи муҳимми симоофарӣ мебошад, ки дар забони адабӣ ва гуфторӣ миқдоран хеле зиёд мебошанд.


## АДАБИЁТ

1. Кароматуллоҳи Мирзо. Марги бегуноҳ (қиссаҳо, ёднома ва публисисика). – Душанбе, «Адиб», 2012. – 528 саҳ.
2. Мақсудов А., Зикриёев Ф., Ҷалилов Х. Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаи синтаксисии онҳо / А. Мақсудов. – Душанбе, 1976. – 88 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Луғатшиносӣ. Чилди 1 / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. - 320 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик (дастури таълимӣ). / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ /зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани С./ Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 950 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ /зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Мирзо Ҳасани С./ Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
7. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ). Ҷилди 1 / М. Фозилов. – Душанбе, 1963. – 952 с.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (фарҳанги фразеологӣ). Ҷилди 2 / М. Фозилов. – Душанбе, 1964. – 803 с.



## МАВҚЕИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР РОМАНИ «МАРГИ БЕГУНОҲ» - И КАРОМАТУЛЛО МИРЗО

Дар мақола мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар романи “Марги бегуноҳ”-и Кароматулло Мирзо баррасӣ карда шудааст. Муаллифи ин мақола кӯшиш кардааст, ки баъзе равандҳои фразеологӣ, ки дар романи “Марги бегуноҳ”-и Кароматулло Мирзо истифода шудааст, муайян карда шаванд. Дар якҷоягӣ метафорҳое, ки маънои фразеологиро доранд, аз ҷониби нависанда васеъ истифода шудааст, ки баъзе паҳлуҳои он дар ин мақола ошкор шудааст. Ғайр аз ин дар баъзе ҳолатҳо дар мақола синонимҳои фразеологии асар низ оварда шудаанд. Ҳамин тавр, метавон қайд кард, ки ибораҳои рехтаи фразеологӣ (идиомаҳо) дар забон мавқеи махсус дошта, онҳо ниҳоят пуробуранг ва таъсирбахш мебошанд ва доираи истеъмолашон низ хеле васеъ аст. Хусусияти дигари ин иборахо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба дигар забонҳо тарҷума намешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** калима, фразеологизм, кори фразеологӣ, воҳиди фразеологӣ, роман, арзиши метафорикӣ, синонимҳо ва ғайраҳо.



## МЕСТО ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ В ПОВЕСТИ «СМЕРТЬ НЕВИННОГО» К. МИРЗО

В статье рассматривается место фразеологизмов в повести «Смерть невинного» К. Мирзо. Автор данной статьи попытался выявить некоторые фразеологические обороты, которые использованы в повести «Смерть невинного» К. Мирзо. Вместе с тем, все метафорические значения фразеологизмов, которые широко использованны писателю раскрыты в данной статье. Более того, в некоторых случаях в статье даны все синонимы исследуюмого фразеологического оборота. Таким образом, следует отметить, что фразеологизмы занимают особое место в языке, они очень красочны и эффектны, а спектр их употребления очень широк. Еще одна особенность этих фраз в том, что они не переводятся на другие языки.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** слово, фразелогизмы, фразеологические обороты, фразеологическая единица, повесть, метафорическое значение, синонимы и т.д.



## THE PLACE OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE NOVEL "THE DEATH OF THE INNOCENT" WRRITEN BY K. MIRZO

The article discusses the place of phraseological units in the novel “The Death of an Innocent” written by K. Mirzo. The author of this article tried to identify some phraseological phrases that are used in the novel “The Death of an Innocent” written by K. Mirzo. At the same time, all the metaphorical meanings of phraseological units that are widely used by the writer are disclosed in this article. Moreover, in some cases, the article gives all the synonyms of the studied phraseological unit. Thus, it should be noted that idioms have a special place in the language, they are very colorful and effective, and their range of use is very wide. Another feature of these phrases is that they are not translated into other languages.

**KEYWORDS:** word, phraseological units, phraseological turns, phraseological unit, story, metaphorical meaning, synonyms, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзуллобекова Манижа Айдаршоевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 501000229**. E-mail: **manijajon90@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Файзуллобекова Манижа Айдаршоевна*** - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 501000229**. E-mail: **manijajon90@mail.ru**

**Information about the author:** ***Faizullobekova Manizha Aidarshoevna*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 501000229**. E-mail: **manijajon90@mail.ru**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

# НАЗАРИЯИ АНДОЗ ВА ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Назарова Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавҷудият ва иқтидори молиявии ҳар як давлати муосир бо андозҳо вобастагии зич доранд. Андозҳо дар байни даромадҳои давлат нақши муҳимтаринро мебозанд. Чуноне ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардид: « …даромадҳои андозӣ ба буҷети давлат 80 фоизро ташкил медиҳад».

Бенҷамин Франклин низ навиштааст, ки аз андоз ва марг роҳи гурез нест. Ин принсип дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар шудааст: ҳама вазифадоранд андозҳо ва пардохтҳои қонунан муқарраршударо пардохт кунанд. Андоз ҳамчун пардохти ҳатмӣ ва беподош, ки аз ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ дар шакли маблағҳои пулӣ ситонида шуда, бо мақсади дастгирии молиявии фаъолияти давлат ва корхонаҳо равона карда мешавад. Андоз ин ҷузъи ҳаёти моддии ҷамъиятӣ мебошад. Дар рисолаҳои фалсафии мутафаккирони қадим, нахуст афкори марбут ба андозро дучор шудан мумкин аст. Ҳанӯз, дар ибтидои тамаддуни инсонӣ, файласуфҳо андозро чун ҳаводиси ҷамъиятӣ, судманд ва зарурӣ маънидод мекарданд, бо вуҷуди он ки шаклҳои андозгирии он замонҳо мушкил ва бераҳмона буданд. Бо мурури инкишофи ҷамъият шаклҳои андоз тадриҷан тағйир ёфта, ба талаботи ҳозира мутобиқ карда шуданд. Муаммоҳои андозбандӣ ҳамавақт ақидаҳои иқтисодчиёни ҷаҳонро, яъне файласуфон ва кормандони давлатро дар ҳама давру замон ҷалб менамуданд. Фомаи Аквинӣ андозро ҳамчун шакли иҷозатдодашудаи ғорат ё дуздӣ маънидод мекард. Шарл Луи Монтеске андеша мекард, ки ҳеҷ чиз ҳамон қадар донишу ақлу фаҳмро талаб намекунад, ба монанди муайян намудани он ҳиссаи даромаде, ки давлат аз аҳолии худ мегирад ва ба ӯ боқӣ мемонад. Яке аз асосгузорони назарияи андозбандӣ Адам Смит чунин қайд намудааст: «…андозҳо барои шахсоне, ки онҳоро мепардозанд, хусусияти ғуломӣ нею хосияти озод буданро маънидод мекунанд…». Андозҳо ҳанӯз дар аввали тамаддуни инсонӣ истифода бурда мешуданд. Пайдоиши онҳо ба эҳтиёҷотҳои аввалини ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд. Ягон давлат наметавонист ва ҳоло ҳам наметавонад аз андозҳои шаҳрвандони худ истифода набарад. Нависанда ва таърихчии фаронсавӣ Франсуа Мари Волтер гуфта буд: «Пардохти андозҳо – ин додани як қисми моликияти худ бо мақсади нигоҳ доштани моликияти боқимондаи худ мебошад». Дар инкишофёбии усулҳои андозситонӣ мо метавонем 3 давраи асосиро ҷудо намоем:

• Дар давраи I – аз дунёи қадим то авали асрҳои миёна давлат аппарати молиявӣ барои муайянкунӣ ва ҷамъоварии андозҳоро надошт. Давлат танҳо маблағеро муайян мекард, ки ба он эҳтиёҷ дорад ва ҷамъовариро ба шаҳр ва ҷамоа месупорид.

• Дар давраи II – асри XVI то авали асри XIX – дар як қатор мамлакатҳо муассисаҳои молиявӣ пайдо гардида, давлат як қисми вазифаҳоро ба уҳдаи худаш мегирад. Он имтиёзҳои андозбандиро муайян намуда, аз болои ҷамъоварии андозҳо назорат мебарад.

• Дар давраи III – давраи муосир – давлат тамоми вазифаҳоро оиди муқарраркунӣ ва ситонидани андозҳоро ба зиммаи худ мегирад, чунки қоидаҳои андозбандӣ аллакай сохта шудаанд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо давлат нақши ёрии тарафайнро мебозад, ки ин ё он дараҷаи мустақилиятро доранд.

Ҳамин тавр, низоми андозбандӣ, бо баробари давлат пайдо гардида, инкишоф ёфт. Илова бар ин, дар асрҳои XIII- XII (то мелод) оиди андози сарикасӣ дар шаҳри Вавилон тазаккур карда мешавад. Тақрибан ба ҳамин давра маълумоти аввалин оиди андозбандии умумӣ дар Хитой ва қаламрави Эрон рост меояд. Дар давраи ҳукмронии аввалин фараонҳо дар Миср аллакай андози замин ситонида мешуд. Дар шаҳрҳои Юнони Қадим аз шаҳрвандон аз 1/20 ҳисса ва баъзан аз 1/10 ҳиссаи даромадҳои онҳо ситонида мешуданд. Ин ғайр аз «даҳҳаи масҷидҳо», ки дар шакли хайрияҳои ихтиёрӣ ситонида мешуданд. Инчунин,

аксизҳо ба намуди ҷамъовариҳои назди дарвозаи шаҳр ситонида мешуданд. Ин имконият медод, ки воситаҳоро барои таъмин намудани артиши кироя, барои пурқувват гардонидани деворҳои шаҳрҳо-давлатҳо, барои сохтани масҷидҳо, роҳҳо, системаи обтаъминкунӣ, гузаронидани идҳо, тақсимкунии пул ва маҳсулот барои камбизоатон ва барои дигар мақсадҳои ҷамъиятӣ мутамарказонида ва харҷ карда мешуданд. Дар баробари ин афинагиҳо тайёр буданд, ки хайрия намоянд ва бештар онҳо аз давлатҳои забткардаашон хироҷ ва аз давлатҳои иттиҳодӣ тӯҳфаҳоро мегирифтанд. Аммо ҳангоми эҳтиёҷ доштан ба хароҷотҳои калон, шӯрои аҳолӣ ва ё маҷлиси аҳолӣ аз даромад фоизҳои таъиншударо меситониданд. Андак дертар системаи андози Русия сохта шуд. Сарчашмаи асосии даромадҳои хазинаи князӣ – ин хироҷ аз халқҳо ва деҳотҳои забтшуда мебошад. Хироҷ бо пул – аксар вақт бо тангаҳои арабӣ ё ин ки бо воситаи моддӣ – пашмҳо дода мешуд. Ҳамчунин, андозбандии ғайримустақим дар шакли боҷҳои андозӣ ва судӣ амал мекарданд. Сарчашмаи ниҳоят калонтарини даромади хазина – ҷамъовариҳои савдоӣ буданд, ки аз ҳисоби дохил шудани заминҳои нав ба Княжествои Москва ва алалхусус марказҳои бузурги савдо зиёд мегаштанд.. Таърихи халқҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ дар давраҳои Дунёи Қадим ва асримиёнагӣ ба мо нишон медиҳад, ки андозҳо дар ин мамлакатҳо барвақт ба вуҷуд омаданд. Масалан, қаблан андозҳо дар шакли молӣ дар намуди оброкӣ, инъом, андози сарона, уҳдадории меҳнатӣ ва меҳнати бемузди деҳқонон ба манфиати мулкдор амал мекарданд. Инчунин, дар давраҳои қадим дар давраи инкишофёбии заминдории қабилагӣ андозҳои молӣ ба сардорони қабила месупориданд ва давлат бошад аз сардорони қабила хироҷ меситонид. Бояд қайд кард, ки рентаи замин (хироҷ) ба давлат вобаста аз шакли моликият аз рӯи меъёрҳои муайянгардида ситонида мешуданд. Масалан, аз заминҳои давлатӣ – 3/10 ҳиссаи ҳосил, аз заминҳои масҷидҳо - 1/10 ҳиссаи ҳосил, аз заминҳои шахсӣ – 2/10 ҳиссаи ҳосил пардохта мешуданд. Дар асрҳои IX дар Мовароуннаҳру Хуросон дар посбонгоҳҳои махсус банд, дар гузаргоҳҳои дарёҳои назди шаҳрҳои азим ё дар сарҳадҳои қаламрави корвонгузар боҷи савдо рӯёнида мешуд. Дар гузаргоҳҳои Амударё аз савораҳои асп боҷ меситониданд. Дар Осиёи Миёна дар давраҳои то феодализм ва феодализм чунин намудҳои андоз ситонида мешуданд, ба монанди: закоти замин, ушр, андози мерос, андози хона, тарозуҳаққӣ, рентаи замин, уҳдадориҳои корҳои хоҷагӣ, ҳашар ва ғ. Таҳияи низоми махсуси андози давраи гузариш ислоҳотӣ зина ба зина ва тадриҷӣ, ҳаракат сӯи сохтори ормонӣ (идеалиро) талаб менамояд, вале дар зинаи миёндаврaӣ имконият фароҳам меояд, ки ба пешомадҳои макроиқтисодии камомади таварруми буҷет, ки дар натиҷаи бо суръати баланд гузаронидани ислоҳот рӯй доданаш имкон дорад, таваҷҷӯҳи бештаре шавад. Бояд доимо ба ёд дошт, ки дар давраи гузариш нисбат ба масъалаҳои иқтисодиву хоҷагидорӣ масъалаҳои иҷтимоӣ бештар зуҳур менамоянд ва дар мадди аввал қарор мегиранд. Аз ин ҷост, ки таъсири низоми андоз ва мақоми онро дар ҳалли масоили иҷтимоӣ набояд аз назар дур сохт. Ҳангоми гузаронидани ислоҳоти низоми андози давраи гузариш ва андозбандӣ бояд тамсилаи интихобшудаи иқтисоди бозоргонӣ ба назар гирифта шавад. Дар солҳои 1995 – 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани ислоҳоти низоми андоз вазифаҳои зерин дар мадди назар буданд:

- беҳсозии таъминоти моддӣ-техникии мақомоти андоз, ҳавасмандсозии онҳо ба ҷамъоварии андоз, таъмини пешрафти касбии мутахассисони соҳаи андоз, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқии онҳо;
- таъмини ворид шудани ҳаҷми муқарраргардидаи андозҳо ба буҷет ва бад-ин васила ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, махсусан ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- ҷорӣ намудани андоз аз даромади ашхоси воқеӣ ба шакли сохтори содакардашуда дар миқёси васеъ;
- ба таври васеъ ҷорӣ намудани андоз аз арзиши изофа ва аксизҳо ба баъзе молҳо, нигоҳ доштан ва баланд кардани аксизҳои то ин давра маъмулбуда;
- аз байн бурдани тарифҳои содиротӣ ва дар дараҷаи паст нигоҳ доштани тарифҳои воридотӣ ва паст нигоҳ доштани маблағҳо бо мақсади таъмини протексионизми муътадил;
- шадидан кам кардани миқдори умумии андозҳо дар ҷумҳурӣ, манъи ҷорӣ намудани андозҳо ва пардохтҳое, ки дар санадҳои қонунӣ оид ба андоз нишон дода нашудаанд;
- манъи ҳама навъҳои андозҳо ва пардохтҳои ба заминаи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда асосёфта (андоз аз гардиш), даст кашидан аз имтиёзҳои зиёд;

- ҳамгироии таварруми маҷмуи санадҳои меъёрӣ ва қонунҳо дар як ҳуҷҷат – Кодекси андоз ва дар он истифода бурдан аз мафҳумҳои муқарраргардида ва тафсири возеҳу равшани дастурҳои қонунгузорӣ оид ба андоз.

Пас аз ҷорӣ гардидани Кодекси андоз (дар таҳрири нав) дар сохтори низоми миллии андоз тағйироти ҷиддие рӯй доданд, яъне мундариҷаи андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ тағйир ёфтанд. Тағйироти асосию фарққунанда дар таҳрири нави Кодекси андоз нисбат ба Кодекси андози қаблан амалкунанда он аст, ки андоз аз фурӯши чакана аз қонунгузории андоз тамоман хориҷ гардид ва андозҳои бо ҳам алоқаманд дар низомҳои муттаҳид карда шуданд. Дар қисмати андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ чунин тағйирот ворид карда шуд:

1) дар мавриди татбиқи нишондиҳандаҳои миёнаи омории музди меҳнат бо мақсади ҳисоб намудани андоз аз даромади кормандони андоз аз даромади кормандони кироя ва андози иҷтимоӣ эродҳо ҷой доштанд. Минбаъд аз 1 январи соли 2013 тибқи Кодекси андоз дар таҳрири нав барои мақсадҳои андозбандӣ маблағи воқеӣ пардохтшавандаи музди меҳнат ба инобат гирифта мешавад;

2) ҳадди татбиқи меъёри камтарини андоз аз даромад (8%) аз 100 сомонӣ то 140 сомонӣ баланд бардошта шуд;

3) тартиби татбиқи шартномаҳо оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата соддатар гардид. Яъне, талабот оиди кушодани пасандози шартии бонкӣ хориҷ карда шуд.

Вобаста ба афзоиши фаъолияти тиҷорати электронӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ низоми андози амалкунанда низ эҳтиёҷ ба ислоҳот дорад. Дар пайёми навбатии худ Президенти кишвар Вазорати молияро вазифадор намуд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо таҳияи лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ба анҷом расонида, то моҳи март ба Ҳукумат пешниҳод намояд. Дар таҳрири нави Кодекси андоз интизор меравад, ки бештар фаъолияти электронӣ ва тиҷорати дар асоси шабакаи интернет ба роҳ монда шуда бештар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Аз ин ҷо метавонд ба хулосае омад, ки низоми андози имрӯзаи дар кишвар амалкунанда ҷавобгӯи талабот буда, зарурати бозсозии аз ҳад зиёди он вуҷуд надорад. Чунин баҳои умумӣ, имконияти аз воқеият сухан ронданро дорад, вале ин ба он маъно нест, ки вазифаи беҳсозии низоми андоз, мутобиқ намудани он бо масъалаҳои ҷории сиёсати иқтисодӣ ва умуман низоми иқтисодӣ аз байн рафтааст. Чунонки ба мо маълум аст, гаронии андоз дар кишвари мо дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтаи роҳи иқтисоди бозаргониро пеш гирифта хеле паст аст. Вале агар ин навъ муқоиса аз нуқтаи назари вазъи умумии некӯаҳволии аҳолӣ ва даромади ҳармоҳаи кормандон сурат бигирад, аён мегардад, ки бори андоз дар ҷумҳурӣ, бо вуҷуди паст буданаш, дар айни замон ба дараҷаи кофӣ баланд аст.

**АДАБИЁТ**


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013" ш. Душанбе 19 ноябри соли 2012, №904.
3. Фазлиддин Шомуродов, "Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" \ Фазлиддин Шомуродов. - Душанбе-2015.
4. Ф. Шомуродов, "Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" / Ф. Шомуродов. - Душанбе "Эр-граф" 2009.
5. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш., "Идораи молияи давлатӣ" / И.Р.Иброҳимов. - Душанбе 2013.
6. Исайнов Ҳ.Р, " Иқтисоди миллӣ" / Ҳ.Р.Исайнов. - ш. Душанбе 2018.
7. Ҷурабоев Ғ. "Макроиқтисод" / Ғ.Ҷурабоев. - Душаннбе 2010.


**НАЗАРИЯ АНДОЗ ВА ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Дар мақола пайдоиш ва руши низоми андоз дар ҷамъият шарҳ дода шудааст. Назарияи андоз ва ақидаҳои мутафаккирони гуногун вобаста ба андоз ва муносибатҳои андозӣ дарҷ гардида, нақши он дар рушди муносибатҳои давлатдорӣ асоснок карда шудааст. Ташаккули низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зинаҳои рушди он мавридди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, самтҳои мукаммалгардонии сиёсати андоз ва хусусиятҳои он оварда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Сиёсати андоз; андоз; буҷаи давлатӣ; пардохтҳои трансфертӣ; сиёсати монетарӣ; касри буҷа; сиёсати фискалӣ.

**ТЕОРИЯ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ И РЕФОРМА СИСТЕМЫ НАЛОГООБЛОЖЕНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье объясняется возникновение и развитие налоговой системы в обществе. Отражена теория налогообложения и взгляды различных мыслителей на налогообложение и налоговые отношения, обоснована его роль в развитии государственных отношений. Проанализировано становление налоговой системы в Республике Таджикистан и этапы ее развития. Приведены направления совершенствования налоговой политики и ее особенности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** налоговая политика; налог; бюджет государства; переводные платежи; денежно-кредитная политика; дефицит бюджета; фискальная политика.

**TAX THEORY AND TAX REFORM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article explains the origin and development of the tax system in society. Tax theory and the views of various thinkers on taxation and tax relations are reflected, and its role in the development of state relations is substantiated. The formation of the tax system in the Republic of Tajikistan and the stages of its development are analyzed. The directions of improvement of tax policy and its features are also given.

**KEYWORDS:** Tax policy; tax; state budget; transfer payments; monetary policy; budget deficit; fiscal policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назарова Шаҳноза*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию иқтисодии. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **915564466.**

**Сведение об авторе:** ***Назарова Шахноза*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915564466.**

**Information about the author:** ***Nazarova Shahnoza*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Finance and Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **915564466.**

# МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА РОҲҲОИ ТАНЗИМИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶАҲОН

***Воҳидов Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳоҷирати меҳнатӣ инъикоси худро дар бозори ҷаҳонии қувваи корӣ меёбад, ки ҳам бозори миллӣ ва ҳам бозори минтақавиро бо ҳам мепайвандад. Он на танҳо маҷмуи бозорҳои миллии қувваи корӣ ба ҳисоб меравад, балки босифат ва аз нав инкишоф ёфтани бозори меҳнатро дар шароити интернатсионализатсияи истеҳсолот ва афзоиши робитаҳои байналхалқӣ таъмин менамояд. Муҳоҷирати байналхалқии меҳнат дар зери таъсири сабабҳое ба вуқуъ меояд, ки бо шароити иҷтимоию иқтисодии ин ё он мамлакат алоқамандӣ дорад. Дар қатори онҳо мавқеи асосиро инҳо ишғол мекунанд: вазъи демографӣ дар мамлакат, сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳиссаи баланди бекорӣ дар доираи аҳолии қобилияти меҳнатидошта, вуҷуд надоштани ҷойҳои кории ба ихтисосҳо ва касбҳои гуногун мувофиқбуда ва ғ. Ба ғайр аз сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ боз сабабҳои дигари муҳоҷират ҷой доранд, ки ба сифати мисол инҳоро оварда метавонем:

- ноустувории сиёсӣ ё ки гурехтан аз таъқиби сиёсӣ;
- дискриминатсияи нажодӣ, динӣ ва миллӣ;
- ҳолатҳои ҷангӣ, чун эвакуатсия (таҳлия), реэвакуатсия.

Ғайр аз ин, инкишоф ва арзоншавии воситаҳои нақлиёт, васеъшавии системаи байналхалқии иттилоот ба одамон дарк кардани имкониятҳои васеи иҷтимоию иқтисодии дигар мамлакатҳоро медиҳанд ва барои муҳоҷират мусоидат карда низ метавонанд. Аксарияти кишварҳои қабулкунанда барои танзими муҳоҷират усули интихобӣ истифода мебаранд. Маънии он дар он аст, ки давлат воридшавии ин гурӯҳи коргаронро, ки ба кишвар лозиманд, манъ намекунад ва воридшавиро ба каси дигар маҳдуд мекунад. Рӯйхати муҳоҷирони дилхоҳ дар ҳар кишвар фарқ мекунад, аммо онҳо ба ин категорияҳои зерин дохил мешаванд:

- кормандоне, ки барои иҷрои корҳои вазнин, зарарнок ва ифлос омодаанд: сохтмон, коммуналӣ, мавсимӣ;

- мутахассисон барои соҳаҳои нав ва технологӣ - барномасозон, муҳандисони баландихтисос, кормандони бонк;

- мутахассисони машҳури ҷаҳонӣ - мусиқинавозон, рассомон, олимон, варзишгарон, табибон, нависандагон;

- соҳибкорони калон, ки фаъолияти худро ба кишвари қабулкунанда интиқол медиҳанд, сармоягузорӣ мекунанд ва ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд.

*Воситаҳои маҳдудкунандаи сиёсати муҳоҷират иборатанд аз:* - Талаботи сифатӣ ба тахассуси касбии коргарони хориҷӣ, аз ҷумла доштани шаҳодатномаи таҳсилот ва таҷрибаи корӣ аз рӯи ихтисос. Масалан, дар Австралия мутахассисонеро қабул мекунанд, ки ҳадди аққал 3 сол таҷрибаи корӣ доранд, дар ИМА ин муҳлат 5 солро дар бар мегирад.

- Муаррифӣ кардани тахассусҳои синну солӣ барои дохилшавандагон.

- Санҷиши ҳолати саломатии муҳоҷирони эҳтимолӣ;

*Маҳдудиятҳои сиёсӣ.* Ҳамин тавр, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вуруди аъзои коммунист ё дигар ҳизби як намуди тоталитарӣ маҳдуд аст. Квотаи мустақим барои воридоти муҳоҷирон, ки дар таносуби қонунан муқарраршудаи шумораи кормандони хориҷӣ ва миллӣ дар корхона ифода ёфтааст.

*Маҳдудияти вақти корӣ дар кишвар;* Манъ кардани касбҳо ба таври возеҳ ё ғайримустақим ҳангоми қабули қонунҳо дар бар мегирад, ки номгӯи муфассали касбҳоеро, ки ба хориҷиён манъ аст, маҳдуд мекунад. Афзалиятҳои миллии ҷуғрофӣ, ки минтақаҳои афзалиятҳои муҳоҷиратро инъикос мекунанд. Системаи таҳримот алайҳи муҳоҷирони ғайриқонунӣ, инчунин шахсоне, ки воридоти муҳоҷирон ва корфармоёнро ғайриқонунӣ истифода мебаранд. Муқаррароти он новобаста аз қонунгузории мавҷуда, татбиқи он аз тағйирёбии бозори меҳнат, ихтисос ва тахассуси муҳоҷир ва мамлакати пайдоиши он вобаста аст, барои ҳама кишварҳои муҳоҷират маъмул аст.

*Сиёсати муҳоҷират воситаҳои зеринро дар бар мегирад:*

- талаботҳои қатъӣ нисбат ба ширкатҳои миёнаравие, ки ба киро кардани муҳоҷирон машғуланд;

- барои таъмини кафолатҳои молиявӣ ва ҳуқуқии шуғл ва фароҳам овардани шароити муътадили зиндагӣ барои муҳоҷирон;

- маҳдудияти додани шиносномаҳо;

- манъи (мустақим ё ғайримустақим) рафтани гурӯҳҳои алоҳидаи коргарон ва ҷорӣ намудани квотаҳои муҳоҷиратӣ;

- пешниҳоди имтиёзҳо аз пасандозҳои асъорӣ (баландтар кардани фоизҳо аз амонатҳо, аз андоз озод кардани онҳо, меъёрҳои имтиёзноки почта ва телеграфӣ барои интиқоли асъор ва ғайра);

- фурӯши коғазҳои қиматнок барои муҳоҷирони байналмилалӣ;

- пеш бурдани сиёсати гумрукӣ, ки ба муҳоҷирони кории бозгашта имтиёзҳои гумрукӣ медиҳад. Масалан, дар Бангладеш, ҳукумат ба муҳоҷирон иҷозат медиҳад, ки ба тарофаҳои имтиёзноки гумрукӣ беш аз 40 номгӯи молҳоро ба кишвар ворид кунанд;

- таҳияи барномаи корӣ барои муҳоҷирон;

- додани қарзҳо ва имтиёзҳо ба муҳоҷирон ба сохтмон ва хариди манзил;

- додани қарзҳо барои кушодани тиҷорати худ.

Омӯзиши равандҳои муҳоҷирати байналмилӣ дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо бароварда шаванд;

- сабабҳои асосии муҳоҷирати байналмилалӣ сабабҳои иқтисодӣ мебошанд;

- марказҳои асосии ҷалби муҳоҷирони байналмилалӣ чунин кишварҳо мебошанд, ба монанди ИМА, Канада, Австралия ва кишварҳои Аврупо;

Дар солҳои охир, системаҳои миллии муҳоҷират нисбат ба вазифаҳои муқаррарии худ нисбатан хуб фаъолият мекунад. Аммо, гузариш ба марҳилаи нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ қобилияти бозорҳои меҳнатиро, талаботи онҳоро ба ҳайати калони коргарони

баландихтисос коҳиш медиҳад. Ҷараёни воридшавии муҳоҷирони бетаҷриба ба ҷои самараи чашмдошти иқтисодӣ боиси афзоиши мушкилиҳои иҷтимоӣ мегардад. Ин проблема мушкилоти дохилии бисёре аз бозорҳои миллии меҳнатро шадидтар мекунад (бекорӣ, гурӯҳбандӣ, камшавии таҳсил, норасоии мутахассисони касбӣ ва ғайра).

### АДАБИЁТ


1. Гладков И.С., Марыганова Е.А., Суслова Е.И. «Экономика» / И.С.Гладков. - Москва-2008 г.
2. Гурова И.П. «Мировая экономика» / И.П.Гурова. - Москва-2008 г.
3. Колесов В.П., Кулаков М.В. «Международная экономика» / В.П.Колесов. - Москва-2009 г.
4. Куддусов Д. «Обзор рынка труда в Таджикистане». Рабочая версия документа. ЕФО, ИИЦ «Соцсервис» 2009 г.
5. Куддусов Д. «Влияние мирового финансового кризиса на трудовых мигрантов из Таджикистана: мнение мигрантов. Экспресс опрос». МОТ, Министерство труда и соцзащиты РТ- 2009 г.
6. Носова Н.С., Роньшина Н.И. «Международные экономические отношения. Конспект лекций» / Н.С.Носова. - Москва-2008 г.
7. Оймаҳмадов М., Муртазоев М. «Иқтисодиёти ҷаҳон» / Оймаҳмадов. - Теҳрон 2001 с.
8. Олимова С., Боек И. «Трудовая миграция из Таджикистана» / С.Олимова. - МОМ-2003 г.
9. Саидмуродов Л. Ҳ. «Иқтисоди байналхалқӣ» /Л.Ҳ.Саидмуродов. - Душанбе- 2002с.


### МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА РОҲҲОИ ТАНЗИМИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶАҲОН


Мақолаи мазкур ба масъалаҳои роҳҳои танзими ҳаракати қувваи корӣ дар ҷаҳон ҳамчун муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ин масъаларо ҳамаҷониба таҳлил кардааст. Танзими муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин таъмин карда мешавад: таҳияи қонунҳои мукаммал ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии соҳаи муҳоҷират, пешгӯии самтҳои муҳоҷират ва оқибатҳои он, коркарди низоми ягонаи баҳисобгирии кулли бандҳои муҳоҷират, ташкили фонди иттилоотӣ ва маълумотҳои зарурӣ оид ба ҷои кор, инкишофи робитаҳои тарафайн бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ.



**КАЛИДВОЖАҲО:** муҳоҷирати меҳнатӣ, танзим, музди кор, қонунҳои мукаммал, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ.


### ТРУДОВАЯ МИГРАЦИЯ И СПОСОБЫ ЕЕ РЕГУЛИРОВАНИЯ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ


В статье рассматриваются вопросы регулирования движения рабочей силы в мире как трудовой миграции. Автор всесторонне анализирует данный вопрос, используя работы отечественных и зарубежных ученых. Регулирование трудовой миграции будет обеспечиваться за счет реализации следующих мер: разработка комплексных законов и поправок к действующим законам, других нормативных правовых актов в сфере миграции, прогнозирование направлений миграции и их последствий, организация рабочих процессов, обработка информационных систем. Необходимая информация о рабочем месте, развитии двусторонних отношений с зарубежными странами и международными организациями.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: трудовая миграция, регулирование, заработная плата, комплексные законы, нормативно-юридические акты.


### LABOR MIGRATION AND METHODS OF ITS REGULATION IN THE MODERN WORLD


The article deals with the regulation of the movement of labor in the world as labor migration. The author comprehensively analyzes this issue, using the works of domestic and foreign scientists. The regulation of labor migration will be ensured through the implementation of the following measures: development of comprehensive laws and amendments to existing laws, other regulatory legal acts in the field of migration, forecasting migration directions and their consequences, organization of work processes, processing of information systems. Necessary information about the workplace, the development of bilateral relations with foreign countries and international organizations.



**KEYWORDS:** labor migration, regulation, wages, complex laws, normative legal acts.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Воҳидов Баҳодур*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **940677777.**

**Сведение об авторе:** ***Вохидов Баходур*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **940677777.**

**Information about the author:** ***Vohidov Bahodur*** – Tajik National University, second-year master`s student, specialty of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **940677777.**

# ТАЪСИРИ БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗҲО БА РУШДИ СУБЪЕКТИ ИҚТИСОДӢ

*Муқумов А.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Андоз**—пардохти ҳатмӣ, ки онро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ворид менамоянд. Моҳияти иқтисодии андоз ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади давлатро дар шакли марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила хазинаи давлатро ғанӣ мегардонад ва маблағҳои қисмати даромади буҷетро барои таъмини рушди иқтисоди миллии кишвар, бахусус соҳаҳои афзалиятноки миллии он, саҳмгирии зарурӣ дар амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ, давлатӣ ва ғайра сарф менамояд. Шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо ва ғайра) мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун андозсупорандагони асосӣ эътироф шудаанд ва онҳо ӯҳдадор мебошанд, ки андозҳои ба тарзи расмӣ муқарраршударо дар муҳлати муайяншуда, тибқи меъёри тасдиқшуда ва пурра ба буҷаи давлат пардохт намоянд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати андозро бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ амалӣ мегардонад. Маъмурияти андоз барои таъсири фаъолона ба сохтори такрористеҳсоли ҷамъият пешбинӣ шудааст. Бо назорати механизми андозбандӣ давлат метавонад ба ҳавасмандгардонӣ ё маҳдуд кардани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор таъсир расонад. Танзими равандҳои дар иқтисодиёт бамаломада натанҳо қабули санадҳои меъёрии давлатиро, ки қоидаҳои пешбурди тиҷоратро муайян мекунад, балки бевосита аз субъектҳои соҳибкорӣ гирифтани як қисми даромади дар шакли андоз гирифташударо низ дар назар дорад.

П. Самюеэлсон чунин қайд кардааст: «…дар вақти муайян кардани тарзи андозбандии худ, одамон дар ҳақиқат муайян мекунанд, ки чи тавр захираҳои барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ зарур аз моликияти оилаҳо ва корхонаҳои гуногуни ба онҳо тааллуқдошта гирифта шуда, ба истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ ва хизматӣ равона шудааст…» [2 саҳ 327]. Ҳамчунин, маъмурияти андоз принсипҳое доранд, ки дар асоси таҳлили муқаррароти консептуалии андозбандӣ асос ёфтаанд: а) доимӣ; б) тағйирпазирӣ; в) пайдарпай; г) самаранокӣ; ғ) асосноккунӣ; д) ба назар гирифтани манфиатҳо; е) банақшагирӣ ва ғайраҳо.

Ба ҳама маълум аст, ки маҳз андозҳо манбаи асосии сафарбаркунӣ ва ташаккули захираҳои молиявии давлат ба ҳисоб меравand. Ҷ.М.Кейнс исбот кардааст, ки бо ёрии низоми андозҳо ва андозбандӣ марҳалаҳои гуногуни давраи саноатиро идора карда, ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, шуғл ва нархҳо фаъолона таъсир расонидан мумкин аст [3 саҳ 364-365]. Андозҳо натанҳо барои ба даст овардани маблағҳои ба давлат зарур истифода бурда мешаванд, балки давлат онҳоро барои танзими фаъолияти иқтисодии корхонаҳо, инчунин барои баробар кардани даромади табақаҳои гуногуни аҳолӣ истифода мебарад. Дар иқтисодиёти мо андозҳо характери коллективӣ ё фискалӣ доранд. Ин хусусияти андоз ва андозбандӣ то андозае ин системаро ба ҳам мегузорад. Ба ибораи дигар, ҳавасмандгардонии фискалӣ ва иҷтимоии фискалии системаи андозҳо ва андозбандӣ зоҳир мегардад. Дар ин ҳолат фискализм нисбат ба дигар вазифаҳои низоми андозҳо ва андозбандӣ то андозае бартарӣ дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ каҷхатаи Артур Лаффер, ки мушовири президент Р.Рейган буд, мақоми хоса дорад. Вай ҷонибдори иқтисодиёти таъминот буд ва боварӣ дошт, ки меъёрҳои баланди андоз ҳавасмандии сарфа ва сармоягузориро суст мекунанд. «Аргументи Лаффер ин аст, ки меъёри пасти андоз ҳавасмандии кор, сарфа, сармоягузорӣ ва навовариро ба вуҷуд оварда, иқтисодиётро ба афзоиши назарраси маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ тела медиҳад». [4 саҳ 383]

Меъёрҳои пасти андоз ҳавасмандиро барои сарфа ва сармоягузорӣ эҷод мекунанд. Ба ақидаи Лаффер аз ҳисоби сармоягузории бузург ба иқтисод ҳаҷми андозҳо дар буҷа афзоиш меёбад. Бояд гуфт, ки ин хулосаи Артур Лаффер дар амал тасдиқ нагардидааст, гарчанде муваффақияти калон ба даст оварда шудааст. Чунон ки К.Р.МакКоннелл ва С.Л.Брю чунин

қайд кардаанд: «…дар солҳои ҳукмронии Рейган давраи хеле суст шудани беқурбшавии пул ва бо кор таъмин будан, яъне давраи осоишта ба амал омад». [4 саҳ 385]. Дар давраи ҳукмронии Рейган 21 миллион ҷои корӣ ба вуҷуд дошт, ки ин комёбии хеле калон буд. Артур Лаффер дар бораи комёбиҳои ислоҳоти андози он давра чунин нақл кардааст: « Рейганомика, ки ҳоло хеле сахт танқид карда мешавад, дар давоми солҳои 1982-1990 қариб 21 миллион ҷои кор ба вуҷуд омад. Дар баробари ин дар ду соли ҳукмронии Рейган бекорӣ аз 13,5 фоиз ба 3,2 фоиз фаромад. Роҳи ҳалли бекорӣ ин кам кардани бори андоз буд. Баландтарин бори андози он замонро Рейган аз 70 фоиз то 50 фоиз кам кард».

Ба таври умум қабул карда мешавад, ки андозҳои аз ҳад зиёд манфӣ мебошанд. Ба фикри коршиносон, сатҳи баланди андозбандӣ боиси коҳиши фаъолияти соҳибкорӣ, ташаббусҳои меҳнатӣ ва сармоягузорӣ мегардад, сабаби асосии майли зиёди субъектҳои соҳибкорӣ ба пинҳон кардани даромад, афзоиши ташаннуҷи иҷтимоӣ ва ниҳоят боиси камшавии истеҳсолот мешавад. Гузашта аз ин, сарбории нисбатан баланди андоз дар муқоиса бо дигар давлатҳо боиси «саркашӣ аз андоз» ва дар натиҷа, афзоиши иқтисоди сояафкан, «парвоз» - и сармоягузорӣ мегардад. Ҳамаи ин бешубҳа ба кам шудани манбаи андоз ва ниҳоят кам шудани ҳаҷми маблағҳое, ки дар буҷетҳои сатҳҳои пайлоиши иқтисоди сояафкан мусоидат мекунанд, олимон-иқтисоддонҳо онро омилҳои гуногун меноманд.Мо ба андешаи донишмандоне, ки мизони баланди андозбандӣ ва фишори андозро сабаби асосӣ намедонанд, сабаби асосии рушди иқтисоди «соягӣ» медонанд, розием. Он ба давлатҳои дорои ҳама гуна иқтисоди бозорӣ таъсир мерасонад, гарчанде ки таъсири он дар ҳар як кишвар гуногун аст. Дар соли 2009 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии ҶТ барои соли 2009» ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, ба андозаи 105,4% таъмин гардид ва ба ҷои 2337,6 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷет (бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) 2464,6 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 126, 9 млн. сомонӣ зиёд аст. Воридоти маблағҳо дар соли 2009 нисбат ба маблағҳои дар соли 2008 воқеан ҷамъоварӣ гардида, ба андозаи 646, 9 млн. сомонӣ ё худ 35,5% зиёд мебошад. Нақшаи андози иҷтимоӣ дар соли 2009 аз ҳисоби ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ дар ҳаҷми 101,2% иҷро гардида, ба ҷои 471,5 млн. сомонӣ ба буҷет 477,4 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 5,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Нисбати маъмурикунонии андоз як қатор тадбирҳо андешида шуданд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009 таҳти № 493 ва аз 19 майи соли 2009 таҳти № 525 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ» қабул гардиданд. Тибқи тағйироту иловаҳои мазкур тартиби ҳисобу пардохти як қатор андозҳо нисбатан содда гардида, нисбати андозсупорандагон як қатор сабукиҳои андоз фароҳам оварда шуд, аз ҷумла:

1. Бо мақсади беҳтар намудани тартиби андозбандии супорандагони андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда андозбандӣ мешаванд, аз пардохти аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуданд;

2. Тарҳи пардохтҳо барои ташкилоти эҳсонкорӣ ва иҷрои фаъолияти эҳсонкорӣ дар ҳаҷми воқеии маблағҳои пардохташуда, аз 5 фоиз ба 10 фоизи фоидаи андозбандишаванда баланд карда шуд;

3. Аз объекти андозбандии андози ягона аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ масоҳати замини истеҳсокунандаи маҳсулоти кишоварзие, ки мутобиқи моддаи 271 ва қисми 4 моддаи 267 Кодекси андоз аз андози замин озод карда шудаанд, хориҷ карда шуд.

4. Бо мақсади кам кардани таъсири манфии бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба иқтисодиёти кишвар ва паст кардани гаронии андоз ба молистеҳсолкунандагони ватанӣ меъёри андоз аз фоидаи аз 25 ба 15% ва андоз аз арзиши иловашуда аз 20 ба 18% паст карда шуд.

Вале ҷустуҷӯи сатҳи оптималии ситонидани андозҳо яке аз муаммоҳои мураккаб ва зиддиятнок дар амалияи муосири андозбандӣ ба шумор меравад. Ҳалли ин муаммоҳо, қабл аз ҳама, аз баҳодиҳии ҳақиқии гаронии андоз, тақсимоти баробари он байни соҳаҳои сектори реалии иқтисодиёт ва дараҷаҳои гуногуни андозсупорандагон ва ҳамчунин аз дараҷаи асосноккунии ҷараёни ташаккули чунин бузургие вобаста аст, ки ба шароити иқтисодиёти бозории давраи гузариш мувофиқ карда шуда бошад. Дар Паёми Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи сиёсати буҷетӣ барои солҳои 2009-2010» ба зарурати минбаъдаи модернизатсияи системаи андоз, аз он ҷумла, системаи маъмурияти он, оптимизатсияи чараёни ислоҳоти андозӣ махсусан таъкид карда мешавад.

Қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 1999 ва мавриди истифода қарор гирифтани он, шумораи андозҳоро аз 45 то 17 то оварда расонид ва тадриҷан меъёрҳои андоз низ паст карда шуданд мисол:

а) андози ААИ – аз 28 то 20%;

б) андоз аз фоида – аз 40 то 30%

в) андози иҷтимоӣ – аз 37 то 25% ва ғайра.

Қабули Кодекси андози нав (1.01.2005) вазифаи ҳавасмандии андозро дучанд сохт. Мисол: меъёри андоз аз фоида аз 30 ба 25% паст шуд. Инчунин, имтиёзҳои нав ворид шуданд, аз он ҷумла:

а)ҳамаи корхонаҳои истеҳсолӣ, дар соли ташкилёбиашон аз андоз аз фоида озод мебошанд (моддаи 145-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

б)корхонаҳо вобаста аз ҳаҷми сармоягузории солона ба муддати аз 2 то 5 сол, аз андоз аз фоида озод мебошанд (моддаи 145-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон);

в)дар андозбандии сохтмонӣ, НБО аз пардохтҳои андозҳои зерин озод мебошанд: ААИ, андоз аз фоида, андози замин ва ғайра (моддаи 343-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои минбаъда, бо мақсади паст намудани гаронии андоз ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна низ дар амал зина ба зина татбиқ гардид. Мисол: дар соли 2009 бо пешниҳоди Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 20 ба 18% ва андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ аз 25 ба 15% паст карда шуд.

**Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ**— намуди алоҳидаи андози мустақим буда, онро ҳамаи корхонаҳои ватанӣ ва хориҷии дар қаламрави Тоҷикистон фаъолиятдошта ҳамчун андозсупорандагон ба буҷети давлат месупоранд. Меъёри андоз аз маблағи фоидаи тавозунии корхонаҳои резидентӣ дар Тоҷикистон ҳоло ба 15 % баробар аст. Дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати андоз аз фоида аз тарафи давлат як қатор имтиёзҳо муқаррар гардидааст, ки ташкилоту корхонаҳои зерин аз андозбандии фоида озод мебошанд: ташкилотҳои динӣ, хайриявӣ (эҳсонкорӣ), буҷетӣ, созмонҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии ғайритиҷоратӣ, ба истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд; маблағгузорониҳои ройгон ва молу мулки ройгон, аъзоҳақиҳо, хайрия ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд; Бонки миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои он ва ғайра.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ( бо назардошти тағйиру иловаҳо ба санаи 01.01.2017)
2. Самуэльсон П., Нордхаус В. Экономика / П.Самуэльсон. – Бином-Кноус.- М., 1999.-777с.
3. Кейнс Дж.М. Общая теория занятности, процента и денег / Дж.Кейнс. – М., 1978.
4. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика/Пер. с англ, изд. – М.: ИНФРАМ, 1999. – 974с.


**ТАЪСИРИ БАҲИСОБГИРИИ АНДОЗҲО БА РУШДИ СУБЪЕКТИ ИҚТИСОДӢ**


Дар мақолаи мазкур масъалаи таъсири баҳисобгирии андозҳо ба рушди субъекти иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дар аввал оид ба андоз маълумот оварда, сипас масъалаи таъсири онро баррасӣ кардааст. Дар мақола оварда шудааст, ки шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва шахсони ҳуқуқӣ (корхонаҳо, муассисаҳо ва ғайра) мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун андозсупорандагони асосӣ эътироф шудаанд ва онҳо ӯҳдадор мебошанд, ки андозҳои ба тарзи расмӣ муқарраршударо дар муҳлати муайяншуда, тибқи меъёри тасдиқшуда ва пурра ба буҷаи давлат пардохт намоянд. Ҳамчунин, дар мақолаи оид ба каҷхатаи Лаффер ва иқтисодиёти давраи Р.Рейган маълумот оварда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванд, ҷойи корӣ.


**ВЛИЯНИЕ НАЛОГОВОГО УЧЕТА НА РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРЕДПРИЯТИЙ**


В статье рассматривается влияние налогового учета на развитие хозяйствующего субъекта. Сначала автор предоставляет информацию о налоге, а затем обсуждает его влияние. В статье говорится, что физические (граждане) и юридические лица (предприятия, учреждения и т. д.) признаются основными налогоплательщиками в соответствии с действующими законами и постановлениями в Таджикистане, и они обязаны своевременно уплачивать налоги,

оплатить утвержденную ставку и в полном объеме в государственный бюджет. В статье также представлена информация о кривой Лаффера и экономике эпохи Рейгана.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** физическое лицо, юридическое лицо, гражданин, рабочее место.

**INFLUENCE OF TAX ACCOUNTING ON THE DEVELOPMENT OF ECONOMIC ENTERPRISES**

This article examines the influence of tax accounting on the development of an economic entity. The author first provides information about the tax and then discusses its impact. It was said, that individuals (citizens) and legal entities (enterprises, institutions, etc.) are recognized as the main taxpayers in accordance with the laws and regulations in force in Tajikistan, and they are obliged to pay taxes on time, pay the approved rate and in full to the state budget. This article also provides information on the Laffer curve and the economics of the Reagan era.
**KEYWORDS:** individual, legal entity, citizen, workplace.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муқумов Азизи Назирович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети баҳисобгирӣ ва иқтисодиёти рақамӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.Телефон: **98-911-08-42.**

**Сведение об авторе:** ***Мукумов Азиз Назирович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультетата учета и финансовой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 98-911-08-42**

**Information about the author:** ***Muqumov Aziz Nazirovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Accounting and Financial Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **98-911-08-42.**

# МАҲФУМ ВА МОҲИЯТИ БАҲИСОБГИРӢ, УСУЛҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

***Саидов Ш.Б., Файзуллоев С.Ф., Маҳмудов Б.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Арзиши аслии маҳсулот гуфта, ифодаи пулии хароҷот барои истеҳсол ва фуруши маҳсулот мебошад. Арзиши аслиии маҳсулот, дар корхонаҳо аз истифодабарии захираҳои моддӣ (ашёи хому масолеҳҳо, сузишворӣ, барқ, фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатӣ) ва ғайраҳо ташаккул меёбад. Арзиши аслӣ яке аз нишондиҳандаҳои пурмазмун дар фаъолияти хоҷагидорӣ ҳисобида шуда, натиҷаи молиявии хоҷагидорӣ ва захираҳои иқтисодӣ дар корхона аз андозаи он вобастагӣ дорад. Мувофиқи низомнома оиди калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот кору хизматрасонӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 210 аз 12 майи соли 2013 тасдиқ карда шудааст, арзиши аслии маҳсулотро чунин баҳогузорӣ менамоянд: арзиши аслии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) гуфта, арзиши молҳои захираҳои табиӣ, ашёи хом, маводи сузишворӣ, барқ, фондҳои асосӣ, захираҳои меҳнатии дар ҷараёни истеҳсолот истифодашуда ва инчунин дар хароҷоти истеҳсол ва фуруши маҳсулотҳоро дар назар дорад. Бо мақсади андозбандӣ хароҷоти анҷомдодаи ташкилот бо дарназардошти тартиби муқарар намудаи меъёр ва санадҳои меъёртӣ тасҳеҳ карда мешавад.

Пештар аз он, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот қабул карда шуда буд, калкулятсиякунонӣ дар асоси низомнома оиди хароҷотҳои истеҳсол ва фуруши маҳсулот (кору хизматрасонӣ) бо арзиши маҳсулоти дохилшаванда ва таркиби ташкилдиҳии натиҷаҳои молиявӣ ҳангоми андозбандии фоида дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифташаванда, ки бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 193 аз 26 апрели соли 1994 баромада буд ва аз рӯи он тамоми корхонаҳо амал мекарданд. Идоракунии арзиши аслии корхона – ҷараёни нақшавии ташкилшавии хароҷотҳо дар истеҳсоли пурраи маҳсулот ва арзиши аслии молҳои алоҳида ва назорати иҷроиши корҳо дар бобати паст кардани арзиши аслии маҳсулот ва эҳтиёткории муайянкунии пастшавии вай. Ҷузъҳои асосии низоми идоракунии арзиши аслии маҳсулот мебошанд: пешгуӣ ва нақшакашӣ, ба меъёрдарории хароҷотҳо, ҳисобгирӣ ва калкулятсиякунонӣ, таҳлил ва назорат аз болои арзиши аслии

маҳсулот, ки онҳо бо ҳам вобастагӣ доранд. Масъалаҳои асосии ҳисобгирии хароҷотҳо дар истеҳсол ва калкулятсиякунонии арзиши аслии маҳсулот – ҳисобгирии ҳаҷм, номгӯй ва сифати маҳсулоти истеҳсолӣ, корҳои иҷрошуда, хизматрасониҳои иҷрошуда ва назорат аз болои нақшаи нишондиҳандаҳои зерин: ҳисобгирии ҳақиқии хароҷотҳои истеҳсолӣ маҳсулот ва назорат аз болои истифодабарии ашёи хом, масолеҳ, захира ва захираҳои меҳнатӣ, истифода бурдани баровардҳои (смета) муайяншудаи хароҷотҳо аз болои хизматрасонии истеҳсолӣ ва идоракунӣ; калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ва назорат аз болои иҷрои нақша аз болои арзиши аслӣ; муайянкунии натиҷаҳои тақсими фаъолияти сохторҳо ва дигар марказҳои хароҷотӣ аз рӯи пасткардани арзиши аслии маҳсулот; муайянкунии захираҳои пастшавии арзиши аслии маҳсулот.

Якчанд намуди арзиши аслии маҳсулотро фарқ мекунанд:

1. Арзиши аслии коргоҳ.
2. Арзиши истеҳсолӣ.
3. Арзиши пурра.

Арзиши аслӣ ба ду намуд ҳисоб карда мешавад :

1. Аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ. (ҷузъҳои иқтисодӣ).
2. Аз рӯи моддаҳои ҳисоббарорӣ. (моддаҳои калкулятсионӣ)

Барои муайян намудани хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот яккатор вазифаҳои муҳимро бояд иҷро кард:

1. Баҳисобгирӣ ва назорат аз болои хароҷоти истеҳсол ва фуруши маҳсулот.
2. Аниқ намудани дараҷаи нархҳои яклухт барои маҳсулоти корхона.
3. Асоснокии иқтисодии мувофиқи мақсад будани маблағгузории ҳақиқӣ барои таҷдиди техникӣ, азнавсозӣ ва васеъшавии корхона.
4. Муайян кардани андозаи дурусти корхона.
5. Асосноккунии иқтисодии қабули қарорҳои идоракунӣ ва ғайраҳо.

**Калкулятсия** (аз калимаи лотинии calculatio) – яъне, ҳисобкунии илман асоснок карда шудаи арзиши аслии як воҳид маҳсулот бо мақсади идоракунии истеҳсолот аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок кардани нархҳо ва пешниҳодҳои лоиҳавӣ. Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот бо мақсади таъмини инъикоси боэътимоди хароҷоти истеҳсол ва фуруши маҳсулот ба маснуоти ҷудогона дар муқоиса ба нақша мутобиқи меъёрҳои ҷорӣ анҷом дода мешавад. Калкулятсияи хароҷоти истеҳсолии молҳо ё ки хизматрасонӣ ба арзиши аслӣ дохилшаванда бо мақсади муайян намудани заминаи андозӣ ва бо мақсади идоракунии истеҳсолот гузаронида мешавад. Воҳиди калкулятсиони – ченаки ҳаҷми калкулятсия буда, ҳаҷми пураи мушаххаси маҳсулотро ифода мекунад. Варақаи калкулятсия нусхае мебошад, ки дар он ҳадди ақали нишондиҳандаҳои зарурӣ барои кори иқтисодӣ нишон дода мешавад. Нишондиҳандаҳои калкулятсия нишондиҳандаҳои муқоисавии арзиши аслии давраи гузаштаи арзиши аслӣ аз рӯи меъёрҳои ҷорӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои таркиб ва сохтори арзиши аслӣ моддаҳои калкулятсия мебошад. Унсурҳои калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ба технология таъсиррасон ба воситаҳои меҳнат вобаста мебошад.

Калкулятсия ба худ боз дигар корҳоро низ дохил менамояд:

- маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳои истеҳсолоти ёрирасон;
- молҳои фосилавӣ (нимфабрикатҳо) қисмҳои истеҳсолоти асосӣ, дар давраҳои ояндаи истеҳсолот истифодашуда;
- маҳсулоти қисмҳои корхона барои маълумкунии натиҷаи кори онҳо.
- тамоми барориши моли корхона;
- мутаносибан ва барориши воҳиди намуди маҳсулоти тайёр ва нимфабрикатҳои истеҳсолоти худӣ (корҳои иҷрошуда ва ё хизматрасониҳои иҷрошуда ва ғ.ҳ.) дар як тараф амалигардонидашуда.

Калкулятсиякунонӣ имкон медиҳад, ки арзиши аслии ҳақиқии объект ва ё мол муайян карда шавад ва барои баҳодиҳии он нақши асосиро иҷро менамояд.

Дар шароити гузариш ба ҳисоб гирифтани амволи муассиса ва дар тавозуни хоҷагӣ бо як арзиши муайян навиштани онҳо ба ягонагии асосҳои ҳисобгирии муҳосибӣ оварда мерасонад. Воситаҳои хоҷагӣ (воситаҳои асосӣ, захираҳои истеҳсолӣ, воситаҳои пулию арзишҳои қимматнок) дар тавозуни корхона бояд ба он арзише ба ҳисоб гирифта шаванд, ки дар ҳақиқат хараҷотҳои харида ба корхона овардани онҳо дар он таҷассум ёфта бошанд.

Дар дигар ҳолат ба пасту баландшавии беасоси арзиши воситаҳои хоҷагӣ оварда мерасонад.

Умуман, омили истеҳсолот аз се ҳолати зарурӣ иборат мебошад: олоти меҳнат, предмети меҳнат ва худи меҳнат. Дар ҳолати мавҷудияти ин се омил истеҳсоли маҳсулот имконпазир мебошад. Дар амалия се омил асосии бунёди воситаҳои хоҷагӣ мегардад. Дар ин маврид масъалаи асосӣ бо кадом нарх, маблағ ва ё арзиши ин активҳо дар тавозуни муҳосибӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Қобили қайд аст, ки кулли дороиҳои хоҷагӣ (воситаҳои асосӣ, захираҳо, хароҷотҳо, пули накд, коғазҳои қиматнок ва ғ.) бояд дар тавозуни муҳосибӣ бо он нархе ба ҳисоб гирифта шаванд, ки дар ҳақиқат аз ҷузъҳои он ташаккул ёфтаанд (нархи харид, хароҷоти кашонида овардани масолеҳ, нигоҳдории пешакӣ, андоз аз арзиши изофа, пардохтҳои гумрукӣ ва ғ.х). Бо ин нарх ба ҳисоб гирифта шуда ва дар оянда бо ҳамин нарх бояд дар дохили корхона истифода бурда шаванд.

Хусусиятҳои хоси ҳисобгирии муҳосибӣ дар он аст, ки ҳамаи объектҳои ҳисобгирӣ бо ченаки пулӣ ифода карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҳамаи зуҳуроту ҷараёнҳои иқтисодӣ бо ҳам муқоиса ва ҷамъбаст карда шаванд ва асоси ҳамаи онҳо нархгузорӣ ва калкулятсия мебошад. Ҳисобгирии муҳосибӣ ҳамон ҷузъиёти ҷараёни такрористеҳсолиро инъикос мекунад, ки ба онҳо нарх мондан мумкин бошад. Дар шароити муносибатҳои молию пулӣ дар ҳар як корхона ҷараёни истеҳсолот ва натиҷаи онҳо бояд ифодаи аниқи худро дар шакли пули ёбад. Хароҷот ва натиҷаи истеҳсолот муносибатҳои мутақобила бо ташкилотҳои молявӣ ва қарздиҳӣ, бо дигар корхонаю муассисаҳо, ҳисобу китоб бо коргарону хизматчиён, ҳаракати фондҳои корхона ва маблағгузории асосӣ танҳо дар шакли пулӣ инъикос ёфта метавонанд ва аз ин рӯ нархгузории муввофиқро тақозо мекунанд. Тавассути нархгузорӣ ва калкулиятия дар бораи арзиши аслӣ, фоида, даромаднокӣ, даромади умумӣ ва соф, даромади ҳисоби хоҷагӣ нишондиҳандаҳои муҳимми иқтисодӣ ахборот ҳосил кардан мумкин аст.

Дар ҳисобгирии идоракунӣ мафҳуми хароҷот хеле васеъ истифода бурда мешавад. Харҷи меҳнати инсон ва ашёро барои истеҳсол ва фуруши маҳсулот, кору хизматҳо хароҷот меноманд. Дар ҳисобгирии молиявӣ ба хароҷот чунин таъриф дода мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», 25.03.2011, №702;
2. Дастурамал оид ба истифодаи нақшаи ягонаи ҳисобҳо барои субъектҳои бахши идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин иҷрои хазинадории буҷети давлатӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ.
3. Дастурамал оиди низоми пур кардани шаклҳои ҳисоботи молиявие, ки тибқи талаботи Стандартҳои миллӣ ва байналмилалии ҳисоботи молиявӣ тартиб дода шудааст. Фармоиши Вазорати молияи ҶТ, №42 аз 27.05. 2011,
4. Инструкция по ведению бухгалтерского учета в бюджетных учреждениях. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 26.12.2000г., №157;
5. Международные стандарты финансовой отчетности, том 1-2. Душанбе. Минфин РТ, 2009,186 с.+324с.
6. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41.
7. Барфиев Қ.Х., Собиров Н.М., Бобиев И.А. Маҷмӯи масъалаҳо аз ҳисобгирии муҳосибӣ: дастури таълимӣ / Қ.Х.Барфиев. – Душанбе: «Ирфон» –2012. – 272 с.
8. Керимов В.Э. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник. – 7-е изд., изм. и доп. / В.Э.Керимов – М.: ИТК «Дашков и К°», – 2009. – 480 с.
9. Лобазова, Н.С. Заполняем формы № КС-2 и № КС-3 / Н.С. Лобазова // Главбух. Приложение «Учет в строительстве» - 2005. - № 2;
10. Саидов Р. Назорат ва тафтиш: Васоити таълимӣ /Р.Саидов. - Душанбе, Ирфон, 2015. – 252 саҳ.
11. Слепов, Ю.В. Бухгалтерский учет и налогообложение деятельности организаций – застройщиков / [Электронный ресурс] / Ю.В. Слепов // http://www.gostaudit.ru/article;
12. Шоймардонов С.Қ., Орзуев П.Ҷ., Барфиев Қ.Х., Бобиев И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ: васоити таълимӣ барои мактабҳои олӣ / С.Қ.Шоймардонов. – Душанбе.: Ирфон. – 2017. 468 саҳ.;


## МАҲФУМ ВА МОҲИЯТИ БАҲИСОБГИРӢ, УСУЛҲОИ БАҲИСОБГИРИИ ХАРОҶОТҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА КАЛКУЛЯТСИЯИ АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА


Дар мақола оид ба мафҳум, моҳият ва усулҳои баҳисобгирии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва калкулятсияи арзишии аслии маҳсулот дар шароити ҳозира оварда шудааст. Ҳамчунин, дар мақола мафҳуми “арзиши аслии маҳсулот” таъриф дода шуда, оид ба намудҳои он, роҳҳои баҳисобгирии он маълумот дода шудааст. Муаллиф

қайд мекунад, ки калкулятсиякунонӣ имкон медиҳад, ки арзиши аслии ҳақиқии объект ва ё мол муайян карда шавад ва барои баҳодиҳии он нақши асосиро мебозад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** калкулятсионӣ, усул, арзиш, хароҷот, андоз.

**ОПРЕДЕЛЕНИЕ И СУЩНОСТЬ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА, МЕТОДЫ УЧЕТА ПРОИЗВОДСТВЕННЫХ РАСХОДОВ И КАЛЬКУЛЯЦИИ СТОИМОСТИ ПРОДУКЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

В статье описаны понятие, сущность и методы учета производственных расходов и калькуляции стоимости продукции в современных условиях. Также в статье определено понятие «себестоимость» и приведены сведения о ее видах и методах учета. Автор отмечает, что калькуляция позволяет определить истинную стоимость объекта или товара и играет ключевую роль в его оценке.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** расчет, метод, стоимость, себестоимость, налог.

**DEFINITION AND ESSENCE OF ACCOUNTING, METHODS OF ACCOUNTING FOR PRODUCTION COSTS IN MODERN CONDITIONS**

The article describes the concept, essence and methods of accounting for production costs and costing products in modern conditions. The article also defines the concept of "cost" and provides information about its types and methods of accounting. The author notes that costing allows you to determine the true value of an object or product and plays a key role in its assessment.

**KEYWORDS:** calculation, method, cost, prime cost, tax.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмудов Б.А***. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Файзуллоев С.Ф.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Саидов Ш.Б.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах**: ***Махмудов Б.А.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово – экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Файзуллоев С.Ф.*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово – экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Саидов Ш.Б.*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово – экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors:** ***Mahmudov B.A***. – Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Fayzulloev S.F.*** - Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Saidov Sh.B.*** **-** Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# НЕРУИ ИНСОНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОН

***Лолаев А. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Консепсияи неруи инсонӣ бо назарияҳои анъанавии рушди иқтисодӣ ҳеҷ зиддияте нишон намедиҳад, аммо он бар муқобили афзоиш ва ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ баромад менамояд. Фарқият миёни мактабҳои рушди иқтисодӣ ва неруи инсонӣ дар он аст, ки мактаби аввал диққати худро танҳо барои як навъи интихоб, яъне ба фоида равона менамояд. Аммо неруи инсонӣ бошад тамоми шаклҳои интихоб, аз қабили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро барои инсон зарур мешуморад. Аниқтараш дар доираи консепсияи мазкур чунин масъалаҳои муҳимми инсонӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад: рушди иқтисодӣ, тиҷорати байналхалқӣ, камшавии буҷаи давлатӣ ва сиёсати пулию молӣ, шуғли аҳолӣ, баробарҳуқуқӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва системаи таъминоти иҷтимоӣ барои камбизоатон [1,25]. Масъалаи алоқамандии неруи инсонӣ бо рушди иқтисодӣ ҳанӯз дар гузориши якуми неруи инсонӣ ва минбаъд дар гузориши соли 1996 ба таври амиқ мушаххас гардонида шуда буд. Мувофиқи гузоришҳои мазкур «неруи инсонӣ ҳадафи асосӣ ба шумор рафта, рушди иқтисодӣ бошад танҳо воситаи расидан ба ин

ҳадаф мебошад». Бояд гуфт, ки назарияи сармояи инсонӣ яке аз унсурҳо ва асосҳои назариявии консепсияи неруи инсонӣ мебошад. Дар доираи назарияи сармояи инсонӣ маълумот ва тандурустӣ объекти асосии сармоягузорӣ мебошад. Чунин амал бо ду ҳадафи иқтисодӣ амалӣ мегардад:

1) баланд бардоштани самаранокии меҳнат ба хотири афзоиши истеҳсоли молу хизматрасонӣ;

2) афзоиши даромадҳои коргарон. Барои намояндагони консепсияи неруи инсонӣ асоси рушди иқтисодиро инсон ташкил медиҳад. Консепсияи неруи инсонӣ эътироф менамояд, ки дар баланд бардоштани самаранокии меҳнат сармояи инсонӣ нақши марказӣ мебозад, аммо муҳити иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки дар он инсон метавонад аз имкониятҳои васеъ истифода намуда, худро ташаккул диҳад, ҳадафи аслии неруи инсонӣ мебошад [4,132]. Зиёд намудани ҳаҷми иқтидори инсонӣ боиси афзоиши даромадҳои одамон ва самаранокии иқтисодиёт мегардад.

Бояд гуфт, ки дар нимаи дуюми солҳои 1980-ум масъалаи рушди инсон ҳамчун ҳадафи муҳимми пешрафти ҷамъиятӣ дар таҳқиқотҳои илми иқтисодӣ ба таври васеъ паҳн мегардад. Дар соли 1987 Кумитаи банақшагирии рушди СММ қароре қабул намуд, ки мувофиқи он баёнияи соли 1988 ба масъалаи ҷанбаҳои гуманитарии соҳаи иқтисодиёт бахшида мешуд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки барои омода намудани баёнияи мазкур лозим шуморида мешуд, бо роҳбарии Маҳбуб – ул Ҳақ анҷом дода мешавад ва чунин иқдом асоси консептуалии неруи инсонӣ ба шумор меравад.  Гузашта аз ин, муҳаққиқи дигар Амартя Сен дар консепсияи худ «васеъ намудани интихоби инсонӣ» паҳлуҳои мухталифи рушди инсониро мавриди омӯзиш қарор дода, онро имкониятҳои инсонӣ муаррифӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, неруи инсонӣ ҳамчун раванди васеъ намудани доираи интихобҳои инсонӣ ва дараҷаи баланди некуаҳволии одамон арзёбӣ мегардад[2,10]. Васеъ намудани доираи интихобҳои инсонӣ, инчунин, бо васеъ намудани доираи имкониятҳои ҳаётии инсон алоқамандии зич дорад. Худи интихоби инсонӣ низ дар навбати худ яке аз имкониятҳои муҳимми инсон ба шумор меравад. Аммо моҳияти интихоби инсонӣ масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки инсонро фаро гирифта, дар атрофи ӯ ҷойгир шудаанд. Аз ҷумла, озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ба таври озод интихоб намудани макони зист, интихоби ҷуфти муносиб ва барпо намудани оила, дар амал татбиқ намудани қобилиятҳои эҷодӣ ва ташаккули онҳо, кафолати ҳуқуқҳои инсон, эҳтироми дигарон ва худэҳтиромкунӣ ва монанди инҳо, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ арзишманд дониста мешаванд. Ба ақидаи Маҳбуб-ул-Ҳақ мақсади асосии рушди ҷомеа ва инсон ба вуҷуд овардани муҳити солиме, ки дар он инсон тавонад аз ҳаёти солим ва арзанда ҳаловат барад. Одамон барои истифода намудани неруи худ имкони қабул намудани қарорҳои шахсиро дошта бошанд, то ки талаботҳои моддию маънавии худро қонеъ созанд. Дар маърузаи неруи инсонӣ, ки соли 2001 баргузор гардида буд, хусусиятҳои неруи инсонӣ ба таври зайл шарҳ дода шудааст: «Неруи инсонӣ – ин муҳите мебошад, ки дар он одамон неруи худро ташаккул медиҳанд ва мувофиқи талабот ва манфиатҳои худ ҳаёти арзандаи худро ба роҳ мемонанд. Аз ин рӯ, барои васеъ намудани доираи имкониятҳои интихоб бояд барои инсон имкониятҳои нав ба нав ба вуҷуд оварда шаванд, то ки ӯ мавқеи худро дар оянда муайян карда тавонад. Шартҳои асосии неруи инсонӣ бояд чунин масъалаҳоро фаро гирад, ки онҳо хусусиятҳои асосии онро ташкил медиҳанд:

- ҳаёти солим;
- дарознокии умр;
- дастарсӣ доштан ба иттилоот ва ҷаҳонбинии васеъ;
- қонеъ карда тавонистани талаботҳои моддӣ;
- иштироки фаъол доштан дар ҳаёти ҷамъиятӣ.

Бе дарназардошти масъалаҳои мазкур интихоби як қатор масъалаҳои дигар дастнорас мегарданд ва дар навбати худ таъмини имкониятҳои инсон низ аҳамияти худро аз даст медиҳад [2,9]. Бояд гуфт, ки консепсияҳои пеш аз косепсияи неруи инсонӣ мавҷудбуда, боигарии моддиро асоси рушду инкишоф дониста, онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамуданд. Дарвоқеъ, боигарии моддӣ дар ҳаёти инсон нақши муҳим ва ҳалкунанда дорад, аммо он дорои як қатор норасогиҳои дигар мебошад. Масалан, боигарӣ наметавонад, ки барои

рушди демократия, барбарии занон ва мардон, нигоҳ доштан ва рушду инкишоф додани мероси фарҳангии миллат шароитҳои мусоид фароҳам оварад. Ҳамзамон боигарӣ наметавонад, ки адолати иҷтимоӣ ва тартиботи ҷамъиятиро кафолат диҳад. Қайд намудан бамаврид аст, ки талаботҳои инсон танҳо бо афзоиши неъматҳои моддӣ қонеъ намегарданд. Зеро ҳар як инсон мехоҳад, ки умри дароз ва ҳаёти солим дошта бошад, бо илм ва фарҳанг сару кор дошта бошад, фаъолнокии эҷодӣ ва ҷамъиятӣ дошта бошад, муҳити зисти худро ҳифз намуда, дар мувофиқа бо арзишҳои умр ба сар барад. Ҳамаи ин арзишҳо барои одамон неъматҳои аз боигарӣ дида арзандатар буданд, ҳастанд ва дар оянда низ боқӣ мемонанд.

Бинобар ин, неруи инсонӣ ва афзоиши неъматҳои моддӣ доимо бо ҳамдигар дар ҳоли бархурд қарор мегиранд. Барои бартараф намудани чунин мухолифати арзишӣ меъёри зерин пешбинӣ шудааст: «Боигарии миллӣ метавонад имкониятҳои интихоби инсониро васеъ гардонад. Аммо баъзан шояд чунин ҳам нашавад. Дар чунин ҳолат худи боигарӣ меъёри муайянкунанда ба шумор нарафта, балки аз ҷониби мамлакатҳои алоҳида чи гуна истифода гардидани боигарӣ муайянкунандаи он мебошад. То он лаҳзае, ки ҷомеа одамони худро боигарии асосӣ нашуморад, ҳама гуна кӯшиши беҳтар намудани ҳаёти моддии одамон бефоида шуда, ҳадафҳои дарпешгузоштаи давлат низ бенатиҷа боқӣ мемонанд» [2,15]. Бояд гуфт, ки дараҷаи даромадҳое, ки дар мамлакат дида мешавад, дар оянда рушди иқтисодии мамлакатро кафолат дода наметавонад. Агар даромадҳои аз ҷониби давлат ба дастомада то дараҷаи зарурӣ дар самти неруи инсонӣ сармоягузорӣ гардад, пас бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар оянда нишондодҳои иқтисодӣ бо меъёрҳои муосир мувофиқат менамоянд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми консепсияи неруи инсонӣ дар он ифода меёбад, ки мувофиқи принсипҳои он «барои ташкил намудани ҳаёти арзанда барои одамон даромад ва фоидаҳои пулии бузургҳаҷм лозим нест» [2,18]. Даромадҳои барзиёд доираи имкониятҳои интихоби инсониро васеъ менамоянд, аммо оҳиста-оҳиста таъсири чунин омил раванди мазкурро хеле суст мегардонад. Баибораи дигар, даромадҳои бузургҳаҷм дар раванди ташаккули неруи инсонӣ дараҷаи фоиданокиро поён мебаранд. Консепсияи неруи инсонӣ чаҳор воситаеро пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он боло бурдани дараҷаи рушди иқтисодӣ ва неруи инсонӣ таъмин мегардад:

- зиёд намудани маблағгузорӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, омодагии касбии мутахассисон, ташаккули қобилиятҳои инсон, иштироки инсон дар истеҳсолот ва дар тақсими неъматҳо;
- дар миёни одамон ба таври адолатнок таксим намудани боигарӣ ва даромадҳои умумӣ ва бо ин роҳ таъмин намудани асоси моддии рушди неруи инсонӣ;
- ба вуҷуд овардани тавозуни харҷҳои иҷтимоӣ ва бо ин роҳ мустаҳкам намудани пояҳои иқтисодии соҳаи иҷтимоиёт;
- васеъ намудани имкониятҳои одамон барои дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ анҷом додани интихоби худ, диққати ҷиддӣ додан ба гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ, махсусан ба гурӯҳҳое, ки дар гузашта дорои имкониятҳои хеле маҳдуд буданд.

Ҳанӯз дар маърузаи аввалине, ки дар бораи неруи инсонӣ соли 1991 садо дода буд, умед бар он баста буданд, ки дар даҳсолаи оянда, яъне аз соли 1991 то 2001, дар ҳаёти иноснӣ пешрафти ҷиддӣ ба вуқуъ мепайвандад. Аммо дар маърузае, ки соли 2006 садо дод, қайд гардид, ки мутаассифона, барои неруи инсонӣ ҳанӯз меъёрҳои мушаххас қабул нагардидаанд ва агар чунин ҳолат боз идома ёбад, оянда низ ба монанди 16 соли сипаригардида, ҳеҷ гуна муваффақият дар самти неруи инсонӣ ба даст оварда намешавад [2,58]. Бинобар ин, тули солҳои охир аз сари нав дидаборӣ ва коркарди консепсияи неруи инсонӣ имкон фароҳам овард, ки барои дарки пешрафти ҷамъиятӣ муносибати нав ташаккул дода шавад. Ин навбат, пеш аз ҳама, васеъ намудани имкониятҳои интихоби инонӣ ба хотири аз байн бурдани камбизоатӣ ва қашшоқӣ ташаккул дода мешуд. Дар робита бо ин масъала, дар маърузае, ки дар бораи неруи инсонӣ соли 2005 садо дода буд, қайд мегардад, ки танҳо соли 2004 дар давоми як моҳ дар натиҷаи обхезии сунами 300 ҳаз.нафар ҷони худро аз даст додаанд. Аммо ҳар соат дар ҷаҳон зиёда аз 1200 кӯдак мефавтад ва чунин ҳолат ҳеҷ гоҳ диққати васоити ахбори оммаро ба худ то кунун ҷалб накардааст. Сабаби фавти кӯдакон гуногун мебошад. Аммо ҳамаи он сабабҳо аз камбизоатӣ ва қашшоқӣ сарчашма мегиранд. Инак ба хулосае омадан мумкин аст, ки

натиҷаҳои ҳалокатбори сунами дар муқоиса бо натиҷаҳои ҳалокатвори қашшоқӣ хеле ночиз аст. Аммо аз ҳама чизи муҳим ин аст, ки чунин бадбахтиро пешгирӣ намудан мумкин аст» [2,14].

Дар мурочиатномаи Барномаи рушди СММ, ки бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон 10-уми декабри соли 2006 садо дода буд, қайд гардидааст, ки дар давоми панҷ соли охир иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо суръати рекорди афзоиш ёфтааст, аммо фарқият миёни давлатҳои камбизоат ва давлатҳои сарватманд низ рӯз то рӯз меафзояд. Дар баробари ин дар аксари мамлакатҳои дунё нобаробарии дохилӣ ру ба инкишоф мебошад. Зеро дар ин давлатҳо афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ на ҳама вақт боиси беҳтар гардидани зисту зиндагонии мардум мегардад. Дар чунин шароит баъзеҳо манфиатҳои худро ба таври лозима ҳимоя намуда, шумораи зиёди аҳолӣ бошанд дар шароити қашшоқӣ умр ба сар мебаранд. Бинобар ин, масъалаи қашшоқӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам муҳим арзёбӣ мегардад ва аксари одамон аз озодиҳои асосӣ ва ҳуқуқҳои кафолатнок маҳрум гардонида шудаанд. Дар робита бо ин масъала, дар Эъломияи ҳуқуқи башар, ки соли 1948 қабул гардидааст, қайд мегардад, ки ҳамаи одамон новобаста аз ранги пуст, нажод, ҷинс, забон, мазҳаб, афкори сиёсӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва миллӣ ба таври баробар тавлид мегарданд. Озод будан аз қашшоқӣ яке аз ҳуқуқҳои инсон мебошад ва аз ин рӯ, мубориза бар зидди қашшоқӣ бояд ҳамчун раванди таъмини ҳуқуқҳои инсон муаррифӣ карда шавад. Бояд гуфт, ки консепсияи неруи инсонӣ дар чунин шароит ба миён омада, барои бартараф намудани масъалаҳои мазкур хизмат мерасонад ва дар ҳаёти инсонӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Аз нуқтаи назари неруи инсонӣ ташаккули манбаҳои инсонӣ барои фаъолияти истеҳсолӣ дар ду маънои асосӣ фаҳмида мешавад, ки чунин омил яке аз фарқиятҳои асосии консепсияи неруи инсонӣ аз дигар консепсияҳои рушду инкишоф мебошад. Аз як ҷониб чунин раванд ташаккули имкониятҳои инсонӣ дониста шуда (масалан, мустаҳкам намудани солимӣ, ба даст овардани дониш, тақвият бахшидан ба малакаҳои касбӣ ва ғ.), аз ҷониби дигар дар амал татбиқ намудани қобилиятҳои бадастомада барои расидан ба ҳадафҳои истеҳсолӣ мебошад. Гузашта аз ин, як қатор хусусиятҳои дигари консепсияи рушди инсониро низ нишон додан мумкин аст, ки онро аз дигар консепсияҳои рушду инкишоф фарқ мекунонад:

- таҳлили амалӣ гардонидани имкониятҳои неруи инсонӣ;
- ба инобат гирифтани фаъолнокии одамон ҳамчун субъектҳои раванди неруи инсонӣ;
- натанҳо ба кормандони пуриқтидор ва неруманди ҷомеа таваҷҷуҳ карда мешавад, балки кӯдакон ва насли оянда низ дар маркази диққат бояд қарор мегиранд;
- дар доираи консепсияи неруи инсонӣ ояндаи дуру наздик мавриди таҳлил қарор дода мешавад;
- маориф ва маълумот ҳамчун шароити такмили ихтисос ва такмили таҷрибаҳои истеҳсолӣ муаррифӣ нагардида, балки қисми таркибии фарҳанг дониста мешавад;
- эътироф гардидани фаъолнокии ғайриистеҳсолии занон, баробарҳуқуқии онҳо ва баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа;
- афзалиятнок донистани фаъолияти мақомотҳое, ки онҳо дар беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум нақши муҳим бозидаанд;
- такя намудан на танҳо ба ниҳодҳои иқтисодию молиявӣ, балки такя намудан ба фаъолиятҳои ташкилотҳои ҷамъиятию ғайриҳукуматӣ, ибодатхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ [3,44].

Дар давраи муосири муносибатҳои байналмилалӣ бо дарназардошти дигаргуниҳои таърихӣ, омӯзиши мавқеи сиёсатҳо ва сиёсатмадорони нав ба нав, бахусус усулҳои густариши нуфузи онҳо дар арсаи ҷаҳонӣ беш аз беш аҳамият пайдо мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи дурусти сиёсати берунӣ ва «неруҳои инсонӣ» дар саҳнаи байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Худи истилоҳи «неруҳои инсонӣ» дар муқоиса бо «неруи дурушт», ки муносибатҳои иҷбориро ифода менамояд, ҳамчун воситаи пазируфтани қобилияти ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар асоси иштироки ихтиёрӣ, ҳусни таваҷҷуҳ ва ҷозибанокӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста аз он, ки истилоҳи «неруҳои инсонӣ» -ро Ҷ. Най дар аввали солҳои 1990 – ум ба кор бурд, худи консепсияи «неруҳои инсонӣ» дар рисолаҳои илмии чунин муаллифон, ба монанди Г. Моргентау, К. Кнорр, Р. Клайн, и А. Грамши ибтидо мегирад. Масалан, Г. Моргентау нӯҳ неруи асосии миллиро муайян намуд, ки дар байни

онҳо худогоҳии миллӣ, хислати миллӣ, сифати ҳукумат ва сифати дипломатия ба ҳайси сарчашмаҳои ғайримоддии ҳукуматдорӣ эътироф гардидаанд. Ба ибораи дигар, онҳо ба «неруҳои инсонӣ» алоқамананданд. Тасаввурот дар бораи «неруҳои инсонӣ» - ро дар философияи Хитойи Қадим низ, аз ҷумла, дар таълимоти даосизм пайдо кардан мумкин аст. Мишел Фуко, Пиер Бурд ва дигар мутафаккирон баҳои ба ҳамин монандро нисбат ба «неруи инсонӣ» додаанд, аммо Ҷ. Най аввалин шахсе буд, ки ин мафҳумро қатъиян ташаккул ва моҳияти онро кушода дода, маҷмуи консепсияҳои «неруи инсонӣ» -ро дар сиёсат ҷорӣ намуд. Муаллифи консепсияи маънои ин неруро ҳамчун воситаи имконпазири ноил гаштан ба дигар натиҷаҳои дилхоҳ тафсир намуд. Дар амал татбиқ намудани чунин имконият аз захираҳои мавҷуда барои ҷорӣ намудани ҳокимияти дар ихтиёрдошта ва амалан истифода карда тавонистани ин ҳокимият вобаста мебошад. Иқтидорҳои ҳарбӣ ва иқтисодии давлат, ба ақидаи Най, «неруи дурушт»-ро ташкил медиҳанд.

Консепсияи «неруи инсонӣ» таъсиррасонӣ ба рафтори одамонро дар дигар кишварҳо тавассути **«захираҳои ғайримоддии ҳукуматӣ»** дар назар дорад, ки он аз воситаҳои «неруи дурушт» (қувваи ҳарбӣ, пулу сарват) фарқ мекунад. Ба ақидаи Ҷ. Най, «неруи инсонӣ» - и икшварҳо ба се захира - ҷолибияти фарҳанг, нуфузи арзишҳои сиёсӣ ва афзалиятнокии ахлоқии сиёсати берунӣ асос ёфтааст. Ин неру, ба ақидаи Най, сарварони ҷамъиятӣ ва сиёсии кишварҳои дигарро водор менамояд, ки ба сиёсати давлатии истифодабаранди «неруи инсонӣ» бо дарку эҳтироми бузург муносибат намуда, бад-ин восита, барои ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ бе истифодаи захираҳои иқтисодӣ ё ҳарбӣ роҳ кушоянд. Ҳамин тариқ, Ҷозеф Най иқтидори давлатиро ба ду қисм ҷудо намудааст: «неруи инсонӣ» ва «неруи дурушт». Ҳамчунин, вай зикр менамояд, ки дар ҷаҳони муосир аҳамияти «неруи инсонӣ» барои ҳар як давлат бояд рӯ ба афзоиш ниҳад. Бешубҳа, барои таъмини бехатарии миллии давлатӣ соҳиб будан ба «неруи дурушт» воситаи муҳим ба шумор меравад, бо вуҷуди ин, онро эътироф кардан зарур аст, ки танҳо тавассути воситаҳои дурушти таъсиррасонӣ ба афзалиятнокии пурраи сиёсии фаромарзӣ муваффақ гаштан мумкин нест. Дар муқоиса бо чунин таъсиррасонӣ «неруи инсонӣ» имкониятҳои ба даст овардани натиҷаҳоеро фароҳам месозад, ки онҳоро тули муддатҳои мадид маҳфуз дошта, аз фишори доимии кишварҳои хориҷӣ эмин нигоҳ доштан мумкин аст. Дар байни воситаҳои маҳдудгардонии имкониятҳо оид ба истифодаи қувваи ҳарбии давлатҳои мутараққӣ, Най вобастагии байниҳамдигарии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин хароҷоти зиёди марбут ба истифодаи ин ё он намуди силоҳи муосир, аз ҷумла, ядроиро мисол меоварад. Муаллиф зикр менамояд, ки айни замон лутфи кишварҳо хеле аҳамиятнок аст. Бо вуҷуди ин, Най дар он хусус изҳори ақида менамояд, ки неруҳои «инсонӣ» ва «дурушт» бо ҳамдигар алоқаманд ва зич пайвастаанд. Пайвастшавии ин ду неру, ки таносуби онҳо дар стратегияи сиёсати хориҷии давлатҳо вобаста аз шароитҳо ва объектҳои таъсиррасонӣ метавонад тағйир ёбад, ба худ «неруи ақлонӣ» унвон гирифтааст. Мустақилияти «неруи инсонӣ» аз ҳукумат ва давлат дар тавсифи муҳимми яти он равшан ифода меёбад. «Неруи дурушт» бошад, албатта, ба сиёсати давлатӣ хеле бештар пойбанд аст. Чуноне ки муаллифи хитоӣ Лю Тзайтс дуруст зикр менамояд, «дар оянда «неруи инсонӣ»-и диданашаванда ва эҳсоснашаванда ба ҳар ҷо ва дар ҳама ҷо роҳ меёбад ва қобилияти ёзандагӣ дорад». «Неруи инсонӣ», аз рӯйи фаҳмиши Ҷ. Най, ин қобилияти ноил гаштан ба мақсадҳои дилхоҳ тавассути ҷалб кардан, на балки фишор овардан ба шумор меравад. Ин неру бештар ба ҷолибияти фарҳангии давлат асос меёбад. Мавриди зикр аст, ки таваҷҷуҳи муаллифи консепсияи мазкур Ҷ. Най қабл аз ҳама ба омӯзиши «неруи инсонӣ» - и ИМА равона карда шудааст. Вай дар рисолаи асосии илмии худ ҳар яке аз се манбаи дар боло номбурдаи ин неруро, ки дар Амрико истифода бурда мешаванд, муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бо вуҷуди ин, вай ҳамчунин ба он заминаҳои «неруи инсонӣ», ки дигар бозингарони сиёсӣ моликанд ва ё молик хоҳанд шуд, дар арсаи ҷаҳонӣ баҳогузорӣ менамояд. Якчанд саҳифаи рисола ба «неруи инсонӣ» - и Осиё низ бахшида шудааст. Ба ақидаи Най, ҳангоми нашр шудани китоби ӯ (соли 2004) ба захираи номбурдаи Осиё ӯ ҳамчун ба неруи нокифоя, аммо дар оянда дорои қобилияти нақши бузург баҳо медиҳад. Дар тасдиқи гуфтаҳои Най ҳоло бисёр муҳаққиқон афзоиши «неруи инсонӣ»- ро дар Осиё, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Халқии Хитой зикр менамоянд. Дар давлатҳои муосир якчанд воситаи истифодаи усулҳои неруи инсонӣ дар муносибатҳои

байналмилалӣ, ҳамчунин дар сиёсати дохилии худ мавҷуд аст. Қисми зиёди ин воситаҳо дар доираи дипломатияи оммавии онҳо бо дигар кишварҳо ва дигар иштирокдорони муносибатҳои байналмилалӣ чарх мезананд. Дар ин раванд пешниҳоди иттилоот ё ғояҳое, ки субъекти давлатӣ ё ғайридавлатӣ мехоҳад расонад, кофӣ нест, аммо дипломатияи самарабахш ва афзоиши муваффақонаи неруи инсонӣ «дар худ ташкили муносибатҳои дарозмуҳлатро фаро мегирад, ки онҳо барои пешбурди корҳо шароитҳои мусоид фароҳам меоранд». Ин корро бо якчанд воситаҳо ҳал кардан мумкин аст. Масалан, ҳукуматҳо муттасилл ҳамарӯза дар бораи қарорҳое иттилоъ медиҳанд, ки онҳо қабул кардаанд ё қабул карданашонро ба нақша гирифтаанд ва гарчанде ба воситаҳои ватании иттилооти оммавӣ диққати зиёд дода мешавад, неруи инсониро тариқи равона кардани таваҷҷуҳи асосӣ ба воситаҳои ахбори оммаи байналмилалӣ низ ташкил кардан мумкин аст.

Дар баробари робитаҳои ҳамарӯза алоқаҳои стратегӣ низ ба вуқуъ мепайванданд, ки онҳо метавонанд истифодаи рамзҳо, ҳамчунин банақшагирии ширкатҳоро оид ба ҳалли масъалаҳои муайян дар муносибатҳои байналмилалӣ дар бар гиранд. Ниҳоят, дар дипломатия робитаҳои дӯстӣ ҳам дар байни давлатҳо ва ҳам дар байни шаҳрвандони давлатҳои дахлдор хеле муҳим аст. Неруи инсонӣ метавонад дар заминаи чунин муносибатҳо тариқи ҷудо кардани ҷойҳои махсус барои муколамаҳои шаҳрвандон ё барномаҳои ба мубодилаи фарҳангии байни кишварҳои мухталиф мусоидаткунанда рушд ёбад. Аммо фаромӯш набояд кард, ки неруи инсонӣ фақат дар он маврид метавонад амал намояд, ки агар сиёсати пешбаранда ё пешниҳоднамудаи ин ё он давлат барои давлатҳои дигар мусоид бошад. Сиёсати нодуруст наметавонад тавассути неруи инсонӣ ислоҳ ё рупӯш карда шавад, зеро ҳатто рекламаи аз ҳама беҳтарин наметавонад фурӯши маҳсулоти бадсифатро таъмин намояд, сиёсатмадорон бошанд, онҳое, ки ҳамчун тамаъкорон ё мутакаббирони нозуктабъ тасаввур карда мешаванд, назар ба он, ки неруи инсонӣ истеҳсол намоянд, метавонанд онро бештар истеъмол намоянд. Дар ин маврид ҳам неруи инсонӣ ҳатто набояд ба воситаи барномаҳое сохта шавад, ки ин барномаҳо дар навбати аввал бо мақсади мубодилаи иттилоот ё пешниҳоди масъалаҳои муайян ё рӯзномаҳои маҷлисҳо ташкил карда мешаванд. Дар шароити кунунӣ неруи инсонӣ ба муайянкунандагии тасаввуроти муваффақонаи давлатҳои хурд дар саҳнаи ҷаҳонӣ табдил меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти мероси бойи таърихӣ ва нақши тамаддунсози абармардони худ метавонад неруи инсониро барои таъмини манфиатҳои миллӣ ва ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсати берунӣ мавриди истифода қарор диҳад. Масалан, ба ҳайси намуна мо метавонем Норвегияро пеши назар оварем, ки ин давлат новобаста аз хеле маҳдуд будани буҷаи худ дар истифодаи таҷрибаи неруи сабук, дар пешбурди ғояҳои сулҳ ва ташаккули тимсоли сулҳпарваронаи ин давлат комёбиҳои назаррас ба даст овардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо ташаббусҳои башардӯстона ва татбиқи муваффақонаи нақшаҳои сулҳхоҳона шуҳрат пайдо кардааст. Ин ташаббусҳо аз истифодаи консепсияи неруи инсонӣ дар таҷрибаи сиёсати берунии давлати ҷавони мо гувоҳӣ медиҳанд. Дар шароити имрӯза истифодаи неруи инсонӣ дастовардҳои татбиқи дипломатияи фарҳангӣ ва мавқеи устувори кишвари моро дар саҳнаи ҷаҳонӣ таъмин месозад.

Ҳамин тариқ, консепсияи неруи инсонӣ ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ, тақсими хизматрасониҳо ва молу маҳсулотро бо ҳалли масъалаҳои ташаккул ва истифодаи қобилият ва имкониятҳои инсониро бо ҳам муттаҳид намуда, ҳамзамон рушди қобилиятҳои инсониро ҳамчун натиҷаи ниҳоии пешрафти ҷамъиятӣ медонад.

**АДАБИЁТ**


1. Haq Mahbub ul. Reflections on Human Development. NY: OxfordUniversityPress, 1995.
2. UNDP (United Nations Development Programme). 1990. Human Development Report 1990. New York: Oxford University Press. P.10.
3. Бабаджанов Р.М. Компоненты человеческого развития во взаимосвязи с расширением сфер предпринимательства. РТСУ «Создание условий для успешной экономической и коммерческой деятельности граждан Таджикистана в стране и за её пределами». 29 марта Душанбе 2019г. – С.103-110.
4. Бабаджанов Р.М. Проблемы занятости в условиях трансформируемой экономики/Р.М. Бабаджанов//Труд и социальная защита, НИИ труда и соц.защиты населения Республики Таджикистан. Душанбе,2010. - №1(4). – С.12.

5. Барзеева М.А. Формирование и развитие рынка труда в трудоизбыточном регионе/М.А. Барзеева. Москва, 2013. - 178с.
6. Благих И.А., Яковлев А.А. Механизмы влияния частных интересов на государственную экономическую политику. Евразийский международный научно-аналитический журнал «Проблемы современной экономики» №2 (66). Санкт-Петербург 2018г. – С.74-78.
7. Бобков В. Н. Влияние неустойчивой занятости на переходы молодежи на рынке труда / В.Н. Бобков, Е.А. Черных // Уровень жизни населения регионов России. – 2014. – № 3(193). – С. 23-55.
8. Борзенков Р. Территориальные аспекты малого бизнеса и занятость населения// Человек и труд. 2012. - №11. С. 61–63.
9. Вайсбурд В.А. Экономика труда / В.А. Вайсбурд. – М.: Омега-Л, 2011. – 376 с.
10. Васиев Ф.М. (в соавторстве с Джабборов А., Мукимова Н.Р., Садыкова Т.А.). Учебно-методическое пособие по дисциплине «Стратегический менеджмент». Душанбе, 2017. – 123 с.
11. Васиев Ф.М. Стратегия развития занятости населения Республики Таджикистан. «ИРФОН». /Монография/ под общ.ред. д.э.н., профессора Ганиева Т.Б. Душанбе 2018. 306 с. – 19,12 п.л.
12. Ганиев Т.Б. Глобализация и бедность //Экономические проблемы сокращения уровня бедности в Республике Таджикистан / Материалы Республиканской научно-практической конференции.-Душанбе: Диловар – ДДМТ, 2004. – С. 5-15. (на тадж. языке).
13. Ганиев Т.Б. Менеджмент. Непрерывное профессионально-электронное образование. 11 том / Т.Б. Ганиев. - Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 356.
14. Человеческое развитие: новое измерение социально_экономического прогресса. Учебное пособие под общей редакцией проф. В.П. Колесова (экономический факультет МГУ), 2-е издание, дополненное и переработанное. – М.: Права человека, 2008. –С.44.
15. Человеческое развитие: новое измерение социально-экономического прогресса. Под ред. проф. В.П.Колесова. 2-е изд. перераб. и доп. –М.: Права человека, 2008. –С.132.

## НЕРУИ ИНСОНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОН

Дар мақола масъалаи неруи инсонӣ ва хусусиятҳои муҳимми он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф консепсияи неруи инсонӣ ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ, тақсими хизматрасониҳо ва молу маҳсулотро бо ҳалли масъалаҳои ташаккул ва истифодаи қобилият ва имкониятҳои инсониро бо ҳам муттаҳид намуда, ҳамзамон рушди қобилиятҳои инсониро ҳамчун натиҷаи ниҳоии пешрафти ҷамъиятӣ медонад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: баробарҳуқуқӣ, дарознокии умр, консепсия, муҳити солим, некуаҳволии одамон, неруи инсонӣ, ҳадаф, ҳаёти солим, рушди иқтисодӣ, рушди ҷомеа, сармояи инсонӣ, тиҷорати байналхалқӣ, шуғли аҳолӣ.

## ЧЕЛОВЕЧЕСКАЯ СИЛА И ЕЕ ВАЖНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В статье рассматривается вопрос о человеческом потенциале и его важных особенностях. По мнению автора, концепция человеческого потенциала объединяет решение производственных задач, распределения услуг и товаров с решением задач формирования и использования способностей и потенциала человека, и в то же время рассматривает развитие способностей человека как конечный результат общественного прогресса.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** равенство, долголетие, концепция, здоровая окружающая среда, благополучие людей, человеческий потенциал, цель, здоровый образ жизни, экономическое развитие, развитие общества, человеческий капитал, международная торговля, занятость.

## HUMAN POWER AND ITS IMPORTANT FEATURES

The article discusses the issue of human potential and its important features. According to the author, the concept of human potential combines the solution of production problems, the distribution of services and goods with the solution of problems of formation and use of human abilities and potential, and at the same time considers the development of human abilities as the end result of social progress.

**KEYWORDS:** equality, longevity, concept, healthy environment, well-being of people, human potential, purpose, healthy life, economic development, development of society, human capital, international trade, employment.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Лолаев Аҳлидин Азамҷонович*** – магистранти курси дуюми ихтисоси иқтисоди меҳнати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904 17 31 41**

**Сведение об авторе**: ***Лолаев Ахлидин Азамжонович*** – магистр 2 курса специальности экономики труда, Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 904 17 31 41**

**Information about the author**: ***Lolaev Ahlidin Azamjonovich*** – second-year master`s student of specialty of labor economics, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone **(+992) 904 17 31 41**

# ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ДОИРАИ КУМАКИ БЕРУНА

*Абдуллоев А.Х., Раҳматуллоев И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сармоягузориҳои амалкунандаи давлатӣ дар шароити имруза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1 - уми январи соли 2020 бо мақсади ба охир расидани татбиқи якчанд лоиҳаҳои сармоягузории дигар ва шуруъ гардидани лоиҳаҳои сармоягузории нав дар маҷмуъ аз 65 адад (22 лоиҳаи грантӣ, 10 лоиҳаи қарзӣ ва 33 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат буда ва инчунин маблағи умумии он 32,1 млрд. сомонӣ ё 3,32 млрд. долларро ташкил додааст. Сохтори ҷамъи лоиҳаҳои сармоягузории амалкунанда ба маблағи қарзӣ дар ҳаҷми 16,9 млрд. сомонӣ ё 1,75 млрд. доллари ИМА, (52,6 фоиз), маблағи грантӣ 13,6 млрд. сомонӣ ё бо асъори хориҷӣ 1,41 млрд. доллари ИМА (42,4 фоиз), саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 млрд. сомонӣ, бо асъори хориҷӣ 144,6 млн. доллари ИМА (4,4 фоиз) ва аз сарчашмаҳои дагар, аз ҷумлаи он саҳми корхонаҳои амалкунандаи давлатӣ дар ҳудудӣ мамлакат, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо ва ғайра дар маҷмуъ ба маблағи 190,7 млн. сомонӣ ё 19,7 млн. доллари ИМА (0,6 фоиз) - ро ташкил додааст.

Диаграмаи №1




Сарчашмаи маблағгузории маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда асосан аз чунин манбаҳои зерин иборатанд, ки аз ҷумлаи онҳо: Бонки Осиёгии Рушд 889,6 млн. доллар ё 26,8 фоизи маблағи умумии портфел, Бонки Умумиҷаҳонӣ 575,6 млн. доллар ё 17,4 фоиз, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 490,4 млн. доллар ё 14,8 фоиз, Ҷумҳурии Халқии Хитой 479,4 млн. доллар ё 14,4 фоиз, Бонки Исломии Рушд 143,9 млн. доллар ё 4,3 фоиз, Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ 89,7 млн. доллар ё 2,7 фоиз, Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ 87,5 млн. доллар ё 2,6 фоиз, Фонди Саудии Рушд 85,0 млн. доллар ё 2,6 фоиз, Бонки Олмонии Рушд 55,3 млн. доллар ё 1,7 фоиз, Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ 53,1 млн. доллар ё 1,6 фоиз, Фонди Қувейтии рушди иқтисодии Араб 42,5 млн. доллар ё 1,3 фоиз, дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ /давлатҳои донор 163,9 млн. доллар ё 4,9 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 144,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз ва дигар сарчашмаҳо (саҳми корхонаҳои давлатии ватанӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо ва ғ.) 19,7 млн. доллар ё 0,6 фоиз.



Дар давоми соли 2019 – ум бошад дар маҷмуъ лоиҳаҳои сармоягузории амалкунанда ба маблағи 3,16 млрд. сомонӣ ё 326,1 млн. доллари ИМА азхуд гардидааст, ин дар маҷмуъ бошад ба маблағи 91 фоиз дар нақша пешбинишударо дар соли ҳисоботи молиявӣ (нақшаи молиявии умумии соли 2019 – 3,5 млрд. сомонӣ ё 360,1 млн. доллари ИМА баробар гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- соҳаи энергетикаи мамлакат дар маҷмуъ 12 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағӣ 107,9 млн. доллари ИМА, бо асъори миллӣ бошад 1,05 млрд. сомониро ташкил додааст ё ин ки тибқи нақша 86 фоизро дар нақшаи молиявии соли 2019 ташкил додааст;
- хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт 10 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағӣ 90,6 млн. доллари ИМА ё бо асъори дохилӣ 817,0 млн. сомонӣ, тибқи нақша бошад 99 фоизро ташкил додааст;
- ирригатсия /обёрӣ дар маҷмуъ 5 лоиҳаи сармоягузорӣ ё ба маблағи 26,1 млн. доллари ИМА, бо асъори дохилӣ бошад 252,6 млн. сомониро ташкил намуда, тибқи нақша 98 фоизро ташкил додааст;
- соҳаи маориф дар маҷмуъ 4 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 24,9 млн. доллари ИМА, бо асъори дохилӣ бошад ба маблағӣ 241,0 млн. сомониро ташкил дода тибқи нақша 121 фоизро ташкил мекунад;
- хоҷагии манзилию коммуналӣ дар доираи 16 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 21,4 млн. доллари ИМА, бо асъори дохили бошад 207,5 млн. сомониро ташкил дода тибқи нақша 72 фоизро ташкил мекунад;
- соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар маҷмуъ 6 лоиҳаи сармоягузори ба маблағи 17,7 млн. доллари ИМА, бо асъори миллӣ бошад ба маблағи 171,3 млн. сомонро ташкил намуда тибқи нақшаи тасдиқшуда 87 фоизро ташкил додааст;
- экология ва ҳолатҳои фавқулода дар маҷмуъ 5 лоиҳаи сармоягузорӣ ё бо маблағи хориҷӣ 9,6 млн. доллари ИМА, бо асъори миллӣ бошад ба маблағӣ 92,7 млн. сомониро ташкил дода, тибқи нақша 89 фоизро ташкил мекунад;
- бахши молияи мамлакат (аз ҷумла, қисматҳои «маблағгузории хурд»-и лоиҳаҳо) дар маҷмуъ 5 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи хориҷӣ 7,4 млн. доллари ИМА, бо асъори миллӣ бошад ба маблағӣ 71,8 млн. сомониро ташкил дода, тибқи нақшаи пешбинишуда 74 фоизро ташкил медиҳад;
- соҳаи кишоварзӣ дар мачмуъ 3 лоиҳаи сармоягузорӣба маблағи хориҷӣ 8,7 млн. доллари ИМА, бо асъори миллӣ бошад ба маблағи 84,2 млн. сомониро ташкил дода, тибқи нақшаи тасдиқшуда 97 фоизро фарогир мебошад;
- дигар соҳаҳо дар мачмуъ 3 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи хориҷӣ 11,8 млн. доллари ИМА, бо асъори миллӣ бошад ба маблағи 114,7 млн. сомониро ташкил намуда тибқи нақша бошад 76 фоизро ташил додааст.

Барномаҳои саромягузории давлатӣ, аз ҷумла грантҳо ва сохтмони асосӣ дар солҳои 2012-2014 – 99 лоиҳаро фарогир буда ҷамъи маблағи он ба 15324,95 млн. долл. ИМА мерасад. Аз шумораи ин 26 лоиҳаҳои амалкарда бо маблағи умумии 1 332,7 млн. долл. ИМА ва 73 лоиҳаи сармоягузории нав бо маблағи 13 992,2 млн. долл. ИМА ҳисоб додаанд. Маблағи барои се соли дарназардошта маблағгузорӣ дар ҳаҷми –3 879,1 млн. долл. ИМА пешбинӣ шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, бо мақсади хубтар таъмин намудани эҳтиёҷоти лоиҳаҳои нав Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳоро барои ҷалби маблағҳои грантӣ андешида истодааст.

Дар барномаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ самтҳои афзалиятноки тараққиёти саноат ва хоҷагии қишлоқ, ки барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт мусоидат менамоянд, муайян карда шудааст. Миқдори зиёди барномаю лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба самтҳои афзалиятноки рушди инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт таҳия карда шуда истодааст. Дар робита ба ҳамин Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар сомони интернетии худ самтҳои афзалиятноки сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст. Чунки рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ - соҳаи энергетикӣ, кишоварзӣ саноат ва инфраструктура имкон

медиҳад, ки тавассути такмил додани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, барои рушд ва суръати иқтисодиёти миллӣ асоси боэътимод гузошта шавад. Тайи солҳои охир воридшавии сармоя, аз ҷумла сармоягузории мустақим ба соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ афзоиш ёфта истодааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар солҳои 2007 - 2019 ба соҳаҳои энергетика ҳамчун ҳадафи стратегӣ - 596,8 млн. долл. ИМА, алоқа бошад - 407,8 млн. долл. ИМА, воридоти маблағ рост меояд. Соҳаи сохтмон ҳам, ки яке аз соҳаи сердаромад маҳсуб меёбад – 358,8 млн. долл. ИМА ва ба хизматрасонии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 420,0 млн. долл. ИМА, равона шудааст. Ба омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 1191,9 млн. долл. ИМА, саноат – 749,7 млн. долл. ИМА, савдо – 36,1 млн. долл. ИМА, саноати хӯрока – 34,2 млн. долл. ИМА, тандурустӣ - 5 млн. долл. ИМА, кишоварзӣ – 101,4 млн. долл. ИМА, сайёҳӣ – 28,2 млн. долл. ИМА, маориф - 46,3 млн. долл. ИМА, нақлиёт – 119,8 млн. долл. ИМА, саноати сохтмонӣ – 149,2 млн. долл. ИМА ва дигар соҳаҳо – 95,6 млн. долл. ИМА равона шудааст. Омиллӣ асосӣ ва таҳкурсии иқтисодии ҳар давлат рушди соҳаи энергетика мебошад аз ҳамин лиҳоз, барои пешрафти он зарурати ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ пеш меояд, зеро ки талабот ба истташкили неруи барқ дар ҷаҳон сол то сол меафзояд. Тавре мутахассисони соҳа ҳисоб намудаанд, тайи солҳои охир танҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳар сол 150 миллиард киловатт/соат қувваи барқ истташкил мешавад. Талабот ба неруи барқ, махсусан дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии исломии Покистон ва Ҷумҳурииии исломии Эрон низ ҳамасола меафзояд. Давлати ҳамсоя Афғонистон ва шарики стратегии мо Федератсияи Россия тайёранд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барқ харидорӣ намоянд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурии мо сарчашмаи истеҳсоли неруи барқ об аст ва он захираҳои адонашаванда ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги неруи барқи обӣ метавонад дар ҳалли ин масъалаи глобалии сайёра саҳм дошта бошад. Аз дигар тараф, истташкили гидроэнергетикаи Тоҷикистон барои маҳдудсозии хориҷӣ газҳои парникӣ ба муҳити зист мусоидат менамояд. Афзалияти рушд додани гидроэнергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз марҳилаҳои аввали даврони шуравӣ лоиҳагирӣ шуда, иҷрои он оғоз ёфта буд.

Аз нимаи дувуми солҳои 70-уми асри гузашта дар Тоҷикистон сохтмони НБО «Роғун» ва «Сангтуда» оғоз ёфта буданд. Махсусан НБО-и Роғун, метавонист Тоҷикистонро аз ҷиҳати истеҳсол ва содироти неруи барқ дар системаи ягонаи энергетикии ҷаҳон ба яке аз зинаҳои аввал бароварда ва ба иқтисодиёти миллӣ таъсири бебаҳо расонад. Вале бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ системаи ягонаи энергетикӣ низ барҳам хӯрд ва сохтмонҳои ин ду неругоҳҳои барқи обии қаламрави мо нотамом монданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи энергетика диққати махсус дода, бо истташкил аз нуфузи рӯзафзуни сиёсӣ бобати эҳёи сохтмонҳои нотамоми гидроэнергетикӣ, таҳияи сохтмонҳои нав, таҷдиду модернизатсияи иқтидорҳои мавҷуда бо таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки дар масъалаи таҳия ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, таъмини шаффофияти хариди мавод ва таҷҳизот, воридоти нерӯи барқ, амалӣ намудани сиёсати дурусти кадрҳо, кам кардани хароҷоти ғайри истеҳсолӣ дар соҳаи энергетика камбудиву норасоиҳо ҳанӯз мавҷуданд ва сол то сол ислоҳ карда шуда истодаанд. Айни ҳол сохтмони неругоҳи барқии обии «Роғун» бо иқтидори 3600 МВт ва дигар неругоҳҳои барқии обии хурду миёна дар ҷумҳурӣ босуръат идома дорад.

Соҳаи энергетика яке аз соҳаҳои калидии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, рушди соҳаҳои саноат ва дигар бахшҳои хоҷагии халқ аз рушди ин соҳа вобастагии зич дорад. Имрӯзҳо дар саросари ҷаҳон масраф ва истташкилбарии неруи барқ мунтазам афзоиш меёбад. Бино ба маълумоти Агентии байналмилалии энергетика, истташкили неруи барқ дар солҳои 1990-2008 ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ 10% зиёд шудааст. Бахусус барои истеҳсоли неру аз ҳисоби энергияи барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тоза таваҷҷуҳ бештар мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Проблемы и перспективы реализации экспертного потенциала Республики Таджикистан через привлечение иностранных инвестиций: Монография/ Б.Г. сафаров, А.А. Солиев.-Д.: Ирфон 2006.-144с.

2. Саидмуродов Л.Х. Открытая экономика Республики Таджикистан: макроэкономическое равновесие в условиях внешнего инвестирования " Б. М; / Л.Х.Саидмуродов. - Душанбе, 2004 " 144 с.
3. 20 соли истиқлолият: сармоягузорӣ, хусусигардонӣ, соҳибкорӣ.Саидов Д.Ш., Эшонкулов А.С., Наҷмиддинов А.Ю., Раҳматбоев Ш.М.. Душанбе, «Офсет», 2011. 304 с.
4. Ашуров Н, Лалбеков И., Муомилоти пулӣ, қарз ва бонк. Душанбе: «Матбуот»-2006.
5. Инвестиционное право: Учебник/ Р.Б. Бозоров.-Д.: Матбуот,2008.-480с.

**ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ДОИРАИ КУМАКИ БЕРУНА**

Дар мақола мавзуи таҳлили равандҳои сармоягузорӣ дар доираи кумаки беруна баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки сармоягузориҳои амалкунандаи давлатӣ дар шароити имруза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1 - уми январи соли 2020 бо мақсади ба охир расидани татбиқи якчанд лоиҳаҳои сармоягузории дигар ва шуруъ гардидани лоиҳаҳои сармоягузории нав дар маҷмуъ аз 65 адад (22 лоиҳаи грантӣ, 10 лоиҳаи қарзӣ ва 33 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат буда ва инчунин маблағи умумии он 32,1 млрд. сомонӣ ё 3,32 млрд. долларро ташкил додааст. Ҳамчунин, дар мақола маълумот оиди барномаҳои сармоягузорӣ дар солҳои 2012-2014 ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соли 2019 маълумот овардааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сармоягузорӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ, сармоягузориҳои давлатӣ, сармоягузориҳои амалкунанда, ҳисоботи молиявӣ, асъори хориҷӣ, асъори миллӣ.

**АНАЛИЗ ИНВЕСТИЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ ВНЕШНЕЙ ПОМОЩИ**

В статье рассматривается анализ инвестиционных процессов в сфере иностранной помощи. Автор отмечает, что текущие государственные инвестиции в Республике Таджикистан по состоянию на 1 января 2020 года в целях завершения реализации ряда других инвестиционных проектов и начала новых инвестиционных проектов в общей сложности из 65 единиц (22 грантовых проекта, 10 кредитных проектов) и 33 проекта (софинансирование, кредиты и гранты) общей стоимостью 32,1 млрд долларов. сомони или 3,32 млрд. долларов. Также в статье представлена информация об инвестиционных программах на 2012-2014 годы и инвестиционных проектах на 2019 год.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** инвестиции, иностранные инвестиции, государственные инвестиции, текущие инвестиции, финансовая отчетность, иностранная валюта, национальная валюта.

**ANALYSIS OF THE INVESTMENT PROCESSES OF EXTERNAL AID**

The article deals with the analysis of investment processes in the field of foreign aid. The author notes that the current state investments in the Republic of Tajikistan as of January 1, 2020, in order to complete the implementation of a number of other investment projects and start new investment projects, a total of 65 units (22 grant projects, 10 loan projects) and 33 projects (co-financing, loans and grants) with a total value of $32.1 billion. somoni or 3.32 billion dollars. The article also provides information on investment programs for 2012-2014 and investment projects for 2019.

**KEYWORDS**: investments, foreign investments, public investments, current investments, financial statements, foreign currency, national currency.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдуллоев Х.Н.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Раҳматуллоев И.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси 25010410. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах**: ***Абдуллоев А.Х.*** – Таджикский национальный университет, к.э.н доцент кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Рахматуллоев И.***– Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности 25010410. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors**: ***Abdulloev A.Kh.*** – Tajik National University, c.e.s. associate professor of the Department of Finance and Insurance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Rahmatulloev I.*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty 25010410. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# АФЗАЛИЯТИ ИСТИФОДАИ ОМИЛҲОИ СИЁСАТИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

***Саидалиев И., Тоҷибоев Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воридотивазкунӣ ҳамчун сиёсати иқтисодии давлатӣ сиёсати оқилонаи дарозмуддати давлатиро оид ба ратсионализатсия ва оптимизатсияи ҳаҷми воридоти молҳо тавассути ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолкунандагони ватанӣ ва бавосита танзими воридот тавассути истифодаи воситаҳои протексионистӣ дар назар дорад».

«Воридвазкунӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ системаи муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, ки ба ивази молҳои воридотӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва дигаргуниҳои сохторӣ мутобиқи қонунҳои рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат ва принсипҳои рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ нигаронида шудааст. Воридотивазкунӣ ҳамчун раванди иқтисодӣ раванди объективии табиии афзоиши истеҳсол, истеъмол ва содироти минбаъдаи молу хизматрасониҳои ватаниро бо камшавии истеъмоли аналогҳои воридотӣ инъикос менамояд, ки бо сатҳи баланди рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодӣ нисбат ба молҳои воридотӣ муайян карда мешавад.

Нуқтаи муҳимми муайян кардани шаклҳои зуҳури воридотивазкунӣ муайян кардани ҳадафҳо мебошад. Дар асоси нуктаҳои баррасишуда оид ба хусусияти воридотивазкунӣ якчанд ҳадафҳоро муайян кардан мумкин аст: аввал, барномаи воридотивазкуниро метавон амалӣ кард, то тавозуни мусбати савдоро таъмин намояд; дуюм, бо мақсади мустаҳкам намудани амнияти иқтисодии мамлакат ба амал баровардан мумкин аст; сеюм, воридотивазкуниро метавон бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолкунандагони ватанӣ ва фароҳам овардани дастгирии баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо амалӣ кард; чорум, воридотивазкуниро бо мақсади паст кардани дараҷаи вобастагии воридот татбиқ кардан мумкин аст; панҷум, воридотивазкуниро метавон ҳамчун чораи маҷбурии пур кардани бозори дохилӣ бо молҳои муайян дар шароити татбиқи навъҳои гуногуни таҳримҳо алайҳи кишвар амалӣ кард. Воридотивазкунӣ – сиёсати давлатӣ мебошад, ки ба ратсионализатсияи воридоти молу хизматрасонӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти шабеҳ, таъсиси корхонаҳои нав дар кишвар, аз ҷумла бо иштироки сармояи хориҷӣ барои ташкили истеҳсоли маҳсулоте, ки қаблан ворид карда мешуд, равона карда шудааст. Сиёсати ивазкунии воридот дар Ҷумҳурии Беларус васеъ намудани ҳиссаи таъмини бозори дохилиро бо молҳои ватанӣ дар назар дорад. Гузашта аз ин, вазифаи асосии он на ивази механикии моли воридотӣ бо ҳамтоёни ватанӣ, балки рушди истеҳсолоти миллии рақобатпазир мебошад. Рушди иқтидори сармоягузории воридотивазкунанда афзоиши иқтисодиёти ҶШС Тоҷикистон Истифодаи потенсиали мавҷудаи хоҷагии халқ барои расидан ба маҷсадҳои тараққиёти сотсиалию иқтисодӣ, ҳамчун таҷрибаи ҷаҳониро нишон медиҳад, дар сурати мавҷудият ва оқилона имконпазир аст. Дар шароити иқтисодиёти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон рафъи оқибатҳои бухрони табдилдиҳии истеҳсолоти камро метавон ба ин вазифаҳо илова кард. Дар ҳар сурат, бо ҳама гуна дастурҳои мақсаднок барои татбиқи барномаи воридотивазкунӣ, бо истифодаи моҳирона унсурҳои сиёсати протексионистӣ имконпазир аст. Инкишофи системаҳои иқтисодӣ дар амалияи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бе дахолати фаъолонаи давлат рафъи хама гуна шаклҳои кризисҳо ва оқибатҳои онҳо имконнопазир аст. Бояд қайд кард, ки умқи чунин дахолат, пеш аз ҳама аз дараҷаи мушкилоти дучоршуда ва сабабҳои онҳо вобаста аст. Бо истифода аз усули робитаҳои сабабу натиҷа, муайян кардан осон аст, ки кадом сабабҳо ба бухрони тағйирёбии истеҳсолоти камбизоатӣ оварда расониданд ва оқибати он чӣ гуна аст. Алоқамандии сабабҳои бӯҳрони трансформатсионии камистеҳсол ва оқибатҳои он дар шакли бекории музмини даврӣ, рукуди сектори истеҳсолот, деформатсияи сохтори иқтисоди миллӣ ба самти деиндустриализатсия, даромади пасти ҳар сари аҳолӣ, муҳоҷирати маҷбурии қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи баланди вобастагии воридот ва ғайра зарурати амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои марбут ба сиёсати иқтисодӣ ва нақши танзимкунандаи давлатро нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, роли танзимкунандаи давлатро дар ин вазъияти душвор бо мураккабии зуҳуроти оқибатҳои рафъи кризиси табдилдиҳии камистеҳсолот муайян кардан мумкин аст. Ин маънои пурзӯр намудани нақши давлат дар рафъи оқибатҳои қайдшуда ва ба вуҷуд омадани хатарҳои нав барои тамоми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

Нишондиҳандаҳои тараққиёти истеҳсолоти саноат чи аз ҷиҳати физикӣ ва чи аз ҷиҳати нисбӣ дар бораи имкониятҳои реалии воридотивазкунии ин соҳаи ҳаётан муҳимми хоҷагии халқ шаҳодат медиҳанд. Тавассути истифодаи оқилонаи имкониятҳои мавҷуда воридоти маҳсулоти саноатиро аз ҳисоби барқарор кардан ва танзими бисёр намудҳои он дар корхонаҳои кишвар, ки қодир ба истеҳсоли маҳсулоте мебошанд, ки аз рӯи хусусиятҳои фарққунандаи худ бо ҳамтоҳои воридотӣ рақобат карда метавонанд, хеле кам карда шавад. Ин хусусан ба хароҷоти факторӣ барои истеҳсоли ин молҳо дахл дорад. Ба касе пӯшида

нест, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои қувваи кории арзон ва қодир ба истеҳсоли арзиши баланди изофӣ мебошад. Далели дигари он, ки дар саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаҳои воридотивазкунанда имкониятҳои калон мавҷуд аст, далели раднопазири он аст, ки аз рӯи сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ, дараҷаи ҷалби неруҳои табиӣ ва ресурсхои мехнатӣ дар хоҷагии халқ, Ҷумҳурии Точикистонро ба минтақаи тараққиётн ибтидоӣ мансуб кардан мумкин аст. Набудани бозори такрории коғазҳои қиматнок монеаи тараққиёти саноати республика шуда истодааст. Маълум аст, ки дар шароити шумораи зиёди корхонаҳои дорои шакли саҳомии моликият мавҷудият ва фаъолияти самараноки бозори такрории коғазҳои қиматнок ҳамчун механизми интиқоли маблағ дар таъмини молиявии корхонаҳо амал мекунад. Аммо аз сабаби мавҷуд набудани ин механизм корхонаҳое, ки ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ташкил шудаанд, имкони ҷалби захираҳои молиявиро барои фаъолияти муътадили худ надоранд. Аз ин рӯ, бо мақсади рафъи таназзули трансформатсионии истеҳсоли ками истеҳсолот дар бахши саноат ва тасҳеҳи стратегияи рушди воридотивазкунандаи он зарур дониста мешавад, ки барои танзим ва фаъолияти бозори такрории коғазҳои қиматнок тадбирҳои мушаххас таҳия карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки дар саноат нарасидани ресурсҳои молиявӣ то андозае бартараф карда шуда, ба қадри имкон дараҷаи кофии истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоте, ки ҳозир аз хориҷа оварда мешаванд, таъмин карда шавад. Ҳамин тариқ, ҳангоми ҷамъбасти баррасии имкониятҳои рушди саноати воридотивазкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуктаҳои муҳимми зеринро аз нуқтаи назари тадқиқоти мо қайд кардан мумкин аст: шароити эҳтимолии эҳтимолии такрористеҳсоли бахши саноат дар давоми сол аз даст рафтааст, вайрон кардани комплекси ягонаи хоҷагии халқи республикаҳои иттифоқӣ ва ташаккули иқтисодиёти бозорӣ дар РСС Точикистон; сарфи назар аз баъзе ҷиҳатҳои мусбати тараққиёти саноат дараҷаи истифодабарии иқтидорҳои мавҷуда хеле паст аст; Дар давраи дигаргунсозии иқтисодӣ аз соли 1990 то соли 2019 Тоҷикистон натавонист, ки давраи пеш аз ислоҳоти ягон намуди маҳсулоти саноатро аз сар гузаронад. Инчунин, бояд гуфт, ки дар рафти дар саноат ҷорӣ намудани воридотивазкунӣ бо мақсади ба таври максималӣ истифода бурдани тамоми иқтидори мавҷуда тараққиёти ин соҳа бояд асосан экстенсив бошад. Ин маънои аз истифодаи омилҳои интенсивӣ бегона карданро надорад, балки баръакс, бо ҳам пайвастан ва пайвастагии онҳоро талаб мекунад. Гап дар сари он аст, ки хар як намуди тараққиёт дар якҷояги мутақобила ва бо ҳам пайвастани зич мушоҳида мешавад. Тараққиёти асосан экстенсивии саноатро дар Ҷумхурии Точикистон бо он шарҳ додан мумкин аст, ки аз нав барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ва ташкили корхонаҳои нав аз рӯи характери онҳо унсурҳои экстенсивии тараққиёт хос аст. Афзалияти истифодаи омилҳои экстенсивӣ дар иртибот ба интенсификатсияи истеҳсолот аз он иборат аст, ки хеле зиёд шудани захираҳои меҳнатӣ ва шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои шуғли онҳоро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ба фикри мо, тараққиёти воридотивазкунаидаи саноат бояд дар навбати аввал характери экстенсивӣ дошта бошад. Дар айни замон ин гуна тараққиёти саноат бояд бо нав кардани техника ва технологияи истеҳсолот равона карда шавад.

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

Якум, барои истифода бурдани иқтидори саноат тараққиёти онро асосан аз ҳисоби омилҳои экстенсивӣ таъмин кардан лозим аст. Дар ин ҷо сухан дар бораи васеъ намудани миқёси истеҳсолот ва зиёд кардани шумораи корхонаҳои саноатие меравад, ки қодиранд молҳои воридотиро аз бозори дохилӣ ҷойгир кунанд ва бо ҳамин ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави доимӣ;

Сониян, тараққиёти саноати республика бояд дар мархалахои аввал ба пур кардани бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолии халқ бо ба бозорхои хориҷӣ дохил шудани минбаъда нигаронида шавад, ки ин ногузир баланд бардоштани қобилияти рақобати молҳои истеҳсолшаванда, худи корхона, саноат ва умуман иқтисодиёт;

Сеюм, фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои бекорхобидаи саноатӣ аз ҳисоби навсозии васеи протсесси технологӣ аз нав барқарор карда, истеҳсоли молҳои рақобатнок таъмин карда шавад.

Чорум, тадбирҳои ба роҳ мондани кооператсия ва махсусгардонии агломератсияю корхонаҳои саноатӣ, ба роҳ мондани тақсимоти меҳнат дар дохили кишвар ва ба назар

гирифтани ин лаҳзаҳо ҳангоми ташкили корхонаҳои нав бо мақсади кам кардани хароҷоти муомилот зарур аст;

Дар ниҳояти кор ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат то ба дараҷаи солҳои 90-ум ноил гардида, саноати истеҳсолкунанда, махсусан саноати сабукро бо роҳи аз нав барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои бекорхобидаи хусусигардонӣ бо суръати тез тараққӣ додан лозим аст.

## АДАБИЁТ


1. Абалкин Л.И. Логика экономического роста. - М.: /РАН, Ин-т эк-ки. 2002.228 с.
2. Абрамов М. Д. Модернизация России: проблемы и первоочередные меры по их решению в 2018-2019 годах // Большая Евразия: Развитие, безопасность, сотрудничество. 2018. .№1-1.
3. Авезова М.М. Теоретические основы и особенности формирования национальной внешнеторговой политики в малой экономике (на примере Республики Таджикистан). автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономических наук. Худжанд, 2013. 38с.
4. Асроров И.А., Бондарь В.П., Бронштейн Я.Т., Поляруш Е.И. Рахимов Р.К. Таджикистан: экономический рост и эффективность / И.А.Асроров. - Из-во «Ирфон», Душанбе, 1972.
5. Байматов А.А. Либерализации ВЭД и степень открытости региональной экономики. Вестник Волгоградского института бизнеса. №2 3(32) 2015г. с.18-23.
6. Бодрунов С.Д. Теория и практика импортозамещения: уроки и проблемы / монография / СПб.: ИНИР им. С.Ю. Витте,2015. - 171 с.
7. Бокарева Л. Факторы производства. - М.: Экономист. 1996.
8. Брагина Е. Постепенность экономических реформ. //Мировая экономика и международные отношения. 1999. - .№7 - С. 39-46.
9. Бузгалин А. Альтернативы модернизации рыночной экономики / А.Бузгалин. - М.:1997.
10. Вардомский Л., Шурубович А. Модернизация экономики в странах СНГ: типы, ресурсы, инструменты. // Экономическое обозрение ЕврАзЭС. - 2008. .№1 (13). С. 4-8.
11. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан за 2000, 2005, 2009, 2013, и 2014 гг.
12. Ганиев Т.Б. Менечмент. Китоби II: Ташкили фаъолиятхо / Т.Б.Ганиев. - Душанбе 2016. Ирфон. 544 с.
13. Дустбоев Ш. Д., Мирзоев Т.Х., Умаров Х.У. «Бедность и пути ее снижения» / Ш.Д.Дустбоев. - Душанбе 2000г. С- 41.
14. Жемкова А. М., Каукин А. С., Миллер Е. М. Динамика промышленного производства в 2018 г.: рост в добывающем секторе // Экономическое развитие России. 2019. №2.


## АФЗАЛИЯТИ ИСТИФОДАИ ОМИЛҲОИ СИЁСАТИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ


Мақола ба як масъалаи таъхирнопазир бахшида шудааст, ки ҳалли он имкон медиҳад, ки воситаҳои мавҷудаи арзёбии барномаи воридотивазкунӣ дар ҶТ тағйир дода шаванд. Мақсади тадқиқоти мазкур таҳлили таҷрибаи татбиқи ҷанбаҳои воридотивазкунӣ дар сатҳи минтақавӣ ва дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ, инчунин муайян намудани вазифаҳо ва натиҷаҳои интизоршаванда то соли 2020 мебошад. Мавзуи тадқиқот имкониятҳо ва маҳдудиятҳои татбиқи сиёсати воридотивазкуниро ҳамчун усули ба эътидол овардани иқтисодиёт ташкил медиҳад. Аксари кишварҳои ҷаҳон марҳилаи маҳдудсозии воридотро аз сар гузаронида, раванди воридотивазкуниро дар ҷараёни индустриализатсия ҳавасманд намуда, дар айни замон чунин сиёсатро идома медиҳанд. Гузориши тиҷорат ва рушди ЮНКТАД, ки ҳамасола нашр мешавад, таъсири индустрикунонии ивазкунандаи воридотро ба рушди иқтисодии кишварҳо қайд кардааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** воридот, содирот, савдо, мол, саноат, рушд.


## ПРЕИМУЩЕСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВАЖНЫХ ФАКТОРОВ ПОЛИТИКИ


Статья посвящена актуальной проблеме, решение которой позволит изменить существующий инструментарий оценки программы по импорт замещению в РТ. Целью данного исследования является анализ практики применения аспектов импорт замещения на уровне регионов и в стране в целом, а также определение задач, ожидаемых результатов к 2020 году. Предметом исследования являются возможности и ограничения реализации политики импортозамещения как метода стабилизации экономики. Большинство стран мира проходили стадию ограничения импорта и стимулировали у себя процесс импорт замещения при индустриализации, а также продолжают практиковать такую политику в настоящее время. В ежегодно публикуемых "Докладах о торговле и развитии" ЮНКТАД отмечали влияние импортозамещающей индустриализации на экономический рост стран.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** импорт, экспорт, торговля, товар, промышленность, развития.


## ADVANTAGES OF USING IMPORTABLE POLICY FACTORS.


The article is devoted to an urgent problem, the solution of which will make it possible to change the existing assessment toolkit for the import substitution program in the Republic of Tajikistan. The purpose of this study is to analyze the practice of applying the aspects of import substitution at the regional level and in the country as a whole, as well as to determine the tasks and expected results by 2020. The subject of the research is the possibilities and limitations of the implementation of the import substitution policy as a method of stabilizing the economy. Most of the countries of the world have passed the stage of import restrictions and stimulated the process of import substitution during industrialization, and

they continue to practice such a policy at the present time. The UNCTAD Trade and Development Reports, published annually, noted the impact of import substitution industrialization on the economic growth of countries.

**KEYWORDS:** import, export, trade, goods, industry, development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сайдалиев Илҳом*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон. E-mail: **silhom@mail.ru.** **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918637865.**
***Тоҷибоев Ҷаҳонгир*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах:** ***Сайдалиев Илхом*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса специальности мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **silhom@mail.ru.** Телефон: **918637865.**
***Тоджибоев Джахонгир*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors:** ***Saidaliev Ilhom*** – Tajik National University, 2nd year master's student, specialty of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail **silhom@mail.ru.** Phone: **918637865.**
***Tojiboev Jahongir*** - Tajik National University, 2nd year master's student, specialty of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

## ХУСУСИЯТҲОИ ВАЗЪИ МУҲОҶИРАТ ДАР ФАЗОИ ИДМ

***Охунов М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Меъёри андоз аз объекти молу мулки ғайриманқул вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объекти молу мулки ғайриманқул ва мақсади истифодабарии он бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо коэффитсиенти танзимкунанда дар миқёси шаҳру ноҳияҳо муайян карда мешавад. Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул, вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объектҳои ғайриманқул ва мақсади истифодабарии онҳо бо фоиз аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо назардошти коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо, ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад:

а) барои объектҳои ғайриманқуле, ки ҳамчун биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, инчунин биноҳои ёрирасони онҳо истифода мешаванд:

- то 90 метри мураббаъ - 3 фоиз;
- аз 90 то 200 метри мураббаъ - 4 фоиз;
- зиёда аз 200 метри мураббаъ - 6 фоиз;

б) барои объектҳои ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, намудҳои дигари хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифода мешаванд:

- то 250 метри мураббаъ - 12 фоиз;
- аз 250 то 500 метри мураббаъ - 15 фоиз;

- зиёда аз 500 метри мураббаъ - 18 фоиз;

в) барои объектҳои ғайриманқуле, ки барои амалӣ намудани намудҳои дигари фаъолият истифода мешаванд:

- то 200 метри мураббаъ - 9 фоиз;
- аз 200 то 500 метри мураббаъ - 12 фоиз;
- зиёда аз 500 метри мураббаъ - 15 фоиз;

г) барои объектҳои ғайриманқуле, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ҷойгир мебошанд, меъёрҳои дар бандҳои 2) ва 3) муайяншуда ба андозаи дукарата истифода карда мешавад.

Ҳангоми муайян кардани маблағи андози молу мулки ғайриманқул коэффитсиентҳои минтақавӣ истифода бурда мешаванд.

3. Барои объектҳои ғайриманқуле, ки дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳат ҷойгир мебошанд ва бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, меъёрҳои андоз ба андозаи дукарата муқаррар карда мешаванд.

Ҳисоб намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) бо роҳи зарб задани манбаи андоз ба меъёрҳои дахлдори андоз оид ба ҳар як объекти андозбандӣ алоҳида сурат мегирад.

Андоз аз молу мулки ғайриманқул аз моҳи минбаъдаи моҳе, ки дар он андозсупоранда ҳуқуқи истифодаи (ё ихтиёрдории) объекти андозбандиро ба даст овардааст (гирифтааст), ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми қатъ гаштани ҳуқуқи истифодаи (ё ихтиёрдории) объекти андозбандӣ андоз аз молу мулки ғайриманқул барои миқдори воқеии моҳҳои истифода (ё ихтиёрдорӣ) намудани объекти андозбандӣ, аз ҷумла моҳи қатъ гаштани ҳуқуқҳои пешбинигардида ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми дар давоми соли тақвимӣ гузаронидани заминҳо (маҳалли аҳолинишин) аз як категирияи замин (маҳалли аҳолинишин) ба категорияи дигар, андоз аз молу мулки ғайриманқул барои соли ҷорӣ аз андозсупорандагон мувофиқи меъёрҳои қаблан барои чунин заминҳои маҳалли аҳолинишин (гурӯҳи заминҳо) муқарраргардида, дар соли оянда бошад, тибқи меъёрҳои барои категорияи нави заминҳо (маҳалли аҳолинишин) муқарраргардида, ситонида мешавад. Ҳангоми барҳам додани маҳалли аҳолинишин ва дохил намудани қаламрави он ба таркиби дигар маҳалли аҳолинишин дар қаламрави маҳалли аҳолинишини барҳамхӯрда меъёри нави андоз аз молу мулки ғайриманқул аз 1-уми январи соли минбаъдаи соле, ки дар он барҳамдиҳӣ ба вуқуъ омадааст, татбиқ мешавад. Андозсупорандагон, ба истиснои шахсони воқеие, ки молу мулки ғайриманқули андозбандишавандаро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намебаранд, ҳар сол на дертар аз 1-уми марти соли ҷорӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқули худ ҳисоби маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои молу мулк), ки бояд дар соли ҷорӣ супоранд, пешниҳод менамоянд. Шакл ва тартиби пешниҳоди ҳисоботи номбурдаро мақомоти ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд. Андозсупоранда уҳдадор аст пардохтҳои андоз аз молу мулки ғайриманқулро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз иҷро намояд. Ҳангоми дар муҳлатҳои муқарраргардида аз ҷониби андозсупоранда ичро нагардидани пардохтҳо аз рӯи ҳар яке аз андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз ҷониби мақоми андоз барои батаъхиргузории пардохт фоизҳо ҳисоб карда мешаванд.

Андозсупоранда ҳуқуқ дорад дар ҳар давраи соли ҷории андоз қисми боқимондаи пардохтнашудаи маблағи ҳар як андоз аз молу мулки ғайриманқулро бо як пардохт пеш аз муҳлат супорад. Назорати супоридани андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро мақомоти андоз амалӣ менамоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Шомуродов Ф. Пурсишҳо ва посухҳо оид ба андозҳои ҶТ / Ф.Шомуродов. - Душанбе «Эр - граф» - 2010;
2. Умаров Д.М., Бегматов А.А. Ваҳдати миллӣ ва рушди низоми андоз / Д.М.Умаров. - Душанбе «Ирфон» 2013.
3. Х.Р.Улуғхохаева, Андоз ва андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х.Р.Улуғхоҷаева. - Душанбе 2005 сол.
4. Улугходжаева Х.Р. Налог и налогообложение РТ / Х.Р.Улугходжаева. - Душанбе – 2009.
5. Сомонаи Кумитаи андози ҶТ «www.andoz.tj».
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе -2022.

## ТАВСИФИ АНДОЗҲОИ МАҲАЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур барои мақсадҳои андозбандӣ мафҳумҳои зерин истифода мешаванд: молу мулк - қитъаҳои замин, молу мулки ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёт; молу мулки ғайриманқул (минбаъд – объектҳои ғайриманқул) – биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, объектҳои сохтмонии нотамом, иморатҳо, аз ҷумла бӯстонсаройҳо, гаражҳо, саройҳо, биноҳои нигоҳдории чорво, биноҳои дигари ёридиҳанда ва молу мулки дигаре, ки ҷойивазкунии онҳо бе расонидани зарари моддӣ ғайриимкон аст; қитъаҳои замин – заминҳое, ки тибқи қонунгузорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ё бе онҳо барои истифода дода шудаанд ё амалан истифода мешаванд; воситаҳои нақлиёт – нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан ва обӣ. Инчунин, дар мақола тавсифи андозҳои зерин аз молу мулк муқаррар карда мешаванд:

- андоз аз объектҳои ғайриманқул;
- андози замин;
- андоз аз воситаҳои нақлиёт.

**КАЛИДВОЖАҲО:** шахсони воқеӣ, воситаҳои нақлиёт, амволи ғайриманқул, объекти андозбандӣ, меёрҳои андоз, имтиёзҳои андоз,муҳлати супоридани андоз.

## ХАРАКТЕРИСТИКА МЕСТНЫХ НАЛОГОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Для целей настоящей статьи в целях налогообложения используются следующие термины: имущество - земельные участки, недвижимое имущество и транспортные средства; недвижимое имущество (далее - недвижимое имущество) - жилые и нежилые строения, незавершенные строения, амбары, скот. здания, иные подсобные строения и иное имущество, перемещение которых невозможно без причинения материального ущерба; Земельные участки - земли, предоставленные или не используемые в соответствии с законодательством на основании подтверждающих документов; Транспортные средства - автомобильный, воздушный, железнодорожный и водный транспорт. В статье также приводится описание следующих налогов на имущество:

- налог на недвижимость;
- земельный налог;
- транспортный налог.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** физические лица, транспортные средства, недвижимость, объект налогообложения, налоговые ставки, налоговые льготы, срок уплаты налога.

## DESCRIPTION OF LOCAL TAXES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

For the purposes of this article, the following terms are used for tax purposes: property - land plots, real estate and vehicles; real estate (hereinafter - real estate) - residential and non-residential buildings, unfinished buildings, barns, livestock. buildings, other auxiliary buildings and other property, the movement of which is impossible without causing material damage; Land plots - land provided or not used in accordance with the law on the basis of supporting documents; Vehicles - road, air, rail and water transport. The article also describes the following property taxes:

- property tax;
- land tax;
- transport tax.

**KEYWORDS:** individuals, vehicles, real estate, object of taxation, tax rates, tax benefits, tax payment deadline.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Қаюмов Сайфудин Шарифович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **901007714.**

***Рузиев Абубакр*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти ихтисоси андоз ва андозбандӣ. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907137474.**

**Сведение об авторах**: ***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901007714.**

***Рузиев Абубакр*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности налоги и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907137474.**

**Information about the authors***: Kayumov Sayfudin Sharifovich* - Tajik National University, candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the department of taxes and taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **901007714.**

***Ruziev Abubakr*** – Tajik National University master`s student of specialty of taxes and taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **907137474.**

# АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

***Қаюмов С. Ш., Махмадкаримов Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Андозбандии шахсони воқеӣ дар шароити кунунӣ ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми низоми андозҳои умумиҷумҳуриявӣ ба шумор рафта, мувофиқан ва мақсаднок ба фоидаи буҷети давлатӣ ситонида шудани онро дар назар дорад. Аз ин лиҳоз, дар назар дошта мешавад, ки ин андозбандӣ ба принсипи адолатнокӣ асос ёбад ва ҳам ба нафъи мардум бошад. Ба қавле «андоз танҳо ҳамон вақт аз рӯи адолат буда метавонад, ки агар мардум ба тобеияти он розӣ бошанд». Дар замони муосир андозбандии шахсони воқеӣ на танҳо хусусияти махсус, балки ғароиб ё ба қавле «экзотикӣ» низ кашф кардааст. Маълум аст, ки дар як қатор давлатҳо шахсони воқеӣ супорандагони андозҳое мебошанд, ки дар як маврид барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳарза менамояд вале ин хусусияти хоси андозбандӣ дар ҳар як давлат маҳсуб ёфтааст. Масалан, дар Аргентина андоз аз гардиши васоитҳо дар суратҳисобҳои бонкӣ, дар Индонезия андоз аз автомобилҳои гаронқиммат (вобаста ба ҳаҷми муҳаррик аз 30% то 75%) ва дар Уругвай бошад, андоз барои хизматрасонии алоқа ва кортҳои кредитӣ пешбинӣ карда шудааст. Қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ андоз аз даромади шахсони воқеиро, ҳамчун яке аз манбаҳои даромади муҳимми низоми буҷети давлатӣ медонад. Аллакай, соли 1994 дар раванди қабули Конститутсияи ҶТ муқаррароти конститутсионӣ оиди ӯҳдадории супоридани андоз аз ҷониби ҳар шахс ҷорӣ карда шуда буд, ки минбаъд асоси устувории сохтори конститутивӣ ва иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон гардид. Ҳамзамон, дар ҷараёни қабули аввалин санадҳои меъёрию ҳуқуқии андозбандӣ, хусусан, аввалин санади кодификатсионии андозбандӣ - Кодекси андози ҶТ муқаррарот оиди андозбандии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ дарҷ гардид.

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ имрӯзҳо тибқи муқаррароти боби 16-и КА ҶТ ҳамчун андози умумҷумҳуриявӣ ситонида мешавад. Қонунгузорӣ андоз аз даромади шахсони воқеиро ҳам ҳамчун манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ пешбинӣ намудааст, чунки ҳамасола ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ ба ин намуди андоз низ вобаста аст. Дар маҷмуъ бошад, супоридани андози даромад бо тартиби қаблан муайян кардашудаи қонунгузории андоз ба танзим даровarda шуда, нақши асосиро дар робита ба ин санадҳои зериқонунӣ ба мисли дастурамалҳои мақомоти дахлдори андоз мебозанд. Андоз аз даромади шахси воқеӣ ба гурӯҳи андозҳои умумиҷумҳуриявӣ дохил карда шудааст, ки дар аввалҳо тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи андози даромад аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа» аз 06.01.1992 с. таҳти №502 ситонида мешуд. Айни замон ин намуди андоз тибқи талаботҳои боби 16 КА ҶТ ситонида мешавад. Дар зери мафҳуми шахси воқеӣ ягонагии 3 унсури мустақил, яъне шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаиятро мефаҳманд. Супорандагони ин намуди андозро дар муносибатҳои ҳуқуқии андозбандӣ ҳамчун резидент ва ғайрирезидент ном мебаранд. Қонунгузории ҷорӣ супоридани ин намуди андозро дар ду маврид пешбинӣ намудааст:

- ситонидани андози даромад аз шахсони воқеӣ дар манбаи пардохт;
- ситонидани андози даромад аз шахсони воқеӣ ҳангоми дар манбаи пардохт нигоҳ надоштани он.

Объекти андозбандӣ даромад ба ҳисоб меравад. Аммо қайд кардан лозим аст, ки на ҳама гуна даромаде, ки шахсони воқеӣ ба даст меоранд, андозбандишаванда ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин ҳам, дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз он ҷумла дар м.8 Кодекси андоз мафҳумҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ ҷой дода шудаанд. Дар ҳамбастагӣ ба ин қайд кардан зарур аст, ки ашхоси воқеӣ мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ ҳуқуқи конститутсионии машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро доранд, ки ин дар навбати худ боиси ба даст даровардани даромад (фоида) мегардад. Барои резидентҳо бошад ба сифати чунин объект даромади андозбандишавандае ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ дар соли тақвимӣ ва маблағи

тархшудаи хароҷоти пешбинишудаи Кодекси андоз барои ҳамин давра муайян карда мешавад. Андозбандии ҳам резидентон ва ғайрирезидентон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ вобаста дониста мешавад. Фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти марбут ба хариду фурӯш, супоридан ё иҷораи амволро медонанд, ки ақаллан ҷавобгӯи яке аз талаботҳои зерин бошад:

- мунтазам ва муқарарӣ ба ҷо оварда шавад;
- молҳо (корҳо ва хизматрасониҳо) пешкаш карда шаванд;
- чунин амалиётҳо дар доираи фаъолияти савдо ва миёнаравӣ (аз ҷумла, фаъолияти дилерӣ) сурат гиранд.

Айни замон, доираи фаъолияте мавҷуд аст, ки ғайрисоҳибкорӣ номида мешавад ва инҳоро дар бар мегирад:

1.ҷойгир намудани маблағҳои пулӣ дар бонкҳо ё дар дигар муассисаҳои молиявӣ;

2.ба иҷора додани амвол;

3.ба идоракунии боэътимод супоридани амвол;

4.харидани (фурӯш ё супоридани) ҳисса дар сармояи оинномавии корхона ё коғазҳои қимматноки он; харидани (фурӯш ё супоридани) вомбаргҳо ё ҳама гуна дигар векселҳо; харидан (фурӯш ё супоридани) ҳисса дар фонди саҳомии инвеститсионӣ ё ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳама гуна ҳуқуқҳои шабеҳи ба фурӯшанда тааллуқдошта, ки эквиваленти фаъолияти ғайри соҳибкорӣ мебошанд;

5.иҷрои кори кироя;

6.хидмати давлатӣ;

7.фаъолияти эҳсонкорӣ;

8.фаъолияти динӣ.

Субъектони ин намуди андозро резидентон ва ғайрирезидентон ташкил медиҳанд, ки аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ даромад ба даст медароранд. Резидентон ашхосе ба ҳисоб меравад, ки дар давоми 12 моҳи пайдарҳами соли тақвимии хотимаёбанда дар ҳудуди Тоҷикистон зиёда аз 182 рӯз бошанд. Дар баробари ин ашхосе, ки шаҳрванди Тоҷикистон мебошанд ва ё барои зисти муқимӣ аризаи дахлдор пешбинӣ намудаанд, ҳамчун резидент эътироф мегарданд. Ин ҳолат дар сурате низ эътироф мегардад, ки агар чунин ашхос ба хориҷа сафар намуда, корманди сафорат, намояндагиҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ ва ба мақоми ба онҳо баробаркардашуда, аъзои ташкилоти байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ бошанд, инчунин аъзои оилаи онҳо. Ба сифати резидент аъзои экипажи воситаҳои нақлиётии ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутааллиқ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони ғайринизомиии дар пойгоҳҳои ҳарбӣ, қисмҳои ҳарбӣ, гурӯҳҳо, қисмҳо ва ҷузъу томҳои ҳарбии беруна аз марзи ҷумҳурӣ қарордошта дохил мешаванд. Онҳое, ки дар объектҳои моликияти ҷумҳурии мо буда, дар асоси шартномаҳои консесионӣ кор мекунанд ва ё донишҷуён, хонандагон, касбгирандагоне, ки дар давоми тамоми муҳлати таълим ва таҷрибаомӯзӣ дар давлатҳои ғайр қарор доранд. Ба ин гурӯҳ ҳамчунин муаллимон ва кормандони илмӣ, ки бо мақсади таълимотӣ, машварат ва ё иҷрои корҳои илмӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доранд, шомил мебошанд. Боқимонда ашхос ҳамчун ғайрирезидент эътироф карда мешаванд. Бояд, қайд намуд, ки ашхосе ҳастанд, ки ба сифати резидент ва ҳатто ғайрирезидент низ эътироф намегарданд ва таҳти андозбандӣ умуман қарор намегиранд. Ба ин ашхос инҳоро дохил намудаанд:

1.ашхоси дорои мақоми дипломатӣ ё консулгарӣ (ё аъзои оилаи чунин ашхос);

2.кормандони ташкилотҳои байналмилалӣ ё ашхосе, ки дар хизмати давлатии кишвари хориҷӣ кор мекунад (аъзои оилаи онҳо);

3.ашхосе, ки танҳо барои гузаштан аз як давлати хориҷӣ ба дигар давлати хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, яъне транзит.

Ба ақидаи мо ягона масъалае, ки дар ин маврид баҳсталаб мебошад ин ба сифати андозсупоранда эътироф кардани дуайен (шаҳрвандони хориҷи кишвар, ки пеш аз ҳама ба Тоҷикистон омадаанд ва минбаъд дорои ҳолати ҳуқуқии сафоратӣ ва ё намояндагии дипломатию консулӣ гаштаанд) мебошад. Тибқи қонунгузории амалкунанда ҳолати чунин ашхосро дуҷониба маънидод кардан мумкин аст. Албатта, то он даме, ки чунин ашхос ба сифати корманди ё мақоми сафоратхона ва ё намояндагии давлати дигар эътироф карда

гамешаванд, онҳо супорандагони андоз ба ҳисоб мераванд ва ҳолати ҳуқуқии онҳоро Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷи» аз 01.02.1996 с. муайян месозад. Объектони андозбанди андоз аз даромади шахсони воқеиро бошад даромадҳои зайл ташкил медиҳанд (чӣ дар шакли пулӣ ва чӣ дар шакли аслӣ):

- даромадҳое, ки ҳамчун музди меҳнат гирифта шудаанд;
- даромадҳое, ки аз ҳисоби кори ғайрикироя ба даст оварда шудаанд;
- ҳама гуна даромадҳои дигар.

Яке аз гурӯҳҳои асосии объектони андозбандишавандаи шахсони воқеиро даромадҳо аз ҳисоби музди меҳнат ташкил медиҳанд, ки тибқи қонунгузории меҳнатӣ аз ҷониби корфармо дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешаванд. Чунин даромадҳо даромадҳои мустаҳкамгардида ба ҳисоб рафта, тавассути меъёрҳои қонунгузории андоз, андозбандӣ карда мешаванд, ки дар нақшаи зерин намоён аст:

Ҷадвали 1.

| р/т | Маблағи даромади андозбандишаванда (дар як моҳ) | Маблағ ва меъёри андоз |
|---|---|---|
| 1. | На зиёда аз тарҳи шахсӣ | Даромад андозбандӣ намешавад (аз андозбандӣ озод) |
| 2. | Зиёда 128 сомони | 12 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз тарҳи шахсӣ |

Ба даромадҳои умумие, ки аз онҳо андоз ситонида мешавад инҳо дохил мешаванд:

Ҳама намуди даромад ва подошпулиҳо дар шакли пулӣ, моддӣ ва ғайримоддии ба манфиати андозсупоранда пардохтшаванда, инчунин манфиатҳои дигари гирифтаи андозсупоранда, ба истиснои даромадҳое, ки тибқи боби 27 Кодекси андоз аз андоз аз даромад озод карда шудаанд, даромади умумии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дониста мешаванд, аз ҷумла:

- даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ;
- даромадҳо дар шакли музди меҳнат;
- ҳама гуна даромадҳои дигар аз фаъолияте, ки кори кироя ё фаъолияти соҳибкорӣ намебошад.

Даромади умумии андозсупоранда даромадест, ки бе назардошти тарҳҳо муайян шудааст:

- даромадҳо аз ҳисоби фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ, аз ҷумла:
- даромад дар шакли фоизҳо;
- даромад аз амонат ва пасандозҳои бонкдории исломӣ;
- суди саҳмияҳо;
- даромад аз фурӯш, супоридан ё бегонакунии дороиҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашавандаи андозсупоранда, ки мутобиқи моддаи 213 Кодекси андоз муайян карда шудааст;
- даромадҳо дар шакли роялти;
- маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда, ба истиснои қарзи андозсупорандаи ғайриқобили пардохт эътирофшуда ё қарзи дар доираи шартнома дар бораи таҷдиди назари қарз бо мақсади барқарорсозии ҳолати устувори молиявии андозсупоранда бахшидашуда;
- ҳама гуна манфиат ва даромадҳо, ба истиснои даромад дар шакли музди меҳнат ва (ё) даромад аз фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ гирифтааст.

Андоз аз даромади шахсони воқеӣ бо назардошт ва бе назардошти андози иҷтимоӣ ситонида мешавад. Қонунгузории андоз пардохти андози даромади ашхоси воқеиро одатан дар манбаи пардохт пешниҳод менамояд, ки тибқи муқаррароти Дастурамал «Дар бораи ситонидани андоз аз даромад дар манбаи пардохт» аз 04.08.2005 таҳти №267 ситонида мешавад. Ситонидани андоз аз даромади ашхоси воқеӣ низ тарҳкуниҳои шахсиро аз ҳисоби ин намуди андоз дар ҳаҷми 10 музди меҳнати ҳадди ақал барои шахсони зерин пешбинӣ менамояд:

Аз даромади умумии шахси воқеӣ-резиденте, ки корманди кироя мебошад, дар шакли музди меҳнат барои ҳар моҳи тақвимӣ ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад.

Аз даромад дар шакли музди меҳнати гурӯҳҳои зерини шахсони воқеӣ-резидентон барои ҳар моҳи тақвимӣ ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо тарҳи шахсӣ амалӣ карда мешавад:

- қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шуравӣ, қаҳрамонҳои меҳнати сотсиалистӣ, қаҳрамонҳои Тоҷикистон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ барои муҳофизати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, аз ҷумла хизматчиёни ҳарбие, ки дар қисмҳои ҳарбӣ, ситодҳо ва муассисаҳои ба ҳайати артиши амалкунанда шомилбуда хизмат кардаанд, собиқ партизанҳо, ҷанговарони интернатсионалист, инчунин маъюбони гурӯҳи II;

- шаҳрвандоне, ки дар натиҷаи садамаҳо дар объектҳои атомӣ бемор ва мубталои бемории шуоъ шудаанд, шахсони дар рафъи оқибатҳои чунин садамаҳо дар доираи минтақаи ҷудокунӣ иштирокдошта, шахсоне, ки дар давраи бартараф намудани оқибатҳои садамаҳо дар корҳои баистифодабарӣ ё корҳои дигар дар объектҳои атомӣ иштирок намудаанд.

Тарҳи шахсӣ аз даромади андозбандишаванда аз рӯи даромадҳои танҳо дар як ҷойи кори (асосии) корманд гирифташуда роҳ дода мешавад. Дар ҳолате, ки шахси воқеӣ корманди кироя ва соҳибкори инфиродӣ набошад, танҳо дар як маҳалли пардохти даромад, ки дар асоси аризаи пешниҳодшудаи ӯ муайян карда мешавад, роҳ дода мешавад. Ҳангоми ҳисоб кардани даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ аз даромади ӯ маблағи андози иҷтимоии барои суғурташудагон, ки тарҳ карда мешавад. Шахсе, ки даромади шахси воқеиро пардохт менамояд, барои дуруст амалӣ намудани тарҳи шахсӣ масъул мебошад. Дар ҳолати вайрон намудани талаботи муқаррарнамудаи ҳамин модда маблағи андози бинобар нодуруст тарҳ кардан ба буҷет вориднашударо ҳамин шахс ҷуброн менамояд.

Ба шахсони воқеӣ ҳангоми амалӣ намудани хароҷот дар шакли ғайринақдӣ, аз ҷумла тавассути суратҳисобҳои бонкӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андозаи 10 фоизи маблағи умумии даромади гирифташуда, вале на зиёда аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол тарҳ намудани чунин хароҷот дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (расид, (чек) ё ҳуҷҷати дигари бонкӣ) бо тартиби тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад. Ҳамчунин, қонунгузории андоз ҳолатеро пешбинӣ менамояд, ки асоси озодкунӣ аз супоридани ин андоз инҳоянд:

Намудҳои зерини даромадҳои шахсони воқеӣ андозбандӣ карда намешаванд:

- даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ (консулӣ) ва фаъолияти ба он баробаркардашудаи шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозае, ки дар шартномаи байналмилалӣ пешбинӣ шудааст;

- арзиши молу мулки дар шаклҳои аслӣ (ғайримоддӣ) ва (ё) пулии аз шахсони воқеӣ мерос ё туҳфа гирифташуда, ба истиснои даромаде, ки меросгир аз фурӯш (бегона кардан) ё ба иҷора додани молу мулки ба мерос гирифташуда ба даст овардааст, аз ҷумла подошпулӣ (мукофотпулӣ), ки ба меросхӯрони (ворисони ҳуқуқии) муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ, санъат, инчунин кашф, ихтироъ ва намунаҳои саноатӣ пардохт карда мешаванд;

- арзиши туҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда, инчунин ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳо гирифташуда, аз ҷумла дар шакли пулӣ, агар:

а) арзиши туҳфаҳои аз шахсони ҳуқуқӣ гирифташуда аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд набошад;

б) арзиши ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд набошад;

в) арзиши ҷоизаҳои (бурдҳои) дар озмунҳо ва мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ гирифташуда аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд набошад;

- нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ, ҷоизаҳо ва мукофотҳои давлатӣ, стипендияҳои давлатӣ, кумакпулиҳои давлатӣ ва ҷубронпулиҳои давлатӣ;

- маблағи алимент аз шахсоне, ки алимент мегиранд;

- подошпулӣ ба донорҳо барои супоридани хун, барои шири модар ва кумакҳои дигари донорӣ;

- маблағҳои пардохти якдафъаина ва кумаки моддӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешаванд;

- маблағҳои аз ҷониби корфармо ба шахси воқеӣ - резидент барои хароҷоти сафарҳои хизматӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраршуда пардохтшаванда;

- маблағи ҷуброни хароҷоти сафарҳои хизматӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва муассисаҳои онҳо, фондҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ-ғайрирезидентҳо пардохт карда мешавад;

- маблағҳое, ки дар шакли кумаки башардӯстона ва кумаки эҳсонкорӣ, аз ҷумла ҳангоми офатҳои табиӣ, пардохт карда мешаванд;

- фарқияти афзоиши арзиши молу мулки ғайриманқул ҳангоми фурӯш ё шакли дигари бегона кардан, агар:

а) биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ то лаҳзаи бегона кардан на камтар аз 2 сол ҷойи истиқомати асосии андозсупоранда бошанд. Имтиёзи мазкур танҳо нисбат ба як ҷойи зисти асосии шахси воқеӣ татбиқ карда мешавад;

б) объектҳои ғайриманқули дигар (ба истиснои объектҳои ғайриманқули бо мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда) то санаи бегона кардан на кам аз 2 сол аз санаи бақайдгирӣ дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд.

- фарқияти афзоиши арзиш аз фурӯш ё шакли дигари бегона кардани молу мулки манқул, ба истиснои ҳолатҳои зерин:

а) агар молу мулк аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда шавад;

б) агар афзоиши арзиш аз фурӯши молу мулк, ашёи қиматноки таърихӣ (атиқа), асарҳои санъат, ҷавоҳирот ва ашёи дигари коллексионӣ зиёда аз 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил кунад. Муқаррароти мазкур дар ҳолатҳои бо ду ва зиёда амалиёт ба як шахс ва шахсони ба он алоқаманд фурӯхтани ашёи қиматноки таърихӣ, асарҳои санъат, ҷавоҳирот ва ашёи дигари коллексионӣ амалӣ намегарданд. Дар ин ҳолат арзиши маҷмуии молу мулки дар зербанди мазкур номбаршуда ба эътибор гирифта мешавад;

в) фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва шакли дигари бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;

г) воситаҳои нақлиёт ва ядакҳо, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва камтар аз як сол то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;

- пардохтҳои суғуртавие, ки тибқи шартномаҳои дорои хусусиятҳои ҷамъшаванда ва баргардонидашаванда дар доираи маблағҳои аз ҷониби шахси воқеӣ ба ҳисоби чунин шартномаҳо пардохташуда гирифта шудаанд;

- пардохтҳои суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта, инчунин пардохтҳои суғуртавие, ки дар натиҷаи фавти шахси суғурташуда гирифта шудаанд;

- маблағҳои маош, подошпулиҳо ва пардохтҳои дигаре, ки хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи системаи вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, мақомоти давлатии амнияти миллӣ, оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти гумрук, Агентии назорати маводи нашъовар, Гвардияи миллӣ, системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба адои хизмат (иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ) гирифтаанд;

- бурдҳо аз вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия баровардааст, ба андозаи на зиёда аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба як вомбарг ё лотерея;

- маблағи кумакҳои иҷтимоии суроғавӣ, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, ба истиснои пардохтҳои марбут ба музди меҳнат, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба андоза ва бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода мешавад;

- маблағе, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати вафот, расидани зарари ҷисмонӣ ё намуди дигари зарар ба саломатии корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ пардохт карда шудааст;

- арзиши либосҳои махсус ва (ё) либосҳои расмӣ ва пойафзол, воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва кумаки аввалияи тиббӣ, собун, воситаҳои безараркунанда, шир ё маҳсулоти

дигари озуқавории баробарарзиш, ки мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд;

- пардохтҳои суғуртавии тибқи шартномаҳои суғуртаи ҳатмии масъулияти корфармо (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) барои расонидани (ҳангоми расонидани) зарар ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ (хизматӣ);

- маблағи ҷуброни зарари моддӣ, ки бо қарори суд муқаррар шудааст;

- даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ бе коркарди саноатӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст;

- маблағи бонусҳо, кэшбэк ва механизмҳои дигари ҳавасмандгардонии муштариён ҳангоми амалиёт бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт;

- стипендияҳое, ки ба шахс барои таҳсили рӯзона дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ, олии касбӣ, касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва махсус дода мешаванд;

- даромади дар шакли музди меҳнат гирифтаи маъюбон аз овони кӯдакӣ ва маъюбони гурӯҳи I;

- ҷубронпулиҳои суғурта ва дигар пардохтҳои гирифтаи пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ё аз номи он амалӣ шудааст.

Бояд қайд кард, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ яке аз андозҳои мустақим ба шумор меравад ва ба қатори андозҳои умумидавлатӣ дохил мешавад. Ин намуди андоз дар таркиби даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи назаррас дорад.

Воридот аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба буҷети давлат ҳиссаи назаррас дошта, барои ҳалли талаботҳои буҷетӣ ва иҷрои вазифаҳои давлат саҳми басо созгор мегузорад. Барои муайян намудани маблағи воридшуда аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ моро зарур омад аз маълумотҳои оморӣ ва сарчашмаҳои дигар истифода намоем, то ки таҳлил возеҳ ва амиқтар гардад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Динамикаи воридоти андоз аз даромад ба буҷети давлатӣ. (млн. сомонӣ)**

| *№* | *Нишондиҳандаҳо* | *2015* | *2016* | *2017* | *2018* | *2019* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ:<br>-нақша<br>-иҷроиш<br>-% иҷроиш | 11 329<br>10 613<br>93,7 | 12 150<br>11 188<br>92,1 | 13 296<br>13 099<br>98,5 | 14 740<br>14 565<br>98,8 | 16 121<br>15 775<br>97,8 |
| 2 | Даромад аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ:<br>-нақша<br>-иҷроиш<br>-% иҷроиш | 1 311,0<br>1 297,7<br>99,0 | 1 486,8<br>1 347,9<br>90,7 | 1 565,5<br>1 568,7<br>100,2 | 1 799,4<br>1 780,1<br>98,9 | 2 010,4<br>1 914,4<br>95,2 |
| 3 | Афзоиш андоз аз даромад нисбати соли гузашта | 101,3 | 103,8 | 116,3 | 113,4 | 105,0 |
| 4 | Вазни қиёсии андоз аз даромад нисбат ба ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ (бо %) | 12,2 | 12,0 | 11,9 | 12,2 | 12,1 |

Сарчашма: Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015- 2019. **[7,1]**

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум мегардад, ки дар давоми 5 соли охир ҳаҷми умумии даромадҳои андозӣ аз 10 613млн. сомонӣ ба 15 775 млн. сомони расидааст, ки он ба андозаи 1,48 маротиба зиёд шудааст. Баробари афзоиши қисми даромади буҷет даромад

аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ низ зиёд гардидааст. Боиси қайд аст, ки аз соли 2015 то соли 2019 даромад аз ҳисоби андоз аз даромад 1,47 маротиба афзоиш ёфтааст, ки қиёсан 3,7 % зиёдшавӣ ба назар мерасад.

Агар дар соли 2015 андоз аз даромад ба 1 297,7 млн. сомонӣ баробар бошад, дар соли 2016 он ба 1 347,9 млн. сомонӣ мерасад, ки 103,8% зиёд мебошад. Дар соли 2017 чӣ тавре ки зиёдшавии кулли даромадҳои андозӣ дида мешаванд, маблағи андоз аз даромад ба 1 568,7 млн. сомонӣ расидасат, ки нисбати соли пештара 220,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Чи тавре аз маълумотҳои ҷадвал ба мо маълум гардид, сол то сол вазни қиёсии андоз аз даромад зиёду кам гардида он дар соли 2019 ба 1 914,4 млн. сомонӣ расидааст, ки аз соли 2018 ба маблағи 134,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

**Расми 1.**

**Динамикаи воридоти андоз аз даромад ба ба буҷети давлатӣ**




Ин нишондиҳанда то рафт зиёд гардида пас аз ислоҳоти қонунгузории андоз нисбат ба тамоми дигар солҳои таҳлили, тамоюли зиёдшави дошта, он назар ба дигар солҳо зиёд гардида аст. Сабаби зиёд гардидани андоз аз даромад ин зиёд шудани ҷойҳои корӣ, шумораи шахсони воқеӣ, боло рафтани музди миёнаи маоши шахсони воқеӣ ва пинҳон нагардидани манбаҳои андозбандӣ мебошад. Агар ба вазни қиёсии даромадҳои андозии буҷети давлатӣ назар намоем соли 2015 андозаи он ба 12,2% даромади умумӣ расидааст. Дар солҳои минбаъда, яъне соли 2016 вазни қиёсии ин намуди андоз ба 12,0% даромади умумии буҷетро ташкил додааст, ки 0,2% коҳиш ёфтааст. Бо баробари зиёд гардидани даромади умумӣ дар соли 2017 вазни қиёсии андози даромад 11,9%-ро ташкил намудааст, ки назар ба соли сипаригашта боз ба андозаи 0,1% коҳиш ёфтааст .Сабаби коҳиш ёфтан, яъне кам ворид гардидани андоз аз даромадро мо дар дуруст ба назар нагирифтани иқтидори андозсупории шахсони воқеӣ ва соҳибкорони ифиродӣ мебинем. Дар соли минбаъда, яъне соли 2018 андоз аз даромад дар қисми даромади буҷети давлат назаррас буда, вазни қиёсияш ба 12,1% расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда 0,2% зиёд мебошад. Дар соли 2019 бошад ин нишондод нисбати соли 2018 ба андозаи 0,1% зиёд гардидааст.

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида бар меояд, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷети давлатӣ ҳиссаи назаррас дошта, доим дар ташаккулёбӣ ва зиёдшавӣ қарор дорад. Чӣ тавре ки Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд баробари рушдёбии иҷтимоиёт ва маърифати андозсупорандагон ҳиссаи андоз аз даромад дар буҷет низ меафзоянд. Дар бештари мамлакатҳои ғарб ҳиссаи зиёди буҷетро андоз аз даромад ташкил медиҳад ва вазни қиёсии он то ба зиёда аз 48% даромади буҷети давлат мерасад.

Дар охир оиди такмил додани андозбандии андоз аз даромади шахсони воқеӣ пешниҳод менамоем, ки бояд, масъалаҳои зерин дар низоми андоз ба мадди назар гирифта шаванд:

✓ Ташкил намудани чорабиниҳои махсуси назоратӣ барои ошкор намудани манбаҳои андозбанде, ки дар қайди нозиротҳои андоз нестанд ва ҷалби онҳо ба андозбандӣ. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар амалияи андозбандии андоз аз даромад бисёр ҳолатҳое

ба чашм мерасад, ки андозсупорандагон даромади гирифтаашонро пинҳон мекунанд ё ин ки кам нишон медиҳанд.

✓ Гузаронидани аз нав бақайдгирии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолият кунанда ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолият, ки ин сабабгори зиёд шудани супорандагони андоз мегардад.

✓ Боз ҳам пурзур намудани фаъолияти мақомотҳои андозӣ ва дигар сохторҳои молиявие, ки ба ҷамъоварӣ ва назорати андоз сарукор доранд, то ки маблағҳои андоз ба пурраги ва дар вақташ ба буҷа ворид гардад.

Ҳамин тариқ, дар доираи ин мақола масъалаи ҷузъҳои асосии андоз аз даромад ва моҳияти он, инчунин нақш ва аҳамияти он барои сиёсати андози давлат ҳиссаи он дар буҷети ҷумҳуриявӣ баррасӣ карда шуд.

Нақши андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар низоми андози кишвар хеле назаррас аст. Ҳиссаи он дар буҷаи давлатӣ бевосита аз сатҳи рушди иқтисодиёт алалхусус даромади усутвори аҳолӣ вобастгӣ дорад. Ин яке аз андозаҳои маъмул дар таҷрибаи ҷаҳонӣ мебошад, ки аз ҳисоби даромади шахсии аҳолии ҳар як кишвар пардохт карда мешавад. Дар мамлакати мо, андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар қисми даромади буҷа ҷойи нисбатан оддиро ишғол мекунад, зеро он асосан ба он қисми аҳолӣ, ки сатҳи миёнаидаромад ё аз он камтар доранд ва расман дар ягон низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолият менамоянд, таъсир мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Афанасьева М.В. Налог на доходы физических лиц в России: перспективы реформирования: Автореф. дис. . канд. экон. наук: 08.00.10 / Афанасьева Марина Владимировна; КФУ. Казань, 2018. 27 с.
2. Бехатарии озуқаворӣвакамбизоатӣ№1-2020, Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе 2020.
3. Бехатарии озуқаворӣвакамбизоатӣ№4-2014, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2015.
4. Кодекси андози ҶумҳурииТоҷикистон 2021 аз 17.12.2020 № 1744, № 1745
5. Меъёри андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ [Маводи электронӣ] - URL:https://translate.google.ru/?sl=ru&tl=tg&text=8F&op=translate (санаи муроҷиат: 24.02.2021).
6. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015- 2019.С.1.
7. Сайдулаев Д.Д. Основы и сущность налога на доходы физических лиц в регулировании налоговой политики государства // Московский экономический журнал №12 2019 С.552-554.
8. Ҳисобот оиди иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 (санаи нашр 10.02.2020с) [Маводи электронӣ] - URL: http://minfin.tj/index.php?do=static&page=budget


## АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ


Дар мақолаи мазкур нақши андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дуру наздик мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Динамикаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар маҷмуи воридоти андозии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Дар таҳқиқоти илмии мазкур андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар буриши солҳо таҳлил карда шуда тағйирёбии он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки андоз аз даромади шахсони воқеӣ яке аз андозҳои мустақим ба шумор рафта, ба қатори андозҳои умумидавлатӣ дохил мешавад. Дар мақола оварда шудааст, ки иҷроиши қисми даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҳисоби андоз аз даромад аз вазъи иқтисодии аҳолии қобили меҳнат вобастагӣ зиёд дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** буҷет, динамика, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, мултипликативӣ, низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, низоми андоз, сиёсатит андоз, даромад, касри буҷет, андозҳои мустақим.


## ПОДОХОДНЫЙ НАЛОГ С ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ И ЕГО РОЛЬ В ДОХОДАХ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА


В статье исследуется роль НДФЛ в рыночной экономике, опыт зарубежных стран. Приведена динамика налога на доходы физических лиц в общих налоговых доходах бюджета Республики Таджикистан. В данном исследовании анализируется налога на доходы физических лиц за разные годы и изучаются его изменения. Отмечается, что налога на доходы физических лиц является одним из прямых налогов и входит в состав национальных налогов страны. В статїе указывается, что исполнение части доходов государственного бюджета за счет налога на прибыль зависит от экономического положения трудоспособного населения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** бюджет, динамика, НДФЛ, мультипликатор, социально-экономическая система, налоговая система, налоговая политика, доходы, дефицит бюджета, прямые налоги.


## PERSONAL INCOME TAX AND ITS ROLE IN STATE BUDGET REVENUES

The article examines the role of personal income tax in the market economy, the experience of foreign countries. The dynamics of the personal income tax in the total tax revenues of the budget of the Republic of Tajikistan is presented. This study analyzes the personal income tax for different years and studies its changes. It is noted that the personal income tax is one of the direct taxes and is included in the national taxes of the country. The article indicates that the execution of part of the state budget revenues from the profit tax depends on the economic situation of the able-bodied population.
**KEYWORDS:** budget, dynamics, personal income tax, multiplier, socio-economic system, tax system, tax policy, revenues, budget deficit, direct taxes.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Қаюмов Сайфудин Шарифович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **901007714.**
***Маҳмадкаримов Хуршед Назриддинович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти ихтисоси андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **000444460.**

**Сведение об авторах**: ***Каюмов Сайфудин Шарифович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налога и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901007714.**
***Махмадкаримов Хуршед Назриддинович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности налоги и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **000444460.**

**Information about the authors***:* ***Kayumov Sayfudin Sharifovich*** - Tajik National University, candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the department of taxes and taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **901007714.**
***Mahmadkarimov Khurshed Nazriddinovich*** – Tajik National University master`s student of specialty of taxes and taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **000444460.**

## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ширинов Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масъалаи самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ хеле пурмуаммо буда, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Ташкилоти байналмиллалии органҳои назоратӣ олӣ (INTOSAI) аз ҳама бонуфузтарнин ташкилоти байналмиллалӣ дар соҳаи назоратӣ молиявӣ дар сектори давлатӣ мебошад, ки соли 1953 ташкил карда шуддаст. INTOSAI ташкилоти сиёсӣ ва ҳукуматӣ набуда, ташкилоти аз вобастагиҳо озод мебошад. Ин ташкилот мақоми махсуси машваратиро аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ дар шурои Созмони Милали Муттаҳид дорад. Органҳои назоратии зиёда аз 192 давлати дунё бо хоҳиши худ афзалтар аз ҳама барои гирифтани таҷриба ба ин созмон шомил шуданд. Ба ғайри ин қисме аз давлатҳо органҳои назоратии муттаҳиди худро дар минтақаашон ташкил карданд: дар Аврупо - EUROSAI, дар Осиё - ASOSAI; ва AFROSAI, OLACEFS, ARABOSAI, SPASAI, CAROSAI вуҷуд доранд. Ҳамаи онҳо бо якдигар муттаҳид гаштаанд. Тоҷикистон ба ҳайати INTOSAI соли 2013 шомил гаштааст.[1]. Ҳангоми фаъолияти худ INTOSAI яккатор стандартҳоро баровардааст, ки регламентҳои худи ташкилот ва функсияҳои назоратии олӣ ва ҷанбаҳои гуногуни назорати молиявии давлатро дар бар мегирад. Ба фикри Ю.М, Воронина ва Р.Е. Мешалкина, стандартҳои INTOSAI ба ягонакунии системаи назорати молиявии давлат барои баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байналмилалии мубориза бо коррупсия, қаллобӣ, ва ғорати манбаҳои давлат равона карда шудааст. Вале стандартҳои INTOSAI-ро набояд ҳамчуни чизи шахшудае, ки якбор ва барои ҳамеша муқаррар шудааст, шуморем. Дар пайдоиши тамоюлҳои нав дар системаи назорати молиявии давлатии баъзе аз давлатҳои азои INTOSAI лозим шумориданд ки бояд стандартҳо аз нав дида баромада шаванд ва ҳангоми зарурият баъзеи онҳо иваз карада шаванд».[2]. Яке аз мақсадҳои асосии давлат ин беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Давлат вобаста ба шароити доштаи худ стратегияҳоеро тартиб медиҳад, ки дар оянда боиси пешрафти давлат ва аҳолӣ мегардад. Қисми зиёди нақшаҳои тартибдодаи давлат аз ҷониби буҷет сароягузори карда

мешаванд ва буҷети давлатӣ бошад дар навбати худ фонди асосии захираи давлат ба ҳисоб меравад. Аз сабаби оне, ки қисми маблағҳо барои иҷрои стратегияҳо сарф карда мешавад бояд босифат иҷро шудани нақшаҳои давлат ва самаранок истифода шудани маблағҳои буҷет кафолат дода шаванд.

Таҳияи чунин системаи мақсаднок барои баҳодиҳандаи самаранокии иҷроиши нақшаҳои буҷетӣ аз натиҷаҳои назарраси давлатҳои хориҷӣ вобастагии калон дорад. Дар яккатор мамлакатҳои тараккикардаи Аврупо ва ҳамунин дар Федератсияи Русия, Канада, Австралия ва Япония таҷрибаи бой оиди босифат иҷро намудани нақшаҳои буҷетӣ, ташкили системаҳои назоратӣ оиди самаранок ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ доранд. Дар шароити трансформатсияи низоми иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва инкишофи усули банақшагирии самаранок ин асоси инкишофи системаи буҷети маҳаллӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, сиёсати буҷетӣ ва механизми идоракунии буҷет мебошад. Шароити ҳозира барои ташкил ва сохтани барномаҳои дар боло зикршуда муоид нест ва аз ин сабаб мо таҷрибаи давлатҳои хориҷаро дар ташкил ва иҷрои нақшаҳои буҷетӣ ва самаранок истифода бурдании маблағҳои он дар иҷрои ин нақшаҳо омӯхта ҷиҳати мусбии онро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем. Дар чунин давлатҳо ба монанди Германия, ИМА, Зеландияи Нав, реформаҳои гузаронидашуда дар нимаи дуюми асри XX шароити мусоид барои ташкили механизми самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ гашт. Пайдоиши назоратчиён аз болои нақшаҳои буҷетӣ боиси иҷрои босифати онҳо гашта, самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетиро таъмин менамуданд. Дар системаи ИМА банақшагирии буҷети солона тамоман ба назар гирифта нашудааст. Хароҷоти ҷории давлат ба воситаи қонунҳо дар бораи таъинот муайян менамоянд ки мухлати онҳо метавонад 10 сол ҳам бошад, ҳамчунин дар ин қонун ҷудокунии ҳарсолаи маблағ ба соҳаи иҷтимоӣ дарҷ гаштааст. Ҳамин тавр дар ИМА хусусияти буҷети федералӣ он мебошад, ки ба таври структуравӣ хароҷоти буҷети федералии ИМА аз ду категорияҳои асосӣ иборат мебошад. Қисми якуми хароҷотҳо: ин хароҷотҳое мебошанд, ки дар замони ҷудокунии маблағ аз ҷониби Конгресс ба назар гирифта шудааст ва худи Конгрес аз болои он ба воситаи комитетҳои махсус назорати бевосита менамояд, ин хароҷотҳо қариб 35% хароҷоти буҷети федералии ИМА мебошанд. Қисми дуюми хароҷотҳо ин хароҷотҳои ҳатмӣ ба мандадҳои федералӣ мебошанд, ки ба онҳо таъиноти буҷетӣ вобаста ба қонуни федералӣ дохил мешаванд. Хароҷотӣ ҳатмӣ зиёда аз 50% буҷети федералиро ташкил мекунад. Характеристикаи асосии хароҷоти ҳатмӣ ин набудани муқаррароти ҳарсолаи нормавии хароҷот ба соҳаҳои пешбинишуда мебошад. Дастгирии иҷроиши барномаҳо ҳамчунин дар сатҳи ҳокимияти иёлот гузаронида мешавад. Бар замми ин дар ҳар як иёлот структураҳои давлатӣ барои таҳия ва ташкили барномаҳои дастгирии молиявии дастгирии тиҷорат ва пешниҳоди хизматрасониҳои техникӣ ва ҳуқуқӣ фаъолият менамояд. Барои ташкил ва идораи барномаҳо, инчунин метавонанд ширкатҳои махсуси давлатӣ ташкил карда шаванд, ки аз чанд ҷиҳат барои пешрафти тиҷорат кумак мекунад. Барои идораи барномаҳои минтақаҳо органҳои омехта ташкил карда мешаванд. Барои таъмини назорати умумӣ дар рафти тайёрӣ ва иҷрошавии нақшаҳои калоне ки аз тарафи шахсони алоҳида карда мешаванд, метавонанд органҳои идоракунанда ва назораткунанда ташкил карда шаванд.

Дар Зеландияи Нав гузарондани реформаи буҷети ба сохтани системаи самаранокӣ банақшагирии буҷетӣ замима гузошт.Реформаҳои ектори давлатӣ дар он ҷо дар солҳои 1980 оғоз гардиданд. Стратегияи реформаро бошад қонун дар бораи молияи ҷамиъиятӣ оли 1989 муайян намуд. Барои иҷрои вазифаҳои муҳимми иқтисодиву иҷтимоии сиёати давлат, бояд ҷиҳати самаранокии молиявию буҷетии он ба назар гирифта шавад. Аз ҳамин сабаб назорат аз болои маблағҳои буҷетӣ актуалӣ ҳисобида мешавад. Яке аз намуди муҳимтарини назорат ин назорати аудити (аудити самаранокӣ) мебошад. Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои аудити самаранокӣ дар таҷриба имкон медиҳад, ки сарфакори, натиҷанокӣ ва самаранокии барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ баланд бардошта шавад. Таҳлили молиявӣ - ин тафтиши қонунӣ ва пайдарҳамии иҷрои амалиётҳо бо мақсади нишондиҳии мутобиқати амалиётҳои мавҷудбудаи итоатшавандаи қоидаҳои умумӣ ва махсус; ин мутобиқати хароҷот ва ҷамъоварии маблағ дар вақти муайяншуда; баҳодиҳии дурусти қарзҳо ва уҳдадориҳо мебошад. Таҳлили ҳисоботӣ маънои дурусти бурдани таҳлил ва ҳисоботи даромаду

хароҷоти буҷети давлатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои молиявиро дорад. Мақсади асосии таҳлил ин гузаронидани назорат барои иҷроиши даромаду хароҷоти буҷети далатӣ дар ҳисоботи марҳилаи молиявӣ мебошад. Аудити самаранокӣ солҳои 50 уми асри XX пайдо шудааст, ва ба он дигаргуншавии институтсионалӣ дар соҳаҳои иқтиодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар қисми зиёди мамлакатҳои ҷаҳон замина гузоштааст ва ҳамчун намуди нави назорати молиявии давлатӣ инкишоф ёфтааст. Дар ин марҳила органҳои назорати молиявии яккатор давлатҳо (Британияи Кабир, Канада, ИМА ва дигарон) ба гузарондани назорати хароҷотҳои давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ шуруъ намуданд. [3]. Ҳамин тавр, таҷрибаи ҷамъшудаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки истифодабарии аудити самарнокӣ имконият медиҳад, ки сифати идоракунии маблағҳои буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас боло шавад. Барои ин ки, аудити самарнокӣ ҷойи намоёнро дар системаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол намояд, бояд ба модернизатсияи раванди буҷетӣ ва сифати иодракунии давлатӣ саҳм гузошта шуда, инчунин шартҳои асосии такмили он риоя шуда, муаммоҳои мавҷудбуда ҳал карда шавад. Ин фаъолият имкон медиҳад ки сатҳи сифати истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ва самаранокии он боло шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи пешсафи байналмилалӣ наздик шавад.

## АДАБИЁТ


1. Маълумот оиди INTOSAI дар сомонаи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии тоҷикистон. www.sai.tj
2. Воронин Ю.М., Мешалкина Р.Е. Стандартизация финансового контроля: Россия и мировой опыт / Ю.М.Воронин. - Издательский дом «Финансовый контроль», 2003. - 160 с.
3. www.wikipedia.org


## ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ САМАРАНОКИИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур тҷрибаҳои гуногуни давлатҳои хориҷӣ ва ҷаҳон оиди самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ оварда шуда, аҳамияти истифодабарии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ муайян кардем. Масъалаи самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ хеле пурмуаммо буда, то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Ташкилоти байналмиллалии органҳои назоратӣ олӣ (INTOSAI) аз ҳама бонуфузтарнин ташкилоти байналмиллалӣ дар соҳаи назоратӣ молиявӣ дар сектори давлатӣ мебошад, ки соли 1953 ташкил карда шуддаст. INTOSAI ташкилоти сиёсӣ ва ҳукуматӣ набуда, ташкилоти аз вобастагиҳо озод мебошад. Ин ташкилот мақоми махсуси машваратиро аз ҷиҳати иқтисодиву иҷтимоӣ дар шурои Созмони Милали Муттаҳид дорад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: самаранокӣ, аудити самаранокӣ, истифодаи маблағҳои буҷетӣ, INTOSAI


## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ЭФФЕКТИВНОСТИ БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ И ИХ РЕАЛИЗАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье представлен различный опыт зарубежных стран и мира по эффективному использованию бюджетных средств и определена важность его использования в Республике Таджикистан для социально-экономического развития. Вопрос эффективного использования бюджетных средств очень сложен и до конца еще не решен. Международная организация высших органов финансового контроля (ИНТОСАИ), основанная в 1953 году, является самой влиятельной международной организацией в области финансового надзора в государственном секторе. ИНТОСАИ — это не политическая или правительственная организация, а независимая организация. Эта организация имеет специальный экономический и социальный консультативный статус в Совете ООН.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** эффективность, аудит эффективности, использование бюджетных средств, INTOSAI


## FOREIGN EXPERIENCE OF THE EFFECTIVENESS OF BUDGET FUNDS AND THEIR IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


This article presents the various experience of foreign countries and the world on the effective use of budgetary funds and determines the importance of its use in the Republic of Tajikistan for socio-economic development. The issue of effective use of budget funds is very complicated and has not yet been fully resolved. Founded in 1953, the International Organization of Supreme Audit Institutions (INTOSAI) is the most influential international organization in the field of financial supervision in the public sector. INTOSAI is not a political or governmental organization, but an independent organization. This organization has a special economic and social consultative status in the United Nations Council.



**KEYWORDS:** efficiency, performance audit, use of budgetary funds, INTOSAI



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ширинов Ҳайдаршоҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Email: **haydarshoh_98@mail.ru.** Телефон: **+992915634495.**

**Сведение об авторе:** ***Ширинов Хайдаршох*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Email**: haydarshoh_98@mail.ru.** Телефон: +**992915634495**

**Information about the author:** ***Shirinov Haydarshoh*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Email: **haydarshoh_98@mail.ru**. Phone: +**992915634495**

## ВАЗЪИЯТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА

***Нуров С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар айни замон ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, бахши саноат, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро бидуни истифодаи неруи барқ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Барои ҳар давлати муосир энергетика бахши стратегии иқтисодиёти он маҳсуб мешавад. Амнияти энергетикӣ бо шад, имрӯз ҷузъи муҳимми на танҳо амнияти миллӣ, балки ҷузъи ам- нияти глобалии инсоният ба ҳисоб меравад. Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ, ки яке аз он таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ ба ҳисоб меравад барои 15 соли оянда муайян шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти муҳим доштани соҳаи энергетика дар сиёсати давлатии Тоҷикистон зарурати танзими мушаххаси ҳуқуқии масъалаҳои вобаста ба рушди ин соҳа ба миён меояд. Дар ин соҳаи муҳимми стратегӣ бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ, инчунин андешидани тадбирҳо доир ба истифодаи оқилонаву сарфакорона аз захираву имкониятҳои энергетикии кишвар, дуруст ба роҳ мондани истифодаи ҳарчи пурра ва самарабахши иқтидорҳои иншооти мавҷудаи энергетикӣ, андешидани тадбирҳо барои таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар дар навбати аввал меистад. Тавре ки аён аст, аз ибтидои қарни бистум, энергетика муҳаррики прогресси илмию технологӣ ва заминаи рушди босуръати иқтисодиёти ҳар як мамлакат гаштааст. Энергетика, аз ҷумла барои Тоҷикистон, яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини иқтисодиёти он маҳсуб меёбад. Рушди имрӯзу фардои тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз истифодаи боигарии асосии мамлакатамон, яъне захираҳои гидроэнергетикӣ вобастагии бузург дорад. Зеро ягон кишвари дунё бе рушди энергетика, инчунин коммуникатсияи ҳозиразамон тараққӣ карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, мо бунёди неругоҳҳои барқи обиро калиди ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва афзоиши неруи содиротии кишвар мешуморем. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва оби тоза мебошад, ки истифодаи оқилонаи онҳо на танҳо ба манфиати мардуми мамлакат, балки ба нафъи кишварҳои минтақа низ хоҳад буд. Пешвои муаззами миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси олӣ, дар санаи 26 декабри соли 2019 ироа намуданд, ки амалишавии лоиҳаҳо дар соҳаи энергетика имкон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар 7 соли охир, яъне солҳои 2013-2019 - ум 1,3 баробар (аз 16 миллиард ба зиёда аз 20 миллиард киловатт - соат) афзоиш ёбад. Қайд гардид, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди «энергияи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб меравад. Бо пурра ба кор даромадани неругоҳи барқи обии «Роғун» Тоҷикистон дар миқёси олам ба қатори се кишвари аввали тавлидкунандаи «энергияи сабз» шомил мегардад. Бояд қайд намуд, ки Паёми Президенти ҶТ ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ ва санади стратегии ҳадафманд бо тарзи масъалагузорӣ ва шарҳи зарурати он, таҳлили мушаххас ва хулосабарориҳо санади муҳимтарини ҳар як сол аст ва дар амал татбиқ гаштани вазифаҳои дар он гузошташуда, кулли масъалаҳои муҳимми ҷомеа роҳи ҳалли худро пайдо намуда, аз ҷумла рушди муътадили низоми иқтисоди миллӣ

таъмин карда мешавад. Дар натиҷаи ислоҳотҳои дар ҶТ роҳандозишуда, бозори озоди молу маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, аз ҷумла бозори хариду фурӯши неруи барқ тавсеа ёфта, нақши шартнома дар муомилоти гражданӣ ба таври назаррас баланд гашта, он дар аксар мавридҳо ягона санади танзимкунандаи муносибатҳои тарафайн дар муносибатҳои гражданӣ, бахусус муносибатҳо дар бахши таъмини неруи барқ мебошад. Бо вуҷуди тақвият ёфтани нақши шартномаи таъмини барқ, як қатор масъалаҳои ба он марбут, аз ҷумла мафҳум, моҳияти ҳуқуқӣ, тарафҳо ва мазмуни он то кунун мавриди баҳсу мунозираи муҳаққиқон қарор доранд. Аз ин рӯ, зарурати анҷом додани тадқиқоти мукаммали илмӣ оид ба ин масъалаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шартномаи мазкур аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест.

**Амнияти энергетикӣ** — аз муҳимтарин рукнҳои бехатарии ҳар давлат. Ба мафҳуми нисбатан васеътар амнияти энергетикӣ вазъият ва ҳолате мебошад, ки шаҳрвандон ва дар умум давлат аз норасоии ҳама гуна неруҳои гармиву рӯшноидиҳанда танқисӣ накашида, аз ҳодисаҳои ғайричашмдошт ва номатлуби табиӣ, техногенӣ, маъмуриятчигӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дохилӣ, хориҷӣ ва амсоли инҳо ҳифозат мешаванд. Дар замони мо муҳиммият ва проблемаҳои амнияти энергетикӣ комилан ошкоранд. Садамаҳои бузурги рухдодаи солҳои наздик, ки дар системаи энергетикии ИМА, Япония ва як қатор кишварҳои Европа, Африка, Осиё, Америкаи Ҷанубӣ ва Русия ба вуқуъ омаданд, ҳушдор аз таъмини амнияти энергетикӣ аст. Дар 40 соли охири мавҷудияти системаи энергетикии дунё бештар аз 40 садамаи бузург рух додааст, ки аксари садамаҳо ба ИМА рост меоянд. Як сабаби рух додани чунин садамаҳоро агар мутахассисин дар шитобкории сохтмончиён дар бунёди неругоҳҳои электрикӣ бубинанд, сабаби дигарашро аз имкониятҳои ин неругоҳҳо аз ҳад зиёд истифода бурдани мизоҷонро медонанд. Маҳз ин ду омил метавонанд дер ё зуд боиси садама дар худи неругоҳҳои электрикӣ ва симҳояшон гарданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз масъалаҳои ҳалношудаи амнияти энергетикӣ дар канор нест ва бахусус ба бунёди неругоҳҳои электрикӣ аҳамияти вижа медиҳад, ҳарчанд бо итмоми сохтмони НБО-и «Сангтӯда-1» ва пайваст шудани он ба шабакаи ягонаи энергетикии кишвар ва бо анҷоми НБО-и «Сангтӯда-2» ҳам мушкилоти бо қувваи барқ пурра таъмин шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад. «Сангтӯда-2» неругоҳи маҷрои буда, бе обанбори калон фаъолият хоҳад кард. Ин иншоот бо иқтидори лоиҳавии 220 МВт соат метавонад дар як сол 1 млрд кВт энергияи электрикӣ истеҳсол намуда, дар бартараф намудани мушкилоти энергетикии кишвар нақши муҳим бозад. Корҳои кашшофӣ дар мамлакат мавриди истеҳсоли газу нефт низ босуръат идома доранд. Бо ёрии Ширкати «Газпром»-и Русия корҳои пармакунӣ дар кони гази маҳаллаи Сариқамиши ноҳияи Шаҳринав (дек. 2010) шуруъ шуданд. Ҳукумат бо ширкати вазорату идораҳои марбута, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар давоми с-ҳои 2009 – 10 дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бештар аз 60 неругоҳи хурд бунёд намуд. Шумораи умумии НБО-и хурд то 2010, ки аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, грантҳо ва сармоягузорони ватанӣ сохта шудаанд, 232 ададро ташкил медиҳанд: дар вил. Хатлон – 18 (890 ҳазор кВт), вил. Суғд – 77 (3487, 5 ҳазор кВт), ВМКБ – 40 (5619 кВт), ноҳияҳои тобеи марказ – 97 (4848, 7 кВт). Дар давоми як соли 2010 дар ҷумҳурӣ 27 НБО-и хурд бунёд гардид, ки 14-тои он дар ноҳияҳои тобеи марказ, 11 адад дар вил. Суғд ва 2-тои дигар дар вил. Хатлон (бо иқтидори умумии 1149 кВт) бунёд шудаанд. Тайи с-ҳои 2010 – 11 дар манотиқи кишвар бояд 28 неругоҳи хурд (бо иқтидори 11299 кВт) бунёд гардад ва алҳол сохтмони онҳо идома дорад. Барои таъмини амнияти энергетикии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ дар баробари бунёди неругоҳҳои электрикии хурду бузург ба сохтмони неругоҳҳои бодӣ низ оғоз намудааст. Танҳо дар соли 2009 бунёди ҳамин гуна неругоҳҳо дар ноҳияҳои Балҷувон, Фархор, Шӯрообод, Чкаловск шурӯъ гардид ва алҳол (2010) 80%-и корҳои сохтмонӣ дар онҳо ба анҷом расидааст. Инчунин, Маркази дуюми барқу гармидиҳии Душанбе дар нақшаи сохтан қарор дошта, то соли 2020-ум 60 неругоҳи хурд бояд дар навоҳии дурдасти кӯҳистон бунёд гарданд. Барои рушди комплекси сӯзишворию энергетикӣ танҳо дар соли 2010-ум 1 млрд 100 млн сомонӣ ё 16%-и ҳаҷми умумии буҷет равона гардид, ки ин нисбат ба соли 2009-ум 181 млн сомонӣ ё 20% зиёд мебошад. Танҳо бо бунёди пурраи НБО-и «Роғун» кишварамон бо қувваи барқ пурра таъмин гардида, изофаи он ба хориҷ аз кишвар метавонад содир шавад. Ба ҳар ҳол тақозои амнияти энергетикӣ дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани таҷҳизот ва дигар иқдомҳою

тадорукоти заруриαнд, ки ҳамеша бояд мадди назар бошанд. Ин амалҳо аз рукнҳои муҳимми таъмини амнияти энергетикӣ ба ҳисоб мераванд. Бо мақсади таъмини амнияти энергетикии мамлакат, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сохтмон ва бозсозии иншоотҳои электрикӣ, бахусус дар минтақаҳое, ки аз энергияи электрикӣ танқисӣ мекашанд, рушд ёбад. Барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва инкишофи минбаъда Ҳукумати кишвар се ҳадафи стратегиро ба нақша гирифта буд: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ. Барои пешрафти иқтисодиёти кишвар Тоҷикистонро зарур аст, ки пеш аз ҳама, ба истиқлолияти энергетикӣ ҳарчи зудтар ноил гардад. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3% афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод карда шуд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Раванди тараққиёти мунтазами иқтисодиёти минтақа аз самаранокии кори саноати он, яъне инфрасохторҳои минтақа вобаста мебошад. Мақсади таҳияи мақола дида баромадани фаъолияти инфрасохторҳои энергетикӣ дар маҷму дар минтақаи Суғд мебошад. Инфрасохтор маҷмӯи соҳаҳо, объектҳо ва иншоотҳое мебошад, ки барои самаранокии рушди пурраи иқтисодиёт ва ҳаёти ҳамарӯзаи мардум дар кадом мавзеъ ки набошад, шароити умумии истеҳсолиро таъмин менамояд. Омӯзиши ин далелҳо ба чунин хулоса меорад, ки ин ду кишвар барои бартараф намудани монеаҳои самаранок истифода намудани захираҳои энергетикии худ бояд як системаи энергетикии умумиро ташкил дода, бо ҳамдигар додугирифти мавсимии энергияро ба амал бароранд. Дар фасли зимистон ҷумҳурии ҳамсоя миқдори муайяни энергияи барқашро ба Тоҷикистон интиқол медиҳад ва энергияи гармиашро худ истифода мекунад. Дар фасли тобистон бошад, ҳамон миқдор ё ҳатто каме зиёдтарро аз кишвари мо мегирад. Ин мубодила барои ҳарду кишвар ҳам аз ҷиҳати энергетикӣ ва ҳам аз ҷиҳати танзими обёрӣ муфид мебошад. Барои Тоҷикистон ин имконият медиҳад, ки қобилияти содироти энергияи барқаш дар фасли зимистони камобӣ баландтар нигоҳ дошта шавад ва дар фасли тобистон зарурати резиши беҳудаи оби обанборҳояш намемонад. Барои кишвари ҳамсоя - Ӯзбекистон бошад, дар фасли тобистон гирифтани барқ аз ҳамсоя миқдори МБГ-ҳои дар фасли тобистон коркунандаро, аз як тараф кам, мекунад. Аз тарафи дигар, интиқоли барқ ба Тоҷикистон ба ҷамъшавии об дар обанборҳои он мусоидат намуда, боиси дар минтақаи Осиёи Миёна танзими обёрӣ ва экология хубтар мегардад, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бештар шуда, сатҳи некуаҳволии ҳарду кишвар баланд мешавад. Дар фасли зимистон кишвар ба камбуди зиёди энергияи барқӣ (2.2-2.5 млрд.квт/соат) дучор мешуд ва маҷбур буд, маҳдудияти додани барқро ба кор барад, ки он махсусан ба аҳолии деҳот, ки беш аз 70% аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, таъсир мерасонид, ки ин ба маҳдудияти энергияи барқӣ нобудшавии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ба 30% мерасид. Бо сохтмони НОБ-и Роғун имкони содироти барқ хеле зиёд мешавад, лекин нобаробарии солонаи қобилияти истеҳсолии неруи барқ ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад, яъне дар фасли тобистон потенсиали истеҳсолии НОБ-ҳои Тоҷикистон нисбат ба зимистон ба маротибаҳо зиёд мемонад. Қисми дигари муаммо – ин зиёд будани муқовимати ХИБ (хатти интиқоли барқ)-и пайвасти байни НОБ-ҳои марказ бо НОБ-24 («Дӯстии халқҳо») дар шимоли кишвар, яъне камии сахтии пайваст (недостаточная жесткость соединения) мебошад. Аз ҳамин сабаб аст, ки ҳангоми 515 кВ нигоҳ доштани шиддат дар НОБ-и Норак ва интиқоли 500 МВт иқтидор бо ХИБ 500 кВ Л-518 шиддат дар воридаҳои зеристгоҳи Суғд-500 ҳамагӣ ба 460 кВ баробар шуда истодааст. Афтиши шиддат: $\Delta U = 515 - 460 = 55$ кВ, ки 10,7%-ро ташкил медиҳад. Мушкилии дигар, дуртар будани маркази сарбории барқии вилояти Суғд аз маркази истеҳсолии ҷумҳурӣ мебошад. Яъне, муқовимати нисбатан зиёдтари хати интиқоли барқи байни НБО-24 ва марказ ҳангоми расиши кӯтоҳ дар хатҳои интиқоли барқи вилоятии 220/110 кВ боиси пасту баландшавии шиддат дар аксари зеристгоҳҳои вилоят шуда, ба кори мунтазами истифодабарандагони қувваи барқ халал эҷод менамояд. Мувофиқи барномаи стратегии роҳбарияти давлат силсилаи неругоҳҳо дар дарёи Зарафшон ва МГБ Шӯроб дар асоси кони ангишти Шӯроб бо иқтидори 600 МВА бояд сохта шавад, дар ҳамон вақт зарурати интиқол аз ҷануб ба шимоли кишвар намемонад, талафоти ба ҳамин алоқаманд низ аз байн меравад.

Ҳамин тариқ, хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки фаъолияти босамари инфрасохтор боиси рушди иқтисодиёти минтақа, дар маҷму мамлакат буда, барои саноатикунонии мамлакат такони ҷиддӣ мебахшад.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018 шаҳри Душанбе.
2. Buhr, W. What is Infrastructure? Department of Economics, School of Economic Disciplines, University of/Siegen. Siegen Discussion Paper No.107- 03. – 2003.
3. «Наше общее будущее» — Доклад Всемирной комиссии по вопросам окружающей среды и развития [доклад Брундтланд]. 29 ноября 1990 года. Вызов Югу - Обзор и резюме доклада Комиссии Юга (A/45/810).
4. Қодиров А. Муаммоҳои электроэнергетикаи Тоҷикистон / А.Қодиров, Ш.А. Муҳаммадюсупова. –Хуҷанд: Меъроҷ, 268 с.
5. [Электронный ресурс]. https://www.unece.org. (Дата обращения 22.05.2019)
6. Назарзода А. Гидроэнергетика. Гидроэнергетикаи Тоҷикистон / А. Назарзода. -Душанбе, 2014. -168 с.
7. Рушди энергетикӣ - рушди устувори иқтисодиёти мамлакат // Маводҳои Конференсияи дуюми илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ “Технологияи муосир дар электроэнергетика ва саноат”.-Хуҷанд: ДПДТТ, 2018.-201с.


## ВАЗЪИЯТИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА


Дар мақолаи мазкур ҳадафҳои стратегии мамлакат дида баромада шудаанд. Зикр шудааст, ки фаъолияти босамари инфрасохтор метавонад моро ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар расонанд, яъне ба саноатикунонии босуръати мамлакат. Ҳисобҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар маҷрои дарёҳои минтақаҳои кӯҳии кишвар имконияти техникии сохтмони зиёда аз 900 НБО хурд бо иқтидори аз 100 то 3000 кВА мавҷуд буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мебошанд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: ҳадафи стратегии мамлакат, инфрасохтор, инфрасохтори электроэнергетикӣ, обанборҳо, содироти барқ, хати интиқоли барқ, энергияи дарёҳои хурд, системаи энергетикӣ.


## ТЕКУЩАЯ СИТУАЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОГО СЕКТОРА


В данной статье были рассмотрены стратегические направления развития страны, указывается, что эффективность нашей инфраструктуры может привести нас к достижению стратегических целей страны, то есть быстрой индустриализации страны. Есть большое количество малых и больших рек, которые ждут своего развития и использования их энергии. Основной задачей беспрецедентного развития энергетики является один из ее компонентов. Предварительные оценки показывают, что в речных бассейнах страны имеются технические возможности для строительства более чем 900 малых ГЭС, мощностью от 100 до 3000 кВА, которые являются экономически выгодными для страны.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** стратегическая цель страны, инфраструктура, энергетическая инфраструктура, водохранилище, экспорт электроэнергии, линия электропередач, энергия малых рек, энергетическая система.


## CURRENT SITUATION AND PROSPECTS OF THE ENERGY SECTOR


In this article were considered the strategic objectives of the country that effectiveness of our infrastructure can lead us to a strategic objective of the country, that is fast industrialization of the country. There is a large number of the small and big rivers which wait for the development and use of their energy. The main objective of unprecedented development of power is one of its components. Preliminary estimates show that in river basins of the country there are technical capabilities for construction more than 900 small hydroelectric power stations with power from 100 to 3000 kVA and economic for the country.



**KEYWORDS:** the strategic objectives of the country, infrastructure, energy infrastructure, water reservoirs, export of electric power, power transmission line, the energy of small rivers, power system.



**Маълумот дар бораи муаллиф*: Нуров Сайфиддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **saifiddin-n@mail.ru/.** Телефон: **904568768.**

**Свединие об авторе:** ***Нуров Сайфиддин*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса по специальности «Мировая экономика». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **saifiddin-n@mail.ru/.** Телефон: **904568768**

**Information about the author**: ***Nurov Saifiddin*** – Tajik National University, second-year master`s student, majoring in World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **saifiddin-n@mail.ru/.** Phone: **904568768**

# ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Лолаев А. А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми «захираҳои инсонӣ» дар муқоиса бо мафҳумҳои «захираҳои меҳнатӣ» ва «захираҳои кадрӣ» васеву доманадор буда, пайваста мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баҳсу мунозироти муҳаққиқони илмҳои идоракунии назариявӣ ва ташкилӣ, равоншиносон, ҷомеашиносон, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон ва ғ. қарор дорад.

Дар адабиёти муосири илмӣ истилоҳи «захираҳои инсонӣ», дар маҷмуъ, тавсифоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва хусусиятҳои руҳиву равонии шахсиятҳоро ифода намуда, таҷассумгари нақш ва мавқеи бузурги инсон дар фаъолияти меҳнатию идоракунӣ ба шумор меравад. Ба ибораи дигар, захираҳои инсонӣ сармояи дониш, малака ва ҳавасмандии шахсиятҳо буда, бо ҳамин тавсифоти худ аз дигар намудҳои захираҳо фарқ мекунад. Захираҳои инсонӣ дар худ ғановати тафаккур, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаву қобилияти зеҳниро ғунҷоиш додааст, ки онҳоро барои ташкили дигар **арз**ишҳои моддиву маънавӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳадаф аз идоракунии захираҳои инсонӣ ҳалли вазифаҳои наву умдаи ҷамъиятиву давлатӣ, банақшагирии сармояи инсонӣ, тарбияи мутахассисони лаёқатманд, рушди қобилияти шахсӣ, баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси кормандон мебошад. Ташкили идоракунии захираҳои инсонӣ ба мақсадҳое нигаронида шудааст, ки ниёзмандии шахс дар доираи талаботи ба қувваи корӣ доштаи ташкилоту муассисаҳо ҳарчи бештару беҳтар қонеъ гардонида шавад. Дар ин раванд шахс ҳамчун обекти рушди муассиса, корхона, ташкилот мақоми аввалиндараҷа ишғол мекунад. Ҳар як шахс дар зиндагӣ ва дар тамоми намудҳои фаъолият ҳамчун сармояи инсонӣ шинохта шудааст. Шахсиятҳо намудҳои муайяни фаъолият – меҳнати фикрӣ ё ҷисмонӣ, истеҳсолӣ ё ғайриистеҳсолиро интихоб карда, барои пайдо намудани мавқеъ дар ҷамъият ва ба саришта кардани рӯзғор дар назди худ мақсадҳои муайян мегузоранд. Идоракунии рушди шахсият бевосита аз ҷониби кормандон асосан аз рӯи муайянкуниҳои зерин таъмин карда мешавад: қобилияти муносибат бо одамон, иҷрои вазифаҳои маъмурӣ, санъати ҳукмфармоӣ, малакаҳои роҳбарӣ, мақоми идоракунӣ. Мавқеи шахс ҳамчун захираи асосии ҷамъият ва ташкилоту муассиса ба омилҳои инсонӣ сахт марбут аст. Омилҳои инсонӣ дар раванди ташаккули гуруҳ, коллектив ва бахшҳои дигари фаъолияти меҳнатӣ зуҳур меёбанд. Корманди ботаҷриба кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамкории қавиро бо ҳамкасбон ва ҳамфикронаш ба роҳ монда, дар ин замина қобилияти шахсӣ ва натиҷаҳои меҳнатии худро ба коллектив бубахшад. Назар ба ақидаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба захираҳои инсонӣ шахсоне шомил мешаванд, ки дар истеҳсоли неъматҳои моддию маънавӣ бо дастовардҳои миқдорию сифатии худ қонеъ нагашта, бо навҷӯиву ихтироъкориҳояшон пешрафти муттасили корҳоро таъмин менамоянд ва дар ин самт нақши пешоҳангиро мебозанд. Онҳо бо истифода аз неруи зеҳнӣ ва рушди тафаккур дар ин ё он соҳа ҷаҳише, таҳаввулоте ба миён меоранд. Дар шароити муосир раванди ҳамқадам будан бо ҷомеаи умумибашарӣ ҳамин мақсадро дар соҳаи идоракунӣ ба миён мегузорад ва маҳз ҳадафи мазкур истифодаи самараноки сармояи инсониро дар идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд. Барои тақвияти фикр зарур аст, ки қабл аз ҳама ба чунин суханони ҳидоятгар ва раҳнамунсози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯ оварем: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд.

Махсусан, вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар маҳсуб меёбад» [1,12]. Таърихи инсоният борҳо собит намудааст, ки бе ривоҷи илму фарҳанг ва аз худ намудани дастовардҳои навин ба рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ноил гаштан мумкин нест. Ҳадафу мароми давлату ҳукумати ҷумҳурӣ низ аз он иборат аст, ки илму дониш дар кишвари мо ба арзишҳои воло табдил ёфта, аз ҷониби олимон, бахусус

олимони ҷавон ихтирооти нав ба нав ба вуҷуд ояд. Ёдовар бояд шуд, ки дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиром ва арҷгузории давлату ҳукумат ба заҳмати олимон, ба таъриху фарҳанг хеле боло рафтааст. Истифодаи неруи зеҳнӣ, таҳия ва қабули лоиҳаву барномаҳои мушаххас оид ба тадқиқоти илмӣ аз муҳимтарин талаботи замони муосир маҳсуб меёбад. Ин нукта пайваста дар суханрониҳои Пешвои миллат таъкид меёбад. Чунончи, Роҳбари давлат ҳанӯз 1 сентябри соли 2010 ҳангоми мулоқот бо олимон, омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чунин дастур дод: "Агар мо хоҳем, ки Ватани азизамон – Тоҷикистонро дар оянда ободу осуда ва пешрафта бинем, имрӯз бояд барои наврасону ҷавонони соҳибистеъдоди ҷӯянда, ихтироъкорону эҷодкорони асил ҳамаи шароитҳоро муҳайё созем, то ки онҳо тавонанд ба корҳои сермаҳсули илмию эҷодӣ ва навоварӣ машғул шаванд" [2,122]. Дар доираи иҷрои ин дастурҳои Роҳбари давлат сафи зиёиёни кишвар ҳамчун табақаи пешоҳангу фаъол сол то сол рӯ ба афзоиш мениҳад. Маҳз зиёиён дар таблиғи арзишҳои инсонӣ - таҳкими пояҳои давлатдорӣ, манфиатҳои милливу давлатӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, баланд бардоштани дарки ватандорию ватандӯстӣ, худогоҳию худшиносӣ саҳми бориз мегузоранд. Зиёиён ҷавҳари сармояи инсониро ташкил медиҳанд. Дар робита ба ин, идоракунии захираҳои инсонӣ мустақиман ба иқтидори зеҳнии кормандон ва сиёсати кадрӣ таъсир мерасонад. Маҳз идоракунии захираҳои инсонӣ барои гуруҳу ташкилотҳои меҳнатӣ имкон фароҳам меорад, ки фаъолияти муваффақонаи худро ба фаъолияти пешбаранда табдил диҳанд. Зеро инсон қодир аст, ки мунтазам неруи ақлӣ ва ҷисмонии худро рушду такмил диҳад, яъне имкониятҳо ва ташаббускориҳои инсон беҳадду канор аст.

Бо дарназардошти ҳамин, банақшагирии захираҳои инсонӣ дар қиёси банақшагирии захираҳои меҳнатӣ ва захираҳои кадрӣ ба доираи нисбатан васеи масоили ҷалби одамон алоқаманд мебошад. Ба ақидаи олимон банақшагирии захираҳои инсонӣ дар қиёси муносибатҳои маъмулии банақшагирии захираҳои кадрӣ ба доираи васеи ҷалби одамон марбут аст. Чунин тарзи муносибат ба он асос ёфтааст, ки банақшагирӣ дар идоракунии сармояи инсонӣ аз боло ба поён сурат мегирад, ки дар ин маврид метавон усулҳои сифатии хеле хуб санҷидашударо бо мақсадҳои баҳодиҳии дарозмуҳлат ба талабот ва пешниҳодот мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Раванди банақшагирии сармояи инсонӣ ба азнавташкилкунии стратегияи умумӣ тобеъ бошад. Бинобар ин, банақшагирии талабот ба захираҳои инсониро аслан нақшаи рушди ташкилоти талабкунанда барои давраи минбаъда бояд ташкил диҳад. Аз ин рӯ, банақшагирии дурусти захираҳои инсонӣ барои ноил гаштан ба мақсадҳое мусоидат менамояд, ки ташкилоти ба сармояи инсонӣ ниёзманд дар назди худ гузоштааст. Дар ин замина банақшагирии захираҳои инсонӣ ба омӯзиши бозори меҳнат, интихоби ҷойҳои корӣ, такмили усулҳои ҳавасмандгардонии меҳнат, такмили ихтисоси кормандон ва ғ. алоқаманд мебошад. Азбаски фаъолияти ҳама гуна идоракунӣ ба омилҳои инсонӣ асос ёфтааст, ба низом даровардани раванди ҷалб ва истифодаи захираҳои инсонӣ ногузир хоҳад буд. Ҳадафи идоракунии захираҳои инсонӣ қабл аз ҳама истифодаи самараноки меҳнати фикрию ҷисмонии одамон барои ноил гаштан ба дастовардҳои ҳарчи бештари моддиву маънавӣ ба шумор меравад. Раванди мазкур на фақат ба ташкили ҳайати миқдорӣ ва сифатии кормандон, балки ҳамчунин ба малакаю маҳорати истифодаи тарзу усулҳои руҳию равонӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин, аксар муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бар он ақидаанд, ки дар идоракунии сармояи инсонӣ мафҳуми «захираҳои инсонӣ» аз мафҳумҳои "захираҳои меҳнатӣ" ва «захираҳои кадрӣ» бояд куллан аз ҳамдигар фарқ кард. Чунончи, тибқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" муқаррар гардидааст, ки "захираи кадрҳои хизмати давлатӣ бо мақсади таъмини хизмати давлатӣ бо кадрҳо, болоравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад"[4,98]. Захираҳои инсонӣ бошанд, умуман ба мақсадҳои иҷрои умдатарин вазифаю барномаҳоиояндабинӣ пешбинӣ шудаанд. Истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар санъати идоракунӣ, бахусус идоракунии хизмати давлатӣ, аз ҷанбаҳои муҳимми ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давлату

ҳукумат ба шумор меравад ва дарку риояи ин талабот ба ҳар як хизматчии давлатӣ шарту зарур мебошад. Хизматчии давлатиро зарур аст, ки мунтазам дараҷаи ихтисоси худро баланд бардорад, технологияи навинро аз худ намояд, малакаю маҳораташро такмил дода, кору фаъолияти худро мукаммал ва самаранок гардонад. Қобилияту истеъдоди соҳибкасбии хизматчии давлатӣ дар таҷриба ташаккул ва такмил меёбад. Аз ин ваҷҳ, ба ҳисоб гирифтани қобилият ва имкониятҳои ҳар як нафар корманд, дар доираи коллектив оқилона истифода бурдани эътибор, таҷриба, синну сол, фаҳму идрок ва сифатҳои шахсии вай яке аз шартҳои муҳимми шомил будани хизматчии давлатӣ ба захираҳои инсонӣ ба шумор меравад. Ин нуктаро, ҳамчун гарави пойдории давлат ва некуаҳволии мардум Пешвои миллат гаштаю баргашта таъкид намуда, роҳбарони мақомоти идоракунии давлатиро ба иҷрои содиқона ва муваффақонаи вазифаю уҳдадориҳояшон ҳидоят месозад. Чунончи, Роҳбари давлати мо ҳанӯз 24 декабри соли 1994 дар суханронии худ дар машварати нахустин бо роҳбарони ноҳияҳою вилоятҳо ва вазорату кумитаҳои кишвар чунин иброз дошта буд: «Асоси фаъолияти ҳам мақомоти марказию ҳам мақомоти маҳаллиро бояд принсипҳои қонуният, интернатсионализм, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дигар меъёрҳои умумибашарӣ ташкил диҳад. Ман шумоёнро бо такя ба ваколате, ки халқ бароямон додааст, ба вазифаҳои гуногуни давлатӣ таъин кардам. Мехоҳам ҳар яки мо аз рӯйи инсоф, аз рӯйи виҷдон ва мувофиқи ақлу хирад амал намуда, Тоҷикистони азизи худро ба яке аз давлатҳои тараққикарда табдил диҳем» [3,312].

Дар идоракунии хизмати давлатӣ, чун дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, банақшагирии захираҳои инсонӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Бо ин мақсад сараввал ба инобат гирифтани чунин омилҳо – ҳолатҳои зоҳириву ботинии шахс, мавқеи ӯ дар ҷамъият, истифодаи усулҳои ҳавасмандгардонӣ, такмили ихтисоси кормандон, ташаккули зеҳнӣ муҳим аст. Дар ин замина талабот нисбат ба иҷрои вазифаю уҳдадориҳои хизматчии давлатӣ ба миён меояд. Вазифаю уҳдадориҳои хизматчии давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» амиқ муайян карда шудаанд. Чунончи, дар моддаи 7-и Қонун принсипҳои зерини асосии хизмати давлатӣ муқаррар гардидааст:

- волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

-ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ;

-садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон;

-инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ;

-хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ;

-ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд;

-шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;

-касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ;

-ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ;

-ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ;

-устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ;

-баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ;

-баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ.

Иҷрои ин муқаррарот масъулияти азимеро ба зиммаи хизматчии давлатӣ мегузорад. Тибқи моддаи $7^1$–и ҳамин Қонун Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Чун ба таърихи башарият ва осори безаволи мутафаккирони гузаштаву муосир назар афканем, мебинем, ки мақсаду мароми асосии фалсафии онҳо тарбияи инсони ҳамаҷониба рушдёфта мебошад. Чунин шахсиятҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки худро аз ҳама айбу нуқсон ва унсурҳои зишт ҳифз намоянд, дониши мукаммал, ҷаҳонбинии васеъ дошта, арзишҳои умумиинсонӣ, ахлоқи ҳамида, сабру таҳаммул, меҳру муҳаббат, садоқат, дӯстию ваҳдат ва дигар хислатҳои неки инсониро пешаи зиндагӣ қарор диҳанд ва бад-ин васила дар

таъмини низоми муътадили кишвару ҷаҳон, беҳдошти ҳаёти моддию маънавии мардум ва муносибатҳои байниҳамдигарии одамон нақши муассир дошта бошанд. Зеро обрӯю эътибори давлат бевосита аз сифатҳои ахлоқии амалдорон – поквиҷдонӣ, ҳақгӯӣ, ҳақҷӯӣ, фидокорӣ дар хизмат нисбат ба ҳимояи манфиатҳои давлатӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, донишандӯзӣ, шинохти арзишҳои фарҳангӣ, мутолиаи доимии осори суханварон, ки фазилатҳои неки инсониро таҷассум ва тараннум мекунанд, ҷиҳати ташаккули одоби касбии хизматчии давлатӣ дар мадди аввал меистад. Хизматчии давлатиро зарур аст, ки пайваста илм омӯзад, китоб хонад, то ки дар ҷаҳонбинӣ ва рушди тафаккури ӯ таҳаввулоти амиқ ба вуқуъ пайвандад. Раванди муосири ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати техникаву таҷҳизоти иттилооти муосир талаб менамоянд, ки ба сафи хизматчиёни давлатӣ ҳарчи бештар донишмандон ва зиёиёни равшанфикр ҷалб карда шаванд. Яъне, хизматчии давлатӣ ҳар қадар донишманд, интизомнок, хушодоб, хушмуомила, таҳаммулпазир, ҳар қадар фидокори халқу давлат бошад, ҳамон қадар дарки масъулиятшиносии ӯ баланд мегардад.

Одоби маъмурӣ дар он ҷанбаҳои ахлоқии шуур ва кирдори хизматчиёни давлатӣ ифода меёбад, ки муносибатҳои руҳӣ-ахлоқии дохилиидоравӣ ва муносибати байни мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва дигар созмонҳои иҷтимоию шаҳрвандони алоҳидаро дар бар мегирад. Сарчашмаи одоби маъмуриро хулқи асил ташкил медиҳад, ки ифодагари талабот ва қоидаҳои рафтору кирдори шахс дар ҷомеа ва муассисаю ташкилот ба ҳисоб меравад. Ҳамин талаботро бояд хизматчии давлатӣ дар иҷрои самараноки вазифаҳои худ ба роҳбарӣ гирад. Ҳифзи манфиатҳои давлату ҷомеа, эҳтирому риояи қатъии қонуният, хушмуомилагӣ талаботи афзалиятноки ахлоқӣ арзёбӣ мешаванд. Чи қадар мураккабу масъулиятнок будани интихоб ва ҷалби хизматчиёни давлатӣ дар идоракунии давлат низ аз ҳамин мафҳумҳо бармеояд. Пешвои миллат гаштаю баргашта дар суханрониҳояшон чунин таъкид менамоянд: «Таҳкими раванди худшиносӣ ва худогоҳӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон барои густариши тафаккури навини миллӣ замина фароҳам овард, ки ҷавҳари онро ҳифзи истиқлолу якпорчагии давлат ва сарҷамъиву ваҳдати тоҷикон дар пояи андешаи миллӣ ташкил медиҳанд» [5,240]. Принсипҳои одоби хизматчии давлатӣ дар банди 2, боби 2-и Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр ёфтаанд. Аз ҷумла, муқаррар карда шудааст, ки хизматчии давлатӣ бояд дорои чунин арзишҳои баланди инсонӣ бошанд: ҳифз ва мусоидат намудан ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ мебошанд; инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ; шаффофият дар хизмати давлатӣ; таҳаммулпазирӣ - эҳтиром ва дуруст дарк намудани фарҳангҳои мухталиф, рафтор, одат, ақида, динҳо, дар муносибат бо ҳамкорон, муроҷиаткунандагон, тобеон ва дигарон; поквиҷдонӣ ва беғаразӣ; касбият ва салоҳиятнокӣ, яъне доштани донишу малакаи касбӣ, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва таҷриба, ки онҳо асоси иҷрои муваффақонаи вазифаҳои хизматӣ ва уҳдадориҳои мансабӣ хоҳанд буд [6,21]. Бояд гуфт, ки ахлоқ – ин тарзи хоси дарки ботинӣ ва зоҳирии ҷаҳон аст, ки дар худ муносибатҳои махсуси арзишноки омиронаро ба ҳастӣ таҷассум намуда, таърихан нахустин воситаи танзими иҷтимоӣ, таъминкунандаи мувофиқати амали ашхоси алоҳида ва мутобиқати арзишманди манфиатҳои шахсӣ бо манфиатҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар ахлоқу одоб ягонагии маънавӣ ва амалӣ инъикос ёфтааст. Меъёрҳои ахлоқ – қоидаҳои амиқи рафтор буда, муайян менамоянд, ки инсон дар муносибат бо ҷомеа, бо атрофиён ва дар муносибат бо хеш бояд чӣ гуна амал намояд. Меъёрҳои ахлоқ ба ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои байниҳамдигарии одамон дахл мекунанд. Дар мавзуи идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатӣ сухан ронда, набояд аз чунин мафҳумҳои бунёдӣ, амсоли қонуният ва адолати иҷтимоӣ, ҳифзи озодиҳои инсон ва шаҳрванд, демократия, ошкорбаёнӣ, ба эътибор гирифтани афкори омма, мустақилият, иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ, фаромӯш кард. Зеро бе донистани чунин мафҳумҳо дар ҷалби сармояи инсонӣ самаранокии фаъолияти хизмати давлатиро таъмин кардан мумкин нест. Дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди идоракунӣ дар фаъолияти ҷамоаҳои деҳот ислоҳоти куллӣ ворид карда шуд, ки раванди мазкур ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ асос ёфтааст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 тасдиқ гардидааст. Дар моддаи 6,

банди 1- и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», ки 5-уми августи соли 2009, таҳти №549 бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул карда шуда, аз 5 боб ва 47 модда иборат мебошад, омадааст: «Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самараноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ мусоидат мекунанд» [7,54]. Дар заминаи иҷрои ин талабот барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои давлату ҳукумат оид ба рушди иқтисодию иҷтимоии маҳалли зист ва бемайлон баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум фазои мусоид фароҳам оварда мешавад. Чунончи, ваколатҳои ҷамоатҳо дар соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, муҳити зист, ободонӣ имкон медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои зерин мақсаднок таъмин карда шаванд: оилаҳои камбизоат, маъюбон ва дигар табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, шароитҳои моддию маишии онҳо мунтазам рӯ ба беҳбудӣ оварад; бо ҷалби аҳолӣ созандагию бунёдгариҳо, аз ҷумла ободонии майдону гулгаштҳо, сабзу хуррамгардонии кӯчаю хиёбонҳо, оромгоҳҳо пайваста вусъат пайдо намуда, ҳолати санитарии маҳалҳо, манбаъҳои бообтаъминкунӣ, муассисаҳои таърихию фарҳангӣ, тандурустӣ ва дигар иншоот таҳти назорати доимӣ қарор дода шаванд. Ҳамин тариқ, мафҳуми «идоракунии захираҳои инсонӣ» дар шароити кунунии ҷомеаи дунявию ҳуқуқбунёд истилоҳи нав буда, ба нақшу мақоми инсон дар намудҳои мухталифи фаъолияти меҳнатӣ марбут аст. Истилоҳи мазкур, тибқи иттилои расонаҳои хабарӣ, дар солҳои 70-уми асри гузашта дар соҳаи илм ва таҷрибаи идоракунии ИМА ба ҷойи мафҳумҳои «идоракунии захираҳои меҳнатӣ» ва «идоракунии захираҳои кадрӣ» мавриди истифода қарор гирифт ва метавон гуфт, ки чунин маънидодкунии идоракунии захираҳои инсонӣ ба кафолатҳои конститутсионии давлатҳои мутараққии ҷаҳон дар хусуси арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон мутобиқат мекунад. Ин маънӣ дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд» [9,12]. Дар воқеъ, истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ногузир аст. Аз он ҷумла, барои халқи Тоҷикистон, ки тибқи Конститутсия “қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор додааст” [9,10], ба кор бурдани захираҳои инсонӣ дар идоракунии давлат ва ҷамъият дорои аҳамияти беназир хоҳад буд. Умуман, мафҳуми захираи сармояи инсонӣ ҷанбаи фалсафӣ дошта, ба бузург будани неруи инсон ишора мекунад. Инсон бо ақлу заковати худ дар офариниши неъматҳои моддиву маънавӣ бемислу монанд, захираҳои инсонӣ беҳадду канор аст. Ин мавзуро файласуфони ҳар давру замон баррасӣ намуда, дар асарҳои безаволи худ мафҳуми “инсони кулл”-ро хеле зиёд кор фармудаанд. Аз ҷумла, мутафаккирони бузурги Шарқ низоми ягонаи ҷаҳонбинии инсонро маҳаки муттаҳидкунандаи ҷамъият донистаанд, ки он меъёрҳои ягонаи ахлоқӣ – ҳуқуқиро дар бар мегирад. Файласуфон “инсони кулл”-ро ҳамчун ҷанбаи асосии таълимоти башардӯстона интихоб намуда, пешниҳодоти илмии худро дар назди ҳукуматдорон мегузоштанд, то ки онҳо арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон, дахлнопазир будани ҳуқуқҳои фитрии ӯро эътироф намуда, назарияи мазкурро дар идоракунӣ мавриди амал қарор диҳанд. Бештари олимони Шарқ ба масъалаҳои сиёсӣ, табиатшиносӣ, забоншиносӣ, назарияи идрок, педагогика, санъату мусиқӣ рӯ оварда, ҷонибдори илми дунявӣ буданд”[8]. Онҳо дар тадқиқоти худ дар омӯзишу баррасии мавзуи инсон ва ақлу заковати ӯ асосҳои мантиқиро таҳия намудаанд. Чунончи, аз сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки мутафаккири барҷастаи тоҷик Абуалӣ Ибни Сино дар баробари дастовардҳои бузургаш дар илми тиб, дар назарияи мантиқии худ таълимоти мутафаккирони Юнони Қадимро ба асос гирифта, дар бораи инсон ҳамчун қуллаи рушди ҷаҳони ҷисмонӣ ва табиати зинда ғояҳои барои замони худ пешқадам ба миён гузошт ва ба ғояҳои атиқавии он замон умри дубора бахшид. Ба ақидаи чунин мутафаккирон маҳз ба инсон неруи олӣ ва қобилияти ҳаракати босуръат ба қуллаи камолот хос аст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки идоракунии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун маҳаки баҳодиҳӣ ба арзишҳои инсонӣ раванди муттасил рушдёбанда буда, вобаста ба пешрафти ҷомеаи муосир, мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дар заминаи тадқиқоту баррасиҳои донишмандони соҳа пайваста такмил меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, с. 2020
2. Эмомалӣ Раҳмон "Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат", ҷ. 11, саҳ. 93. Душанбе, нашр. "Ирфон", с. 2012.
3. Эмомалӣ Раҳмон. "Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат», ҷилди 1, саҳ. 312. Душанбе, нашр. «Ирфон», с. 2002.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Душанбе, 5 марти соли 2007,№233.
5. "Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон", Душанбе, нашр. «Контраст», с. 2018 саҳ. 240.
6. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» 5-уми августи соли 2009, таҳти №549
8. Сомонаи Интернет https://www.google.com/search?q
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
10. Васиев Ф.М. Проблемы подготовки кадров в современных условиях социально-экономического развития Таджикистана. //Вестник «Экономика в промышленности» НИТУ МИСиС. Том 10. №4. Москва 2017г. – с. 387-392.
11. Васиев Ф.М. Проблемы развития социального партнерства и организации гибких форм занятости в Таджикистане. «Вестник университета» (Российско-Таджикский (Славянский) университет) (ISSN – 2077-8325). Входит в перечень российских рецензируемых научных журналов ВАК РФ. №1(61). Душанбе 2018г. – С.156-160.
12. Ганиев Т.Б. Менеджмент/Т.Б. Ганиев. Т. I-II. Душанбе,Ирфон. - 2004. - С. 463-468.
13. Ганиев Т.Б. Проблемы формирования устойчивого человеческого развития Таджикистана. Душанбе, Диловар – ДДМТ, 2002. - С. 50-54.
14. Генкин Б.М. Экономика и социология труда/Б.М. Генкин. М., Норма. - 2014. - 464 с.
15. Гешель В. Теоретические аспекты оценки эффективности аграрного производства / В. Гешель //АПК: экономика и управление. – М.: 2014, - №4. –С. 19.


## ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Ҳар як давлати дунё конститутсия ё қонуни асосии худро дорад ва мутобиқ ба он сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро амалӣ менамояд. Дар мақола муаллиф саъй намудааст, ки оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода, баъзе аз паҳлуҳои онро таҳлил намояд. Ба ақидаи муаллиф ҳадаф аз идоракунии захираҳои инсонӣ ҳалли вазифаҳои наву умдаи ҷамъиятиву давлатӣ, банақшагирии сармояи инсонӣ, тарбияи мутахассисони лаёқатманд, рушди қобилияти шахсӣ, баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси кормандон мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** захираҳои инсонӣ, идоракунӣ, қобилияти зеҳнӣ, қобилияти шахсӣ, сармояи инсонӣ, рушди шахсият, неруи зеҳнӣ, тадқиқоти илмӣ, стратегияи умумӣ, хизмати давлатӣ, волоияти қонун, талаботи тахассусӣ, арзишҳои фарҳангӣ, одоби маъмурӣ, истиқлолияти давлатӣ.


## УПРАВЛЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРСАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Каждая страна в мире имеет свою конституцию или основной закон и проводит свою внутреннюю и внешнюю политику в соответствии с ней. В данной статье автор пытается предоставить информацию об управлении человеческими ресурсами в Республике Таджикистан и проанализировать некоторые его аспекты. По мнению автора, целью управления человеческими ресурсами является решение новых и крупных общественных и государственных задач, планирование человеческого капитала, подготовка квалифицированных кадров, развитие личностных способностей, профессиональное развитие работников.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** человеческие ресурсы, управление, интеллектуальные способности, личностные способности, человеческий капитал, личностное развитие, интеллектуальный потенциал, научные исследования, общая стратегия, государственная служба, верховенство закона, профессиональные требования, культурные ценности , государственная независимость.


## HUMAN RESOURCE MANAGEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


Every country in the world has its own constitution or basic law and pursues its own domestic and foreign policies in accordance with it. In this article, the author tries to provide information on human resource management in the Republic of Tajikistan and analyze some of its aspects. According to the author, the purpose of human resource management is to solve new and major public and state tasks, human capital planning, training of qualified personnel, development of personal abilities, professional development of employees.

**KEYWORDS:** human resources, management, intellectual ability, personal ability, human capital, personal development, intellectual potential, scientific research, general strategy, public service, rule of law, professional requirements, cultural values , state independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Лолаев Аҳлидин Азамҷонович*** – магистранти курси дуюми ихтисоси иқтисоди меҳнати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904 17 31 41**

**Сведение об авторе**: ***Лолаев Ахлидин Азамжонович*** – магистр 2 курса спициальности экономики труда, Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 904 17 31 41**

**Information about the author**: ***Lolaev Ahlidin Azamjonovich*** – second-year master`s student of specialty of labor economics, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone **(+992) 904 17 31 41**

# НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИВАЗКУНАНДАИ ВОРИДОТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сатторов Н.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воридотивазкунӣ ифодакунандаи маҷмуи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ дар низоми такрористеҳсоли миллӣ ба ҳисоб меравад. Амалисозии он дар дурнамои наздик бояд барои бунёди шароитҳои бозсозиҳои сохторӣ, таъсиси шароитҳои мусбати иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи технологии саноат ва баромадан ба сатҳи нави тараққиёти байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Мафҳуми воридотивазкунӣ мисли дигар категорияҳои иқтисодӣ ҷанбаи миқдории арзёбии самаранокӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Мафҳуми мазкур тавассути ду усул метавонад баҳогузорӣ карда шавад: усули мустақими баҳодиҳии самаранокии иқтисодӣ ва усули таҳлили коэфитсентӣ. Ҳар яке аз ин усулҳоро ба таври муфассал дида мебароем. Усули мустақими баҳодиҳии иқтисодии нишондиҳандаҳо дар сатҳи корхонаҳои ба воридотивазкунӣ махсус (даромади софи дисконткунонда, ҳалли мушкилоти институтсионалии рушди содирот, муҳлати худхаридии лоиҳа, нормаи дохилии даромаднокӣ ва ғ.). Моҳияти усули мазкур дар ҳисоби нишондиҳандаҳои умумиқабулгардидаи самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо дарназардошти ҳама гуна тасҳеҳи интиқоли маблағҳо, ки ба туфайли характери воридотивазкунии маҳсулоти истеҳсолгардида ба вуҷуд оварда шудааст. Дар заминаи баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои воридотивазкунии корхонаҳои саноатӣ, муаяйнкунии воқеии манфиатҳои иқтисодӣ (селаҳои пулӣ) аз татбиқи лоиҳа ва талафоти минбаъдае (селаҳои пулие), ки бо амалисозии лоиҳаи воридотивазкунӣ вобаста аст. Аз ҷониби мо чунин номгӯи воридшавӣ ва хориҷшавии селаҳои пулӣ оварда нишон дода мешавад.

**Таҳлили коэффитсентӣ.** Моҳияти усули мазкур аз баҳодиҳии нишондиҳандаҳои нисбӣ, ки тавсифдиҳандаи сатҳ ва тағйирёбии динамикаи вобастагиро аз воридот ба корхонаҳо, ки татбиқкунандаи лоиҳаҳо дар бахши воридотивазкунӣ ба ҳисоб меравaнд, иборат аст. Воридотивазкунӣ ҳамчун ҷараён, ба таври мустақим бо бартарафкунии аз воридот вабастагии ногувори иқтисодиёт, бояд ба таври сохтори инъикоскунандаи роҳи баромадан ба аз ҳолати статикӣ ва ба ин васила нуқтаи асосии бозсозиҳои сохторӣ, соҳавӣ, такрористеҳсолӣ, институтсионалӣ ва муносибатҳои равобити зичи берунмарзӣ табдил ёбад. Аммо, аксарияти иқтисодчиён воридотивазкуниро дар фосилаи начандон дарозмуддат ҳамчун имконияти «пуррагардонии» корхонаҳои фаъолияткунанда, пеш аз ҳама бо такя ба сиёсати протексионизми давлатӣ, писанд медонанд [1, с.52-64]. Дар доираи сиёсати дохиливу берунии иқтисодиёт, фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таъмини рушди самарабахши иқтисодиёт аз ҳисоби имкониятҳои дохилӣ, таъсиси коргоҳ ва корхонаҳои нави саноатӣ, барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда ва

дар ин замина афзоиш додани истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардид.

Тоҷикистон дорои иқтисодиёти кушода буда, дар он воридоти молу хизматрасониҳо аз содироти онҳо бештар аст. Озодкунии савдои хориҷӣ дар нимаи солҳои 90-уми асри гузашта сурат гирифт. Бинобар маҳдуд будани номгӯи молҳои содиротӣ, ки дар он алюминийи аввалия ва нахи пахта бартарият доштанд, дар давраи мушоҳидашаванда бо ифодаи арзиш тағйироти ҷиддӣ мушоҳида карда намешавад. Коҳиш ё афзоиши содирот бештар бо тағйирёбии нархи ҷаҳонии молҳо дар шакли ашёи хоми аз Тоҷикистон содиротшаванда вобаста мебошад. Ба таври устувор бақияи манфии баланси савдо афзуда, аз воридот вобастагии давлат шиддат гирифта истодааст. Аз ин хотир мусоидат, ба рушди воридотивазкунандаи истеҳсолӣ, мумкин аст танҳо дар асоси истифодаи фишангҳои беруниқтисодӣ, сиёсати фаъоли пулию қарзӣ, асъориву қурбӣ ва сиёсати саноатӣ имконпазир аст. Бо сабаби маҳдудияти ҳудуди ҷуғрофии маҳсулотҳои содиротӣ, ки дар он алюминиии аввалия ва нахи пахта бартарӣ дорад, тағийротҳои назаррасро дар сатҳи иқтисоди миллӣ интизор шудан ғайриимконпазир аст. Коҳишёбӣ ва афзоишёбии содирот пеш аз ҳама бо калобишҳои нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулотҳои аз берун воридшаванда ба қаламрави ҷумҳурӣ вобаста аст. Афзоиши ҳиссаи маҳсулоти воридшаванда дар бозорҳои дохилӣ аз натиҷаи марҳала ба марҳала паст намудани тарифҳои воридотӣ вобаста аст. Ба таври сунъӣ нархҳои пастнамуда ба маҳсулотҳои воридшаванда, ба коҳишёбии нархҳои дохилӣ ва аз байн рафтани истеҳсолоти ватанӣ гардида, ба ин маънӣ вобастагии бозори миллӣ аз маҳсулоти арзони субсидияшуда зиёдтар мегардад. Чунин кишварҳои тараққикарда ба монанди Фаронса, Полша, Ирландия мавқеъи протекисонистиро дар соҳаи дастгирии хоҷагии қишлоқ ишғол мекунанд. Мувофиқи талаботи қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии Савдо марҳила ба марҳила коҳишёфтани субсидиякунонии содиротӣ ва манъи пурраи он дар соли 2013 пешбинӣ шуда буд. Паст намудани маҳдудиятҳои тарофавӣ ба истифодаи интенсивии аз ҷониби кишварҳо усулҳои ғайритарофавиро ҷиҳати ҳимояи бозорҳои дохилӣ истифода баранд. Тоҷикистон ба таври зарурӣ чунин усулҳои ғайритарофавиро, ки аз ҷониби СУТ пешбарӣ гардиааст (монеаҳои сантитарӣ, фитосанитарӣ, чораҳои техникӣ) истифода намебарад. Ин чорабиниҳо бояд ҳам характери доимӣ ва ҳам фавқулодавӣ дошта, ба ҳимояи одамон ва таъмини бехатарии озуқаворӣи онҳо равона карда шаванд. Бояд қайд намуд, ки муқобилияти рақобатпазирии воридот дар бозорҳои дохилӣ ба истифодаи чорабиниҳои антидемпенгӣ нисбат ба истеҳсолкунандагони хориҷӣ халал мерасонад. Чуноне ки маълум аст, истифодаи чорабиниҳои антидемпенгӣ ва дигар чорабиниҳои маҳудудкунӣ ба низоми талаботҳои СУТ мухолифат намеккунад. Истифодаи онҳо нисбати воридот дар Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳо мушкилотдор ба ҳисоб меравад, зеро ки аксарияти маҳсулотҳои воридшаванда ба номгӯи маҳсулоти демпенгӣ дохил намешаванд. Дар ин ҳолат истеҳсолкунанда на аз ҳисоби омили нархӣ, балки аз ҳисоби омили рақобатпазирӣ бурд ба даст меоварад. Иштироки Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат истифодаи воситаҳои сиёсат гузории тиҷоратӣ ва қобилияти ҳимояи бозори дохилиро маҳдуд мекунад. Истифодаи усулҳои танзимии ғайри тиҷоратӣ (сертификатсия, стандартизатсия, қоидаҳои техникӣ), ки аз тарафи Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат иҷозат дода шудааст, ҳанӯз барномаҳои кофӣ надоранд. Системаи давлатии саноатӣ ба таври кофӣ самарабахш нест, чуноне ки далели сохтори таназзули истеҳсолот ва монеаҳои сохторӣ дар ҷараёнҳои савдои беруна ба мушоҳида мерасанд. Номушаххасии самтҳои сиёсати саноатӣ ва набудани лоиҳаҳои воридотӣ барои иқтисодиёт ва механизмҳои татбиқи онҳо боиси ихтилофот дар истеҳсолоти саноатӣ мегардад. Дар ҷараёни дохилшавии Тоҷикистон ба низоми муосири робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ муҳиммияти принсипиалиро коркарди равишҳои нав доир ба дастгирии давлатии фаъолияти беруниқтисодӣ, ки дар доираи бартариятҳои гузошташудаи Барномаи Стратегияи милли Рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузошта шудаанд, ишғол мекунанд. Ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон диверсификатсияи иқтисодиёт ва тақвиятбахшии иқтидори содиротии кишвар, инчунин воридотивазкуниро талаб мекунад, зеро ки истеҳсоли маҳсулотҳои бо ҳам монанди воридшаванда имконият

медиҳанд, ки на танҳо ҳаҷми маҳсулоти воридотӣ кам карда шавад, балки нархи ин намуди маҳсулотҳо дар дохили кишвар, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагон истеҳсол карда мешаванд, бо нархҳои дастрас ба бозори дохилӣ дастрас гарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили сиёсати давлатии беруниқтисодӣ ва савдои берунӣ дар нимаи солҳои 2015 Комиссияи Ҳукуматӣ оид ба воридотивазкунӣ таъсис дода шуда буд, ки фаъолияти он барои коҳиш додани вобастагии савдои берунӣ аз воридот, дастгирии системавӣ ва нақшавии дастгирии содирот ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ки ба талаботҳои СУТ мувофиқ аст, ташкил гардида буд. Самти стратегии сиёсати мазкур ин аз бозорҳои дохилӣ берун кардани молҳои истеҳсоли хориҷӣ набуда, балки ба истеҳсоли маҳсулотҳои рақобтапазири ватанӣ, ки дар бозорҳои дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он эҳтиёҷот доранд, дар назар аст. Ҷиҳати амалисозии босамари сиёсати воридотивазкунӣ ва бо ин васила мусоидаткунӣ ба содирот Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул гардид [2, с.1-68]. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст. Барои ноил гардидан ба он дар доираи Барнома иҷрои вазифаҳои стратегии зерин, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд, оғоз карда мешавад:

- ба таври назаррас кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотии асосии ниёзи мардум;
- таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо дар самтҳои пешниҳоди механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ ва гузарониданиислоҳоти зарурӣ дар бахшҳои воқеӣ;
- таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ;
- ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани хизматрасонии хатсайрҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт;
- дараҷаи пасти ҷалби бахши хусусӣ, пешгӯии аз ҳад некбинонаи умедворӣ аз сармоягузорони хориҷӣ;
- таъмин намудани болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба содиркунандагону сармоягузорони эҳтимолӣ, инкишофи ҳамкорӣ, занҷирҳои арзиши иловашуда ва гурӯҳбандӣ.

Бояд қайд намуд, ки либерилизатсияи минбаъдаи савдои берунаи Тоҷикистон рақобатро аз ҷониби молҳои баромади беруна боз ҳам шадидтар мегардонад. Ҳамин тариқ, истеҳсоли маҳсулоти рақобтапазири ватанӣ имконият медиҳад, ки молҳои воридотии монандро бо молҳои истеҳсолии дохилӣ иваз намуда, ба ин васила ҷараёнҳои воридотивазкунӣ фаъол гардад.

Дар ҷараёни фаъолгардонии воридотивазкунӣ набояд нисбати ҳолати таъминоти қарзии бахши аграриро фаромуш кард. Муносибатҳои қарзӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт бо сабабҳои мавсимӣ будани истеҳсолот, яъне дур шудани фосилаи вақти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, байни маблағи гузошташуда ва баргаштани он низ аз аҳамият холӣ нест. Талаботи истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба қарзҳои захиравӣ дар сатҳи зарурӣ қаноатманд намегарданд. Сабаби асосии вуҷуд надоштан дар истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ гарави арзишнок ва инчунин пардохти баланд барои қарзҳои захиравӣ асоснок мегардад. Тибқи иттилоои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қарзҳои дарозмуддат зиёда аз 64% корхонаҳои хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, ба қарзҳои миёнамуҳлат-16% ва кӯтоҳмуддат ҳамагӣ 10% эҳтиёҷ доранд [3]. Инак, дар асоси маълумотҳои дар боло овардашуда метавон қайд намуд, ки механизми пулию

қарзӣ барои ҳавасмандкунии воридотивазкунӣ босамар таъсир мерасонад. Тараққиёти воридотивазкунӣ ба беҳсозии сохтори қарзии бонкӣ низ ба таври мусбат таъсир мерасонад.

Зери мафҳуми стратегияи воридотивазкунӣ ин «баҳисобгирии дар давраи дарозмуҳлат маҷмуаи чорабиниҳо, ки таъмини мақсадҳо нисбат ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолоти ватании маҳсулот дар ҳолати коҳиш ёфтани истеъмоли маҳсулотҳои воридотӣ» фаҳмида мешавад. Интихоби дилхоҳ стратегияи воридотивазкунӣ аз имкониятҳои мавҷуда ва вазъи иқтисодӣ вобаста аст. Тағйирёбии вазъи ҷуғрофию иқтисодӣ ва ҷуғрофию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши омили иқтисодии хориҷиро дар рушди кишвар ба таври назаррас боло бурд. Вобастагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бозорҳои беруна хеле меафзояд. Тоҷикистони муосир дорои иқтисоди хурди кушода буда, дар ҳиссаи воридоти молу хизматрасонӣ нисбат ба содироти онҳо зиёдтар мебошад. Ҷумҳурӣ дар бозорҳои ҷаҳонии молу сармоя ҳиссаи начандон зиёд дошта, иқтисодиёти он таҳти таъсири омилҳои асъорӣ, молиявӣ ва нархии беруна қарор дорад. Ҳаҷми арзишии содироти ҷумҳурӣ вобаста ба тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти асосии содиротӣ тағйир ёфта, меъёри фоизии дохилӣ, ки нисбат ба меъёри ҷаҳонӣ баландтар аст, ба ҳаракати байналмилалии сармоя вобастагӣ надорад. Барои иқтисодиёти хурди кушод шартҳои тиҷорати хориҷӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои зарурӣ барои таҳия ва амалисозии сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ва қисми таркибии он сиёсати савдои хориҷӣ аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин, бахши иқтисодии хориҷӣ бояд ба низоми иқтисодии тағйирёбанда, ки қобилияти ба тағйироти ҷаҳонӣ мутобиқ шуданро дорад, табдил ёбад [4, с. 1-58]. Дар шароити муосир рушди бахши воридотивазкуниро метавон дар заминаи шароитҳои зерини мавҷуда амалӣ сохт:

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки вазифаи минбаъда дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии мамлакат «...васеъ намудани саҳми КАС дар таъмини мавҷудият ва кофӣ будани маводи озуқаворӣ, сифат ва бехатарии онҳо дар асоси гузариш ба сатҳи баланди саноатикунонӣ ва рушди устувори бахши кишоварзӣ дар асоси татбиқ намудани технологияҳои бехатари инноватсионӣ ва экологӣ» иборат мебошад. Ҳалли ин мушкилотро тақвият додани фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ, бо дарназардошти истифодаи самарабахши рушди неруи иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, сармоягузориҳо мебошад. Сармоягузорӣ, ҳамчун шарти асосии таъмини рушди иқтисодӣ, таҳаввулоти умумии корхонаҳои кишоварзӣ ва параметрҳои асосии раванди таҷдиди такрористеҳсолро муайян месозад. Аз ин рӯ, дар шароитҳое, ки омилҳои муҳити беруна ва хавфу хатарҳо дар як сатҳи муайян ба фаъолияти корхонаҳо таъсир мерасонанд, ба вуҷуд овардани парадигмаи нави фаъолияти иқтисодӣ зарур буда, хавфу хатарро ҳамчун захира, ки ҳамаи хусусиятҳоро, махсусан омилҳои истеҳсолиро (соҳибмулк, арзиш (нарх), маҳдудияти шумораҳо, натиҷаҳои ниҳоии истеҳол) дорад, мувофиқи мақсад мебошад. Самти дигари ба ҷараёни воридотивазкунанда таъсирбахшро дар такмили сиёсати андоз барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионии соҳибкорони хусусӣ дидан мумкин аст. Аксари субъектҳои бахши соҳибкорӣ мекӯшанд, ки аз ҳама гуна имконияти қонунии кам кардани уҳдадориҳои андозии худ истифода баранд. Аз соли 2013 шуруъ карда, Кодекси нави андоз ба қонунгузории андоз дар соҳаи соҳибкории хурд тағйироти гуногун (беш аз 240 имтиёзу сабукиҳо)-ро ворид намуд, ки ба фаъолияти онҳо таъсири мусбат расониданд. Афзоиши назарраси корхонаҳои хурд дар соли 2014 - 584 адад бештар аз соли 2013 - исботи ин гуфтаҳост. Аммо имтиёзоти пешбинишуда самараи кутоҳмуддат доданд. Пас аз соли 2014 теъдоди корхонаҳои хурд майл ба коҳишёбӣ кард: соли 2016 нисбат ба соли 2014 шумораи онҳо ба 475 адад кам шуда, мутаносибан, нишондиҳандаҳои иқтисодии дигар низ коҳиш ёфтанд. Ин асосан бо поёнравии сатҳи муҳити сармоягузорӣ ва таъсири номусоиди низоми андоз ба иқтисоди корхонаҳои хурд рабт дорад. Ин нишондиҳандаҳо аз мавҷудияти гаронии андоз гувоҳӣ медиҳанд. Бинобар ин, омили ҳавасмандкунии рушди соҳибкории хурд чунин сиёсати давлатии андозбандиест, ки моҳияташ аз муайяннамоии меъёрҳои ҳудудии одилона иборат бошад. Ташкили идораи самараноки андозҳо, пеш аз ҳама гаронии андоз, на танҳо ба пойдорӣ, балки ба рушди иқтисоди соҳибкории хурд дар шароити номуайянии муҳити беруна ва хатароти баланди фаъолияти хоҷагидорӣ мусоидат мекунад.

Коҳишдиҳии андозҳо ё камкунии андоз чун раванди идорӣ амалиёти мақсадноки корхонаҳои хурдро ҳамчун андозсупорандагоне дар назар дорад, ки то дараҷаи муайян ба коҳишёбии пардохтҳои ҳатмии он ба буҷет ё муносибгардонии андозҳо тавассути амалҳои қонунии андозсупорон бо истифода аз усулҳои иҷозатдодаи қонун мусоидат мекунанд.

Ба андешаи мо, дар низоми андоз ислоҳот гузарондан зарур аст, махсусан барои аз ҷиҳати инвеститсионӣ ва инноватсионӣ рушд кардани иқтисод, аз ҷумла дар соҳаҳои бизнеси хурди саноатӣ ва Комплекси аграрию саноатӣ. Ҳоло дар ҷумҳурӣ дар соҳаи истеҳсолӣ гаронии баланди андоз вуҷуд дошта, он ба рушди соҳаҳои коркард монеа эҷод менамояд. Аз ин мебарояд, ки коҳишдиҳии гаронии андоз дар соҳаҳои афзалиятноки истеҳсолот воситаи муҳимми ҳавасмандкунии иқтисодӣ ва мусоидат пеш аз ҳама ба истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ба ин васила татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ баромад хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Выжитович А.М., Ершов П.А. Импортозамещение: актуальные механизмы и инструменты // Нац. интересы: приоритеты и безопасность. - 2015. - N38. - С.52-64;
2. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "26" ноябри соли 2016, № 503 тасдиқ шудааст.
3. Министерство сельского хозяйства [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www. moa.tj/rus/
4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз”28” декабри соли 2016, №678 тасдиқ шудааст.
5. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият”
6. Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
7. Сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://investcom.tj
8. Сомонаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар” https://khovar.tj
9. Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон mmk.tj
10. Сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон https://medt.tj
11. Сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.stat.tj


## НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИВАЗКУНАНДАИ ВОРИДОТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши истеҳсолоти ивазкунандаи воридотро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Чуноне ки Кадочников П.А воридотивазкуниро бо афзоиши истеҳсол ва истеъмолоти дохилии маҳсулоти ватанӣ, ки дар натиҷа воридоти маҳсулот аз байн бардошта мешавад, шарҳ медиҳад. Ин ҷараён метавонад тавассути ду қувва ба амал бароварда шавад баландбардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар натиҷаи омилҳои «маркетингӣ-бозорӣ» (арзоншавӣ, боло рафтани сифати маҳсулот, тағийр ёфтани талаботҳои истеъмолӣ ва даромадҳо) ва «сармоягузорӣ» (сохтмони корхонаҳои нав, модернизатсияи истеҳсолот). Барои ҳавасмандгардонии истифодаи маҳсулоти ватанӣ, ташаббусҳои иқтисодӣ ва маънавӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок барои хариди маҳсулоти ватанӣ ва тақсими системаи пардохти музди меҳнат дар шакли музди иловагӣ, ки ба мизоҷони муқаррарӣ дода мешавад, зарур аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, иқтисодиёт, воридот, истеҳсолот, саноат.


## РОЛЬ ИМПОРТЗАМЕЩЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье автор рассматривает роль импортозамещающего производства в экономике Республики Таджикистан. Как Кадочников П.А. объясняет импортозамещение увеличением производства и внутреннего потребления отечественной продукции, что, в свою очередь, исключает импорт. Этот процесс может быть достигнут за счет двух сил: повышения конкурентоспособности отечественной продукции за счет «маркетингово-рыночных» факторов (снижение, улучшение качества продукции, изменение потребительского спроса и доходов) и «инвестиций» (строительство новых предприятий, модернизация производства). Для стимулирования использования отечественных товаров необходимы экономические и моральные инициативы в форме льготных кредитов на покупку отечественных товаров и распределения системы заработной платы в виде надбавок, выплачиваемых постоянным клиентам.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** импортозамещающее производство, экономика, импорт, производство, промышленность.


## ROLE OF IMPORT OF SUBSTITUTED PRODUCTS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


In this article, the author examines the role of import-substituting production in the economy of the Republic of Tajikistan. How Kadochnikov P.A. explains import substitution by an increase in production and domestic consumption of

domestic products, which, in turn, excludes imports. This process can be achieved due to two forces: increasing the competitiveness of domestic products due to "marketing and market" factors (decrease, improvement in product quality, changes in consumer demand and income) and "investment" (construction of new enterprises, modernization of production). To stimulate the use of domestic goods, economic and moral initiatives are required in the form of concessional loans for the purchase of domestic goods and the distribution of the wage system in the form of allowances paid to regular customers.
**KEYWORDS:** import-substituting production, economics, import, production, industry.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сатторов Наҷибулло Убайдуллоевич* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети молиявӣ ва иқтисодӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **5555 188 22.**

**Сведение об авторе:** ***Сатторов Наджибулло Убайдуллоевич*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово-экономического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **5555 188 22.**

**Information about the author:** ***Sattorov Najibullo Ubaidulloevich*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of finance and economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **5555 188 22.**

## ҲУҚУҚ – ПРАВО

# ҚОНУНГУЗОРИИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Қодирзода О.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қонунгузории ҳуқуқи муаллифӣ – гуфта, низоми санадҳои меъёрию ҳуқуқиеро меноманд, ки аз ҷониби мақомоти олии қонунбарор қабул гашта, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии онҳо натиҷаи фаъолияти эъҷодӣ, яъне зеҳнии инсонро ба танзим медароранд.

Мувофиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" қонунгузории ҳуқуқи муаллифӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад [1]. Яъне, сарчашмаи ҳуқуқи муаллифиро пеш аз ҳама қонунҳои амалкунанда ташкил медиҳанд, ки дар байни онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои роҳбарикунандаи ҳуқуқи муаллифӣ пешбинӣ шудаанд, ки эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, мустақиман амал мекунанд. Пеш аз ҳама, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро неъмати олӣ эътироф намудааст [2], ки онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти давлатиро муайян мекунанд ва бо воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд. Меъёрҳои конститутсионӣ дар амалӣ гардидани ҳуқуқҳои муаллифӣ бевосита амал мукунанд ва моҳияти расмию ҳуқуқии ҳуқуқи муаллифро ифода менамоянд. Умуман, дар меъёрҳои конститутсионӣ қоидаҳои пешқадам оид ба таъмини адолати судӣ; арзиши олӣ эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд; кафолат додани шахс дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеию илмӣ ва техникӣ; инчунин таҳти ҳимояи қонун қарор гирифтани моликияти зеҳнии инсон пешбинӣ карда шудааст. Сарчашмаи дигари ҳуқуқи муаллифӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" ба шумор меравад, ки меъёрҳои ҳуқуқии он тамоми муносибатҳоро ҳангоми офаридан ва истифодаи асарҳои илм, адабиёт ва санъат (ҳуқуқҳои муаллиф), фонограмма, иҷро, намоиш ва барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ (ҳуқуқҳои вобаста ба он) баамалояндаро танзим менамояд [1].

Бояд қайд намуд, ки дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие мавҷуданд, ки ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи муаллифӣ эътироф гардидаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоот", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттилоотикунонӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи реклама", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи телевизион ва радиошунавоӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтироъ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сирри тиҷоратӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи рақобат", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ – техникӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти китобдорӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кино", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ихтирооти махфӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи криптография", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адабиёти таълимӣ",

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти нашрӣ ва полиграфӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” ва дигарон.

Мавриди зикр аст, ки санадҳои зерқонунӣ низ ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи муаллифӣ баромад мекунанд, ки онҳо муносибатҳои ҳуқуқи муаллифиро ба танзим медароранд. Санадҳои зерқонунӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ қабул гардидаанд, фаҳмида мешавад [3]. Бояд қайд намуд, ки ба санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии зерқонунии ҳуқуқи муаллифӣ дохил мешаванд: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии ташаккул, истифода ва ҳифзи захираҳои иттилоотии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ташаккул, экспертиза, тасдиқ, маблағгузорӣ ва иҷрои барномаву лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Дастурамали тартиби ягонаи гузаронидани экспертиза, тасдиқ, маблағгузорӣ ва назорати лоиҳаҳо оид ба бунёд ва рушди объектҳои иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсиси Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ва тадбирҳои танзими воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муайян намудани мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот ва кашфиёти махфӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлат оид ба санҷиш, бақайдгирӣ ва ҳифзи навъҳои растанӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷудо кардани грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои нашри асарҳои илм, адабиёт, санъат ва иҷрои фармоишҳо барои офаридани асарҳои драмавӣ, мусиқӣ, мусиқӣ – драмавӣ ва адабӣ барои иҷрои оммавӣ ё барои ҳуқуқи иҷрои нахустини оммавии асарҳои интишорнаёфта”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои иҷрои оммавии асарҳои адабиёт ва санъат, таҷдиди асарҳо дар шакли сабти овозӣ (механикӣ), паҳнкунии нусхаҳои сабти овозӣ ва асарҳои аудиовизуалӣ ҳамчун аз нав офаридани асарҳои санъати тасвирӣ ва истеҳсоли саноатии асарҳои санъати ороишӣ”, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои корҳои нигоришӣ – бадеӣ ва аксбардорӣ дар матбуот” ва ба монанди инҳо. Мавриди зикр аст, ки фасли 5 - и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст ва ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи муаллифӣ ба шумор меравад. Меъёрҳои фасли 5 -и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мафҳуми моликияти зеҳнӣ, объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ба миён омадани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи моликият ба ҳомили моддӣ, ҳуқуқи шахси ғайриамволӣ, ҳуқуқи амволии моликияти зеҳнӣ, мӯҳлати амали ҳуқуқи амволӣ, гузаштани ҳуқуқи амволӣ, объектҳои хизматии моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳние, ки ҳангоми иҷрои қарордодҳои (фармоишҳои) давлатӣ таъсис ёфтаанд, татбиқи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва инчунин тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бахшида шудааст [4], дар бар мегирад.

Тибқи моддаи 10 – и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд [2], бинобар ин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ сарчашмаи ҳуқуқи муаллифиро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, Конвенсия оид ба таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (1967), Конвенсияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи муаллиф (1952), Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ (1971), Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои артистон – иҷрогарон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилотҳои пахш (1961), Шартномаи СУМЗ оид ба ҳуқуқи муаллиф, Шартномаи СУМЗ оид ба иҷрогарӣ ва фонограммаҳо (1996), Конвенсия оид ба ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагони фонограммаҳо аз ғайриқонунӣ аз нав истеҳсол намудани

фонограммаҳои онҳо (1971), Санади Женевагии Созишномаи ГААГА дар бораи бақайдгирии давлатии намунаҳои саноатӣ (1999), Конвенсияи патентии Авруосиёӣ (1994) ва дигарон.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳо ва шартномаҳои байналхалқӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқи муаллифиро ба танзим медароранд, сарчашмаи ҳуқуқи муаллифӣ ба шумор меравaнд.

**АДАБИЁТ**


1. Қонуни ҶТ << Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он >> аз 13. 11. 1998с., № 726 // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 1998 . - № 23 – 24 , ст. 348. – С. 159 – 177.
2. Конститутсияи ҶТ аз 06. 11. 1994с., бо тағйиру иловаҳо – Душанбе, 2016. – 126с.
3. Қонуни ҶТ << Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ >> аз 30. 05. 2017с., №1414 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2017.
4. Кодекси граждании ҶТ. Қисми 3. Аз 01. 03. 2005с. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0 / М – во юстиции РТ. – Душанбе, 2015. – 1 электрон. опт. диск (CD – ROM).


**ҚОНУНГУЗОРИИ ҲУҚУҚИ МУАЛЛИФӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии қонунгузории ҳуқуқи муаллифӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мувофиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” қонунгузории ҳуқуқи муаллифӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** муаллиф, асар, қонун, қонунгузорӣ, ҳуқуқи муаллифӣ.


**ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО ОБ АВТОРСКОМ ПРАВЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ**


В данной статье рассматриваются ключевые вопросы авторского права. Согласно статье 2 Закона Республики Таджикистан “Об авторском праве и смежных правах” законодательство об авторском праве основывается на Конституции Республики Таджикистан и состоит из настоящего Закона, иных нормативных правовых актов Республики Таджикистан и международных правовых актов, признанных в Таджикистане.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** автор, произведение, право, законодательство, авторское право.


**COPYRIGHT LEGISLATION IN TAJIKISTAN**


This article discusses key issues of copyright law. According to Article 2 of the Law of the Republic of Tajikistan “On Copyright and Related Rights”, copyright legislation is based on the Constitution of the Republic of Tajikistan and consists of this Law, other normative legal acts of the Republic of Tajikistan and international legal acts recognized by Tajikistan.



**KEYWORDS:** author, work, law, legislation, copyright.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Қодирзода Оростамоҳи Мирзоқосим*** – Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **orostamo_m@mail.ru**: Телефон**: (+992) 937-27-57-47**

**Сведение об авторе: Кодирзода Оростамохи Мирзокосим.** - Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **orostamo_m@mail.ru.** Телефон: **(+992) 937-27-57-47**

**Information about the author: Qodirzoda Orostamohi Mirzoqosim.** - Tajik National University, 2nd year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **orostamo_m@mail.ru**: Phone: **(+992) 937-27-57-47**


# ПРОБЛЕМАҲОИ КРИМИНАЛИСТИИ ТАСАРРУФИ МОЛУ МУЛКИ ДОРОИ АРЗИШИ МАХСУС


***Абдуллоева М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Аз замонҳои гузаштаи дуру наздики таърихӣ то ба имрӯз бо мафҳумҳои ҳуқуқ, давлат, қонун, ҷиноят, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ба монанди инҳо калимаҳо ё ибораҳои ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ мешавем ва оиди ин мафҳумҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ бисёр

баҳсҳо вуҷуд доранд. Воқеан, ҳаёти инсониро бе давлат ва давлатро бе ҳуқуқ, барои амалишавии ин ҳуқуқ аз ҷониби инсоният, ҳуқукро бе қонун тасаввур кардан ғайриимкон аст. Умуман, калимаҳои ҳуқуқӣ бо ҳам робитаи зич доранд, ҳарчанд ба соҳаҳо ва ё ба фаннҳои гуногун ҷудо шуда бошанд ҳам, яке бо дигаре зич алоқаманд мебошанд; мисол, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, криминалистика, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ғайраҳо.

Яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ин ҳуқуқ ба дастрасии молу мулки дорои арзиши махсус, ки таҳти ҳимояи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, мебошад. Тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсусдошта - шакли мустақили тасарруфи амволи ғайрро ташкил намедиҳад. Ҷойи асосӣ ва муҳимро дар байни онҳо, чуноне ки дар боло қайд карда будем, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятие, ки дар моддаи ( 251 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон “тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус”) зикр гардидааст, ташкил менамояд. Проблемаҳои криминалистии молу мулки дорои арзиши махсусро аз нуқтаи назари олимони илми криминалистика дида мебароем. Ба ақидаи олими криминалистики русс Карпова Н.А. фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус аз ҷиҳати объективӣ паст аст. Яке аз онҳо вайрон намудани қонунҳои техникии тарҳрезинамудаи дар меъёрҳои қонунҳои ҷиноятие, ки маҳз дар тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус зикр гардидааст, мебошад (моддаи 251 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Мушкилоте, ки аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тасарруфи ин ҷиноятҳо, , вобаста ба сабабҳои зерин ба вуҷуд меоянд;

-сари вақт барқарорсозии объекти ҷиноятҳои молу мулки дорои арзиши махсус дошта аз ҷониби мақомотҳои масъул;

-сари вақт барқарорсозии тарафи объективии ҷиноятҳои молу мулки дорои арзиши махсус аз ҷониби мақомотҳои масъул.

Одатан, объекти тасарруфи ин ҷинояти молу мулке, ки арзиши махсус доранд, муносибати молу мулкӣ мебошад. Аммо, оиди ин масъала дигар нуқтаҳои назар дар илми қонуни ҷиноятӣ вуҷуд доранд.

Як қатор мутахассисон чунин мешуморанд, ки объекти асосии бевоситаи ин ҷиноят, бояд муносибатхои соҳаи таъмини ахлоқи ҷамъиятӣ бошад. Дар навбати худ ин ақидаро В.В. Кулгин ҳамчун объекти мушаххаси таҷовуз ба арзишҳои фарҳангии манфиатҳои ҷомеа ва давлатро оид ба ҳифз, истифода ва ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ муайян мекунад.

Хеле масъалаи ҳалталаб, ба ақидаи О. В. Давлетшина, ин тасарруфи арзишҳои фарҳангӣ, ки объекти ҷиноят мебошад, мубориза бар зидди онҳо на танҳо аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бояд бошад, балки бояд ҳамоҳангсозии мақомотҳои қудратӣ ва ҳамчунин ҷамъият низ дониста шавад. Дар ин ҳолат, сафи ҷинояткороне, ки ҷинояти тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсусро содир мекунанд, миқдори камро ташкил мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо сабаби зиёд шудани вазъияти криминалӣ тамоми мақомотҳои қудратӣ пайваста барои садди роҳи онҳоро гирифтан роҳҳои пешгирии онро санҷида истодаанд. Барои садди роҳҳои ҷиноятҳои на танҳо криминалистӣ, балки тамоми ҷинояткориро гирифтан, мо бояд решаи онро кофта бароем ва барои ҳалли мушкилот таърихи пайдоиши онро омӯзем. Аниқ аст,ки криминалистика илми байналмилалӣ буда, ҳар олим оиди пайдоиши илми криминалистика фикру ақидаҳои гуногуни худро доранд.

Юлген Торвалд дар асари худ, ки “100 лет криминалистики” ном дорад, қайд мекунад, ки аввалин маротиба масъалаҳои пайдошавӣ ва инкишофи криминалистика дар мамолики Европа пайдо шудааст. Ин гуфтаҳоро олими фаронсавӣ Алфонс Бертилион ва олими дигар аз Ҳиндустон Улям Хершел тарафдорӣ кардаанд, ки ин ақида дар ҳақиқат дуруст аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо сабаби зиёд шудани вазъияти криминалӣ тамоми мақомотҳои қудратӣ пайваста барои садди роҳи онҳоро гирифтан роҳҳои пешгирии онро санҷида истодаанд. Ҳамин тариқ, фикру андеша ва нуқтаҳои олимони гуногуни соҳаи криминалистикаро омухта, чунин хулосабарорӣ намудем, ки ҷиноятҳои моддаҳои 242, 243, 244, 245,251 ҷиноятҳои паҳншудатарине мебошанд, ки проблемаи асосии на танҳо Тоҷикистон балки тамоми кишварҳо ба ҳисоб рафта, тамоми давлатҳо барои пеши роҳи ин ҷинояткориро гирифтан роҳҳои гуногунро пешбинӣ карда истодаанд ва ин ҷиноятҳо яке аз

проблемаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди онҳо, ошкорнамоии ин ҷиноятҳо, пешгирӣ, бартараф ва монанди инҳо вазифаи на танҳо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, балки вазифаи ҳар як шахсе, ки миллату давлати худро дӯст медорад ва мехохад, ки ашё ва аснодҳои таърихию фарҳангии муқаддас боқӣ монад ва умуман миллаташ обод бошад, мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ. Душанбе с. 2018. Саҳ 48.
2. Белкин Р.С. Общая теория советской криминалистики. Изд-во Саратовского университета, 1986. С. 254-266.
3. Ищенко Е.П. Классификация научно-технических средств, используемых на предварительном следствии. Теория и практика собирания доказательственной информации техническими средствами на предварительном следствии. Сб.научных трудов. Киев, 1980. С.32.
4. Овсянников И.В. Заключение и показание специалиста// Законность. 2005. №7. с. 33.
5. Сорокотягин И.Н. Криминалистические проблемы использования специальных познаний в расследовании преступлений: Дис...докт.юрид. наук /И.Н.Сорокотягин. - Екатеринбург, 1992;
6. Махов В.Н. Использование знаний сведущих лиц при расследовании преступлений / В.Н.Махов. - М„ 2000.
7. Сорокотягин И.Н. Криминалистические проблемы использования специальных познаний в расследовании преступлений: Дис...докт.юрид. наук /И.Н.Сорокотягин. - Екатеринбург, 1992; Махов В.Н. Использование знаний сведущих лиц при расследовании преступлений. М„ 2000.


**ПРОБЛЕМАҲОИ КРИМИНАЛИСТИИ ТАСАРРУФИ МОЛУ МУЛКИ ДОРОИ АРЗИШИ МАХСУС**


Дар ин ҷо масъалаҳо оид ба проблемаҳои криминалистии тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус қайдкарда мешавад. Нуқтаҳои назари илмӣ оид ба проблемаҳои криминалистии тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус ва андешидани чораҳо ва пешгириҳои ҷиноятӣ аз чониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳлил карда мешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: тасарруф, ҷинояти содиршуда, предмети ҷиноят, молу мулки дорои махсус, ҳаракатҳои объективӣ, арзишҳои фарҳангӣ.


**КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ЗАХВАТА ИМУЩЕСТВ ИМЕЮЩИХ ОСОБУЮ ЦЕННОСТЬ**


В статье рассматриваются дискуссионные в теории уголовного права вопросы, касающиеся особенностей законодательного описания объективных признаков хищения предметов, имеющих особую ценность. Анализируются научные точки зрения на проблему реализации уголовного законодательства в области охраны культурных ценностей, формулируются предложения по повышению его эффективности.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: хищение, состав преступления, предмет преступления, предметы, имеющие особую ценность, объективные признаки, культурные ценности.


**FORENSIC PROBLEMS OF SEIZING PROPERTY OF SPECIAL VALUE**


In the article the discussion in the theory of criminal law issues concerning descriptions of the features of the legislative objective evidence of theft of items of particular value. Analyzes the scientific point of view, the problem of implementation of criminal law in the protection of cultural values, formulated proposals to increase its effectiveness.



**KEYWORDS**: theft, subject of a crime, items of special value, objective evidence, cultural values.



**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Абдуллоева Муниса*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторе:** ***Абдуллоева Муниса*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Abdulloeva Munisa*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.


## ЭТИКАИ КАСБИИ МУФАТТИШ ҲАНГОМИ БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДАИ ТАФТИШӢ


***Салимова Ф. Ф.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Бо назардошти танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо масъаларо ҳамчун сӯҳбат ва муоширати ду нафар баррасӣ намуда, хусусиятҳои мавқеи нақши ҳар як ҳамсӯҳбатро муайян кардан мумкин аст. Муносибати бомуваффақияти байни муфаттиш ва

пурсишшаванда ба алоқаи равонии байни онҳо вобаста аст. Муфаттишони ботаҷриба параметрҳои гуногуни сӯҳбатро ба таври интуитивӣ ва дидаву дониста тағйир медиҳанд, онҳо дар усулҳои муайяни тактикӣ вобаста ба хусусиятҳои инфиродии пурсишшаванда истифода мешаванд.

Муҳимтарин проблемаи психологияи пурсиш масъалаи танзими муносибатҳое мебошад, ки байни пурсишшаванда ҳангоми пурсиш ба миён меоянд ва ба андозаи муайян ба ҳалли он бо мақсади пурсиш таъсир мерасонанд. Дар ин ҷо қарори дуруст бештар ба дараҷаи дониш ва таҷрибаи касбӣ ва маҳорати муфаттиш вобаста аст. Ҳар саволи муфаттиш бояд хеле равшан бошад. Дар айни замон муфаттиш вазифадор аст чизи шунидаашро равшан созад, камбудию норавшаниро бартараф намояд. Иштироки ҳимоятгар дар амалиёти тафтишотӣ метавонад на танҳо кумак кунад, балки барои муфаттиш душвориҳо ба вуҷуд оварад, масалан, ба муқаррар намудани робитаи равонии байни муфаттиш ва пурсишшаванда монеъ шавад. Аммо, дар ҳар сурат, муваффақияти кори ҳам муфаттиш ва ҳам вакили мудофеъ асосан аз муносибати дурусти муқаррарии онҳо муайян карда мешавад [7,с-75]. Моҳияти фаъолияти тафтишӣ тарҷумаи маълумоти бадастовардаи муфаттиш ба шакли нави асосан хаттӣ мебошад. Муфаттиш маълумоти ибтидоиро дар шакли тасвирҳои мушаххас (кофтуков, пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва ғайра), инчунин дар шакли нутқи хаттӣ (ҳуҷҷатҳо, протоколҳо ва ғайра) мегирад. Ҳамаи маълумоте, ки муфаттиш пас аз таҳлил ва интихоб дар натиҷаи фаъолияти аттестатсионӣ ба даст овардааст, дар шаклҳои махсуси пешбининамудаи қонун, протоколҳо ва амсоли инҳо сабт мегардад. Дар вақтҳои охир тафтиш воситаҳои қайди хонишҳо, баъзан стенографияи магнитофонро фаъолона истифода мебарад. Ин маънои баланд бардоштани маданияти муфаттишро дар айни замон талаб мекунад, ки ҳангоми гузаронидани пурсиш аз ӯ маҳорати баланд ва маҳорати махсуси техникӣ дошта бошад [2,с-64]. Ҳангоми азназаргузаронии майдон дар шароити номусоиди обу ҳавои (борон, шамол) ба диктофон мувофиқ аст. Муфаттиш бояд қодир бошад, ки ба як гурӯҳи ҳамаи одамоне, ки бинобар тасодуфи вазъият ба мадори тафтишот афтодаанд, зуд муттаҳид шуда, ҷои худро барои ҳама муайян карда, ҳамаро ба ихтиёри худ тобеъ гардонад. Танҳо баъзе аз муфаттишон қобилияти баланди ташкилотчигӣ доранд, онҳо бояд дар протсессии кори амалӣ ба даст оварда шаванд.

Мутобиқи меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ роҳбари ҳамкории шахсони дар тафтишот иштироккунанда муфаттиш мебошад. Ба ӯ ҳуқуқ дода мешавад, то зарурати ҳамкории мақсад ва самти тафтиши ҷиноятро муайян кунад. Муфаттиш бояд қобилияти идора кардани ҳамаи иштирокчиёни санҷишро инкишоф диҳад; амали онҳоро ҳамоҳанг созад; вазъияти ибтидоиро арзёбӣ кунад; қарор қабул кунад. Асоси фаъолияти ташкилотчигӣ қобилияти дуруст паймоиш кардан дар воқеият, аз ҷумла дар ибтидои вазъият, сифатҳои одамон ва имкониятҳои онҳо [6,с-47]. Сифату малакаи ташкилотчигиро дар шароити фаъолияти касбии муфаттиш бештар тарбия ва инкишоф додан мумкин аст [10,с-27].

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки барои кори тафтишотӣ сифатҳои зерини ташкилотчигӣ заруранд:

- Устувории худидоракунӣ, ки тафтиши мақсадноки парвандаи ҷиноятиро таъмин менамояд, кори мунтазами он.
- Масъулиятшиносӣ, серталабӣ, кордонӣ, махфӣ нигоҳ доштан ҳангоми роҳбарии коллективҳои одамон дар рафти тафтишоти ҷиноятӣ.
- Тобоварӣ худтанқидкунӣ интизоми худбаҳодиҳӣ дар муносибат бо ҳамкорон ва роҳбарият.

Дар фаъолияти бозсозӣ чунин сифатҳои зеҳнии муфаттиш ба монанди хотираи хаёлии тафаккури умумӣ ва интелекти махсус амалӣ мегарданд.

Интуитсия ҳамчун ҷузъи тафаккури эҷодӣ тафаккури бошууронаи дискурсиро истисно намекунад, балки пешгӯӣ мекунад, ки қодир ба тавсеаи тахмин дар системаи далелҳо барои ошкор кардани асосҳои воқеии он аст. Мақсади асосии интуитсия дар раванди таҳқиқ аз он иборат аст, ки он ба эҷоди гипотеза мусоидат мекунад. Дар раванди исбот нақши

муҳимми ёридиҳанда мебозад, вале ҳангоми қабули қарорҳои мурофиавӣ онро ба инобат гирифтан мумкин нест [4 с-74].

Санъати тафтишот ин асосан қобилияти дидан ва фаҳмидан ҳама чиз аст. Аммо бояд гуфт, ки диди тафсилоти инфиродӣ бидуни умумӣ ва гузаштан ба ҳодиса дар маҷмуъ чизе намедиҳад ва ин тафаккури мушаххас ва абстрактии ирсиро талаб мекунад, ки ба шумо имкон медиҳад, ки тасвирро дар маҷмӯъ дубора эҷод кунед ва зарбаҳои инфиродии онро бубинед. Тафаккур ба мисли хаёлот дар тамоми тахқиқот иштирок мекунад, зеро «тафаккури инсон бар хилофи шинохти эҳсосӣ аз робита бо пайдоиши масъалаи савол ва ҳатто тааҷҷуб оғоз меёбад». Муфаттиш бояд доимо вазифаҳои муайянеро ҳал кунад, ки тафтиши ҷиноятӣ дар назди ӯ мегузорад.

Тафаккури дискурсивӣ дар худ бидуни шомил кардани ҷузъҳои дигар воситаи комилан кофии таҳқиқ ва исбот дар мавридҳост: 1) вақте, ки барои ҳалли масъала тамоми шароиту заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, дар натиҷаи аз мавқеи дигар гирифтан ҷавоб ба даст оварда мешавад; 2) вақте, ки робитаи байни ҷавоби дилхоҳ, мавқеъи исботшаванда ва бино якранг ё бо шумораи кам ва шаклҳои қатъӣ муайяншуда маҳдуд аст. Пас рафти мулоҳиза дар ҳақиқат аз як далел ба далели дигар мегузарад, то он даме ки чизи дилхоҳ комилан равшан ва исбот шавад. Тафаккури дискурсивӣ дар як минтақаи ба таври возеҳ муайяншуда хуб кор мекунад ва аз марҳилаҳои инфиродӣ байни нуктаҳои пешакӣ ба нақша гирифташуда ва мавқеъҳои маълум бо фарқияти возеҳ байни он чизе, ки бояд исбот карда шавад, яъне дар марҳилаҳои ниҳоии тафтишот мегузарад. Дар ин ҳолат, ҳаракати фикр аз далелҳои маълум ба мавқеи исботшаванда, ки қаблан зикр шуда буд, ба таври фарзиявӣ ташаккул меёбад. Аммо тавлиди фарзия ва интихоби маълумоти мувофиқи воқеӣ дар заминаи раванди васеътар ва пурмазмунтар аз он чи ки мо дар тафаккури мантиқӣ дорем, сурат мегирад. Тамоми тафаккур ду ҷузъи заруриро дар бар мегирад: дониш ва амал. Дониши мо, яъне ғояи чизи дигар тафаккур нест, балки танҳо як шарт ё натиҷаи он аст. Шумо метавонед қонунро хуб донед ва онро татбиқ карда наметавонед, шумо метавонед экспертизаи криминалистиро донед ва ҷиноятҳоро тафтиш карда наметавонед. Тафаккур дар истифодаи дониш барои ҳалли масъалаҳои муайян ифода меёбад. Ин раванд аз амалҳои равонӣ иборат аст, ки ҳар кадоми онҳо мушаххасан як масъалаи элементариро ҳал мекунанд. Маҷмуи амалҳо фаъолияти равониро ташкил медиҳад [6,с-35]. Ҷузъҳои образнок дар тафаккури муфаттиш унсурҳои иттилоотиро, ки бо онҳо дар раванди тафаккур амал мекунад, зиёд мекунад, ба ҳавасмандкунии раванди тафаккур мусоидат мекунад ва боиси зиёд шудани шумораи ҳукмҳои дуруст ва кам шудани ҳукмҳои хато дар баробари пайдо шудани ҷузъҳои образӣ мегардад [9,с-35]. Тафтиши нусхаи криминалистӣ ҳангоми кор ба ҳайси муфаттиш аз ҷиҳати равонӣ мушкил аст. Дар ин тафтиш нақши муҳимро «механизми худтасдиқ» мебозад, ки бинобар он субъект танҳо маълумотеро, ки варианти пешниҳодкардаи ӯро тасдиқ мекунад, дуруст мешуморад, дар ҳоле ки иттилооти хилофи ин гипотеза нодуруст қабул карда мешавад. Ин хусусиятро дигар равоншиносон низ қайд кардаанд [1,с-35]. Ҷониби иҷтимоӣ ҷанбаи сиёсии фаъолияти муфаттишро ҳамчун ташкилотчии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи ба ӯ вогузоршуда фаро мегирад. Ин фаъолият таҳлили ҷиноят, чораҳои пешгирикунанда, таблиғи ҳуқуқӣ ва марҳилаи ибтидоии аз нав тарбия намудани ҷинояткоронро барои баргардонидани онҳо ба меъёрҳои иҷтимоии рафтор дар бар мегирад. Дар ташаккули шахсияти муфаттиш омодагии таълимӣ ва фаъолияти касбӣ, ки маҷмӯи талаботро нисбат ба сифат ва маҳорати касбии ӯ, инкишоф ва таҳкими сохтори шахсияти онҳо мегузорад, аҳамияти калон дорад. Муфаттиш дар кори худ доимо сарбории эмотсионалӣ ҳис мекунад. Ба ӯ шумораи зиёди эҳсосоти манфӣ таъсир мерасонад: тарси раҳм, нафрат, хашм, ки ӯ бояд тамоми иҷрои вазифаи хизматии худро пахш ва ё пинҳон кунад. Барои рафъи шиддати асаб, ки дар зери таъсири ин эҳсосот ба вуҷуд меояд, озодкунии мусбӣ лозим аст, ки он ба ҳисси қаноатмандӣ аз натиҷаҳои кори худ асос меёбад. Қариб дар ҳама ҳолат муфаттиш ҳамчун криминалист ва ҷомеашинос баромад мекунад, ки сабабу шароити содир кардани ин ҷиноятро шарҳ медиҳад, инчунин омӯзгоре мебошад, ки ба шахси содиркарда ин ҷиноятро шарҳ медиҳад, инчунин омӯзгоре мебошад, ки ба шахси содиркардаи ин ҷиноят таъсир мерасонад [1,с-36]. Бо ба охир расидани баррасии масъала профессиограммаи хурди фаъолияти муфаттишро овардан мумкин аст. Мазмуни меҳнат: аз ҷиҳати қонунӣ дуруст баҳо додан факту ҳолатҳоро ошкор

кардани ҷиноятҳо ҷамъ ва муттаҳид намудани далелҳо ба прокурор айбнома пешниҳод мекунад. Ӯ бояд аз қонунгузории ҷорӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, усулҳои экспертизаи криминалистӣ ва психологияи мантиқ, асосҳои иқтисод, истифода бурда тавонистани таҷҳизоти аксбардорӣ огоҳӣ дошта бошад [6,с-95].

Хислатҳои муҳимми касбӣ: поквиҷдонӣ, ҳисси баланди масъулият, тамаркуз устувории эмотсионалӣ, мушоҳидаи далерӣ, хотираи хуб, тафаккури мантиқӣ. Чи тавре ки қайд кардем, яке аз муҳимтарин хислатҳои тахассусии фаъолияти муфаттиш ҷониби коммуникативӣ мебошад, яъне забон ва нутқ,- абзори асосии кори тафтишотӣ буда, системаи муносибатҳои мураккаби муфаттиш мебошад. Дар вақти пурсиш аксар вақт тақдири пурсишшаванда ва инчунин тақдири одамони дигар ҳал карда мешавад. Муфаттиш дар соҳаи психология ва тактикаи пурсиш ба донишҳои махсуси илмӣ эҳтиёҷ дорад; маҳорати касбии ӯ.

## АДАБИЁТ


1. Холопова Е.Н. Судебно-психологическая экспертиза в уголовном судопроизводстве: Дис. ... д-ра юрид. Наук / Е.Н.Холопова. — М., 2006. — 640 с.
2. Романов В.В. Актуальные проблемы судебно-психологической экспертизы в уголовном и гражданском процессе / В.В.Романов. — М.: Моск. психолого-социальный ин-т; ИПК РК Генеральной прокуратуры РФ, Воронеж: Изд-во НПО «МОДЭК», 2001. — 48 с,
3. Ситковская О.Д., Конышева Л.П., Коченов М.М. Новые направления судебно-психологической экспертизы. Справочное пособие. — М.: ООО Изд-во «Юрлитинформ», 2000. — 160 с.
4. Иванова Т.В. Теоретические и правовые основы судебно-психологической экспертизы несовершеннолетних обвиняемых: Дис. ... канд. юрид. Наук / Т.В.Иванова. — Калининград, 2009. — 191 с.
5. Справочная книга криминалиста / Под ред. д.ю.н., проф. Н.А.Селиванова / М.: Изд-во НОРМА, 2001. — 727 с.
6. Алексеева Л.В. Судебно-психологическая экспертиза эмоциональных состояний: Дис. ... канд.психол.наук. / Л.В.Алексеева. — М., 1996. — 279 с.
7. Аврамцев В.В., Васко Е.В. Судебно-психологическая экспертиза физиологического аффекта: практическое пособие. / В.В,Аврамцев. - Н. Новгород: Нижегородский юридический институт МВД РФ, 1998. - 175 с.
8. Еникеев М.И. Юридическая психология / М.И.Еникеев. - СПб: Питер, 2004. - 610 с.
9. Аубакирова А.А. Фиксация доказательств в криминалистике и судопроизводстве: автореф. дис. ...канд. юрид. Наук / А.А.Аубакирова. - Алматы, 1999. - 30 с.
10. Айтбаев А. С. Теоретико-прикладные проблемы использования специальных психологических знаний как элемент частной методики расследования отдельных видов преступлений: диссертация канд. юрид. Наук / А.С.Айтбаев. - Караганда, 2010. - 122 с.
11. Айтбаев А. С. Теоретико-прикладные проблемы использования специальных психологических знаний как элемент частной методики расследования отдельных видов преступлений: диссертация канд. юрид. Наук / А.С.Айтбаев. - Караганда, 2010. - 122 с.


## ЭТИКАИ КАСБИИ МУФАТТИШ ҲАНГОМИ БА АМАЛ БАРОВАРДАНИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДАИ ТАФТИШӢ


Дар мақоллаи мазкур этикаи фарҳангӣ-психологии муфаттиш ҳангоми ба амал баровардани амалҳои тафтишӣ вобаста ба тафтиши ҷиноят, истифодаи донишҳои махсус дар мавриди тафтиши ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ, рафтори ӯ бо дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, этикаи касбии муфаттиш ва омилҳои баландбардории он, муносибати дигар субъектони таъқиби ҷиноятӣ ба монанди таҳқиқбаранда, прокурор, судя, инчунин адвокатҳо мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, мақоллаи мазкур тартиби ба амал баровардани тафтиши ҷиноятро аз ҷониби муфаттиш, ақидаҳои олимон вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, психологӣ ва донишии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар баробари муфаттиш мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** тафтиш, ҳолати руҳӣ, муфаттиш, хусусиятҳо, вазъи равонӣ, маърифати муфаттиш, муносибати муфаттиш, амалҳои тафтишӣ, адвокат, фаъолияти корӣ, парвандаи ҷиноятӣ, судя, таҳлили равонӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, муносибатҳо, ҷинояткорӣ.


## ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ЭТИКА СЛЕДОВАТЕЛЯ ПРИ ПРОИЗВОДСТВЕ ОТДЕЛЬНЫХ СЛЕДСТВЕННЫХ ДЕЙСТВИЙ


В данной статье рассматривается культурно-психологическая этика следователя при производстве следственных действий, связанных с расследованием преступления, использование специальных знаний при расследовании каждого преступления в отдельности, его поведение с другими участниками уголовного судопроизводства, профессиональная этика следователя. и др. Уголовное преследование следователей, прокуроров, судей, а также адвокатов подверглось научному анализу. Также в статье исследуется порядок производства уголовного расследования следователем, взгляды ученых на совершенствование правовых, психологических и знаний сотрудников правоохранительных органов наравне со следователем.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** расследование, психическое состояние, следователь, характеристика, психическое состояние, образование следователя, отношение следователя, следственные действия, адвокат, трудовая деятельность, уголовное дело, судья, психологический анализ, борьба с преступностью, отношения, преступление.

**PROFESSIONAL ETHICS OF THE INVESTIGATOR IN THE PRODUCTION OF CERTAIN INVESTIGATIVE ACTIONS**

This article discusses the cultural and psychological ethics of the investigator in the production of investigative actions related to the investigation of a crime, the use of special knowledge in the investigation of each crime separately, his behavior with other participants in criminal proceedings, the professional ethics of the investigator. and others. The criminal prosecution of investigators, prosecutors, judges, as well as lawyers has been subjected to scientific analysis. The article also examines the procedure for conducting a criminal investigation by an investigator, the views of scientists on improving the legal, psychological and knowledge of law enforcement officers on a par with the investigator.

**KEYWORDS:** investigation, mental state, investigator, characteristics, mental state, education of the investigator, investigator's attitude, investigative actions, lawyer, labor activity, criminal case, judge, psychological analysis, crime control, relations, crime.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Салимова Фарангис Файзуллоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919031198.**

**Сведение об авторе:** ***Салимова Фарангис Файзуллоевна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919031198.**

**Information about the author:** ***Salimova Farangis Faizulloevna*** - Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **919031198.**

# ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ МУҲЛАТИ БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ КАШИДАН

***Саидов Ш.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Барои ҳамаҷониба ва пурра дарк намудани институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, бояд таҳлилро аз пайдоиш ва инкишофи он дар қонунгузории Тоҷикистон оғоз намоем. Институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар аввалин санадҳои қонунгузории давлати шуравӣ пешбинӣ шуда буд. Институти мазкур дар қонунгузории ҷиноятии қариб ҳамаи давлатҳо арзи вуҷуд дорад. Табиати ҳуқуқии ин институтро Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 муайян кардааст. Бояд қайд кард, ки институти мазкур бори нахуст дар Тоҷикистон дар давраи шуравӣ пайдо шудааст.

Бори аввал институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар КҶ ҶФШСР, ки он 1 июни соли 1922 қабул шуда буд, танзими ҳуқуқии худро ёфтааст. Моддаҳои 21 ва 22 КҶ ҶФШСР ба институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бахшида шуда, институти мазкур "муҳлати таъқиби ҷиноятӣ" ном дошт. Моддаҳои мазкур дар боби 2-юми кодекс "Асосҳои умумии татбиқи ҷазо" ҷойгир карда шуда буд. Мувофиқи моддаи 21 КҶ ҶШФСР (с. 1922), агар аз вақти содир намудан ҷиноят, ки барои он Кодекси ҷиноятӣ ҷазои ниҳоиро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ на кам аз 1 сол пешбинӣ мекард, пас аз гузашти на кам аз 5 сол ё ҳангоми гузаштани се сол аз вақти содир намудани ҷинояти вазнин, ҷазо татбиқ карда намешуд, ба шарте, ки:

1) агар дар ин муддат пешбурди парванда ё тафтишот сурат нагирифта бошад;

2) Агар шахс дар давоми муҳлатҳои дар ҳамин модда зикргардида, ҷинояти дигар содир накарда бошад [1, с.19]. Мувофиқи моддаи 22 КҶ ҶШФСР (с.1922) агар шахси ба тафтишот ва суд ҷалбшуда, аз суд ва тафтишот саркашӣ ё фирор кунад бо муҳлатҳои дар моддаи 21 Кодекс пешбинигардида дучанд мегаштанд. Кодекси Ҷиноятии ҶШФСР с.1922 муҳлати ниҳоии ба ҷавобгарии ҷинояти кашиданро то 5 сол муқаррар мекард. Дар кодекс татбиқ намудани институти мазкур аз лаҳзаи содир намудани ҷиноят то оғози пешбурд ва тафтишоти парванда имконпазир буд. Бояд қайд кард, ки дар КҶ ҶШФСР (с. 1922)

муҳлатҳо новобаста аз категория ва вазнинии ҷинояти содирнамуда муқарраршуда буданд, инчунин дар кодекси мазкур муҳлати иҷрои ҳукм мавҷуд набуд.

Дар Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва Ҷумҳуриҳои Иттифоқ соли 1924, институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан инкишофи минбаъдаи худро ёфта, дар моддаи 10 пешбинӣ (мустаҳкам) шуда буд. Бояд қайд намуд, ки дар Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва Ҷумҳурияҳои Иттифоқ соли 1924, ҳам институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҳам институи муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд муқаррар шуда, инчунин муҳлатҳо вобаста аз санксияи ҷинояти содиршуда муайян ва муҳлати ниҳоии ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан то 10 сол муқаррар шуда буд. Мувофиқи моддаи 10 Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва Ҷумҳурияҳои иттифоқ 1924 сол таъқиби ҷиноятӣ оғоз карда намешуд:

- Агар аз вақти содир намудани ҷиноятe, ки қонуни ҷиноятӣ ҳамчун чораҳои ҳимояи иҷтимоӣ маҳрум сохтан аз озодиро на кам аз 5 сол муайян мекард, 10 сол гузашта бошад.

- Пас аз гузашти 5 сол, аз вақти содир намудани ҷиноятe, ки маҳрум сохтан аз озодӣ на кам аз 1 сол пешбинӣ шудааст.

- Барои дигар ҷиноятҳо, аз вақти содир намуданашон, 3 сол гузашта бошад [2, с.200].

Мувофиқи қисми 2 моддаи 10 "Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятӣ", муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар он ҳолат татбиқ карда мешуд, ки :

1) агар дар ин муддат аз рӯйи парванда пешбурд ё тафтишот сурат нагирифта бошад;

2) ҳамзамон шахси ҷиноят содир намуда, агар дар ҷараёни баҳисобгирии муҳлатҳои дар моддаи мазкур зикргардида, ҷинояти якхела ва ё ин ки ҷинояти дигари вазнинтар содир накарда бошад.

Бо қарори Комитети Марказии Иҷроияи ИҶШС аз 25 феврали соли 1927 ба моддаи 10 Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1924 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Ин тағйиротҳои воридгардида асосан муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро муайян ва дақиқ карда, ибораи "камтар" аз 1,3,5 сол ба ибораи "зиёда" иваз карда шуд. Мувофиқи тағйиротҳои воридгардида, муҳлати 10 сола барои содир намудани ҷиноятҳое, ки ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ зиёда аз 5 сол пешбинӣ шудааст, муқаррар шуда буд; муҳлати 5 сола барои ҷиноятҳое, ки маҳрум сохтан аз озодӣ на бештар аз 5 сол таъин мешавад, пешбинӣ шуда буд (б.б): 3 сол барои ҷиноятҳое, ки маҳрум сохтан аз озодӣ то 1 сол пешбинӣ шудааст, ё ин ки дар қонун ҷазои сабуктар нисбат ба маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шуда бошад, муқаррар шудааст. Инчунин «Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС соли 1924 ба ҷумҳурияҳои иттифоқ ҳуқуқи кам намудани муҳлатҳое, ки дар банди "б" ва "в"- и асосҳо пешбини шуда буданд, муайян намуд. Бояд зикр намуд, ки тағйротҳои воридгардида то қабули Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳурияҳои иттифоқ соли 1958 амал карданд. Ҳамин тариқ, асосҳои қонунгузории ИҶШС соли 1924 бо тағйиру иловаҳое, ки соли 1927 ворид гардид, муҳлатҳои таъқиби ҷиноятиро фарқгузорӣ карда, онҳоро ба 3 категория ба фарқият ба ҷои 2 категорие, ки дар КҶ 1922 муқаррар шуда буданд, пешбинӣ кард. Моддаи 10 Асосҳо инчунин қатъи ҷараёни муҳлатро муқаррар намуда буд, ки агар дар ҷараёни баҳисобгирии муҳлат, шахс ҷинояти дигари якхела ва ё вазнинтар содир намояд. Бо қарори президиуми Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 9 майи соли 1935 дар ҷумҳурӣ бори аввал Кодекси ҷиноятӣ қабул шуд ва аз 15 июни ҳамон сол ба қувваи қонунӣ даромад. Бо қарори мазкур Кодекси ҷиноятии РСС Узбекистон 1927 сол, ки то қабули КҶ дар ҳудуди РСС Тоҷикистон амал мекард, бекор карда шуд. Дар ҷараёни тартиб ва қабули КҶ РСС Тоҷикистон соли 1935, асосҳои ибтидоии қонунгузории ИҶШС 1924 сол, Кодекси ҷиноятии РФСР 1926 ва КҶ РСС Узбекистон 1926 сол ба роҳбари гирифта шуда буданд [3, с.122]. Қабул шудани КҶ РСС 1935 сол марҳилаи муҳимми инкишофи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон буд [4, с.277]. Институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, дар КҶ РСС Тоҷикистон 1935 сол "Муҳлати таъқиби ҷиноятӣ" ном дошта, дар моддаи 13-и кодекси мазкур муқаррар гардида буд. Моддаи 13 КҶ РСС Тоҷикистон дар фасли 3-юми кодекс "Асосҳои умумии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии РСС Тоҷикистон ҷойгир шуда, аз 2 қисм ва 3 эзоҳ иборат буд. Моддаи мазкур бо тағйиротҳои начандон назарас айнан ба моддаи 10-и "Асосҳои ибтидоии қонунгузории ИҶШС 1924 сол" мувофиқат мекард. Мувофиқи моддаи 13 КҶ РСС Тоҷикистон 1935 сол, таъқиби ҷиноятӣ оғоз намегардид:

1) Агар аз вақти содир намудани ҷинояте, ки суд барои он метавонист чораи ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ зиёда аз панҷ сол таъин намояд, даҳ сол гузашта бошад;

2) агар аз рӯзи содир намудани ҷинояте, ки барои он суд метавонист ба муҳлати на зиёда аз панҷ сол маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намояд, панҷ сол гузашта бошад;

3) агар аз вақти содир намудани ҷинояте, ки қонун чораи ҷазои сабуктарро нисбат ба маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ мекард, се сол гузашта бошад [5, с.8].

Мувофиқи муқаррароти қисми 2-юми моддаи мазкур муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар он ҳолат татбиқ мегашт, ки агар дар ин муддат аз рӯйи парванда пешбурд ё тафтишот сурат нагирифта бошад. Ҷараёни муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан қатъ мегашт, агар шахс дар давоми муҳлатҳои дар моддаи мазкур зикртӣшуда ҷинояти якхела ва ё ин ки ҷинояти вазнинтари дигар содир намоянд, дар ин ҳолат баҳисобгирии муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, аз вақти содир намудани ҷиноятӣ дуюм шуруъ мегашт. Шахсе, ки аз суд ва тафтишот саркашӣ мекард, ҷараёни муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошта мешуд. Дар ин ҳолат муҳлат аз лаҳзаи дастгир кардани шахс ё омада ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ барқарор карда мешуд. Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ҷиноятҳои зидди инқилобӣ "контрревалютсионӣ" содир намуда буданд, истифодаи муҳлати таъқиби ҷиноятӣ дар ҳар як паравандаи алоҳида ба зиммаи суд гузошта шуда буд. Аммо агар суд татбиқи муҳлатро имконнопазир медонист, пас ҳангоми таъин намудани ҷазо, чора дар намуди паррондан, ҳатман ба эълон намудани душмани меҳнаткашон, бо маҳрум кардан аз шаҳрвандии РСС Тоҷикистон, ИҶШС ва абадан аз ИҶШС бадарға ё чораи иҷтимоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ на кам аз 2 сол иваз карда мешуд. Нисбати шахсоне, ки дар ҳаракатҳои фаъолона ва муборизаи фаълона бар зидди синфи коргар ва ҳаракати инқилобӣ, ки дар вазифаҳои масъул ва маҳфӣ дар замони ҳокимияти подшоҳӣ ва дар ҳукумати зидди инқилобӣ дар солҳои ҷанги шаҳрванди нишон дода буданд, истифодаи муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва масъалаи ивази чора дар намуди паррондан, ба зиммаи суд гузошта шуда буд. Дар моддаи 14 - и Кодекс муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунандаи суд муқаррар шуда буд. Мувофиқи қисми 1 моддаи мазкур ҳукми айбдоркунӣ иҷро карда намешуд, агар ҳукм дар муҳлати 10 сол иҷро карда нашуда бошад. Ҳамин тавр, КҶ РСС Тоҷикистон 1935 сол, муҳлати ниҳоии таъқиби ҷиноятиро ва муҳлати иҷрои ҳукмро то 10 сол муайян карда буд. Инчунин, бояд зикр кард, дар фарқият аз КҶ ҶШФСР (С. 1922) сол, КҶ РССТ 1935 сол, муҳлатҳоро вобаста ба ҷазои ҷинояти содирнамудаи шахс муқаррар намуда буд. Солҳои 50-ум дар ИҶШС марҳилаи навбатии инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ оғоз ёфт. 25 декабри соли 1958 Асосоҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳурияҳои иттифоқ қабул шуд. Асосҳои қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳурияҳои иттифоқ соли 1958 нисбат ба Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии соли 1924, аз ҷиҳати сохт ва ба низом даровардани меъёрҳо мувофиқтар ва инчунин аз ҷиҳати техникаи қонунгузорӣ дурусттар тартиб дода шуда буд [6, с.11]. Асосҳо қонунгузории соли 1958, тағйиротҳои ҷиддӣ ба институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ворид кардааст. Дар "асосҳои қонунгузории соли 1958" институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва институти иҷрои ҳукми айбдоркунӣ муфассалан дар м 41 ва 42 танзими ҳуқуқии худро ёфта буданд. Моддаҳои мазкур дар асосҳо дар фасли 4 "Таъини ҷазо ва озод намудан аз ҷазо" дохил шуда буд. Мувофиқи моддаи 41 шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешуд, агар аз рӯзӣ содир намудани ҷиноят муҳлатҳои зерин гузашта бошанд:

- 3 сол аз рӯзи содир намудани ҷинояте, ки мувофиқи қонун ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ на зиёда аз 2 сол таъин мешуд ё ҷазое, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуд.
- 5 сол сол аз рӯзи содир намудани ҷинояте, ки мувофиқи қонун ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ на зиёда аз 5 сол таъин мегардид:
- 10 сол аз рӯзи содир намудани ҷинояте, ки барои он мувофиқи қонун назар ба 5 сол аз озодӣ маҳрум намудан, ҷазои сахттар таъин кардан мумкин буд [7, с.15].

Мувофиқи қисми 2 моддаи 41 асосҳо, ҷараёни муҳлат қатъ мегардид, агар маҳкумшуда аз адои ҷазо саркашӣ менамуд ва ё то гузаштани муҳлат, ҷинояте содир менамуд, ки суд барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ на кам аз 1 сол, бадарға ба ҷои муайян ва бадарға аз ҷои муайян ба муҳлати на кам аз 3 сол таъин карда метавонист. Баҳисобгирии муҳлат ҳангоми аз тарафи шахс ҷинояти нав содир намудан, аз лаҳзаи содир намудани

ҷиноят ҳисоб карда мешуд, ҳангоме ки шахс аз суд ва тафтишот саркашӣ менамуд аз лаҳзаи дастгир кардани шахс ё ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ муҳлатҳо ба ҳисоб гирифта мешуданд. Масъалаи татбиқи муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нисбати шахсоне, ки ба ҷазои қатл маҳкум мешуданд, ин масъаларо суд ҳал менамуд. Навигарии институти мазкур дар Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии соли 1958, аз он иборат буд, ки пеш аз ҳама, дар он ҳам институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҳам муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ пешбинӣ гардида, инчунин номи институт ба фарқият аз асосҳои қонунгузории соли 1924 дигар шуда буд. Дар Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳурияҳои иттифоқӣ соли 1958, институти мазкур муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ном дошт. Асосҳои ибтидоии қонунгузорӣ, инчунин ба ҷумҳурияҳои иттифоқ ҳуқуқ дода буд, ки дар кодексҳои ҷиноятӣ муҳлатҳои камтарро барои ҷиноятҳои алоҳида муқаррар намоянд. Бояд қайд кард, ки асосҳо ҳамчунин қатъ ва боздошти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро пешбинӣ мекард. Навигарии дигари институти таҳлилшаванда дар он буд, ки Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии соли 1958 ба ғайр аз муҳлатҳои гуногун (вобаста ба ҷазои ҷинояти содиршуда), муҳлати тафриқанашудаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро пешбинӣ мекард. Муҳлати тафриқанашудаи ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан 15 сол муқаррар шуда буд, ки ин муҳлат нисбати шахсоне татбиқ мегашт, ки онҳо аз суд ва тафтишот саркашӣ менамудаанд ва пас аз гузашти 15 сол онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешуданд.

Бо қарори Президиуми Совети Олии РССТ аз 17 августи соли 1961 дар ҷумҳурӣ Кодекси ҷиноятии нав қабул шуда, КҶ РССТ 1935 сол, ки якумин кодекси ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ буд, бекор карда шуд. Кодекси мазкур аз 1 декабри ҳамон сол дар амал ҷорӣ карда шуд. КҶ РССТ 1961 сол аз принсипҳо ва муқарраротҳои умумие, ки дар Асосҳои ибтидоии қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳурияҳои иттифоқӣ соли 1958 муқаррар шуда буданд, асос ёфта буд. Институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар моддаи 46 кодекс пешбинӣ шуда, моддаи мазкур аз 4 қисм иборат буд. Моддаи 46 кодекси ҷиноятӣ 4 категория муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро, ки асосан аз муҳлатҳои ҷазое, ки барои содир кардани ҷиноят таъин мешуд, пешбинӣ мекард. Мувофиқи моддаи 46 КҶ РССТ 1961 сол, агар аз рӯзи ҷиноят содир кардани шахс, муҳлатҳои зерин гузашта бошанд, шахси мазкурро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин набуд агар:

1) Як сол аз рӯзи содир карда шудани яке аз ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 94,97,98,115 қисми дуюм, 116,139,152,195,205,207,215,223 ҳамин кодекс нишон дода шудаанд:

2) се сол аз рӯзи содир намудани ҷиноятe, ки барои он аз рӯи ҳамин Кодекс мумкин аст ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на зиёда аз ду сол, ё ҷазои дигари новобаста бо махрум сохтан аз озодӣ таъин карда шавад, ба ғайр аз ҷиноятхое, ки дар моддаҳои дар банди 1 зикршуда, пешбинӣ шудаанд;

3) панҷ сол аз рӯзи содир шудани ҷиноятe, ки барои он аз рӯи ҳамин Кодекс аз озодӣ маҳрум карданро ба муддати на зиёдтар аз панҷ сол таъин кардан мумкин аст;

4) даҳ сол аз рӯзи содир карда шудани ҷиноятe, ки барои он аз рӯи ҳамин Кодекс назар ба панҷ сол аз озодӣ маҳрум намудан ҷазои сахттар таъин кардан мумкин аст [8, с.38].

Моддаи мазкур қатъи ҷараёни баҳисобгирии муҳлатро, ки агар шахс пеш аз тамом шудани муҳлатҳои дар қонун нишон додашуда, ҷинояти нав содир мекард, ки барои он аз рӯи кодекс таъин кардани ҷазои махрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз ду сол мумкин буд, муқаррар менамуд. Дар ин маврид гузаштани мӯҳлат аз вақти содир кардани ҷинояти нав ҳисоб карда мешуд. Инчунин меъёри мазкур боздошти ҷараёни муҳлатро, ки агар шахсе, ки ҷиноят содир намудааст **аз** тафтишот **ё** аз **суд** пинҳон шавад пешбинӣ мекард**.** Дар **ин** ҳолатҳо ҷараёни гузаштани муҳлат аз вақти дастгир карда шудани шахс **ё** аз вақти ба гуноҳи худ иқрор шуда ҳозир шудани ӯ аз нав давом дода мешуд. Масъалаи татбиқ намудани муҳлат дар ҳаққи шахси содиркардаи ҷиноятe, ки барои он аз рӯи қонун ҷазои қатл таъин карда мешуд, ба зиммаи суд гузошта шуда буд. Агар суд татбиқ намудани гузаштани муҳлатро мумкин нашуморад, он гоҳ ҷазои қатл таъин намекард ва он ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда мешуд. Камбудии моддаи 46 КҶ РССТ соли 1961, дар он

буд, ки қонунгузор табиати ҳуқуқии институти мазкурро муайян накарда буд. Моддаи мазкур дар боби 5 "Таъини ҷазо ва аз ҷазо озод намудан" дохил шуда буд. Камбудии дигар аз он иборат буд, ки қонунгузор қоидаҳои баҳисобгирии муҳлатро муайян нанамуда буд, ки татбиқи он дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ мушкил мегашт.

Дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда, инстиути муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар моддаи 75 КҶ ҶТ 1998 муқаррар гардидааст. Моддаи мазкур дар боби 10 "Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ" ҷойгир шудааст. Бояд гуфт, ки КҶ 1998 сол ба институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан тағйиротҳои муҳим ворид намуд, аз ҷумла, қодекси амалкунандаи ҷиноятӣ ба фарқият аз КҶ РССТ 1961, лаҳзаи оғоз ва охири баҳисобгирии муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро дақиқ муайян кард. Бартарии дигари қонуни ҷиноятии амалкунандаи дар он аст, ки муҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан на аз ҷазои ҷиноятӣ содиршуда, балки вобаста ба категрияи ҷиноят муайян шудааст. Ҳамин тавр, ба фарқият аз КҶ ҶТ РССТ 1961 сол, кодекси ҷиноятии амалкунанда табиати ҳуқуқии институти мазкурро, инчунин қоидаҳои баҳисобгирии муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро аниқ намуда ва онро ҳамчун як намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кард.


**АДАБИЁТ**

1. Уголовный кодекс РСФСР 1922, С. – 19
2. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952. Законодательство РСФСР, М. 1953, С – 200
3. Муллаев. М.М История уголовного права Таджикской ССР, часть 1 Сталинабад, 1960, - С.122
4. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование, дис...канд. юрид. Наук / У.А,Азизов. - Душанбе, 2015.- С. 277
5. Уголовный кодекс Таджикской ССР от 9 мая 1935г. Станилинабад: Таджикгосиздат. – 1952 г. – С.8
6. Герцензон. А. Об основах уголовного законодательства союза ССР и союзных республик / А.Герцензон. - М:Госюриздат, 1959. – С.11
7. Герцензон. А. Об основах уголовного законодательства союза ССР и союзных республик. / А.Герцензон. - М:Госюриздат, 1959.- С.15
8. Кодекси Ҷиноятии РСС Тоҷикистон, Душанбе,1961. – С.38


## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ МУҲЛАТИ БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ КАШИДАН


Дар мақолаи зерин масоили таърихи пайдоиш ва инкишофи инстиути муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола шартҳои татбиқи институти муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар давраи муайян, инчунин ҳолатҳое, ки истифодаи онро қатъ ва бозмедорад, муфассал ва ҳаматарафа шарҳ дода шудааст. Дар таҳқиқот зикр мегардад, ки институти мазкур бори аввал дар КҶ ҶФШСР соли 1922, муқаррар шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО**: ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазо, муҳлат, пайдоиш, инкишоф, категорияи ҷиноят.


## ИСТОРИЯИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНТИТУТА СРОКА ДАВНОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЯ


В данной статье анализируется история возникновения и развития института срока давности преступления. Детально и основательно разъясняется условия применения института срока давности преступления, а также обстоятельства, когда его применения приостанавливается и прекрашается. В исследовании отмечается что, впервые данный институт был предусмотрен в УК РСФРС 1922.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: уголовная ответственность, наказания, срок, возникновения, развития, категория преступления.


## HISTORY OF EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF INSTITUTION OF THE STATUTE OF LIMITATIONS FOR A CRIME


This article analyzes the history of the emergence and development of the institution of the statute of limitations for a crime. The conditions for applying the institution of the statute of limitations for a crime, as well as the circumstances when its application is suspended and terminated, are explained in detail and thoroughly. The study notes that for the first time this institution was provided for in the Criminal Code of the RSFRS 1922.



**KEYWORDS**: criminal liability, punishment, term, occurrence, development, emergence**.** category of crime.



**Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Шермуҳаммад Алишерович –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **shermukhammad.saidov@bk.ru.** Телефон**: 900066015.**

**Сведение об авторе:** ***Саидов Шермухаммад Алишерович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **shermukhammad.saidov@bk.ru**. Телефон**: 900066015.**

**Information about the author**: ***Saidov Shermukhammad Alisherovic*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law of the. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **shermukhammad.saidov@bk.ru**. Phone: **900066015.**

# МЕТОДИКАИ МУАЙЯНКУНИИ ЗАХИРАҲО ДАР ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ

***Раҷабова Н. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Калимаи «захира» - арабӣ буда дар адабиётҳои иқтисодии муосир ҳамчун ҳаммаънои калимаи франсузӣ «reserve» - захира, ё лотинин «reservere» - нигоҳ доштан, эҳтиёт кардан истифода мешавад. Вобаста ба ин гуфта маънии захира (резерв) бо ду маъно фаҳмида мешавад.

Якум, захираҳо ба маънои захираи сарватҳои моддӣ (ашё, масолеҳ, сӯзишворӣ ва ғайра), меҳнатӣ ва пулӣ, ҳамчун шарти таъмини истеҳсолот.

Дуввум, захираҳо ҳамчун имконияти зиёд гардонидани истеҳсоли маҳсулот, баландкунии сифати он, пасткунии арзиши аслӣ, масъултар ва оқилонатар истифодабарии тамоми намудҳои сарватҳо (моддӣ, пулӣ). Захираҳо метавонанд бо роҳи барҳамдиҳии талафоти вақти корӣ, мустаҳкамкунии интизомӣ, баландбардории ихтисоси кормандон, пасткунии бекорҳо ба техника ва таҷҳизот, сарфакорона истифода бурдани воситаҳои моддиву пулӣ ва ғайра ба истеҳсолот қӯш карда шаванд.

Ҳамин тариқ, захираҳои хоҷагӣ – ин имкониятҳои потенсиалии корхона барои баландбардории самаранокии истеҳсолот ва сифати он мебошанд. Дар адабиётҳои иқтисодӣ мафҳуми захира бештар ҳамчун пасткунии талафот ҳангоми истифодабарии сарватҳо фаҳмида мешавад. Дурустш ин аст, ки захира ҳамчун имкониятҳои истифоданашудаи камкунии хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ дар дараҷаи мушаххаси инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ фаҳмида шавад. Бартараф намудани ҳама гуна талафот ва хароҷоти оқилона – ин яке аз роҳҳои истифодабарии захираҳо мебошад. Роҳи сарфи истифодабарии захираҳо - ин вусъат додани прогресси илму техника ҳамчун фишанги баландбардории шиддатнокӣ ва самаранокии истеҳсолот мебошад. Ҳамин тариқ, захираҳо бо ҳаҷми пуриқтидор ҳамчун фарқи байни дараҷаи бадастомадаи истифодабарии сарватҳо дараҷаи имконии онҳо чен карда мешаванд. Моҳияти иқтисодии захираҳои зиёдгардонии самаранокии истеҳсолот ин аст, ки тамоми иқтидори корхона барои гирифтани миқдори зиёди маҳсулоти баландсифат бо истифодабарии хароҷоти камтарини меҳнат бар воҳиди маҳсулот пурратар ва оқилонатар истифода шаванд. Дар назария ва амалияи ҳисобгирии байналхалқии захираҳои истеҳсолӣ дар мавриди аз анбор хориҷ кардани онҳо ба истеҳсолот ё ба дигар мақсадҳо баҳодиҳии захираҳоро бо яке аз ин усулҳо гузаронидан мумкин мебошад:

- бо арзиши аслии ҳар як воҳид;
- бо арзиши аслии миёна;
- бо арзиши аслии дар аввали вақт харида шуда (усули ФиФо);
- бо арзиши аслии дар охири вақт харидашуда (усули ЛиФо).

Истифодаи яке аз ин усулҳо оиди намуди (гурӯҳи) истифодаи захираҳо дар сиёсати ҳисобгирии корхона нишон дода шуда бошад.

Баҳодиҳии захираҳои истехсолӣ бо арзиши аслии дар як воҳид дар ҳолатҳои махсус (таносубан ба металлҳои қимматбаҳо, сангҳои қимматбаҳо ва ҳ.к.), ки захираҳоро бо усулҳои оддӣ баҳо додан имконпазир мебошад, истифода бурда мешавад. Арзиши аслии миёнаи захираҳо барои ҳар як намуд (гурӯҳ) муайян карда мешавад ҳамчун арзиши аслии умумии намуди (гурӯҳи) масолеҳ ба миқдори онҳо, мувофиқатан аз арзиши асли ва миқдори бақияи онҳо дар аввали моҳ ва дохилшавии захираҳо дар давоми моҳ ташкилшударо мефаҳмонад. Ду усули. нишондодашуда дар таҷрибаи ҳозираи баҳодиҳии захираҳои молию

масолеҳӣ истифода бурда мешаванд. Дар ҳолати, истифодаи усули ФиФо чунин қоидаро истифода мекунанд. Якум партия - даромад, дуюм партия - хароҷот. Ин чунин маъно дорад, новобаста ба он, ки кадом партияи масолеҳ ба истеҳсолот дода шудааст, аввал масолеҳро бо нархи (арзиши аслии) партияи якуми харидашуда хориҷ мекунанд, сонӣ бо нархи партияи дуюм ва ҳ.к. муайян карда шавад. Дар ҳолати истифодаи усули ЛиФо чунин қоидаро қабул мекунанд: партияи охирон ба даромад, якум - ба хароҷот, яъне аввал масолеҳро бо арзиши - аслии партияи охирин хориҷ карда, сипас бо арзиши аслии пешина ва ҳ.к. Мисоли баҳодиҳии хароҷоти 100 дона масолеҳро бо усули ФиФо ва ЛиФо дида мебароем (ба ҷадвали №1 нигаред).

Истифодаи ин усулҳои баҳодиҳии захираҳои моддию - масолеҳиро корхона бо мақсади ташкили ҳисобгирии ҷузъии онҳо дар миқёси ҳар як партия (маблағи бо намуди масолеҳҳо) нигаронида шудааст. Баҳодиҳии захираҳои масолеҳию – истеҳсолӣ дар охири давраи ҳисоботӣ вобаста аз усулҳои қабулшудаи баҳодиҳии захираҳо дар ҳолати хориҷшавӣ (ба ғайр аз молҳое, ки бо арзиши фурӯшашон ба ҳисоб гирифта мешаванд) бо истифодаи усулҳои зерин гузаронидан мумкин мебошад.

Ҷадвали 1.

Баҳодиҳии масолеҳҳо бо усулҳои ФиФо ва ЛиФо

| № | Нишондодҳо | Миқдори воҳид, дона | Нархи як воҳид, сомонӣ | Маблағ, сомонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бақияи масолеҳ дар 1.06.2016с. | 20 | 10 | 200 |
| 2. | Масолеҳ дохил шуд: | 30 | 10 | 300 |
| | Партияи якум | 20 | 12 | 240 |
| | Партияи дуюм | 40 | 15 | 600 |
| | Партияи сеюм | 90 | х | 1140 |
| 3. | Ҷамъ дар як моҳ | | | |
| 4. | Хароҷоти масолеҳ дар давоми моҳ: | | | |
| | а) бо усули ФиФо: | 50 | 10 | 500 |
| | Партияи якум | 20 | 12 | 240 |
| | Партияи дуюм | 30 | 15 | 450 |
| | Партияи сеюм | 100 | х | 1190 |
| | Ҷамъ дар як моҳ | | | |
| | б) бо усули Лифо: | 40 | 15 | 600 |
| | Партияи якум | 20 | 12 | 240 |
| | Партияи дуюм | 40 | 10 | 400 |
| | Партияи сеюм | 100 | х | 1240 |
| | Ҷамъ дар як моҳ | | | |
| 5. | Бақияи масолеҳ дар 1.07.2016с. | | | |
| | а) бо усули ФиФо | 10 | 15 | 100 |
| | б) бо усули ЛиФо | 10 | 10 | |

Дар баробари муайян кардани нархи устувори ҳисобгирӣ хеле муҳим мебуд, ки воҳиди ҳисобгирии арзишҳои қиматнокро гузорем. Чунин воҳид буда метавонад: ҳар як намуд, навъи марка ҳаҷми масолеҳ, яъне ҳар як рақами номгӯй, ҳар партия, гурӯҳи якхела ва ҳ.ҳ. Ин нишондодҳо аз тарафи корхона муайян карда шуда, сарчашмаи ташаккулёбии ахбори пурра ва боэътимод оиди захираҳои масолеҳӣ, назорати қатъӣ ҳаракат ва ҳолати онҳоро дар корхона таъмин менамоянд.

Дар асоси меъёрҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ (МБҲМ) захираҳо гуфта активҳоеро меноманд, ки

- ➢ барои фурӯш дар ҷараёни фаъолияти муқаррарӣ пешниҳод карда шудаанд (маҳсулоти тайёр, молҳо);
- ➢ дар ҷараёни истеҳсолот бо ҳамин намуди фурӯш истифода шудаанд (нимфабрикат);
- ➢ бо шакли ашё ва ё масолех, барои истифода дар ҷараёни истеҳсолот ва ё дар иҷрои кору хизматҳо иштирок доранд.

Захираҳо бояд бо назардошти на кам аз ду бузургӣ баҳо дода шаванд: арзиши аслии ҳақиқӣ ва арзиши тозаи фурӯш.

Хароҷотҳо барои харидани захираҳо, ки арзиши аслии ҳақиқии онҳоро ташкил мекунад, иборат мебошанд: аз нархи харид, боҷи воридот, андозҳо, хароҷотҳои нақлиётӣ-тайёркунӣ ва дигар хароҷотҳое, ки бевосита ба харидани маҳсулоти тайёр, масолеҳ ва хизматҳо гузаронида мешаванд.

Хароҷотҳо оиди коркарди захираҳо иборат мебошанд: аз хароҷотҳое, ки бевосита ба истеҳсоли як воҳиди маҳсулот гузаронида шудаанд, (ашёи хом, масолеҳ, хароҷоти мехнат) ва хароҷотҳое, ки таъиноти умумихоҷагӣ доранд. Ба дуюмаш дохил мешаванд хароҷотҳои доимӣ ва тағйирёбандаи борхатии истеҳсолие, ки дар мавриди истеҳсоли маҳсулот ба вуҷуд меоянд ва байни намуду гурӯҳҳои маҳсулот таносубан ба ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардашуда, музди меҳнати коргарон ва ҳ.к. тақсим карда мешаванд. Ба арзиши аслии захираҳои молию масолеҳӣ боз дохил карда мешаванд хароҷотҳо оиди саривақт оварда расонидани онҳо ба ҷойҳои муқарраркардашуда (хароҷотҳои бемасъули борхатӣ ё ки хароҷотҳо барои коркарди маҳсулот барои харидорони алоҳида). Арзиши аслии захираҳо дар ҳисобгирии ҷорӣ - асосан бо истифодаи усулҳои меъёрии хароҷот ва усули нархи ҳисобӣ муайян карда мешаванд.

Хароҷотҳои меъёрӣ - ин дараҷаи меъёрии истифодаи ашёи хом, масолеҳ, меҳнат, самаранокӣ ва иқтидор мебошад. Онҳоро доимо назорат мекунанд ва ба танзим медароранд.

Усули нархи ҳисобӣ - бештар дар савдои чакана барои баҳодиҳии захираҳое, ки аз миқдори зиёди ивазшавандаи нархи ягона дошта иборат мебошанд ва барои онҳое, ки барои истифодаи дигар усулҳои баҳодиҳии арзиши аслӣ мувофиқ нестанд истифода бурда мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. ҚонуниҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», аз 25 марти соли 2011, № 702
2. Бабаев Ю. А. Теория бухгалтерского учета / Ю.А.Бабаев. - Москва 2006
3. Данилов Е. Н. Заборников В. Е., Шипика Л. К. Анализ хозяйственной деятельности бюджетных и научных учреждений. Минск, 000 Интерсервис Экопереспектива. 2005
4. Каримов Б. Х., Кодирова Г. Қаюмова Ф. Назарияи ҳисобдории бухгалтерӣ / Б.Х.Каримов. - Душанбе-2007
5. Каримов Б. Х. Таҳлили иқтисодӣ / Б.Х.Каримов. - Ирфон 2005
6. Холиқова С., Турдиев М. «Баҳисобгирии муҳосибӣ-молиявӣ» / С.Холиқова. -Душанбе 2010с, 378с.


## МЕТОДИКАИ МУАЙЯНКУНИИ ЗАХИРАҲО ДАР ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои методикаи муайянкунии захираҳо дар таҳлили иқтисодӣ: хароҷотҳо барои коркард ва харидани захираҳо, ки арзиши аслии ҳақиқии онҳоро ташкил мекунад, усулҳои ченкунӣ ва баҳодиҳии захираҳо баҳисобгирии нархи харид, боҷи воридот, андозҳо, хароҷотҳои нақлиётӣ-тайёркунӣ ва дигар хароҷотҳое, ки бевосита ба харидани маҳсулоти тайёр, масолеҳ ва хизматҳо лозим мебошанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** захира, хароҷот, даромад, баҳодиҳӣ, пул, нарх, қарз, фаъолияти молиявӣ, фурӯш.


## МЕТОДОЛОГИЯ ОПРЕДЕЛЕНИЯ РЕСУРСОВ ДЛЯ ЭКОНОМИЧЕСКОГО АНАЛИЗА


В этой статье рассматривается методология определения ресурсов для экономического анализа: затраты на переработку и закупки ресурсов, их фактический источник издержек, метод измерения и оценки запасов, цена покупки, импортные пошлины и налоги. Расходы на транспорт и обучение и другие расходы, непосредственно связанные с покупкой готовой продукции, продуктов и услуг, подлежат изучению и анализу.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** ресурс, стоимость, доход, оценка, деньги, цена, кредит, финансовая деятельность, продажи.


## THE METHODOLOGY FOR DETERMINING RESOURCES FOR ECONOMIC ANALYSIS


This article examines the methodology for determining resources for economic analysis: the costs of processing and purchasing resources, their actual source of costs, the method of measuring and estimating stocks, the purchase price, import duties and taxes. The costs of transport and training and other expenses directly related to the purchase of finished products, products and services are subject to study and analysis.



**KEYWORDS:** resource, cost, income, valuation, money, price, credit, financial activity, sales.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Назира Асламовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 919411458.**

**Сведение об авторе:** ***Раджабова Назира Асламовна*** - Таджикский национальный университет, магистр первого курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 919411458.**

**Information about the author*: Rajabova Nazira Aslamovna*** – Tajik National University, first-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 919411458.**

# ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БА ДАСТОВАРДАШУДА ЯКЕ АЗ ҶИНОЯТҲОИ ТАҶОВУЗКУНАНДА БА ФАЪОЛИЯТИ МУЪТАДИЛИ ИҚТИСОДӢ

***Насриддинов С.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷаҳони имрӯза тараққиёти ҳар як давлатро мавҷудияти иқтисодиёти солим ташкил медиҳад. Баъзе сабабҳои субективӣ, чун зиёд гаштани сатҳи ҷиноятҳои иқтисодӣ, метавонанд ба инкишофи муътадили фаъолияти иқтисодӣ бевосита ё бавосита таъсири манфии худро гузоранд. Қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда яке аз ҷиноятҳои иқтисодие мебошад, ки на танҳо ба инкишофи муътадили иқтисодӣ, балки ба ҳайси сарчашмаи асосии сармоягузории ҷинояткории муташаккил дар тамоми ҷаҳон баромад менамояд. Қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорро, ки мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла мокилияти хусусиро кафолат медиҳад» кафолат дода шудааст, таҷовуз менамояд.

Масъалаи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда на танҳо кишвари мо, балки тамоми давлатҳои ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Мувофиқи омори расмӣ соле аз 500 млн то 1 трлн. доллар аз маблағҳои «сиёҳ» аз гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, хариду фурӯши яроқ, фоҳишагарӣ ва дигар ҷиноятҳо ба ҳар роҳу воситаҳо «қонунӣ» гардонда мешаванд. Агар дар аввал ин маблағҳо ба соҳаи иқтисодиёт барои сармоягузории ин ё он намуди фаъолият сарф мешуданд, ҳоло бошад барои инкишофи фазои сармоягузорӣ сарф карда мешаванд. Маҳз ҳамин тарафи масъала ба ҷамъият хавфнокии кирдори номбаршударо пурратар тавсиф намуда, ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Бояд қайд кард, ки ин модда аз соли 1998 дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Ҷинояти мазкур дар моддаи 262 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда» инъикоси худро ёфтааст. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст. Аз моддаи 11 Кодекс бармеояд, ки аломатҳои асосии таркиби ҷиноят ин объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективӣ мебошанд. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаи объекти расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада қайд гаштааст, ки он ба фаъолияти иқтисодии давлат, амнияти иқтисодӣ, фаъолияти муътадили низоми молиявӣ ва манфиатҳои адолати судӣ, ки барои роҳ надодан аз саркашии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо истифодаи даромадҳои ҷинояткорона равона гаштааст.

Аз мафҳуми додашуда бармеояд, ки ба сифати объекти бевоситаи моддаи 262 КҶ фаъолияти иқтисодии давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ баромад намуда, объекти иловагиаш бошад, манфиатҳои адолати судӣ мебошад, чунки ҷинояткор бо роҳи қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пинҳон гашта, кӯшиш менамояд, ки сарчашмаи ҷинояткоронаи даромадҳои худро аз манбаъҳои расмӣ нишон

диҳад. Бо ин роҳ ҷинояткор ба манфиатҳои адолати судӣ, ки ба ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятӣ кашидани шахси ҷинояткорро талаб меамояд, таҷовуз менамояд. Тарафи объективии ҷинояти мазкурро фаъолияти муътадили иқтисодӣ, яъне амал ё беамалӣ ташкил медиҳад, ки бевосита диспозитсияи моддаи 262 КҶ ифодакунандаи он мебошад. Мувофиқи ин «анҷом додани аҳдҳои молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қимматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпуш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ва ё мусоидат намудан ба ҳар гуна шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпуш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, ҳамчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк» фаҳмида мешавад.

Предмети ҷинояти таҳлилшаванда мутобиқи КҶ «маблағҳои пулӣ ё амволи дигар» муқаррар гашта, мафҳуми «маблағҳои пулӣ» бо мафҳуми «амволи дигар» фаро гирифта мешавад. Чунки мувофиқи моддаи 140 қисми 2 Кодекси граждании Ҷумуҳрии Тоҷикистон ба неъмату ҳуқуқи молу мулкӣ (молумулк) инҳо дохил мешаванд: чизу чора, пул, аз ҷумла асъори хориҷӣ, қоғазҳои қимматнок, кору хизматҳо ва амсоли инҳо. Таҳлили низомноки Қонуни ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми маблағҳои пулӣ ва амволи дигар якмаъно мебошанд. Масалан, предмети дуздӣ, ғоратгарӣ тасарруфи ниҳонӣ (ошкоро)-и маблағҳои пулӣ ё амвол муқаррар шудааст. Мафҳуми «амвол» ё «маблағҳои пулӣ» мазмуни ягона дошта, чун кулл ва ҷузъ баромад менамояд. Аломати асосӣ ва ҳатмии предмети қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаро, ғайриқонунӣ, хилофи қонун ба даст овардани маблағҳои пулӣ ё амволи дигар ташкил медиҳад. Мувофиқи диспозитсияи моддаи 262 ғайриқонунӣ бадастовардашуда гуфта, чунин ҳолатеро меноманд, ки маблағҳои пулӣ ё амволи дигар дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҳуқуқвайронкунии гражданӣ ба даст оварда шудааст. Яъне, тарзи соҳиб шудан ба чунин маблағҳои пулӣ ё амвол ғайриқонунӣ мебошад. Масалан, амвол тасарруф карда шудааст ё ба даст оварда шудааст, ё ба даст овардани ҳуқуқи воқеӣ ба он бидуни асосҳои зарурии ҳуқуқӣ сурат гирифтааст, аз ҷумла бо роҳи бастани шартономаҳои ғайриқонунӣ, сохтмони худсарона ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки муқаррар гаштани «бо роҳи ғариқонунӣ» ба даст овардани амвол сабаби пайдоиши ақидаҳои гуногун дар назария ва амалияи ҳуқук байни олимон гаштааст. Марбут ба ин масъала олимон ба 2 гуруҳ ҷудо шудаанд. Ба ақидаи намояндагони гуруҳи аввал бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст овардани даромад, ин ба даст овардани амвол, ё ҳуқуқ ба он бе асоси қонунӣ, хилофи қонунгузории кишвар мебошад. Онҳо на танҳо ин ки бо роҳи ҷинояткорона гирифтани даромад, балки гирифтани даромадро аз аҳдҳои беасосу ғайриқонунӣ, дорошавии беасос, сохтмони худсарона ва баъдан барасмият даровардани онҳоро низ дар назар доранд. Масалан Л.Д.Гаухман ва С.В. Максимов қайд менамоянд, ки хусусияти ғайриқонунӣ ба даст овардани маблағҳои пулӣ, маънои «барқасдона вайрон намудани қонунгузории маъмурӣ, гражданӣ ва қоунунгузории дигар» - ро дар назар дорад.

Ба ақидаи гуруҳи дигари олимон, ақидаи олимони гуруҳи аввалро барои тафсири васеи «мафҳуми ғайриқонунӣ» зери танқид қарор додаанд. Онҳо мафҳуми маҳдуди онро пешбинӣ менамоянд, ки қонунгузор дар зери мафҳуми «ғайриқонунӣ» дар диспозитсияи моддаи КҶ танҳо бо роҳи ҷинояткорона ба даст овардани онҳоро дар назар доранд. Масалан, Жалинский қайд менамояд, ки ғайриқонунӣ, бояд чун вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ фаҳмида шавад, дар акси ҳол татбиқи ин модда мутобиқи қ 2 моддаи 17 КҶ чун мавҷуд набудани ба ҷамъият хавфнокӣ ва камаҳамият буданаш, ноадолатона аст.

Субъекти моддаи 262 расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаро шахси воқеии мукаллафи ба синни 16 солагӣ расида баромад менамояд. «Ба сифати субъекти ин ҷиноят ҳам шахсе , ки бевосита дар натиҷаи содир намудани ҷиноят даромад ба даст оварда, баъдан бо роҳи анҷом додани амалиёти молявӣ ё дигар аҳдҳо ба даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба дастовардашудаашро қонунӣ мегардонад ва ҳам шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ, ки дар натиҷаи содири он даромад ба даст оварда шудааст, иштирок накарда, вале дидаю дониста ба қонунунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашудаи дигар шахс мусоидат мекунад». Инчунин, дар қисми 2 банди «в» Кодекс

субъект махсус, яъне шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ баромад мекунад. Тарафи субъективии моддаро гуноҳ дар шакли қасди бевосита ташкил медиҳад, яъне шахс ҳаракатҳои худро дарк мекунад ва хоҳони фаро расидани оқибат мебошад. Бо қасди бевосита содир гардидани ҷинояти таҳлилшаванда истифодаи истилоҳи «баръало» дар диспозитсияи моддаи 262 шаҳодат медиҳад. «Мақсади қоунунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда махфӣ нигоҳ доштан ё пинҳон намудани хусусияти аслӣ, манбаъ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, аз ҷо ба ҷо гузаронидан, тааллуқдорӣ ё ҳуқуқи моликият, инчунин намуди қонунӣ додан ба соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории ин маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қимматнок ё дигар молу мулк ифода мегардад». Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар қисмҳои моддаи мазкур мафҳумҳои ба миқдори калон ва махсусан калон пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи эзоҳи модда ба миқдори калон андозае дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 2 ҳазор маротиба зиёд бошад. Ба миқдори махсусан калон бошад андозае дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 5 ҳазор маротиба зиёд бошад. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 64 сомонӣ муқаррар шудааст.

Қонунгузории ҷиноятӣ шакли махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор пешбинӣ кардааст. Мутобиқи он шахсе, ки дар қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда иштирок кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳамин кирдор озод карда мешавад, агар ӯ пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада ба гуноҳи худ иқрор шуда, барои ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ва (ё) ихтиёран даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаашро супорида бошад. Вале дар қисми 3 моддаи 262 меъёри мурофиавӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қимматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба дастоварда шудаанд, бо тартиби моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд. Ин ҳолат ба вайрон кардани низоми қонунгузории ҷиноятӣ, ки он қонунгузории моддӣ мебошад, оварда мерасонад. Моддаи 78 КМҶТ механизми далели шайъӣ эътироф намудани маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулкро муқаррар намуда, ба фоидаи давлат ё дигар соҳибмулкон гузаронидани онҳоро низ пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавр иловатан пешбинӣ намудани он дар қонунгузории ҷиноятӣ зарурат надорад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон боби 1 моддаи 12
2. Коментарии к Уголовному кодексу РФ. Под. О.Ф.Шишова. М-1998. Т2. С8
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 262 қисми 1 (1998)
4. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 140 қисми 2
5. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумуҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2006 с.582
6. Ющенко И.С. Анализ законадателство РФ, Республика Беларус И Республика Украина в сфере противодействия легализации незаконных доходов. Автореф.конд.юр.наук / И.С.Ющенко. - Томбов, 2009 с.10
7. Жалинский А.Е. Глава 22, Преступление в сфере экономиской деятельности / А.Е.Жалинский. - 1998.С 49
8. Коментарии к Уголовному кодексу РФ Под. ред, Ю.И.Скуратова и В.М.Лебедова. м.1996 с.397
9. Сафаров.А.И. Некоторые проблемы определения субъекта легализации преступных доходов по законодательству РТ Вестник Таджикского национального университета №4(60).2010.С.75
10. Сафаров А.И. Саидов Ш.Н. Қудратов Н.А. Ҷиноятҳои иқтисодӣ (васоити таълимӣ) / А.И.Сафаров. - Душанбе 2015. С.55
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» м.23 аз 02.12.2021
12. Сафаров А.И . Некоторые вопросы состояния преступности в сфере легализации денежных средств либо иного имущество


## ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДАШУДА ЯКЕ АЗ ҶИНОЯТҲОИ ТАҶОВУЗКУНАНДА БА ФАЪОЛИЯТИ МУЪТАДИЛИ ИҚТИСОДӢ


Дар мақолаи мазкур объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ, инчунин, предмети ҷинояти дар моддаи 262 КҶ пешбинишуда, яъне қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, дар мақола ҳолатҳои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахс ва мусодираи молу мулки бо роҳи ин ҷиноят ба дастовардашуда мавриди таҳлил қарор гирифтааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** қонунигардонӣ, молу мулк, ҷиноят, объект, тарафи объективӣ, субъект, тарафи субъективӣ.

**ЛЕГАЛИЗАЦИЯ ДОХОДОВ ПОЛУЧЕННЫМИ НЕЗАКОННЫМ ПУТЕМ - ОДИН ИЗ ПРЕСТУПЛЕНИЙ, НАРУШАЮЩИХ НОРМАЛЬНУЮ ЭКОНОМИЧЕСКУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**

В данной статье анализируется объект, объективная сторона, субъект, субъективная сторона, а также предмет преступления предусмотренного статьей 262 УК РТ, т.е. легализация доходов, полученных преступным путем. Также в статье анализируются случаи освобождения от уголовной ответственности и конфискации имущества, полученного в результате совершения этого преступления.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** легализация, имущества, преступления, объект, объективная сторона, субъект, субъективнаи сторона.

**LEGALIZATION OF ILLEGALLY OBTAINED INCOME IS ONE OF THE CRIMES THAT DISRUPT NORMAL ECONOMIC ACTIVITY**

This article discusses the object, the objective side, the subject, the subjective side, as well as the subject of the crime provided for in Article 262 of the Criminal Code, the legalization of proceeds from crime. The article also analyzes the cases of release from criminal liability and confiscation of property obtained through this crime.

**KEYWORDS:** legalization, property, crimes, object, objective side, subject, subjective side.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Насриддинов Санҷарбек Шухратҷонович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **sanjarnasriddinzoda@gmail.com.** Телефон: **928589494.**

**Сведение об авторе:** ***Насриддинов Санджарбек Шухратджонович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **sanjarnasriddinzoda@gmail.com.** Телефон: **928589494.**

**Information about the author**: ***Nasriddinov Sanjarbek Shuhratjonovich*** – Tajik National University second-year master`s student of the faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: sanjarnasriddinzoda@gmail.com**.** Phone**: 928589494.**

# МАҲФУМ, АҲАМИЯТ ВА ТАСНИФОТИ КОМБИНАТСИЯИ КРИМИНАЛИСТӢ

***Яҳёев А.Ю.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Комбинатсияи криминалистӣ – ин маҷмуи амалиётҳои тактикӣ ва мурофиавие мебошанд, ки барои ҳалли масъалаи машаххас дар ҳолатҳои тафтишӣ нигаронида мешавад. Комбинатсияи тактикӣ - ин дар яке аз амалиёти тафтишӣ муттаҳид намудани маҷмуи амалҳо (амалҳои соддӣ ва оддии) тафтишӣ ва мурофиавӣ мебошад. Комбинатсияи тактикӣ бо андоза ва моҳияти худ аҳамияти нисбатан кам дошта, доираи амалиёти тактикии маҳдуд дорад. Дар доираи комбинатсияи тактикӣ дар худ як, ҳамчун қоида, амалиёти тафтишии мураккаб аз якчанд амалиёт ё чорабиниҳои фаврӣ - ҷустуҷӯӣ иборат мебошад. Гузаронидани комбинатсияи тактикӣ яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани самаранокии амалиёти тафтишӣ, ки ба таркиби он шомил карда шудааст, мебошад. Комбинатсияи тактикӣ аз ҷониби муфаттишон ва кормандони фаврие амалӣ карда мешавад, ки ба гурӯҳи тафтишӣ шомил мебошанд ё ба фаъолияти кормандони фаврӣ мусоидат менамоянд. Ғайр аз ин, комбинатсияи тактикӣ мумкин аст аз ҷониби гурӯҳи муфаттишон, ҳамчунин аз ҷониби якчанд кормандони фаврӣ, ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишӣ ё худ ҳангоми гузаронидани амалиёти тафтишии дигар бо супориши муфаттиш амалӣ карда шавад.

Дар ҷаҳорчӯбаи тафтиши яке аз парвандаҳои ҷиноятӣ комбинатсияи тактикӣ ин маҷмуи амалиёти якхела ва гуногуни тафтишӣ мебошад, дар баъзе ҳолатҳо ин чорабиниҳои ташкилӣ- техникӣ (комбинатсияи тактикии мураккаб) мебошад. Дар давраи тафтишот (махсусан, дар давраи аввал) маълумотҳое амалӣ карда мешавад, ки бо роҳи фаврӣ сурат мегирад, комбинатсияи тактикӣ дар худ маҷмуи амалиёти фаврӣ - ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтиширо ташкил медиҳанд. Онро шартан фаврӣ-тактикӣ номидан мумкин аст, аммо аз нуқтаи назари мурофиавӣ, танҳо амалҳои мурофиавӣ нақш доранд, ки дар он маълумоти бадастомада аҳамияти мурофиавӣ ба вуҷуд омада, бо роҳи фаврӣ ба даст оварда шудааст.

Чорабиниҳои фаврӣ - ҷустуҷӯӣ ҳамчун унсури комбинатсияи тактикӣ танҳо шароитеро фароҳам меоварад, ки барои самаранок ва беҳафв гардидани амалҳои тафтишӣ, ки ба комбинатсияи тактикӣ шомил мебошад, таъмин менамояд. Амалиёти тафтишӣ метавонад барои таъини чорабинии фаврӣ - ҷустуҷӯии минбаъда мусоидат намояд. Комбинатсияи фаврӣ - тактикӣ бо роҳи ҳамкории муфаттиш бо корманди фаврии мақомоти таҳқиқ амалӣ карда мешавад, ки ҳар яки онҳо дар доираи салоҳияти худ ва тарзи фаъолият кор мекунанд.

Яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар ин самт муайян кардани сарҳади байни амалиёти криминалистӣ ва комбинатсияи тактикӣ ба ҳисоб меравад. Дар худ муттаҳид намудани субъектони гуногун танҳо яке аз ҳолатҳои комбинатсияи тактикӣ ба ҳисоб меравад. Тавре ки Белкин Р. С. қайд менамояд принсипи ягонагӣ маҷмуи амалҳоеро дар бар мегирад, ки байни худ алоқамандии зич дошта, бо тавассути ба амал баровандани ҳаракатҳои тактикӣ ба ҳадафи худ ноил мегардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки такя кардан ба танҳо як назария норавост, барои омӯзиши ҳамаҷонибаи кор, ки масъалаи комбинатсияи тактикиро бо назардошти назария ва ақидаҳои гуногун маънидод кард.

Дар баробари ин, ба корҳои илмие рӯ ба рӯ шудан мумкин аст, ки муаллифи онҳо оид ба низоми амалҳои тактикӣ ва истифодаи онҳо сухан гуфта, ба ягон мафҳуме ишора намекунанд, ки масъалаи комплексӣ будани он такя карда бошад. Мутаносибан мафҳуми низоми болозикр, ба мисли тактикаи амалиётӣ ва комбинатсияи тактикӣ низ мавҷуд намебошад. Новобаста аз он, ки ду воситаи комплексии таҳлили минбаъдаи тактикӣ - криминалистӣ оид ба амалиёти тактикӣ ҷой дорад таҳти таваҷҷуҳи пайвастаи олимони соҳа қарор дорад. Дар баробари амалиёти комбинатсияи тактикӣ, ҳамчунин амалиёти тактикӣ низ ҷой дорад, ки метавонад дар худ амалҳои тафтишӣ, тактикӣ ва мурофиавиро муттаҳид намояд. Оид ба мавқеъҳои гуногуни алоқамандии мутақобилаи мафҳумҳои амалиёти тактикӣ- криминалистӣ ва комбинатсияи тактикӣ - криминалистӣ хусусиятҳои зерини онро муайян кардан мумкин аст.

Яке аз онҳо дар он зоҳир мегардад, ки комбинатсияи тактикӣ яке аз навъҳои амалиёти тактикӣ маънидод карда мешавад. Дар баробари ин, олимоне, ки ақидаи болозикрро пешбарӣ менамоянд, чунин меҳисобанд, ки амалиёти тактикӣ дар худ чорабиниҳои оперативӣ- ҷустуҷӯиро муттаҳид менамояд. Дар баробари ин қайд карда мешавад, ки комбинатсияи тактикӣ ва амалиёти тактикӣ бо ҳамдигар бо шумораи нисбатан ками амалиёти гузаронидашаванда фарқ менамоянд. Он олимоне, ки чорабиниҳои фаврӣ-ҷустуҷӯиро ҳамчун унсури амалиёти тактикӣ эътироф намекунанд, ба ҳайси унсури комбинатсияи тактикӣ низ чорабиниҳои фаврӣ - ҷустуҷӯиро ворид намекунанд. Қайд менамоянд, ки ин ду падида танҳо бо шумораи амалиёте, ки дар онҳо гузаронида мешаванд, аз ҳам тавофут доранд. Ҳамчунин, дар баъзе аз адабиёти илмӣ чунин мушоҳида кардан мумкин аст, ки "амалиёти тактикӣ - ин худ комбинатсияи тактикӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми масъалаҳои дар пеш истода, аз имкониятҳои фаврии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода намуд." Нуқтаи назари дигар оид ба тафовути байни ин ду падида ба он асос меёбад, ки яке аз онҳо - амалиёти тактикӣ, ҳамавақт дар худ чорабиниҳои оперативиро доро буда, комбинатсияи тактикӣ бошад, наметавонад дар худ чорабиниҳои оперативӣ дошта бошад.

Ба таври адолатона тафовути байни амалиёти тактикӣ ва комбинатсияи тактикиро мавриди баррасӣ қарор дода, чунин меҳисобем, ки дар мақола бояд асосҳои нисбатан ҷиддӣ зикр гарданд. Ба ақидаи мо чунин аст, ки амалиёти тактикӣ аз комбинатсияи тактикӣ дорои имконияти васеъ мебошад, ки ҳангоми ба амал баровардани чорабиниҳои тактикӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар комбинатсияи тактикӣ дар қатори амалиёти дигари фаврӣ - ҷустуҷӯӣ мумкин аст беамалии банақшагирифташуда (интизорӣ аз ҷониби гумонбаршаванда ва ширикони ӯ ва ғайра) ташкил диҳад. Таснифбандии комбинатсияҳои тактикӣ: 1. Мураккаб: якхела ва гуногун; беруна ва маҳаллӣ; 2. Оддӣ: рефлексивӣ; идоравӣ; таъминотӣ;

Мундариҷаи комбинатсияҳои мураккаби тактикиро низоми алоҳидаи амалиёти тафтишӣ ташкил медиҳанд. Комбинатсияҳои оддии тактикӣ дар чаҳорчӯбаи танҳо аз амали тафтишӣ сурат мегирад. Комбинатсияи тактикии якхела аз амалиёти тафтишии якхела иборат мебошанд. Комбинатсияи тактикии гуногун аз амалиёти гуногуни тафтишӣ, ҳамчунин аз амалҳои тафтишӣ, амалҳои дигар ва чорабиниҳои гуногун иборат мебошад.

Рефлексивӣ - идораи рефлексивии шахсе, ки ба тафтишот муқобилият нишон медиҳад, ки комбинатҳои ҳам идоравӣ ва ҳам санҷиши рафти дурусти тафтишотро таъмин менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Белкин Р.С. Криминалистика: проблемы сегодняшнего дня. Злободневные вопросы российской криминалистики. М.: НОРМА (Изд. группа НОРМА – ИНФРА-М), 2001. 240 с.
2. Алексаньян К.А. Применение систем тактических приемов при производстве допроса подозреваемого: автореф. дис. канд. юрид. Наук / К.А.Алексаньянс Краснодар, 2005. 22 с.
3. Драпкин Л.Я., Карагодин В.Н. Криминалистика: учебник. М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2007. 672 с.
4. Комаров И.М. Проблемы теории и практики тактических операций в досудебном производстве: дис. … д-ра юрид. Наук / И.М.Комаров. - Барнаул, 2003. С. 202–203.
5. Центров Е.Е. Сущность и соотношение основных тактических понятий // Криминалистика: учебник для магистратуры; под общ. ред. И.В. Александрова \ Е.Е.Центров. - М.: Юрайт, 2014. С. 182–186.
6. Комиссаров В.И. Криминалистическая тактика: история, современное состояние и перспективы развития / В.И.Комиссаров. - М.: Юрлитинформ, 2009. 192 с.
7. Малютин М.П. Тактические приемы, их допустимость и использование для достижения тактических целей допроса: дис. канд. юрид. Наук / М.П.Малютин. - Краснодар, 2001. 194 с.
8. Соловьев А.К. Криминалистический анализ показаний в тактической операции // Актуальные направления развития криминалистической методики и тактики расследования / А.К.Соловьев. - М., 1978. С. 65–68.


## МАҲФУМ, АҲАМИЯТ ВА ТАСНИФОТИ КОМБИНАТСИЯИ КРИМИНАЛИСТӢ


Дар мақола мафҳум ва намудҳои омезиши тактикӣ ва криминалистӣ ҳамчун абзори оперативӣ-тактикӣ ва криминалистӣ, ки дар мурофиаи судӣ истифода мешаванд, баррасӣ карда мешавад. Муаллиф моҳияти маҷмуи василаҳои тактикӣ ва криминалистиро кушода, дар асоси он омезиши тактикӣ ва криминалистӣ ва амалиёти тактикӣ ва криминалистиро фарқ мекунад. Гурӯҳбандии омезиши тактикӣ-криминалистӣ ба муайян кардани имкониятҳои воситаҳои оперативӣ-тактикӣ-криминалистӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ равона карда шудааст. Дар айни замон, илми криминалистӣ равишҳои мухталифро дар мавриди консептуалӣ кардани воситаҳои мураккаби оперативӣ ва тактикии экспертизаи судӣ-тиббӣ нишон медиҳад. Дар шакли олии онҳо, ин равишҳо дар хоҳиши фарқ кардани омезиши тактикӣ-криминалистӣ ва амалиёти тактикӣ-криминалистӣ аз ҷиҳати сифат зоҳир мешаванд, инчунин танҳо як асбоби мураккаби тактикӣ-криминалистиро муайян мекунанд, ки онро ҳамчун омезиш муайян мекунанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** воситаи тактикӣ- криминалистӣ; амалиёти тактикӣ- криминалистӣ ҳамчун воситаи тактикӣ- криминалистӣ; комбинатсияи тактикӣ- криминалистӣ; амалиёти тактикӣ- криминалистӣ; иқтидори тактикӣ- криминалистӣ;


## ОПРЕДЕЛЕНИЕ, ЗНАЧЕНИЕ И КЛАССИФИКАЦИЯ ПРЕСТУПНОЙ КОМБИНАЦИИ


В статье рассмотрены понятие и виды тактико-криминалистической комбинации как оперативно-тактико-криминалистического инструментария, применяемого в досудебном производстве. Автор раскрывает сущность комплекса тактико-криминалистических средств, на основе чего выделяет тактико-криминалистическую комбинацию и тактико-криминалистическую операцию. Классификация тактико-криминалистической комбинации направлена на выявление возможностей оперативно-тактико-криминалистических средств в уголовном судопроизводстве. В настоящее время криминалистика демонстрирует различные подходы к концептуализации комплексных оперативно-тактических средств судебно-медицинской экспертизы. В своей высшей форме эти подходы проявляются в стремлении провести различие между тактико-криминалистической комбинацией и тактико-криминалистической операцией с точки зрения их качества, а также выявить только одно сложное тактико-криминалистическое средство, определяя его как комбинацию.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** тактико-криминалистический инструмент; тактико-криминалистические операции как тактико-криминалистический инструмент; тактико-криминалистическая комбинация; тактические и криминалистические операции; тактико-криминалистические возможности;


## DEFINITION, SIGNIFICANCE AND CLASSIFICATION CRIMINAL COMBINATION


The article dwells on the concept and types of the tactical-forensic combination as operational tactical-forensic tools used in pre-trial proceedings. The author reveals the essence of complex tactical-forensic means, on which basis he distinguishes tactical-forensic combination and tactical-forensic operation. The classification of tactical-forensic combination is aimed at identifying the capacity of the operational tactical-forensic means in criminal proceedings. Nowadays criminalistics shows different approaches to the conceptualization of operational comprehensive tacticalforensic means. In their highest form, these approaches are manifested in the effort to distinguish between the tactical-forensic combination and the tactical-forensic operation in terms of their quality, and to recognize only one complex tactical-forensic means, defining it as a combination or an operation.



**KEYWORDS:** tactical-forensic means, operational tactical-forensic means; tactical-forensic combination; tactical-forensic operation; tactical-forensic capacity.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Яҳёев Абдуҳафиз Юнусович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **926322227.**

**Сведение об авторе:** ***Яхёев Абдухафиз Юнусович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **926322227.**

**Information about the author:** ***Yahyoev Abduhafiz Yunusovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **926322227.**

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗАРАР ҲАМЧУН АСОСИ УҲДАДОРИҲОИ ДЕЛИКТӢ

***Акбарзода А.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Асоси умумӣ ва ҳатмии ба миён омадани ҳама гуна уҳдадорӣ аз расонидани зарар, факти расонидани зарар ба молу мулки шаҳрванд ё шахси ҳуқуқӣ ё ба манфиатҳои ғайримолумулкии шаҳрванд мебошад. Пайдо шудани зарарро асоси уҳдадорӣ барои расонидани он низ меноманд. Дар айни замон он нишон медиҳад, ки худи уҳдадорӣ дар сурати мавҷуд будани шартҳои муайяне, ки таркиби ҳуқуқвайронкунии гражданиро ташкил медиҳанд, татбиқ карда мешавад. Зарар оқибатҳои номатлубест, ки дар соҳаи молумулкӣ ё ғайримолумулкии ҷабрдида ба вуҷуд меоянд. Зарар метавонад дар гум кардан, нобуд кардан ё осеб дидани молу мулк, аз даст додани фоида, даромад, вайрон кардан (маҳдудкунӣ)-и ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, паст кардани неъматҳои ғайримоддӣ, аз ҷумла дар натиҷаи азоби маънавӣ ё ҷисмонӣ ифода карда шавад.

Дар матни Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар вақт истилоҳи «зарар»-ро дидан мумкин аст, дар ҳоле ки қонунгузор онро таърифи ҳуқуқӣ надода, танҳо бо истилоҳҳои «зарар» ва «зиён» муайян мекунад. Зарар мафҳуми асосии уҳдадории деликтӣ мебошад, зеро аз як тараф, он шарти асосии пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии деликтӣ бошад, аз тарафи дигар, ин муносибатҳои ҳуқуқиро аз дигар муносибатҳои ҳуқуқии граждании, ки ҳадафи онҳо барқарор намудани доираи молу мулки ҷабрдида мебошад, ҷудо мекунад. Дар бораи таърифи ин мафҳум дар байни муҳаққиқон андешаҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Масалан, баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки зарар маҷмӯи оқибатҳои манфӣ (зарарнок)-и ҳуқуқвайронкунӣ мебошад.

К.Б. Ярошенко дар зери мафҳуми зарар оқибатҳои вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шаҳрвандонро муайян мекунад. Ба гуфтаи В.В. Витрянский зарар оқибатҳои манфии молумулкии шахсе мебошад, ки ҳуқуқаш поймол карда мешавад. Дар фарҳанги тафсирии В. Дал зарар мафҳуми натиҷаи ҳар гуна осеб, зиён, талафоти моддию маънавӣ, ҳар гуна поймолкунии ҳуқуқи шахс ё молу мулк, ҳуқуқӣ ва ғайриқонунӣ маънидод карда мешавад. Аммо дар натиҷаи ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ ҳанӯз ҳам оқибатҳои муайяни манфӣ ба вуҷуд омада метавонанд ва ҳуқуқи гражданӣ танҳо ба зиён манфиатдор аст, ки дар натиҷа уҳдадориҳои деликтӣ ва ҷуброни он ба миён меоянд. Бар хилофи гуфтаҳои боло нуқтаи дуюми нуқтаи назар ҷудо карда мешавад, ки мувофиқи он зарар маҳдуд кардани неъматҳои молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ мебошад. В. Белов пешниҳод мекунад, ки зарар «ҳама гуна таҳқир кардани ҳуқуқи субъективӣ (хусусӣ)-и молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ, инчунин ҳар гуна манфиати ғайримолумулкии шахси муайян» мебошад. М.М. Агарков зарарро «ҳар гуна паст кардани ин ё он манфиати шахсӣ ё молумулкӣ» маънидод кардааст.

Чунин таърифи мафҳуми зарарро Е.А. Суханов, В. Тархов ва дигар муҳаққиқон ҷонибдорӣ менамоянд. Ю.К. Толстой пешниҳод мекунад, ки зарарро вайрон кардан ё поймол кардани ҳуқуқи молумулкӣ ё неъмати ғайримоддӣ хисоб карда, баъдан муайян мекунад, ки зарар метавонад дар нобудшавӣ ё осеб дидани молу мулк, аз даст додани фоида, паст ё маҳрум шудани қобилияти меҳнатии ҷабрдида ифода ёбад; фавти саробон, додани

ҷазои ҷисмонӣ ё маънавӣ ва ғайра. Ба ақидаи ӯ, зарар на ҳама вақт талаф ё кам шудани он чизеро ифода мекунад, балки он метавонад дар нагирифтани он чизе, ки дар натиҷаи истифода, татбиқ пайдо шуда метавонист, низ ифода ёбад. Ҳолати нороҳатии шахс дар натиҷаи ранҷҳои ҷисмонӣ ё маънавӣ низ зараре мебошад, ки бояд ҷуброн карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи мавқеи то андозае номувофиқ, вай бо вуҷуди ин ба хулосае меояд, ки зарар маҳз дар кам кардани манфиати шахс ифода ёфтааст. Мавқеи В.Т. Смирнова ва А. Собчак, ки аввал зарарро ҳамчун оқибатҳои муайяни номатлуб, ки ҳангоми поймол шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои молумулкӣ ё ғайримолумулкии ба ҷабрдида тааллуқдошта ба вуҷуд меоянд, муайян менамоянд, вале баъдан тавзеҳ медиҳанд, ки барои ба вуҷуд омадани уҳдадории ҷуброни зарар, охирин бояд мазмуни иқтисодӣ дошта бошад, яъне бояд маҳз дар таҳқир намудани доираи молу мулки шахси зарардида ифода карда шавад. Зарар метавонад ба молу мулк (зарари молумулкӣ) ё шахс расонида шавад. Ҳангоми расонидани зарар ба шахс, аз ҷумла неъматҳои ғайримоддӣ, ба монанди ҳаёт ва саломатӣ, зарари молумулкӣ бояд дар шакли хароҷот барои барқарор кардани саломатӣ ва молу мулки ҷабрдида, ки дар натиҷаи талафоти саломатӣ кам карда шудааст, ҷуброн карда шавад. Вазъият дигар аст, ки агар зарари маънавие, ки аз азобу уқубати маънавӣ ва чисмонӣ расонидааст, ки муодили моддие надорад, ҷуброн карда шавад. Ҷубронпулӣ метавонад танҳо барои ҷуброни ранҷу азоб, ба вуҷуд овардани ҳисси адолати барқароршуда кӯмак кунад. Зарар ҳамчун оқибатҳои номатлуб, манфии хусусияти молумулкӣ ё ғайримолумулкие фаҳмида мешавад, ки ба ҷабрдида дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқ ё манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии ӯ расонида мешавад. Зарар метавонад ба шахс ё молу мулки шаҳрванд, инчунин ба молу мулки шахси ҳуқуқӣ расонида шавад. Набудани зарар маънои онро дорад, ки ҳеҷ чиз барои ҷуброн вуҷуд надорад ва мувофиқан уҳдадории ҷуброн кардан вуҷуд надорад. Дар уҳдадориҳои деликтӣ зарар на танҳо шарт, балки чораи уҳдадорӣ низ мебошад, зеро чун қоида, на дараҷаи гуноҳи зараррасон, балки маблағи зарар мебошад, ки андозаи уҳдадориро муайян мекунад ва барои ҷуброни пурраaш имкон медиҳад. Зарар ба моддӣ ва маънавӣ тақсим мешавад. Зарари молумулкӣ оқибатҳои манфиест, ки дар кам шудани молу мулки ҷабрдида дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқ ё манфиати ба ҷабрдида тааллуқдошта ифода меёбад. Зарари молумулкӣ метавонад ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба вуқуъ ояд. Зарар, нобудшавии молу мулк боиси зарари молумулкӣ мегардад. Аммо вайрон кардани ҳуқуқ ё манфиатҳои шахсии ғайримолумулкӣ, чи тавре ки дар боло зикр гардид, боиси зарари молумулкӣ низ мегардад. Зарар аз рӯи уҳдадориҳои деликтӣ, инчунин умуман зиён дар ҳуқуқи гражданӣ ба ду намуд ҷудо мешавад: зарари воқеӣ ва фоидаи аз даст рафта. Мутобиқи банди 2 моддаи 15 Кодекси граждании ҶТ ба фоидаи аздастрафта даромади гумшуда дохил мешавад, ки ин шахс дар шароити муътадили муомилоти гражданӣ, агар ҳуқуқаш вайрон намешуд, мегирифт. Дар уҳдадориҳои деликтӣ, ин метавонад даромаде бошад, ки дар натиҷаи осеб ё нобуд шудан аз даст дода шудааст; дар сурати фавти шаҳрванд шахсони дар таъминоти ӯ аз музди кор ё дигар даромади ҷабрдида, ки дар давоми ҳаёти вай гирифтаанд ё ба гирифтани он ҳуқуқ доштанд, маҳрум мешаванд.

Дар зери мафҳуми зарар, ҳуқуқи гражданӣ ҳама гуна камшавии неъматҳои шахсӣ ва молумулкиро дар назар дошта мешавад. Аз ин рӯ, зарари моддӣ ва маънавӣ фарқ карда мешавад. Зарари маънавӣ азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё руҳии шахс мебошад, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи шахсии ғайримоддӣ, паст задани неъматҳои дигари ғайримоддӣ, ба монанди шаъну шараф, эътибори шахсӣ ва корӣ, дахлнопазирии шахсият, ҳаёту саломатӣ, номусу номи нек ва ғайраҳо ба шахс расонида мешавад. Шаъну шараф ва эътибори корӣ аз зумраи чунин неъматҳо мебошанд, ки бегонашаванда ва муқаддасанд.

Ба ақидаи Н.С.Малеин, моҳияти иҷтимоии зарар «дар маҷмуи оқибатҳои манфии ҳуқуқвайронкунӣ, ки вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ, номуташаккилии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дар айни замон беэътиноӣ кардан, несту нобуд кардани ҳар гуна неъмат, ҳуқуқвайронкунӣ, вайрон кардани ҳуқуқ ва тартиботи ҷамъиятӣ мебошад, ифода меёбад. Дар ҳама ҳолатҳо сухан дар бораи оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи поймол кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои молумулкию шахсии ғайримулмулкии ҷабрдида ба амал меояд, ки объекти танзими ҳуқуқи гражданӣ мебошад, маънои расонидани зарарро дорад.

Аз сабаби он ки мувофиқи банди 1 моддаи 1079-и Кодекси граждании ҶТ ба зарари ба молу мулк ё шахс расонидашуда аҳамияти ҳуқуқӣ дорад, дар ҳуқуқи шаҳрвандӣ ду намуди зарарро ҷудо кардан маъмул аст: молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ. Ҳар кадоми онҳо метавонанд бо дарназардошти гуногунии талафоти эҳтимолие, ки аз иштирокчиёни гуногуни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ба миён меоянд, дар шаклҳои гуногун ифода карда шаванд. Ҳамин тариқ, зарари молумулкӣ ҳама гуна талафот дар соҳаи молу мулки ҷабрдида мебошад. Моддияти чунин талафот дар ҳама ҳолатҳо имкон медиҳад, ки онҳо аз рӯи миқдор ҳисоб карда шаванд ва аз ин рӯ, ба онҳо арзиши пулии баробар ба андозаи ин талафот дода шавад. Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки ҳарчанд ҳар як субъекти ҳуқуқи гражданӣ метавонад дар нақши ҷабрдида бошад, хусусияти зарари молумулкии субъектҳои намудҳои гуногун метавонад гуногун бошад. Инчунин, он вобаста ба он, ки ҳуқуқи онҳо поймол карда шудааст, фарқ мекунад. Аз ҷумла, ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи моликият (барои ҳама гуна субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ) ва ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ (ҳама гуна ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ – барои шаҳрвандон ва аксаран барои шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба эътибори корӣ) зарари молумулкӣ метавонад рух диҳад). Илова бар ин, дар ҳама гуна шакл зарари молумулкӣ ба шаҳрвандон ва танҳо дар баъзе шаклҳо – ба шахсони ҳуқуқӣ имконпазир аст. Дар байни чунин шаклҳои асосии зарари молумулкӣ дар муносибатҳои деликтӣ инҳо ба назар гирифта мешаванд, аз ҷумла, вобаста ба кадом ҳуқуқи субъективии ҷабрдида ва чӣ тавр дар натиҷаи зарар вайрон карда шудани онҳо фарқ мекунанд:

1) нобуд ё вайрон кардани молу мулк;

2) зарари вобаста ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои номатлуби зарар (хароҷоти ҳуқуқӣ, хароҷот барои барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншуда ва ғайра);

3) зараре, ки дар натиҷаи гум кардан ё паст задани шаъну шараф ва эътибори корӣ расонида шудааст;

4) аз даст додани музд ё даромади дигар вобаста ба гум кардан ё кам шудани қобилияти меҳнатӣ бинобар расонидани зарар ба саломатӣ;

5) аз сабаби фавти саробон аз даст додани воситаҳои рузгор;

6) хароҷоти иловагие, ки барои таъмини пурраи ҳаёт ҳангоми расонидани зарар ба саломатӣ (барои доруворӣ, хизматрасонии тиббӣ, табобати санаториявӣ, нигоҳубини берунӣ ва гайра) нигаронида шудааст.

Дар навбати худ, бар хилофи зарари молумулкӣ, зарари ғайримолумулкӣ паст кардани ҳама гуна манфиатҳои ғайримоддии ба ҷабрдида тааллуқдошта мебошад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз он, ки зарар шарти асосии уҳдадории деликтӣ мебошад, таърифи ин мафҳум имрӯз ҳам дар адабиёти ҳуқуқӣ ва ҳам дар ҳуқуқи гражданӣ ҳал нашудааст. Ин дар татбиқи қонунгузорӣ душвориҳои зиёде ба вуҷуд меорад: ба зарар вобаста ба иҷрои он чун чораи ҷавобгарӣ, пешакӣ муайян намудани ҳаҷм ва андозаи товони зарари расонидашуда чунин эътибори калон дода мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.01.2022).
2. Агарков, М.М. Избранные труды по гражданскому праву. В 2-х томах. Т. 1 / Агарков М.М. - Москва: АО «Центр ЮрИнфоР», 2002. – 452 с.
3. Белов В.А. Гражданское право: Общая часть: учеб / В.А,Белов. – М., 2002. – 960 с.
4. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Кн. 1: Общие положения / М.М.Брагинский. – М., 2005. – 850 с.
5. Гражданское право. Учебник / Под ред. Камышанского В.П., Коршунова Н.М., Иванова В.И. - М.: Юристъ, 2007. – 567 с.
6. Гражданское право: в 4 т. Т.1: Общая часть: учеб. / отв. ред. Е.А. Суханов. – М., 2004. – 669 с.
7. Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т. 3 / под ред. А.П. Сергеев, Ю.К. Толстой. – М., 2003. – 765 с.
8. Гутников, О.В. Деликтная ответственность за нарушение относительных прав: перспективы развития в российском праве / О.В. Гутников // Закон. - 2017. - № 1. – С. 22-37.
9. Донцов С.Е., Глянцев В.В. Возмещение вреда по советскому законодательству / С.Е.Донцов. – М., 1990. – 272 с.
10. Параскевова С.А. Неправомерные действия в гражданском праве: учеб. Пособие / С.А.Параскевова. – Пятигорск, 2006. – 110 с.

11. Малеин Н. С. Правонарушение: понятие, причины, ответственность / Н.С.Малеин. – М., 1985. – 192 с.
12. Молчанов А.А. Гражданское право: курс лекций / А.А.Молчанов. – М.: Эксмо, 2008. – 437 с.

**МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ЗАРАР ҲАМЧУН АСОСИ УҲДАДОРИҲОИ ДЕЛИКТӢ**

Дар ҳуқуқи гражданӣ уҳдадориҳое, ки вобаста ба расонидани зарар ба миён меоянд, уҳдадориҳои деликтӣ номида мешавад. Дар уҳдадориҳои деликтӣ факти расонидани зарар яке аз асосҳои муҳимми пайдоиши уҳдадорӣ мебошад. Дар мақола мафҳум, хусусият ва намудҳои зарар дар асоси қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиёти илмӣ таҳлил карда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** уҳдадорӣ, деликт, уҳдадории деликтӣ, зарар, зарари моддӣ, зарари маънавӣ, ҷуброни зарар, ҳуқуқҳои молумулкӣ, неъматҳои ғайримоддӣ.

**ОПРЕДЕЛЕНИЕ И ХАРАКТЕРИСТИКА УЩЕРБА КАК ОСНОВАНИЕ ДЕЛИКАТНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ**

В гражданском праве обязательства, возникающие в связи с причинением вреда, называются деликтными обязательствами. В деликтных обязательствах факт причинения вреда является одним из важных оснований возникновения обязательства. В статье анализируются понятие, характер и виды вреда в соответствии с гражданским законодательством Республики Таджикистан и научной литературой.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обязательство, деликт, деликтное обязательство, вред, материальный вред, моральный вред, возмещение вреда, имущественные права, нематериальные блага.

**DEFINITION AND CHARACTERISTICS OF DAMAGES AS THE BASIS OF DELICATE LIABILITY**

In civil law, the obligations arising in connection with the infliction of harm are called tort obligations. In tort obligations, the fact of causing damage is one of the important grounds for the emergence of an obligation. The article analyzes the concept, nature and types of damage in accordance with the civil legislation of the Republic of Tajikistan and the scientific literature.

**KEYWORDS:** obligation, tort, tort obligation, damage, material damage, moral damage, compensation for damage, property rights, intangible benefits.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Акбарзода Асрор Акбар*** – ДМТ, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторе**: ***Акбарзода Асрор Акбар*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Akbarzoda Asror Akbar*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ПРАВО СОБСТВЕННОСТИ ГРАЖДАН НА ЗЕМЕЛЬНЫЕ УЧАСТКИ

***Нематов Ф. О.***
**Российско-Таджикский (Славянский) университет**

Права и обязанности собственников во всех сферах деятельности определяются формами собственности на землю, хотя содержание права собственности во всех случаях составляют правомочия владения, пользования и распоряжения земельными участками в соответствии с гражданским законодательством РТ. В РТ признаются и защищаются частная и публичная (государственная) формы собственности, установленного в статье 236 ГК РТ. Норма гражданского законодательства регулирует следующие формы собственности:

1. Право государственной собственности, которое установлено в статье 238 ГК РТ регулирующего республиканской и коммунальной собственности предусмотренной части первой этой статьи рассматривает следующие 2 и 3 части определения, т. е:

- Республиканская собственность состоит из республиканской казны и имущества, закрепленного за государственными республиканскими юридическими лицами в соответствии с законодательными актами. Средства республиканского бюджета, золотовалютный запас и алмазный фонд, объекты исключительной государственной собственности и иное

государственное имущество, не закрепленное за государственными юридическими лицами, составляют государственную казну РТ.

- Коммунальная собственность состоит из местной казны и имущества, закрепленного за коммунальными юридическими лицами в соответствии с законодательными актами. Средства местного бюджета и иное коммунальное имущество, не закрепленное за государственными юридическими лицами, составляют местную казну.

2. Понятие и виды частной собственности ч. 2 ст. 237 ГК РТ.

В частной собственности может находиться любое имущество, за исключением отдельных видов имущества, которые в соответствии с законодательными актами не могут принадлежать гражданам или юридическим лицам. Количества и стоимость имущества, находящегося в частной собственности, не ограничивается.

На основе указанных форм собственности статья 13 Конституции РТ закрепляет исключительную государственную собственность. К ней относятся земля, ее недра, вода, воздушное пространство, растительный и животный мир, другие природные ресурсы. Объекты исключительной государственной собственности, которое установлено в статьи 239 ГК РТ и в статьи 2 ЗК РТ, регламентируется в особом направлении деятельности правового режима. Режим имущества, составляющего исключительную государственную собственность, связан с монополией государства на это имущество, ограничением его оборото-способности и наложением законодательных запретов на обращение его в частную собственность.

Следующая регламентация собственности предусматривается в статье 32 Конституции РТ, которая выражает: «Каждый имеет право на собственность и право наследования.

Никто не вправе лишать и ограничивать право лица на собственность. Изъятие личного имущества для общественных нужд государством допускается только на основании закона и с согласия собственника при полном возмещении его стоимости».

Раскрывая содержание права собственности, Конституция РТ закрепила такие принципы, как принцип беспрепятственного владения, пользования и распоряжения своим имуществом, регулирует условия лишения собственности и содержится признание права государства осуществлять контроль на использование собственности в соответствии с общими интересами. Общие положения о праве собственности на землю закреплены в гл. 11 ГК РТ. Однако регулирование вопросов собственности на землю не дает возможности исключительной привилегией гражданского права. Специфика правового регулирования отношений собственности на землю отражается в земельном, горном, водном, лесном законодательствах. Правовые способы и инструменты земельного законодательства дает возможности их подразделении земель на категории, установление ограничений прав на земельные участки, градостроительные зонирование и особенности содержания права частной собственности на землю. Право собственности — это субъективное право, которого непосредственно вытекает из закона. Закрепляет за его обладателем экономическую власть над принадлежащим ему имуществом, то есть земельным участком. Право собственности на земельный участок является имущественным правом, предусмотренным гражданским и земельным законодательством. Это вещное право, в основе которого лежит дозволение совершать любые действия, разрешенные законом, учитывая преимущественно публичный характер регулирования отношений собственности на землю. Право собственности предполагает возможность собственника по своему усмотрению использовать принадлежащую ему землю, однако закон определяет пределы такого усмотрения, закрепляя принцип целевого характера использования земель. И за этого вытекает исключение абсолютного характера собственности на землю. Объектом право собственности граждан на земельные участки является непосредственно сама поверхность земли, ее почвенный покров, водные объекты, находящиеся на участке, и растущие на нем растения. Земельный участок — это часть поверхности земли, имеющая фиксированную границу, площадь, местоположение и другие характеристики, отражаемые в государственном земельном кадастре и документах государственной регистрации прав собственника на землю. Право собственности на землю осуществляется путем государственной регистрации, установленного в ст. 2(1) Закон РТ «О государственных регистрах». На своем участке собственник вправе строить здания, строения необходимые ему сооружения, выращивать деревья и др. Территория, которая находится в

собственности лица, также может использоваться как средство производства. Деятельность собственника на своем земельном участке осуществляется в воздушном или подземном пространстве. Для того чтобы построить дом, нужно подвести фундамент в подземное пространство, и занять часть воздушного пространства над земельным участком в результате постройки здания, сооружения. Земельные участки, которые не подлежат приватизации, является земли, изъятые из гражданского оборота, и земли, ограниченные в обороте. Земельные участки, отнесенные к землям, изъятым из оборота, не могут предоставляться в частную собственность, а также быть объектом сделок, предусмотренных гражданским законодательством. Земельные участки, отнесенные к землям, ограниченным в обороте, также не предоставляются в частной собственности. Все остальные участки, не включенные в этот перечень, могут быть объектами права частной собственности.

Нужно отметить, что в законе РТ «О приватизации государственной собственности» ст. 9 указан несколько иной перечень объектов, которые не подлежат приватизацию. То есть объекты, которые установлены в ст. 13 Конституции РТ исключительная собственность государства, а также объекты исторического наследия и национального достояния, здания и сооружения органов государственной власти и управления и органов местной власти, системы водоснабжения питьевой водой, оборонные предприятия, предприятия по захоронению радиоактивных отходов, а также имущество гидроэлектростанции «Нурек», гидроэлектростанции «Рогун» и Государственного унитарного предприятия «Таджикская Алюминиевая Компания».

Приватизация объектов, обеспечивающих жизнедеятельность экономики городов и районов объекты топливно-энергетического комплекса, водохозяйственные сооружения, (за исключением системы водоснабжения питьевой водой) железнодорожные пути и автодорожные коммуникации, сети связи; объекты здравоохранения и образования осуществляются по решению Правительства РТ.

Перечень объектов, которые в соответствии с настоящим законом не подлежат приватизации, утверждается Правительством РТ и объекты, предусмотренные законом РТ «О приватизации государственной собственности» ст. 8 ч. 2, переданные в соответствии с Законом РТ «О государственно-частном партнерстве».

Все остальные земельные участки, которые не включены в указанные перечни, могут находиться в частной собственности граждан и юридических лиц.

В случае совершения сделок земельного участка как объекта гражданского правоотношения установленного в ч. 1 ст. 2(2) ЗК РТ, объектом право пользования земельным участком предметом купли-продажи может переходить к другому лицу в порядке универсального правопреемства, установленного земельным и гражданским законодательством РТ. Продавец при заключении договора купли-продажи обязан предоставить покупателю имеющегося у него информации о затруднениях земельного участка и ограничениях его использования только в соответствии с их целевым назначением. Признаются недействительными условия договора купли-продажи земельного участка, которые устанавливают право продавца выкупить земельный участок обратно по собственному желанию. Так – как препятствует дальнейшему распоряжению земельным участком, в том числе ограничивает ипотеку и передачу земельного участка в аренду и т. д. Уравнивает ответственность продавца в случае предъявления прав на земельные участки третьими лицами. Эти требования применяются также к договору мены в случае предоставления продавцом заведомо ложной информации о трудностях земельного участка и ограничениях его использования:

- О разрешении на застройку данного земельного участка;
- Об использовании соседних земельных участков, оказывающем существенное воздействие на эксплуатацию и стоимость продаваемого земельного участка;
- О качественных свойствах земли, которые могут влиять на планируемое покупателем использование и стоимость земельного участка.

Иные информации, которая может оказать влияние на решение о покупке данного недвижимого земельного участка и требования, которое устанавливает закон, покупатель вправе

требовать уменьшения покупной цены или расторжения договора купли-продажи земельного участка и возмещения причиненного ему ущерба.

Юридические факты, осуществление гражданских прав, являются основаниями приобретения права частной собственности на земельный участок. На основе анализа норм гражданского и земельного законодательства выделяется следующие основания приобретения права собственности на земельный участок. Права собственности на здание, строение, сооружение, находящиеся на этом участке, приобретения права собственности на земельный участок, входящие в состав государственной собственности, подлежат приватизацию право пользования земельными участками. Нуждающиеся либо заинтересованные лица могут обращаться в исполнительный орган государственной власти или орган местного самоуправления с заявлением о приобретении прав на земельный участок с приложением его кадастрового паспорта.

Таким образом, граждане могут осуществлять по своему усмотрению гражданские права и обязанности, в том числе распоряжаться ими.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года путем всенародного голосования. Таким же путем в нее были внесены изменения и дополнения 26.09.1999, 22.06.2003 и 22.05.2016 гг. – www.mmk.tj.
2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., №6, ст., 153; ст. 154; 2001 г., №7, ст. 508; 2002 г., №4, ч.1, ст. 170; 2005 г., №3, ст. 125; 2006 г., №4, ст. 193; 2007 г., №5, ст. 356; 2010 г., №3, ст. 156; №12, ч. 1, ст. 802; 2012 г., №7, ст. 700; №12, ч. 1, ст. 1021; 2013 г., №7, ст. 504; 2015 г., №3, ст. 200; Законы РТ от 23.07. 2016 г., №1334; от 02.01.2019 г., №1557.
3. Земельный кодекс РТ // Ахбори Маджлиси Оли РТ, 1996 г., № 23, ст. 351; 1997 г., №23-24, ст. 333, раздел 4; 1999 г., № 5, ст. 59; 2001 г., № 4, ст. 176; 2004 г., № 2, ст. 55 № 3, ст. 190; 2006 г., № 7, ст. 347; 2008 г., № 1, ч. 2, ст. 22, № 6, ст. 463; 2011 г., № 3, ст. 171; 2012 г., № 4, ст. 269, № 8, ст. 828; 2016 г., № 11, ст. 879.
4. Закон РТ «О государственных регистрах» Ведомости Верховного совета РТ 1992 год, № 9, ст. 126; //Ахбори Маджлии Оли РТ 1996 год, № 23, ст. 356; 2002 год, № 4, ч-1, ст. 221; 2008 год, №12, часть 2, ст.993
5. Закон РТ «О приватизации государственной собственности» // Ахбори Маджлиси Оли РТ 1997 г., № 10, ст. 160; 2002 г., № 4, ч. 1, ст. 167; 2003 г., № 12, ст. 699; 2009 г., № 3, ст. 90; Закон РТ от 23.07.2016 г., № 1352.
6. Земельное право: /Учебник для бакалавров 5-е издание, переработанное и дополненное. Под редакцией С. А. Боголюбов. М. «Юрайт» 2014 г. – 377 с.
7. Гражданское право: В 4 т. Том 2 // Вещное право. Наследственное право. Исключительные права. Личные неимущественные права. / Учебник. 3-е издание, переработанное и дополненное. Под редакцией Е.А. Суханова. М. Волтерс Клувер, 2008 г. – 239 с.


## ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ШАҲРВАНДОН БА ҚИТЪАҲОИ ЗАМИН


Дар мақола масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии объекти ягонаи комплекси амволи ғайриманқул баррасӣ шудааст. Ҳоло ҳам дар муқаррароти марбут ба амволи ғайриманқул, хусусиятҳои он, муайян кардани меъёрҳо, ба як объекти ягонаи комплекси амволи ғайриманқул вобаста кардани объектҳои алоҳида ва ҳам дар танзими ҳуқуқии муомилот бо объекти амволи ғайриманқул ва ҳам комплекси амвол, аз ҷумла ҳангоми бастани шартномаи хариду фуруш, иҷораи объект, гарави он камбудиҳо мавҷуданд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: Хариду фурӯш, иҷора, гарав, маҷмааи ягонаи амволи ғайриманқул.


## ПРАВО СОБСТВЕННОСТИ ГРАЖДАН НА ЗЕМЕЛЬНЫЕ УЧАСТКИ


В статье рассматривается актуальные проблемы нормативно-правового регулирования единого объекта недвижимого комплекса. В настоящее время наблюдаются пробелы как в положениях, касающихся недвижимости, ее специфики, определения критериев, отнесения отдельных объектов к единому объекту недвижимого комплекса, так и в правовом регулировании сделок с объектом недвижимого комплекса, в частности при заключении договора купли-продажи, аренды объекта, его залоге.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Купля-продажа, аренда, залог, единый недвижимый комплекс.


## OWNERSHIP RIGHT OF CITIZENS TO LAND PLOTS


The article discusses the current problems of legal regulation of a single object of the immovable complex. Currently, there are gaps both in the provisions regarding real estate, its specifics, definition of criteria, referring individual objects to a single object of an immovable complex, and in the legal regulation of transactions with an object of an immovable complex, in particular when concluding a sale and purchase agreement, lease of an object, his pledge.



**KEYWORDS**: purchase and sale, rent, mortgage, single real estate complex.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Нематов Фирдавс Олимҷонович*** – магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. Телефон:**+992929472882.**

**Сведение об авторе**: ***Нематов Фирдавс Олимчонович*** – магистр второго курса юридического факультета Российско-Таджикский (Славянский) университет Телефон**:+992929472882.**

**Information about the author*: Nematov Firdavs Olimjonovich*** – second-year master`s student of Faculty of Law, Russian -Tajik Slavonic University. Phone: **+992929472882.**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ САРКАШӢ КАРДАН АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗ

***Сафарзода А.И., Амонова Г. Э.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тамоми давлатҳои дунё барои шаҳрвандон ва субъектҳои соҳибкорӣ ухдадориҳои андоз муқаррар карда шудаанд. Дар замони муосир пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ҳамчун нишонаи бофарҳангии ҷомеа баҳо дода мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадории пардохти андозҳо ба буҷет бевосита дар моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд андоз ва пардохтҳоро, ки қонун муайян кардааст, ба буҷет пардохт намоянд. Дар навбати худ, давлат ба воситаи ҷамъоварии андоз ва пардохтҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияту бехатарии ҷомеа, давлат ва дигар вазифаҳои муҳимми худро дар назди шаҳрвандон амалӣ менамояд. «Надонистани қонун шахсро аз ҷавобгарӣ озод намекунад». Ин ифодаи маъмулест, ки ҳама онро хуб медонанд. Бояд қайд намуд, ки дар баробари дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ андозсупорандагон низ барои содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Барои пешгирӣ намудани қонунвайронкуниҳои соҳаи андоз мақомоти андоз дар баробари беҳтар намудани маъмурикунонии андозҳо ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, барои назорати риояи қонунгузории андоз ҷиҳати дуруст ҳисоб ва сари вақт ба буҷет ворид намудани андозҳо пайваста чораҷӯӣ менамоянд. Кумитаи андоз бо ин мақсад ва барои боз ҳам ривоҷ додани фаъолияти мақомоти андоз ва пешгирӣ аз қонунвайронкунии андоз дар ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудааст. Тавре ки натиҷаи корҳои назоратии мақомоти андоз гувоҳӣ медиҳад, бо мақсади саркашӣ аз пардохти андозҳо ва ғайриқонунӣ ба даст овардани фоида як гурӯҳи шаҳрвандон бо роҳи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ роҳҳо ва усулҳои навро ҷустуҷӯ менамоянд. Бо ташаббуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва дар асоси талаботи қонун ба роҳ мондани фаъолияти онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14-уми ноябри соли 2016 №1359 қабул гардид, ки меъёри эзоҳи моддаҳои 292-293 кодекси мазкур барои пешгирии қонунвайронкунии андозсупорандагон пешбинӣ шудааст. Яъне, тибқи тағйиру иловаҳои воридгардида шахсони воқеӣ ва ё роҳбарони шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми содир намудани ҷиноят дар соҳаи андоз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, нисбати баъзеи онҳо бо ҳукми суд ҷазо дар намуди маҳрум намудан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

Дар моддаи 292 Кодекси ҷиноятӣ гуфта шудааст, ки саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибӣ ё эъломияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нуҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ҷазо пешбинӣ шудааст. Инчунин, қайд шудааст, ки ҳамин кирдор, агар аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 293 пешбинишуда, судшуда ва ба миқдори махсусан калон содиршуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз нуҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору чорсаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи

ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Шахсе, ки бори аввал ин кирдорро содир намудааст, маблағи андозҳо ва (ё) пардохтҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳоро дар муҳлати 48 рӯзи бонкӣ, пас аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти андоз пурра супоридааст ва ин кирдорҳоро такроран содир намуда, маблағи андозҳо, пардохтҳо, фоизҳо ва ҷаримаҳоро дар муҳлати 24 рӯзи бонкӣ, аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти андоз, пурра супорида бошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Дар дигар ҳолат дар асоси талаботи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда мешавад. Тибқи талаботи моддаи 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дар ҳолате, ки пешниҳоди чунин эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз ҳатмӣ мебошад ё ба эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, ки боиси ба миқдори калон пардохт нагардидани андозҳо ва (ё) пардохтҳо гаштааст, бо ҷарима ба андозаи аз сад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад. Ҳамчунин, агар ин кирдор аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 292 пешбинишуда, судшуда, ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо ҷарима таъин карда мешавад ва ё ба муҳлати то се сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад.

Дар солҳои охир бо дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, таҳия ва дар амал татбиқ намудани барнома ва шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои электронӣ, инчунин, сода ва фаҳмо гардонидани қонунгузории андоз корҳои зиёдеро анҷом додааст. Барои дар шакли осон ва қулай ба роҳ мондани ҳисоб ва пардохти андозҳо ба буҷет, айни замон, аз ҷониби мақомоти андоз ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон хизматрасониҳои зиёди электронӣ пешниҳод шудаанд, ки бо истифода аз онҳо андозсупорандагон имкон доранд, аз манзил ва ё коргоҳи худ берун нарафта, ҳисоб ва пардохти андозҳояшонро ба буҷет амалӣ намоянд. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз уҳдадории конститутсионӣ будани пардохти андозҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид дар ин самт, баъзе ашхос дидаю дониста даст ба қонуншиканӣ зада, аз пардохти андозҳо ба буҷет саркашӣ менамоянд. Корҳои таҳлилӣ ва назоратии мақомоти андоз гувоҳӣ медиҳанд, ки гурӯҳи муайяни одамон бо мақсади ба даст овардани даромади муфт, бо истифода аз роҳу усулҳои гуногуни канорачӯӣ аз пардохти андоз, даст ба содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи андоз мезананд.

Маҳз бо дарназардошти ҷой доштани чунин ҳолатҳо ва бо мақсади пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо дар соҳаи андоз, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи андозро муқаррар кардааст. Ҳамзамон, барои содир намудани онҳо ҷазо муқаррар шудааст. Аз он ҷумла, моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки ҳуқуқвайронкунии андоз кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқии андозсупорандагон (агентҳои андоз) ва шахсони мансабдори онҳо эътироф мешаванд, ки ба иҷро нагардидан ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, оварда расонидааст ва содир шудани он боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Ҳамзамон, ҷазо барои ҳуқуқвайронкуниҳои соҳаи андоз дар моддаҳои 504, 599-618, 620 ва 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 259, 260, 292 ва 293 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Дар маҷмуъ, аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон даъват карда мешавад, ки маблағи андозҳои худро пурра ва сари вақт ба буҷет пардохт намуда, ба содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо, аз ҷумла содир гардидани ҷиноятҳо марбути соҳаи андоз роҳ надиҳанд. Дар баробари ин, барои ба хавфҳо дучор накардани тиҷорат ва дороиҳои худ аз ҳамкорӣ бо ашхоси ҷиноятпеша, махсусан, шахсоне, ки тавассути ширкатҳое, ки ба пинҳонкунии андозҳо машғул мегарданд, ҳамкорӣ ва муомилаҳои иқтисодӣ анҷом

надиҳанд. Напардохтани андозҳо ё ғайриқонунӣ ба даст овардани фоида ҳеҷ касро ба мақсад намерасонад. Ҳеҷ амали ғайриқонунӣ бе ҷавоб намемонад. Аз ин рӯ, аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон даъват ба амал оварда мешавад, ки дар иҷрои уҳдадориҳои андозӣ фаъол бошанд ва фаъолияти худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монанд.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 .
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 .
3. Кодекси Ҷиноятии ҶТ 21 майи 1998
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 31.12.2008
5. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ/ Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. Душанбе, 2012, – 352 с.
6. Шомуродов Ф. - Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Ф.Шомуродов. - Душанбе: «Андалеб – Р », 2015 . 280 саҳ
7. Шарипов Т,Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н., Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ / Т.Ш.Шарипов. - Душанбе 2020
8. Ғоибов Р.Д .Ҳуқуқи ҷиноятӣ қисми махсус. Дастури таълимӣ / Р.Д.Ғоибов. - Хуҷанд : «Ношир », 2009 , 336 саҳ


## ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ САРКАШӢ КАРДАН АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗ


Дар мақолаи мазкур қонунвайронкуниҳои андоз, саркашӣ кардан аз пардохти андоз, ҷиноятҳои соҳаи андоз, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар соҳаи андоз мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Яке аз ҷиноятҳои иқтисодӣ ин саркашӣ кардан аз пардохти андозҳо мебошад , ки он дар моддаҳои 292 – 293 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст . Омилҳои пешгирии ҷиноятҳои соҳаи андоз дар мақолаи мазкур муайян карда мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** саркашӣ кардан аз пардохти андоз, қонунвайронкуниҳои андоз, ҷиноятҳои соҳаи андоз, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар соҳаи андоз, андозсупоранда, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ .


## УГОЛОВНОЕ ООТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА УКЛОНЕНИЕ ОТ УПЛАТЫ НАЛОГОВ


В данной статье рассматриваются налоговые правонарушения, уклонение от уплаты налогов, преступления налоговой сферы, уголовная ответственность в области налогов. Одним из экономических преступлений является уклонение от уплаты налогов, которые были введены по статьям 292-293УК РТ. В данном статье определяются факторы предотвращения преступлений в сфере налогообложения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** уклонение от уплаты налогов, налоговые правонарушения, преступления налоговой сферы, уголовная ответственность в области налогов, налогоплательщика , юридических лиц , физических лиц.


## CRIMINAL LIABILITY FOR TAX EVASION


This article discusses tax offenses, tax evasion, tax crimes, criminal liability in the field of taxes. One of the economic crimes is tax evasion, which were introduced under Articles 292-193 of the Civil Code of the Republic of Tatarstan. In this area, the factors of preventing crimes of the tax industry are determined.



**KEYWORDS:** tax evasion, tax offenses, tax crimes, criminal liability in the field of taxes, taxpayer, legal entities, individuals.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафарзода А.И.*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

***Амонова Гулнора Эшонқуловна*** - магистранти курси 1 уми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон**: (+992) 935171724. Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах**: ***Сафарзода А.И.*** – Таджикский национальный университет, доктор юридических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

***Амонова Гулнора Эшонкуловна*** **-** магистр 1-го курса юридического факултета Таджикского национального университета. Телефон: **(+992)935171724. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the authors:** ***Safarzoda A.I***. -, Tajik National University, Doctor of Law, professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

***Amonova Gulnora Eshonqulovna*** – first-year master`s student of Faculty of Law, Tajik National University. Phone: **(+992) 935171724. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКИИ РАВАНДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

*Содиқзода А.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони ҳозира мафҳуми таъминоти криминалистии раванди тафтиши ҷиноятҳоро олимони соҳаи илми криминалистика ва кормандони амалӣ бисёр истифода мебаранд. Бинобар ин, маҷмуи масъалаҳое, ки бо татбиқи техникаи криминалистӣ вобастаанд, дар доираи сохтори махсус зарурияти омӯзиши худро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамчун категорияи криминалистии универсалӣ таъминоти техникӣ- криминалистӣ функсияҳоеро иҷро менамояд, ки тарафҳои гуногун (илмӣ-техникӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, методӣ)-ро муттаҳид намуда, имконияти омӯзиши онро дар маҷмуъ бо ҳам фароҳам меоварад. Грамович Г.И. яке аз аввалинҳо шуда, кӯшиши муайян намудани мафҳуми таъминоти техники – криминалистиро муайян кардааст.

Ба фикри ӯ таъминоти техникӣ-криминалистӣ - ин «фаъолияти ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайян ба танзим даровардашудаи муассисаҳои илмӣ-тадқикотӣ, судӣ-ташхисӣ ва дигар муассисаҳо буда, иҷрои вазифаҳо оиди таҳлил ва баамалбарории маҷмуи чораҳои бо ҳам алоқаманд, бо мақсади ба вуҷуд омадани шароити муътадил, татбиқи самараноки донишҳои касбӣ ва воситаҳои илмӣ-техникӣ дар мубориза бо чинояткорӣ ба зиммаи шахсони мансабдори масъул, гузошта шудаанд» [1, с. 45]. Ба замми ин Грамович Г.И. таъминоти техникӣ-криминалистиро ҳамчун як шохаи фаъолият дида баромада, ба мазмуни ӯ маҳдуд ва яктарафа муносибат менамояд. Вай «маҷмуи чораҳо» -ро ҷудо аз рафти амалӣ, аз баамалбарории бевоситаи онҳо дар рафти фаъолияти амалӣ вобаста ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, дида мебарояд.

Ин яктарафагӣ аз тарафи Волынский В.А. ошкор шуда, ислоҳ шудааст. Волынский В.А. муайян намудааст, ки таъминоти техникӣ-криминалистӣ ҳамчун маҷмуи (фаъолияти) ташкили функсионалӣ барои ба даст даровардани ду мақсад равона карда шудааст: аз як тараф – ба вуҷуд овардани шароит барои тайёрии доимии субъектони он, барои татбиқи техникаи криминалистӣ, иҷроиш ва самаранокии вазифаҳои техники криминалистӣ; аз тарафи дигар барои татбиқи амалии ин шароит бо мақсади ба даст овардан, ҷамъкунӣ, таҳлили хабари аҳамиятноки криминалистӣ ва истифодаи он дар ҳар як ҳолати конкретии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо [2, с. 96]. Мафҳуми мазкур пурра мазмуни таъминоти техники криминалистиро инъикос намуда, «мундариҷаи сохторӣ» моҳияти таъминоти техники - кримналистиро бо вазифаҳои дар амал татбиқшавии он, инъикос менамояд. Ин олимон ва кормандони амалиро ба ҳалли проблемаҳои дарккунии илмӣ ва пешравии амалӣ равона менамояд. Барои ташкилёбии донишҳои махсуси криминалистӣ аҳамияти асосии қонунияти мурофиавии дарккунӣ «аз дарккунии амалӣ ба тафаккури абстрактӣ ва аз он амалия, – чунин аст роҳи диалектикии дарккунии ҳақиқат, дарккунии ҳақиқати объективии аслӣ » [3, с. 152-153].

Дарккунии воқеӣ – ин дарккунии субъективии пешсаф мебошад. Ҳангоми тафтиши ҳама гуна объекти криминалистӣ муфаттиш, мутахассис, эксперт пеш аз ҳама аломатҳои берунае, ки ба ҳиссиёти шахс дастрас аст, аз он ҷумла: шакл, ҳаҷм, ҷойгиршавӣ ва дигар хусусиятҳоро дарк кунад. Дар ин маврид дарккунии конкретии ҳиссиётро бо роҳи дарккунии зинда ба даст оварда, баҳо дода, ҷамъ карда мешавад. Ба ин Ароцкер Л.Е. аҳамият додааст.Ӯ менависад, ки тамоми рафти тафтишот аз дарккунӣ ва баҳодиҳии ивазшавии бефосила иборат мебошад [4, с. 6]. Ҳамин тариқ, ташкилёбии фаъолияти мақсадноки дарккунандаи донишомез шарти муҳимтарини ташкилёбии дарккунии криминалистии ӯ мебошад. Бинобар ин, ба фикри мо дар ташакулёбии дарккунии криминалистӣ роли асосиро мукаммалсозии барномаҳои таълимӣ, муайян намудани доираи дониш, маҳорат ва малака мебозад. Бисёре аз муалифон (Черенков А.М., Голубенко Г.Н., Гайдук А.П. [5, с. 122] ва дигарон) дар китобҳои худ таъминоти техникӣ-криминалистиро ҳамчун фаъолияти ҳалли маҷмуи проблемаҳои методии бо ҳам алоқаманди ҳуқукии ташкили илмӣ-техникӣ дар корҳои худ, эътироф менамоянд. Дар китоби таълимии Скорченко П.Т. низ чунин муносибатро ба мафҳум ва мазмуни таъминоти

техникӣ-криминалистӣ мебинем. Скорченко П.Т. ҳам мафҳуми умумии эътирофшудаи таъминоти техникӣ-криминалистиро ҳамчун намуди фаъолият (аз рӯи Волынский А.Ф.) дарҷ намуда, мазмуни асосии ташкилкунандаи онро ҷудо намудааст:

1.Таъминоти ҳуқуқӣ;

2.Таъминоти илмӣ;

3.Таъминоти ташкилӣ.

Ин таснифро метавонем бо назардошти таъминоти методи - техникӣ давом диҳем.

Белкин Р.С. дар сохтори таъминоти криминалистӣ се зерсоҳаро ҷудо менамояд: донишҳои криминалистӣ, маълумоти криминалистӣ ва техникаи криминалистӣ. Ӯ қайд мекунад, ки донишҳои илмӣ - криминалистӣ дар ҳамон ҳолат барои қабул кардан дастрас мегарданд, ки агар онҳо дар шакли нашрияҳои илмӣ, илмӣ методӣ ва ғайраҳо дарҷ гардида бошанд. Воситаи дар амал татбиқ намудани онро Белкин Р.С. воситаи техникӣ-криминалистӣ меҳисобад. Чунин тарзи муайян намудани мафҳуми таъминоти криминалистии фаъолияти шуъбаҳои корхои дохилӣ, аз як тараф мафҳуми мазкурро васеъ намуда, дар худ маҷмуи донишҳо, ки аз рӯи қонун ҳалли вазифаҳои ошкор ва тафтишоти ҷиноятҳо, маҷмуи тайёрии мутахассисони криминалистро дарбар гирифта, аз тарафи дигар онро бо ҳудуди техника маҳдуд менамояд, дигар самтҳо (тактикӣ, методикӣ) татбиқи донишҳои криминалистиро дар амал истисно менамояд. Барои таъминоти криминалистии фаъолияти милисаи криминалӣ, ки дар контекст Белкин Р.С., ин ҳолатро қайд намуд, мумкин аст техникаи криминалистӣ восита ва методҳои махсусро доро бошад [6, с. 420]. Аммо, вобаста ба вазифаҳои тафтишӣ, намудҳои ҷиноятҳои алоҳида, онҳоро ба дигар қисмҳои криминалистика муқобил намудан, ба фикри мо он қадар дуруст нест. Ба ин маъно аз рӯи фикри мо муносибати Волынский В.А. бисёртар қобили қабул аст, ки сохтори таъминоти техникӣ-криминалистӣ дар худ элементҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, илми-методӣ, криминалисти-техникӣ ва касбиро таҷассум менамояд.

Ба фикри мо таъминоти техники - криминалистӣ ҳамчун намуди фаъолияти инсонӣ метавонад, аз нуқтаи назари рафтори маҷмуӣ-фаъолиятӣ дида баромада шавад. «Таркиби фаъолият» сохтори таъминоти техникӣ-криминалистиро дар вобастагӣ бо дараҷаи фардикунонии қисмҳои таркибии он муайян карда, метавонад гуногун пешниҳод гардад. Аз ҳама намуди мукаммал барои ин формулаи техникӣ ҳамчун маҷмуи се унсур: субъектон, объектҳои фаъолият ва худи ҷараён («худи фаъолият», ки ҳамчун алоқаи зарурии байни онҳо баромад менамояд) қобили қабул аст. Дар зери мафҳуми субъектон шахсон ва мақомотҳое фаҳмида мешаванд, ки имконият ва ваколатҳои дахлдорро доро мебошанд. Техникаи криминалистӣ, мувофиқ ба он донишҳои махсус ва муносибатҳои ҷамъиятӣ (ташкили ҳуқуқӣ), ки ҳангоми истифодабарии онҳо дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд, мазмуни асосии объекти таъминоти техникӣ-криминалистиро ташкил медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки таркиб ва мазмуни субъектон ва объектони фаъолият, вобаста ба намуд ва шаклҳои таъминот ба хусусиятҳои вазифаҳои техникӣ - криминалистии ҳалшаванда, тақсим карда мешаванд. Таснифи умумии таъминоти техникӣ-криминалистӣ, ба ҷудо намудани аломатҳои муҳим ва зарурӣ имконият медиҳад:

1.Дар маҷмуи зерин муайян намудани мақсадҳои хусусӣ ва вазифаҳои фаъолиятӣ вобаста ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо муҳим мебошад, ки он имконияти ҷудо намудани таъминоти техникӣ-криминалистиро дар байни дигар намудҳои фаъолияти инсонӣ фароҳам меоварад.

2.Асоси таъминоти техникӣ-криминалистиро асосҳои илмии бисёр соҳаҳои дониши илмӣ ташкил медиҳад, ки имконияти муайян намудани онро ҳамчун маҷмуи илман муайяншуда, эътироф менамояд.

3.Самти хабари таъминоти техникӣ-криминалистӣ, имконияти дида баромадани маҷмуи умумии таъминоти хабарии фаъолияти муҳофизати ҳуқуқиро фароҳам оварда, аз ҷумла ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо равона шудааст.

4.Таъминоти техники - криминалистӣ худ маҷмуи роҳбарикунанда буда, ба маҷмуи ба танзимдарории ҳолатҳое, ки бо татбиқи техникаи криминалистӣ ва донишҳои махсуси мувофиқ вобастаанд, равона шудааст.

Инак, ба таркиби таъминоти техникаи криминалистии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо зарур аст: якум - худи ташкилёбии чунин таркиб (равнақ додани асоси ҳуқуқии он, ташкили

тайёрии криминалистии фаъолияти муфаттишон, кормандони фаврӣ, мутахассисон-криминалистон, таъмин намудани онҳо бо воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва татбиқи барномаҳои илми-методӣ), дуввум - дар амалияи ҳаррӯзаи ташкил ва тафтиши ҷиноятҳо татбиқ намудани имкониятҳои чунин маҷмуро, ки бо натиҷаҳои ташкили ин маҷмуъ бо ҳолати он таъмин карда мешавад, фарқ намудан зарур аст.Дар замони ҳозира масъалаи таъминоти техникаи криминалистӣ ба қисми «фароҳам овардани шароит», ки дар он сухан дар бораи таълимоти ташкили ҳуқуқӣ, илми техникӣ сухан меравад, гуногун шарҳ дода мешавад. Бинобар ин ба вазифаҳои асосии криминалистика муроҷиат намуда, ба пешравиҳои илмхои табиӣ, техникӣ ва гуманитарии ҳозиразамон, ки татбиқи имкониятҳои дар амалияи мубориза бо ҷинояткориро дорад, такя менамоем. Ин дар муайян намудани соҳаи дониши илмии интеграрии ҷудошуда инъикос меёбад. Бинобар ин таъминоти техникаи криминалистӣ ба предмети криминалистика дохил шуда, яке аз вазифаҳои он дида баромадани усули нав ё ин ки мукаммалсозии услуб ва воситаҳои техникаи криминалистӣ буда, татбиқи он дар амалияи ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дида мешавад [7, с. 93]. Барои ин бояд маълумотҳое, ки дар он таркиб ва динамикаи ҷинояткорӣ; тарзҳои ҷиноят, шумораи такрори вазифаҳои техникӣ-криминалистӣ ва натиҷаи ҳалли онҳо; ҳолатҳои таъминоти техники мақомотҳои корҳои дохилӣ, муваффақиятҳои ҳозираи илмҳои табиию техникӣ, ки метавонад дар коркарди усул ва воситаҳои техникаи криминалистӣ истифода бурда шаванд, санҷида шаванд. Аз хусусиятҳои ҷоришавии ин ҳолат интихоби усулҳои криминалистӣ, воситаҳо, тартиби ҷамъ намудани изҳои ҷиноят - барандагони хабарҳои аҳамиятноки криминалистӣ вобаста мебошад, маҳз ҳодисаноки зарурияти интихоби услуб, восита, тарзҳои пайдо намудан, мустаҳкам намудан, гирифтани изҳои ҷиноятро муайян менамоянд. Натиҷаҳои санчиши вазифаҳои техники - криминалистӣ имкониятҳои заруриро фароҳам меорад:

- гузаштан ба асоси илмӣ, баҳогузории актуалии афзалиятнокии коркарди услуб ва амалӣ намудани воситаҳои техникӣ-криминалистӣ.

- боз ҳам пурратар фаҳмонидани мазмуни донишҳои махсус, дар шартҳои гуногуни ташкилӣ ва мурофиавӣ бо мақсади ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, (танҳо дар пурра, мазмундор тасаввур намудани кори техникаи криминалистӣ, проблемаҳои ташкили ҳуқуқӣ ва таъминоти илми методии он пайдо мешавад) ва ба пешгуӣ намудани самтҳои асосии ҳаҷми фаъолияти ташхиси криминалистӣ, татбиқ карда мешаванд.

- мукаммал намудани нақшаҳои барномавӣ, нақшаҳои дарсӣ, ташкил ва методикаи тайёрии техники - криминалистии муфаттишон, кормандони мақомотҳои таҳқиқ ва мутахассисон-криминалистон.

Ҳамаи ин ба ҳалли масъалаҳои истифодабарии касбӣ ва мақсадноки дастовардҳои муосири илм ва техника, ба мақсади ба даст даровардани хабарҳои ҷустуҷуӣ ва далелӣ оварда мерасонад. Барои бошуурона ҷустуҷӯ намудани далелҳо, субъектони ошкор ва тафтиши ҷиноятҳоро омӯзонидан зарур аст, то ин ки онҳо техникаи криминалистиро ба таври касбӣ босаводона татбиқ намуда, натиҷаҳои бадастовардаро истифода баранд.

Таъсири инкишофи амалӣ ва қонунии техникаи криминалистиро ба истифодабарандагони ин техника: муфаттишон, кормандони фаврӣ, кормандони мақомотҳои таҳқиқ, экспертҳо ба назар гирифтан зарур аст. Тағйиротҳое, ки дар техникаи криминалистӣ ба вуҷуд меоянд, тағйиротҳои барнома ва методикаи таълим бо такя намудан ба азхудкунии амалии таълимгирандагон бо малакаву маҳорат, дараҷаи азхудкунии тамоми навигариҳои техникӣ - криминалистии кормандони амалиро муайян менамоянд. Донистани мафҳуми криминалистика иборахо ва мазмунҳо мебошад. Ин худи забони криминалистика мебошад, ки дар он дарккунии касбӣ таҷассум меёбад. Белкин Р.С. вобаста ба ин чунин мегӯяд, ки забони криминалистика – «ин маҷмуи мафҳумҳои умумӣ ва хусусии он мебошад, ки дар қоидахо (нишонаҳо, терминҳо) инъикос меёбад» [8, с. 167] . Чи тавре ки Лузгин И.М. қайд менамояд: «Баҳо субъективӣ (аз тарафи субъект дода мешавад, аз ӯ, аз мақсади фаъолият ва талаботи ӯ вобаста аст) ва объективӣ (ба донишҳои объективие, ки ба предмет ва ҳодисаҳои омӯхташаванда асос ёфтааст ) мебошад» [8, с. 181]. Бинобар ин, қобилияти баҳодиҳӣ дар рафти фаъолияти таълимӣ бо роҳи аз худ намудани тарз ва усул ва гуногунрангии амалия ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тавр, таъминоти техники - криминалистӣ ин системаи ташкилӣ-функсионалии сохтори таъминоти хабарии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Ин сохтор сифатҳои махсуси фаъолиятро аз нуқтаи назари мақсад, вазифа, шаклҳои ташкилӣ ва субъектони ба амал бароварда дарбар мегирад. Яъне, ин фаъолият, якум ба таъсиси шароити тайёрии доимии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба ҳал ва самаранокии вазифаҳои криминалистӣ; дуввум ба дар амал татбиқ намудани чунин шароитҳо бо мақсади ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо равона шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Грамович Г.И. Проблемы теории и практики эффективного применения социальных знаний и научно-технических средств в раскрытии и расследовании преступлений / Г.И.Грамович. – Киев, 1988г.
2. Волынский В.А. Технико-криминалистическое раскрытие преступлений / В.А.Волынский. – Москва, Сах 1991г.
3. Ленин В.И. конспекти китоби Гегель «Наука логики»
4. Ароцкер Л.Е. Теоретические проблемы оценки экспертом признаков почерка / Л.Е.Ароцкер. – Москва, 1976 г.
5. Гайдук А.П. Использование научно-технических средств в раскрытии и расследовании вымогательств / А.П. Гайдук. - Москва -1995 г.
6. Белкин Р.С. Криминалистика / Р.С.Белкин. – Москва, 2001. – С. 420
7. А.А.Эксхархпуло. Основы криминалистической теории / А.А.Эксхархпуло. – Москва, 1992
8. Лузгин И.М. Методологические проблемы расследования / И.М.Лузгин. - Москва 1973 г.


**ТАЪМИНОТИ ТЕХНИКИИ РАВАНДИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО**


Дар мақолаи мазкур оид ба таъминоти техникии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо таҳқиқот анҷом дода шудааст. Техникаи криминалистӣ имрӯзҳо аз нуқтаи назари гуногун шарҳ дода мешавад. Муаллиф бо истифода аз адабиётҳои илмӣ мафҳуми ин падидаро муайян намуда, тарзу усулҳои таъминоти техникии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳоро пешбинӣ намудааст. Бинобар ин, маҷмуи масъалаҳое, ки бо татбиқи техникаи криминалистӣ вобастаанд, дар доираи сохтори махсус зарурияти омӯзиши худро ба вуҷуд овардаанд. Ҳамчун категорияи криминалистии универсалӣ таъминоти техникӣ-криминалистӣ функсияҳоеро иҷро менамояд, ки тарафҳои гуногунро муттаҳид намуда, имконияти омӯзиши онро дар маҷмуъ бо ҳам фароҳам меоварад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** техникаи криминалистӣ; тафтиши ҷиноят, ошкор кардани ҷиноят; криминалист; адабиётҳои илмӣ; таъминоти ҳуқуқӣ; таъминоти илмӣ.


**ТЕХНИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОЦЕССА УГОЛОВНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ**


В данной статье рассматривается техническое обеспечение раскрытия и расследования преступлений. Судебно-медицинские методы теперь интерпретируются с разных точек зрения. Используя научную литературу, автор определяет понятие этого явления и предлагает методы технического обеспечения раскрытия и расследования преступлений. Поэтому комплекс вопросов, связанных с применением криминалистических методов, обусловил необходимость их изучения в рамках специальной структуры. Являясь универсальной криминалистической категорией, криминалистическое техническое обеспечение выполняет функции, объединяющие различные стороны и позволяющие изучать их в комплексе.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** криминалистические методы; уголовное расследование, раскрытие преступлений; судмедэксперт; научная литература; юридическая поддержка; научная поддержка.


**TECHNICAL SUPPLY OF CRIMINAL INVESTIGATION PROCESS**


This article discusses the technical support for the disclosure and investigation of crimes. Forensic methods are now being interpreted from different perspectives. Using the scientific literature, the author defines the concept of this phenomenon and suggests methods of technical support for the disclosure and investigation of crimes. Therefore, a set of issues related to the application of forensic techniques has created the need for their study within a special structure. As a category of universal forensic science, forensic technical support performs functions that unite the various parties and make it possible to study it as a whole.



**KEYWORDS:** forensic methods; criminal investigation, detection of crimes; medical examiner; scientific literature; legal support; scientific support.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Содиқзода Азамҷон Абдусамӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-97-70-00.** E-mail: **azamjon-98@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Содикзода Азамджон Абдусами*** - Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-97-70-00.** E-mail: **azamjon-98@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sodiqzoda Azamjon Abdusami*** **-** Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 918-97-70-00.** E-mail: **azamjon-98@mail.ru**

# АСОСИ ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО САБАБИ ГУЗАШТАНИ МУҲЛАТИ БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ КАШИДАН

***Саидов Ш.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар боробари принсипи ногузирии ҷавобгарии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст (м 6 КҶ), қонунгузории ҷиноятӣ асосҳо ва ҳолатҳоеро муқаррар менамояд, ки тибқи он шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Ҳамин тавр дар қонунгузории ҷиноятӣ институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат муқаррар карда шудааст. Дар адабиётҳои ҳуқуқи қайд мешавад, ки шахси гунаҳгорро нафақат бо роҳи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба он ҷазо додан, балки вайро бо дигар роҳҳои таъсиррасонӣ ислоҳ кардан мумкин аст. Яке аз ин роҳҳо институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [1, с.312]. Бояд зикр намуд, ки қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро муайян накардааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳои гуногуни озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дида мешаванд. Ба баҳсҳо оид ба мафҳуми озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамроҳ нагардида, зери мафҳуми озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ даст кашидани давлат дар шахсияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ аз маҳкум кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, фаҳмида шавад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад танҳо нисбати шахсе татбиқ карда шавад, ки агар дар қирдори вай аломатҳои таркиби ҷиноятӣ мавҷуд бошад. Агар кирдори шахс, ҷиноят эътироф нашавад, масъалаи дар бораи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён намеояд. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо нисбати шахсе татбиқ мегардад, ки агар ӯ дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор бошад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ институти ниҳоӣ ба ҳисоб рафта, баъдан наметавонад бо ягон сабаб бекор карда шавад. Татбиқ намудани институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ то баровардани ҳукми айбдоркунӣ, аз тарафи мақомоти тафтишотӣ, таҳқиқ, прокурор ва суд амали карда мешавад. Институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар боби 10 КҶ муқаррар шудааст. Қонунгузор институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро дар як боби алоҳидаи қисми умумии КҶ муайян намуда, бо ҳамин муқаррар кард, ки институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ як институти муҳим дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар боби 10 КҶ ҶТ чор намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст:

2. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймони аз кирдор. м.72 КҶ ҶТ
3. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида. м.73 КҶ ҶТ
4. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият. м. 74 КҶ ҶТ
5. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан. м.75 КҶ ҶТ.

Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар боло зикр шуда, дар КҶ намудҳои алоҳидаи озод кардан аз ҷавобгарӣ вуҷуд доранд. (масалан м 89 КҶ озод кардани ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо истифодаи чораҳои маҷбуркунии хусусияти тарбиявидошта). Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ таснифоти зерини намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд аст.

1) Шарти (м. 89 - озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо татбиқи чораҳои хуссусияти тарбиявидошта) ва бешарт м.м. 72-75 КҶ ҶТ.
2) Қатъи (озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ уҳдадории мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ) м. 75 КҶ ва ғайриҳатмӣ (факултативӣ, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳуқуқи мақомотҳои салоҳиятдор) м. 72-74 КҶ.

3) Намудҳои умумӣ (дар қисми умумии КҶ пешбинишуда) ва махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (дар эзоҳи моддаҳои қисми махсуси КҶ пешбинишуда).

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат як намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, ки дар моддаи 75 КҶ муқаррар шудааст. Кодекси ҷиноятии 1998 ҶТ ба институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат тағйиротҳои ҷиддӣ ворид намудааст. Ҳамин тавр моддаи 75 КҶ-и ҶТ соли 1998 ба фарқият аз КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961табиати ҳуқуқии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат инчунин қоидаҳои баҳисобгирии мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро муқаррар кардааст. Навигарии моддаи 75 КҶ ҶТ дар он дида мешавад, ки давомнокии мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯйи мӯҳлати ҷазои барои ҷиноятӣ содирнамуда пешбинигардида, ки дар КҶ РССТ 1961 пешбинӣ мешуд вобаста набуда, балки вобаста ба категорияи ҷиноят муайян гардидааст. Навигарии дигари моддаи 75 КҶ ҶТ 1998 дар он аст, ба фарқият аз Кодекси ҷиноятии РССТ соли 1961, ки қоидаҳои баҳисобгирии мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро муайян накарда буд, қоидаҳои баҳисобгирии мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро аниқ ва дақиқ муайян намуд. Мувофиқи қисми 2 моддаи 75 КҶ ҶТ мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рузи содир шудани ҷиноят то рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм ҳисоб карда мешавад. Ин тағйиротҳои воридгардида ба меъёри мазкур татбиқи онро дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ осон намуда, инчунин мушкилотҳое, ки ҳангоми татбиқи он дар амалия ба миён меомаданд, бартараф намуд. Ҳамин тавр дар моддаи 75-и КҶ-ти асосҳо, тартиби баҳисобгирии мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, инчунин хусусиятхои хоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат муайян шудааст. Қонунгузор мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кишиданро бо категорияи ҷиноят алоқаманд менамояд. Қонуни ҷиноятӣ вобаста ба вазнинии ҷинояти содир кардаи шахс мӯҳлатҳои гуногуни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро муқаррар намудааст. Мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мӯҳлатҳои муайяне мебошанд, ки қонунгузор дар моддаи 75 КҶ муқаррар намудааст, фаҳмида мешавад, ки баъд аз гузашти он шахсе, ки ҷиноят содир намудааст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо роҳи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноӣ ё қатъи парвандаи ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Мувофиқи қ.1 м 75 КҶ ҶТ агар аз рузи содир шудани ҷиноят мӯҳлати зерин гузашта бошад, шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

А) ду сол пас аз содир намудани ҷинояти начандон вазнин:

Б) шаш сол пас аз содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна:

В) даҳ сол пас аз содир намудани ҷинояти вазнин:

Г) понздаҳ сол пас аз содир намудани ҷинояти махсусан вазнин:

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан танҳо бо розигии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ба чунин озодкуни анҷом дода мешавад. Агар шахс ба ин озодкунӣ розӣ набошад, дар ин ҳолат тафтишот ба таври умумӣ давом дода мешавад [2, с.194]. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҳатмӣ ба ҳисоб рафта, аз иродаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи вобастагӣ надорад. Агар мӯҳлатҳои дар моддаи 75 КҶ ҶТ нишон муайяншуда гузашта бошанд, шахс бе ягон шарт аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Хусусияти хоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузашти мӯҳлат дар он аст, ки қонун чунин шартҳоро ба монанди бори аввал содир намудани ҷиноят, талофи зарар ва ғ, пешбинӣ накарда ва инчунин нисбати ҳамаи категорияҳои ҷиноят татбиқ мегардад. Ҳамин тавр озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бешарт ва қатъӣ (императивӣ) мебошад.

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ин асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мебошад. Вобаста ба ин масъала дар назарияи ҳуқуқи ҷиняотӣ гуногунфикри ба назар мерасад. Як гурӯҳ олимон асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат паст гардидани ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда меҳсобанд. Тарафдорони ин ақида чунин мешуморанд, ки баъди содир намудани ҷиноят агар шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошад, пас аз гузашти мӯҳлатҳои муқарарнамудаи қонун, ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани чунин шахс номуносиб (номувофиқ) мегардад, чунки баъди гузашти вақти зиёд ба ҷамъят хавфнокии кирдори содиршуда паст ё ин ки рафъ мегардад. В.Е Смолников ба ин андеша розӣ нашуда чунин менависад: Қонунгузории ҷиноятӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро бо сабаби гузаштани мӯҳлат дар он ҳолат пешбинӣ мекунад, ки агар дар вақти гузаштани мӯҳлат қонун кирдори содиркардаи шахсро ҳамчун ҷиноят эътироф намояд. Агар дар ҳолати гузаштани мӯҳлат кирдори содиркардаи шахс ҷиноят эътироф нагардад, дар бораи озод намудани шахс бо гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан масъалагузорӣ намудан мумкин нест. Дар чунин маврид парванда на аз сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан қатъ ё рад карда мешавад, балки бо дигар асосҳои дар қонуни ҷиноятӣ пешбинигардида [3, С.6]. Ю.М Ткачевский қайд менамояд, ки пас аз гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба ҷамъият хавфнокии кирдор аз байн намеравад, ин ақида нодуруст мебошад. Ба ҷамъият хавфнокии кирдор метавонад бо тағйир ёфтани ҷамъият (вазъият) паст ё ин ки рафъ гардад, аммо на дар натиҷаи ба охир расидани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан [4, С.18]. Бояд қайд кард, ки на қонунгузории ҷиноятии давраи шӯравӣ ва на қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ақидаи асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат ин паст гардидани ба ҷамъят хавфнокии кирдори содиршударо тасдиқ намекунад. В.В Сверчков дуруст қайд менамояд, ки қонуни ҷиноятӣ паст ё рафъ гардидани ба ҷамъият хавфнокии кирдоре, ки дар вақти содир намудан ҷиноят эътироф мешуд пешбинӣ намекунад [5, С.262]. Ба ҷамъият хавфнокии кирдор наметавонад паст ё рафъ гардад, агар объекти ҷиноят пас аз гузашти мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда шуда бошад, шакли гуноҳ ва категорияи ин ҷиноят тағйир наёфта бошад. Ҳамин тавр ба ҷамъит хавфнокии кирдор дар натиҷаи гузаштани мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан паст ё рафъ намегардад, то он даме, ки қонуни ҷиноятӣ ҷавобгариро барои кирдори содиршуда муқаррар кардааст. Дар ҳолате, ки мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузашта бошад, кирдори содиршудаи шахс декриминализатсия шуда бошад, пас набояд институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат татбиқ гардад.

Гуруҳи дигари олимон чунин мешуморанд, ки асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан бо сабаби гузаштани мӯҳлат ин номувофиқ (номуносиб) будани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс мебошад. Яке аз тарафдорони ин ақида П.Я Мшвернадзе буда, қайд менамояд, ки асоси озод кардан аз ҷавобгрии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат, ин номатлуб (номувофиқ) (номуносиб) будан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст мебошад, агар пас аз содир намудани ҷиноят мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузашта бошанд [6, С.21]. Ба андешаи ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан на ба мақсади пешгирии умуми ва на ба мақсади пешгирии махсуси ҷиноятҳои нав мувофиқ нест, пас аз гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан агар шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ва нисбати ӯ ҷазо таъин намоянд, ҳамчун сазо барои ҷиноятӣ содирнамуда баррасӣ мегардад. Ин ақидаро олими барҷастаи рус А.В Наумов тарафдори намуда, зикр менамояд, ки баъди гузашти мӯҳлати зиёд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс таъсири дурусти тарбиявӣ ва пешгирикунанда намедиҳад ва бинобар ин сабаб, номувофиқ (номатлуб, номуносиб) мебошад. Ҳамчун шахс метавонад бо мурури замон ваё вақт ислоҳ шавад, ва ба ҷамъият хавфнокиаш барҳам хурад, бинобар ин дигар ба таъсирасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ эҳтиёҷ надорад[7, С.413].

Яке аз андешаҳои маъмултарин вобаста ба асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ин паст гардидан ва ё барҳам хурдани ба ҷамъият хавфнокии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ва бо рафтори дахлдор ислоҳи худро исбот намудааст, мебошад. Бояд зикр намуд, аксарияти олимон тарафдори ин нуқтаи назар мебошад, аз ҷумла Ю.М Ткачевский, С.Г Келина, В.Е Смомольников ва дигарон. Тарафдорони ин нуқтаи назар, фикри худро дар он асоснок мекунанд, ки асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат аз он иборат мебошад, ки пас аз гузашти вақти муайян аз лаҳзаи содир кардани ҷиноят, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба таври назаррас кам ё барҳам мехӯрад, агар дар ҷараёни давомнокии мӯҳлат ин шахс ҷиноятӣ нав содир накунад ва дар асоси ин ислоҳи худро исбот намудааст ва бинобар интатбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо номувофиқ

мегардад. С.Г Келина қайд менамояд, ки асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат ин пурра аз байн рафтани ба ҷамъият хавфнокии шахсе, ки ыиноят содир намудааст ё чунин паст гардидани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокие мебошад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсномуносиб мегардад [8, С.212]. Смольников В.Е менависад, ки ба ҷамъият хавфнокии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст бо мурури вақт паст гардида ва ниҳоятан рафъ мегардад. Ба ҷамъият хавфнокии шахс дар вақти содир намудани ҷиноят ба миён омада ва дар натиҷаи ба шахс таъсири мусбӣ расонидан аз байн меравад. Бинобар ин, қонуни ҷиноятӣ мӯҳлатҳоеро муқаррар намудааст, ки пас аз гузашти он ҷавобгарии ҷиноятии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст истисно мегардад. Аз байн рафтани ба ҷамъият хавфнокии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, якбора (дарҳол) рух намедиҳад, ин ҷараёни нисбатан тулонӣ мебошад [9, С.12]. Ба андешаи мо паст ё рафъ гардидани ба ҷамъяит хавфнокии шахс асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймони аз кирдор м 72 КҶ ва оштӣ шудан бо ҷабрдида м 73 КҶ мебошад, бинобар сабаби рафтори мусбати шахс баъди содир намудани ҷиноят, яъне бо рафтори худ пушаймонии кирдори содирнамудаашро баён менамояд, пас аз содир намудани ҷиноят омада, ба гуноҳи худ иқрор мешавад ва ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат менамояд, зарари расонидаашро талофи мекунад. Ба ақидаи асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан паст ё рафъ гардидани ба ҷамъият хавфнокии шахс Ю.В Енделсова зид буда менависад, ки асоси озод кардани аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан паст ё ин, ки рафъ гардидани ба ҷамъият хавфнокии шахс намебошад, чунки қонунгузор рафтори баъдии шахсро агар мӯҳлатҳои дар қонуни ҷиноятӣ муайяншуда гузашта бошанд, алоқаманд намекунад [10, С.52]. Ба андешаи Ю.В Енделсова розӣ шуда қайд мекунем, ки асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлатҳои мурур паст ё рафъ гардидани ба ҷамъият хавфнокии шахс шуда наметавад, инчунин рафтори шахс пас аз содир намудани ҷиноят агар мӯҳлатҳои дар қонун муқарраршуда гузашта бошанд аҳамият надорад, иловатан зикр менамоем, ки рафтори шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ҳангоми ҷараёни баҳисобгирии мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аҳамият дорад. Дар моддаи 75 КҶ ҶТ ҳолатҳое муқаррар шудаанд, ки мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошт ва ё қатъ мегарданд. Мувофиқи қисми 3 м. 75 КҶ ҶТ агар шахс аз тафтишот ё суд саркаши намояд, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошта мешавад, инчунин мувофиқи муқарраротиқисми 4 моддаи мазкур агар то гузашти мӯҳлати дар ҳамин модда зикрёфта шахс қасдан ҷинояти нави дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин содир намояд, мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз нав шуруъ гардида, мӯҳлатӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҳар як ҷиноят алоҳида ҳисоб карда мешавад. Мо чунин мешуморем, ки рафтори шахс пас аз содир намудани ҷиноят, агар мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ нагузашта бошанд, шарти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мебошад. Агар шахс, ҷиноятe содир карда бошад, ки ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳруми пешбинишуда бошад, инчунин агар мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузашта бошанд, дар ин ҳолат суд метавонад шахсияти гунаҳгорро ба инобат гирифта, яъне ба ҷамъят хавфнокиаш паст ё рафъ гардидааст ё не ба роҳбари гирифта, ҳуқуқ дорад шахсро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузашти мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан озод намояд.

Ҳамин тавр бо назардошти таҳлили адабиётҳои илмии соҳа ва қонугузории амалкунандаи ҷиноятӣ бояд, зикр намоем, ки асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлат ин гузаштани мӯҳлатҳое мебошанд, ки дар м 75 КҶ вобаста ба категорияи ҷиноят муайян шудаанд. Чунки моддаи 75 КҶ асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро бо сабаби гузаштани мӯҳлат, на аз байн рафтани ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва на паст гардидани ба ҷамъяит хавфнокии шахсиятро ва на номувофиқ будани ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, муайян накардааст. Дар моддаи мазкур танҳо гуфта шудааст, ки агар аз рузи содир кардани ҷиноят мӯҳлатҳои зерин гузашта бошанд шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Мо дар он ақидаем, ки асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ гузаштани мӯҳлатҳое мебошанд, ки дар м.75 КҶ муқаррар шудаанд.

**АДАБИЁТ**

1. Шарипов Т.Ш, Сафарзода А.И, Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифиода аз усули тадриси интерактивӣ. ( Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Т.Ш.Шарипов. - Душанбе, 2016.- С.312
2. Актуальные проблемы уголовного права. Часть Общая : учебник / под ред. Л. В. Иногамовой Хегай.– Москва : Проспект, 2019. – С.194
3. Смольников В.Е.,Давность в уголовном праве / В.Е.Смольников. — М.: «Юрид. лит.», 1973. С.6
4. Ткачевский.Ю.М. Давность в советском уголовном праве. Избранные труды – СПБ.2010. С.18
5. Сверчков В.В., Овобождение от уголовной ответственности, прекращение уголовного дела (преследования), отказ в его возбуждении. Проблемы теории и практики / В.В. Сверчков. - М:2015 - С.262
6. Институт давности в советском уголовном праве., П.Мшвернадзе.- М.1970г.- С.21
7. Наумов А.В. Российское уголовное право. Курс лекций. В 2 томах. Т.1. Общая часть / А.В. Наумов. – М:Юрид.лит, 2004.- С. 413
8. Келина С.Г. Теоритические вопорси освобождения от уголовной ответствености / С.Г. Келина. - М:1974. С.202
9. Смольников В.Е., Давность в уголовном праве / В.Е. Смольников. — М.: «Юрид. лит.», 1973. С. 12
10. Ендольцева А.В., Ендольцева Ю.В. Правовые последствия истечения сроков давности совершенного преступления: российский и зарубежный опыт : монография; М: МГИМО. 2017. – С.52


**АСОСИ ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО САБАБИ ГУЗАШТАНИ МУҲЛАТИ БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ КАШИДАН**


Мақолаи мазкур ба масоили асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар мақола асос ва шартҳои татбиқи институти мазкур, инчунин ҳолатҳое, ки татбиқи онро қатъ ва ё бозмедоранд, муфассал ва ҳаматарафа мавриди баррась қарор гирифтаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: ҷавобгарии ҷиноятӣ, озод кардан, муҳлат, асос, категорияи ҷиноят.


**Основания освобождения от уголовной ответственности в связи с истечением срока давности**


Данная статья посвящена основаниям освобождения от уголовной ответственности в связи с истечением срока давности. В статье подробно рассматриваются основания и условия применения данного института, а также обстоятельства, прекращающий или приостанавливающие его применения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: уголовная ответственность, освобождения, основания, срок, категория преступления.


**GROUNDS FOR EXEMPTION FROM CRIMINAL LIABILITY IN CONNECTION WITH THE EXPIRATION OF THE STATUTE OF LIMITATIONS**


This article is devoted to the grounds for exemption from criminal liability due to the expiration of the statute of limitations. The article discusses in detail the grounds and conditions for the application of this institution, as well as the circumstances that terminate or suspend its application.



**KEYWORDS:** criminal liability, exemptions, grounds, term, category of crime.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидов Шермуҳаммад Алишерович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: shermukhammad.saidov@bk.ru**. Телефон: **900066015.**

**Сведения об авторе:** ***Саидов Шермухаммад Алишерович*** – Таджикский национальный Университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **shermukhammad.saidov@bk.ru.** Телефон: **900066015.**

**Information about the author**: ***Saidov Shermukhammad Alisherovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **shermukhammad.saidov@bk.ru.** Phone: **900066015.**


## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ФУНКСИЯИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ


***Маҳмудзода Ф. А.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Иқтисоди ҷаҳон ба марҳилаи афзоиши суст қадам ниҳода истодааст, ки он ба шарикони тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистон таъсири худро мерасонад. Тағйирёбии самти инкишофи онҳо ба амал омада истодааст, ки дар навбати худ мушкилоти

навро ба миён оварда, имкониятҳои иловагиро барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон фароҳам меоварад. Дар чунин шароит нигоҳ доштани суръати устувори афзоиши иқтисодӣ, таъмини диверсификатсия ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ функсияҳои муҳимтарин ба ҳисоб мераванд. Мувофиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар кишвар ислоҳоти мушаххаси иқтисодӣ ва идоракунӣ роҳандозӣ гардида, ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳаҳо ва истифодаи оқилонаи захираҳои дохилӣ аз рӯи имконият ва иқтидорҳои мавҷуда таъмин карда шуд. Аз ин бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди иқтисодиёт афзалият дода мешавад, ки ин муҳиммияти функсияи иқтисодии давлат нишон медиҳад.

Ба андешаи С. Ш. Шарифзода мақсади функсияҳои давлатро проблемаҳои дар назди давлат қарордошта ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, мақсадҳои функсияҳои давлат метавонад ба наздиктарин (тактикӣ), миёнамуҳлат ва дарозмуддат (стратегӣ) ҷудо шавад. Мақсади стратегии функсияҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлолро амалӣ намудани модели нави рушди иқтисодӣ ва таъмини шароити зиндагии арзанда ташкил медиҳад. Мақсади стратегии ҳамаи функсияҳои давлати Тоҷикистон раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Мақсадҳои миёнамуҳлати функсияи иқтисодии Тоҷикистон дар Стратегияи миёнамуҳлати рушди иқтисодии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Мақсади наздиктарин (тактикӣ)-и функсияҳои давлатро рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, сохта ва ба истифода додани корхонаҳо, омода намудани кадрҳои баландихтисос, тарбияи насли наврас дар роҳи ватандорию ватанпарастӣ, пешгирӣ кардани насли наврас аз ҳар гуна роҳҳои ифротгароию экстремистӣ, истифодаи дурусти шабакаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани шуур ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, моҳияти функсияи иқтисодии давлати муосири Тоҷикистон танзими қонунгузории равандҳои иқтисодӣ, ҳаёти иқтисодии ҷомеа; фароҳам овардани шароит барои рушди ҳама шаклҳои моликият (хусусӣ, давлатӣ, коммуналӣ ва дигар шаклҳои моликият); идоракунии сектори давлатии иқтисодиёт, ки корхонаҳоеро дар бар мегирад, ки ба моликияти давлатӣ асос ёфтааст, он метавонад комилан давлатӣ бошад ё ин ё он қисми моликияти субъекти хоҷагидориро ташкил диҳад; татбиқи лоиҳаю программаҳое, ки маблағҳои калонро талаб мекунанд ва барои дар фаъолияти иқтисодии берунии давлат ниҳоят муҳиманд (таҳқиқоти кайҳон, саноати мудофиа, мелиоратсия ва ғайра). Давлати муосир дар танзими бозор нақши назаррас дорад, аммо нақши танзимкунандаи он, маҳдудияти даҳолат ба соҳаи ҳуқуқии хусуси дар системаҳои ҳуқуқии давлатҳои гуногун як хел нест. Ин нақш бештар ба нерӯи иқтисодии давлат, сиёсати иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои худ, албатта, бо риояи асосҳои конститутсионӣ вобаста аст. Дахолати давлат имрӯз хусусияти ҳар як системаи иқтисодии тараққикарда шудааст. Инҳо, масалан, моделҳои англосаксонӣ, романескӣ, скандинавӣ, Осиёи Шарқӣ ва эҳтимолан бозорҳои мамлакат мебошанд. Миқёси танзими давлатии соҳибкорӣ, шаклу усулҳои мушаххаси он дар кишварҳои гуногун, албатта, як хел нест. Онҳо таърих, анъанаҳо, намуди фарҳанги миллӣ, андозаи кишвар, мавқеи геополитикии он ва бисёр омилҳои дигарро инъикос мекунанд. Аммо, бо назардошти он, ки қонунҳои иқтисодие, ки бозор инкишоф мeёбад, асосан табиати универсалӣ доранд, бояд эътироф кард, ки соҳаҳои гардиши амвол, ки ба онҳо давлат одатан даҳолат мекунад, хеле анъанавӣ мебошанд, гарчанде асоснокӣ, маҳдудият ва самаранокии чунин даҳолати унсурҳои дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ гуногун мебошанд. Моҳиятан нақши қонунро дар танзими иқтисодиёт дар ҷомеаи муосири иқтисоди бозорӣ ба таври зайл муайян кардан мумкин аст: қонун бо назардошти қонунҳои объективии иқтисод кӯшиш мекунад, ки адолати иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар ҷомеа бо ёрии дастурҳои меъёрӣ барқарор намояд. Функсияи иқтисодии давлат фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба таъмини шароитҳои дахлдор барои имконияти татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои конунии ҳамаи субъектҳои хоҷагидор мебошад.

Нақши давлат дар иқтисодӣ бозорӣ тавассути системаи унсурҳои сохтории функсияи иқтисодӣ зоҳир мешавад:

а) ба вуҷуд овардани заминаи ҳуқуқии қабули қарорҳои иқтисодӣ – давлат қонунҳоеро таҳия ва қабул менамояд, ки фаъолияти иқтисодиро танзим мекунанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахрвандонро муайян менамояд;

б) муътадил гардондани иқтисодиёт – мақомоти давлатӣ ба фаъолияти молиявию монетарӣ барои рафъи таназзули истеҳсолот, паст кардани сатҳи таваррум, паст кардани сатҳи бекорӣ, нигоҳ доштани сатҳи муътадили нарх ва пули миллӣ равона мекунанд;

в) тақсимоти ба иҷтимоӣ нигаронидашудаи захираҳо – давлат истеҳсоли молу хизматҳоеро, ки сектори хусусӣ бо онҳо машғул нест, ташкил мекунад, барои рушди хоҷагии кишлоқ, алоқа, нақлиёт шароит фароҳам меорад, ҳароҷотро барои мудофиа, илм муайян мекунад, барномаҳои рушди маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва ғайра;

г) таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ – давлат андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, нафақаи пиронсолӣ, нафақаи маъюбӣ, кумакпулӣ оид ба бекорӣ, навъҳои гуногуни кумак ба камбизоатон ва ғайраро кафолат медиҳад.

Асоси ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат муосир бояд тадриҷан тағйир додани институтҳои мавҷуда: идоракунии давлатӣ, системаи молиявӣ, ҳуқуқи моликият ва инфрасохтори иҷтимоӣ бошад. Ислоҳоти низомнокӣ (институтсионӣ) ягона роҳи эҷоди нуқтаҳо барои рушди ояндаи иқтисодӣ мебошад. Тамоми сиёсати давлат дар ин самт бояд ба фароҳам овардани шароит барои рафъи буҳрон бо нигоҳ доштани иқтидори рушди оянда нигаронида шавад. Ин махсусан муҳим аст, зеро тағйироти системавӣ одатан бебозгаштанд. Дигаргунсозии сиёсати иқтисодӣ (ё ҷисмҳои он - пулию молиявӣ) бояд танҳо дар сурати ба амал баровардани дигаргунсозиҳои воқеӣ дар соҳаи институтсионалӣ, ки ба кам кардани даҳолати давлат ба иқтисодиёт нигаронида шудааст, сурат гирад. Бинобар ин, сиёсати иқтисодии давлат бояд ба ҳалли функсияи асосӣ – ба вуҷуд овардани иқтисодиёти бозаргонии рақобатнок дар асоси иқтидори захиравӣ ва илмию техникӣ тобеъ карда шавад.

Мувофиқи банди 2 мод. 48 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикстон нисбати моликияти ширкатҳои тиҷоратӣ ва ширкӣ, баъзе дигар шахсони ҳуқуқӣ дар асоси узвият, муассисон (иштирокчиён) - и онҳо уҳдадориҳои худро, аниқтараш, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корпоративиро нигоҳ медоранд. Ба инҳо дохил мешаванд: ҳуқуқ ба иштирок дар идоракунии корҳои шахси ҳуқуқӣ; ҳуқуқи гирифтани маълумот дар бораи фаъолияти он; ҳуқуқи иштирок дар тақсими фоида (гирифтани дивидендҳо), ҳуқуқи гирифтани квотаи барҳамдиҳӣ ва ғайра. Ҳамзамон, иштирокчии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҳангоми тарк кардани ҳайати он ҳуқуқ дорад арзиши як қисми амволеро, ки ба ҳиссаи ӯ дар сармояи оинномавии ҷамъият мувофиқ аст, гирад (моддаҳои 101-104 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 29 Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд”). Ҳаҷми мушаххаси ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корпоративии ҳар як иштирокчии ширкати хоҷагидорӣ ё ширкӣ на танҳо бо шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, балки мустақиман ба андозаи ҳиссаи он дар сармояи оинномавӣ, ки бо арзиши ҳиссаи амволи он ба сармояи оинномавӣ муайян карда мешавад, вобаста аст. Меъёри банди 1 модддаи 77 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, ки фоида ва зиёни ширкати комил байни иштирокчиёнаш мутаносибан ба ҳиссаи онҳо дар сармояи шарикона тақсим карда мешавад агар дар шартномаи таъсис ё созишномаи дигари иштирокчиён тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Мувофиқи қисми 4 сархати 1 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд” ҳар иштирокчии ҷамъият, чун қоида, дар маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият шумораи овозҳоеро дорад, ки ба ҳиссаи ӯ дар сармояи оинномавии ҷамъият мутаносиб аст. Аз ин рӯ, андозаи сармояи оинномавӣ ва ҳаҷми саҳми амволи муассисон бояд дар ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ сабт карда шаванд. Мувофиқи банди 1 моддаи 16 Қонуни зикршуда, сармояи оинномавии ҷамъият аз арзиши номиналии ҳиссаи иштирокчиёни он иборат аст. Қоидаҳои банди 2-и моддаи 16 Қонуни мазкур ҳаҷми ҳиссаи иштирокчии ҷамъиятро дар сармояи оинномавии ҷамъият аз ҳаҷми ҳиссаи гузоштащудаи сармояи оинномавӣ муайян менамояд. Ҳаҷми ҳиссаи иштирокчиёии ҷамъият бояд ба таносуби арзиши номиналии ҳиссаи ӯ ва сармояи оинномавии ҷамъият мутобиқ бошад. Дар тули тамоми мавҷудияти шахси ҳуқуқӣ андозаи сармояи оинномавии он ва арзиши саҳмияҳои муассисони инфиродӣ метавонанд такроран тағйир ёбанд. Аммо, тартиби тақсимоти фоида, идоракунӣ ва ғайра, ки бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муқаррар шудаанд, то ворид шудани тағйироти дахлдор ба ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ки бояд бо тартиби муқарраршуда ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, бетағйир боқӣ мемонад. Барои муассисони бисёр намудҳои дигари шахсони ҳуқуқӣ (масалан, фондҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ғайритиҷоратии мустақил ва ғайра), андозаи саҳми онҳо аз худи сармояи оинномавӣ фарқ надорад, зеро ҳаҷми амволи онҳо ва ё ҳуқуқҳои корпоративӣ аз андозаи саҳми онҳо ба сармояи оинномавӣ ё амволи шахси ҳуқуқӣ вобаста нестанд.

Дуюм, андозаи муқарраршудаи сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ барои таъмини манфиатҳои шахсони сеюм - контрагентҳои эҳтимолӣ, кормандон, кредиторони шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Ин алалхусус ба кредиторони шахсони ҳуқуқии тиҷоратие, ки дорои масъулияти маҳдуданд, дахл дорад, ки муассисонашон барои уҳдадориҳои

молумулкии онҳо ҷавобгар нестанд. Аз ин рӯ, қонунҳо дар бораи баъзе намудҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии онҳоро муқаррар мекунанд.

Тавре моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд” андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии ҷамъиятро муайян мекунад, ки бо ин манфиатҳои кредиторонро кафолат медиҳад. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бояд на камтар аз 500 сомониро ташкил диҳад. Мувофиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номиналии саҳмияҳои паҳнкардае, ки саҳмдорон ба даст овардаанд, ташкил карда мешавад. Ҳадди ақалли сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода бояд на камтар аз 5000 сомонӣ, ҷамъияти саҳомии пӯшида - ҳадди ақал 1000 сомонӣ бошад. Мувофиқи қисми 2 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ҳадди ақалли сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзии хурд аз ҷониби Бонки миллии Тоқистон муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи Дастурамали №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ” андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсисро ба маблағи 50 миллион сомонӣ муқаррар карда кардааст. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии навтаъсис ба маблағи 30 миллион сомонӣ ва барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурди навтаъсис ба маблағи 6 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ тибқи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ», ки дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон (https://nbt.tj/files/project/2021/Loiha_Dasturamal_176_TJ.pdf ) пешниҳод гардидааст, зиёд мегардад, махсусан:

Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис ба таври зерин муқаррар карда мешавад:

- аз 01.01.с.2022 ба маблағи 60 миллион сомонӣ;
- аз 01.01.с.2023 ба маблағи 70 миллион сомонӣ;
- аз 01.01.с.2024 ба маблағи 80 миллион сомонӣ;
- аз 01.01.с.2025 ба маблағи 90 миллион сомонӣ;
- аз 01.01.с.2026 ба маблағи 100 миллион сомонӣ.

Бонки миллии Тоҷикистон тибқи Дастурамали №197 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд» барои ташкилотҳои қарзии хурди навтаъсис андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ба маблағи 4 000 000 (чор миллион) сомонӣ муқаррар кардааст ва барои ташкилотҳои қарзии хурди амалкунанда андозаи ҳадди ақалли сармояи воқеӣ ба таври зайл муқаррар кардааст:

- ба ҳолати 1.10.с.2015 - 2 000 000 (ду миллион) сомонӣ;
- ба ҳолати 1.01.с.2016 –3 000 000 (се миллион) сомонӣ;
- ба ҳолати 1.04.с.2016 - 4 000 000 (чор миллион) сомонӣ.

Мутобиқи Дастури № 196 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд» ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурди навтаъсис 6 000 000 сомонӣ муқаррар карда шудааст ва барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ки амал мекунанд, андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ бо тартиби зерин муайян карда мешавад:

- аз 1.10. 2015 - 3 000 000 (се миллион) сомонӣ;
- аз 1.01. 2016 - 4 500 000 (чор миллиону панҷсад ҳазор) сомонӣ;
- ба ҳолати 1 апрели соли 2016 - 6 000 000 (шаш миллион) сомонӣ;

Андозаи сармояи оинномавии (фонди оинномавии) корхонаи давлатӣ аз тарафи муассиси он муайян мегардад ва аз арзиши умумии амволи ба корхона додашаванда зиёд буда наметавонад ва он бояд аз андозаи панҷсадкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо кам набошад (моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корхонаҳои давлатӣ”).

Сохтори шахси ҳуқуқӣ барои гардиши молу мулк хатари муайян эҷод мекунад, зеро муассисони он масъулияти худро дар назди ҳамаи иштирокчиёни дигари он маҳдуд мекунанд ва дар асл хавфи амволиашонро ба дӯши онҳо мегузоранд. Аз ин рӯ, истифодаи ин сохтор ҳамеша бо маҳдудиятҳои муайяни қонунгузорӣ алоқаманд аст, ки барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои молумулки аз сӯиистифодаи эҳтимолии ин институт кафолат

медиҳанд. Дар ниҳоят, маълум аст, ки соҳибкор бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо сармояи оинномавии рамзӣ ба муомилоти граждании ворид мешавад ва бо ин ҳеҷ гуна таваккал накарда, уҳдадории молумулкӣ бо моликияти шахсии худ намегирад. Ҳадди ниҳоии сармояи оинномавии тибқи қонунгузории миллӣ муқарраршуда, метавонанд на бо пул, балки қариб бо ҳама чиз пардохт карда шаванд. Ба ибораи дигар, муассис (муассисон)-и чунин шахси ҳуқуқӣ дар муомилоти граждани дилхоҳ амалиётро бидуни масъулияти шахсии молумулкӣ ва моликияти шахсии худро зери хатар нагузошта иштирок мекунанд. Бояд қайд кард, ки баъзеҳо ақида доранд талаботи пардохти сармояи оинномавӣ бо моликияти арзишманд пеш аз ворид шудани шахсони ҳуқуқӣ ба муомилоти граждании ҳамчун фишор ба субъектони соҳибкории хурд ба ҳисоб рафта, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо пурра даст кашидан аз сармояи оинномавиро баҳри дастгирии тиҷорати хурд пешниҳод менамоянд. Дар ҳоле ки қонунгузории миллӣ пардохти сармояи оинномавиро дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии он пешбинӣ кардааст. Яъне, шахсони ҳуқуқи метавонанд дар муҳлати зикршуда бе доштани моликияти муайян иштирокчии муносибатҳои граждании шаванд. Азбаски қоидаи асосӣ: "касе ки дар ҳаёти иқтисодӣ иштирок мекунад, хавфҳои марбут ба фоида ва зиёнро ба дӯш мегирад" нисбати "ассотсиатсияҳои сармоягузорӣ" (субъектҳои хоҷагидорӣ) татбиқ карда намешавад: (зеро бо таъсиси чунин шахси ҳуқуқӣ, хавфи дахлдор, дар асл, ба кредиторони он меравад), пеш аз ҳама, савол дар бораи одилона будани ин вазъ ба миён меояд, ки қонунгузор бояд ба он ҷавоб диҳад. Аз ин рӯ, идеяи дар қонунҳои Аврупои континенталӣ эътирофшуда дар бораи он, ки масъулияти маҳдуд, ки ба чунин корпоратсияҳо хос аст, дар шакли талаботҳои ҳатмӣ барои саҳмгузорӣ ба амволи корпоратсия, дар сатҳи муайян нигоҳ доштани он, риояи қоидаҳои ҳатмӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои кредиторон ва амонатгузорони хурд, тиҷорати оммавӣ ва ғайра мавқеъи худро доранд. Дар амалияи таҷрибаи соҳибкорӣ, дар аксарият ҳолат сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқӣ аз андозаи ҳадди ақалли қонунгузор муайяннамуда зиёд мебошад, зеро мавҷудияти сармояи оинномавии устувор боваринок будани шахси ҳуқуқиро ҳамчун субъекти муомилоти граждании нишон дода, дигар иштирокчиёни муносибатҳои гражданиро барои ворид шудан ба муомилот бо шахсони ҳуқуқии мазкур ҷалб мекунад. Дар тули садсолаҳо, сармояи оинномавӣ тақрибан дар ҳама меъёрҳои ҳуқуқии континенталии аврупоии Олмон ва Рим ҳамчун воситаи муҳимтарини ҳифзи манфиатҳои на танҳо кредиторон, балки саҳмдорони миноритар низ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон, ҳимояи кредиторон бо талаботҳои қонунгузорӣ оид ба андозаи сармояи оинномавӣ, зиёд ва кам шудани он, тартиби баҳогузории саҳмҳои ғайрипулӣ, инчунин манъи пардохтҳои беасос ба иштирокчиёни ҷамъият ва ба даст овардани саҳмияҳо аз ҷониби худи ҷамъият таъмин карда мешаванд. Ҳифзи саҳмдорон (иштирокчиёни миноритарӣ) дар қоидаҳои салоҳият ва тартиби даъвати маҷлиси умумӣ (ва дар кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии корпоративии Олмон - дар муаррифӣ ба сохтори идоракунии шурои нозирон), дар ҳуқуқи иштирокчиёни ширкат ба маълумот, аз ҷумла дар бораи зарари ҷиддӣ, ҳуқуқи афзалиятноки хариди саҳмияҳо (ҳиссаҳо) ҳангоми афзоиши сармояи оинномавӣ, эътироз ба қарорҳои маҷлиси умумӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои дигар барои иштирок дар идораи амволи корпоратсия инъикос ёфтааст. Илова бар ин, саҳмҳои аъзоёни корпоратсия, ки сармояи оинномавии онро ташкил медиҳанд, аз фоида (даромад)-и он ба таври возеҳ фарқ мекунанд ва дар байни иштирокчиён тақсим карда намешаванд. Ин ба эҷоди "нақшаҳои пирамида" тавассути ҷалби ҳарчи бештари пасандозҳо ва амонатгузорон пешгирӣ мекунад. Ин қоида дар ниҳояти кор, инчунин барои ҳимояи манфиатҳои иштирокчиёни миноритарии корпоратсияҳо хизмат мекунад. Ҳамзамон, ҳоҷат ба баҳс нест, ки сармояи оинномавии корпоратсия, ки, албатта, ба монанди ҳама гуна амволи марбут ба гардиши соҳибкорӣ ба хавфҳои мухталиф дучор меояд, худ аз худ онро муфлисшавӣ муҳофизат мекунад ва кафолати қаноатмандии пурраи талаботҳои ҳамаи кредиторонро медиҳад. Чихели ки И.А. Суханов дар китоби худ "Сравнительное корпоративное право" менависад вакте ки корпоратсия таъсис дода мешавад, сармояи оинномавӣ фаъолияти онро дастгирӣ намуда, ба баршикастагӣ дучор шудани онро пешгирӣ мекунад ва дар давоми фаъолияти минбаъдаи худ нақши «чароғаки сигнал»-ро мебозад, ки ҳангоми бад шудани вазъи иқтисодии ҷомеа «фурӯзон» мешавад ва зарурати амалҳои дахлдори иловагии роҳбарият ва иштирокчиёни онро нишон медиҳад.

Ниҳоятан, дар низомҳои пешрафтаи ҳуқуқӣ, сармояи оинномавӣ ҳатто як навъ вазифаи муҳофизатиро дар робита бо роҳбарият ва иштирокчиёни назоратии корпоратсияҳое, ки дар ҳолати барҳамхӯрӣ ва муфлисшавӣ қарор доранд, иҷро мекунад. Агар онҳо тамоми талаботро оид ба ташаккул ва ҳифзи чунин сармоя қатъиян риоя кунанд, ҳама гуна масъулияти иловагӣ дар назди кредиторон хориҷ карда мешавад, бо амволи шахсӣ ва ҳеҷ кас наметавонад аз онҳо бинобар принсипи умумии "кредиторон таваккал кунад" "иштирок дар ташаккули амволи муфлисшавӣ" - ро талаб кунад. Ҳамин тариқ, сармояи оинномавии ҳадди ақал як қатор функсияҳои муҳимро, ки ба таъмини фаъолияти муътадили соҳибкорӣ равона шудаанд, иҷро мекунад. Аз ин рӯ, талабот оид ба бекор кардани он дидаю дониста нокифоя, масалан, барои ҳимояи кредиторон дар адабиёти Олмонавриди танқиди шадид қарор гирифт: он ба маслиҳати марде баробар карда шуд, ки ҳангоми дидани як варзишгар дар шабнам дар болои барф медавад костюм пешниҳод кард, ки онро кашида гиранд, "зеро вай баробар гарм намешавад" Инчунин, иштибоҳи мантиқии талаботи номбаршуда қайд карда шуд, зеро дар асл он зарурати зиёд кардани ҳадди ақалли сармояи оинномавиро дар назар дорад.

Инчунин, қайд кардан мумкин аст, ки нигоҳ доштани талаботи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд дар қонунҳои корпоративии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ яке аз монеаҳои бюрократӣ дар суръат бахшидан ба эҷоди онҳо дар соҳаи тиҷорати хурд ва миёна ҳисобида намешавад. Баръакс, чораҳо оид ба тезонидани бақайдгирии онҳо одатан бо қоидаҳои сармояи оинномавии ҳатмии ширкатҳо бомуваффақият мувофиқат карда мешаванд. Як мисоли маъмулӣ, Қонуни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Испания дар соли 2003 мебошад, ки як навъи муосири ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд - Sociedad Limitada Nueva Empresa (SLNE) - ро таъсис додааст. Чунин корпоратсия бояд аз қайди суръатноки давлатӣ гузарад - чун қоида, дар тули 24 соат. Аммо ин суръат на бо роҳи содда кардан ё кам кардани талаботи қонунӣ барои бақайдгирии давлатии ширкатҳо, балки ба туфайли истифодаи васеъи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар ин раванд ва ҳамоҳангсозии ҳадди аксар фаъолияти нотариусҳо, феҳристи давлатӣ ва дигар хадамоти давлатӣ ба даст оварда шудааст. Дар айни замон, талабот ба ҳадди ақалли сармояи оинномавии SLNE на танҳо боқӣ монд (дар шакли маблағи анъанавии 3,012 евро), балки ҳатто мустаҳкамтар шуд - маблағи зикршуда акнун танҳо бо пули нақд пардохта карда мешавад. Инчунин, бояд дар назар дошт, ки худи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ танҳо як қисмат ва илова бар он ҳатмӣ набудани мафҳуми умумии сармояи устуворро дар баробари талабот ба сармоягузорӣ ба капитал ва арзиши пулии онҳо барои нигоҳ доштани андозаи он дар сатҳи зарурӣ ва дар бораи имконот ва оқибатҳои он зиёд ё кам шудани он ташкил мекунад. Аз ин рӯ, талабот ба сармояи устувор худ аз худ зарурати ҳадди ақалли сармояи оинномавиро муайян намекунад. Зеро, талабот ба ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ба қонунгузории корпоративӣ ҳамчун илова ба талаботи қаблии таърихан дар бораи ҳадди ақалли саҳми як иштирокчӣ ва шумораи ҳадди ақалли иштирокчиёни ширкат ворид карда шудааст (дар маҷмӯъ онҳо сармояи ҳадди ақал талаб менамоянд). Талабот ба андозаи ҳадди ақалли саҳмияҳои иштирокчиён то ҳол дар як қатор фармонҳои ҳуқуқии Аврупои Ғарбӣ нигоҳ дошта мешавад (дар ҳоле ки эътирофи ширкатҳои як шахс талаботро барои шумораи камтарини иштирокчиёни корпоратсия зиёдатӣ месозад). Ҳамин тавр, дар Швейтсария арзиши номиналии як саҳмия дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бояд ҳадди ақал 100 франк ва сармояи ҳадди ақалли он на камтар аз 20 ҳазор франк бошанд. Арзиши ҳадди ақалли номиналии як саҳмия бояд дар ҳадди ақал 1 сантима ва сармояи ҳадди ақалли ҷамъияти саҳомӣ на камтар аз 100 ҳазор франк бошад. Дар Фаронса ҳадди ақалли ҳисса дар сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва инчунин ҳадди ақалли арзиши номиналии як саҳмия бояд дар ҳадди ақалл 1 евро ва сармояи ҳадди ақалли ҷамъияти саҳҳомӣ - 225 ҳазор евро (барои «Ҷамъиятҳои саҳҳомии соддакардашуда» - 37 ҳазор евро) бошад, ва барои ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ вуҷуд надорад. Дар Англия, ки барои таъсиси ширкатҳои дорои масъулияти маҳдуди хусусӣ бо сармояи ба қайд гирифташудаи £ 1 фунт стерлинг иҷозат дода шудааст, тибқи анъанаи дерина, онҳо то ҳол дар бисёр ҳолатҳо бо сармояи £ 100 фунт стерлинг ба 100 ҳиссаҳои ҳар як ба 1 фунт тақсим кардашуда таъсис дода мешаванд (баъзан чунин мешуморанд, ки то 80% ширкатҳои маҳдуди хусусии муосири англисӣ (private

limited company) чунин сармоя доранд). Аён аст, ки дар замони бавуҷудоӣ ва фаолияти ибтидоии чунин корпоратсиҳо асри 19 сухан дар бораи миқдори хеле назарраси сармояи оинномавӣ мерафт, ки танҳо баъдан миқдори ниҳоии сармояи оинномавӣ ба шиддат коҳиш ёфт.

Дар қонунгузории муосири Фаронса барои ширкатҳои дорои масъулияти маҳдуд (SARL - Société à responseabilité limitée), ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ҳангоми нигоҳ доштани талаботи умумии сармояи устувор ҳатмӣ нест. Қонуни Фаронса аз 1 августи соли 2003 дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси тиҷоратӣ бори аввал дар Аврупои континенталӣ талаботи қонунгузорӣ дар бораи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ин намуди корпоратсияро аз байн бурд, аммо дар айни замон талаботро барои таркиб, тартиби ташкили он, зиёд ва кам кардани сармояи худ ва саҳмияҳои иштирокчиёни онҳо нигоҳ дошт. Дар натиҷа, дар Фаронса имконпазир шуд, ки ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бо сармояи оинномавии ҳатто камтар аз 1 евро таъсис дода шавад. Мутобиқи матни аслии қонун, танҳо омили маҳдудкунанда дар ин робита арзиши ҳар як саҳмияҳои чунин корпоратсия, ки бояд на камтар аз 1 евро бошад, аст. Аммо, дар амалия, тибқи омори Суди тиҷоратии Париж, аз тақрибан 3 ҳазор ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, озодии муайян кардани андозаи сармояи оинномавӣ аз ҷониби камтар аз 1/(560) онҳо истифода мешавад. Гарчанде ки дар айни замон, сармояи оинномавии ширкат ба миқдори камтар аз 7500 евро ташаккул медиҳад, аммо андозаи миёнаи он 3 ҳазор евро мебошад ва ҳеҷ гоҳ 1 евро нест. Аксарияти муассисон пас аз таъсиси ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд миқдори ибтидоии эълоншудаи сармояро ба таври назаррас зиёд мекунанд. Омили муҳим барои ин муносибати манфии таҷрибаи судӣ ба сармояи нокофии ширкатҳои хурду миёна мебошад, ки одатан вайрон кардани вазифаи софдилона ҳисобида мешавад ва боиси қонеъ гардидани раванди муфлисшавии талабот аз ҷониби намояндаи кредиторони барҳамдиҳанда ва (ё) прокуратура барои пурра ё қисман қонеъ кардани талабҳои кредиторон аз ҳисоби моликияти шахсии роҳбарон ё аъзои ширкат мебошад (action en comblement du passif мутобиқи моддаҳои L 652-1ва L 651-3 Кодекси тиҷоратӣ бо тағйиротҳо аз 26 июли соли 2005). Ҳеҷ яке аз тартиботи қонунгузории муосири Аврупо, инчунин дар санадҳои Иттиҳоди Аврупо зарурати консолидатсияи сармояи назарраси оинномавии ширкатҳои саҳомиро зери шубҳа намегузорад (ҳатто тибқи қонунгузории Англия он 50 ҳазор фунт стерлингро ташкил медиҳад), ва дар оинномаҳои ширкатҳои саҳомии мушаххас қариб ҳамеша зиёдтар аст. Барои ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд дар як қатор ҳолатҳо имконияти таъсиси онҳо бо ҳадди ақалли сармояи оинномавии рамзӣ эътироф карда мешавад. Ғайр аз Фаронса, аз соли 2008 инҷониб, ин меъёрро қонунгузории Олмон пешбинӣ кардааст (ки барои таъсиси ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд имкон медиҳад, ки ҳадди ақалли сармояи оинномавии он камтар аз 25 ҳазор евро бошад, яъне то 1 еврoро дар бар мегирад), ва аз соли 2012 - қонунгузории Нидерланд (қаблан онро қонунгузории Белгия ва Люксембург низ эътироф карда буд). Аммо, дар асл, фармоишҳои қонунии дар боло зикршуда низоми сармояи устуворро риоя мекунанд. Имконияти таъсиси корпоратсияҳо бо сармояи оинномавии рамзӣ одатан бар хилофи талаботи нисбатан шадиди қонунгузории муфлисӣ, ки масъулияти субсидиариро барои ҳолатҳои муфлисӣ барои қарзи аъзоён ва директорони ширкатҳои дорои чунин сармоя пешбинӣ мекунад, амалӣ мегардад. Умуман, низоми сармояи асосӣ, ки талабот ба сармояи оинномавии ҳадди ақалли корпоратсияҳоро дар бар мегирад, ҳанӯз ҳам як хусусияти муҳимми ҳуқуқи корпоративии Аврупоро ташкил медиҳад, ки онро аз намуди қонун ва тартиботи Англо-Амрико фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, дар Австрия, ки қонунгузории амалкунандаи он яке аз баландтарин сармояи оинномавиро барои ширкатҳои дорои масъулияти маҳдуд - 35 ҳазор евро (тақрибан 1,4 миллион рубл) муқаррар кардааст, ба нақша гирифта шудааст, ки онро то 10 ҳазор евро кам кунад, аммо бо шарти накд пардохтҳои ҳадди ақал 5 ҳазор евро. Тахмин менамоянд, ки бо ин кор ба андозаи миёнаи ҳадди ақалли сармояи оинномавии муқарраршудаи як ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд дар Иттиҳоди Аврупо наздик карда мешавад, ки он тақрибан 8 ҳазор евро мебошад, бинобар ин, «ҷиддияти ҶДММ дар Австрия», ба гуфтаи вазири адлияи Австрия Б. Карл, минбаъд идома хоҳад ёфт.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳлилҳои дар боло баррасишуда метавон хулоса кард, ки сармоя оинномавӣ шахсони ҳуқуқӣ функсияҳо кафолатдиҳии қобилияти пардохтпазирии

онҳоро ҳангоми ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои молумулкӣ ҳамчун субъекти муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳои кредиторон, саҳмдорони миноритарӣ ва дигар субъектони бо шахсони ҳуқуқӣ дар дилхоҳ муомилоти гражданӣ воридшавандаро иҷро мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қисми I 30.06.1999, Қисми II 11.12.1999, Қисми III 01.03.2005
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд" аз 10.05.2002 №53
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" аз 05.03.2007 №237
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи корхонаҳои давлатӣ" аз 28.02.2004 №10
5. Қонунгузории дахлдори давлатҳои хориҷа
6. Hueck G., Windbichler Ch. Gesellschaftsrecht.; Eidenmüller H., Grunewald B., Noack U. Das Mindestkapital im System des festen Kapitals // Das Kapital der Aktiengesell- schaft in Europa. Berlin, 2006. (Zeitschrift für Unternehmens- und Gesellschaftsrecht / ZGR-Sonderheft 17)
7. Gesellschaftsrecht. 2006. № 1.
8. И.А. Суханов "Сравнительное корпоративное право" Статут Москва 2014 ст.455
9. Ломакин Д. В. Акционерный и уставный капитал: соотношение понятий по дей-ствующему законодательству // Право и экономика. 1996, № 15/16.
10. Шапкина Г. С. Новое в акционерном законодательстве (изменения и дополнения Федерального закона «Об акционерных обществах»). Уставный капитал общества II Вестник ВАС РФ. 2001. № 12.
11. Нарышкина Р. Л. Акционерное право США / Р.Л. Нарышкина. - М., 1978.
12. https://spravochnick.ru/ekonomika/kapital/ustavnoy_kapital_yuridicheskogo_lica/
13. http://gribakov.com/o_kollegii/advokaty_v_smi/znachenie-ustavnogo-kapitala-dlya-grazhdanskogo-ob


## МОҲИЯТ ВА ФУНКСИЯҲОИ САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ ТИҶОРАТӢ (ДАР МИСОЛИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚИИ КОРПОРАТИВӢ)


Дар мақолаи мазкур моҳият ва функсияҳои сармояи оинномавӣ дар шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ (дар мисоли шахсони ҳуқуқии корпоративӣ) дар доираи қонунгузории миллию хориҷӣ баррасӣ карда шудаанд. Мафҳуми сармояи оинномавӣ тибқи қонун ва ақидаи олимони мухталиф вобаста ба он оварда шудааст. Функсияҳои сармояи оинномавӣ ва ҳаҷми ниҳоии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳлил карда шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои сармояи оинномавӣ хеле зиёданд. Аз ҳама мувофиқ, ба андешаи мо, чунин аст: "Сармояи оинномавӣ ифодаи пулии объектҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошад, ки ба моликияти шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ дар шакли ҳисса барои таъмини фаъолияти иқтисодии он ва кафолати манфиатҳои кредиторон дода мешавад".



**КАЛИДВОЖАҲО:** Сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ, корпоратсия, ҷамъият, иштирокчӣ, муассис, ҳуқуқи гражданӣ, қонунгузорӣ, муносибатҳои гражданӣ, субъект, амволи шахси ҳуқуқӣ, масъулияти молумулкии шахси ҳуқуқӣ, саҳм, ҳисса.


## СУЩНОСТЬ И ФУНКЦИИ УСТАВНОГО КАПИТАЛА КОММЕРЧЕСКИХ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ (НА ПРИМЕРЕ КОРПОРАТИВНЫХ ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ)


В данной статье рассматриваются сущность и функции уставного капитала коммерческих юридических лиц (на примере корпоративных юридических лиц) в рамках отечественного и зарубежного законодательства. Понятие уставного капитала дано в соответствии с законодательством и мнениями различных ученых. Также анализируются функции уставного капитала и его окончательный размер в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. Автор отмечает, что в юридической литературе существует множество определений уставного капитала. На наш взгляд, наиболее целесообразным является: «Уставный капитал есть денежное выражение объектов гражданского права, которое передается в собственность хозяйственного юридического лица в виде акций для обеспечения его хозяйственной деятельности и гарантирования интересов кредиторы».



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Уставный капитал, юридическое лицо, корпорация, компания, участник, учредитель, гражданские права, законодательство, гражданские отношения, субъект, имущество юридического лица, имущественная ответственность юридического лица, акция, доля.


## THE ESSENCE AND FUNCTIONS OF THE AUTHORIZED CAPITAL OF COMMERCIAL LEGAL ENTITIES (ON THE EXAMPLE OF CORPORATE LEGAL ENTITIES)


This article gives information about the essence and functions of the authorized capital in commercial legal entities (on the example of corporate legal entities) within the framework of local and foreign legislation. The concept of the authorized capital is given in accordance with the legislation and the opinions of various scientists. It also analyzes the functions of the authorized capital and its least amount in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The author notes that in the legal literature there are many definitions of authorized capital. In our opinion, the most appropriate is: "The authorized capital is a monetary expression of the objects of civil law, which is transferred to the property of a commercial legal entity in the form of shares to ensure its economic activity and guarantee the interests of creditors."



**KEYWORDS:** Authorized capital, legal entity, corporation, company, participant, founder, civil law, legislation, civil relations, subject, property of legal entity, property obligation of legal entity, share, stock.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Камолова Муҳайё*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907007564.**

**Сведение об авторе:** ***Камолова Мухайё*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907007564.**

**Information about the author**: ***Kamolova Muhayo*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **907007564.**

# МАФҲУМ, ВАЗИФА ВА МОҲИЯТИ ИСТЕҲСОЛОТИ ПАРВАНДАҲО ОИД БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исматов И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тибқи Қонунгузории маъмурӣ «корҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ҳамон вақт оғоз шуда ҳисобида мешаванд, ҳисоботи он истеҳсолот аз лаҳзаи тартиб додани протокол, вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ё ин, ки дастгиркунии маъмурии шахси ҷисмонӣ ба ҷавобгарӣ кашида, анҷом ёфта бошад». Дар Қонунгузории ҶТ сабабҳои асосии оғоз кардани кор оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ оварда шудааст. Аввалан, дарёфт намудани нишонаҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳар як далели ҳуқуқвайронкуни (ғайр аз татбиқи шакли содакардашудаи ситонидани ҷарима) шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ ҳатман протоколро оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ тартиб медиҳад. Дар протокол чунин ҳолатҳо ҷой дода мешавад:

1. Мансаб, ному насаби шахси мансабдоре, ки протоколро тартиб додааст.
2. Маълумотҳои заруритоид ба шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ содир кардааст ва ба ҷавобгарӣ кашида шудааст, агар он муайян карда шуда бошад;
3. Ҷой ва вақти содиршавӣ ва моҳияти вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ;
4. Моддаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки тибқи он барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ҷавобгарӣ пешбини шудааст;
5. Ному насаб ва нишони шоҳидон, агар онҳо мавҷуд бошанд;
6. Баёноти шахси ба ҷавобгарӣ кашидашуда;
7. Маълумотҳо оиди амвол, воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳо ва дигар предметҳое, ки дар натиҷаи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ба даст оварда шудааст;
8. Дигар маълумотҳое, ки барои ҳалли кор заруранд.

Протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ҳуқуқвайронкунанда ва шоҳидон имзо карда мешавад ва дар баробари ин шахси ҳуқуқвайронкунанда метавонад мулоҳизаҳои худро вобаста ба протокол ё ин ки сабаби имзо накарданашро баён созад.

Ҳангоми имзо накардани протокол аз тарафи ҳуқуқвайронкунанда дар он қайди зарурӣ оварда мешавад. Ҳангоми тартиб додани протокол нисбати шахси ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ содиркарда ва ба ҷавобгарӣ кашидашуда ҳуқуқҳояш фаҳмонда мешавад ва дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад. Нусхаи протокол ба ин шахс дода ё равон карда мешавад. Ҳангоми номумкин будани тартибдиҳии протокол дар ҷои содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчун барои муайян кардани шахсияти ҳуқуқвайронкунанда (ҳох шахси ҷисмонӣ, ҳох шахси мансабдори ба ҷавобгарӣ кашидашуда) корманди мақомоти гумрукӣ метавонад шахси ҳуқуқвайронкунандаро ба бинои мақомотҳои гумрук оварад. Дар баробари ин шахси мансабдори гумрукӣ метавонад аз ёрии коркунони мақомоти дохилӣ, хизматчиёни ҳарбии кисмҳои сарҳадӣ истифода кунад ва ҳатто нисбати шахси ҳуқуқвайронкунанда, ки зиддият нишон медиҳад воситаҳои махсусро истифода барад.

Дар ин сурат протокол оид ба овардани шахс ба бинои гумрукӣ тартиб дода мешавад.

Дуюм, сабаби оғоз кардани кор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ин ахборот ва муроҷиатҳои шаҳрвандони ҶТ ва шахсони хориҷи, инчунин ахбороти воситаҳои умум шуда метавонад.

Сеюм бошад материалҳое, ки аз дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, назоратӣ ва ё дигар мақомотҳои давлатӣ дастрас гардидааст.

Чорум, маълумотҳое, ки аз мақомотҳои гумрукӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ё дигар мақомотҳои ваколатдори давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои хориҷӣ дастрас гардидаанд.

Дар баробари ин, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳое нишон дода шудаанд, ки новобаста аз сабабҳо ва асосҳои номбаршуда нисбати онҳо парванда оғоз карда намешавад, ин гуна ҳолатҳо:
набудани ҳодисаи ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ;

*1.* набудани таркиби ҳуқуқвайронкунии гумрукӣ;

*2.* ба синни шонздаҳ надаромадани шахси ҷисмонӣ дар лаҳзаи вайрон кардани қоидаи гумрукӣ;

*3.* номукаллаф будани шахси ҷисмонӣ дар ҳолати ниҳоят зарурӣ ва ё мудофиаи зарурӣ;

*4.* ҳаракатҳои шахси ҷисмонӣ дар ҳолати ниҳоят зарурӣ ва ё мудофиаи зарурӣ;

*5.* содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ аз тарафи корхона, муассиса, ташкилот, инчунин шахсе, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ машғул аст;

*6.* интишор гаштани ҳуҷҷати авф, агар он татбиқи ситонидани ҷаримаро бекор кунад;

*7.* бекор кардани ҳуҷҷате, ки тибқи он ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст;

*8.* қатъ гаштани муҳлати ҷаримаситони ҳангоми оғози кор;

*9.* мавҷуд будани ҳамин гуна далел нисбати шахсе, ки ба ҷавобгарӣ бояд кашида шавад, қарор оиди ҷаримаситонӣ ё қатъ кардани вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ;

*10.* мавҷуд будани кори ҷиноятӣ нисбати шахси ҷисмонии ҳуқуқвайронкунӣ содир карда вобаста ба ҳамин далел;

*11.* хавф ё ҳалокати шахси ҷисмоние, ки нисбати ӯ кор оғоз карда шудааст.

Ҳангоми мавҷуд будани ақалан яке аз ин ҳолатҳо истеҳсолот оиди кори вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ оғоз карда намешавад ва ё оғозгардида қатъ карда мешавад.

Ваколатҳои сардори мақомоти гумрукро ҳангоми истеҳсолот оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ин шахсон доранд:

1. сарвари мақомотҳои таркибӣ оид ба мубориза бар зидди қочоқ вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ;

2. ҷонишинҳои ин мақомотҳо:

3. сарварон ва ҷонишинҳои ҳамин гуна мақомотҳои минтақавӣ.

Дар баробари ин, шахси мансабдори мақомоти гумрук наметавонад истеҳсолотро барад ё баррасӣ намояд, агар:

а) вай дар кор ва дида баромадани он бештар ба сифати шоҳид, эксперт, мутахассис, намояндагони қонунии шахсӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуда иштирок карда бошад;

б) агар вай хешу табори шахси ҷисмонӣ ё шахси мансабдори ба ҷавобгарӣ кашидашуда ҳимоячии вай, шоҳид, эксперт, мутахассис ва ревизорҳое, ки дар истеҳсолот ё дида баромадани кор иштирок намудаанд:

в) шахсан бевосита ва бавосита манфиатдор будани вай дар оқибати кор ифода ёбад.

Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳое, ки баррасии корро оид ба вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ истисно мекунад шахси мансабдор бояд раднома эълон кунад.

Тибқи асосҳои номбаршуда раднома ба шахси мансабдори гумрук аз тарафи ҳуқуқвайронкунанда, ҳимоятчӣ ва ё намояндагони вай пешниҳод карда мешавад. Дида баромадани ин аризаҳо ба зиммаи сардори мақомоти гумрукӣ ё ҷойнишини вай вогузор гаштааст. Масъалаи раднома, ки дар баррасии сардори мақомоти гумрукӣ мебошад, аз тарафи сардори воломақоми мақомоти гумрукӣ ё ҷойнишини вай дида

баромада мешавад. Тибқи Қонунгузории ҶТ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ тафтиши маълумотҳо, аризаҳо ё худ дигар ахборот дар бораи тайёр кардан, содир кардан ё ба нақша гирифтани вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ дар муҳлати 3 рӯз, дар ҳолатҳои истисноӣ на зиёда аз 10 рӯз бояд дида баромада шавад.

Шахси мансабдори гумрукӣ, ки ин маълумотҳоро тафтиш мекунад ҳуқуқ дорад то оғози кор дар бораи вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ назорати гумрукӣ молҳо, воситаҳои нақлиётро гузаронад, инчунин аз шахсоне, ки ин молҳо ва воситаҳои нақлиётро аз сарҳади ҶТ мегузаронанд, брокерҳои гумрукӣ, дигар шахсонро талаб намояд, ки барои тафтиш ҳуҷҷатҳо, маълумотҳо ва баёнотҳоро пешниҳод кунад. Истеҳсолот оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ бояд дар муҳлати на зиёда аз як моҳи оғози кор ба охир расонида шавад. Ин истеҳсолот аз тарафи сардори мақомоти гумрукӣ, сардорони воломақоми мақомоти гумрукӣ, инчунин шахсони онҳоро ивазкунанда дароз карда шуданаш мумкин аст, бо тартибе, ки Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ кардааст. Истеҳсолот оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба забони давлатӣ инчунин ба заобне, ки аксарро ташкил мекунанд дар ҳудуде, ки дар он вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ содир шудааст гузаронида мешавад. Масъалаи додани кор аз як мақомот ба мақомоти дагар барои истеҳсолот аз тарафи мақомоти болои гумрукӣ ҳал карда мешавад. Мақомоти болоии гумрукӣ, ба истеҳсолоти худ ҳама гуна корро оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ қабул карда метавонад ё ба уҳдаи мақомотҳои поёнии гумрукӣ супорида метавонад.

Қонунгузории ҶТ оид ба фаъолияти гумрукӣ имконияти якҷоя ё ҷудо сохтани корҳоро оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрук бо қарори шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот дида баромадааст пешбини менамояд. Дар як истеҳсолот танҳо корҳое, якҷоя карда мешавад, ки онҳоро як шахс ё гурӯхи шахсон дар якҷоягӣ содир кардаанд. Ҷудо кардани кор танҳо дар ҳолатҳои заруриӣ пешбинӣ шудааст. Агар он ба ҳаматарафа будан, пурра ё объективона ҳал кардани кор зарар нарасонад. Ҳамаи маълумотҳои амали оиди корҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ, ки дар қарорҳо, санадҳо, хулосаҳои экспертҳо, инчунин маълумотҳо оид ба далелҳои шайъӣ ва хаттӣ маълумотҳо оиди шахсоне, ки дар истеҳсолот ва ё дида баромадани кор иштирок мекунанд, тибқи Қонунгузорӣ дида баромадани кор оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ мумкин аст эълон карда шавад ва ин танҳо бо иҷозати пгахси мансабдори гумрукӣ сурат мегирад, ё ин ки бо иҷозати сардори мақомоти болоии гумрукӣ, сардори хайати сохтори оид ба мубориза бар зидди қочоқ ва вайронкунии қоидаҳои гумрукии мақомоти гумрукии ҶТ. Бевосита дар шароити иқтисоди бозоргонӣ эъломи пеш аз вақтии материалҳои кор ба истеҳсолоти кор таъсири манфӣ расонда метавонанд, инчунин он ба шаъну шараф ва обурую эътибори соҳибкор дахлдор шуда метавонад ва дар обурую эътидори вай дар назди ҳамкасбон ва рафиқон паст шуданаш мумкин аст. Ба ғайр аз ин, эълон доштани ин маълумотҳо дар шароити икишофи бевоситаи ҷиноятҳои муташаккил мумкин аст бо мақсадҳои ғаразнок аз тарафи гуруҳҳои ҷиноӣ барои таъсиррасонӣ ба шоҳидон, экспертон ва дигар иштирокчиёни мурофиа ё бо мақсади гирифтани музди муайян аз хуқуқвайронкунандагон истифода шавад. Ҳамбастагии мақомотҳои гумрукии ҶТ бо мақомотҳои дигари давлати ё мақомотҳои ваколатдори давлатҳои ҳоричи ва ташкилотҳои байналҳалки оид ба масъалаҳои истеҳсолоти кор оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба воситаи мақомоти гумрукӣ ҶТ бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории ҶТ ва шартномаҳои байналхалқӣ ба амал бароварда мешавад.

Барои ба даст даровардани мақсадҳои вобаста ба корҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ зарур аст, ки вобаста ба ҳар яки онҳо ҳолатҳои зарурӣ ва амалигардӣ муайян карда шавад. Рӯйхати ҳолатҳое, ки вобаста ба корҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ барои исботкунӣ пешбинӣ карда мешаванд дар Қонунгузории ҶТ мушаххас карда шудаанд, ки ба онҳо дохил мешавад:

- воқеаҳои ҳуқуқвайронкунӣ (вақт, ҷой, восита ва дигар ҳолатҳои содиркунии вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ);
- гунаҳкории шахси ҷисмонӣ ва ё шахси мансабдор;
- далели содиркунии вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ аз ҷониби корхона,

ташкилот, муассиса ва ё шахсе, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст. (бе ташкили шахси юридикӣ);

- ҳолатҳое, ки ба дараҷа ва хусусияти ҷавобгарӣ барои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд;

- сабаб ва шароитҳое, ки ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ мусоидат намудаанд;

Тибқи Қонунгузории ҶТ оид ба фаъолияти гумрукӣ қарор ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми ба амалбарории назорати гумрукӣ, истеҳсолоти бақайдгирии гумрукӣ, бур дани истеҳсолот оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ва баррасии онҳо ва сифати ҳолатҳо ва далелҳои тасдиқ кунанда эътироф шуданашон мумкин аст, агар онҳо ба ҳуқуқвайронкуниҳо ё ин ки далелҳо муносибат дошта бошанд ва тибқи муқаррароти Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда бошанд. Шахсе, ки барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад ҳуқуқ дорад вобаста ба ҳолатҳои кор ва далелҳо баёнот диҳад.

Мувофиқи Қонунгузории ҶТ шоҳид аз хусуси ҳама гуна ҳолатҳои кор пурсида шуданаш мумкин аст, агар онҳо ба вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ дахлдор бошанд ва ҳатто ба ӯ саволҳо вобаста ба шахсияти ҷавобгар додан мумкин аст. Экспертиза ҳамон вақт таъин карда мешавад, ки агар барои фахмонда додани масоили ба миён омада донишҳои махсуси илми, маданӣ, техникӣ ва касбӣ лозим шавад. Ба сифати эксперт ҳамагуна шахси ҷисмонӣ, ки барои додани хулосаҳо донишҳои муайян дорад баромад карда метавонад. Қарор дар хусуси таъини экспертиза барои эксперт ҳатмӣ мебошад, инчунин барои шахси мансабдор, корхона, муассиса ва ё ташкилоте, ки дар он эксперт кор мекунад. Масъалаҳои дар назди эксперт гузошташуда ва хулосаҳои ӯ наметавонанд аз ҳудуди донишҳои махсусаш бароянд. Эксперт аз номи худаш хулосаҳои хаттӣ медиҳад. Дар он таҷрибаҳои аз ҷониби эксперт гузаронидашуда, хулосаҳои дар натиҷаи онҳо ба даст омада, ҷавобҳои асоснок кардашуда ва саволҳои гузашташуда оварда мешаванд. Қайд кардан ба маврид аст, ки хулосаи эксперт барои шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот ва баррасии кор оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ аст ҳатмӣ намебошад, лекин розӣ набудан ба хулосаи эксперт аз ҷониби у асоснок карда шаванд ва дар шакли қарор пешбини шуданашон лозим аст, ки дар бораи ин ба баррасии кор бахшида мешаванд. Дар мавриди зарурӣ (на он қадар равшан будан ё пуррагии хулоса, асоснок набуданаш, шубҳа овардан ва ё нодуруст шуморидани он) экспертизаи иловагӣ ё такрори таъин шуданаш мумкин аст. Экспертизаи иловагӣ ба ҳамон эксперт ё эксперти дигар, такрориаш бошад - танҳо ба дигар эксперт вогузор карда мешавад. Ба сифати хулосаи эксперт актҳо, маълумотномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки таҷриба ва хулосаҳоро на бо фармоиши шахси мансабдори мақомоти гумрук, ки дар истеҳсолот ва баррасии кор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ қарор дорад ё ин ки дигар шахсони мансабдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикисон, ки дар ихтиёрашон маводҳои кор вобаста ба оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ мавҷуд буд ҳисобида намешаванд. Ин гуна ҳуҷҷатҳо танҳо дар сурате далел ҳисобида мешаванд, ки агар далелҳои шайъӣ ва ё хаттӣ бошанд.

Мафҳуми далелҳои шайъӣ вобаста ба вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ дар чунин шакл баррасӣ шудааст. Ба сифати онҳо молҳо, васоити нақлиёте, ки бевосита объекти ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳоянд, молҳо ва васоити нақлиёте, ки дар онҳо маҳфузгоҳҳои махсус тайёр карда шудаанд, ки барои гузаронидан аз сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади панноҳ кардани предметҳои бевосита объеки ҳуқуқвайронкуни ҳисобшаванда; ҳуҷҷатҳо ва васоити баробаркардашуда, ки барои ғайри қонуни гузаронидани молҳо аз сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд; дигар предметҳо, ки дар худ изҳои ҳуқуқвайронкуниро доранд ё барои дарёфти вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ хизмат карда метавонанд ва ё барои ошкор кардани шахсияти ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои амалии кор хизматрасонанда ҳисобида мешаванд.

Далелҳои шайъӣ ба кор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ дохил карда мешаванд. Онҳо бояд мухтасар дар қарорҳо оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ гирифтани истеҳсолоти тафтишоти гумрукӣ ё дар дигар қарорҳо дида шаванд ва

вобаста ба имкониятҳо ба чоп расанд. Агар далелҳои шайъӣ вобаста ба вазнинӣ ва дигар сабабҳо ба кор илова карда шуданашон номумкин бошад аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот ва баррасии ӯ қарор дорад маълумотномаҳо тартиб дода мешавад, ки аз хусуси ҷойгиршавии онҳо гувоҳӣ медиҳад ва ин маълумотномаҳо ба кор илова карда мешаванд. Далелҳои шайъӣ то ба ҳукми амал даромадани қарор вобаста ба натиҷаи дида баромадани кор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ нигоҳ дошта мешаванд.

Тибқи Қонунгузории ҶТ ба сифати далелҳои хаттӣ, актҳо, маълумотномаҳо, ахбороти хаттӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо аз ҷониби корхона, муассиса, ташкилот, шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ банд мебошанд (бе ташкили шахси юридикӣ) шахсони ҷисмонӣ ё шахсони мансабдор далелҳо ва ҳолатҳои барои кор зарурӣ оварда шудаанд, баромад мекунанд. Дар фароварди масъалаи дида баромадани далелҳо қайд кардан ба маврид аст, ки мувофиқи Қонунгузории ҶТ ягонтои онҳо қувваи пешакии ҳатмигиро доро нестанд. Шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот ва дида баромадани кор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ қарор дорад, далелҳоро вобаста ба ризоияти иродави дохили худ, ки ба ҳаматарафа, пурра ва объективӣ будани дида баромадани ҳамаи ҳолатҳои кор дар маҷмӯи вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо диҳад. Мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони ҷисмонӣ, шахсони мансабдор, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бе ташкили шахси юридикӣ, бояд ҳангоми бозхонди онҳо вобаста ба моҳияти кор баёнот диҳад. Ин гуна шахсон ба воситаи даъватнома даъват карда мешаванд, ки дар онҳо чунин реквизитҳо қайд карда шавад; ки барои пурсиш даъват карда мешавад, кай ва барои чӣ, рӯз ва соати ҳозиршавӣ, ин чунин оқибатҳои наомаданд.

Ҳангоми муваққатан набудани шахс даъватнома бо гирифтани дастхат аз ҷониби аъзоёни калонсоли оилааш, ё коркунони ҳоҷагии манзилии ҷойи истеҳсолоташ, ё ба намояндаи ҷойи истиқоматаш ё ин ба намояндаи мақомоти худидораи маҳаллӣ супорида мешавад. Ҳангоми муваққатан набудани даъватшаванда, роҳбар ё ҷонишини корхона, муассиса мақсади дастгиркуни ва рафтори шахси ба ҷавобгарӣ кашидашаванда сахт вобастагӣ дорад. Дастгирномаи маъмурӣ ба муҳлати то 3 соат бо мақсади пешгири кардани қоидаҳои гумрукӣ истифода мешавад.

Дастгиркунии маъмурии ҳуқуқвайронкунанда ба муҳлати зиёда аз 3 соат то (то 3 рӯз) бо хаттӣ хабардор кардани прокурор дар муҳлати як соат аз лаҳзаи дастгиркунӣ то 10 рӯз бошад бо иҷозати прокурор сурат мегирад, агар:

- маълумотҳои кофӣ дар бораи гузаштани шахси ҷисмонӣ ва ё шахси мансабдор аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи пинҳон кардани молҳо дар баданашон сурат гирад;
- агар вай ба шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ зиддият нишон диҳад (ҳангоми таҳқиқи шахсият, дида баромадан):
- агар вай кӯшиши аз ҷойи ҳодиса ғайб заданро кунад;
- агар вай барои муайян кардани шахсияташ зиддият нишон диҳад.

Дар бораи дастгиркунии маъмурӣ протокол тартиб дода мешавад. Қарор оиди дастгиркунии маъмурӣ аз тарафи дастгиршуда шикоят шуданаш мумкин аст ва онро на танҳо ӯ, балки адвокат, намояндаи ӯ ба мақомоти болоии гумрук шикоят пеш меорад, ба суди ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ё прокуратура мефиристад.

Шикоят аз ҷониби онҳо дар муҳлати 3 рӯзи ба даст омаданаш бояд дида баромада шавад. Пешбинии шикоят барои қатъ гардидани дасгиркунии маъмурӣ асоси кофи шуда наметавонад.

Муҳлати дасттиркунии маъмурӣ ҳисоб карда мешавад:

- ҳангоми пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, аз лаҳзаи овардани ҳуқуқвайронкунанда ба бинои хизматии мақомоти гумрук ё дигар биное, ки вобаста ба кор ҳаракатҳоро содир кардан мумкин аст;
- барои шахсоне, ки дар ҳолати мастӣ, аз лаҳзаи ҳушёршавиашон;
- барои шахсоне, ки дар биноҳои хизматӣ вобаста ба гузаронидани назорати гумрукӣ ё бақайдгирии гумрукӣ қарор доранд, аз лаҳзаи ба итмом расидани назорат ва бақайдгирии гумрукӣ.

Шахси мансабдори гумрукӣ, ки ҳабси маъмуриро бо ҷо овардааст, ҳуқуқ дорад, ки аз коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбиёни кувваҳои сарҳадоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мусоидат намудан ҳолатҳои дастгиркуниро талаб кунад. Ин талабот барои коркунону ҳарбиён ҳатмист. Тартиби гузаронидани пурсиш оиди кори вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ тибқи Қонунгузории ҶТ ба танзим дароварда шудааст. Шахсоне, ки вобаста ба як кор пурсишашон гузаронида мешавад, алоҳида пурсида мешаванд.

- Пеш аз пурсиш шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот ва баррасии кор қарор дорад, бояд аз шахсияти пурсидашаванда огоҳ бошад ва дар ҳолати зарури - вобаста ба ваколатҳои ба зиммааш гузошташуда вобаста ба кор баёнот диҳад;
- муайян кунад, ки ӯ бо кадом забон гап мезанад:
- ба хизмати тарҷумон эҳтиёҷ дорад ё не;
- ҳуқуқу уҳдадориҳояшро фаҳмонда диҳад.

Шахсе, ки шоҳид аст, огоҳонида мешавад, ки ҳангоми рад кардан ва саркаши карданаш аз додани баёнот ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, агар ингуна ҷавобгарӣ бо қонунгузории ҶТ ва КГҶТ пешбини шуда бошад. Тартиби саршавии пурсиш вобаста ба моҳияти кор, вобаста ба ҳолати ҳуқуқии пурсидашаванда фаркият кунонида мешавад. Тибқи муқаррароти Қонунгузории ҶТ шахсе, ки нисбати ӯ талаботи пешкаш кардани ҳуҷҷатҳо пешбинӣ шудааст, уҳдадор аст, ки дар муҳлати на камтар аз 15 рӯз онҳоро ба шахси мансабдори гумрукӣ равон кунад ё диҳад. Ҳуҷҷатҳо дар шакли аслиашон пешкаш карда мешаванд. Нусхаҳое, ки ба таври зарурият тасдиқ карда шудаанд, танҳо бо розигии шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, пешкаш карда шуданашон мумкин аст, агар ин кор дар истеҳсолот е баррасии у қарор дошта бошад. Агар барои истеҳсолот ва баррасии кор як қисми ҳуҷҷат аҳамият дошта бошад, он гоҳ нусхабардори аз ин ҳуҷҷат, ки ба таври зарурият тасдиқ карда шудааст, пешниҳод карда мешавад. Иҷро накардани талабот оиди пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо мумкин аст оқибати гирифтани онҳоро ба миён орад. Тибқи Қонунгузории ҶТ гирифтани молҳо, воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳо ва дигар предметҳо мумкин мебошад:

- молҳо, васоити нақлиёт, ки бевосита объекти вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ гаштаанд;
- молҳо ва воситаи нақлиёт, ки махфузгоҳҳои махсус доранд, ки барои гузаштан аз ҳудуди сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита истифода бурда метавонанд ва объекти бевоситаи вайрон кардани қоидаҳои гумрукианд;
- воситаи нақлиёт, ки ба воситаи онҳо молҳое, ки объекта бевоситаи вайронкунии қоидаҳои гумрук гаштаанд;
- ҳуҷҷатҳо, дигар предметҳо, ки нишонаҳои далелҳои мансабиро доранд;
- молҳо, асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоғазҳои қиматноки дар шакли асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, боигариҳои асъорӣ, воситаи нақлиёт, ки барои гирифтану таъмини мусодира истифода мешаванд, ё ин ки барои нархи молҳо ва воситаи нақлиёт, ки ҳангоми ҷавобгарӣ кашидани шахси ҷисмонӣ, шахси мансабдоре, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли зисти доимӣ надорад, ё ин ки дигар шахси юридикие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалу намояндагӣ, шуъба ё дигар мақомотҳои тартиби корхона, муассиса ва ё ташкилоти хориҷӣ ва дохилӣ надошта, инчунин шахсоне, ки ба фаолияти соҳибкорӣ бе ташкили шахси юридикӣ машғуланд, капитали оинномавии пардохтшудаи молу мулк ё дигар нишонаҳои ҳаммонанди дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ гирифта, ба ғайр аз молҳо ва воситаи нақлиёте, ки дар зери назорати гумрукӣ қарор доранд ва маблағҳои ҷаримаҳои пешбинишавадаро пушонда наметавонанд ва инчунин молҳо ва васоити нақлиёте, ки барои мусодирот пешбинӣ шудаанд;

Гирифтани молҳои дар боло номбаршуда, васоити нақлиёт, ҳуҷҷатҳо ва дигар предметҳо аз тарафи шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ гузаронида мешавад, ҳатто дар мавриди гузаронидани назорати гумрукӣ, ҳангоми истеҳсолот ва ба қайдгирии гумрукӣ, тартиб додани қарор оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ, гузаронидани

тафтиши гумрукӣ, дида баромадан ва дар шакли ҳаракатҳои мустақил ва ғайра. Ҳангоми гузаронидани мусодира намчун ҳаракати мурофиавии мустақилона бояд қарори асосноккардашуда бароварда шавад.

Дар ҳолати муваққатан набудани шахси ҷисмонӣ, ё шахси мансабдор, инчунин шахсе, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бе ташкили шахси юридикӣ машғул аст, мусодира дар иштироки аъзоёни калонсоли оилаашон, ё коркунони ташкилотҳои манзилӣ вобаста ба ҷойи иқомат ё ин ки намояндаи маъмурияти ҷои кораш, хонишаш, истироҳаташ, ё ин ки намояндаи мақомоти дахлдори худидораи маҳаллӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми муваққатан набудани роҳбар, ё ҷонишини корхона, муассиса ва ё ташкилот мусодира дар иштироки дигар коркунон, намояндагони дигари мақомотҳояшон, ки бақайдгирии корхонаро, муассиса ва ё ташкилотро таъмин менамоянд, гузаронида мешавад.

Мувофиқи Қонунгузории ҶТ сардори (ё шахси ивазкунандаи он) мақомоти гумрукӣ, шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки истеҳсолотро вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ мебарад, ҳуқуқ дорад ба молҳо, воситаи нақлиёт ва дигар молу мулки шахсӣ барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, назорат барад.

Ҳангоми мумкин набудани мусодираи предметҳо ҳабс (арест) эълон кунад, агар:

а) шахси ба ҷавобгарӣ кашидашаванда якчанд бор қоидаҳои гумрукиро вайрон карда бошад;

б) ҳуқуқвайронкунанда барои вайрон кардани якчанд қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуда аст;

в) вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба манфиатҳои давлатӣ зарари назаррас расонида мешавад.

Дар бораи гузоштани ҳабс (арест) роҳбарони дахлдори мақомоти гумрукӣ қарори асоснок мебароранд. Гум кардан, баҳона кардан ва ё пинҳон доштани молу мулк, ки ба он ҳабс (арест) гузошта шудааст, мумкин аст, ки ҷавобгариро тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён орад. Истифода аз ин молу мулк танҳо бо розигии мақомоти гумрукӣ ба шарти риоя кардани талабот ва маҳдудиятҳои ба ин мақомотҳо, ки бо тартиби Қонунгузории ҶТ пешбинӣ шудааст, сурат мегирад. Ҳабс ба предметҳои, ки барои шахсони ҷисмонӣ ва шахсоне, ки дар таҳти парасторӣ қарор доранд татбиқ шуданаш мумкин аст. Рӯйхати ин гуна предметҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ ҳуқуқ доранд, таҳқиқи гумрукӣ гузаронанд, агар асосҳои кофӣ дошта бошанд, ки дар ҳудуд, ё биноҳо, воситаи нақлиёте, ки дар онҳо молҳо, воситаи нақлиёт мавҷуд бошад, ки бевосита объектҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ гаштаанд, ё молҳо ва воситаи нақлиёти паноҳгоҳи махсусдошта, ки бевосита объекти ҳуқуқвайронкуниaнд ва ё дигар предметҳое, ки нишонаҳои далелҳои шайъиро доранд, инчунин ҳуҷҷатҳое, ки вобаста ба истеҳсолоти кор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ заруранд ва ё барои баррасиашон вуҷуд доранд. Дар бораи гузаронидани таҳқиқи гумрукӣ аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ вобаста ба кори вайронкунии қоидаи гумрукӣ қарори асоснок бароварда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои гузаронидани гумрукӣ мутахассисон даъват мешаванд. Пеш аз саршавии таҳқиқи гумрукӣ шахсе, ки ҳудуд, бино ва воситаи нақлиёташ таҳқиқ карда мешавад, бо дастхати муайян бо қарори дахлдор шинос мешавад. Баъдан шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ ба ин шахс ва ё шахси онро ивазкунанда пешниҳоди ихтиёран нишон додани ҳудуд, бино ва воситаи нақлиёте, ки дар онҳо мумкин аст предметҳое, ки барои ёфтанашон таҳқиқ гузаронда мешавад, инчунин ихтиёран додани онҳо, кушодани биноҳо, зарфҳо ва дигар ҷойҳое, ки дар онҳо предметҳои дар боло, номбаршуда буда метавонанд. Ҳангоми рад кардан талаби шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ ҳуқуқ дорад ин корро мустақилона кунад. Дар баробари ин ба дарҳо, қулфҳо зарар нарасонад, агар зарурати ҳатмӣ набошад. Предметҳое, ки ҳангоми таҳқиқ ёфта шудаанд ва ба кор оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ дахл доранд ба тартиби дар боло номбаршуда мусодира карда мешаванд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқи гумрукӣ ченкунӣ, наворбардорӣ, суратгирӣ, сабти видео ва дигар васоити

техникӣ истифода мешавад. Дар бораи гузаронидани таҳқиқи гумрукӣ қарор тартиб дода мешавад. Ба мақсади дарёфт намудани изҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва далелҳои шайъӣ, муайян кардани ҳолатҳо, ки ба кор алокаманданд, шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ ҳуқуқ дорад ҷои ҳодисаро дида барояд, биноҳо, молҳо ва воситаи нақлиёт, ҳуҷҷатҳо ва дигар предметҳоро низ тафтиш намоянд.

Мувофиқи Қонунгузории ҶТ «дида баромадани ҷои ҳодиса мумкин аст дар вақти тартиб додани қарор оиди вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ҳангоми таҳқиқи гумрукӣ, мусодираи молҳо, васоити нақлиёт, ҳуҷҷатҳои ба онҳо вобаста ва дигар предметҳо гузаронида шаванд ҳамчун ҳаракати мурофиавии мустақил» баромад намояд ҳамчун ҳаракати мустақили мурофиавӣ дида баромадан дар ду ҳолат мумкин аст. Аввалан, агар молҳо, воситаи нақлиёт, ҳуҷҷатҳои онҳо ва дигар предметҳо ҳангоми назорати гумрукӣ ба дасти шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ афтидаанд, ё дар ҳолати истеҳсолотӣ, ба қайдгири гумрукӣ ё ҳаракатҳои мурофиавӣ пештар гузарондашуда, дуюмин, дар дигар ҳолатҳое, ки бо розигии шахси соҳиби мол, воситаи нақлиёт ҳуҷҷатҳои онҳо буда, дигар предметҳои барои дидан пешкаш гардида бошад. Дида баромадани ҷои ҳодиса ҳамчун ҳаракати мурофиавии мустақил дар иштироки холисон гузаронида мешавад. Дар гузаронидани он шахси ҷавобгар, шоҳид ва мутахассис иштирок мекунанд. Дар мавридҳои зарурӣ ҳангоми дида баромадани ҷои ҳодиса, ченкунӣ, сабти видеоӣ, суратгирӣ, сабти муқаррарӣ (синамоӣ), тартиб додани нақшаҳо, тасвирҳо, намунаҳо гирифта мешаванд, ба ғайр аз ин нақши изҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳо низ гирифта мешаванд. Дар бораи истеҳсолоти дидани ҷои ҳодиса ва гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ қарор тартиб дода мешавад. Ба ғайр аз дида баромадани ҷои ҳодиса оиди кори вайронкунии ҳодисаҳои гумрукӣ нишондоди молҳо, воситаи нақлиёт, ҳуҷҷатҳои онҳо ва дигар предметҳои барои ташхис гузаронида мешавад. Ташхисшавандагон шахсони ҷисмонӣ ва мансабдор, роҳбарон ва ҷойнишинҳои корхона, муассиса ва ташкилот, шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бе ташкили шахси юридикӣ машғуланд, шоҳидон буда метавонанд. Ташхисшаванда пешакӣ дар бораи ҳолатҳои кор пурсида мешавад, агар вай предметҳои ташхисшавандаро мушоҳида карда бошад. Дар бораи гузаронидани ташхис қарор тартиб дода мешавад. Аз хусуси ташхис ҳамчун ҳаракати мурофиавӣ сухан ронда як камбудии Қонунгузориро қайд кардан ба маврид аст.

Тибқи Қонунгузорӣ шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ ҳуқуқ доранд, ки дар асоси талаби хаттӣ бепул ахбороте, ки барои истеҳсолот оиди кор вайронкуни қоидаҳои гумрукӣ заруранд аз мақомоти давлатӣ ба шахсони алоҳида гиранд, аз он ҷумла ахбороти хизмати сирри тиҷоратӣ ва ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дастрас намоянд. Шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ уҳдадоранд, ки ин ахборотро барои ҳал намудани кор оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ истифода бурда, фош кардан, ба мақсади шахси истифода бурдан, ба шахсони 3-юм додани онҳо, инчунин ба дигар мақомоти давлатӣ додани он (агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита нишон дода бошад) истифода барад. Чуноне ки дар боло гуфтем, ҳангоми истеҳсолот оиди корҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ экспертиза таъин карда мешавад. Дар мавриди зарури ба гузаронидани он шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар ихтиёри ӯ истеҳсолот ва барориши парванда қарор дорад дар он хусус қарор мебарорад, ки дар он ному насаби эксперт, номи лабораторияи гумрук ё дигар ташкилоти ба ҳамин монанд, саволҳои дар назди эксперт гузошташуда, маводҳои ба эксперт пешниҳод шударо номбар мекунад. Ҳангоми таъини шахси конкретӣ ба сифати эксперт ваколатдории ӯ муайян карда мешавад. Барои гузаронидани экспертиза шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ қарори махсус бароварда, аз шахсони ба ҷавобгарӣ кашидашаванда нусаҳои имзо, хат, намунаи молҳо ва дигар предметҳоро бигиранд. Дар ҳолатҳои зарури намунаҳо ва нусхаҳо аз дигар шахсон низ гирифта мешаванд. Дар бораи гирифтани намуна ва нусхаҳо қарор тартиб дода шавад, ки дар он иштироки мутахассис бо иштироки холисон агар онҳо дар ҳаракатҳои мурофиавӣ иштирок карда бошанд қабул карда мешаванд. Бо қарор дар бораи таъмини экспертиза ва хулосаи эксперт нисбати шахси ба ҷавобгарӣ кашидашаванда танҳо баъди анҷоми истеҳсолот оиди кор ҳангоми баррасии корҳо бошад, адвакатҳо ва намояндагоне, ки ба

ҳуқуқвайронкунанда ёрии юридикӣ мерасонанд, шинос шуда метавонанд. Ғайр аз ин, шахсони номбаршуда ҳуқуқ доранд дар бораи таъини такрори экспертиза дархост пешниҳод кунанд. Дархостро шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот ва баррасии кор оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ қарор дорад дида метавонад. Ҳангоми рад кардани дархост қарори одилона қабул карда мешавад ва ё сабабҳои рад кардан дар қарори ӯ оиди муҳокима кардан барои Мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилот, инчунин ревизорҳо, мутахассисон, ки ба онҳо гузаронидани ревизия вогузор шудааст, тафтишу барӯйхатгирӣ, аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешаванд. Тартиби гузарондани ҳаракатҳои номбаршуда ва бақайдгирии натиҷҳои онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Натиҷаҳои он ба шахси тафтишшаванда дар муҳлати на камтар аз 15 рӯзи баъди тамомшавиашон, хабар дода мешавад.

Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки ин қарорҳо вобаста ба шаклҳои муайянкардаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешаванд. Дар баробари ин талаботҳо умумӣ вобаста ба қарор пешбини шудаанд, дар дигар ҳолатҳо бошад, талаботҳои иловагӣ ба қарори мазкур пешбинӣ шудаанд. Дар қарор нишон дода мешавад:

- номи он;
-ҷой ва вақти истеҳсолот оиди ҳаракатҳои мушаххаси мурофиавӣ ё овардан ва ҳабси ҳуқуқвайронкунанда;
- вақти саршавӣ ва ба охиррасии ҳаракат;
- мансаб, ном ва насаби шахси қарорро навишта;
- ном ва насаби ҳар шахсе, ки дар ҳаракатҳои мурофиавӣ иштирок намудааст;
- нишонии вай, шаҳрвандӣ, маълумот дар бораи донистани забон;
- мазмуни ҳаракат, пайдарҳамии гузаронидани он;
- ҳолатҳои амалие, ки дар натиҷаи дидани кор аҳамият доранд.

Дар қарор бояд истифодабарии суратгирӣ, сабти синамоӣ, сабти видеоӣ, сабти шунавоӣ, истифодабарии воситаҳои техникӣ, ки дар кор истифода шудаанд ва дар истеҳсолот истифода шудаанд. Ба қарор суратҳо ва нусхаи онҳо лентаҳои синамо, сабти видео, фонограммаҳо, нақшаҳо, тасвирҳо, ки дар истеҳсолоти кор истифода шудаанд, замима мегарданд. Қарор аз ҷониби ҳамаи шахсоне, ки дар ҳаракатҳои истеҳсолот иштирок кардаанд, дар рафти он буданд, ки дар баробари ин ба онҳо қонунҳои пешбинӣ кардани эзоҳоти ба қарор пешбинигардида, имзо карда мешавад. Имзои шахси мансабдор ҳатмӣ аст. Дар қарори пурсиш, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ тартиб дода мешавад, баёнотҳои даҳонй аз ҷониби пурсидашаванда, агар онҳо натавонанд худашон баёнот диханд ё агар вай инро дуруст шуморад, оварда мешавад. Дар қарор пурсиши шоҳид, ки ба синни 16 расидааст, қайд карда мешавад, ки шоҳид барои рад кардани додани баёнот ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданаш мумкин аст, ки бо имзои шоҳид мустаҳкам карда мешавад. Ин гуна қайд дар қарори пурсиши шоҳид оварда намешавад, Агар вай ба шахси ҷавобгар ҳамсар ё хеши наздик бошад. Агар пурсиш бо иштироки мутахассис ё тарҷумон гузаронида шавад, он гоҳ дар қарор ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо фаҳмонида мешавад. Дар қарорҳои пурсиш, ки ба ҷавобгарии шахсон бахшида мешавад, ба шахси пурсидашаванда ҳуқуқ ва радияи шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ, ки дар истеҳсолот ва барояш кор қарор дорад, инчунин радияи мутахассис, аризаҳои онҳо оварда мешаванд. Агар ба ҷавобгарӣ корхона, муасисса ва ё ташкилот кашида шавад, он гоҳ ҳуқуқҳои номбурда ва радия дар қарорҳои пурсиши роҳбарон ва ё ҷонишинҳои онҳо қайд карда шудааст. Ҳангоми тамом шудани пурсиш шахси пурсидашаванда бо мазмуни қароршуда онро бо имзои худ тасдиқ мекунад. Агар қарор дар якчанд сахифа тартиб дода шавад, пурсишшаванда ҳар як сахифаро ва умуман қарорро имзо мекунад. Пурсидашаванда ҳуқуқ дорад ба баёноти шифоҳии хеш тағйироту иловаҳо ворид созад. Тарҷумон ҳар як саҳифаи қарор ва умуман қарорро имзо мекунад. Агар қарори пурсиш бо забони дигар тарҷума шуда бошад, он гоҳ ҳар як сахифаи ҳатмии он аз тарафи тарҷумон ва пурсидашаванда имзо карда мешаванд.

Мутобиқи Қонунгузории ҶТ агар шахси ба ҷавобгарӣ кашидаванда, шоҳид ё шахси дигар аз имзо кардани қарорҳои номбаршуда даст кашад, он гоҳ дар ин бора дар қарор қайд карда мешавад, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ тасдиқ карда шуда, аз ҷониби холисоне, ки дар ҳаракатҳои мурофиавӣ иштирок кардаанд ба имзо расонда шавад. Ба ҳамин монанд имзои шахсе, ки камбудиҳои ҷисмонӣ ё дигар камбудиҳо дорад ва қарорро имзо карда наметавонад, ба қарори овардан ва ҳабси маъмурии ҳуқуқвайронкунанда имзо мегузорад.

Шахсе, ки аз имзо кардан даст мекашад имконият дорад, ки сабабҳояшро пешниҳод кунад, баъдан онҳо қарор дохил ва ё замима карда мешаванд.

Қонунгузории ҶТ оиди ба фаъолияти гумрукӣ рӯйхати шахсонеро пешбинӣ намудааст, ки ба онҳо нусхаи ин қарорҳо хатман дода мешаванд, дар он оварда шудааст:

- нусхаи қарор оиди овардани шахс ба мақомоти гумрукӣ бо дастхат ба ҳамин шахс дода мешавад;
- нусхаи қарор оиди ҳабси маъмурӣ бо дастхат ба шахси ба тарики маъмурӣ дастгиршуда дода мешавад;
- нусхаи қарор оиди ҳаракатҳои мурофиавӣ дар зери дастхат ба шахси ҷисмонӣ, шахси мансабдор, роҳбар ва ё ҷонишини у ё дигар коркуни корхона, муассиса ва ё ташки лот инчунин ба шахсе, ки ба фаолияти соҳибкорӣ бе ташкили шахси юридикӣ:
- мол ва воситаҳои нақлиёт ҳуҷҷатҳояшон ва дигар предметҳояшон мусодира гаштаанд;
- ба мол, воситаҳои нақлиёт ва дигар молу мулкашон ҳабс гузошта шудааст;
- таҳқиқи гумрукии ҳудуд, бино ва ё васоити нақлиёташон гузаронида шудааст.

### АДАБИЁТ


1. Таможенное право: Учебник / Под. ред.А.Ф. Назрачев. – М.: Юристь, 1998.
2. Габричидзе Б.Н. Проктика применения Таможенного кодекса РФ / Б.Н. Габричидзе– М.: Юристь, 2005.
3. Хасанов К. Таможня Республики Таджикистан: создание и становление / К.Хасанов. - Душанбе, «Шарқи озод». -1998.
4. Козырин А.Н. Таможенное право России: Общая часть / А.Н.Козырин. – М. 1995. –С.33.
5. Чемакин И.М. Практикум по таможенному право России: Учеб. Пособие / И.М. Чемакин. – М.: Норма, 2003. – С.70
6. Тимошенко И.В. Таможенное право России: Курс лекции. Особая часть / И.В.Тимошенко. - Приор, 2001. – С.106


### МАФҲУМ, ВАЗИФА ВА МОҲИЯТИ ИСТЕҲСОЛОТИ ПАРВАНДАҲО ОИД БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола мавзуи мафҳум, вазифа ва моҳияти истеҳсолоти парвандаҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Ташкил ва баррасии истеҳсолоти парванда оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз институтҳои марказӣ дар сохтори фаъолияти гумрукии ҶТ буда, аҳамияташ дар пешгирии қонуншиканӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва дар мустаҳкамгардонии иқтисоди миллӣ ва инкишофи он зуҳур мегардад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар Қонунгузории ҶТ сабабҳои асосии оғоз кардани кор оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ оварда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** гумрук, протокол, далел, мол, муқарраршуда, ҷавобгарӣ.


### ОПРЕДЕЛЕНИЕ, ЗАДАЧИ И СУЩНОСТЬ ПРОИЗВОДСТВА ПО ДЕЛАМ О НАРУШЕНИИ ТАМОЖЕННЫХ ПРАВИЛ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматриваются понятие, цели и характер производства по делам о нарушении таможенных правил в Республике Таджикистан. Организация и рассмотрение дел о нарушении таможенных правил как один из центральных институтов в структуре таможенной деятельности Республики Таджикистан, имеет важное значение в предотвраћение правонарушений в сфере таможенного дела и укреплении национальной экономики и ее развитии. Автор отмечает, что законодательством Республики Таджикистан предусмотрены основные основания для возбуждения дела о нарушениях таможенных правил.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** таможня, протокол, доказательства, товары, установленная, ответственность.


### DEFINITION, TASKS AND ESSENCE OF PROCEEDINGS ON CASES OF VIOLATION OF CUSTOMS RULES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The article discusses the concept, goals and nature of proceedings in cases of violation of customs rules in the Republic of Tajikistan. The organization and consideration of cases of violation of customs rules, as one of the central institutions in the structure of the customs activity of the Republic of Tajikistan, is important in preventing offenses in the field of customs

and strengthening the national economy and its development. The author notes that the legislation of the Republic of Tajikistan provides the main grounds for initiating a case on violations of customs rules.

**KEYWORDS:** customs, protocol, evidence, goods, established, responsibility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исматов Исмоил*** – ДМТ, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93 183 71 61.**

**Сведение об авторе**: ***Исматов Исмоил*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93 183 71 61.**

**Information about the author**: ***Ismatov Ismoil*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **93 183 71 61.**

# ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА МАНЗИЛ

***Файзуллозода Ё.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд омаданд, аз ҷумла соҳаи муносибатҳои манзилӣ дигаргун гардидаанд. Таваҷҷуҳ ба ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил бо арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ зиёд гардид. Манзили зист яке аз арзишҳои волотарине мебошад, ки бе қонеъ намудани талаботи аъзоёни ҷомеа ба он наметавон мавҷудияти муқаррари ва фаъолияти ҷомеаи инсониро тасаввур намуд. Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи инсонро арзиши олӣ эътироф намуда, давлат ба ҳар як шахс шароити арзандаи зиндагӣ ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад, ки ин яке аз функсияҳои иҷтимоии он ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Яке аз заминаҳои фароҳам овардани зиндагии арзанда барои шаҳрвандон ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаи бо манзили обод таъмин намудани онҳо мебошад. Шахсони муҳтоҷи манзил эҳтиёҷоти худро аз ҳисоби хонаҳои хусусии сохтаашон ё аз ҳисоби фонди манзили давлатӣ ё ҷамъиятӣ, кооперативӣ ё хусусӣ ва бо роҳи бастани шартномаи иҷораи манзил ҳал мекунанд [1, саҳ. 199].

Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ дохил мешаванд [2, саҳ. 517].

Тибқи моддаи 36-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

Конститутсия ҳама гуна амалро, ки барои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил монеъ мегардад, манъ мекунад. Дар моддаи 22-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии манзили шахс таъкид шудааст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касро аз манзил маҳрум кардан манъ аст. Инчунин, ғайриқонунӣ гузаронидани кофтуков, аз хона баровардан ва амалҳои дигари ғайриқонунӣ дахлнопазирии манзили шахсро халалдор мекунанд ва кирдори ҷиноӣ мебошанд. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил аз муайян намудани реҷа дар манзили худ, қоидаҳои қабул ва гусели меҳмонон ва ваколати андешидани чораҳои маҳдуд намудани ворид шудан ба манзил иборат аст. Шаҳрванд ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро доро аст, яъне ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, кӯшишҳои бидуни хоҳиши ӯ зӯран ба манзилаш ворид шудани касро пешгирӣ намояд (м. 177-и КГ ҶТ). Ҳуқуқ ба манзил маънои онро дорад, ки ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад манзил дошта бошад ва озодона онро ихтиёрдорӣ намояд, инчунин имконияти воқеии ба даст овардани онро дошта бошад. Давлат ба худ уҳдадорӣ гирифтааст, ки аз ҳисоби фондҳои давлатӣ ва дигар фондҳо шаҳрвандони камбизоат ва дигар категорияи шахсони дар қонун пешбинишударо ба манзил таъмин намояд. Инчунин,

нисбати дигар шаҳрвандон давлат ӯҳдадор аст, ки имконияти воқеии амалӣ намудани ҳуқуқ ба манзилро бо роҳи ҳавасманд намудани сохтмони манзили хусусӣ муҳайё намояд. Манзили истиқоматӣ на танҳо ҳамчун муҳити зист, ҷойи истироҳат, фаъолити зеҳнӣ ва дарсхонӣ, балки асоси моддӣ барои ташкили оила, таваллуди кудакон низ мебошад. Кӯтоҳтар сухан гуем бе манзили истиқоматӣ зиндагии шоистаи инсонро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Манзили истиқоматӣ дар баробари хӯрок ва анҷому асбоби рӯзгор яке аз шароитҳои асосии моддии зиндагонии инсон ба ҳисоб меравад. Ба воситаи истифодаи манзил инсон талаботҳои дахлнопазирии шахсӣ ва оилавии худро қонеъ карда метавонад. Талабот ба манзил аз лаҳзаи таваллуди инсон ба вуҷуд омада, дар тамоми умр нигоҳ дошта мешавад, яъне характери доимӣ дорад. Барои амалӣ шудани унсурҳои асосии рушди инсон: тандурустӣ, таҳсил, озодиҳои шахсӣ ва камолоти касбӣ доштани манзили истиқоматӣ мусоидат мекунад [3, саҳ. 7].

Ҳуқуқи моликӣ ба хонаи истиқоматӣ, ки шаҳрванд барои худ, оила, фарзандони имрӯзаю ояндааш ба даст медарорад, яке аз сабабҳои хотирҷамъии ҳаёти ӯ мебошад. Ҳуқуқи моликиро ба хонаи истиқоматӣ, ки соҳибмулк дорад, шахси дигар дар асоси шартномаҳои хариду фурӯш, иваз, ҳадя ё дигар аҳдҳо аз дасти молик бо роҳи қонунӣ баровarda ба дасти дигарон дода метавонад [4, саҳ. 3]. Дар зери мафҳуми манзил хонаи истиқоматии фардӣ бо биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии ба он дохилшаванда, бинои истиқоматӣ новобаста аз шакли моликият ва ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё сохтмони ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъин гардидааст, фаҳмида мешавад. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил дар кишвар солҳои охир мавзуи хосатан мубрам мебошад. Давлат талаботҳои шаҳрвандони худро ба манзил, ки аз таъмини вазифаҳои иҷтимоии он бар меояд, тавассути сохтани манзилҳои истиқоматӣ, шартномаи кироя иҷтимоӣ ва дигар воситаҳо таъмин менамояд. Соҳаи хоҷагии манзил яке аз соҳаҳои душвори хоҷагии халқ ба шумор меравад, ки ба он сохтмони манзил ва таъмири он, идоракунии фонди манзил ва мазмуни он дохил мешавад.

Фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистонро биноҳои истиқоматӣ, хонаҳои истиқоматӣ, инчунин дигар биноҳое, ки пас аз қабул ба истифода ва бақайдгирии қонунӣ тибқи муқаррароти қонун ба фонди манзил дохил шудаанд, ташкил медиҳад. Ба фонди манзил хонаҳои дар биноҳои ғайриистиқоматӣ воқеъгардида, ки барои зарурати савдо, маишӣ ва дигар эҳтиёҷоти ғайрисаноатӣ пешбинӣ шудаанд, дохил намешаванд [5].

Тибқи муқаррароти моддаи 10 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд тибқи тартиби муқарраргардида дар биноҳои фонди манзили давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва ё дар кооперативҳои манзилу сохтмон хона гиранд. Хонаи истиқоматӣ аз биноҳои фонди манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, инчунин кооперативҳои манзилу сохтмон, барои шаҳрвандон ба истифодаи бемӯҳлат дода мешаванд. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон биноҳои истиқоматии шахсӣ, қисми хона ё квартираҳо дар биноҳои фонди давлатӣ ва ҷамъиятӣ дошта бошанд. Ҳеҷ касро бидуни асос ва хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳо аз хонаи ишғолнамудаашон берун кардан ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқи истифодаи манзил аз ҷониби онҳо мумкин нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон ҳуқуқи худро ба манзил бо роҳи сохтмони давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва инфиродӣ таъмин карда метавонанд. Сохтмони давлатии манзил аз ҷониби давлат ба амал баровarda шуда, ба эҳтиёҷмандон, шаҳрвандони дигари дар қонун зикршуда, ки ба манзил эҳтиёҷ доранд, он аз ҳисоби фондҳои манзилии давлатӣ ройгон ё бо тариқи шартномавӣ тақсим карда мешавад. Фонди манзили давлатӣ маҷмуи биноҳои истиқоматӣ ва дигар манзилҳое мебошанд, ки дар моликияти давлатӣ қарор доранд. Фонди манзили давлатӣ ин фонди манзили идоравӣ буда, дар пешбурди фаъолияти хоҷагидории ташкилотҳои давлатӣ ва идоракунии оперативии муассисаҳои давлатӣ қарор дорад. Давлат ба шаҳрвандони худ ба тариқи ройгон ё шартномавӣ манзил медиҳад, ки онҳо дар ҳолатҳои зерин қарор дошта бошанд. Якум, инҳо шахсоне мебошанд, ки ба манзил эҳтиёҷ доранд, яъне онҳо майдони истиқоматӣ надоранд ё андозаи нокифоя доранд ва тибқи қонунгузории амалкунанда ба манзил этиёҷманд даниста мешаванд. Дуюм ҳолати ҷойдошта ин манзил ба шаҳрвандони камдаромад ва камбизоат, ки чунин этироф шудаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун дода мешавад. Айни замон барои ҳар як

шаҳрванд миқдори хонаҳои истиқоматӣ маҳдуд карда намешавад, аммо талабот оид ба меъёрҳои санитарию гигенӣ, зидди сӯхтор ва беҳдошти экологӣ, архитектураи шаҳрсозӣ мутобиқат намудани он вучуд дорад. Сохтмони ҷамъиятӣ аз ҳисоби корхонаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият амалӣ мегардад. Эҳтиёҷманд донистани шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ чуноне ки дар боло қайд намудем, шаҳрванд дар ҳолатҳо ва асосҳое, ки барои гирифтани манзил дар ҳолати зарурӣ қарор дорад ба назар гирифта шуда, таъмини бинои истиқоматӣ ба шаҳрвандоне, ки мурочиат мекунанд бо меъёрҳои манзилӣ муайян шуда, эҳтиёҷоти онҳо қонеъ карда мешавад. Ба сохтмони ҷамъиятӣ бинои истиқоматӣ ва манзили истиқоматӣ дар дигар сохтмонҳо дохил мешаванд, ки дар моликияти ташкилотҳои алоҳида қарор доранд. Хусусияти асоси фонди манзили ҷамъиятӣ дар он аст, ки манзилҳои он барои бо манзил таъмин намудани пеш аз ҳама аъзоён ва хизматчиёни ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Шаҳрвандоне, ки ба беҳтар кардани шароити манзил этиёҷманданд, ҳуқуқ доранд аз фондӣ манзили давлатӣ ё ҷамъиятӣ барои истифода хонаҳои истиқоматӣ гиранд. Сохтмони кооперативӣ аз воситаҳои пулии шаҳрвандон, ки дар кооперативҳои сохтмони манзил муттаҳид шудаанд, амалӣ карда мешавад. Аъзоёни кооперативҳои манзилу сохтмон, шаҳрвандоне, ки хона ва ё квартираи шахсӣ доранд, инчунин дигар шаҳрвандони сокини ин биноҳо, ки эҳтиёҷманди беҳтар намудани шароити манзиланд, бо хона таъмин карда мешаванд. Сохтмони инфиродӣ дар замони имрӯза нақши асосӣ ва калидиро дар таъмини этиёҷоти шаҳрвандон ба манзил бозида истодааст, ки аз ҳисоби воситаҳои пулии ҳар шаҳрванд бо мақсади иқомати минбаъда дар он сурат мегирад. Фонди манзили инфиродӣ маҷмӯи биноҳои истиқоматие мебошад, ки дар моликияти шаҳрвандон ва инчунин дар моликияти шахсони ҳуқуқӣ, ки ба сифати молик баромад мекунанд, қарор дорад. Ба фонди манзили инфиродӣ дохил мешавад: бинои истиқоматии инфиродӣ, хусусигардонидашуда, хонаҳои сохташуда ва харидашуда, квартираҳо дар биноҳои кооперативҳои манзилу сохтмонӣ ба пуррагӣ ҷудо намудани аъзоҳаққӣ, дар биноҳои соҳибмулкони инфиродии квартираҳо, хонаҳое, ки шаҳрвандон бо дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ соҳибмулк гардидаанд. Дар замони муосир яке аз сарчашмаҳои асосии зиёд кардани фонди манзили шаҳрвандон ин сохтмони биноҳои нави истиқоматӣ дар асоси ҳуқуқи моликият аз ҳисоби маблағи шахсӣ бо истифодаи кредити давлатӣ, маблағҳои баргардониданашаванда ба ҳисоб меравад. Инчунин, сарчашмаи муҳимми зиёд кардани фонди манзили инфиродӣ ин аз тарафи шаҳрвандон хусусӣ гардонидани хонаҳои истиқоматӣ (квартираҳо) мебошад, ки дар биноҳои фонди манзили давлатӣ қарор доранд. Таҳти мафҳуми хусусигардонии манзил - ин дар асоси ихтиёрӣ аз фонди манзили давлатӣ бемузд ба моликияти шаҳрвандон гузаронидани манзилҳои истиқоматие, ки онҳо ишғол намудаанд, мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои идораи маҳаллӣ муҳайё намудани шароит ҷиҳати баамалбарории ҳуқуқ ба манзили шаҳрвандонро таъмин менамояд. Тавре ки маълум аст, яке аз функсияҳои давлатии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ барои шаҳрвандон мебошад, ки мисоли онро мо метавонем дар таъмини шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзил мушоҳида намоем. Шаҳрвандоне, ки шароити харидорӣ намудани мазили истиқоматиро аз фондҳои хусусӣ надоранд, ҳуқуқ ба манзили худро тавассути шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ аз ҳисоби фонди манзили давлатию ҷамъиятӣ амалӣ мегардонанд ва барои ин мақомоти идораи маҳаллӣ ва дигар мақомотҳои дахлдор шароит фароҳам меоваранд. Масалан, мақомоти идораи маҳаллӣ барои таъмини шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзил аз ҳисоби фондҳои давлатӣ комиссия таъсис дода, шаҳрвандони эҳтиёҷманд ба манзилро ба рӯйхат гирифта, тибқи навбат ба онҳо ордер медиҳад, ки дар асоси он бо шаҳрвандон шартномаи кирояи иҷтимоии манзили истиқоматӣ баста, ба ҳамин васила онҳо ба манзили истиқоматӣ таъмин карда мешаванд. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ба вуҷуд омадани иқтисоди бозаргонӣ ва пурра тағйир ёфтани сохтори иҷтимоӣ, ки ба ҳаёти миллионҳо шаҳрвандони кишвар таъсири худро расонд, боиси тағйироти куллӣ дар қонунгузории манзил гардид. Соҳаи муносибатҳои манзилӣ дигаргун гашта, дар ин асос фондҳои манзилӣ ҷудо гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳои соҳибмулкони фондҳо дар инсоҳа муайян гардидаанд.

Чуноне ки ба мо маълум аст, дар замони муосир илму техника бо суръати баланд дар ҷараёни пешрафту тараққиёт қарор дорад. Ин ҷараён ба муносибатҳои ҷамъиятӣ низ

таъсири худро расонидааст, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқи манзилӣ низ ба таври васеъ инкишоф ёфта истодаанд. Дар ҷомеаи муосир имрӯзҳо навъҳои гуногуни манзили истиқоматӣ ба миён омадаистодаанд. Танзимкунандаи ин гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил якчанд санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз он ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 1, Кодекси Шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи нигҳдории биноҳои бисёрхонагӣ ва ширкати соҳибмулкони манзил», Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии фондӣ манзил дар ҶТ», Қароҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба танзимдароварандаи ин гурӯҳи муносибатҳоянд. Дар баробари санадҳои болозикршуда, ҳоло ҳам масъалаҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил ба таври васеъ ҳалли худро наёфтаанд, ба монанди мафҳумҳои пурра оиди бинои истиқоматӣ, манзили истиқоматӣ, квартира, роҳрав, пешайвон, бомхона, таҳхона ва ғ. Асосан танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил ин Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 12-декабри соли 1997 қабул гаштааст, ки баъзе меъёрҳои он ба замони имрӯза ба таври пурра ҷавобгӯ нестанд. Ба таври намуна агар мо танҳо симои шаҳри Душанберо дар соли 2021 бо солҳои қаблӣ муқоиса намоем, тамоман ба таври куллӣ дигаргун гашта, объектҳои гуногун ва тариқи сохтмонҳои нави муосиру замонавӣ ба миён омадаанд, ки ин худ асоси гуфтаҳои боло мебошад.

Имрӯзҳо дар амалия баҳсҳои граждании зиёд байни шаҳрвандон ва соҳибмулкони манзил дар биноҳои истиқоматӣ ба чашм мерасад, ки ин ҳам аз пурра ва равшан набудани мафҳумҳои болозикршуда гувоҳӣ медиҳад. Мисоли ин шуда метавонад, дар ҳолате, ки боми бинои истиқоматӣ хароб ё фарсуда мешавад, дар фаслҳои сол ҳангоми боришот об ба манзилҳои истиқоматӣ ҷорӣ мешавад, соҳибмулкони манзилҳои истиқоматӣ чунин ақида доранд, ки гуё танҳо соҳибмулки дар ошиёнаи боло қарордошта ухдадор аст, ки таъмири бомхонаро гузаронад ва ё ин ки дар ҳолати хароб гаштани қубурҳо дар таҳхона соҳибмулки манзил чунин ақида доранд, ки гуё танҳо соҳибмулкони дар ошёнаи якум қарор дошта ухдадор аст, ки таъмири қубурҳоро гузаронад. Баръакси ин ҳолатҳо низ ҷой дорад, ки соҳибмулкони дар ошиёна боло ва ошиёнаи якум чунин ақида доранд, ки гуё бомхона танҳо ба соҳибмулки ошиёнаи боло ва таҳхона ба соҳибмулки ошиёнаи якум таълуқ дошта бошад, ки ин ҳам бошад ғалат аст. Қонунгузорӣ бошад ин ҷойҳоро барои истифодаи умумии соҳибмулкони манзил пешбинӣ мекунад ва соҳибмулкони манзил ҳуқуқи истифодабарӣ ва ухдадории баробар барои нигоҳубини ин қисмҳои бинои истиқоматӣ доранд.

Яке аз масъалаи асосие, ки солҳои охир ҷомеаро ба ташвиш овардааст, дар соҳаи ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил ин ҷойи истиқомати занон баъди қатъ гардидани муносибатҳои зану шавҳарии онҳо мебошад. Занҳо дар чунин ҳолатҳо танҳо муроҷиат ба мақомоти судӣ намуда, дар сурати аз ҷониби суд ҳамчун аъзои оилаи молик этироф шуданашон, ҳуқуқ доранд ба қисми хонаи истиқоматии молик маскун карда шуда, аз он истифода намоянд. Дар амал бошад, маскун намудани занҳо дар ин гуна ҷойҳо ба онҳо мушкилиҳои зиёд эҷод менамояд, ки ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки чунин маскункунӣ натиҷаи давомнок надошта, оқибат бештари занҳо аз хонаи маскуншудаашон мераванд ва мушкилоти онҳо ҳалношуда боқӣ мемонад. Мушкилоти дигари дар самти таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзили муносиби истиқоматӣ ҷойдошта ин вазъи зиндагонии шахсоне, ки дар хобгоҳҳои умумӣ сукунат доранд, хеле ташвишовар ба ҳисоб меравад. Чунки истиқоматкунандагони баъзе, аз ин биноҳо ба шароити одии зарурӣ барои рузгузаронӣ таъмин нестанд, ки ин ҳолатҳо боиси таъсир расондан ба вазъи саломатӣ ва зиндагии ояндаи шахсон мегардад. Аксарияти хобгоҳҳои умумии идоравӣ ба идоракунии мақомотҳои маҳаллии ҳокимиятӣ давлатӣ гузаронида нашудаанд. Чунин хобгоҳҳо аз тарафи шахсони алоҳида харида шуда, дар натиҷаи амалҳои хусусигардонии хобгоҳҳои умумии ба корхонаҳо ва муассисаҳо тааллуқдошта истиқоматкунандагони ин хобгоҳҳо бе назардошти талаботи қонунгузорӣ кӯчонида шудаанд.

Манзили истиқоматӣ манзили алоҳида мебошад, ки барои зиндагии доимӣ мувофиқ буда, ба талабот ва қоидаҳои техникӣ, санитарӣ ва ғайра ҷавобгӯ мебошад. Манзил дар ҷои муайян ва ҳудуди муайян воқеъ буда метавонад. Хонаҳои истиқоматӣ, квартираҳое, ки дар моликияти шаҳрвандон мебошанд ва биноҳои истиқоматии хусусигардонидашуда фонди

манзили инфиродиро ташкил медиҳанд. Тавре ки аз тафсири илмию оммавии Конститутсия бар меояд, манзили истиқоматӣ, яъне хонаҳое, ки шаҳрвандон месозанд, бояд дар қитъаи замине, ки мутобиқи лоиҳаи мақомоти маъмуриву шаҳрсозӣ. ки барои сохтмони ҳавлиҳо мураттаб шуда ва ба меъёрҳои зидди сӯхтор ва беҳдошти табиат, архитектураи шаҳрсозӣ мувофиқ карда шудааст, сохта шаванд. Роҳи дигари ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликиятӣ ба манзил гирифтани мерос мебошад. Агар мерос кушода шавад, молу мулки шахси фавтида ба меросхӯрони он мегузарад. Таъминот ба манзили кофӣ ба сифати яке аз талаботҳои асосии қонунии инсон баррасӣ мешавад. Бе таъмини манзил дар бораи риояи ҳуқуқҳои инсон чизе гуфтан душвор аст. Дар айни замон мавҷудияти дастрасӣ ба манзили бехавф ба одамон имконияти истифодаи дигар ҳуқуқҳоро низ медиҳад. Ба ин тариқ, таъмини ҳуқуқ ба манзил асоси боэтимоди истифодаи дигар ҳуқуқҳои инсон мебошад.

Мувофиқи маълумоти Маркази СММ дар бораи мавзеъҳои аҳолинишин беш аз 1 миллиард аҳолии рӯи Замин манзили кофӣ надоранд ва зиёда аз 100 млн одам дар шароитҳое зиндагӣ мекунанд, ки онҳоро ба категорияи одамони бехона мансуб донистан зарур аст. Мафҳуми ҳуқуқ ба манзили кофӣ тавзеҳи худро дар ҳуҷҷати муҳимми байналмилалӣ – Стратегияи глобалӣ дар соҳаи манзил ёфтааст, ки мундариҷаи мухтасараш чунин аст: манзили кофӣ маънии ҳимояи зарурии ҳаёти шахсӣ, манзил барои зиндагӣ зарурӣ, амнияту рӯшноӣ ва ҳавотозакунаки зарурӣ, инфраструктураи заминавии зарурӣ ва ҷойгир будани манзил на дар наздикии объектҳои истеҳсолӣ ва дигар сохтмонҳои асосиро дорад ва ин ҳама бояд дастраси шаҳрвандон бошад [6, саҳ. 209].

Ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба шумор рафта, дар байни дигар ҳуқуқҳояш муҳим ва ҷудонашаванда эътироф гардидааст. Дар санадҳои байналмилалӣ ҳуқуқ ба манзил бо ду тарз ифода меёбад: яке бевосита, яъне ба сифати ҳуқуқи асосии инсон, ки ба ҳар кас тааллуқ дорад ва дигаре дар қаринаи дигар гуруҳҳои ҳуқуқҳо ва озодиҳо қарор дорад. Ҳамчунин, вобаста ба ин ҳуқуқ дар банди якуми моддаи 25-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар гуфта шудааст: «Ҳар як инсон ба чунин сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла хӯрок, пӯшок, манзил, нигоҳубини тиббӣ ва таъминоти зарурии иҷтимоие, ки барои нигаҳдории сиҳатӣ ё дигар ҳолатҳои маҳрумият аз воситаҳои зиндагӣ, ки бо сабабҳои новобаста аз ӯ ба вуҷуд меоянд, ҳақ дорад». Дар банди якуми моддаи 11-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ омадааст: «Давлатҳои иштирокдори ин Паймон ҳуқуқи ҳаркасро ба сатҳи кофии зиндагӣ барои худи ӯ ва оилааш, ки ғизо, либос ва манзили кофӣ ва муттасил беҳшавии шароитҳои зиндагиро фаро мегирад, эътироф менамоянд». Ба ғайр аз ин, ҳуҷҷатҳои зикршудаи байналмилалӣ, инчунин, дигар ҳуҷҷатҳо мавҷуданд, ки ҳуқуқи ҳар касро ба манзили кофӣ муайян мекунанд, аз ҷумла Конвенсияи пешрафти иҷтимоӣ ва рушд (соли 1969), Конвенсияи Ванкувер дар бораи мавзеҳои аҳолинишин (соли 1976), Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ, Конвенсияи СММ дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон, Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва яккатор сандҳои байналмилалии дигар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми онҳоро эътироф намудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе:- Шарқи озод, 2009с, Саҳ 199.
2. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, зери таҳрири, академики Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ.профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – Саҳ.517.
3. Қурбоналиев Н.Ш. Ҳуқуқи манзил: Воситаи таълимӣ // Зери таҳрири д.и.ҳ. профессор, Ғаюров Ш.К. – Душанбе. 2015с.-Саҳ. 7.
4. Усмонов О.У. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба манзил ва ҳифзи он / О.У.Усмонов. –Душанбе: «Ирфон», 2005с. Саҳ.3.
5. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 23-24. Моддаи 338 ).- Душанбе – 2011с
6. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарси барои синфи 10.- Душанбе: “ТоРус”,2010с. Саҳ.209


**ҲУҚУҚИ ШАҲРВАНДОН БА МАНЗИЛ**


Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи гражданӣ, яъне ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Манзили зист яке аз арзишҳои волотарине мебошад, ки бе қонеъ намудани талаботи аъзоёни ҷомеа ба он наметавон мавҷудияти муқаррарӣ ва фаъолияти ҷомеаи инсониро тасаввур намуд. Манзили истиқоматӣ на танҳо ҳамчун муҳити зист, ҷойи истироҳат, фаъолити

зеҳнӣ ва дарсхонӣ балки инчунин асоси моддӣ барои ташкили оила, таваллуди кудакон мебошад. Мубрамияти мавзӯи мазкурро инчунин мавҷудияти камбудиҳои дар қонунгузории манзил ва номукамалии механизмҳои кафолати ҳуқуқи таҳлилшаванда асоснок менамоянд. Мақсади мақолаи мазкур таҳлили ҳаматарафаи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манзил дар раванди амалигардонии он ва танзимнамоии соҳаи мазкур мебошад.
**КАЛИДВОЖАҲО:** конститутсия, конвенсия, ҳуқуқ ба манзил, дахлнопазирии манзил, ҳуқуқи инсон, манзили давлатӣ, манзили ҷамъиятӣ, манзили кооперативӣ, манзили хусусӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон ба манзил, қонунгузорӣ.

**ПРАВО ГРАЖДАН НА ЖИЛИЩЕ**

В данной статье рассматривается один из важнейших вопросов гражданского права, т.е. право граждан на жилище. Жилье является одной из высших ценностей, без удовлетворения потребностей членов общества в ней невозможно себе представить нормальное существование и функционирование человеческого общества. Жилье – это не только среда жизнедеятельности, место отдыха, интеллектуальной деятельности, учебы, но и материальная база для создания семьи, рождения детей. Актуальность данного вопроса обосновывается также наличием недостатков в жилищном законодательстве и несовершенством механизмов обеспечения анализируемого права. Цель данной статьи является комплексный анализ прав граждан Республики Таджикистан на жилище в процессе ее реализации и регулирование данной сферы.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** конституция, конвенция, право на жилище, неприкосновенность жилища, права человека, строительство, государственное жилище, общественное жилище, кооперативное жилище, частное жилище, права граждан на жилище, законодательство.

**CITIZENS RIGHTS TO HOUSING**

This article discusses one of the most important issues of civil law, i.e. the right of citizens to housing. Housing is one of the highest values, without meeting the needs of members of society in it, it is impossible to imagine the normal existence and functioning of human society. Housing is not only a living environment, a place of rest, intellectual activity, study, but also a material base for creating a family, having children. The relevance of this issue is also justified by the presence of shortcomings in the housing legislation and the imperfection of the mechanisms for ensuring the analyzed right. The purpose of this article is a comprehensive analysis of the rights of citizens of the Republic of Tajikistan to housing in the process of its implementation and regulation of this area.
**KEYWORDS:** constitution, convention, right to housing, inviolability of home, human rights, construction, state of residence, social housing, cooperative housing, private housing, citizens' rights to housing, legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзуллозода Ёқубҷон Фатҳулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-63-07-22.**

**Сведение об авторе:** ***Файзуллозода Ёкубджон Фатхулло*** – Таджикский национальный университет, магистр первого курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 988-63-07-22.**

**Information about the author*: Faizullozoda Yoqubjon Fathullo*** – Tajik National University first-year Master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988-63-07-22.**

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ САЙЁҲИИ ГАСТРОНОМӢ ҲАМЧУН НАМУДИ САЙЁҲӢ

***Саидсаҷод С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар сайёҳии муосир таърифи ягонаи мафҳуми сайёҳии гастрономӣ яке аз намудҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад (қисми 2 моддаи 6 Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” аз 7 августи соли 2020, №1717). вуҷуд надорад. Яке аз навъҳои сайёҳӣ, ки дар раванди он сайёҳон бо хӯрокҳои маҳалҳои гуногун ва рафти омодасозиашон шиносоӣ пайдо мекунанд, ин сайёҳии гастрономӣ мебошад. Дар заминаи сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакат, соҳаи сайёҳии Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври мусбат ва ҷолиб арзёбӣ гардида, мавқеи худро тадриҷан беҳтару мустаҳкам намуда истодааст. Барои рушди сайёҳии байналмилалӣ дар мамлакат тибқи ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 меъёрҳои қабулшудаи байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар амал татбиқ гардида, нуқтаҳои қабули сайёҳон, аз

ҷумла фурудгоҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ ва маҳаллӣ, гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ва терминалҳои нақлиётӣ ба таври муосир ба роҳ монда мешаванд. Ҳамчунин, бренди сайёҳии ҷумҳурӣ васеъ тарғибу ташвиқ гардида, бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ дар самти мутобиқгардонии маҳсулоти сайёҳии мамлакат ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ боз ҳам ҷоннок мешавад. Татбиқи пурра ва самараноки стратегия ба рушди сайёҳӣ мусоидат намуда, яке аз омилҳои баланд бардоштани иқтисодиёти миллӣ мегардад.

Мафҳумҳои «сайёҳии кулинарӣ», «сайёҳии гастрономӣ», «турҳои гастрономӣ» мавҷуданд. Шумораи маршрутҳои гастрономӣ сол то сол зиёд мешавад. Чунин таваҷҷуҳ ба турҳои гастрономӣ на танҳо бо он шарҳ дода мешавад, ки соҳил ва дигар намудҳои анъанавии сайёҳӣ якрангӣ шудаанд. Ҳангоми интихоби тур сайёҳон бештар ба сайёҳии гастрономӣ майл доранд, зеро масалан, бештари маълумоти мавриди таваҷҷӯҳро метавон бо истифода аз захираҳои интернетӣ ба даст овард ва ба шахс лозим нест, ки ба макони тамаркузи он сафар кунад ва инсон метавонад сайёҳии худро санҷад. Таомҳои дӯстдоштае, ки дар ҷаҳон монанд надоранд, шахс метавонад танҳо дар ҷои худ ватани таърихӣ ё дар минтақаҳои эътирофшудаи сайёҳии гастрономӣ ба онҳо дастрасӣ пайдо намояд.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи сайёҳӣ" аз 7 августи соли 2020, №1717 **сайёҳии гастрономӣ (хондорӣ)** ин саёҳате мебошад, ки бо мақсади шиносоӣ аз таомҳои миллӣ, тарзу усули пухтупаз ва истеъмоли онҳо амалӣ мегардад.

Ҳадафи турҳои гастрономӣ лаззат бурдан аз хусусиятҳои таомҳои ин ё он кишвар мебошад. Дар айни замон, ин ҳадаф бо кӯшиши баъзе таомҳои нодир, экзотикӣ ё хӯрокҳои бешумор маҳдуд намешавад. Аҳамияти ин намуди сайёҳӣ дар баҳрабардорӣ аз дастурхони маҳаллӣ, ки дар тули асрҳо урфу одатҳои мардуми маҳаллӣ, фарҳанги таомпазии онҳо, инчунин дарки тафаккури ин мардумро аз худ кардааст, мебошад. Соли 1998 олимони Донишгоҳи Боулинг Грин (ИМА) бори нахуст истилоҳи «сайёҳии кулинарӣ»-ро ҷорӣ карданд ва соли 2003 Ассотсиатсияи байналмилалии сайёҳии гастрономӣ таъсис ёфт, ки соли 2012 истифодаи истилоҳи «сайёҳии гастрономӣ»-ро пешниҳод кард.

Сайёҳии гастрономӣ як намуди ғайриоммавии сайёҳӣ мебошад, ки бо фаъолияти музднок алоқаманд нест, ҳаракати одамонро нисбат ба ҷои истиқомати доимии онҳо дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла монотурҳои деҳот, шаҳр ва гастрономӣ, ки дорои ихтисоси муайян мебошад (асал, шароб, моҳӣ, қаҳва, чой, панир, меваю буттамева ва омехта), категорияҳо ва номгӯи сафари ин турҳо, ки самаранокии онҳо аз огоҳии ҷомеа, мақом ва эътибори чорабинӣ вобаста аст. Ба андешаи С. Шенной сайёҳи гастрономӣ шахсест, ки зуд-зуд хӯрок мехӯрад, озуқаворӣ ва нӯшокиҳои истеҳсоли ватаниро мехарад, ки афзалияташон нисбат ба муассисаҳои дараҷаи олӣ бартарӣ дорад ва қариб ҳеҷ гоҳ муассисаҳои хуроки умумиро, ки дар доираи системаи франчайзинг фаъолият мекунанд, интихоб намекунад. Ба ақидаи С. Беккерман саёҳати гастрономӣ як воситаи экспрессивӣ мебошад, ки сайёҳ метавонад тасаввуроти худро дар бораи як кишвари мушаххас инъикос намояд, ин маҷмуи саёҳатҳо, илҳоми қариб алхимиявӣ ва фарогирии пурра ба фарҳанги кишвар тавассути дарки нозукиҳои пухтупаз аст. Тури гастрономӣ барномаи махсуси интихобшудаи идонаи кулинарӣ мебошад, ки чашидани таомҳо ва нӯшокиҳо, шиносоӣ бо технология ва раванди тайёр кардани онҳо, инчунин омӯзиши ошпазҳои касбиро дар бар мегирад. Вобаста аз мақсади сафар, тур метавонад ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда, якчанд фаъолият ё як сегменти мушаххаси тури кулинарияро дар бар гирад. Аксар вақт, турҳои гастрономӣ боздид аз фестивалҳои гуногуни кулинария, идҳо ва ярмаркаҳоро дар бар мегиранд. Тури гастрономӣ ҳамчун хизмат на танҳо як сафар аст, зеро он маҷмуи хуби тарҳрезишудаи чорабиниҳо барои чашидани таомҳои анъанавии маҳаллӣ, инчунин ингредиентҳои инфиродӣ мебошад, ки дар ҳеҷ куҷо дар ҷаҳон бо завқи махсус пайдо намешаванд.

Саёҳатҳои гастрономӣ одамонеро ҷалб мекунанд, ки тиҷораташон мустақиман бо пухтупаз ва хӯрдани хӯрок алоқаманд аст (ресторaторҳо, таъмигарон, мунаққидони тарабхона ва ғайра). Онҳо ба сафари гастрономӣ мебароянд, то ки дониши касбии худро баланд бардоранд, чизҳои навро аз худ кунанд, таҷриба ҳосил кунанд. Ғайр аз он, барномаи бисёр сафарҳои гастрономӣ дарсҳои устодони беҳтарин ошпазҳоро дар бар мегирад, ки асрори пухтани як табақро мубодила мекунанд. Намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ низ ба

сафарҳои кулинарӣ мебароянд, то тиҷорати худро васеъ намоянд ва ба фурӯши турҳои гастрономӣ (рекламаи турҳои гастрономӣ) шуруъ кунанд.

Д.И. Басюк қайд менамояд, ки сайёҳии гастрономӣ (аз истилоҳи «гастрономӣ», аз юнонӣ γαστήρ – меъда гирифта шудааст), илмест, ки муносибати байни ғизо ва фарҳангро меомӯзад ва ба соҳаи фанҳои иҷтимоӣ тааллуқ дорад. Сайёҳии гастрономӣ ин саёҳат дар саросари кишварҳо ва қитъаҳо барои шиносоӣ бо вижагиҳои таомҳои маҳаллӣ, анъанаҳои ошпазӣ, инчунин озмоиши таом ё маҳсулоте мебошад, ки барои меҳмон беназир аст. Ба андешаи Т.С. Куклина сайёҳии гастрономӣ як намуди сайёҳиест, ки бо сафар ба кишварҳои гуногун бо мақсади шиносоӣ бо таомҳои миллӣ, таомҳо, нӯшокиҳо алоқаманд аст. Ба ақидаи Г.Г. Вишневская сайёҳии гастрономӣ як намуди сайёҳиест, ки бо шиносоӣ бо истеҳсол, технологияи тайёр кардан ва чашидани хӯроку нӯшокиҳои миллӣ, инчунин бо анъанаҳои ошпазии халқҳои ҷаҳон алоқаманд аст.

Сайёҳии гастрономӣ як намуди фаъолиятест, ки ҳадаф аз он шиносоӣ бо таомҳои этникии кишвар ё минтақа, маҳсулоти асосӣ, хусусиятҳои технологияи таомпазӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи дониш дар соҳаи хӯрокпазӣ мебошад.

Сайёҳии гастрономӣ як самти нави рушди сайёҳии ҷаҳонӣ буда, метавонад яке аз самтҳои имконпазири ҳифз ва рушди иқтисоди анъанавӣ, мероси фарҳангӣ ва омили рушди устувори ҳудудҳо бошад.

Турҳои гастрономӣ ба ду намуд тақсим мешаванд: деҳот (ба истилоҳ «сабз») ва шаҳрӣ. Тафовути куллии онҳо дар он аст, ки сайёҳе, ки ба деҳот меравад, кӯшиш мекунад, ки маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро бидуни иловаҳо бисанҷад.

Дар доираи саёҳатҳои «сабз», ки буттамеваҳои худрӯй дар ҷангал, сабзавот ва меваҳо дар фермаҳо, сайру гашт дар роҳҳои виносозӣ пешниҳод карда мешавад. Сафари гастрономии шаҳр метавонад аз дидани корхонаи қаннодӣ ё сехи хурди ҳасиб ва тарабхонаеро, ки ба он вобаста аст, дар бар гирад, ки дар он аз маҳсулоти дар корхона истеҳсолшуда таомҳои лазиз омода карда мешаванд.

Илова бар ин, турҳо вуҷуд доранд, ки на дар як минтақа таомҳои гуногун, балки як табақро дар минтақаҳои гуногун муаррифӣ мекунанд. Турҳои панир дар Ҳолланд, Швейтсария, Италия гузаронида мешаванд, ки дар он ҷо шахс метавонад навъҳои беҳтарини панирҳоро санҷад, ярмаркаи панирро тамошо кунад. Сафарҳои пиво дар Олмон, Австрия, Чехия, Белгия на танҳо бо навъҳои гуногуни пиво, балки барои боздид аз заводҳои пиво, барҳои машҳури пиво ва фестивалҳо ёдовар мешаванд. Бояд гуфт, ки қариб ҳар як давлат имкони рушди сайёҳии гастрономӣ дорад, зеро ҳар як кишвар таомҳои миллии худ, анъанаҳои меҳмоннавозӣ дорад. Масалан, дар Ҷопон ба сайёҳон пешниҳод мекунанд, ки маҳсулоти суширо харанд, ки баъдан дар назди сайёҳон аз ҷониби беҳтарин ошпазҳо пухта мешаванд. Макарон дар назари аввал як ғизои оддиест, ки берун аз марзҳои Италия маъмул аст, аммо сайёҳ дар сафари кулинарӣ навъҳои зиёди онро месанҷад ва муқоиса мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сайёҳии гастрономӣ то ҳол як падидаи нодир аст: хатсайрҳои хубандешидашудаи гастрономӣ вуҷуд надоранд, шумораи шаҳрвандон, ки омодаанд барои чунин сафар пул пардохт кунанд, хеле кам аст. Бо вуҷуди ин, шумораи бештари одамон аз дурнамои ин соҳаи тиҷорати сайёҳӣ огоҳанд. Яке аз хусусиятҳои асосии сайёҳии гастрономӣ дар Тоҷикистон хӯрокҳои наврӯзӣ, аз ҷумла суманак, ҳафтсин ва ҳафтшин мебошанд, ки ҳангоми таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ омода мешаванд. Нақшаҳо ҷиҳати манзур ва муаррифии ин унсурҳо ба сайёҳон бевосита ва ба воситаи интернет амалӣ шуда истодаанд. Рушди сайёҳии байналмилалӣ ва дар ин замина сайёҳии гастрономӣ ба пешрафти босуръати саноати хӯрокворӣ мусоидат мекунад. Ин буд, ки ширкатҳои маъруфи хӯроки умум дар маконҳои гуногуни сайёҳии ҷаҳон силсилаи тарабхона, қаҳвахона ва дигар муассисаҳоро таъсис додаанд. Барои Тоҷикистон ин танҳо марҳилаи аввал буда, кишвари мо бисёр хӯрокҳои лазизу диданиҳои аҷиб дорад, ки метавонад ба ҷаҳониён шоиста пешниҳод созад ва байни сайёҳони дохиливу хориҷӣ муваффақияти бештареро касб созад.

Сайёҳии гастрономӣ ба деҳотӣ ва шаҳрӣ гурӯҳбандӣ шудааст. Дар саёҳати гастрономии деҳот сайёҳон, асосан ба тайёр кардани хӯрокҳои миллӣ, ҷамъоварии маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза – ангур, сабзавот ва меваҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ машғул мешаванд. Дар саёҳатҳои гастрономии шаҳрӣ бошад сайёҳон бо фаъолияти корхонаҳо ва

сехҳои истеҳсоли хӯрокворӣ шинос мешаванд ва маҳсулоти онҳоро санҷида мебинанд. Ҳамин тавр, сафари гастрономӣ ба сайёҳон имкон медиҳад, ки дар ҷойҳои гуногун бо номгӯйи васеи хӯрокҳои миллӣ шиносой пайдо намоянд. Дар кишвари мо сайёҳии гастрономии деҳот мавқеи бештар дорад. Бино ба гуфтаи Фаридун Ҳамроев, менеҷери ширкати «Панҷакент Интур» бисёри сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф меоранд, мехоҳанд зудтар ба деҳот рафта, аз боду ҳавои тоза нафас кашанд, зебогиҳои табиати диёри моро бинанд ва бо тарзи зисти мардуми маҳаллӣ шинос шаванд.

Хӯрокҳои гуногун, дастархони бой ва меҳмоннавозии тоҷикон ҳамеша сайёҳони хориҷиро мафтун мекарданд. Оши палав, ки дар байни таомҳои тоҷикӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шудааст. Хӯрокҳои миллии тоҷикӣ бо фаровонии сабзавот, маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ фарқкунандаанд. Дар баробари ин, кишвари мо бо парвариши меваву сабзавоти тару тоза ва аз ҷиҳати экологӣ безарар шинохта шудааст. Нашъунамои онҳо на дар шароити сунъии гармхонаҳо, балки баръакс бо истифодаи нурҳои офтоб сурат мегирад. Асали тоҷикӣ, нӯшокиҳо ва обҳои маъданӣ дар ҷаҳон нодир буда, сайёҳону меҳмонон ҳангоми сафар ба Тоҷикистон аз онҳо васеъ истифода мебаранд.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи сайёҳӣ” // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.01.2022).
2. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 16.01.2022).
3. Sajna S.Shenoy. Food tourism and the culinary tourist. A thesis presented to the Graduate School of Clemson University. Advisor Dr.William C.Norman, 2005. – 210 p.
4. Беккерман С. В отпуск на кухню // Огонёк. – 2007.
5. Виды гастротуризма. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.gastrotur.ru/ gastronomicheskiy-turizm/vidi-gastroturizma (санаи муроҷиат: 12.01.2022).
6. Вишневская Г. Потенциал кулинарных туров в контексте специализированного туризма / Г.Г. Вишневская // Актуальные проблемы истории, теории и практики художественной культуры. - 2013. - Вып. 31. – С. 112-118.
7. Железова О.Р. Этнический гастрономический туризм, его роль в сохранении национальной культуры и самобытности народов / О.Р. Железова // Молодой ученый. – 2013. - № 5. – С. 855-858
8. Куклина Т.С. Гастрономический туризм на туристическом рынке. [Захираи электронӣ]. Сборник научных трудов SWORLD. Материалы международной научно-практической конференции «Современные направления теоретических и прикладных исследований 2013» 19-30 марта 2013. – Манбаи дастрасӣ: http://www.sworld.com.ua/konfer30/682.pdf (санаи муроҷиат: 15.01.2022).
9. Сайёҳии гастрономӣ: хӯрокҳои миллӣ – воситаи ҷалби сайёҳони хориҷӣ. Захираи электронӣ. – Манбаи дастрасӣ: http://jumhuriyat.tj/index.php?Art_id=44035 (санаи муроҷиат: 15.01.2022).
10. Саламатина С.Е. Состояние и перспективы развития гастрономического туризма на юге Одесской области. Одесская национальная академия пищевых технологий. Научные труды, выпуск 46, Том 2. – С. 325-329
11. Ткачук П.Ю. Новая русская кухня как фактор развития национального наследия / П.Ю. Ткачук // Вестник Луганского национального университета имени Тараса Шевченко: сб. науч. тр. / гл. ред. Е.Н. Трегубенко; вып. ред. Н.В. Вострякова; ред. сер. А.Е. Пожидаев. – Луганск: Книта, 2018. – № 1(10). – 148 с.


## МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ САЙЁҲИИ ГАСТРОНОМӢ ҲАМЧУН НАМУДИ САЙЁҲӢ


Сайёҳии гастрономӣ тибқи қонунгузории мамлакатҳои муосир, аз ҷумла Тоҷикистон яке аз намудҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста аз он ки дар мамлакат ин навъи сайёҳӣ ба таври пурра рушд накардааст, аммо дар мамлакатҳои хориҷӣ навъи паҳншудаи сайёҳӣ мебошад. Тоҷикистон дар доираи ин намуди сайёҳӣ низ имкониятҳои ғанӣ дорад, ки барои рушди сайёҳии гастрономӣ мусоидат менамояд. Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои сайёҳии гастрономӣ таҳлил карда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** сайёҳӣ, намудҳои сайёҳӣ, сайёҳии гастрономӣ, хурокҳои миллӣ, сайёҳ, турҳои гастрономӣ, сайёҳии дохилӣ, саёҳати гастрономӣ.


## ПОНЯТИЕ И ХАРАКТЕРИСТИКА ГАСТРОНОМИЧЕСКОГО ТУРИЗМА КАК ВИДА ТУРИЗМА


Согласно законодательству современных стран, в том числе и Таджикистана, гастрономический туризм является одним из видов туризма. Несмотря на то, что этот вид туризма не до конца развит в стране, он является широко распространенным видом туризма в зарубежных странах. Таджикистан также имеет богатые возможности в этом виде туризма, что способствует развитию гастрономического туризма. В данной статье анализируются понятие и особенности гастрономического туризма.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** туризм, виды туризма, гастрономический туризм, национальная кухня, туризм, гастрономические туры, внутренний туризм, гастрономический туризм.

**DEFINITION AND FEATURES OF GASTRONOMY TOURISM AS A TYPE OF TOURISM**

According to the legislation of modern countries, including Tajikistan, gastronomic tourism is one of the types of tourism. Despite the fact that this type of tourism is not fully developed in the country, but it is a widespread type of tourism in foreign countries. Tajikistan also has rich opportunities in this type of tourism, which promotes the development of gastronomic tourism. This article analyzes the concept and characteristics of gastronomic tourism.

**KEYWORDS:** tourism, types of tourism, gastronomic tourism, national cuisine, tourism, gastronomic tours, domestic tourism, gastronomic tourism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидсаҷод Саидмусаяб*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933102020.**

**Сведение об авторе**: ***Саидсаджод Саидмусаяб*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Телефон: **933102020.**

**Information about the author:** ***Saidsajod Saidmusayab*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Phone: **933102020.**

# МАФҲУМ, СУБЪЕКТ, ОБЕЪКТ ВА НАМУДҲОИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲО АЗ НИГОҲИ СОҲАҲОИ ҲУҚУҚ

***Алишерзода А. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз лиҳози ҳуқуқӣ андоз яке аз соҳаҳои муҳимтарини давлатдори ба ҳисоб меравад. Чунки аксарияти давлатҳои ҷаҳон такя ба андоз намуда, буҷетӣ давлатро бо он ғанӣ менамоянд ва онро дар самтҳои муайян гардида харҷ менамоянд. Пеш аз оне, ки дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дар бобати супоридани андоз ва пардохтҳо гап занем дар бораи аз куҷо манша гирифтани ҳуқуқи андозро дарк намоем ва донем, ки Сарчашмаи ба танзим дарори ҳуқуқи андоз чист. Ҳама соҳаҳои ҳуқуқ Сарчашмаҳои (манбаи) асосии батазимдарори худро дорад ва андоз ҳамчун яке аз соҳаҳои мустақил ва асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми муқаррар намудан, ҷамъ овардан, тағйир додан ва ё бекор кардани андозҳо ба танзим медарорад, инчунин, дорои манбаҳои батанзимдарории худ мебошад, ки инҳо ҳамчун сарчашмаҳои асосии баромад мекунад :

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Кодекси андози ҶТ;
3. Санадҳои зери қонунӣ;
4. Қарорӣ Ҳукуматӣ ҶТ;
5. Амру Фармонҳои Президенти ҶТ ва дигарон дохил мешавад.

Чи хеле ки дар боло қайд намудем, Конститутсия ҶТ ҳамчун сарчашмаи асосӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ баромад мекунад. Боби дуюми он ба “Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд” бахшида шудааст. Дар моддаи 45 дар хусуси андоз чунин қайд мешавад:

Додани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар кас мебошад.

Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунад ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамояд, қувваи бозгашт надоранд.

Мутобиқи талаботи моддаи 7 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мафҳуми “андоз” чунин қайд шудааст:

Андоз пардохти ҳатмии муқарарнамудаи Кодекси андоз ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии, бебозгашт ва беподош дорад.

Аз рӯи мафҳуми додашуда аломат ва хусусияти онро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Хусусияти ҳатмигӣ, яъне хусусияти омирона, (императивӣ) дошта, танҳо бо хоҳиши давлат ба вуҷуд меоянд.

2. Онҳо тавассути меъёрҳои ҳуқуқи молиявӣ ба миён меоянд.

3. Хусусияти бебозгашт, яъне гардониданошавандаро доро мебошад.

4. Хусусияти бебодош дорад, яъне ягон уҳдадори барои иҷро намудани ин ё он вазифа, кор ва хизматрасонӣ, давлат вазифадор намешавд.

5. Дар сурати вайрон намудани қонунгузории андоз нисбати шахс чораҳои маҷбуркунии давлатӣ татбиқ мегардад.

Инчунин, тибқи талаботи моддаи 17 - и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мафҳуми "**андозупоранда** чунин омадааст:

**Андозсупоранда -** шахсе, ки мутобиқи Кодекси андоз ба зимааш уҳдадории пардохти андозҳо гузошта шудааст. Аз ҷумла, шахси воқеӣ андозсупоранда ба ҳисоб меравад, агар чунин шахси воқеӣ (ташкилот) андозсупоранда ба ҳисоб меравад, агар ин шахс:

А)Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятеро амалӣ намояд, ки даромад медиҳад ё аз манъбаҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад.

Б)Молики ( истифодабарандаи ) молу мулке бошад, ки бояд андозбандь шавад.

В)Дар ҳудуди ҶТ ҳаракатҳо ё амалиёти андозбандишавандаро иҷро намояд.

Дар зери фаҳмиши ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда дар моддаи 18, 19 ва 20 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мешавад.

**Моддаи 18. Ҳуқуқи андозсупоранда ( агенти андоз).**

**1. Андозсупоранда ( агенти андоз) ҳуқуқ дорад:**

- аз мақомоти андоз доир ба андозҳои амалкунанда ва тағйирот дар қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот, инчунин оид ба тартиби ҳисоб кардан ва пардохтани андозҳо ва пур кардани шаклҳои ҳисоботи андоз шарҳу эзоҳ гирад;

- Манфиатҳои худро оид ба масъалаҳои муносибатҳои андоз шахсан ё тавассути намояндаи худ муҳофизат намояд;

- Дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур натиҷаҳои назорати андозро гирад;

- оид ба санҷиши ҳуҷҷатии дарпешистода огощинома гирад, ҳангоми гузаронидани назорати андоз иштирок намояд;

- агар дар Кодекси мазкур тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, аз мақомоти андоз намунаҳои (бланкаҳои) аризаҳои андоз ва шаклҳои ҳисоботро гирад, тибқи тартиби муқарраршуда ҳисоботи андозро дар шакли электронӣ пешниҳод намояд;

- ба мақомоти андоз оид ба ҳисоб кардан ва пардохт намудани андозҳо аз руи натиҷаҳои назорати андоз шарҳу эзоҳ диҳад;

- на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи аз ҷониби мақомоти андоз гирифтан аризаи хаттӣ оид ба ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет доир ба иҷрои уҳдадориҳои андоз аз варақаҳои ҳисоббаробаркунии шахсиаш иқтибос гирад;

- дар давоми 5 рӯзи корӣ дар асоси аризаи хаттӣ маълумоти зеринро гирад, аз ҷумла дар бораи мавҷуд будан ё набудани қарзи андоз, дар бораи маблағҳои даромаде, ки ғайрирезидент аз манбаъҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтааст ва дар бораи андозҳои боздошташуда (пардохтшуда);

- маълумоте, ки барои пур намудани ҳуҷҷати пардохт бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои андоз ба пардохти андозҳо зарур аст, инчуни маълумотҳоро оид ба усули пардохт андозҳо дар давоми 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи мурочиат ба мақомоти андоз гирад;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба санадҳои санҷиши андоз, огоҳинамаҳо оид ба санадҳои санҷиши андоз амали (беамалии) шахсони мансабдори мақомоти андоз шикоят намояд;

- ба риояи сирри андоз;

- иттилоот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки ба андозбандӣ дахл надоранд, пешниҳод намояд;

- муҳлати пардохти андозҳоро тибқи тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур тамдид намояд (ба таъхир гузорад)

- ба баҳисобгирӣ ё баргардонидани саривақтии маблағҳои андозҳои барзиёд супоридааш ё аз ӯ ситонидашуда (андозҳои ба буҷет барзиёд дохилшуда);

- аз шахсони мансабдори мақомоти андоз ҳангоми амалӣ намудани ҳаракатҳояшон нисбат ба андозсупорандагон риояи қонунгузории андозро талаб намояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз мақомоти андоз товони зарари дар натиҷаи қабули қарор ва амалҳои (беамали) ғайриқонунии шахсони мансабдори он расонидашударо талаб кунад.

2. Андозсупоранда ( агенти андоз ) дорои дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур мебошад.

3. Ба андозсупорандагон ҳифзи судии ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонуниашон кафолат дода мешавад. Тартиби ҳифзи ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагонро қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

4. Ҳуқуқҳои андозсупорандагон тавассути уҳдадориҳои дахлдори шахсони мансабдори мақомоти андоз таъмин карда мешавад.

5. Иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба таъмини ҳуқуқҳои андозсупорандагон боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

**Моддаи 19. Уҳдадориҳои андозсупоранда (агенти андоз)**

1. Андозсупоранда (агенти андоз) уҳдадор аст:

- уҳдадориҳои андозро мутобиқи Кодекси мазкур сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намояд;

- талаботи қонунии кормандони мақомоти андозро дар хусуси бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи қонунгузории андозро, аз ҷумла доир ба тартиб додани санади муқоисавӣ иҷро намуда, вазифаҳои хизматиашон монеъ нашавад;

- дар асоси амрнома ба шахсони мансабдори мақомоти андоз барои азназаргузаронии молу мулке, ки объекти андозбандӣ ва ё объекти бо андозбандӣ алоқаманд мебошад, иҷозат диҳад;

- ба мақомоти дахлдори андоз эъломияҳои андоз, дигар ҳисоботи андоз ва ҳуҷҷатҳоро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур пешниҳод намояд;

- мувофиқи тартиби муқarrаргардида мошинаҳои назоратию хазинавиро истифода барад;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида баҳисобгирии даромадҳои (хароҷоти) худ, объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои бо андозбандӣ алоқамандро мутобиқи қонунгузории андоз ба ҳисоб гирад;

- мувофиқи тартиби муқарраргардида сари вақт ба сифати андозсупоранда дар баҳисобгирӣ гузошта шавад ва ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз қайд гузарад;

- маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии дигар ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурирo барои ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи даромадҳои гирифташуда, хароҷот ва андозҳои пардохтшударо ( нигоҳ доштаашударо) дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи Кодекси мазкур нигоҳ дорад;

- ҳар сол ба рӯйхатигирии (инвентаризатсияи) молу мулк ва уҳдадориҳои худро мутобиқи қонунгузории ҶТ дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ гузаронад;

- дар давоми 5 рӯзи корӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ иттилооти зеринро пешниҳод намояд, аз ҷумла, дар бораи таъсис додан ё қатъ намудани фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи худ, дар бораи қабули қарор оид ба азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ (қатъ гардидани фаъолият) ё муфлисшавӣ, дар бораи тағйир ёфтани низоми истифодашавандаи андозбандӣ, тартиби баҳисобгирӣ, маҳалли фаъолият ( ҷои истиқомат), иттилоот барои алоқа ба ӯ;

**2.** Андозсупоранда (агенти андоз) дигар уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкурро амалӣ менамояд.

**3.** Шахси воқеӣ уҳдадориҳои муқаррарнамудаи қисми 1 - и ҳамин моддаро дар қисми марбут ба уҳдадориҳои андози ӯ иҷро менамояд.

Инчунин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боби дуюм "Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" дар моддаи 19 чунин оварда шудааст:

Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии ҳуқуқи "Адвокат" (намоянда) истифода кунад.

Инчунин, дар Боби ҳаштуми Конститутсия ҶТ "Суд" моддаи 92 чунин қайд шудааст:

Ёрии ҳуқуқи дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.

Такя ба моддаи 19 ва 92 Конститутсияи ҶТ намуда вобаста дар ҳолатҳои боло зикр карда дар бораи ёрии ҳуқуқи барои ҳимоя ва манфиатҳои қонунии андозсупорандагон дар моддаи 20 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудааст.

**Моддаи 20 ҳуқуқи ба намояндагӣ дар муносибатҳое, ки қонунгузории андоз танзим менамояд.**

1. Андозсупоранда ҳуқуқ дорад дар муносибатҳои андозӣ намоянда дошта бошад.
2. Ваколати намоянда дар асоси ваколатнома, ба тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**АДАБИЁТ**

1)**https://allinweb.ru/** Allinweb – онлайн-библиотека, лекции, рефераты, обсуждение вопросов (электронный ресурс).
2) Конститутсияи ҶТ
3) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

## МАФҲУМ, СУБЪЕКТ, ОБЕЪКТ ВА НАМУДҲОИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲО АЗ НИГОҲИ СОҲАҲОИ ҲУҚУҚ

Аз лиҳози ҳуқуқи андоз яке аз соҳаҳои муҳимтарини давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Чунки аксарияти давлатҳои ҷаҳон такя ба андоз намуда, буҷетӣ давлатро бо он ғанӣ менамоянд ва онро дар самтҳои муайянгардида харҷ менамоянд. Ҳама соҳаҳои ҳуқуқ Сарчашмаҳои (манбаи) асосии батазимдарори худро дорад ва андоз ҳамчун яке аз соҳаҳои мустақил ва асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми муқаррар намудан, ҷамъ овардан, тағйир додан ва ё бекор кардани андозҳо ба танзим медарорад, инчунин, дорои манбаҳои батанзимдарории худ мебошад, ки инҳо ҳамчун сарчашмаҳои асосӣ баромад мекунад: 1) Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Кодекси андози ҶТ; 3) Санадҳои зери қонунӣ; 4) Қарорӣ Ҳукуматӣ ҶТ; 5) Амру Фармонҳои Президенти ҶТ ва дигарон дохил мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** мафҳуми андоз, сарчашмаҳои ҳуқуқи андоз, Кодекси андоз.

## ПОНЯТИЕ, ПРЕДМЕТ, ОБЪЕКТ И ВИДЫ НАЛОГОВ И СБОРОВ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ОТРАСЛЕЙ ПРАВА

С точки зрения права налог - это одна из важнейших сфер государственного управления. Поскольку большинство стран мира опирается на налоги, бюджет обогащает ими государство и расходует их по определенным направлениям. Все отрасли права имеют свои основные источники и налог считается одной из самостоятельных и основных отраслей Республики Таджикистан и регулирует общественные отношения по установлению, взиманию, изменению или отмене налогов, а также имеет свои источники нормативные акты, основными источниками которых являются: 1) Конституция Республики Таджикистан; 2) Налоговый кодекс Республики Таджикистан; 3) Документы по закону; 4) постановление Правительства Республики Таджикистан; 5) Приказы и указы Президента Республики Таджикистан и другие.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** понятие налог, источники налогового права, налоговый кодекс.

## THE CONCEPT, SUBJECT, OBJECT AND TYPES OF TAXES AND FEES FROM THE POINT OF VIEW OF BRANCHES OF LAW

Since most countries of the world rely on taxes, the budget enriches the state with them and spends them in certain areas. All branches of law have their main sources and the tax is considered one of the independent and main branches of the Republic of Tajikistan and regulates public relations for the establishment, collection, change or abolition of taxes, and also has its own sources of normative acts, the main sources of which are: 1) The Constitution of the Republic of Tajikistan ; 2) Tax Code of the Republic of Tajikistan; 3) .Documents according to the law; 4) resolution of the Government of the Republic of Tajikistan; 5) Orders and decrees of the President of the Republic of Tajikistan and others.

**KEYWORDS:** The concept of tax, Sources of tax law, Tax Code.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алишерзода Абдурауф Алишер*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **003667474;**

**Сведения об авторе:** ***Алишерзода Абдурауф Алишер*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **003667474;**

**Information about the author:** ***Alisherzoda Abdurauf Alisher*** – Tajik National University, second - year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **003667474;**

# ҲИМОЯИ СУДИИ ҲУҚУҚҲОИ МАҲКУМШУДАГОНИ НОБОЛИҒ

***Ашуров С.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маҳкумшавӣ ба маҳрум сохтан аз озодӣ қобилияти ноболиғонро барои доштани баъзе ҳуқуқҳои граждани маҳдуд мекунад, дар ҳоле ки маҳдуд кардани қобилияти амал боиси маҳдудшавии мувофиқи қобилияти ҳуқуқӣ мегардад. Барои самараноктар татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарӣ ҳангоми расонидани зарар ба ноболиғони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда ҷабрдида ҳуқуқ дорад бевосита нисбати ин шахс даъво пешниҳод намояд. Ҳалномаи суд пеш аз ҳама аз ҳисоби амволи бевоситаи шиканҷакунанда иҷро карда мешавад. Дар қисме, ки аз ҷониби шиканҷакор ҷуброн нашудааст, зарар аз ҳисоби волидон ё дигар намояндагони қонунӣ ҷуброн карда мешавад. Бо вуҷуди ин, бисёре аз ноболиғон ба ҳабс маҳкум шуданд, дидаю дониста аз ҷуброни зарари молу мулке, ки ба ташкилотхо ё шаҳрвандоне, ки аз рӯи варақаи иҷро расондаанд, саркашӣ мекунанд, бинобар ин таъмин кардан лозим аст, ки ҳамаи шахсони дорои варақаи иҷро оид ба ҷуброни зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда бо кори муътадил таъмин карда шаванд.

Ноболиғи ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда метавонад мустақилона ҳуқуқи шаҳрвандии поймолшудаи худро дар суд ҳимоя кунад. Барои ин ӯ бояд бо талаби дахлдор ба суд муроҷиат кунад. Агар маъмурияти колонияи тарбиявӣ интиқоли маҳкумшудаи ноболиғро барои иштироки шахсӣ дар маҷлиси судӣ тибқи тартиби мурофиаи гражданӣ рад намояд, парвандаи судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ метавонад баррасӣ карда шавад, тавассути гузаронидани ҷаласаҳои видеоконфронси байни маҳкумшудаи ноболиғ ва суд. Дар қонунгузории амалкунанда ба масъалаи истифодаи технологияҳои муосир дар баррасии парвандаҳо дар мурофиаи гражданӣ ҷавоби мустақим дода нашудааст, ҳарчанд толорҳои маҷлисҳои президиумҳои судҳо бо камераҳои видеоӣ ва мониторҳо муҷаҳҳаз мебошанд. Ин амалияро дуруст эътироф кардан лозим аст, зеро қоидаҳои протсессуалӣ ба истифодаи воситаҳои махсуси алоқа имкон медиҳанд. Дар қонунгузорӣ мавҷуд будани меъёри танзимкунандаи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандии ноболиғони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда аз мукаммалии қонунгузории амалкунанда гувоҳӣ медиҳад. Барои дақиқтар фаҳмидани худмуҳофизатӣ дар ҳолати поймол кардани ҳуқуқи шаҳрвандӣ пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми зерини худмуҳофизати ҳуқуқи шаҳрвандии ноболиғон муттаҳид карда шавад - ин қобилияти ноболиғ барои мустақилона ҳифзи молу мулк ва шахсии вайроншудаи худ мебошад, ҳуқуқҳои ғайримолумулкиро бо амалҳои худ, ки қонун манъ накардааст, бидуни мурочиат ба мақомоти судӣ ё дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ. Дар колонияҳои тарбиявӣ ба маҳкумшудагон ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ нисбат ба молу мулк дар асоси ҳуқуқи моликияти хусусӣ, ки дар ҷои адои ҷазо ҷойгир нест, маҳдуд карда мешавад. Барои амалӣ намудани ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдории ин амвол маҳкумшудагони ноболиғ бояд ба муассисаи намояндагӣ муроҷиат кунанд. Дар ин ҳолат ба сифати намоянда ҳама гуна шахсони қобили амал, ки маҳкумшудаи ноболиғ бовар кардааст, масалан, волидон, хешовандон ва дӯстон метавонанд баромад кунанд

Нисбат ба молу мулке, ки ба онҳо дар асоси ҳуқуқи моликияти хусусй тааллуқ дорад ва дар колонияи тарбиявӣ ҷойгир аст, маҳкумшудагон тамоми ваколатҳои соҳибмулкро дар

баробари шаҳрвандони озод амалӣ мегардонанд, яъне соҳиби истифода ва ихтиёрдории онҳо мебошад, аз он барои қонеъ гардондани талаботи моддӣ ва маънавии онҳо, нисбати ашёе, ки бевосита дар байни ноболиғон ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда метавонанд дар ҳуқуқи моликияти шахсӣ қарор дошта бошанд, онҳо инчунин ваколатҳои моликро амалӣ карда метавонанд. Аммо онҳо аз ихтиёрдории қонунии ин ашё маҳруманд. Албатта, амали ноболиғи ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда оид ба бегона кардани молу мулкаш дар асоси ҳуқуқи моликият бояд ба иродаи ӯ мувофиқ бошад. Вобаста ба ин, ба назари мо, чунин амалҳо бояд бо ризоият ва таҳти назорати маъмурияти колонияи тарбиявӣ, ки дар он ноболиғ ҷазои худро адо мекунад, анҷом дода шавад. Маҳдудияти мазкур ба талаботи бехатарӣ вобаста аст, бинобар ин он ба интиқоли пул ба шахсони дигар дахл надорад.

Бо мақсади боз хам самараноктар ҳифз намудани ҳуқуқи манзилии ноболиғони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда андешидани чораҳои хусусигардонии ҳатмии биноҳои истиқоматие, ки дар он ҷо танҳо маҳкумшудагони ноболиғ бо имкони истифодаи минбаъдаи биноҳои истиқоматӣ дар онҳо зиндагӣ мекарданд, ба мақсад мувофиқ аст, манфиатҳои маҳкумшудагони ноболиғ (масалан, ба иҷора додани биноҳои истиқоматӣ бо маблағи ҳатмӣ ба ҳисоби шахсии маҳкумшудаи ноболиғ). Фурӯши биноҳои истиқоматии ноболиғе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, бояд дар ҳолатҳои истисноӣ танҳо бо розигии мақомоти васояту парасторӣ анҷом дода шавад, бояд дар мавридхои истисноӣ танҳо бо розигии мақомоти васояту парасторй ва сардори колонияи тарбиявй сурат гирад.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон
2.Нормативно-правовые акты, официальные документы исудебная практика
3. Всеобщая декларация прав человека: Принята Генеральной Ассамблеей ООН 10.12.1948. // Известия. 1989. - 11 дек.
4. Европейская социальная хартия (пересмотренная), (принята в г. Страсбурге 03.05.1996), Ст. 7.
5.Конвенция о правах ребенка (одобрена Генеральной Ассамблеей ООН 20.11.1989) (вступила в силу для.


## ҲИМОЯИ СУДИИ ҲУҚУҚҲОИ МАҲКУМШУДАГОНИ НОБОЛИҒ


Аҳамияти мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки дар айни замон давлат сиёсати тағйир додани тартиби мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандонеро, ки бо як қатор сабабҳо ба таваҷҷуҳи махсус эҳтиёҷ доранд, фаъолона амалӣ карда истодааст. Дар ин ҷо таъмини ҳифзи ҳуқуқи маҳкумшудагони ноболиғро яке аз проблемаҳои муҳим шуморидан лозим аст. Таъмини ин тоифаи ноболиғон бо имкони воқеии амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ самтест, ки дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат аҳамияти хоса дорад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар бисёр ҳолатҳо кӯдакон ба маълумот, маводҳое дастрасӣ надоранд, ки ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқии ноболиғон дахл намуда, муфассал ошкор мекунанд. Ба андешаи мо, барои ноболиғи маҳкумшуда вобаста ба синну солаш амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайримулмулкии худро мушкил аст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳифзи ҳуқуқҳои ноболиғони маҳкумшуда, вазъи ҳуқуқии ноболиғон, чораҳои ҷавобгарӣ, ҷуброни зарар, маҳдудиятҳо, колонияҳои тарбиявӣ.


## СУДЕБНАЯ ЗАЩИТА ПРАВ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ ПРАВОНАРУШИТЕЛЕЙ


Значимость данной статьи заключается в том, что государство в настоящее время активно проводит политику изменения действующих процедур защиты прав граждан, нуждающихся в особом внимании по ряду причин. Важным вопросом здесь является обеспечение защиты прав несовершеннолетних правонарушителей. Обеспечение данной категории несовершеннолетних реальной возможностью реализации своих гражданских прав в местах лишения свободы является направлением, имеющим особое значение в реализации государственной правовой политики. Опыт показывает, что во многих случаях дети не имеют доступа к информации и материалам, касающимся правового положения несовершеннолетних. По нашему мнению, несовершеннолетнему осужденному в зависимости от его возраста сложно осуществлять и защищать свои имущественные и личные неимущественные права.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** защита прав несовершеннолетних осужденных, правовое положение несовершеннолетних, меры ответственности, возмещение вреда, ограничения, воспитательные колонии.


## JUDICIAL PROTECTION OF THE RIGHTS OF JUVENILE OFFENDERS


The significance of this article is that the government is currently actively pursuing a policy of changing the existing procedures for the protection of the rights of citizens who need special attention for a number of reasons. Ensuring the protection of the rights of juvenile offenders is an important issue here. Ensuring this category of juveniles with a real opportunity to exercise their civil rights in places of deprivation of liberty is an area that is of particular importance in the implementation of state legal policy. Experience has shown that in many cases children do not have access to information

and materials that deal with the legal status of minors. In our opinion, it is difficult for a convicted juvenile, depending on his or her age, to exercise and protect his or her property and personal non-property rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ашуров Суҳайлӣ Салоҳович*** – Донишгоҳи милии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985010198.**

**Сведение об авторе:** ***Ашуров Сухайли Салохович*** - Таджикский национальный университет, магистр 2-ого курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **985010198.**

**Information about the author**: ***Ashurov Sukhayli Salohovich*** - Tajik National University, 2nd year mater`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **985010198.**

# ТАЪРИХИ АНДОЗ ВА МАРҲИЛАҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Алишерзода А. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар адабиётҳои иқтисодӣ оид ба таърихӣ андоз иброз медоранд, ки ҳеҷ як кишвари дунё бе пайванди мустақим, бе сиёсати андозбандӣ ва андозситонӣ вазифаи пур кардани хазина ё қисмати даромади буҷети давлатро дар амал татбиқ карда наметавонад. Намудҳои гуногуни андоз баробари пайдо шудани давлат ва сохторҳои бо он марбут ба миён омадаанд. Ҳар як давлат вобаста ба талаботи давру замонҳои гуногуни таърихӣ низоми андоз, тарзу қоидаҳо, намудҳои мухталиф ва меъёрҳои онро ҷорӣ мекарданд. Мисоли равшани инро мо аз таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, таҷрибаи аҳди Сомониён ва давлатдориҳои минбаъда дар ин минтақа, инчунин даврони мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ мушоҳида карда метавонем. Дар асрҳои 11 — 12 андозҳои гуногун, ба мисли хараҷ ва тамға барои савдогарон, мирал барои чорводорон ва ғайра истифода мешуданд. Дар солҳои баъдина давлатдорон сиёсати андозбандӣ ва андозситониро на танҳо дар мадди аввали сиёсати молиявӣ-иқтисодии хеш мегузоштанд, балки барои ғанӣ гардонидани даромади буҷети давлат онро такмил медоданд, тағйироту иловаҳои нав ба нав ворид мекарданд. Муаммоҳои андоз ва андозбандӣ ҳама вақт фикрҳои иқтисодчиёни ҷаҳон, инчунин олимон ва кормандони давлатиро низ дар ҳама давру замон ҷалб мекунанд.

Зарурат, моҳият ва принсипҳои истифодаи андозро дар Европа аввалин шуда олим Уилям Петӣ соли 1662 дар китоби худ «Дар бораи андозҳо ва авориз» муайян кардааст. Баъдтар, соли 1776 олими барҷастаи иқтисоддон, поягузори илми иқтисод Адам Смит асари безаволи худ «Таҳқиқи моҳият ва сабабҳои пайдоиши бойгарии халқҳо»-ро интишор намуд, ки дар он масъалаҳои муҳимми назарияи иқтисодӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд. Ақидаи ӯ оид ба амали низоми иқтисоди бозорӣ ва танзими он ба воситаи як дасти ноаён», дар бобати андоз ва андозситонӣ, принсипҳои асосии он ва масоили дигари иқтисодӣ то имрӯз аҳамияти илмию амалии худро гум накардааст. Ҳамчунин *Адам Смит* қайд менамояд, ки андозҳо барои шахсоне, ки онҳоро мепардозанд, хусусияти ғуломӣ не, балки хосияти озод буданро маънидод мекунанд. *Фомаи Аквинӣ* андозро ҳамчун шакли иҷозатдодашудаи ғорат ё дуздӣ маънидод мекард. *Шарл Луи Монтеске* андеша мекард, ки ҳеҷ чиз ҳамон қадар донишу ақлу фаҳмро талаб намекунад, ба монанди муайян намудани он ҳиссаи даромаде, ки давлат аз аҳолии худ мегирад ва ба ӯ боқӣ мемонад. Маҳз Смит бори аввал чаҳор принсипи классикии ташкили самарабахши фаъолияти андозситониро асоснок ва пешниҳод намудааст.

1. Одилона ё боинсофона будани андоз. Аз рӯи ин принсип андоз бояд мувофиқи ҳаҷми даромади пулии андозсупоранда ситонида шавад.
2. Муайянии андоз, яъне меъёр ва мӯҳлати пардохти он бояд пешакӣ ва мушаххас муқаррар гардад.

3. Сарфакорӣ ва камхарҷӣ оид ба андозбандӣ ва андозситонӣ. Моҳияти ин принсип дар он ифода меёбад, ки меъёри андоз дар ҳадди ақал бошад, то боиси ғорат ва норозигии аҳолӣ нагардад.

4. Дар андозситонӣ бояд ба амали худсарӣ ва қонуншиканӣ роҳ дода нашавад ва он бояд ҳамеша таҳти назорати кормандони мақомоти андоз бошад.

Истифодаи принсипҳои зикршуда, дар фаъолияти мақомоти андоз ва намояндагии он дар шаҳру ноҳияҳо барои ба низом овардани амалиёти андозбандӣ ва андозситонӣ, аз байн бурдани беадолатӣ, андозгирии аз меъёр зиёд, решакан кардани худсарию ҷабр кардан нисбат ба андозсупорандагон бештар ба таъмини адолат ва шаффофияти ин раванди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Донишмандони машҳур Давид Риккардо, Ҷон Мейнард Кейнс ва як қатор олимони илми иқтисоди муосир ба масъалаҳои ташаккули механизм ва усулҳои андозбандӣ, сода, фаҳмо ва самарабахш гардидани истифодабарии принсипҳои андоз ва системаи андоз таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд. Дар шароити амали иқтисоди бозорӣ ва амсилаи иқтисоди омехта, ки ҳоло дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон (масалан, ҶХХ, ИМА) мавриди истифода қарор дорад, ба истифодаи амалии боз як қатор принсипҳои дигар ба монанди: сода ва шаффоф будани андоз, ҳадди ақал будани имтиёзҳои андоз, ягонагии системаи андозҳо дар қаламрави як давлат; қиёсшавандагии андозҳо барои кулли андозсупорандагон ва ғайра таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Андозҳо дар аввали тамаддуни инсонӣ ҳанӯз истифода бурда мешуданд. Пайдоиши онҳо ба эҳтиёҷотҳои аввалини ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд. Ягон давлат наметавонист ва ҳоло ҳам наметавонад аз андозҳо аз шаҳрвандони худ истифода набарад. Нависанда ва таърихшиноси фаронсавӣ *Франсуа – Мари Волтер чунин* гуфта буд: «пардохти андозҳо – ин додани як қисми моликияти худ бо мақсади нигоҳ доштани моликияти боқимондаи худ» мебошад. Ҳамчунин, Ҳаитов С.П., дар китоби худ Таърихи ҳуқуқи андоз дар Тоҷикистон даврабандии зерини қонунгузории андоз ва муносибатҳои андозро дар Тоҷикистон пешниҳод намудааст:

1. Пайдоиш ва рушди муносибатҳои андоз дар давраи қабл аз ташкили давлатдори тоҷик – давлати Сомониён ( то асри XIX);
2. Низоми андози нахустин давлати асримиёнагии тоҷик – давлати Сомониён (асри XIX то ибтидои асри XX);
3. Хусусиятҳои танзими ҳуқуқи андозбандӣ дар давраи давлатдории бесубот (асри XI – нимаи дуюми асри XIX );
4. Низоми андоз дар қаламрави Тоҷикисони имрӯза дар давраҳои ғасби Осиёи Миёна аз тарафи империяи Россия (нимаи дуюми асри XIX – то ибтидои асри XX);
5. Марҳалаи шуравии рушди андозбандӣ ва ҳуқуқи андоз дар Тоҷикисон (ибтидои асри XX – то соли 1991);
6. Марҳалаи пасошуравии таърихи андозбандӣ ва қонунгузории андоз, ки давраи аз санаи бо эъломияи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғоз гардида то ба имрӯз давом дорад.

Албатта, даврабандии пешниҳодшудаи рушди андозбандӣ ва қонунгузории андози Тоҷикистон бенуқсон нест. Вале он имкон медиҳад то давраҳои таърихие, ки дар давоми онҳо тағйироти ҷиддии низоми сиёсию иқтисодии давлат, аз ҷумла низоми муносибатҳои андоз ва тағйиру қонунгузории андоз ба амал омадааст, аз ҳам ҷудо карда шаванд. Ин даврабандӣ барои беҳтар дарк намудану арзёбӣ кардани ҳуқуқи андоз дар давроне, ки барои тадқиқот дар доираи воситаи таълимии мавриди истифода қарордошта интихоб гардидааст, мусоидат менамояд.

Дар инкишофёбии усулҳои андозситонӣ мо метавонем 3 давраи асосиро ҷудо намоем:

1. Дар **давраи I – аз дунёи қадим то аввали асрҳои миёна** давлат аппарати молиявӣ барои муайянкунӣ ва ҷамъоварии андозҳоро надошт. Давлат танҳо маблағеро муайян мекард, ки ба он эҳтиёҷ дорад ва ҷамъовариро ба шаҳр ва ҷамоа месупорид.
2. Дар **давраи II – асри XVI то аввали асри XIX** – дар як қатор мамлакатҳо муассисаҳои молиявӣ пайдо гардида, давлат як қисми вазифаҳоро ба уҳдаи худаш мегирад.

Он имтиёзҳои андозбандиро муайян намуда, аз болои ҷамъоварии андозҳо назорат мебарад.

**3.** Дар **давраи III – давраи муосир** – давлат тамоми вазифаҳоро оид ба муқарраркунӣ ва ситонидани андозҳоро ба зиммаи худ мегирад, чунки қоидаҳои андозбандӣ аллакай сохта шудаанд. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ бо давлат роли ёрии тарафайнро мебозад, ки ин ё он дараҷаи мустақилиятро доранд.

Ҳамин тавр, системаи андозбандӣ бо баробари давлат пайдо гардида, инкишоф ёфтааст. Илова бар он дар асрҳои XIII- XII (то мелод) оиди андози сарикасӣ дар шаҳри Вавилон тазаккур дода мешавад. Тақрибан ба ҳамин давра маълумоти аввалин оид ба андозбандии умумӣ дар Хитой ва қаламрави Эрон рост меояд. Дар давраи ҳукмронии аввалин фараонҳо дар Миср аллакай андози замин ситонида мешуд. Дар шаҳрҳои Юнони қадим аз шаҳрвандон аз 1/20 ҳисса ва баъзан аз 1/10 ҳиссаи даромадҳои онҳо ситонида мешуданд. Ин ғайр аз «даҳҳаи масҷидҳо», ки дар шакли хайрияҳои ихтиёрӣ ситонида мешуданд. Инчунин, аксизҳо ба намуди ҷамъовариҳои назди дарвозаи шаҳр ситонида мешуданд. Ин имконият медод, ки воситаҳоро барои таъмин намудани артиши кироя, барои пурқувват гардонидани деворҳои шаҳрҳо-давлатҳо, барои сохтани масҷидҳо, роҳҳо, системаи обтаъминкунӣ, гузаронидани идҳо, тақсимкунии пул ва маҳсулот барои камбағалон ва барои дигар мақсадҳои ҷамъиятӣ мутамарказонида ва хароҷот карда мешуданд. Дар баробари ин афинагиҳо тайёр буданд, ки хайрия намоянд ва бештар онҳо аз давлатҳои забткардаашон хироҷ ва аз давлатҳои иттиҳодӣ туҳфаҳоро мегирифтанд. Аммо ҳангоми эҳтиёҷ доштан ба хароҷотҳои калон, шурои аҳолӣ ва ё маҷлиси аҳолӣ аз даромад фоизҳои таъиншударо меситониданд. Дар давлатҳои Рими қадим дар давраҳои оромӣ андозҳо тамоман истифода намешуданд. Хароҷотҳо барои идоракунии шаҳр минималӣ буданд. Ин хароҷотҳоро маблағҳое, ки аз ҳисоби ба иҷора додани замин ҷамъоварӣ мешуданд, рӯйпӯш мекарданд. Лекин дар давраҳои ҷангӣ давлат маҷбур шуд, ки аз даромадҳои гирифтаи аҳолӣ андоз ситонад.Муайянкунии маблағи пардохтҳои андозӣ ҳар 5 сол аз ҷониби мансабдорон-сензорон гузаронида мешуданд. Шаҳрвандони рим аризаро оид ба ҳолати молиявӣ ва оилавии худ ба сензорон тартиб дода, ба онҳо пешниҳод мекарданд. Ҳамин тавр, асосҳои баённома оид ба даромадҳо сохта мешуданд. Бо баробари авҷ ёфтани давлати Рим ва забткунии минтақаҳои нав дар системаи андозбандӣ тағйиротуислоҳотҳои нав дароварда мешуданд. Сарчашмаи асосии даромадҳо дар деҳотҳои Рим ин андози замин ба ҳисоб мерафт. Меъёри миёнаи он 1/10 ҳиссаи қисми даромад аз минтақаи замин ташкил медод. Инчунин дигар моликият ҳам андозбандӣ мешуд, аз қабили амволи ғайриманқул, сарватҳо, моҳӣ, ва чорво. Аз сабабе, ки андозҳо ба таври нақдӣ ситонида мешуданд, моликон маҷбур буданд, ки маҳсулоти зиёдатӣ истеҳсол намоянд, то ки онҳоро фурӯхта нақдинаро ба даст оранд. Ин ба инкишофёбии муносибатҳои пулию савдо, зиёдшавии ҷараёни тақсимоти меҳнат ва ҷараёни мутамарказонидани аҳолӣ ва ҳаёти иқтисодӣ дар шаҳрҳои калон оварда расонд. Бисёре аз таҷрибаи хоҷагидории Рими қадим ба Византия гузаштанд. Дар давраи аввали ҳукмронии империяи византигӣ то асрҳои VII - 21 намуди андозҳои мустақим вуҷуд доштанд аз ҷумла, андози замин, андози сарикасӣ, андоз барои таъминоти артиш, андоз аз аскарони нав (агар онро пардохт намоянд, пас аз пардохти андози ҳарбӣ озод мешаванд). Баръакс, бо сабаби андозбандии аз ҳад зиёд ба камкунии базаи андозҳо ба миён овард, ки ба буҳрони молиявие, ки қувваи давлатро суст гардонид, оварда расонид. Системаи андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам таърихи пурмазмунро дорад. Он аз давраҳои қадим авҷ ёфта, то замони мо таҷрибаи андозбандии худро ҷамъоварӣ намудааст. Таърихи халқҳои Шарқ ва Осиёи Марказӣ дар давраҳои дунёи қадим ва асримиёнагӣ ба мо нишон медиҳад, ки андозҳо дар ин мамлакатҳо барвақт ба вуҷуд омаданд. Масалан, пештар андозҳо дар шакли натуралӣ дар намуди օброкӣ, инъом, андози сарона, уҳдадории меҳнатӣ ва меҳнати бемузди деҳқонон ба манфиати мулкдор амал мекарданд. Инчунин, дар давраҳои қадим дар давраи

инкишофёбии заминдории қабилагӣ андозҳои молӣ ба сардорони қабила месупориданд ва давлат бошад аз сардорони қабила хироҷ меситонид. Бояд қайд кард, ки рентаи замин (хироҷ) ба давлат вобаста аз шакли моликият аз рӯи меъёрҳои муайянгардида ситонида мешуданд. Масалан, аз заминҳои давлатӣ – 3/10 ҳиссаи ҳосил, аз заминҳои масҷидҳо - 1/10 ҳиссаи ҳосил ва аз заминҳои шахсӣ бошад – 2/10 ҳиссаи ҳосил пардохта мешуданд.

Дар давраи феодализм заминдории қабилагӣ барҳам хурда, ташкилёбии моликияти хусусӣ ба замин, тақсимоти ҷамъият ба синфҳо, тақсимот ба заминдорони хурд ва миёна, феодалҳои заминдорони калон амалӣ гашта, онҳо рентаи замин, ки ба андозаи 1/10 ҳиссаи ҳосил пардохта мешуд, месупориданд. Рентаи заминро ба ғайр аз феодалону заминдорон ва деҳқонон, инчунин руҳониёни мусулмонон низ месупориданд. Дар ин давра муносибатҳои иҷоравӣ инкишоф ёфта буданд. Давлат ва заминдорон ба деҳқонон заминҳои худро ба иҷора дода, онҳо рентаи заминро дар шакли пулӣ ё молӣ мепардохтанд. Азбаски тамоми ҳуқуқҳои деҳқонон поймол мешуданд, яъне заминдорон қариб тамоми даромади аз замин гирифтаро ҳамчун пардохти уҳдадории иҷоравӣ мегирифтанд, деҳқонон доимо побанди заминдорон буданд. Ба воситаи андозҳо ва иҷораҳақии деҳқонон истисмор мешуданд ва бе воситаи зиндагӣ мемонданд, чунки дар намуди ин пардохтҳои ҳатмӣ тамоми маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ситонида мешуданд. Дар асрҳои **IX** дар Мовароуннаҳру Хуросон дар посбонгоҳҳои махсусан дар гузаргоҳҳои дарёҳои назди шаҳрҳои азим ё дар сарҳадҳои қаламрави корвонгузар боҷи савдо рӯёнида мешуд. Дар гузаргоҳҳои Амударё аз саворaҳои асп боҷ меситониданд. Дар Осиёи Миёна дар давраҳои то феодализм ва давраи феодализм чунин намудҳои андоз ситонида мешуданд, ба монанди: закоти замин, ушр, андози мерос, андози хона, тарозуҳақӣ, рентаи замин, уҳдадориҳои корҳои хоҷагӣ, ҳашар ва ғ.

Насриддини Тусӣ дар асари худ дар бораи «молия ва системаи молиявию андозӣ»-ро пурра тавсиф намуд. Ӯ чунин намудҳои андозро қайд кардааст:

1) Андоз аз заминдорон – хироҷ;
2) Андоз аз савдогарон – тамъ;
3) Андоз аз чорводорӣ – марал;
4) Андоз аз мерос;
5) Андози сарикасӣ – копчур.

**Дар пардохтҳои ғайриандозӣ низ чунин дарҷ намудааст:**

1) Даромадҳои тасодуфӣ – тайёрат;
2) Пардохтҳо ба фоидаи ҷамъовардагони андозҳо;
3) Супоридани тарозугӣ ва андозбандии ҷой (иморат);
4) Иҷозатнома барои ҳунармандӣ;
5) Боҷ аз роҳҳо ва киштиҳо.

Инчунин, авариз – андози фавқулода, саридарахт – андози сарона, ки аз рӯи дарахтони мевадиҳанда рӯёнида мешуд, муҳассилона – андози саронаи махсус, ки ба фоидаи муҳассилин – ҷамъоварандагони андоз, пардохт аз манзил ё замини наздиҳавлигӣ, саршумор – андози сарикасӣ, закот, исқот, идрор, хумс, амвол, танобпулӣ, кавсан ва ғ. Дар асрҳои XVIII – XIX муносибатҳои феодалӣ ба пешрафти ҷамъиятию иқтисодӣ сар шуда, иқтисоди мамлакатро ба буҳрон оварда расонд. Ин давра бо гаронии андозӣ арзёбӣ гардид. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, қисмати муҳимми Осиёи Марказии ҳозира дар асрҳои 5 - 4 пеш аз милод дар ҳайати давлати Ҳахоманишиҳо қарор гирифта буд. Тамоми давлати Ҳахоманишиҳо ба вилоятҳои молиётдиҳандаи ҳарбӣ, яъне сатрапиҳо тақсим гардида буд, ки онҳоро волиҳо (сатрапҳо) идора мекарданд. Сатрапҳо, ки бевосита ба подшоҳ итоат мекарданд асосан онҳо бояд дар вилояти худ андоз меситониданд ва хароҷоти қушунҳоро таъмин мекарданд. Ҳар як вилоят мебоист андозӣ солонаро бо пул адо мекард, ба тариқи молиёти (бойгарӣ) ҷинсӣ, яъне маҳсулоти зироатӣ ё ҳунармандӣ, маъдани кон ё чорводорӣ андоз мепардохтанд.

Илова бар ҳамаи ин андозу уҳдадориҳо, боз боҷҳои дохилӣ ва андозҳои роҳ вуҷуд доштанд. Яъне, аз воситаҳои дигари даромади иловаи давлат ин вобастагӣ дарғот буд, ки баъди ин афташ дар замони Ҳахоманишҳо иншоотҳои калон дар дасти маъмурият (ё таҳти назорати) давлат буданд. Барои кушодани дарғот аҳолӣ маҷбур буд, ки хазина хироҷи иловагӣ бидиҳад. Сохтори мутаносиби идораи давлат, аз он ҷумла оид ба ҷамъовариҳои андоз ва истифодаи маблағҳои давлатӣ дар асрҳои 4-5 дар давлати Сомониён ташкил дода шуда буд. Девони вазир асоситарин идораи марказӣ ҳисоб мешуд ва тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатро назорат менамуд. Ба ӯ сардорони ҳамаи дигар девонҳо итоат мекарданд, аз он ҷумла девони муставфӣ (хазинадории давлат), девони мушриф (назорати корҳои давлатӣ, хусусан қарзи хазина). Муассисаҳои маҳаллии ҳамаи девонҳо итоати дутарафа доштанд, яъне аз як тараф, ба ҳокимони вилоятҳо итоат мекунанд, аз тарафи дигар ба девони марказии худ итоат мунамуданд. Замин ба феодалон бар ивази хизматашон барои истифодабарии якумра мешуд. Даромади асосии давлатӣ, аз ҳисоби рента – хироҷи замин буд, ки андозаи он бо пул ҳисоб мешуд.

Арбоби бузурги давлатии давраи ҳукмронии Салчуқиён Низомулмулк (1017-1092) дар китоби худ «Сиёсатнома» тарзу усулҳои муайян кардану ситонидани хироҷи заминро муфассал додааст. Вай таъкид кардааст, ки аз болои фаъолияти-андозгирандагон назорат бурда шавад, то ки онҳо халқро ғорат накунанд ва дар сурати бо сабабҳои узрнок супорида натавонистани андоз ҳатман барояшон муҳлати адои пардохти андоз дароз карда шавад. Маъмурон, тиҷорон, намояндагони табақаи руҳонӣ ва аъзоёни хонаводаи хонӣ, вақте аз ягон маҳал мегузаштанд, ярмикҳои махсусро нишон медоданд ва аз аҳолӣ манзил, озуқа ва нақлия талаб мекарданд. Илова бар ин, масъулияти бо хӯрок ва либос таъмин намудани дастаҳои ҳарбии дар шаҳру деҳот гузашташуда низ ба зиммаи аҳолӣ буд. Пешаварон ғайр аз ин ба таҳия намудани як миқдори муайяни маҳсулот, аз қабили аслиҳа, пойафзолу либос ба ҳокимони муғул таъмин кардан вазифадор буданд. Ба тамоми аҳолӣ хироҷҳои саршумор баста шуда буданд. Дар Мовароуннаҳр ашхоси сарватманд соле 10 динар дар Хуросон – 7 динар хироҷи саршумор медоданд. Чунин тарзҳои ҷамъовариҳои даромадҳои давлатӣ аҳолиро боз ҳам харобу бенавотар мекард. Масъалаҳои андоз ва андозбандӣ дар асарҳои мутафаккири асри – 8 Насриддини Тусӣ, ки дар боло қайд намудем дар асараш «Молиёт» ва «Рисола дар расму оини подшоҳони қадим, тарзи гирифтани молиёт ва хироҷ ва масорифи он» тасвир гардиданд. Муаллиф қайд кардааст, ки мақоми хироҷситонӣ дар мамлакат боло рафта, аммо хазинаи давлат аз хазинаи подшоҳ ҷудо нашуда буд. Номуайянию мубрамии хироҷбандӣ, ришвахурию ришватситонии амалдорони давлатиро зиёд мекунад. Мақсади мадохилоти мураттаби маблағи даромади давлатӣ мебояд ҳар як навъи андоз дар муҳлатҳои муқарраршуда ба таври ҳатмӣ ситонда шавад, ки ба андозсупоранда мувофиқ аст. Илова бар ин, андоз набояд кӯшиши ривоҷи истеҳсолотро битезонад. Ин қабил пешниҳодоти доираи андозбандӣ ҳозир ҳам ҳангоми таҳсили қонунҳои андоз қобили қабуланд. Сиёсати молиётии Темур ва Темуриён дар асрҳои XVI-XV барои вусъат ва инкишофи зироат шароити нисбатан фароҳам мусоид овард. Андозаи асосии замин хироҷ ба тариқи мол, одатан сеяки ҳосилро ташкил мекард ё аз рӯи масоҳати замин ба тариқи пул ситонида мешуд. Ғайр аз хироҷи замин боз бисёр андозҳои дигари иловагӣ вуҷуд дошт, ки ҳам ба шакли пул ва ҳам ба шакли мол аз мардум меситониданд. Чанде аз ҳамин қабил андозҳои иловагӣ маҳз барои таъмини маоши соҳибмансабон сарф мешуд. Ба дарахтони мева андози махсусе буд, ки онро «сардарахтӣ» меномиданд. Андози сарикасӣ, ки муғулҳо ҷорӣ карда буданд, бо номи «саршумор» вуҷуд дошт. Ба сабаби дуд кардан андоз мегирифтанд, ки «дудӣ» ном дошт. Вазнинтарин андоз «барид», яъне пушта – «улоғ» буд, ки мувофиқи он аҳолӣ маҷбур буд ба ҳар чопар (хабарасон) ё қосид асп ёфта диҳад ва «пешкаш» (ба тариқи туҳфа ва бахшиш) ба

шумор мерафтанд. Дар вакти ҷанг аз аҳолӣ андозҳои иловагии махсус мегирифтанд, вале амалдорон онҳоро дар айёми осоишта низ меруёниданд.

Шакли сеюми хироҷ дар шакли маҷбурият – «бегорӣ» номида мешуд, ки дар сохтмон ва таъмири Ҳисору қалъа, кофтан ва тоза кардани каналу корезҳо ва ғайра кор мефармуданд. Ин барои аҳли меҳнат аз ҳама вазнинтарин буд ва онопро аз кори асосиашон мемононд. Андозҳо ниҳоят миёншикан, яъне душвор буданд, бинобар ин тибқи меъёрҳои муқарраршуда, ҳокимон баъзан онҳоро бекор карда метавонистанд. Чанд маротиба ба муҳлатҳои гуногун аз сабаби беҳад қашшоқу нодории аҳолӣ ва сахтдилии оиладорон андози таъминкунии сарбозон бекор карда шуда буд. Аҳолии шаҳрҳо ба давлат баъзе аз андозҳои номбурдаро месупориданд ва аз корҳои маҷбурӣ озод набуданд. Ба ғайр аз ин боз боҷу хироҷҳои бевосита барои савдою ҳунармандӣ ва ғайра вуҷуд дошт.Дар асри XVI дар давлати Шайбониён тақсимоти мулкӣ амлокӣ вуҷуд дошт. Хусусият он чунин буд, ки ҳокими мулк ҳуқуқ дошт куллан ё қисми хироҷи заминҳои амлоки давлатиро барои худаш ҷамъ оварад. Ин ҳокимон ҳуқуқ доштанд қисми заминҳои давлатии амлоки худро ба феодалҳои диниву дунявӣ ва намояндагони табақаи низомиён тақсим карда диҳанд. Дар шаҳрҳо андозҳои сирф шаҳрӣ вуҷуд доштанд (даҳяки қисми молҳои фурӯхташаванда ситонда мешуд). Ба ғайр аз он ҳокимон бо раводиди худ метавонистанд шаҳрнишинонро андозҳои иловагӣ бананд. Манотиқи Осиёи Миёна қариб якуним ҳазор сол дар шароити ҳукмронии шакли махсуси муносибатҳои феодалӣ қарор дошт ва мардум давраи сотсиализму капитализмро аз сар нагузаронидааст. Дар ин давра пурра тағйир додани тартиботи феодалӣ, анъанаву одатҳо аз имкон берун буд. Дар давлатҳои феодалӣ, ки асоси ташаккулёбии Тоҷикистони имрӯза буданд, андозбандиҳои зиёд вуҷуд доштанд ва дар баробари ин тарзи ситонидани онҳо ва шакли андозбандӣ характери худсарона дошт, ки Садриддин Айнӣ ба он диққати ҷиддӣ додааст. Пурра воқиф будан аз вазъи иқтисодии он давра ба Садриддин Айнӣ имкон дод, ки хусусиятҳои хоси андозбандии аморати Бухороро муайян карда, масъалаи такмили усулҳои ҷамъоварии андозро пешниҳод намояд. Пешниҳоди мазкур то ба ҳол қиммати худро гум накардаанд ва ҳоло ҳам дар системаи андозбандии миллиамон истифода мешаванд. Ҳамин тавр, аз давлатҳои қадим то ба забт кардани Осиёи Миёна аз ҷониби Россия аз рӯи маълумотҳои Бобоҷон Ғафуров ва Садриддин Айнӣ андозу системаи андозбандӣ дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза муътабар ҷараён дошт. Мустаҳкамшавии давлат ва ҳокимияти марказии он ба устуворшавии муносибатҳои андоз мусоидат мекард. Андак дертар системаи андози Россия сохта шуд. Сарчашмаи асосии даромадҳои хазинаи князӣ – ин хироҷ аз халқҳо ва деҳотҳои забтшуда мебошад. Хироҷ бо пул – аксар вақт бо тангаҳои арабӣ ё ин ки бо воситаи моддӣ – пашмҳо дода мешуд. Ҳамчунин андозбандии ғайримустақим дар шакли боҷҳои андозӣ ва судӣ амал мекарданд. Сарчашмаи ниҳоят калонтарини даромади хазина – ҷамъовариҳои савдоӣ буданд, ки аз ҳисоби дохил шудани заминҳои нав ба княжествои Москва ва алалхусус марказҳои бузурги савдо зиёд мегаштанд. Иттиҳоди сиёсии заминҳои русӣ ба асри XV рост меояд.

Дар замони феодализм тақрибан дар асрҳои **XII – XVII** андозҳо дар намуди боҷ, андози молӣ ё пулӣ ё дар намуди пардохти уҳдадориҳои меҳнатӣ рӯёнида мешуданд. Давлат барои рӯйпӯш намудани хароҷотҳои худ меъёри андозҳоро баланд ва шумораи онҳоро зиёд менамуд. Бояд қайд кард, ки бо баробари он барои минбаъд ғулом гардонидани деҳқонон андози ягонаи давлатиро ҷорӣ намуданд, ки андози чорвои корӣ номида мешуд. Баъд аз ҷорӣ намудани ҳамин ислоҳотҳои андозӣ сатҳи зиндагии аҳолӣ ниҳоят бад ва вазнин шуда, онҳоро ба қашшоқӣ ва дар навбати худ ба пастравии инкишофёбии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ оварда расонд. Дар асрҳои **XVIII – XIX** баробари пайдоиш ва барқароршавии муносибатҳои иқтисодии буржуазӣ андозҳо бо мақсади истисмори меҳнатӣ истифода мешуд. Пардохткунандагон оброки пулӣ, сенза, андози моддӣ, андози сарикасӣ, 1/10 ҳиссаи калисо, андоз

барои намак ва дигар намудҳои бешумори андозҳоро пардохт менамуданд ва ин барои онҳо бори гарон буд. Дар давраҳои ҳукмронии Пётри I дар асри XVIII бо сабаби ҷангҳои зиёд, сохтмони калон, дигаргуниҳои калон дар миқёси давлат норасогиҳои доимии захираҳои молиявӣ ҳис карда мешуд. Барои пур кардани хазинаи давлат тарзҳои нав ба нави ситонидани андозҳо ихтироъ шуда, намудҳои нави андоз ҷорӣ мешуданд. Княз вазифаи нави махсус – муфидон, ки ба вазифаи онҳо ихтироъ намудани намудҳои нави андозҳо дохил мешуд, таъин намуд. Лекин бо баробари ин княз як қатор чорабиниҳоро оид ба адолати андозбандӣ, тақсимоти баробари андози чорвои корӣ андешид. Вазнинии андозҳои пештара аввалан барои камбизоатон сабук шуд. Барои пешгирии суиистеъмолӣ, ба рӯйхатгирии хазинахонаҳо андози сарона дохил карда шуда буд. Дар давраи ҳукмронии Екатеринаи II бошад системаи идоракунии молия тағйир дода шуд. Александри I дар навбати худ соли 1802 Вазорати молияро ташкил дод. Ҳоло бошад системаи муосири Федератсияи Россия ба мустаҳкамкунии бозори аввал дар хоҷагидорӣ, мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ ва бо баробари ин ҳамчун монеа дар роҳи пастшавии сатҳи иҷтимоии табақаҳои каммузд хизмат менамоя. Андозҳо якчанд истилоҳотро, аз ҷумла андозсупорандагон, объекти андозбандӣ, давраи андоз ва имтиёзҳои андозро дарбар мегиранд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба зимаашон пардохти андоз гузошта шудааст, ҳамчун андозсупоранда эътироф карда мешаванд. Объекти андозбандӣ метавонад аз амвол, даромад, фоида, амалиёт доир ба таҳвили мол, арзиши молҳои таҳвилшуда, воридоти мол иборат бошанд.

Меъёри андоз ин бузургии ҳисобкардашудаи маблағи андозҳое мебошад, ки нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ истифода бурда мешавад. Меъёри андоз бо фоиз ва маблағи мутлақ нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ муқаррар карда мешаванд. Тахти мафҳуми давраи андоз, муддате дар назар дошта шудааст (соли тақвимӣ, семоҳа, моҳ, дар дигар муҳлатҳо), ки нисбати андозҳои алоҳида муқаррар гардидааст ва ҳангоми гузаштани он, манбаи андоз муайян ва маблағи андози ба буҷет супоридашаванда ҳисоб карда мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М. А. — Душанбе: ЭР-граф, 2009.
2. Андоз / С. Ҳабибов // А — Асос. — Д. : СИЭМТ, 2011. — (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир А. Қурбонов ; 2011—2017, ҷ. 1). — ISBN 978-99947-33-45-3.
3. Шабакаи интернети https://tg.wikipedia.org.
4. Ҳаитов С.П. Таърихи ҳуқуқи андоз дар Тоҷикистон (нимаи дуюми асри 19 – ибтидои асри 21) / С.П. Ҳаитов. - Душанбе -2017. «Ирфон», С – 10.
5. Шабаки интернети https://durahshon.tj.
6. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 10


## ТАЪРИХИ АНДОЗ ВА МАРҲИЛАҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.


Дар мақолаи мазкур масъалаи таърихи андоз ва марҳилаҳои он дар ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таърихи андоз ин яке аз нишонаҳои давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳама давру замон боиси таваҷҷуҳи махсуси ҳокимон қарор дошт. Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон яке аз миллатҳои қадимтарини ҷаҳон ба ҳисоб рафта, аз асрҳои V – IV пеш аз милод дар замони давлатдории Ҳахоманишиҳо то замони муосир вуҷуд дошта, дар супоридани андоз ва пардохтҳо ҳамеша саҳмгузор буданд. Аз ин лиҳоз додани андоз ва пардохтҳо, ки дар моддаи 45-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, вазифаи ҳар кас мебошад. Меъёри андоз ин бузургии ҳисобкардашудаи маблағи андозҳое мебошад, ки нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ истифода бурда мешавад. Меъёри андоз бо фоиз ва маблағи мутлақ нисбати воҳиди ченаки манбаи андозбандӣ муқаррар карда мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** таърихи андоз, давраҳои андоз, қонунгузорӣ андоз,


## НАЛОГОВАЯ ИСТОРИЯ И ЕЁ ЭТАПЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье рассматривается история возникновения налога и его этапы в Республике Таджикистан. Налоговая история — одна из визитных карточек штата, которая всегда привлекала внимание губернаторов. История показывает, что таджики - один из древнейших народов мира, они существовали с V-IV веков до н.э. при государстве Ахеменидов до наших дней и всегда вносили свой вклад в уплату налогов и сборов. В связи с этим обязанностью каждого является уплата налогов и сборов, предусмотренных статьей 45 Конституции Республики Таджикистан.

Налоговая ставка – это расчетное значение суммы налога, применяемое к единице измерения налоговой базы. Ставка налога устанавливается в процентах и в абсолютных величинах на единицу измерения налоговой базы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** налоговая история, налоговые периоды, налоговое законодательство,

**TAX HISTORY AND ITS STAGES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses the history of the tax and its stages in the Republic of Tajikistan. Tax history is one of the hallmarks of the state, which has always attracted the attention of governors. History shows that the Tajiks are one of the oldest nations in the world, they existed from the V-IV centuries BC under the Achaemenid state to the present day and have always contributed to the payment of taxes and fees. In this regard, it is the duty of everyone to pay taxes and fees, as provided for in Article 45 of the Constitution of the Republic of Tajikistan. The tax rate is the calculated value of the amount of tax applied to a unit of measurement of the tax base. The tax rate shall be established as a percentage and in absolute amounts per unit of measurement of the tax base.

**KEYWORDS:** tax history, tax periods, tax legislation,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алишерзода Абдурауф Алишер*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **003667474;**

**Сведения об авторе:** ***Алишерзода Абдурауф Алишер*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **003667474;**

**Information about the author:** ***Alisherzoda Abdurauf Alisher*** – Tajik National University, second - year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **003667474;**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

***Қодирқулов Х.Р. Сироҷидинова М. Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити кунунӣ, ки пешрафти илму техника мушоҳида карда мешавад ва муносибатҳои нав ба нави ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ мекунанд, баробарии вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии ҳуқуқҳои онҳо талаби замон аст. Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати гендериро пеша намудааст, ки он ба намояндагони ҳар ду ҷинс имконияти озодона инкишоф додани қобилияту тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар сиёсати дохилии давлат танзими ҳаёти ҷамъиятӣ нақши муҳим мебозад. Фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, қонеъгардонӣ ва ҳамоҳангсозии талаботи шахсият ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, таъмини сатҳи хуби зиндагӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Дар Тоҷикистон муассисаи асосие, ки ба пешбурди сиёсати гендерӣ масъул аст, Кумитаи кор бо занон ва оила маҳсуб меёбад. Кумита ба фаъолияти гуногунҷанба, аз таҳқиқи масъалаи занон то шунидани арзу шикояти шаҳрвандон, тарғиби фаъолияти занон дар васоити ахбори омма, танзими кори ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ доир ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва ғайра машғул аст. Дар назди кумитаи кор бо занон 110 марказҳои минтақавии иттилоотӣ- машваратӣ ва рафъи буҳрон, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, амал мекунанд [1.с.15].

Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 1994 уҳдадории муваффақ шудан ба баробарии гендериро бар дӯш гирифт. Яке аз дастовардҳои муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти баробарии гендерӣ ин таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии татбиқи сиёсати гендерӣ маҳсуб меёбад. Тоҷикистон дар ин ҷода тадбирҳои судманд андешида, шартномаҳои байналхалқиро тасвиб ва қонунгузории миллиро бо санадҳои меъёрии байналхалқӣ мутобиқ намудааст [2.с.3]. Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ғамхорӣ ба занон ва баланд бардоштани мақоми занро бахши муҳимми сиёсати давлатӣ муайян намудааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии

сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 21 декабри соли 2021 бо самимияти беандоза нисбат ба занон зарурияти боз ҳам таҳким бахшидани мавқеъ ва нақши занонро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии давлат таъкид намуданд [3.с.16]. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат зери роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирии занону модарон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа як силсила тадбирҳои судмандро амалӣ гардонид. Қабул шудани «Нақшаи миллии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар солҳои 1998-2005» [4,с.3]. намунаи беҳтарини ғамхорӣ ва эътимоду боварӣ ба ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва ғайрату кордонии занони ҷумҳурӣ мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон Фармон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» - ро ба имзо расонид, ки барои боз ҳам фаъолтар шудани занон заминаи мусоид фароҳам овард. Минбаъд ба хотири дастгирии занон якчанд барнома ва стратегияҳои давлатӣ ба тасвиб расиданд, ки ҳар кадоми онҳо ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи занону духтарон нақши муҳим бозиданд. Дар солҳои истиқлолият барои таҳсили духтарон шароити муносиб муҳайё карда шуд.

Азбаски зуҳуроти нобаробарии марду зан ҳам дар давлатҳои тараққикарда ва ҳам дар давлатҳои тараққиёбанда ҷой дорад, аксари олимон бар онанд, ки барои муваффақ шудан ба баробарии ҳақиқии ҷинсҳо муносибати нав, дурнамо ва усулҳои нави кор лозиманд. Яке аз чунин стратегияҳо назари комплексӣ ба масъалаи баробарии ҷинсҳо гардид, ки он ҳамчун принсипи сиёсати давлат дар ҳуҷҷатҳои Конференсияи чоруми умумиҷаҳонии СММ оид ба масъалаҳои занҳо соли 1995 дар Пекин пешниҳод карда шуд [4]. Мақсади он ҳамбастагии амалиёт барои таҳкими баробарии байни ҷинсҳо дар тамоми стратегия ва барномаҳои сиёсӣ, дар мавридҳои зарурӣ, то қабул намудани ҳама гуна қарор таҳлил кардани оқибатҳои имконпазири онҳо мутобиқан барои занҳо ва мардҳо мебошад. Стратегияи мазкур дар ҳаёти сиёсии бисёр давлатҳои тараққикарда ба монанди Канада, Олмон, Шветсия, Финландия, Норвегия ва ғайра фаъолона татбиқ карда мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ талаботи Эъломияи Пекин ва Барномаи амали онро, ки дар Конференсияи Чоруми Умумиҷаҳонии СММ соли 1995 қабул гаштааст, мавриди истифода қарор дода, тадбирҳои зайлро роҳандозӣ намуд:

1. Таҳияи асосҳои ҳуқуқии таъмини баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ҷорӣ намудани масъалаҳои гендерӣ ба сифати мавзуи асосии стратегияи коҳиш додани камбизоатӣ ва сиёсати рушди миллӣ.

3. Ҷорӣ намудани принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занон дар масълаи дастрасӣ ба замин дар сатҳи қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ.

4. Ҷорӣ намудани квотаҳои президентӣ барои ҷалби духтарони минтақаҳои алоҳида баҳри таҳсил дар мактабҳои олӣ

Ба таъмини баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 таъсири манфӣ расонид. Дар ин ҷанг қариб 1% аҳолӣ ҳалок гардид, 25000 зан бева монд, 55000 кӯдак ятим гашт, қариб як миллион нафар иҷборан муҳоҷир гашт, зарари иқтисодӣ $7 млрд-ро ташкил дод, инфрасохтори иҷтимоии мамлакат фалаҷ гардид [5,с.128]. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳазорҳо мардон ҳалок шуданд ё беному нишон гаштанд, занону духтарон низ дар вазъияти ногувор монда буданд, силоҳбадастон ва афроди ҷиноятпеша онҳоро маҷбуран ба никоҳи худ мегирифтанд ё ба фурӯш мемонданд [5,с.25].

Баъди итмоми ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистон дар феҳристи баробарҳуқуқии марду зан ҷои 95-умро дар миёни кишварҳои Гурҷистон ва Парагвай дарёфт кард. Бинобар маълумоти оморӣ, нисфи аҳолии Тоҷикистонро бонувон ташкил мекунанд. Исландия, Норвегия, Финландия, Руанда ва Шветсия дар феҳрист панҷ радаи болоиро ишғол кардаанд. [5. С.30].

Соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумат созмон дода мешавад, ки ба дӯши он ҳамоҳангсозии тадбирҳо барои пешбурди баробарии гендерӣ, пешгирии табъиз бар зидди занон, духтарон ва гурӯҳҳои осебпазир ва рафъи хушунати гендерӣ вогузошта мешаванд.

Соли 1998 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи миллии амалиётро дар ҷодаи баланд бардоштани нақш ва мақоми занон барои солҳои 1998-2005 қабул намуд. Дар нақшаи фавқуззикр тадбирҳо доир ба гузаронидани таҳлили гендерии қонунгузорӣ,

ташаккули захираи кадрҳо баҳри пешбарӣ намудан ба сохторҳои идорӣ дар заминаи гендерӣ пешбинӣ шуданд. Лозим ба тазаккур аст, ки барои баланд бардоштани сиёсати гендерӣ ва таъмин намудани баробарии зану мард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 8-уми августи соли 2001 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 «Дар бораи Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» аз ҷониби Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид. Тавре дар он зикр шудааст, мақсад аз қабули Барномаи мазкур таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 1999 таҳти №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» буд. Дар Барнома якчанд масъалаҳо роҷеъ ба таъмини баробарҳуқуқии занону мардон, нақши занон дар сиёсат, иқтисодиёт, оила ва пешгирии зӯроварӣ нисбати занон, қабули санадҳои барномавӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдаку модарон, тандурустии репродуктивӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд [6]. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 27 апрели соли 2000-ум таъкид шудааст, ки дар ҳайати праламенти ду палатагии нав таъсисёфта миқдори занон нисбат ба даъватҳои гузашта ду баробар зиёд мебошад [7.с.12]. Дар соли 2000 теъдоди занон дар мақомоти марказии идоракунии давлатӣ ва сохторҳои он 2800 нафар (24,2%), аз ҷумла дар вазифаҳои роҳбарикунанда – 515 нафар (16,8%); дар мақомоти маҳаллӣ идоракунии давлатӣ 993 нафар (26,7%), аз ҷумла дар вазифаи роҳбарӣ - 310 нафар (21,3%); дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ – 562 нафар (17,0%), аз ҷумла дар вазифаи роҳбарӣ – 241 нафар (20,5%)-ро ташкил доданд [11,с.18]. Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №391 аз 8-уми августи соли 2001 «Дар бораи Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» дар самти баланд бардоштани мақоми занон дар мамлакат тадбирҳои мушаххас андешида шуданд ва дар муддати кӯтоҳ қарори мазкур самараи нек дод ва боиси афзудани нақши занон дар ҷомеа гардид. Як қатор занони қобилиятнок ва ботаҷриба ба мансабҳои масъули давлатӣ таъин шуданд, ки бомуваффақият адои вазифа мекунанд [8,с.66]. Дар Паёми сарвари давлатамон аз соли 2014 омадааст, ки аз 18 300 нафар хизматчиёни давлатӣ, ки дар мақомоти марказиву маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо фаъолият менамоянд, 4315 нафар ё 24 фоизро занон ташкил доданд [9.с.18].

Дар соли 2020 бошад ба хизмати давлатӣ 4355 нафар занон ҷалб гардиданд, ки 23,4% хизматчиёни давлатиро ташкил мекунад. Аз ин теъдод 1066 нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунанда (18,7% аз теъдоди умумии кормандони роҳбарикунанда) фаъолият доштанд. Дар ин раванд, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007- 2016» қабул гардида, ба афзоиши шумораи занону духтарон дар ҳамаи шохаҳои ҳокимият мусоидат намуд. Дар соли 2020 бошад ба хизмати давлатӣ 4355 нафар занон ҷалб гардиданд, ки 23,4% хизматчиёни давлатиро ташкил мекунанд. Аз ин теъдод 1066 нафар занон дар мансабҳои роҳбарикунанда (18,7% аз теъдоди умумии кормандони роҳбарикунанда) фаъолият доштанд. Дар соли 2020 занон 70% кормандони соҳаи маорифро, 67% кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоиро, 51% кормандони фарҳангроз, 36 % кормандони соҳаи бонкдорро, 21,4 % роҳбарони хоҷагиҳои деҳқониро, 23,1 % соҳибкорзанонро ташкил додаанд, ки онҳо дар рушди иқтисоди кишвар саҳми босазо гузоштаанд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишварамон вазъияти занон дар деҳот хеле вазнин буд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ташкилотҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва аҳзоби сиёсиро вазифадор намуд, ки фаъолияти худро нисбати занони деҳот ва баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ҷоннок намоянд, зеро хавфи ба хурофоти асримиёнагӣ кашидани занон дар баъзе минтақаҳои кишвар ҳанӯз аз байн нарафта буд. Дар баробари ин, ҷанги шаҳрвандӣ мушкилоти бештареро дар ҳаёту фаъолияти онҳо ба миён овард. [10]. Дар Тоҷикистон соли 2009-ум 45% қувваи кориро занон ташкил медоданд. Теъдоди занон дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф, ки дар ин соҳаҳо даромаднокӣ нисбат ба дигар соҳаҳо камтар аст, нисбат ба мардон зиёд буд. Дар соҳаи кишоварзӣ 48% қувваи кориро занон ташкил медоданд, вале эҳтимол дорад ин рақам бештар бошад, зеро занон ба кори саҳроӣ ба шавҳарони худ, бидуни гирифтани маош кор мекунанд. Соли 2013 қисми зиёди

коркунони хоҷагии қишлоқро занон ташкил медоданд (75,1%), аммо теъдоди занони сарвар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба мардон хеле кам буд (ҳамагӣ 8%-ро ташкил медод). Инчунин, занон дар бозори ғайрирасмӣ (корҳои кироя, мардикорӣ, муздурӣ) бо гирифтани музди ночиз кору фаъолият мебаранд. Дар соли 2013 маоши занон ҳамагӣ 63,3 % маоши миёнаи мардонро ташкил медод, аммо ин рақам дар солҳои охир каме афзоиш ёфтааст.

Дар самти ҷалби занон ба истеҳсолот тадбирҳои судманд андешида шуданд. Ҳукуматҳои маҳаллӣ ба ташкили кори хонагӣ, ҳунарҳои дастӣ ва дигар намудҳои косибӣ барои занону духтарони хонашин ва бо ҳамин роҳ паст намудани шиддати бекорӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон аз соли 2006 то 2011 дар ҳаҷми 3 миллиону 300 ҳазор сомонӣ грантҳои президентӣ ҷудо гардиданд, ки ин амал боиси афзудани шумораи занону духтарони соҳибкор гашт. Соли 2014 нуфузи занон дар самти соҳибкорӣ бештар гардида, онҳо беш аз 30 фоизи соҳибкорони мамлакатро ташкил доданд. Агар дар заминаи гендерӣ афзоиши нуфузи занонро дар сектори хусусӣ таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки соли 2010 дар соҳаи соҳибкорӣ 11,7% занон фаъолият бурдаанд, дар соли 2018 ин нишондод 31,5 %-ро ташкил додааст. Дар соҳаи соҳибкорӣ занон ба ҳайси сарвар дар 45% -и корхонаҳои хурду миёнаи тиҷоратӣ фаъолият мебаранд, дар 25%-и корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ ва дар 19% -и корхонаҳои истеҳсоли кишоварзӣ занон роҳбарӣ мекунанд [11.с.7]. Дар Тоҷикистон бештари занон дар соҳаи маориф ва тандурустӣ фаъолият мебаранд. Чунончӣ, дар соли 2014 аз 193 ҳазор нафар кормандони соҳаи маориф 54,9 фоиз ё қариб 106 ҳазор нафарро ва дар соҳаи тандурустӣ аз 88 ҳазор нафар кормандон 66,5 фоиз ё қариб 60 ҳазор нафарро занон ташкил медоданд. Умуман, дар ҷумҳуриамон амалӣ гардидани барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкон дод, ки дар давоми солҳои 2006-2016 зиёда аз 1 миллион ҷойҳои кори доимӣ, муваққатӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, танҳо тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 315 ҳазор нафар бо ҷойи кор таъмин гарданд, ки 30 фоизи онҳоро занон ташкил доданд.

Дар сохторҳои идорӣ, муассисаҳои давлатӣ ҷиҳати амалишавии "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022" (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2016, № 496 тасдиқ шудааст) тадбирҳо андешида мешаванд. Чунончӣ, таи солҳои охир дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши таҳти унвони «Духтарони Пешво», «Зан - роҳбар», «Зан - сарвар», «Мактаби сарварони ҷавон», «Зан ва сиёсат» доир гардида, то имрӯз зиёда аз 130 нафар занону духтарон дар ин курсҳо такмили ихтисос намуданд. [12.с.592]. Дар Тоҷикистон тадбирҳо баҳри зиёд намудани теъдоди занон дар вазифаҳои идоракунии давлатӣ андешида шуданд, ки дар натиҷаи он соли 2020 - ум наздик 25 фоизи хизматчиёни давлатиро занон ташкил доданд. Ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 30 фоиз расонида хоҳад шуд. Бояд гуфт, ки дар даврони истиқлолият ба хотири ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии занону духтарон беш аз 20 ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ қабул карда, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 узви Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мақоми зан гардид, ки ин санадҳо барои фаъолияти занону бонувон заминаи боз ҳам мусоид фароҳам оварданд. Ҳалли мушкилоти занон ва фароҳам овардани имконият барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо дар тамоми суханрониҳо ва паёмҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такрор ба такрор садо дода, соҳибистиқлолии кишвар ва интишори барномаҳои созандаву бунёдкоронаи Роҳбари давлат барои бонувони кишвар фазоеро муҳайё намудааст, ки озодона кору фаъолияти худро ба роҳ монанд. Мисоли равшани ин гуфтаҳоро аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими савгандёдкунӣ аз 30-юми октябри соли 2020 метавон мавриди корбарӣ қарор дод. Президенти мамлакат чунин зикр карданд: "Имрӯз занон дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва хизмати давлатӣ нақши бисёр арзишманд доранд ва мо дар оянда барои онҳо шароити ҳарчи беҳтар муҳайё мекунем ва ташаббусҳои занону бонувони мамлакатро ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем. Ба хотири боз ҳам баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон ва васеъ намудани фаъолияти онҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" - ро таҳия ва амалӣ месозем". Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №167 "Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030" тасдиқ гардид ва айни замон мавриди амал қарор дорад. Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа ва нақши онҳо дар раванди пешрафти иқтисоди миллӣ, ҳамзамон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо зиёда аз 60 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст.

Яке аз муҳимтарин санади меъёри ҳуқуқии вобаста ба занон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» мебошад. Ин қонун, ки аз соли 2005 – ум инҷониб амал менамояд, муносибатҳои оид ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар соҳаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо ба танзим даровper, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд. Дар асоси ин қонун мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд, ки омӯзиши гендерии хизматчиёни давлатии ҳамаи мақомотро тавассути системаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои дастгоҳи идораҳои давлатӣ мунтазам ба роҳ монанд ва барои амалигардонии имконияти баробари мардону занон, аз он ҷумла ба воситаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, эҳё ва эҷод кардани расму оин ва гузаронидани чорабиниҳои дигари мушаххас, бартараф намудани сабабу шартҳои ба баробарҳуқуқии комил халалрасонанда мусоидат намоянд. Ин қонун муқаррар менамояд, ки давлат иштироки баробари мардону занонро дар идоракунии давлатӣ кафолат дода, баробарии мардону занонро дар шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра таъмин намояд. Натиҷаи татбиқи ин санадҳо ва роҳандозӣ гардидани тадбирҳои судманд шумораи занон дар парлумони кишвар рӯ ба афзоиш ниҳода, нисбат ба интихоботи соли 2015 аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16,6 фоиз ба 26,6 фоиз ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20,6 фоиз ба 27 фоиз расонида шуд. Танҳо дар ду соли охир 43 нафар занону духтарони лаёқатманд тибқи фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардиданд. Имрӯз 24,1 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ ва 19,4 фоизи кадрҳои роҳбарикунандаро занону бонувон ташкил медиҳанд. Ҳоло қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд. Аз шумораи умумии 737 нафар хизматчиёни давлатии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 160 нафарро занон ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 18 нафар занону бонувон дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият доранд. Аз теъдоди умумии 388 нафар судяҳои амалкунанда 80 нафар занону бонувони судя буда, аз ин шумора раисони судҳо 8 нафар ва муовинони раисони судҳо 8 нафар занону бонувон мебошанд. Теъдоди умумии бонувон дар мақомоти корҳои дохилӣ 1 585 нафар, ки аз ин 720 нафар ҳайати миёна ва калони роҳбарикунанда ва 865 нафар ҳайати қаторӣ ва хурди роҳбарикунанда буда, 94 нафари занону бонувон дар мансабҳои баланди роҳбарикунанда хизмат намуда истодаанд. Аз ин нишондиҳандаҳо бармеояд, ки баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон ва пешбарии занону духтарони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар мадди назари Ҳукумати кишвар, махсусан Роҳбари давлат қарор дорад ва ин таваҷҷуҳу ғамхориҳои Сарвари давлат нисбат ба занону модарон масъулияти ҳар як занро нисбат ба фаъолият дар сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ, нисбат ба тарбияи дурусти фарзандон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию ифтихори миллии онҳо дучанд боло бурда, ба занону модарон руҳу илҳоми тоза мебахшад. Барои баланд бардоштани савияи дониши насли наврасу ҷавон, зиёд гардидани сафи занону духтарон дар ниҳодҳои давлатӣ, омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарон ва ҳалли мушкилоти занон аз ҷониби ҳукумати кишвар имкониятӯ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар замони соҳибистиқлолии мамлакат 11 500 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро бо квотаи президентӣ хатм карда, саҳми худро дар пешрафти соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ гузошта истодаанд. Дар ин давра 222 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм намуда, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар ин муассисаҳо таҳсил карда истодаанд. Аз 42 ҳазор нафар донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ таҳсил доранд, зиёда

аз 8 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд. Ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намудани занону духтарон ва рушди соҳибкории хурду миёна, таъмини занон бо ҷойи кор ва барои онҳо фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби бештари занону духтарон ба омӯхтани касбу ҳунар бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои дуҷонибаро ба роҳ монда, дар соли 2021 – 15 ҳазору 870 нафар занон ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд ва 35 ҳазору 213 нафар бо ҷои кор таъмин гардиданд. Дар ин ҳошия бо мақсади рушди соҳибкории занон аз соли 2006 то инҷониб тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон грантҳои Президентӣ амал намуда, барои амалишавии лоиҳаҳои грантӣ ҳаҷми умумии маблағҳо 22 миллиону 300 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар заминаи амалишавии лоиҳаҳои грантӣ 5 ҳазору 378 ҷойи корӣ барои занону бонувон таъсис дода шуд [13].

Ҳамин тавр, дар саросари кишвар боло рафтани мақоми зан дар ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон танҳо ба шарофати истиқлолияти давлатӣ амалӣ гардид. Диққати ҷиддии роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи таъмини баробарҳуқуқии мардону занон буд, ки солҳои охир самаранокии татбиқи сиёсати гендерӣ дар кишварамон таъмин гаштааст.

**АДАБИЁТ**


1. Дар "Гузориши ҷаҳонӣ дар бораи тафовути ҷинсҳо-2017"-и Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ феҳристи баробарҳуқуқии марду зан дар кишварҳо таҳия шуд. Душанбе, 3 ноябри 2017 // https://sputnik-tj.com/world/20171103/1023795182.html
2. Европейский союз – Таджикистан. Семинар гражданского общества “Практическое применение принципов гендерного равенства в Таджикистане”, 24-25 апреля 2018 года. Отчет о работе семинара.-Душанбе, 2018. - 37 с.
3. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» – Душанбе – 2022 КВД КТН «Шарқи озод», 3 ҷузъи чопӣ.
4. Нақшаи миллии тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани мақом ва нақши зан дар солҳои 1998-2005 – Душанбе “Эҷод” – 1998, 18саҳ.
5. Европейский союз – Таджикистан. Семинар гражданского общества “Практическое применение принципов гендерного равенства в Таджикистане”, 24-25 апреля 2018 года. Отчет о работе семинара.-Душанбе, 2018. - С.21.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2001,№391 «Дар бораи Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010”
7. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» ба Маҷлиси Олӣ – Душанбе – 2000, “Шарқи озод” 27саҳ.
8. Информационный бюллетень Программы ЕБРР «Женщины в бизнесе» в Таджикистане//EBRD TAJ WIB: 05/2019 - 1 Выпуск. –11 с.
9. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» ба Маҷлиси Олӣ – Душанбе – 2014, “Шарқи озод” 30 саҳ.
10. Комплексная региональная информационная сеть (IRIN). Таджикистан: Гражданская война оставила одну из трех женщин жертвой домашнего насилия. Наши тела – их поле боя: Гендерное насилие в конфликтных зонах. –Душанбе, 2004. С. 25. http://www.irinnews.org/pdf/in-depth/gbv-irin-in-depth.pdf.
11. Национальный обзор Республики Таджикистан по осуществлению Пекинской декларации и Платформы действий (1995 года) и итоговых документов Двадцать третьей специальной сессии Генеральной Ассамблеи ООН (2000 года) в контексте двадцатой годовщины Четверной Всемирной конференции по положению женщин и принятия Пекинской декларации и Платформы действий в 2015 году. –Душанбе, 2015. – 68 с.
12. Мактаби «Зан ва сиёсат» бонувони роҳбарро тайёр менамояд// https://www.comwom.tj/articles/393-maktabi-zan-va-siyosat-bonuvoni-ro-barro-tajyor-menamoyad- (Санаи муроҷиат: 15.03.2021).
13. Рахмонова О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917–2011 гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 187 с.


**АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМИ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН**


Мақолаи мазкур фарогири матолиб роҷеъ ба асосҳои ҳуқуқии мақоми занон дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Муаллифи мақола талош варзидааст перомуни муассисаи асосие, ки ба пешбурди сиёсати гендерӣ масъул аст, иттилоъи мухтасар диҳад. Инчунин нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таҳким бахшидани мавқеи занон дар ҷомеа дар мақолаи мавриди назар нишон дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити кунунӣ, ки пешрафти илму техника мушоҳида карда мешавад ва муносибатҳои нав ба нави ҷамъиятӣ арзи ҳастӣ мекунанд, баробарии вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии ҳуқуқҳои онҳо талаби

замон аст. Ҳукумати Тоҷикистон сиёсати гендериро пеша намудааст, ки он ба намояндагони ҳар ду ҷинс имконияти озодона инкишоф додани қобилияту тавоноӣ, маҳорат ва малакаашонро барои иштирок дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва азхудкунии натиҷаи он медиҳад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳуқуқи занон, гендер, соҳибистиқлолии мамлакат, кумитаи кор бо занон ва оила, занони соҳибкор, сиёсат, грантҳои президент, зӯроварӣ нисбати занон, ҷалби занон ба истеҳсолот, таъмин намудани баробарии зану мард.

**ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПОЛОЖЕНИЯ ЖЕНЩИН В ОБЩЕСТВЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ ТАДЖИКИСТАНА**

В данной статье освещаются правовые основы положения женщин в политической и общественной жизни таджикского общества. Автор статьи попытался дать краткий обзор основного института, отвечающего за гендерную политику. В статье также освещается роль основоположника мира и национального единства, лидера нации Эмомали Рахмона в укреплении положения женщин в обществе. Автор подчеркивает, что в современных условиях научно-технического прогресса и появления новых общественных отношений равенство правового и социального положения мужчин и женщин и равные возможности реализации ими своих прав является вопросом времени. Правительство Таджикистана проводит гендерную политику, которая позволяет представителям обоих полов свободно развивать свои способности, навыки и компетенции для участия в политической, экономической, социальной, культурной и просветительской деятельности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Права женщин, гендер, независимость страны, Комитет по делам женщин и семьи, женщины-предприниматели, политика, президентские гранты, насилие в отношении женщин, участие женщин в производстве, обеспечивание гендерного равенства.

**THE LEGAL BASIS OF THE STATUS OF WOMEN IN THE POLITICAL AND SOCIAL LIFE OF TAJIK SOCIETY**

This article covers the legal basis of the status of women in the political and social life of Tajik society. The author of the article tried to give a brief overview of the main institution responsible for gender policy. The role of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation Emomali Rahmon on strengthening the position of women in society is also highlighted in the article. The author emphasizes that in the current context of scientific and technological progress and the emergence of new social relations, the equality of legal and social status of men and women and equal opportunities for the exercise of their rights is a matter of time. The Government of Tajikistan has a gender policy that allows members of both sexes to freely develop their abilities, skills and competencies to participate in the political, economic, social, cultural and outreach process.

**KEYWORDS:** Women's rights, gender, independence of the country, Committee on Women and Family Affairs, women entrepreneurs, politics, presidential grants, violence against women, participation of women in production, ensuring gender equality.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Қодирқулов Х.Р.* -** Донишгоҳи милили Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Сироҷидинова Маҳинабону Шӯҳратовна* -** магистранти соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 888-788-388**. Gmail: **bonu6ka@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Кодиркулов Х.Р.*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Сироджидинова Махинабону Шухратовна*** - магистр 2-го курса юридического факультета ТНУ. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Телефон**: (+992) 888-788-388. Gmail: **bonu6ka@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Qodirqulov H.R.*** – Tajik National University, candidate of science in law, docent**. Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Sirojidinova Mahinabonu Shuhratovna*** - second - year master`s student of the Faculty of Law, TNU. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone**: (+992) 888-788-388.** Gmail**: bonu6ka@mail.ru**

## МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

***Абдукаримов А. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ – мавзуи доғи рӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ тафсири ягона вобаста ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ҳама

онро қабул намоянд вуҷуд надорад. Ҳар як муаллиф кӯшиш мекунад, ки онро ба таври худ тафсир диҳад ва ҷанбаҳои ба фикри ӯ асосиро муайян намояд. Оиди мафҳуму моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёт якчанд нуқтаҳои назар ва назарияҳо пешкашу истифода мешаванд. Ба ақидаи муҳаққиқони тоҷик (Сотиволдиев Р.Ш. ва Соҳибов М.М.) ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъекти босалоҳияти ҳокимияти давлатӣ татбиқ мешавад. Баъзе олимон (масалан, профессор В.В. Лазарев) ҷавобгарии ҳуқуқиро «ҳамчун уҳдадории шахсе, ки барои ҳуқуқвайронкунии содиркарда, дучори маҳрумиятҳои муайяни ба чораҳои таъсироти маҷбурии давлатӣ асосёфта ва бо санадҳои меъёрӣ муқарраркардашуда мегардад» шарҳ медиҳанд. Муҳаққиқони дигар (В.Д. Перевалов, Т.Н. Радко, А.Б. Венгеров) ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун «яке аз шаклҳои таъсироти маҷбурии давлатӣ», «намуди махсуси маҷбурсозии давлатӣ» мешуморанд. Якчанд олимони илми ҳуқуқ (B.C. Нерсесянс ва В.Н. Протасов) ҷавобгарии ҳуқуқиро бо чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ алоқаманд мекунанд. Масалан, ба ақидаи B.C. Нерсесянс, ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин чораи маҷбурсозии ҳуқуқист барои ҳуқуқвайронкунӣ, ки бо санксияи меъёри вайроншуда пешбинӣ шуда, нисбати ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдор бо тартиби мурофиавӣ – ҳуқуқӣ татбиқ мешавад». М.Н. Марченко ва М.М. Рассолов консепсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро ба категорияи «муносибатҳои ҳуқуқӣ» мансуб дониста, «ҷавобгариро ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ, ки дар доираи он чораҳои маҷбурии давлатӣ пурра амалӣ карда мешаванд» шарҳ медиҳанд. Чи тавре ки профессор М.М. Рассолов қайд менамояд, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – намуди махсуси муносибати ҳуқуқӣ – ҳуқуқҳифзнамоӣ мебошад, ки субъектҳои он аз як тараф давлат (мақомоти ваколатдор) ва аз тарафи дигар шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задааст». Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ «ҳамчун уҳдадории шахсе, ки барои ҳуқуқвайронкунии содиркарда, дучори маҳрумиятҳои муайяни ба чораҳои таъсироти маҷбурии давлатӣ асосёфта ва бо санадҳои меъёрӣ муқарраркардашуда мегардад» дарҷ мешавад. Ҳамин тавр, айни ҳол ақидаҳои мухталиф вобаста ба табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад ва нуқтаи назари ягона доир ба ин масъала вуҷуд надорад. Бояд қайд намуд, ки мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун амаликунандаи санксияи меъёри ҳуқуқӣ баҳсбарангез мебошад, чунки ҷавобгарии ҳуқуқӣ на фақат ба татбиқи муҷозот равона карда шудааст. Санксия нишондиҳандаи оқибатҳои нохуше, ки мутобиқи қонунгузорӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунандаон татбиқ мегардад, мебошад. Ба гуфтаи Д.А. Липинский «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – маънии муҷозот ва татбиқи санксияро надорад, чунки метавонад бе татбиқи муҷозот ва санксия амал кунад, аммо муҷозот ва татбиқи санксия ҳамавақт ба ҷавобгарӣ асос мееёбанд ва бе ӯ арзи вуҷуд карда наметавонанд». Бояд қайд намоем, ки ба ақидаи О.Э. Лейст «мафҳуми ҷавобгарӣ васеътар аз мафҳуми «татбиқи санксия» мебошад, чунки дорои проблемаҳо ба монанди: баҳо додани ҳуқуқвайронкунӣ, кафолати расидан ба ҳақиқати объективии парванда, татбиқи чораҳои пешгирии нисбати шахс ё гумонбаршуда дар содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, асосҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ, ҳолати ҷазо, татбиқи ҷарима ва санксияҳои ҷазодиҳӣ ва ғайраҳо аст». Муҳокимаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун уҳдадорӣ низ қобили қабул буда наметавонад. Чунки дар қонунгузории амалкунанда нисбати амалҳое, ки барои ҷомеа номатлуб мебошанд маҳдудият муқаррар карда шудааст, на ҳуқуқи содир кардани онҳо. Барои ҳамин пайдоиши уҳдадорӣ барои вайрон намудани маҳдудиятҳо номумкин аст. Уҳдадорӣ – ин чораи рафтори муносиб мебошад. Маҳдудият – маҳдуд кардани ҳуқуқи шахс бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи дигарон, ҷомеа ва давлат мебошад. Ба гуфтаи Д.А. Липинский «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба уҳдадорӣ, маҳкумкунӣ, татбиқи санксия ва ҷазодиҳӣ нигаронида намешавад. Чунин падидаҳои ҳуқуқӣ ифодагари ҷавобгарӣ буда, дар алоҳидагӣ то як андоза онҳоро тавсиф мекунанд».

Ақидаҳои гуногуни пешниҳодшуда вобаста ба табиати ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар назарияи ҳуқуқ доир ба моҳияти ин падидаи ҳуқуқӣ фаҳмиши муайяне мавҷуд нест. Чи тавре ки П.П. Серков қайд менамояд «вуҷуд доштани андешаҳои гуногун доир ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ сабабаш он мебошад, ки нуқтаҳои назари пешниҳодшуда, як ҷузъиёти ин падидаи ҳуқуқиро дар бар мегиранд, аммо моҳияти онро пурра ифода намекунанд». Аз тарафи дигар вуҷуд доштани нуқтаҳои назари гуногун

шаҳодат аз он медиҳанд, ки ин падидаи ҳуқуқӣ дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, зарурияти қайд намудани аломатҳои асосӣ, вазифа ва моҳияти он ба вуҷуд меояд.

Л.А. Морозова қайд менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ «чораи маҷбурсозии давлатӣ; шарти ҳатмии ҷавобгарӣ – гунаҳгории ҳуқуқвайронкунанда; ба сифати оқибатҳои номусоид барои ҳуқуқвайронкунанда баромад мекунад; асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ҳуқуқвайронкунӣ аст; ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ – ҳифзкунанда амал мекунад, ки субъектҳои он аз як тараф давлат (мақомотҳои ваколатдори татбиққкунандаи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ) ва аз тарафи дигар шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задаанд; бо тарзи махсуси мурофиавӣ амалӣ карда мешавад, ки қонунгузории амалкунанда онро танзим намуда, риояи он ҳатмӣ мебошад; хусусияти оммавӣ дорад, на хусусӣ чунки маҳз давлат уҳдадор аст, ки тартиботи ҷамъиятиро назорат намояд ва ҳуқуқвайронкунандаонро ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашад». В.В. Лазарев ба чунин аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишорат менамояд: «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша бо маҷбурсозии давлатӣ алоқаманд аст; ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо маҳрумиятиҳои муайяне тавсиф мешавад, ки шахси гунаҳкор бояд ба он тоб орад; ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба миён меояд». Т.Н. Радко диққати шахсро ба он равона мекунад, ки барои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин аломатҳо хос мебошанд: «аз ҷониби субъекти ҳуқуқ ба оқибатҳои номусоид барои амалҳои ғайриқонунӣ тоб овардан; маҷбурсозӣ. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ маънои татбиқи чораҳои маҷбурсозии давлатӣ нисбат ба шахси гунаҳкорро дорад, яъне он бо давлат зич алоқаманд аст; пайдо кардани субъект дар муносибатҳои махсуси муҳофизатӣ бо давлат». М.Н. Марченко қайд менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ «ҳамеша бо маҷбурсозии давлатӣ алоқаманд аст; боиси маҳкумкунии на танҳо ҷамъият, балки аз ҷониби давлат низ рафтори шахси вайронкардаи қонун баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад; ба оқибатҳои манфӣ, ба монанди маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахсӣ ва молу мулкӣ оварда мерасонад; дар шакли муносибатҳои ҷамъиятие амал мекунад, ки байни давлат (мақомоти ваколатдор) ва ҳуқуқвайронкунанда ё ҳуқуқвайронкунандаон муқаррар мегардад. Дар ин сурат давлат ваколатдор буда, ҳуқуқвайронкунанда вазифадор аст». В.Н. Протасов ишора мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ «характери ретроспективӣ дорад, яъне ҷавобгарӣ барои амалҳои гузашта; рафторе, ки ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, бояд махсус бошад, яъне аломатҳои ҳуқуқвайронкуниро дар бар гирад, алалхусус, рафтори гунаҳкорона бошад; ҳамеша бо маҳкумкунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ (баҳои манфӣ) ба рафтори ҳуқуқвайронкунанда алоқаманд аст; муҷозоткунанда аст; характери азобу уқубат дорад». В.Д. Перевалов қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ «танҳо барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба миён меояд; ҳамеша маҳрумиятҳои муайянеро барои ҳуқуқвайонкор пешбинӣ менамояд. Маҳрумиятҳо метавонанд характери шахсӣ, ташкилӣ ё молу мулкӣ дошта бошанд; ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат дар доираи раванди татбиқи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад, тамоми хусусиятҳо ва марҳилаҳои онро дар бар мегирад; намуд ва чораи маҷбуркунии давлатӣ дар асоси санксияи меъёри ҳуқуқӣ муайян карда мешавад». Ҳамин тариқ, дар ифшои хусусиятҳои асосии ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ хос нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Дар умум, нуқтаҳои назарро вобаста ба хусусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

1. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ – муносибатҳои муҳофизатӣ ҳисобида мешавад, ки яке аз тарафи он давлат (мақомоти ваколатдор) ва тарафи дигар ҳуқуқвайронкунанда мебошад (Л.А. Морозова, М.Н. Марченко).

2. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун сарзаниш ҳисобида мешавад, зеро дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, субъект уҳдадории нав пайдо мекунад – ба маҳдудиятҳо мубтало мешавад (Т.Н. Радко, В.Н. Протасов).

3. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути категорияи маҷбурсозии давлатӣ баррасӣ мешавад. (В.Д. Перевалов).

Ҳар як муаллиф ба таври худ хусусиятҳои хоси ин падидаи ҳуқуқиро аз ин ё он ҷиҳат шарҳ медиҳад. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз баҳсҳои сершумор аксарияти муаллифон розӣ ҳастанд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ретроспективӣ буда, ҷавобгарӣ танҳо барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба миён меояд, чораи маҷбурсозии давлатӣ мебошад, фарорасии оқибатҳои номатлубро барои вайронкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар назар дорад ва дар доираи муқаррарароти қонунгузории ҷорӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, бояд

розӣ шуд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ: хусусияти ретроспективӣ дошта, ҷавобгарӣ танҳо барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба миён меояд, чораи маҷбурсозии давлатӣ мебошад, боиси фаворасии оқибатҳои ногувор мегардад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷорӣ амалӣ карда мешавад, дорои характери сарзаниш мебошад, зеро дар натиҷаи содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ барои шахсе, ки талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ вайрон намудааст, ногузир ба оқибатҳои номатлуб дар намуди маҳрумияти шахсӣ ва молу мулкӣ мубтало мегардад.

Аломати якум – ҷавобгарии ҳуқуқӣ характери ретроспективӣ дорад. Чи тавре М.Н. Марченко қайд менамояд «мувофиқи ақидаи анъанавӣ, ки воқеиятро доир ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври кофӣ инъикос мекунад, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша хислати муайяни манфӣ дошт ва дорад, ки бо вайрон кардани талаботи ин ё он қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, одатҳои ҳуқуқӣ, шартномаҳои ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ асос меёбад».

Аломати дуюм – ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба миён меояд. А.А. Ткаченко қайд менамояд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ яке аз фактҳое мебошад, ки қариб ҳамаи олимон онро эътироф кардаанд». Ба ин нуқтаи назар наздик В.Д. Перевалов мефармояд «танҳо ҳуқуқвайронкунӣ (таркиби он) ягона асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад».

Аломати сеюм – ҷавобгарии ҳуқуқӣ чораи маҷбурсозии давлатӣ мебошад. Ба ақидаи Ю.И. Мигачев, Л.Л. Попов ва С.В. Тихомиров «ӯдар соҳаи идоракунии давлатӣ ду методи универсалӣ – боваркунонӣ ва маҷбуркунӣ мавҷуд аст. Ин ду метод – методҳои универсалии таъсиррасонӣ ба ирода ва рафтори одамон дар ҳар як соҳаи фаъолият, аз ҷумла дар идоракунии давлатӣ мебошанд. Ин ду қутби ба ҳам алоқаманд –механизми таъмини рафтори дуруст ва волоияти қонун мебошанд». В.С. Нерсесянс низ диққатро ба он ҷалб менамояд, ки ягон чораи дигари оммавӣ (ҷамъиятӣ) ва маҷбурсозӣ, ҳатто агар онҳо вобаста ба ҳуқуқвайронкунӣ гузаронида шуда бошанд ҳам, ҷавобгарии ҳуқуқӣ намебошанд. Гузашта аз ин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ худ маҷбурсозӣ нест, балки «чораи» ин маҷбурсозӣ буда, дорои нишондиҳандаҳои миқдорӣ (ҷарима – бо воҳиди пулӣ, маҳрум кардани озодӣ бо солҳо) мебошад.

Аломати чорум – оқибатҳои ногувор барои ҳуқуқвайронкунанда. В.С. Нерсесянс таъкид менамояд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ – оқибати хусусияти манфӣ дошта барои амал (беамалӣ) – и ҳуқуқвайронкунанда мебошад. В.Д. Перевалов инчунин ба он ишора менамояд, ки «авобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша маҳрумиятҳои муайянро барои ҳуқуқвайронкунанда дар бар мегирад. Ин ҷазои ӯ мебошад. Маҳрумиятҳо метавонанд характери шахсӣ, ташкилӣ ё молу мулкӣ дошта бошанд.

Аломати панҷум – татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда. Қонун таркиби ҳуқуқвайронкунӣ, тартиби ба ҷавобгарӣ кашидан, ҳамчунин намуд ва андозаи ҷазоро барои амали ғайриқонунӣ муайян менамояд. Ба ибораи дигар, дар кадом асос, бо кадом тартиб ва то кадом андоза шахс ҷавобгар мебошад, бо қонунгузории ҷорӣ муайян карда мешавад ва аз доираи он берун баромада наметавонад.

Ҳамчун аломати шашум метавонем оқибатҳои ногуворро барои ҳуқуқвайронкунанда қайд намоем. Дар ин сурат муносибати наздики меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ ҷой доранд. Дар қонунгузории моддии мавҷуда, санксияҳои барои ҳуқуқвайронкунӣ дарҷшуда, ҳамчун оқибатҳои номатлуб барои ҳуқуқвайронкунанда ҳисобида мешаванд. Бо вуҷуди ин, онҳо танҳо дар ҳолати дар амал татбиқ шудани ин тадбирҳо нисбати шахсе, ки талаботи қонунро вайрон кардааст, эътибор пайдо менамоянд. Аз замони таъин намудани ҷазо ба ҳуқуқвайронкунанда зарурати воқеие ба вуҷуд меояд, ки барои амалҳои худ дар назди давлат ва ҷомеа ҷавоб гӯяд. Ба гуфтаи С.С. Алексеев «аз ин нуқтаи назар муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо имконият медиҳад, ки хусусияти ҳалкунандаи он (уҳдадории дучори чораҳои маҷбурсозии давлатӣ шудан) ва возеҳ тавсиф намудани ҷавобгарӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ҷудо карда шавад, инчунин дар доираи муносибатҳои махсуси муҳофизатӣ – ҳуқуқӣ қарор доштани онро нишон дода, ба моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ диққатро ҷалб намуда, аҳамияти онро ҳамчун чораи маҷбурсозии давлатӣ баён менамояд ва пеш аз ҳама барои таъсир расонидан ба ҳуқуқвайронкунанда ва шуури иродаи ӯ равона карда шудааст». Ба ақидаи П.П. Серков метавон розӣ шуд, ки мефармояд дар мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ҳамаи нуқтаҳои назар ва меъёрҳо дида шаванд, ки имконияти инъикоси ҳаматарафаи

ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба вуҷуд ояд. Ин хел мафҳум диди мушкилоти умумро таҳриф намекунад, баръакс қобилияти тасҳеҳ кардани пешомади такмилдиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва афзалиятҳои онро муқаррар менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Алексеев С.С. Общая теория права: учебник / С.С. Алексеев. - М., 2008. – 565 с.
2. Венгеров А.Б. Теория государства и права: учебник / А.Б. Венгеров. - М., 2013. – 607 с.
3. Лазарев В.В. Общая теория права и государства: учебник / В.В. Лазарев. - М., 2014.
4. Липинский Д.А. Проблемы юридической ответственности: монография. СПб., 2004. – 409 с.
5. Лазарев В.В. Общая теория права и государства: учебник / В.В. Лазарев. - М., 2014. – 592 с.
6. Лейст О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву: монография. М., 1981. – 240 с.
7. Марченко М.Н. Теория государства и права: учебник / М.Н. Марченко. - М., 2006. – 640 с.
8. Морозова Л.А. Теория государства и права: учебник / Л.А. Морозова. -М., 2010. – 480 с.
9. Марченко М.Н. Теория государства и права: учебник / М.Н. Марченко. - М., 2008. – 648 с.
10. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Ҷилди 2 / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2010. – 654 с.
11. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М, Соҳибов. - Душанбе: «Андалеб Р» 2015 с. – 396 с.
12. Серков П.П. О понятии юридической ответственности//Журнал российского права. 2010. №8.
13. Ткаченко А.А. основные подходы к пониманию юридической ответственности за правонарушение // Вектор науки Тольяттинского гос. ун-та. 2010. №3.


## МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақола мавзуи мафҳум ва аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ – мавзуи доғи рӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ тафсири ягона вобаста ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ҳама онро қабул намоянд вуҷуд надорад. Ҳар як муаллиф кӯшиш мекунад, ки онро ба таври худ тафсир диҳад ва ҷанбаҳои ба фикри ӯ асосиро муайян намояд. Муаллиф қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ – мавзуи доғи рӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ тафсири ягона вобаста ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ҳама онро қабул намоянд вуҷуд надорад. Ҳар як муаллиф кӯшиш мекунад, ки онро ба таври худ тафсир диҳад ва ҷанбаҳои ба фикри ӯ асосиро муайян намояд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муносибатҳои муҳофизатӣ, мақомоти ваколатдор, ҳуқуқвайронкунанда, маҷбурсозии давлатӣ, маҳдудиятҳо.


## ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ


В статье рассматриваются понятие и признаки юридической ответственности. Юридическая ответственность за правонарушения является актуальной темой в юридической науке. В юридической науке не существует единого определения юридической ответственности, приемлемого для всех. Каждый автор пытается определить его по-своему и выделить те аспекты, которые он считает главными. Автор подчеркивает, что юридическая ответственность за правонарушения является актуальным вопросом в судебной практике. В судебной практике нет единой трактовки юридической ответственности, которая является общепризнанной. Каждый автор пытается интерпретировать его по-своему и выделить основные аспекты своего мнения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: юридическая ответственность, охранительные отношения, органы власти, правонарушитель, государственное принуждение, ограничения.


## CONCEPT AND SIGNS OF LEGAL RESPONSIBILITY


The article discusses the concept and characteristics of legal liability. Legal liability for offenses is a hot topic in legal science. In legal science, there is no single definition of legal liability acceptable to all. Each author tries to define it in his own way and highlight those aspects that he considers to be the main ones. The author emphasizes that legal liability for violations is a topical issue in jurisprudence. There is no single interpretation in jurisprudence regarding legal liability, which is universally accepted. Each author tries to interpret it in his own way and to identify the main aspects of his opinion.



**KEYWORDS:** legal responsibility, protective relations, authorities, offender, state coercion, restrictions.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абдукаримов Абдуллоҷон Алимхонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **905801313.**

**Сведение об авторе:** ***Абдукаримов Абдуллоджон Алимхонович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **905801313**.

**Information about the author**: ***Abdukarimov Abdullojon Alimkhonovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **905801313**.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР БОРАИ МАВЗУИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

*Қурбониён Ш.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқи гражданӣ яке аз соҳаҳои мустақили ҳуқуқ мебошад. Барои кушодани мафҳум ва муҳтавои соҳаи мазкур саравввал мебояд мухтасар номи онро тавзеҳ дод. Маълум аст, ки мафҳум маънои муайянро ифода мекунад. Ин масъала дар фаъолияти ҳуқуқшиносӣ махсус муҳим буда, истифодаи дурусти мафҳуму истилоҳот оқибатҳои муайянро дорад. Аз ин рӯ, аз паси ҳар як мафҳуми ҳуқуқӣ маънои муайян меистад, ки он мумкин аст воқеӣ, шартӣ ё фаразиявӣ (фиксия) бошад. Барои муайян намудани сабаби чунин номгузории соҳаи мазкур (яъне, чаро маҳз ҳуқуқи гражданӣ, на ҳуқуқи маданӣ ё шаҳрвандӣ номида шуданаш) мо бояд ба нахустзаминаи он – ҳуқуқи римӣ мурочиат намоем. Ибораи ҳуқуқи гражданӣ аз ҳуқуқи сивилии римӣ (juscivile) сарчашма мегирад. Juscivile ҳуқуқи шаҳрвандони аслии Рим – квиритҳо буд. Минбаъд дар ҷараёни ретсепсияи ҳуқуқи римӣ ибораи мазкур тағйир наёфта, ба низоми ҳуқуқии романию олмонӣ ворид шуд. Барои ҳамин ҳуқуқи гражданиро дар баъзе маврид сивилистика мегӯянд, олимони дар ин соҳа кор мекардаро сивилист гуфта меноманд. Соҳаи ҳуқуқи мазкур муносибатҳои муҳимми ҷамъиятиро танзим мекунад, ки онҳо ба манфиати ҳамаи шаҳрвандони ҶТ ва шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистон таъсир мерасонад. Инчунин, дар зери таъсири меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ шахсони ҳуқуқӣ ва давлат қарор дорад. Асоси муносибатҳои мазкурро муносибатҳои истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истемоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ташкил мекунанд. Ҳуқуқи гражданӣ – низоми меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар қонунҳои қабулгардида ё тасдиқгардида ва дар дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷойгиранд, дар асоси эътирофи баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ танзимкунии онҳо, иродаи иштирокчиёни муносибат ҳангоми ба даст овардан ва ба амал баровардан ба манфиати хеш ҳуқуқҳои гражданӣ, дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, ҳифзи судии ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар низоми соҳаҳои ҳуқуқи ҶТ ҳар яке аз соҳаҳои ҳуқуқ доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд, ки ин муносибатҳо ҳамчун мавзуи танзими ҳуқуқии ин соҳа эътироф мегарданд. В.П. Мозолина дуруст мешуморад, ки хислати хоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои гражданӣ бевосита бо муайян намудани мавзуи танзими ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Қобили зикр аст, ки ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ тавассути мавзуи хоси танзими ҳуқуқӣ хусусиятнок карда мешавад, ки он дар қонунгузории гражданӣ мустаҳкам шудааст. Бо дарназардошти ин, дар илми ҳуқуқ қабул шудааст, ки дар зери мафҳуми мавзуи танзими ҳуқуқӣ маҷмуи муносибатҳои махсуси якхелаи ҷамъиятӣ фаҳмида мешаванд, ки танзими алоҳидаро талаб менамоянд.

О.Н. Садиков ақидаи ба ин наздикро иброз намуда, мегӯяд, ки дар зери мафҳуми мавзуи танзими ҳуқуқӣ маҷмуи муносибатҳои аз рӯи мазмун ва моҳият ягонаи ҷамъиятӣ фаҳмида мешаванд, ки бо меъёрҳои соҳаи мушаххаси ҳуқуқ ба танзим даровarda мешаванд. Аз нуқтаи назари Г.К. Матвеев масоили мавзуи танзими ҳуқуқӣ, яъне хислати муносибатҳои ҷамъиятии таҳти танзими ҳуқуқӣ қароргиранда ҳангоми ба соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо намудани ин ё он соҳа нуқтаи асосӣ ба шумор меравад. Қурбонов Қ.Ш. бошад қайд менамояд, ки мавзуи танзими ҳуқуқи гражданӣ доираи амали соҳаи мазкурро муқаррар мекунад. Танҳо баъди муайян кардани мавзу ба аниқкунии он гузаштан мумкин аст, ки чиро меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ танзим мекунад. Мавзуи танзими ҳуқуқи гражданӣ мазмуни соҳаро ва доираи амали онро тавсиф медиҳад ва аз соҳаҳои дигари ҳуқуқ тафовут мегузорад. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи танзими ҳуқуқи гражданиро маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ танзим карда мешаванд ва ин гурӯҳи муносибатҳоро муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ меноманд. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ гуфта, мунсибати ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки иштирокчиёни он дорои ҳуқуқу уҳдадории субъективӣ буда, онҳо (муносибатҳо) дар асоси иродаи иштирокчиёнаш ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ намуди

алоҳидаи муносибати ҷамъиятӣ мебошанд. Онҳо дар натиҷаи танзими қонунии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои молумулкӣ дар ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун муносибатҳои асосӣ ба шумор меравand, зеро вазифаи шакли муносибатҳои истеҳсолиро иҷро мекунанд. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ чунин хусусиятҳои худро доранд, ки онҳоро мавзуъ ва усулҳои ҳуқуқи гражданӣ, хислати худи ҳуқуқи гражданӣ муайян кардааст:

1. Доираи васеи иштирокчиёни муносибат. Дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳамаи субъектони ҳуқуқ метавонанд иштирок кунанд (шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, ҶТ ва воҳидҳои марзию маъмурии он).

2. Сершумории объектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ (ашё, кор, хизматрасонӣ, иттилоот, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, неъматҳои ғайримоддӣ).

3. Имконияти бо созиши тарафҳо мазмуни муносибатро муайян кардан (дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ танҳо дар асоси меъёри ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд), ҳангоми хилоф набудани чунин созиш ба қонунгузории граждании ҶТ.

4. Эҳтимолияти ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳарчанд дар қонун пешбинӣ нашуданд, вале тибқи асосҳои умумӣ ва моҳияти қонунҳои гражданӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданиро ба миён меоранд.

5. Ҳуқуқи гражданӣ баробарии иштирокчиёни муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро таъмин менамояд. Дар натиҷа, муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳамчун муносибати байни субъектони баробарҳуқуқ, ҳамчун муносибати асосноки ҳуқуқии навъи махсус ташкил меёбанд, ки дар он як тараф соҳиби ҳуқуқи субъективӣ, тарафи дигар уҳдадории субъективӣ (масалан, дар шартномаи ҳадя – м. 606 КГ ҶТ) ё ҳар ду соҳиби ҳам ҳуқуқу ҳам уҳдадории субъективии гражданӣ мегардад (масалан, дар шартномаи хариду фурӯш – м. 488 КГ ҶТ).

6. Нисбати тарафи уҳдадории субъективиро иҷро накарда ё ба таври дахлдор иҷро накарда ҳамчун кафолати амалигардонии муносибати ҳуқуқӣ, ҳамчун чораи ҳифзи ҳуқуқи субъективии гражданӣ ва чораи ҷавобгарӣ асосан чораи дорои хислати молумулкӣ татбиқ карда мешавад.

7. Фаъолияти субъектони ҳуқуқи гражданӣ дар муносибатҳои истеҳсолӣ ду паҳлу дорад. Якум, чунин фаъолият фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Дуюм, фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад, зеро амали иродавӣ буда, аз ҷониби субъект рафтори бошуурона дида мешавад.

8. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ табиати иродавӣ доранд. Иродавӣ ва шуурнокӣ будани муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дар он ифода мегардад, ки дар онҳо иродаи иштирокчиёни муносибат инъикос меёбад. Дар як маврид иродаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дар ҳама марҳалаи муносибат: сар карда аз пайдоиш то баамалбарорӣ вуҷуд доранд (масалан, бастани шартномаи хариду фурӯш), дар мавриди дигар бошад, иродаи иштирокчиёни муносибат на дар пайдоиш ва на дар рафти муносибат вуҷуд надорад (масалан, дар уҳдадориҳо вобаста ба расонидани зарар).

9. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳамчун шакл баромад мекунанд, ки дар он меъёри ҳуқуқии муҷаррад (абстракт) ифодаи мушаххас (конкрет)-ро пайдо мекунад. Баамалбарории меъёри ҳуқуқ дар муносибати ҳуқуқии муайян дар он зоҳир мегардад, ки иштирокчиёни ин муносибатҳо дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективии аз тарафи давлат кафолат дошта мебошанд. Масалан, дар асоси м. 1079 КГ ҶТ зараре, ки бо амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ ба шахс ё молу мулки шаҳрванд, инчунин ба шахси ҳуқуқӣ, давлат расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми пурра аз ҷониби шахсе, ки зарар расонидааст, ҷуброн карда шавад. Қонун метавонад уҳдадории ҷуброни зарарро ба зиммаи шахсе гузорад, ки зараррасон намебошад. Мувофиқи қонун ё шартнома масъулияти баландтари зараррасон ё андозаи баландтари ҷуброни зарар муқаррар шуданаш мумкин аст. Зараррасон, агар исбот намояд, ки зарар бо гуноҳи ӯ расонида нашудааст, аз ҷуброни зарар озод карда мешавад. Қонун метавонад ҷуброни зарарро дар сурати гуноҳ надоштани зараррасон низ пешбинӣ намояд. Зарари бо амали қонунӣ расонидашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун бояд ҷуброн карда шавад. Пеш аз ҳама, байни калимаҳои «андоза» ва «ҳаҷм» ҳангоми баррасӣ намудани ҷуброни зарар бояд тафовутгузорӣ намуд. Мувофиқи м. 1097 КГ ҶТ ҳаҷми зарар баробари андозаи зарари расонидашуда, ки ба камшавии ҳолати молумулкии ҷабрдида вобаста аст, мебошад. Андозаи ҷуброни зарар – ин миқдори муайяни товоне мебошад, ки ҷабрдида ба

он талабгор аст. Дар сурати рад кардани ҷуброни зарар аз ҷониби шахсе, ки зарарро расонидааст, ҷабрдида метавонад ба суд муроҷиат намояд. Ҳамин тавр, дар асоси меъёри муҷаррад муносибати ҳуқуқии муайян (конкретӣ) ба вуҷуд меояд, ки иштирокчиёни онҳо дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои субъективӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи танзими ҳуқуқи гражданиро маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқие ташкил медиҳад, ки бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ танзим карда мешаванд ва ин гурӯҳи муносибатҳоро муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ меноманд. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ гуфта, муносибати ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки иштирокчиёни он дорои ҳуқуқу уҳдадории субъективӣ буда, онҳо (муносибатҳо) дар асоси иродаи иштирокчиёнаш ба вуҷуд меоянд.


**АДАБИЁТ**

1. Гражданское право: В 2 т. Т.I: Учебник / Отв. ред. Е.А. Суханов. М., 2000.
2. Гражданское право / Под ред. Мозолина В.П., Масляева А.И. Ч. 1. М., 2005.
3. Усмонов О., Махмудов М. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон / О. Усмонов. - Д.: Сино, 1994.
4. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Части первой / Отв. ред. Садиков О.Н. М., 1995,
5. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ қ1.(Китоби дарсӣ) / Қ.Ш. Қурбонов. –Душанбе, 2014 с. .
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҷурии Тоҷикистон, соли 1999, № 6, мод. 153, 154; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, г-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356; соли 2010, №3, мод.156, №12, қ-1, мод. 802; соли 2012, №7, мод.700; ҚҶТ аз 28.12.2012с, №928.
7. Груздев В.В. Имущественные отношения как предмет гражданского права // Российский юридический журнал. 2017. № 3. С. 112-117.
8. Долинская В.В. Актуальные проблемы развития предмета гражданского права // Вестник Омской юридической академии. 2012. № 2 (19). С. 44-47.
9. Иоффе О.С. Гражданско-правовая охрана интересов личности в СССР // Советское государство и право. 1956. № 2. С. 56.
10. Красавчиков О.А. Категории науки гражданского права. Избранные труды / О.А. Красавчиков. - М.: Статут, 2005. С. 28, 30.
11. Алексеев С.С. Собрание сочинений. В 10 т. Том 1: Гражданское право: Сочинения 1958-1970 годов / С.С. Алексеев. - М.: Статут, 2010.
12. Братусь С.Н. Предмет и система советского гражданского права / С.Н. Братусь. - М.: Госюриздат, 1963. С. 2.
13. Чеговадзе Л.А. Действия субъектов гражданского права // Экономические споры: проблемы теории и практики. 2012. № 4. С. 28-32.



**БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ДАР БОРАИ МАВЗУИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ**

Дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки муносибатҳои ҷамъияти бояд ба мавзуи ҳуқуқи гражданӣ дохил шаванд. Муаллиф хулоса менамояд, ки дар баробари муносибатҳои иҷтимои маҳз амали шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, ки мафҳуми субъекти ҳуқуқи гражданиро фаро мегирад, мавриди таъсири ҳуқуқ карор мегирад. Муайян карда мешавад, ки ин равиш барои эҷоди механизми муассири танзими ҳуқуқӣ умедбахштарин мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки мавзуи танзими ҳуқуқи гражданиро маҷмуи муносибатҳои ҳуқуқие ташкил медиҳад, ки бо меъёрҳои қонунгузории гражданӣ танзим карда мешаванд ва ин гурӯҳи муносибатҳоро муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ меноманд. Муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ гуфта, муносибати ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки иштирокчиёни он дорои ҳуқуқу уҳдадории субъективӣ буда, онҳо (муносибатҳо) дар асоси иродаи иштирокчиёнаш ба вуҷуд меоянд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** танзими ҳуқуқи гражданӣ, муносибатхои ҷамъиятӣ, ҳуқуқ, амал, рафтор, муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, моҳияти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ,.



**НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПО ПРЕДМЕТУ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА**

В теории гражданского права устоялось мнение о том, что к предмету гражданского права следует относить общественные отношения. Высказывается авторское суждение о том, что наряду с общественными отношениями правовому воздействию подвергаются именно действия граждан и юридических лиц, которые охватываются понятием предмета гражданского права. Обосновывается, что именно такой подход является наиболее перспективным для создания эффективного механизма правового регулирования. Автор отмечает, что предметом гражданско-правового регулирования является совокупность правоотношений, которые регулируются нормами гражданского права, и эту группу отношений называют гражданско-правовыми отношениями. Гражданские правоотношения являются общественными отношениями, участники которых имеют субъективные права и обязанности, и они (отношения) формируются на основе волеизъявления его участников.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** гражданско-правовое регулирование, общественные отношения, право, действие, поведение, гражданские правоотношения, сущность гражданских правоотношений.

**SOME ISSUES ON THE SUBJECT OF CIVIL LAW**

In the theory of civil law, there is an opinion that social relations should be attributed to the subject of civil law. The author's judgment is expressed that, along with social relations, it is precisely the actions of citizens and legal entities that are covered by the concept of the subject of civil law that are subject to legal influence. It is substantiated that this approach is the most promising for creating an effective mechanism of legal regulation. The author notes that the subject of regulation of civil law is a set of legal relations, which are regulated by the norms of civil law, and this group of relations is called civil law relations. Civil legal relations are public relations, the participants of which have subjective rights and obligations, and they (relations) are formed on the basis of the will of its participants.

**KEYWORDS:** civil law regulation, public relations, law, action, behavior, civil legal relations, essence of civil legal relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбониён Шермуҳаммади Ҳайдар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторе**: ***Курбониён Шермухаммади Хайдар*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Qurboniyon Shermuhammadi Haydar*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# ПРЕДМЕТИ ИҶРОИ УҲДАДОРӢ – ТАЛАБОТИ ПРИНСИПИ ИҶРОИ ДАХЛДОРИ УҲДАДОРИҲОИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ

***Арбобзода Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ба иқтисоди бозорӣ гузаштани давлат ва ҷамъият аз иштирокчиёни муомилоти граждании озодии бештари шартномавиро дар бобати истеҳсол ва додани мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ талаб менамояд. Мазмуни принсипҳои роҳбарикунанда, ки қоидаҳои асосии бастан ва иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро пешакӣ муайян мекунад, алтернативаи дахлдорро низ талаб менамояд, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ, пеш аз ҳама, принсипҳои ҳуқуқии хусусӣ накши калон пайдо карданд. Дар навбати худ, ташаккул ва инкишоф ёфтани муносибатҳои бозорӣ ва ба вуҷуд омадани институтҳои нави ҳуқуқи гражданӣ, ки бо амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ алоқамананд, ки имрӯз аҳамият ва манфиатдор будани омӯзиши принсипҳои асосии иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро пешакӣ муайян кардааст. Ғайр аз ин, имрӯз чунин ба назар мерасад, ки вазифаи асосии омузиши ҳуқуқии принсипҳои асосии иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ аз нав дида баромадани принсипҳои пештар кор карда баромадашуда ва ба шароити нави хоҷагидорӣ мувофиқ кунондани онҳо мебошад.

Принсип (аз калимаи лотинии principium – асос, оғоз) асосҳои пешбаранда, нуктаҳои асосӣ, ғояҳо мебошанд, ки мазмун, моҳият ва таъиноти ҳуқуқро дар ҷомеа ифода мекунад. Принсипҳо ба ҳайси асосҳои ташкилу фаъолияти мақомоти давлат дар конститутсия ва қонунҳо, ки ба мақомоти дахлдори давлатӣ бахшида мешаванд, ифода мегарданд. Қоидаҳои умумии иҷрои уҳдадориҳоро принсипҳои иҷрои уҳдадориҳо меноманд. Қонунгузории амалкунандаи гражданӣ ду принсипи зерини иҷрои уҳдадориҳоро пешбинӣ менамояд, ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳо ва иҷрои воқеии уҳдадориҳо.

Мувофиқи моддаи 330 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадорӣ бояд ба таври дахлдор иҷро карда шавад. Ин чунин маъно дорад, ки зарурати содир намудани амали дар уҳдадорӣ пешбинишуда (худдорӣ аз содир намудани амали дар уҳдадорӣ пешбинишуда) мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонун, дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва ҳангоми набудани чунин шарт ва талабот мутобиқи анъанаҳои муомилоти корӣ ё талаботи муқаррарии пешниҳодгардида анҷом дода мешавад. Ба таври дахлдор иҷро

намудани уҳдадорӣ мафҳуми мураккаб мебошад. Вай як қатор талаботҳоро оиди ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадорӣ, ба монанди предмет, ҷой, вақт, тарзи иҷро ва ғайраҳо дар бар мегирад. Нишондоди пурра оид ба ҳамаи масъалаҳои номбаршуда дар Кодекси граждании ҶТ, инчунин дар дигар санадҳои меъёрие, ки намуди алоҳидаи уҳдадориҳоро (маҳсулотсупорӣ, боркашонӣ, маҳсулотсупорӣ барои эҳтиёҷоти давлат ва ғайраҳо) ба танзим медарорад, оварда шудаанд. Тибқи принсипи иҷрои воқеии уҳдадориҳо қарздор бояд уҳдадориро дар шакли асл (натура) иҷро намояд, яъне, айнан амалеро, ки предмети уҳдадориро ташкил медиҳад, иҷро кунад (супоридани ашёи муайян, иҷрои кори муайян, хизматрасонии дахлдор). Принсипҳои иҷрои уҳдадорӣ танҳо ба муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадорӣ хос буда, хусусияти зерсоҳавӣ доранд. Зеро, худ ҳуқуқи уҳдадорӣ ба сифати зерсоҳаи ҳуқуқи гражданӣ эътироф карда мешавад. Қоидаҳои умумӣ, заминавӣ, бунёдии иҷрои уҳдадориҳоро принсипҳои иҷрои уҳдадориҳо меноманд. Доираи принсипҳое, ки дар моддаи 3-юми КГ ҶТ мустаҳкам гардидаанд, нақши дахлдорро дар иҷрои уҳдадорӣ мебозанд. Бешубҳа, моҳият ва таъиноти ҳуқуқии принсипҳои асосии иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии граждание, ки дар доираи шаклҳои алоҳидаи ҷамъиятию иқтисодӣ мавҷуданд, пешакӣ муайян мекунад. Дар баробари ин, амали баъзе принсипҳои иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳама гуна намудҳои таърихии ҳуқуқи гражданӣ ба таври якхела зоҳир мешаванд, дар дигараш, баръакс, онҳо хусусияти марҳалаи муайяни инкишофи таърихии илми ҳуқуқи граждaниро ошкор мекунанд.

Ҳамин тавр, принсипи устувортарин ин принсипи иҷрои дахлдори уҳдадориҳо, принсипи имконнопазирии яктарафа рад кардани иҷрои онҳо ва яктарафа тағйир додани шартҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамин принсипҳои иҷрои уҳдадориҳо, ҳамчун принсипи ҳамкории тарафайн дар рафти иҷрои уҳдадориҳо ва принсипи иҷрои иқтисодӣ, аз ҷиҳати мазмуни худ бештар ба муносибатҳои муайяни ҳуқуқии гражданӣ, ки таърихан муқаррар гардидаанд, вобаста мебошанд. Дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ масъалаҳои бо мазмуни принсипи иҷрои воқеии уҳдадориҳои шартномавӣ алоқаманд бештар баҳснок буданд. Баъзе олимон пешниҳод мекунанд, ки ин принсип ба ҳар як уҳдадорӣ махсус дониста шавад, дигарон амали онро танҳо бо муомилоти граждании сотсиалистӣ алоқаманд мекунанд ва аз ин рӯ, дар илми ҳуқуқшиносӣ дар бораи маънои принсипи иҷрои воқеӣ ва роҳҳои таъмини татбиқи он ҳанӯз ҳам ягонагӣ мавҷуд нест ва аз ҳама муҳимаш то ҳол дар илми ҳуқуқи гражданӣ дар бораи мувофиқат будани принсипи иҷрои воқеии уҳдадории шартномавӣ ба воқеияти муосири иқтисоди бозаргонӣ ҷавобе нест.

Дар қонунгузории граждании Тоҷикистон принсипи иҷрои ҳақиқии уҳдадориҳо бори аввал дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз соли 1964 (минбаъд Кодекси граждании РСС Тоҷикистон) пайдо шуда буд, ки ин принсип дар аввал дар асоси он ба миён омадааст. Аз ҷумла, дар моддаи 191 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон ба таври қонунӣ муқаррар карда шудааст, ки агар тараф ҷарима супорида ва товони зарарро дода бошад, пас ин онро аз додани шартнома озод намекунад. Маҳз ҳамин ҷиҳат моҳияти ин принсипро муайян карда, дар ҳақиқат чунин ақидаҳои гуногунро дар адабиёти ҳуқуқӣ асосан пешакӣ муайян кардааст. Тибқи принсипи иҷрои воқеии уҳдадориҳо қарздор бояд уҳдадориро дар шакли асл (натура) иҷро намояд, яъне, айнан амалеро, ки предмети уҳдадориро ташкил медиҳад, иҷро кунад (супоридани ашёи муайян, иҷрои кори муайян, хизматрасонии дахлдор). Имрӯз дар ҳуқуқи гражданӣ мазмуни принсипи иҷрои воқеии уҳдадориҳои шартномавӣ асосан дар муқарраpоти қисми 1 моддаи 427-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи он пардохти ноустуворона ва ҷуброни зиён ҳангоми иҷрои номатлуби уҳдадорӣ қарздорро аз иҷрои уҳдадорӣ дар шакли асл озод намекунад, агар дар қонун ва шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад. Дар баробари ин, ин муқарраpот дар қонуни гражданӣ нисбат ба ҳама намудҳои уҳдадориҳои шартномавӣ татбиқ карда мешавад ва дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчун чораҳои таъмини иҷрои воқеии уҳдадориҳои шартномавӣ номида мешавад. Воқеияти иҷрои уҳдадориҳои шартномавие, ки аз рӯи принсип эълон шудааст, ин маънои иваз кардани амали дар шартнома пешбинишударо бо ҷуброни пулӣ надорад, ба андешаи баъзе олимон (масалан, ба андешаи Е.Е. Богданова ба талаботи асосӣ комилан мувофиқ аст) воқеияти иқтисодии ҳозиразамон. Ба ақидаи олим, агар харидор бо бастани шартномаи маҳсулотасупорӣ аз фурӯшанда як қисми маҳсулоти мушаххасро гирифтан хоҳад, он гоҳ бояд маҳз маҳсулоти фармоиширо диҳад, на эквиваленти пулии онро. Агар

харидор шартнома баста бошад, пас метавон гуфт, ки вай пул дорад ва ба ӯ лозим нест, балки ба моле лозим аст, ки ба хотири он вай ин муносибатҳои шартномавиро бастааст. Дар ин шароит, вазифаи қонунгузор бояд ба харидор шароит муҳайё созад, ки барои иҷрои талаботаш эҳтиёҷоти воқеиро иваз намояд.

Ба ин муносибат, ба назари мо, принсипи иҷрои дахлдори уҳдадориҳои шартномавӣ дар шароити ташаккули бозори озод бояд ба кредитор ақаллан яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро таъмин намояд. Кредитор озод аст, ки аз имконияти водор намудани қарздор ба иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ то он даме, ки ӯ (кредитор) барои қонеъ гардонидани манфиатҳои худ бо роҳи гирифтани ҷуброни пул бартарӣ дошта бошад, истифода барад. Дар баробари ин, принсипи иҷрои воқеӣ бояд қобилияти кредиторро барои татбиқи маҷбуркунӣ нисбат ба қарздори муҳлатнакарда нишон диҳад ва ин имконият барои кредитор истисно дониста шавад. Мо чунин мешуморем, ки иҷрои воқеии уҳдадории шартномавӣ то даме ки кредитор барои қатъ кардани шартнома ва гирифтани ҷуброни пулӣ розигӣ надиҳад, бетағйир мемонад. Илова бар ин, ҳуқуқи субъективии кредитор оид ба ҷалби қарздор ба иҷрои ҳатмии уҳдадории шартномавӣ дар шакли асл, бидуни иваз бо ҷуброни пулӣ, дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақидаро пешакӣ муайян кардааст, ки дар сурати мавҷуд набудани иҷрои воқеӣ ҳатто фарорасии ҷавобгарии граждании қарздорро аз уҳдадории ичрои ҳамаи уҳдадориҳои дар шартнома пешбинишуда озод намекунад. Дар ин маврид, аз як тараф, додани ноустуворона қарздорро аз иҷрои ин уҳдадории шартномавӣ озод намекунад, балки аз тарафи дигар, кредиторро уҳдадор мекунад, ки бо ҷуброни пулии пешниҳодшуда қаноат накарда, аз қарздор чунин иҷроро талаб намояд. Асоси принсипи иҷрои дахлдори уҳдадориҳои шартномавиро танҳо ба амали ихтиёрии қарздор, ки бевосита бо иҷрои предмети уҳдадорӣ дар шакли натура алоқаманд аст, ташкил медиҳад. Ба ақидаи муҳаққиқ, ҳама гуна мачбуркунӣ барои ичрои уҳдадорӣ дар шакли асл яке аз намудҳои ҳифзи ҳуқуқи гражданин поймолшуда мебошад ва агар маҷбуркунӣ аз мафҳуми иҷрои уҳдадорӣ дар шакли асл хориҷ карда шавад, он гоҳ ба принсипи иҷрои воқеии уҳдадориҳо баробар мешавад. Аз ин рӯ, зимни баҳодиҳии мафҳуми принсипи иҷрои воқеии уҳдадорӣ, ки дар қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқ пешниҳод шудааст, бисёр олимон қайд карданд, ки амри императивӣ ба кредитор дар доираи принсипи иҷрои воқеӣ барои водор кардани қарздор ба ичрои уҳдадориҳо дода мешавад. Уҳдадориҳои шартномавии натуравӣ кобилияти иштирокчиёни муомилоти гражданиро дар интихоби озодонаи шарикон хеле суст карда, мутаносибан манфиати уро ба мақсаднок будани маҷбур кардани қарздор ба иҷрои уҳдадории дар назди суд пешбинишуда кам мекунад. Онҳо қайд мекунанд, ки дар шароити муосири иқтисодӣ барои кредитор гирифтани зиён ва ё ноустуворона аз қарздори бевиҷдон ва бастани шартнома бо контрагенти арзанда бо ситонидани фарқияти нархҳо аз вайронкунанда хеле мувофиқ аст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе олимон бо назардошти принсипи иҷрои воқеии уҳдадориро чун қоидаи умумӣ, ки тибқи он қарздор наметавонад аз зарурати иҷрои уҳдадориро дар шакли асл саркашӣ кунад, чунки «ҳатман» изҳор кардааст, ки кредитор на танҳо бо сабаби иҷро накардани қарздор шартномаро қатъ карда натавонист, балки ба иҷрои он исрор кардан лозим омад. «Кредитор наметавонад қарздорро аз уҳдадории худ озод кунад, балки, баръакс, вазифадор аст, ки иҷрои онро натурал талаб намояд». Дар ҳақиқат, чуноне ки олимон қайд кардаанд, ҳуқуқи кредитор барои маҷбур кардани қарздор ба иҷрои уҳдадориҳои ӯ ва ба уҳдадории қолиби ҷавобгарӣ барои уҳдадориҳои иҷронашудаи қарздор табдил ёфтааст.

Имрӯз, дар шароити ба вуҷуд омадани иқтисоди бозорӣ, ки мустақилияти иродаи тарафҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун принсипи асосии ҳуқуқи гражданӣ эълон шудааст, дутарафа татбиқи ҳатмии принсипи иҷрои воқеии уҳдадориҳои шартномавии ҳуқуқӣ вуҷуд надорад. Якум, дар бозори озод ҳангоми татбиқи принсипи иҷрои воқеии шартномаҳо қонунгузории гражданӣ набояд вобаста ба иштирокчиёни он шахсони ҳуқуқӣ ё шаҳрванд ягон тафовут гузоштан лозим нест. Сонияи, моҳияти принсипи иҷрои воқеӣ, аз як тараф, бояд қоидаи ҳатмии қарздорро оид ба риояи шартҳои шартнома ифода намояд ва агар ин тавр нашавад, ба ӯ имкон медиҳад, ки ӯро ба иҷрои уҳдадорӣ маҷбур созад. Сеюм, баръакс, дар доираи принсипи амали воқеӣ ба кредитор ҳуқуқ дода мешавад, ки интихоб кунад - ё аз қарздор предмети бевоситаи иҷроро гирад, ё (дар ҳолати иҷро накардан) талаб намояд. Дар ҳақиқат, дар бозори озод мазмуни асосии принсипи иҷрои воқеии уҳдадории

шартномавӣ бояд қоидае бошад, ки пешакӣ муайян мекунад, ки предмети уҳдадориро қарздор худсарона бо пул иваз кардан мумкин нест, балки то худи кредитор бетағйир боқӣ мемонад. Дар ҳуқуқи муосири граждани ин қоида дар моддаи 428-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки агар қарздор уҳдадории тайёр кардан ва ба моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ додани ашёро иҷро накунад ё ба ӯ иҷрои кори муайян ё хизматрасониро иҷро накунад, ба кредитор ҳуқуқ дода мешавад, ки дар муҳлати мувофиқ иҷрои уҳдадориро бо нархи мувофиқ ба шахсони сеюм гузорад ё онро мустақилона иҷро намояд ва аз қарздор ҷуброни хароҷоти зарурии сарфшударо талаб намояд. Тахмин кардан мумкин аст, ки имрӯз дар доираи қоидаҳои иҷрои воқеӣ барои кредитор гирифтани фоидаи амволии дилхоҳ, ки предмети уҳдадорӣ мебошад, муҳим аст. Ба ақидаи олим, барои кредитор ҷиҳати субъективии принсипи иҷрои воқеӣ чандон муҳим нест, чизи асосӣ дар он аст, ки вай предмети бевоситаи уҳдадориро гирифтааст ва ин иҷро аз ҳисоби қарздор сурат гирифтааст. Таҳлили моҳияти ҳуқуқии принсипи иҷрои воқеии уҳдадории шартномавӣ имкон медиҳад, ки ба хулосае ояд, ки ин қоидаро дар қонунгузории граждании амалкунанда ҳамчун яке аз принсипҳои иҷрои уҳдадориҳо нигоҳ доштан зарур аст. Якум, дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар сурати ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадории шартномавӣ метавонад ба низоми ҳуқуқии ҳуқуқи гражданӣ, пеш аз ҳама, дар асоси ҳуқуқи гражданӣ, принсипи иҷрои воқеии уҳдадори ворид карда шавад.

Одатан, ноил шудан ба мақсаде, ки барои он тарафхо муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ бастаанд, ба катъ гардидани ин уҳдадори мусоидат мекунад. Дар моддаи 440 Кодекси гражданӣ иҷрои дурусти уҳдадориҳо яке аз асосҳои қатъи уҳдадориҳо мебошад. Чунин муқаррарот дар қонунгузории бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Федератсияи Русия (моддаи 408-и Кодекси гражданӣ), Украина (моддаи 599-и Кодекси гражданӣ), Молдова (моддаи 643-и Кодекси гражданӣ) ва ғайра муқаррар шудааст. Моҳият ва мазмуни принсипи ба таври дахлдор иҷро карданро ҳуқуқшиносон аз паҳлӯҳои гуногун баррасӣ кардаанд. Дар баъзе мавридҳо ин принсип бо дигар принсипҳои ҳуқуқ ё иҷрои уҳдадориҳо алоқаманд аст. Вазъияти имрӯза фаҳмидани тамоми моҳият ва нақши принсипи таҳқиқшавандаро душвор мегардонад. Масалан, ба гуфтаи Ф.И. Гавзе, барои ба таври дахлдор иҷрошуда эътироф намудани уҳдадорӣ зарур аст, ки қарздор онро ба кредитори муайян дар муҳлати муайян, дар ҷои мувофиқшуда танҳо дар асоси моҳияти мазмуни уҳдадорӣ ё талаботи қонун ва дар сурати мавҷуд набудани ин гуна шарту талабот, баъд мувофиқи одатҳои муомилоти корӣ. Муаллиф мафҳуми иҷрои дурустро васеъ шарҳ дода, тамоми унсурҳои таркибии онро ошкор кардааст. Иҷрои дурусти уҳдадориҳо воқеан ба боби 21 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки аз инҳо иборат аст: иҷро нисбат ба шахси дахлдор (моддаи 333), иҷро аз ҷониби шахси дахлдор (моддаи 334), иҷрои саривақтӣ (моддаи 334). 335 ва 336), иҷро кардан дар ҷои даркор (моддаи 339), иҷро кардан дар мавзуи дахлдор (моддаҳои 340, 343), ба таври бояду шояд иҷро кардан (моддаҳои 332, 344-346,348-350, 352). Меъёрҳои танзимкунандаи иҷрои баъзе намудҳои уҳдадориҳо дар қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тотористон: хариду фурӯш, таъминот, шартнома, интиқоли молу мусофирон, қарз, амалиёти бонкӣ, суғурта, нигоҳдорӣ ва ғайра. Ҳамаи муқаррароти дар моддаҳои боло инъикосёфта талаботи муайяне мебошанд, ки тавассути онҳо факти иҷрои дахлдор ошкор мегардад. Ин талабот ба предмет, усул, муҳлат ва маҳалли иҷрои уҳдадорӣ дахл дорад.

Ҳамин тариқ, принсипи иҷрои дахлдори уҳдадорӣ яке аз меъёрҳои муҳимми муайян кардани моҳияти уҳдадорӣ мебошад. Унсурҳо (қисмҳо)-и принсипи иҷрои дахлдори уҳдадориҳо ин субъектони дахлдор, предмети мувофиқ, муҳлати пардохт, ҷои мувофиқ, ва тарзи дахлдор мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 07.01.2022).
2. Гражданский кодекс Таджикской ССР. – Душанбе, «Ирфон», 1975.
3. Богданова Е.Е. Принцип реального исполнения обязательства в договорах купли-продажи и поставки: проблема реализации // Законодательство и экономика. 2005. – № 3. – С. 31-35.

4. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. Изд. 3-е, стереотип / М.И. Брагинский. - М.: Статут, 2001. – 848 с.
5. Толстой В.С. Исполнение обязательств / В.С. Толстой. – М., 1973. – 207 с.
6. Ерахтина О.С. Правовые принципы и нормы о принудительном исполнении договорных обязательств//Законы России: опыт, анализ, практика. 2012. – № 12. – С. 50-56.
7. Иоффе О.С. Обязательственное право / О.С. Иоффе. – М., 1975. – 880 с.
8. Карапетов А.Г. Иск о присуждении к исполнению обязательства в натуре / А.Г. Карапетов. – М.: Статут, 2003. – 100 с.
9. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: Ғаюров Ш.К. ва Сулаймонов Ф.С. - Душанбе, «Эр-граф», 2013. – 348 с.
10. Павлов А.А. Присуждение к исполнению обязанности как способ защиты гражданских прав. - СПб.: «Юридический центр Пресс», 2001. – 203 с.
11. Ровный В.В. Принципы исполнения обязательств: Вопросы динамики // Сибирский Юридический Вестник. - 1999. - № 1. – С.35-38.
12. Сарбаш С.В. Исполнение договорного обязательства / С.В. Сарбаш - М., 2005. – 636 с.
13. Чайка А.А. Принцип надлежащего исполнения обязательств: дисс… канд. юрид. наук. – Рязань, 2007. – 207 с.

**ПРЕДМЕТИ ИҶРОИ УҲДАДОРӢ – ТАЛАБОТИ ПРИНСИПИ ИҶРОИ ДАХЛДОРИ УҲДАДОРИҲОИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ**

Ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадориҳои ҳуқуқи гражданӣ яке аз талаботҳои муҳим дар қонунгузории гражданӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи риояи он манфиатҳои кредитор қонеъ карда мешаванд. Вобаста ба предмети дахлдор иҷро намудани уҳдадорӣ яке аз шартҳои муҳимми принсипи ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои принсипи ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадорӣ ва предмети иҷрои уҳдадориро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ба иқтисоди бозорӣ гузаштани давлат ва ҷамъият аз иштирокчиёни муомилоти гражданӣ озодии бештари шартномавиро дар бобати истеҳсол ва додани мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ талаб менамояд. Мазмуни принсипҳои роҳбарикунанда, ки қоидаҳои асосии бастан ва иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро пешакӣ муайян мекунад, алтернативаи дахлдорро низ талаб менамояд, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ, пеш аз ҳама, принсипҳои ҳуқуқии хусусӣ нақши калон пайдо карданд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** уҳдадорӣ, иҷрои уҳдадорӣ, принсип, ба таври дахлдор иҷро намудани уҳдадорӣ, ба таври реалӣ иҷро намудани уҳдадорӣ, иҷрои уҳдадорӣ дар шакли асл, предмети иҷрои уҳдадорӣ.

**ПРЕДМЕТ ИСПОЛНЕНИЯ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ - ТРЕБОВАНИЯ ПРИНЦИПА ИСПОЛНЕНИЯ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА**

Надлежащее исполнение гражданско-правовых обязательств является одним из важнейших требований в гражданском праве, в результате которого удовлетворяются интересы кредитора. В зависимости от субъекта исполнение обязательства является одним из важных условий принципа надлежащего исполнения обязательства. В данной статье автор рассматривает понятие и признаки принципа надлежащего исполнения обязательства и предмета обязательства. Автор отмечает, что переход государства и общества к рыночной экономике требует от участников гражданско-правовых сделок большей договорной свободы при производстве и передаче товаров, работ и услуг. Содержание руководящих принципов, предопределяющих основные правила заключения и исполнения договорных обязательств, также требует соответствующей альтернативы, так как в условиях рыночной экономики важную роль, прежде всего, сыграли принципы частного права.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обязательство, исполнение обязательства, принцип, надлежащее исполнение обязательства, реальное исполнение обязательства, исполнение обязательства в первоначальном виде, предмет исполнения обязательства.

**SUBJECT OF FULFILLMENT OF OBLIGATIONS - REQUIREMENTS OF THE PRINCIPLE OF FULFILLMENT OF OBLIGATIONS OF CIVIL LAW**

Proper fulfillment of civil rights obligations is one of the most important requirements in civil law, as a result of which the interests of the creditor are satisfied. Depending on the subject matter, fulfillment of an obligation is one of the most important conditions of the principle of proper fulfillment of an obligation. In this article, the author discusses the concept and characteristics of the principle of proper performance of the obligation and the subject of the obligation. The author notes that the transition of the state and society to a market economy requires from participants in civil transactions greater contractual freedom in the production and transfer of goods, works and services. The content of the guiding principles, which predetermine the basic rules for concluding and fulfilling contractual obligations, also requires an appropriate alternative, as in a market economy, first of all, the principles of private law have played an important role.

**KEYWORDS:** obligation, fulfillment of obligation, principle, proper fulfillment of obligation, real fulfillment of obligation, fulfillment of obligation in its original form, subject of fulfillment of obligation.

Форуми аввал дар Пекин рӯзҳои 14 ва 15 майи соли 2017 баргузор шуд. 29 сарвари давлат ё ҳукумат, аз ҷумла, президенти Россия Владимир Путин, президенти Беларус Александр Лукашенко, президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ва дигарон, инчунин се роҳбари созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дабири кулли СММ.

Ҳангоми ислоҳоти низомҳои пулӣ ва молиявӣ, дохил кардани юан ба рӯйхати асъорҳои захиравии ҷаҳонии ХБА дар соли 2015 бояд муваффақияти муайян ба назар гирифта шавад ва дар соли 2016 юан мақоми асъори озод истифодашавандаро ба даст овард ва ба сабади SDR ҳамчун панҷумин асъори пай дар пай бо доллар дохил карда шуд ИМА, Евро, Йени Ҷопон ва Фунт Стерлинг. Боз як рӯйдоди бузург моҳи марти соли 2018 рух дод, ҶХХ фючерсҳои нафти хомро бо юан оғоз кард. Барои таҳия, ниҳоӣ ва оғози ин қарордод ба Хитой тақрибан 25 сол лозим шуд.

Агар сармоягузорон ба шартномаи нав манфиатдор бошанд, дар дарозмуддат он метавонад меъёри бозори нафт гардад ва юан метавонад долларро аз мавқеи пешсаф берун кунад. Дар ҳар сурат, фючерсҳои нафт бо юан ба бозори молиявии кишвар боз ҳам бештар роҳ мекушоянд. Дар моҳи марти соли 2002, низоми миллии пардохти UnionPay таъсис дода шуд, ки ҳоло яке аз се системаи пардохтҳои ҷаҳонӣ дар қатори Visa ва MasterCard ба ҳисоб меравад ва аз рӯи ҳаҷми умумии амалиётҳо пас аз Visa дар ҷои дуюм қарор дорад. Дар аввал, China UnionPay ба кор дар дохили Хитой тамаркуз мекард, аммо аллакай дар охири солҳои 2000-ум тавсеаи фаъол дар хориҷа оғоз ёфт, ки имкон дод, ки низоми пардохт аз рӯи шумораи кортҳои пластикии баровардашуда дар ҷаҳон бузургтарин шавад (шумораи онҳо аз сатҳи 3,5 миллиард зиёд аст). Дар ибтидо система ба бозорҳои кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Малайзия, Корея, Гонконг, Сингапур), сипас ба бозорҳои ИМА, Ҷопон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ворид шуд. China UnionPay расман дар Россия аз соли 2007 фаъолият мекунад. Дар айни замон, шабакаи қабули кортҳои UnionPay то 168 кишвар ва минтақа васеъ шуд.

Хитой ба системаи ҳисоббаробаркунии кортҳои China UnionPay уҳдадор аст, ки ҳузури худро дар бозори кишварҳои канори камарбанд ва роҳ васеъ кунад. Дар ҳоли ҳозир, созишномаи ҳамкорӣ дар ин замина байни ҷониби Хитой ва 343 созмони кишварҳои дар боло зикршуда ба имзо расидааст. Ғайр аз он, Хитой ҳамчун як алтернатива ба Visa ва MasterCard дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, чунин системаҳои пардохтиро ба монанди AliPay ва WeChatPay таҳия мекунад, агентиҳои рейтингии байналмилалӣ ба монанди Chengxin Credit Ratings, Lianhe Credit Rating ва Dagong Global Credit низ фаъолият мекунанд ва бонкҳои Хитой ба хориҷа мераванд. Ҳамин тариқ, ин ва дигар далелҳои овардашуда аз роҳи пайгиронаи Хитой дар самти ташаккули инфрасохтори байналмилалии молиявии худ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои воруди муваффақонаи ширкатҳои хусусӣ ва давлатӣ ба бозорҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳанд. Хитой аз шароити пешакии пас аз бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ барои таҳким ва интернатсионализатсияи асъор ба пуррагӣ истифода бурда, юанро ба мақоми панҷуми асъори ҷаҳон, ки аксар вақт дар ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ истифода мешаванд, баланд бардошт. Аммо, бояд гуфт, ки ҳадафи ниҳоии мақомоти пулии Хитой, ба гуфтаи ин мақом, бояд ба назар гирифта шавад версияи эълоншуда алтернатива ба долларро эҷод намекунад ва мавқеи ҳукмронро ишғол намекунад, балки суст кардани вобастагӣ аз доллар тавассути гузариш ба низоми байналмилалии бисёрмиллатӣ мебошад, ки тағйирёбии тавозун дар қудрати иқтисодӣ ва нақши объективии бозингарони нави калон ва босуръат рушдёбандаи иқтисодиро, ба монанди Хитой, объективона инъикос мекунад. Аммо, мавқеи Хитой дар низоми молиявии ҷаҳонӣ бо нақше, ки вай дар муассисаҳои молиявии ҷаҳонӣ ишғол мекунад, аслан қобили муқоиса нест. Дар натиҷа, Хитой фаъолона саъй мекунад, ки системаи мавҷудаи ҷаҳонро мувофиқи талабот ва манфиатҳои худ ислоҳ кунад.

Мо аллакай тавонистем дар Бонки Ҷаҳонӣ ва Сандуқи Байналмилалии Пул тақсимоти квотаҳоро ба даст орем, аммо нақши бартар дар ин муассисаҳои Иёлоти Муттаҳида ва кишварҳои Ғарб бетағйир боқӣ монд. Мувофиқи ин, Хитой дар бонкҳои минтақавии рушд, ки аз таъсири ИМА озоданд, ба монанди Бонки нави Рушди БРИКС фаъолона ширкат меварзад ва барои ташвиқ ва маблағгузории ташаббуси худ «Камарбанд ва роҳ» муассисаҳои нави молиявӣ таъсис медиҳад. Сухан дар бораи Бонки Осиёгии Инвеститсионии Инфрасохторӣ меравад, ки дар он Хитой ҳиссаи аз ҳама бештар дорад ва

дарвоқеъ, яке аз қудратҳое мебошад, ки фаъолияти як бонки минтақавии рушдро назорат мекунад. Барои тағйир додани низоми иқтисодӣ, Хитой бояд вобастагии худро аз доллар коҳиш диҳад. Таносуби рушди иқтисодии кишвар ва мавқеи байналмилалии он дар гардиши асъорҳо низ инъикос меёбад. Худи далели он ки давлати абарқудрати бузурги Хитой чист ва хоҳиши ӯ барои пешсаф будан дар системаи иқтисодии ҷаҳонӣ ӯро маҷбур мекунад, ки нақши худро дар системаи асъори ҷаҳонӣ тавассути интернатсионализатсияи юан тақвият диҳад.

Бо шарофати сиёсати мақсадноки мақомоти пулии Хитой, ба рӯйхати асъорҳои захиравии ҷаҳонии ХБА ворид шуд ва дар баробари доллари ИМА, евро, фунт стерлинг, йенаи ҷопонӣ ва доллари Канада, аз ҷумлаи шаш асъори ҷаҳонӣ мебошад, ки дар ҳисоббаробаркунии байналмилалӣ бештар истифода мешаванд. Аммо мақомоти пулии Хитой мегӯянд, ки Хитой дар пайи ин кор нест, то ки баъдан юан ба пули нави ҷаҳонӣ мубаддал шавад ва долларро аз мавқеи худ барканор кунад ва ҳадафи асосӣ бидуни ҳукмфармоӣ сохтани ҷаҳони чандинмиллатӣ мебошад. Аммо, агар сухан дар бораи таҷдиди низоми ҷаҳонӣ, такя ба манфиатҳои шахсии мо ва саъй ба роҳбарӣ меравад, нуқтаи назари расмӣ, ки ошкор мешавад, метавонад ба ҳадафҳои воқеии мақомоти кишвар мувофиқат накунад.

Ҳамин тариқ, баррасии имкониятҳои тақвияти мавқеи Хитой дар системаи асъори ҷаҳонӣ ва таъсири ин раванд ба сиёсати тиҷорати хориҷии он хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст.

Аввалан, татбиқи юан дар тиҷорати наздимарзӣ як қадами муҳим дар самти байналмилалии он мебошад. Тамоюлҳои мусбат ва иловагиро байни рушди тиҷорати хориҷии Хитой ва истифодаи юан дар тиҷорати наздимарзӣ дидан мумкин аст. Дар пайи ҷаҳонишавии юан, ҳукумати Хитой саъй дорад, ки маҳдудиятҳои мавҷударо дар тиҷорати наздисарҳадӣ тадриҷан коҳиш диҳад ва пешбурди муомилоти наздисарҳадии марбут ба юанро ба танзим дарорад. Дар муҳити савдои ҷаҳонии ноустувор, истифодаи юан дар тиҷорати наздимарзӣ хавфи мубодилаи асъорро коҳиш медиҳад ва ба рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Хитой бо дигар кишварҳо мусоидат мекунад.

Дуюм, муваффақияти раванди фаромилликунонии Юан аз як қатор омилҳо вобаста аст: ҳамкории нерӯҳои бозорӣ; стратегияи возеҳ ва ба нақша гирифташуда; ноил шудан ба конвертатсияи пурраи юан; либерализатсияи низоми молиявии ватанӣ; баланд бардоштани чандирии қурби юан; таҳкими низоми молиявии кишвар; рушди асъори дохилӣ, саҳҳомӣ ва дигар бозорҳо дар Хитой.

Саввум, дар айни замон, монеаи душвортарин барои идомаи раванди оғозёфтаи фаромилликунонии юан ин набудани конвертатсияи озоди он мебошад. Қурби расмии юан нисбати доллари ИМА аз ҷониби Бонки халқии Хитой муқаррар карда мешавад, на аз ҷониби бозор. Сатҳи қурби юан нисбат ба доллари ИМА пайваста меафзояд ва тахмин кардан мумкин аст, ки ин тамоюл дар оянда низ идома хоҳад ёфт.

Чаҳорум, юани Хитой ба зудӣ омода аст, ки дар байни асъорҳои асосии ҷаҳон ҷойгоҳи худро ишғол кунад. Дар оянда, он ҳадди ақкал муҳимтарин асъори минтақавӣ дар Минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором хоҳад буд ва ба ҳадди аксар - асъори ҷаҳонӣ ва гарчанде ки юан ҳанӯз дар марҳилаи минтақавӣ қарор дорад, татбиқи сиёсати салоҳиятдор, бешубҳа, юанро ба ҷаҳонишавӣ ва ҳамзамон ба афзоиши қудрати иқтисодӣ ва сиёсии Хитой ва рушди тиҷорати хориҷии он мерасонад.

Панҷум, бо истифода аз ҳисоббаробаркуниҳо бо юан, ширкатҳои воридкунандаи Тоҷикистон метавонанд аз ҳампаймонҳои худ шартҳои мусоидтари шартномавӣ гиранд, ки коҳиши нархҳоро дар бар мегиранд, зеро содиркунандагони чинӣ хароҷоти марбут ба табдили доллари ИМА ба юанро, ки ба хароҷоти амалиётӣ барои ба даст овардани даромадҳои асъорӣ, инчунин хавфҳои асъорӣ, ки бо ноустувории доллари ИМА алоқаманданд дар бар мегиранд. Ҳамин тариқ, барои пешбурди самараноки тиҷорат ва рушди минбаъдаи он, инчунин таҳкими муносибатҳои тиҷоратии Хитойу Тоҷикистон шароити нисбатан мусоид фароҳам оварда шудааст.

Хулоса, Ҷумҳурии Мардумии Чин Ҳамчун як кишвари кишоварзӣ, ки дар миёнаҳои асри гузашта иқтисоди заифтарин дорад, дар ҳоли ҳозир Хитой дуввумин иқтисод дар ҷаҳон аст ва худро пешвои ҷаҳонӣ медонад. Дар тули камтар аз сад сол, Хитой марҳилаи

навсозиро аз сар гузаронд, ки дигар кишварҳоро ба дарозо кашид. Хусусиятҳои иқтисодии Хитойро, ки пас аз оғози “сиёсати ислоҳот ва бозсозӣ” дар соли 1978 ташаккул ёфта, ба рушди назарраси иқтисоди Хитой мусоидат мекунанд, метавон қайд кард: афзоиши баланд, сатҳи баланди пасандозҳо, сармоягузорӣ, харочот, самти содирот. Пас аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ 2008-2009 Хитой як ҷаҳиши азими иқтисодиро пеш гирифт, ки инро суръати афзоиш нисбат ба ИМА ва кишварҳои Аврупо баландтар нишон медиҳад. Имрӯз, Хитой аз рӯи ММД дар ҷаҳон мақоми дуввумро ишғол мекунад, аммо бо баландтарин суръати афзоиши ин нишондиҳанда, сарфи назар аз коҳиши он дар заминаи “муқаррарии нав”, ки аз он шаҳодат медиҳад, ки дар робита бо маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, Хитой ба зудӣ аз Иёлоти Муттаҳида пеш хоҳад рафт, ки ин аллакай шудааст бо нишондиҳандаи ММД дар ШДБХ, ки Хитой пешсафи ҷаҳон аст, ки аз ин пешравии босуръат давлатхои қудратмандро нигарон намудааст.

Зиёда аз 30% гардиши ҷаҳон ба Хитой рост меояд. Ин зарурати ҷустуҷӯи бозорҳои нави фурӯш ва суръат бахшидани равандҳои ҳамгироии ҷаҳонро ба миён меорад. Кишвар эҳсосоти протексионистӣ ва изолятсионалӣ, ҳаракатҳои нерӯҳои зидди ҷаҳонишавиро дастгирӣ намекунад, баръакс, худро ҳамчун як барандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ, ки қодир аст рушди иқтисодӣ ва “шукуфоии умумӣ” -ро на танҳо дар дохили кишвар, балки дар миқёси ҷаҳонӣ низ таъмин кунад, дастгирӣ намекунад. Бо вуҷуди ин, дар суханрониҳои роҳбарони расмӣ таъкид карда мешавад, ки Хитой то ҳол стратегияи Дэн Сяопинро “дар канор напошидан” -ро риоя мекунад, ғояҳо дар бораи ҳифзи сулҳи ҷаҳонӣ ва рушди саросарӣ, бисёрқутбӣ ва набудани ҳегемон баён карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, бояд гуфт, ки дар тули даҳсолаҳои охир, Хитой аз як иштирокчии ғайрифаъол дар ҷаҳонишавӣ ба як бозингари фаъол табдил ёфт, ки қоидаҳои худро муқаррар мекунад. Кишвар барои ислоҳоти низоми мавҷудаи ҷаҳонӣ, ки воқеият ва ҷойгоҳро дар ҷаҳони кишварҳои рӯ ба тараққӣ, алалхусус Хитой инъикос намекунад, фаъолона иқдом мекунад. Ҳамин тариқ, Хитой алтернатива ба модели тарафдори Хитойии Ғарб барои ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ эҷод мекунад.

### АДАБИЁТ


1. Кондратов Д.И. Актуальные подходы к реформированию мировой валютной системы // Экономический журнал ВШЭ. 2015. Т. 19. № 1.С. 128–157.
2. Андреев В.П. Интернационализация юаня: предварительные итоги и перспективы // Деньги и кредит. 2011. № 5. С. 37–42.
3. Барсегян А.Г. Перспективы реформирования мировой валютной системы // Ученые записки Таврического национального университета им. В.И. Вернадского. Сер.: Экономика и управление. 2011. Т. 24. № 1. С. 20–27.
4. Лузянин Н.Г. От меркантилизма до «мирового юаня» // Известия Иркутской государственной экономической академии. 2013. № 2. С. 150–154.
5. Прасад Эсвар С., Йи Лэй. Будет ли править юань? // Финансы и развитие. 2012. № 49. С. 26–30. 6. Красавина Л.Н. Валютная глобализация: тенденции и перспективы развития // Век глобализации. 2012. № 2. С. 3–17.
6. Красавина Л.Н. Обновление научной школы международных валютных, кредитных, финансовых отношений в контексте глобальных вызовов // Деньги и кредит. 2014. № 7. С. 27–34.
7. Кудряшова И.В. Перспективы повышения международного статуса китайского юаня // Вестник Волгоградского государственного университета. Сер. 3: Экономика. Экология. 2012. № 2. С. 188–194.
8. Биндер А.И., Кононов А.Ю. Некоторые актуальные аспекты трансформации юаня в мировую валюту // Деньги и кредит. 2013. № 11. С. 59–62.


## РАВОБИТИ ДУҶОНИБАИ ТИҶОРАТӢ–ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КИШВАРҲОИ МИНТАҚА


Дар тули камтар аз сад сол, Хитой марҳилаи навсозиро аз сар гузаронд, ки дигар кишварҳоро ба дарозо кашид. Хусусиятҳои иқтисоди Хитойро, ки пас аз оғози “сиёсати ислоҳот ва бозсозӣ” дар соли 1978 ташаккул ёфта, ба рушди назарраси иқтисоди Хитой мусоидат мекунанд, метавон қайд кард: афзоиши баланд, сатҳи баланди пасандозҳо, сармоягузорӣ, харочот, самти содирот. Пас аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ 2008-2009 Хитой як ҷаҳиши азими иқтисодиро пеш гирифт, ки инро суръати афзоиш нисбат ба ИМА ва кишварҳои Аврупо баландтар нишон медиҳад. Имрӯз, Хитой аз рӯи ММД дар ҷаҳон мақоми дуввумро ишғол мекунад, аммо бо баландтарин суръати афзоиши ин нишондиҳанда, сарфи назар аз коҳиши он дар заминаи “муқаррарии нав”, ки аз он шаҳодат медиҳад, ки дар робита бо маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, Хитой ба зудӣ аз Иёлоти Муттаҳида пеш хоҳад рафт, ки ин аллакай шудааст бо нишондиҳандаи ММД дар ШДБХ, ки Хитой пешсафи ҷаҳон аст. Зиёда аз 30% гардиши ҷаҳон ба Хитой рост меояд. Ин зарурати ҷустуҷӯи бозорҳои нави фурӯш ва суръат бахшидани равандҳои ҳамгироии ҷаҳонро ба миён меорад.

**КАЛИДВОЖАХО:** Ҷаҳиши бузург, ишғол мекунад, бухрони ҷаҳонӣ, марҳилаи навсозӣ, Иёлоти Муттаҳида, сиёсати ислоҳот ва бозсозӣ.

**ДВУСТОРОННИЕ ТОРГОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И СТРАНАМИ РЕГИОНА**

Менее чем за сто лет Китай прошел этап модернизации, который надолго затянул другие страны. Можно отметить характеристики китайской экономики, которая сформировалась после начала «политики реформ и реконструкции» в 1978 г. и способствовала значительному развитию китайской экономики: высокие темпы роста, высокие сбережения, инвестиции, расходы, экспорт. После мирового финансового кризиса 2008-2009 годов Китай совершил огромный экономический скачок, что нашло отражение в более высоких темпах роста, чем в США и Европе. Сегодня Китай занимает второе место в мире по объему ВВП, но с самыми высокими темпами роста, несмотря на снижение на основе «новой нормы», что указывает на то, что по показателю валового внутреннего продукта Китай скоро превзойдет США, что это уже достигнуто с показателем ВВП в ЩДБХ, что делает Китай мировым лидером. На долю Китая приходится более 30% мировой торговли. Это вызывает необходимость поиска новых рынков и ускорения глобальных интеграционных процессов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Большой скачок, оккупация, глобальный кризис, фаза обновления, США, политика реформ и реконструкции.

**BILATERAL TRADE AND ECONOMIC RELATIONS OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA WITH THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE COUNTRIES OF THE REGION**

In less than a hundred years, China has gone through a stage of modernization that has delayed other countries for a long time. We can note the characteristics of the Chinese economy, which was formed after the start of the "policy of reform and reconstruction" in 1978 and contributed to the significant development of the Chinese economy: high growth rates, high savings, investment, spending, exports. . Since the global financial crisis of 2008-2009, China has made a huge economic leap, which is reflected in higher growth rates than in the US and Europe. Today, China ranks second in the world in terms of GDP, but with the highest growth rate, despite the decline based on the “new normal”, which indicates that in terms of gross domestic product, China will soon surpass the United States, which has already been achieved with GDP in which makes China the world leader. China accounts for more than 30% of world trade. This makes it necessary to search for new markets and accelerate global integration processes.

**KEYWORDS:** Great Leap Forward, Occupation, Global Crisis, Renewal Phase, USA, Reform and Reconstruction Policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдулло Басом Юсуф*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти соли дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторе:** ***Абдулло Басом Юсуф*** - Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Abdullo Basom Yusuf*** - Tajik National University, 2nd year Master's student of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ДАВЛАТҲОИ ЭЪТИРОФНАШУДА ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

***Шарипов А.Н., Сухроби А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Махсусияти сиёсати ҷаҳонӣ дар даҳаи охири асри XX ва ибтидои асри XXI дар он зоҳир мегардад, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон теъдоди зиёди давлатҳои эътирофнашуда қарор дошта, вазъи ҳуқуқӣ-байналмилалии онҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсири бевоситаи хешро мерасонанд. Мушкилии давлатҳои эътирофнашуда барои тамоми давлатҳои ҷаҳон ва ҷомеаи байналмилалӣ фишори хосае мебошад, ки руҳияи ҷудоихоҳӣ, инқилобҷӯйӣ, табаддулот ва низоъро миёни халқиятҳо ва гурӯҳҳои қавмӣ бештар мегардонад. Дар амалияи байналмилалӣ мушкилоти давлатҳои эътирофнашуда пештар низ ба назар мерасиданд. Масалан, тули чандин сол давлатҳои Ғарб аз эътирофнамоии Иттиҳоди Шуравӣ худдорӣ намуданд. Худи мафҳуми “давлати эътирофнашуда” шартан бо дарназардошти як қатор омил метавонад дар доираи илмӣ истифода карда шавад, зеро аксарияти коршиносон ба ин истилоҳ инчунин мафҳумҳои дигар – давлатҳои қисман-эътирофшуда ва қисман-эътирофнашударо илова мекунанд. Ба қатори чунин давлатҳо

асосан давлатҳое дохил мешаванд, ки аз тарафи як ва ё якчанд давлат эътироф гардидаанд. Аз ин рӯ, зимни гурӯҳбандии чунин давлатҳо, баҳодиҳии нақши онҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ, таъсири онҳо ба равандҳои минтақавӣ, хусусияти ҳамкориҳои байналмилалии онҳо ба таври одӣ аз тарафи аксари коршиносон истилоҳи давлатҳои эътирофнашуда истифода карда мешавад ва истилоҳҳои дигаре, ки дар илм мавҷуд аст камтар мавриди истифода қарор мегиранд. Ба ақидаи А.Г. Болшаков давлатҳои эътирофнашуда созмонҳои давлатие мебошанд, ки аз ҳуқуқи субъективии муносибатҳои байналмилалӣ маҳрум мебошанд, аммо дорои тамоми нишонаҳои дигари давлатдорӣ мебошанд. Аз ин рӯ, истифодаи мафҳуми "давлатҳои эътирофнашуда" нисбати чунин давлатҳо аз дигар истилоҳҳои истифодашаванда, ба мисли "ҳудуди эътирофнашуда", "давлати худэътирофгардида", "ҷумҳурии худэътирофгардида" беҳтар ба назар менамояд [1].

Аз нуқтаи назари Г.М. Веляминов давлатҳои эътирофнашуда баъзан ноуҳдабароёна роҳҳои имконпазири худэътирофнамоиро пеш мегиранд, то дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ мустақил бошанд, вале бояд қайд намуд, ки ҳар як кишвар – аз ибтидо созмони давлатии худэътирофгардида мебошад [2, 127]. Ин ҳолат низ як тарафи мушкилии давлатҳои эътирофнашуда мебошад (чунонки онҳо худро худкифо нишон медиҳанд). Як қатор муҳаққиқон мафҳуми "квазидавлатҳо" – ро нисбати чунин давлатҳо низ истифода менамоянд. Вале чӣ тавре, ки С.А. Осипов қайд менамояд: "истилоҳи квазидавлат барои ифодаи ниҳодҳои давлатмонанд ҳамчун шакли махсуси субъекти муносибатҳои байналмилалӣ ҷорӣ шудааст, ки дорои баъзе нишонаҳои давлатдорӣ мебошанд. Аммо дар маҷмуъ, онҳо ҳамчун давлат ҳисобида намешаванд. Ба қатори квазидавлатҳо пеш аз ҳама як қатор "шаҳрҳои озод" ба мисли Дантсига дохил мешаванд" [7, 125]. Дар ин замина миёни муҳаққиқон ифодаи ягонаи муайянкунадаи мавқеи "давлатҳои эътирофнашуда" вуҷуд надорад ва ҳар як коршинос равиши мустақилонаро дар баррасии масъалаи мазкур истифода менамояд. Аз ин рӯ, барои дарки амиқи мафҳуми ибораи "давлатҳои эътирофнашуда" зарур аст, ки нишонаҳои фарққунандаи чунин ҳудудҳо ва воҳидҳои идорӣ муайян карда шаванд. С. Маркедонов чунин хусусияти давлатҳои эътирофнашударо ҷудо менамояд:

Якум, хислати эъломиявии низоми давлатдории онҳо. Чунин шакли давлатҳо доир ба мустақилияти хеш расман эълон намуда, дорои яққатор нишонаҳои давлатдорӣ (ҳудуд, ҳокимият, қувваҳои мусаллаҳ ва дар баъзе ҳолатҳо низоми моливу пулии мустақил) мебошанд;

Дуюм, давлатҳое, ки истиқлолияти онҳо одатан вазъи ҳуқуқӣ-байналмилалӣ надорад (он на аз тарафи СММ ва на аз тарафи аксарияти давлатҳои аъзои ин созмон эътироф нашудааст). Дар чунин шароит, фаъолияти ин давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ ва фаъолияти беруна ғайриимкон мегардад;

Сеюм, давлатҳои эътирофнашуда аксаран дар ҳудудҳое қарор доранд, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун қисми қаламрав ва зери соҳибихтиёрии давлати аллакай эътирофшудаи вуҷуддошта, дар назар дошта шудаанд. Чунин давлатро дар ҳуқуқи байналмилалӣ "давлати волид" ё "модардавлат" (parent state) ном мебаранд;

Чорум, мавқе ва вазъи онҳо тули солҳои тулонӣ охиран номуайян боқӣ мемонад [4, 31].

Дар чунин шароит, мушкилоти давлатҳои эътирофнашуда дар он зоҳир мегардад, ки аз як тараф худи давлатҳои эътирофнашуда имконияти пешбурди фаъолияти мустақилонаро дар сиёсати ҷаҳонӣ пайдо нахоҳанд кард. Аз тарафи дигар кӯшиш мустақилона ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо дигар давлатҳои мустақил метавонад зиддияти ҷиддии "давлати волид" – ро ба вуҷуд оварад, ки ин ҳолат дар навбати худ метавонад ба вазъи маҳаллӣ ва минтақавӣ таъсири манфӣ расонад.

Муҳаққиқи дигар И.С. Марусин шаш нишонаи давлатҳои эътирофнашударо ҷудо менамояд, ки шартан чунин пешниҳод шудаанд:

1. давлатҳои эътирофнашуда ҳокимияти мутлақро дар ҳудуди муайян бо аҳолии хеш роҳандозӣ менамоянд;
2. мақомотҳои ҳокимияти давлатҳои эътирофнашуда дар фаъолияти хеш аз ҳокимияти марказӣ ("давлати волид") ва давлатҳои хориҷӣ мустақил мебошанд;

3. ҳокимияти давлатҳои худэътирофгардида бевосита доир ба истиқлолияти худ баромад менамоянд;

4. дастгирии сартосарии ғояи истиқлолиятхоҳӣ аз тарафи аҳолии давлати эътирофнашуда;

5. ҳудуди давлатҳои худэътирофгардида бояд бо дигар қисматҳои (вилоят, шаҳр, ноҳия) "давлати волид" мавқеи баробар дошта бошад ва аҳолии он тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлати мазкурро дошта бошанд;

6. нигоҳ накарда ба мавҷудияти ҳокимияти воқеӣ ва ҳудудӣ бо аҳолии дар он доиман сукунатдошта – на аз тарафи ҳокимияти марказӣ ва на аз тарафи давлатҳои хориҷӣ ин ниҳоди идорӣ эътироф карда намешавад [5, 109-119].

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, қайд кардан зарур аст, ки давлатҳои эътирофнашуда тақрибан тамоми нишонаҳои асосии давлатдориро, ки дар Конвенсияи Монтевидео оид ба ҳуқуқ ва уҳдадории давлатҳо аз соли 1933 ишора шудаанд [6], доро мебошанд. Махсусан, нишонаҳое аз қабили аҳолии доимо сукунатдошта, ҳудуди муайян, ҳокимияти марказӣ ва имконияти барқароркунии муносибатҳо бо дигар давлатҳо дар назар дошта шудааст. Вале мушкилии давлатҳои эътирофнашуда дар нишонаи чорум зоҳир мегардад, зеро бештари давлатҳои ҷаҳон майли барқарор кардани робитаҳоро бо чунин давлатҳо дар саҳнаи байналмилалӣ надоранд ва ин ҳолат ба вазъи ҳуқуқии субъекти байналмилалӣ гардидани давлатҳои эътирофнашуда таъсири манфӣ мерасонад, ҳарчанд ки давлатҳои эътирофнашуда назорати пурраи аз болои ҳудуд ва аҳолии хешро дар ихтиёр доранд. Бинобар ин, ҳоло мавҷуд набудани эътирофи байналмилалӣ ба сифати давлати мустақили соҳибихтиёр боз яке аз нишонаҳои дигари давлатҳои эътирофнашуда ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат мавқеи давлатҳои эътирофнашударо дар сиёсати ҷаҳонӣ то дараҷае муайян намуда, ҳамкориҳои мутақобилаи байналмилалӣ ва митақавиро атрофи онҳо мушаххас месозад.

Таҳлили мавқеъ ва вазъи давлатҳои эътирофнашуда нишон медиҳад, ки чунин давлатҳо асосан дар натиҷаи низоъҳои ҳудудӣ миёни халқҳо ва ҳайатҳои қавмӣ ба вуҷуд меоянд, ки барои татбиқи ҳуқуқи хеш доир ба худмуайянкунӣ тавассути бунёди давлати мустақил ва давлати "метрополӣ" талош менамоянд. Аммо давлати "метрополия" дар чунин низоъ ба принсипи ҳифзи тамомияти арзии хеш такя намуда, барои таъмини амнияти миллӣ аз қувваи мусаллаҳона истофода менамояд. Албатта ин ҷо як навъ духурагӣ ба вуҷуд меояд, вале ҳарду ин принсипҳо муқобили якдигар намебошанд. Дар чунин сурат, пеш аз ҳама бояд сабабҳои сар задани низоъ муайян карда шавад ва онҳо бо роҳҳои мусолиматомез танзим карда шаванд. Омӯзиши мавқеи давлатҳои эътирофнашуда дар сиёсати ҷаҳонӣ бояд дар чаҳорчӯбаи низоъҳои ҳудудӣ сурат гирад, то ки нақши онҳо дар муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян карда шавад. Инчунин, чунин равиш имкон медиҳад, ки махсусияти ҳар як ҳолати муайяни зуҳури давлати нав дар саҳнаи ҷаҳонӣ пайгирӣ карда шавад. Зимни баҳогузории низоъҳои мусаллаҳона метавон воқеияти ҳаряк ҳолати худмуайянкуниро аз нуқтаи назари принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ таҳлил намуда, раванди тағйирёбии вазъи давлатҳои эътирофнашуда пайгирӣ карда шавад.

Мушкилии асосӣ дар ин раванд мушкилиҳои сарҳадӣ ба ҳисоб мераванд. Зеро дар аксари мавридҳо сарҳади давлатҳои эътирофнашуда номуайян буда, давлати "метрополия" тағйироти вазъи ҳудудии хешро эътироф намекунад. Чунки ҳудуди давлати эътирофнашуда ҳамчун қисми ҷудонашавандаи қаламрави давлати аз он ҷудошаванда ба ҳисоб меравад [10, 3]. Ҷиҳати танзими ин масъалаҳо дар ҳуқуқи байналмилалӣ як меъёри ҳуқуқӣ-байналмилалӣ коркард шудааст, ки "uti possidentis" номгузорӣ шудааст. Мақсади ин меъёр дар он зоҳир мегардад, ки якум, сарҳадҳои мавҷудбуда (маъмурӣ-ҳудудӣ) эътироф карда шаванд ё дуюм, сарҳади баҳсӣ миёни давлати эътирофнашуда ва давлати "метрополия" мақеи байналмилалиро соҳиб гардад. Масалан, пас аз пош хӯрдани Югославия ва Иттиҳоди Шуравӣ барои нигаҳдории сарҳадҳо аз принсипи "uti possidentis" истофода карда шуд. Комиссияи арбитражӣ доир ба Югославия, ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо барои танзими масъалаҳои баҳсноки ҳуқуқӣ бо барҳам хӯрдани ин кишвар таъсис дода шуд – ба мушкилии муайянкунии сарҳадҳои байниҷумҳуриявӣ дар ҳудуди собиқ федератсия рӯ ба рӯ гардид. Дар назди комиссия чунин саволҳо пеш гузошта шуд: Оё метавонад сарҳадҳои дохилӣ миёни Хорватия ва Сербия, инчунин миёни Босния-Герсогавиния ва Сербия аз нуқтаи

назари сарҳадҳои ҳуқуқи байналмилалии мардумӣ баррасӣ карда шаванд? Комиссия ба хулосае омад, ки аз лаҳзаи фурупошии давлати федералии собиқ – сарҳадҳои дохилии байниҷумҳуриявӣ – и давлатҳои навтаъсиси истиқлолият ба дастоварда – ба сарҳадҳои байналмилалӣ дар асоси принсипи “uti possidentis” табдил меёбанд. Дар Хулосаи №2 Комиссияи арбитражӣ доир ба масъалаи баррасии сарҳадҳои дохилӣ қайд гардидааст, ки сарфи назар аз тамоми ҳодисаҳо, ҳуқуқи худмуайянкунӣ набояд сабаби тағйирёбии сарҳадҳои аллакай мавҷуд буда зимни ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ гарданд, ба истиснои ҳолатҳое, ки давлатҳо доир ба тағйироти сарҳадӣ ба мувофиқа мерасанд [8, 7]. Бояд қайд намуд, ки принсипи “uti possidentis” аз тарафи СММ эътироф карда мешавад. Дар қарори Суди байналмилалии СММ аз 22 декабри соли 1986 доир ба танзими масъалаҳои баҳси сарҳадӣ миёни Буркина-Фасо ва Ҷумҳурии Малӣ моҳияти принсипи мазкур шарҳ дода шуд. Дар қарори Суд қайд гардида буд, ки “ин принсип дар соҳаҳои гуногун истифода бурда мешавад ва минтақа ба касби истиқлолият дар куҷое, ки он сурат нагирад, алоқаманд дорад. Принсипи “uti possidentis” бартариятро ба ҳуқуқи соҳибияти воқеӣ ба сифати асосҳои татбиқи мустақилият медиҳад. Ҳадафи асосии он таъмини эҳтироми сарҳадҳои ҳудудие, ки то лаҳзаи касби истиқлолият мавҷуд буданд. Дар он лаҳзае, ки сарҳадҳои танҳои нақши воситаи тақсимоти маъмурӣ-идорӣ иҷро менамуданд” [3, 214]. Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи принсип ва меъёрҳои байналмилалӣ на ҳамеша кафолати суботу муътадилиро кафолат медиҳанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар аксари мавридҳо миёни тарафҳо низоъҳои мусаллаҳона ба вуҷуд омада, қурбониҳои зиёдро дар пай доранд. Инчунин, ба амнияти маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҳатто байналмилалӣ таъсиргузор мегарданд. Бинобар ин, нишонаи дигари фарқкунандаи давлатҳои эътирофнашуда дар баробари нишонаҳои давлатдорӣ, инчунин мавҷудияти вазъи низоъбарангез миёни давлати “метрополия” ва халқе, ки барои худмуайянкунӣ дар шакли бунёди давлати соҳибистиқлол талош дорад, ба ҳисоб меравад [9, 130].

Дар сурати мавҷудияти низоъ миёни тарафҳо мушкилиҳои дигар низ ба вуҷуд меояд. Махсусан инъикоси рафтори давлати эътирофнашуда ҳамчун ҳаракати ҷуоихоҳӣ, зиддидавлатӣ ва иртиҷоӣ мебошад ва ин ҳолат боиси мушкилоти барқароркунии робитаҳои мутақобила бо дигар давлатҳо гардида, иштироки давлатҳои эътирофнашударо дар муносибатҳои байналмилалӣ душвор мегардонад. Маълум аст, ки давлатҳои эътирофнашуда дар маҳдудӣ аз ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият карда наметавонанд. Бинобар ин, онҳо бояд аз тарафи як давлат ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва дигар соҳаҳо эътироф карда шаванд. Чун қоида, чунин эътироф аз тарафи давлате сурат мегирад, ки дар саҳнаи байналмилалӣ ва минтақавӣ бозингари бузург буда, бо сабабҳои сиёсӣ давлати навтаъсисро дастгирӣ менамояд, инчунин кумакҳои гуногунро ба ин давлат пешниҳод менамояд ва созишномаҳои байналмилалии дуҷониба баста мешаванд. Ин ҳолат низ ба вазъи сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ таъсиргузор аст. Аз як тараф, давлати кумакрасонанда мавқеи худро бо пуштибонӣ аз ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ асоснок менамояд. Аз тарафи дигар “модардавлат” ин амалро таҳдид ба тамомияти арзӣ, дахолатнопазирии сарҳади давлатӣ ва мудохила ба корҳои дохилӣ маънидод менамояд. Бояд гуфт, ки инҷо ҳарчанд зиддиятнокии принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба назар расанд ҳам, вале сабаби сар задани низоъ ва даргириҳо миёни тарафҳо ҳадафҳои сиёсӣ ва манфиатҷӯии давлатҳои бузург мебошанд. Дар чунин ҳолат бояд аз усулҳои дипломатӣ бештар рӯи кор гирифта шавад, то ки аз истифодаи қувваҳои мусаллаҳона худдорӣ карда шавад ва қатлу куштори аҳолии осоишта пешгирӣ карда шавад. Хулоса, дар муносибатҳои байналмилалии муосир дастгоҳи ҳуқуқӣ-байналмилаии худмуайянкунии ҳудудҳои муайян аз давлати аллакай эътирофшуда вуҷуд надоранд. Бо дарназардошти ин омил, нақши падидаи давлатҳои эътирофнашуда дар муносибатҳои байналмилалӣ афзун гардидааст. Атрофи онҳо ҳам руҳияи худмуайянкунии халқу ҳайатҳои қавмӣ ва ҳам мафиатҷӯии сиёсии давлатҳои калидӣ ҷараён дошта, мубрамияти омӯзиши масъаларо бештар мегардонад.

Мавҷудияти номуайяни дар вазъи ҳуқуқии давлатҳои эътирофнашуда барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нигоҳи амнияти байналмилалӣ як таҳдид ва хатари пайвастаи сарзанандаи низои мусаллаҳона ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат давлатҳои эътирофнашуда, махсусан аҳолии дар ин минтақаҳо сукунатдоштаро дар ҳолати хеле душвор мегузорад.

Аз ин хотир, дар чунин вазъият ба хотири ҳифзи суботу оромӣ бояд усул ва равишҳои ягона ҷиҳати эътироф ва ё ҳамкорӣ бо чунин давлатҳо аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тарафҳои манфиатдор коркард карда шаванд.

**АДАБИЁТ**


1. Большаков, А. Г. Непризнанные государства европейской периферии и пограничья. Международные процессы. Т.5. [Текст] / А.Г. Большаков // «Интеграция и национальный интерес». - 2007. - №3 (15).
2. Вельяминов, В. Г. Признание «непризнанных» и международное право [Текст] / В. Г. Вельяминов // Россия в глобальной политике. - 2007. - №1. - С. 127.
3. Краткое изложение решений, консультативных заключений и постановлений Международного суда ООН. 1948-1991. [Текст] - Нью-Йорк. 1991. - С. 214. [Электронный ресурс] http://www.icj-cij.org/homepage/ru/_les/sum_1948-1991.pdf (дата обращение: )
4. Маркедонов, С. Де-факто образования постсоветского пространства: двадцать лет государственного строительства. [Текст] / С. Маркедонов // Институт Кавказа. - Ереван. - 2012. - С. 31.
5. Марусин, И.С. О соотношении принципа нерушимости границ и права народов на самоопределение [Текст] / И.С. Марусин // Правоведение. – 2014. - №1 (312). – С. 109-119.
6. Обросков, А. Конвенция Монтевидео о правах и обязанностях государств (Монтевидео, 26 декабря 1933 г.). [Текст] / А. Обросков. – 2016. - №216100400233. [Электронный ресурс] https://proza.ru/2016/ 10/04/233 (дата обращение: )
7. Осипова, С.А. Непризнанные государства как политико-правовой феномен: теоретико-методологический аспект [Текст] / А.С. Осипова // Вестник СевНТУ. – Севастополь. - 2011. - С. 125.
8. Сквозников, А.Н. Феномен непризнанных и частично-признанных государств и особенности их правосубъектности. [Текст] / А.Н. Сквозников // Вестник Самарской гуманитарной академии. Серия «Право». - 2011. - №2(10). - С. 7.
9. Фельдман, Д.И. Признание в современном международном праве (Признание государств и правительств). [Текст] / Д.И. Фельдман // Изд. «Международные отношения». - М.: 1975. - С. 130.
10. Хасанов, А. Проблема непризнанных государств в современном международном праве [Текст] / А. Хасанов // Международный правовой курьер. - 7.11.2018 г. – 5 с.



**МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ДАВЛАТҲОИ ЭЪТИРОФНАШУДА ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ**

Дар сиёсати ҷаҳонӣ гурӯҳи давлатҳое вуҷуд доранд, ки мавқеъ ва нақши онҳо бевосита ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд. Давлатҳои мазкурро дар адабиётҳои илмӣ бо номҳои гуногун зикр менамоянд, вале аксари муҳаққиқон онҳоро давлатҳои эътирофнашуда меноманд. Ҳарчанд дар ҳуқуқи байналмилалӣ мавқеи давлатҳои эътирофнашуда коркард шуда бошад ҳам, вале фаъолияти чунин давлатҳо дар саҳнаи ҷаҳонӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ хеле душвор аст, чунки аксарияти давлатҳои дигар аз эътирофнамоии онҳо худдорӣ менамоянд. Ҳадафи ягонаи давлатҳои эътирофнашуда дар касби истиқлолияти сиёсӣ ва бунёди давлати мустақил зоҳир мегардад. Ин давлатҳо фаъолияти хешро бар пояи принсипи худмуайянкунии халқҳо ба роҳ мондаанд ва талош доранд, ки аз қаламрави давлати асосӣ (модардавлат) ҷудо шуда, мустақилона бо дигар давлатҳо ҳамкориҳои гуногунҷанбаро ба роҳ монанд. Баръакси ин, давлати асосӣ чунин талошро руҳияи ҷудоихоҳӣ эътироф намуда, барои ҳифзи тамомияти арзӣ аз фишангҳои зурӣ истифода менамояд. Дар чунин сурат миёни тарафҳо низоъ ба вуҷуд омада, ҳатто боиси мунокишаҳои мусаллаҳона ва талафоти ҷонӣ мегардад. Бо дарназардошти ин омилҳо омӯзиши вазъи давлатҳои эътирофнашуда ба хотири пешгирии ҳолотҳои низоъбарангез зарур буда, усул ва роҳҳои ҳамзистии осоишта, рушди мутақобила ва имконияти ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо барои давлатҳои эътирофнашуда муайян карда шаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: СММ, муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, дипломатия, низои мусаллаҳона, давлатҳои эътирофнашуда, эътирофнамоӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ.



**МЕСТО И РОЛЬ НЕПРИЗНАННЫХ ГОСУДАРСТВ В МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ**

В мировой политике существуют группа государств, позы и роль которых непосредственно влияют на международные отношения. В научной литературе данные государство именуются по-разному, но большинство исследователей называют их непризнанное государство. Несмотря на то, что в международном праве статус непризнанных государств уже давно разработана, но участия таких государство в мировой политике как субъект международных отношений очень трудна, потому что, большинство государств воздерживаются от их признания. Главной целю непризнанных государств заключается в достижении политической независимости и создании самостоятельного государства. Эти государства действуют на основе принципа право народов на самоопределение и стараются отделится от основного государства (материнского государства), а также устанавливать разнообразные сотрудничества с другими государствами. Напротив, основное государство расценивает такой акт как сепаратизм и для сохранение территориальной целостности будет применят насильственные действия. В таком случае, между сторонами возникает конфликт, что становится причиной вооруженного столкновения и жизненных потерей. С учетом этих фактов, необходимо исследовать статус непризнанных государств с целю предотвращение конфликтных ситуаций и определить методы и пути мирного сосуществование, взаимного развития и возможности сотрудничества с другими государствами для непризнанных государств.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: ООН, международные отношения, мировая политика, международное право, дипломатия, вооруженный конфликт, непризнанные государство, признание, мировое сообщество.

**PLACE AND ROLE OF UNRECOGNIZED STATES IN WORLD POLICY**

There is a group of states in world policy, the place and role of which directly affect international relations. In the scientific literature, these states are called differently, but most researchers call them unrecognized states. Despite the fact that, in international law, the status of unrecognized states has long been developed, but the participation of such states in world policy as a subject of international relations is very difficult, because most states refrain from recognizing them. The main goal of the unrecognized states is to achieve political independence and create an independent state. These states operate on the basis of the principle of the right of peoples to self-determination and try to separate from the main state (mother state), as well as to establish various cooperation with other states. On the contrary, the main state evaluates such an act as separatism and will use violent actions to preserve territorial integrity. In this case, a conflict arises between the parties, even becomes the cause of an armed clash and loss of life. In accordance of these facts, it is necessary to research the status of unrecognized states in order to prevent conflict situations and determine methods and ways of peaceful co-existence, mutual development and opportunities for cooperation with other states for unrecognized states.

**KEYWORDS**: UNO, international relations, world policy, international law, diplomacy, armed conflict, unrecognized states, recognition, world community.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.х., дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru.**
***Сухроби Акбар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900-63-90-90**, email: **suhrobiakbar@mail.ru.**

**Сведение об авторах**: ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Таджикский национальный университет, к.и.н., доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон: **988-50-10-11**. E-mail: **amrsharif@mail.ru.**
***Сухроби Акбар*** – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900-63-90-90**. E-mail: **suhrobiakbar@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** – c.h.s., Associate Professor of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, faculty of International Relations, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru.**
***Sukhrobi Akbar*** - 2 nd year master`s student of the Faculty of International Relations, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **900-63-90-90**. E-mail: **suhrobiakbar@mail.ru.**

# СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ВНЕШНЕПОЛИТИЧЕСКИХ КОНЦЕПЦИЙ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

***Бозорова М.Х.***
**Таджикский национальный университет**

После распада Советского Союза и обретения независимости странам Центральной Азии пришлось образовать новое независимое государство. Страны Центральной Азии - Казахстан, Кыргызстан, Узбекистан, Туркменистан, Таджикистан - пережили трудные этапы, такие как распад Советского Союза, создание национального государства и переход от командной к свободной рыночной экономике, и столкнулись с трудностями в социально-экономических вопросах на ранних этапах независимости (1991-1995). [1]. На протяжении многих лет лидеры Центральноазиатских государств принимали множество загадочных внешнеполитических решений. Хотя некоторые из этих решений были незначительными и в значительной степени забыты, во многих случаях такие решения приводили стран к серьезному кризису или гражданской войне. [2]. Задача каждого главы государства — это принятие рациональных решений, а приоритеты внешней политики государства должны быть направлены на развитие и укрепление двусторонних и многосторонних отношений.

Зачастую внешнеполитические решения оцениваются как хорошие или плохие. Такие оценки часто основываются на знании того, что принятое решение привело к желаемому или катастрофическому результату. Альтернативой является оценка решений на основе того, как они были приняты: были ли они основаны на тщательном анализе ситуации и тщательном рассмотрении последствий возможных вариантов? Такие суждения основаны на понимании процесса принятия решений и оценке приоритетов и мотиваций лидеров. До сих пор основное внимание уделялось лидерам и принятию решений, но изучение внешней политики предполагает нечто большее. Изучение внешней политики основано на желании понять действия и поведение стран по отношению к другим странам и международной среде в целом. Внешняя политика определяется как совокупность политики страны в отношении окружающей среды и взаимодействия с ней за пределами ее границ. [3]. Внешнеполитические концепции Центральноазиатских государств имеют некоторые общие черты, но в целом их индивидуальные стратегии и цели расходятся все больше и больше, так что в реальности сегодня уже невозможно говорить о единстве Центральной Азии в международных делах: Ашхабад и Бишкек или Астана и Ташкент смотрят на мир по-разному. В то же время дискуссии о роли Центральной Азии в международных делах часто страдают от двух недостатков.

Во-первых, основное внимание уделяется внешним субъектам, ближним или дальним, а сами страны Центральной Азии рассматриваются как пассивные жертвы геополитической игры, на ход которой они никоим образом не могут повлиять.

Во-вторых, все внимание сосредоточено на том, как ведут себя государства Центральной Азии по отношению к основным международным проблемам, в то время как их позиция никоим образом не связана с тем, что происходит внутри самих стран. Остается парадоксальным, что, хотя они утверждают, что максимально открыты для сотрудничества с государствами мирового сообщества, они по-прежнему закрываются от сотрудничества в Центральноазиатском регионе. Это пренебрежение друг к другу чаще всего выражается в процессе принятия внешнеполитических мер. Нахождение общего консенсуса в рамках общей региональной системы для стран Центральной Азии, к сожалению, является лишь формальностью, декларируемой в рамках двусторонних или многосторонних официальных встреч отдельных государств региона, которые не подкрепляются осознанием важности такой категории, как система и регион, в русле внешней политики. [2, с. 9.]

В контексте анализа внешнеполитических интересов государств Центральной Азии необходимо учитывать тот факт, что на протяжении многих веков они входили в единое интеграционное объединение, в рамках которого страны Центральной Азии передали часть своего суверенитета наднациональным органам, тем самым утратив возможность постепенного развития применительно к новой системе международных отношений. До конца 1980-х годов народы Центральной Азии не имели возможности участвовать в политической жизни. Опыт развития региона в 1990-е годы. Он показал, что процессы политических реформ в местных странах протекали в очень специфических, национально своеобразных формах. На них оказали значительное влияние культурные и исторические традиции, особенности быта и мировоззрения, присущие народам региона.

На основе детального анализа внешнеполитической деятельности стран Центральной Азии, их двусторонних отношений с крупнейшими державами, а также в рамках таких организаций, как СНГ, ОДКБ, ЕврАзЭС, ГУУАМ (ГУАМ, который может превратиться в ГУА из-за нынешней позиции Молдовы), ШОС, а также их отношений с другими международными и региональными организациями, делается вывод, что при всех характерных особенностях внешнеполитического курса, присущего каждой из пяти стран Центральной Азии (также подверженных изменениям), в целом, внешнеполитическая деятельность стран Центральной Азии претерпела сложную эволюцию, процесс не менее сложный, чем становление государственности. [4, с. 127-128].

Государствам Центральной Азии приходится сталкиваться с несколькими разнонаправленными процессами. Власти придают большое значение суверенитету, считая его главной целью в создании национального государства, в то время как общество более критически относится к этому вопросу и с ностальгией оглядывается на советское прошлое. Страны Центральной Азии хотят быть открытыми миру, но в то же время изолироваться от своих

соседей. Поэтому они считают внешнюю политику важным элементом своего национального государства и настаивают на твердом следовании определенным принципам: для Казахстана это евразийская интеграция, поддерживаемая евразийским дискурсом во внутреннем публичном пространстве; для Туркменистана это "постоянный нейтралитет" в сочетании с манией величия, присущей дискурсу о собственной нации; для Таджикистана это человекоязычная идентичность и постсоветская интеграция, которая позволяет обойти проблему плохих отношений с соседним Узбекистаном; а для Кыргызстана это стратегия открытости во всех направлениях. Ситуация в Узбекистане, пожалуй, самая сложная. Когда в начале 1990-х годов Узбекистан считал себя бесспорным лидером Центральной Азии, он активно выступал за исключительно внутрирегиональное сотрудничество. Потерпев неудачу в своем стремлении занять место регионального лидера, страна перестала позиционировать себя как возможный центр регионального сообщества и перешла к политике подчеркнуто строгой защиты своих границ, вступая в общение со своими соседями только "против своей воли" и придерживаясь стратегии изоляционизма в области региональных экономических обменов. Все это привело к негативным последствиям, особенно в Ферганской долине, нестабильном регионе, граничащем с Кыргызстаном. [4, с. 127-128] Позиция Узбекистана по вопросу регионального единства парадоксальна. Ташкент выразил желание играть большую координирующую роль среди государств региона по таким ключевым вопросам, как безопасность и распределение водных ресурсов, но чаще всего это ни к чему не приводит, поскольку его политика противоречит политике большинства его соседей. Случай Узбекистана еще раз подтверждает тесную связь между национальной идентичностью, легитимностью режима и внешней политикой.

Центральная Азия приобретает ключевое геополитическое значение в современном мире по ряду причин, в частности наличию энергоресурсов и развития транспортных коридоров. На данный момент Центральноазиатские страны готовы сотрудничать и находить определенные решения проблем, с которыми сталкиваются эти государства в своих внешнеполитических приоритетах.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Tolipov F. The Foreign Policy Orientations of Central Asian States: Positive and Negative Diversification // Eager Eyes Fixed on Eurasia / I. Akihiro (ed.). Sapporo: 21st Century COE Program Slavic Eurasian Studies, 2007. P. 23—40.
2. Плотников Д. С. Центральная Азия в контексте мировой политики [Электронный ресурс] : учебное пособие / Д. С. Плотников ; Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Электронные данные. – Пермь, 2020. – 1,95 Мб ; 94 с. – Режим доступа: http://www.psu.ru/files/docs/science/books/uchebnieposobiya/plotnikov-centralnaya-asia-v-kontekste-mirovoj-politiki.pdf.
3. Салимов Ф.Н. Анализ участия и политики Таджикистана в международных организациях. https://cabar.asia/ru/analiz-uchastiya-i-politiki-tadzhikistana-v-mezhdunarodnyh-organizatsiyah
4. Комилова Х.Г. Теоретические основы и подходы к определению внешнеполитических интересов в международных отношениях Центральной Азии. Вестник Томского государственного университета. 2016. https://cyberleninka.ru/article/n/teoreticheskie-osnovy-i-podhody-k-opredeleniyu-vneshnepoliticheskih-interesov-v-mezhdunarodnyh-otnosheniyah-tsentralnoy-azii
1. Сухих Г.Т., Назаренко Т.А. Бесплодный брак. Современные подходы к диагностике и лечению / Г.Т. Сухих. - М.: ГЭОТАР-Медиа; 2010. 518 с.
2. Филлипов О.С. Причины и факторы развития бесплодия среди населения Сибири. Эпидемиология и инфекционные болезни. 2002;(3):47.
3. Краснопольская К. В., Назаренко Т.А. Клинические аспекты лечения бесплодия в браке / К.В. Краснопольская. - Москва: ГЭОТАР-Медиа; 2014. 376 с.


### ОМӮЗИШИ БАЪЗЕ ОМИЛҲОИ ГЕНЕТИКИИ БЕЗУРРИЁТИ ДАР ЗАНОН


Тадқиқоти генетикӣ дар кариотип ба мо имкон дод, ки тағйиротро дар сатҳи хромосомаҳои ҳуҷайраҳои ҷинсӣ муайян намоем. Бисёре аз таҳқиқотҳои мо нишон доданд, ки дар байни занон безурриётӣ дар ташакулёбии овогенез, тағироти хромосомавӣ, миқдорӣ ё сохторӣ дар 5-15% ҳолатҳо пайдо мешавад. Дар ин ҳолатҳо ташаккулёбии, ғайримуқаррарии X-хромосомаҳои чинсии то 75% ва аутосомаҳо ва ё хромосомаҳои ғайриҷинсӣ то 25% -ро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти сершумори мо оид ба нақши омилҳои ирсӣ дар этиологияи безурриётӣ мавқеи пешбарандаи ин омилҳоро дар сохтори норасоии репродуктивӣ дар занон нишон доданд. Ҳамин тавр, омилҳои генетикӣ ҳадди аққал 30-50% нитиҷаҳои вазнини безурриётиро дар занони муайян мекунанд.



**КАЛИДВОЖАҲО** шаклҳои вазнини безурриётӣ, ҷанбаҳои генетикӣ, ҳуҷайраҳои репродуктивии зан, инкишофи ҷанин, кариотип, оосит.


### ИЗУЧЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ГЕНЕТИЧЕСКИХ ФАКТОРОВ БЕСПЛОДИЯ У ЖЕНЩИН


Генетические исследования кариотипа позволили выявить изменения хромосомных уровней половых клеток. Многие наши исследования показали, что бесплодие у женщин возникает при формировании овогенеза, хромосомных, количественных или структурных изменений в 5-15% случаев. В этих случаях образование аномальных X-половых хромосом составляет до 75 %, а аутосомных или неполовых хромосом — до 25 %. Результаты наших многочисленных исследований роли генетических факторов в этиологии бесплодия показали ведущую роль этих факторов в структуре репродуктивной недостаточности у женщин. Таким образом, генетические факторы определяют не менее 30–50% исходов тяжелого бесплодия у женщин.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** тяжелые формы бесплодия, генетические аспекты, женские половые клетки, эмбриональное развитие, кариотип, ооцит.


### STUDY OF SOME GENETIC FACTORS OF INFERTILITY IN WOMEN


Genetic studies of the karyotype revealed changes in the chromosomal levels of germ cells. Many of our studies have shown that infertility in women occurs during the formation of ovogenesis, chromosomal, quantitative or structural changes in 5-15% of cases. In these cases, the formation of abnormal X-sex chromosomes is up to 75%, and autosomal or non-sex chromosomes - up to 25%. The results of our numerous studies of the role of genetic factors in the etiology of infertility have shown the leading role of these factors in the structure of reproductive failure in women. Thus, genetic factors determine at least 30–50% of the outcomes of severe infertility in women.



**KEYWORDS:** severe forms of infertility, genetic aspects, female germ cells, embryonic development, karyotype, oocyte.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
***Қосимов Р.Б.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи биохимия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторах**: ***Файзова Ф. К.*** – Таджикский национальный университет, магистр факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
***Косимов Р.Б.*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author**: ***Fayzova F.K.*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
***Kosimov R.B***. – Tajik national University, Professor of the Department of Biochemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

**УДК: 591.1:336(575.3)**

# ОМӮЗИШИ ШИДДАТНОКИИ ЭҲСОСӢ ВА ИЗТИРОБ ДАР ДОНИШҶӮЁНИ ШАКЛИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛ

***Устоев М.Б., Ботурова Р.Ё.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муайян карда шудааст, ки тағйирёбии ҷамъият тарзи зисту зиндагонӣ метавонад ба организми ҷавон таъсири гуногун расонад. Мувофиқи нишондоди баъзе олимон [6, с.10., 11, с.277, 12. с.266, 7, с.24]. Бо баробари мураккаб намудани барномаи таълимӣ ба сарбории иловагӣ дар донишҷӯён баландшавии шиддатнокии эҳсосӣ ва изтиробро мушоҳида намудан мумкин аст. Мувофиқи натиҷаҳои баъзе олимон [1, с.143, 3, с.218, 5, с.29] ба ҳолати умумии донишҷӯёни макотиби олӣ тарзи ҳаёти онҳо, камҳаракатӣ ва тағйирёбии равонӣ, эҳсосӣ ва дигар одатҳои бад таъсири манфӣ мерасонад. Ин тағйиротро хусусан дар давраи сессияи санҷишу имтиҳонҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки яке аз мушкилоти физиологияи ҳозиразамон ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани тағйирёбии шиддатнокии эҳсосӣ дар донишҷӯён нишондиҳандаҳои асосӣ ин фаъолияти дил, набзи артериявӣ, зудии нафаскашӣ таъсири асабҳои симпатикӣ ва парасимпатикӣ ба ин нишондодҳо. Гузаронидани таҷрибаҳо оиди муайян кардани тағйирёбии системаҳои вегетативӣ вобаста аз шакли таҳсил, истифодаи сарбории иловагӣ дар ин раванд ба ҳисоб меравад.

**Мавод ва усули таҳқиқот.** Таҳқиқотҳо дар кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти факултети биология дар 20 нафар донишҷӯёни соли дуюми таҳсил, ки ба кафедра фаро гирифта шудаанд, гузаронида шудааст. Таҳқиқотҳо дар давраи сессия ва баъди имтиҳоно дар шароити муқаррарӣ дар синфхонаҳо дар ду гурӯҳ донишҷӯён гузаронида шудааст. Пеш аз гузаронидани таҳқиқотҳо ҳамаи таҳқиқшавандаҳо пешакӣ огоҳ карда шудаанд. Барои таҳқиқ ва баҳо додан ба нишондиҳандаҳои кори дилу рагҳо аз усулҳои анъанавӣ истифода бурда шуд. Барои омӯзиши кори дилу рагҳо зудии кори дил дар 1 – дақиқа меъёран ба 60-80м/д, фишори систолии ва диастолии артериявӣ 120/80 – 60/90 мм ст.сим. ба назар гирифта шуд. Барои баҳодиҳии вазифаи гардиши хун чунин нишондиҳандаҳо ба интихоб карда шуданд. Фишори набзи артериявӣ бо мм ст.сим. фишори артериявӣ (систологӣ, диастологӣ), ҳаҷми дақиқавии хун (ҲДХ) дар 1 дақ. Барои муайян кардани фишори артериявӣ аз асбоби танометри механикӣ ва нимавтоматикӣ маркаи UA-703 истифода карда шуд. Ҳолати шиддатноки эҳсосии донишҷӯён бо тестҳои Ч.Спилберг бо тағйироти Ю.Л. Ханин истифода карда шуд, ки ба таври холгузорӣ ба роҳ монда шуд. Ҳолати изтироб то 35 хол паст 28 хол, миёна 42 хол ва баланд 46 хол гузорӣ карда шуданд. Ҳолати номуътадили эҳсосӣ – ин ғайри қаноатбахш будани ангезанда, изтироб, тарс ва ғайра ҳисоб карда шуд. Шиддатноки эҳсосӣ натиҷаи баҳодиҳии субъективии донишҷӯён, ки дар ҳаёти

онҳо чихел ҳодисаҳо ва дараҷаи қонеъгардонидани талаботи дараҷаи гуногун мебошад. Дар таҳқиқотҳои гузаронидашуда чунин усулҳои иловагӣ ба монанди худбаҳодиҳӣ сиҳати нисбатан бад, қаноатбахш, хуб, нисбатан хуб истифода карда шудаанд. Натиҷаҳои бадастовардашуда бо коркарди омори аз усулҳои [10, с.560, 8, с.89] бо истифодаи усули таҳлили натиҷаҳо аз барномаи компютерии Microsoft office Excel 2010.

**Натиҷаҳои таҳқиқотҳо.** Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки барои танзими ҳолати таълиму тарбия ва ҳолати равонии истифодабарии хосияти эҳтиётии одам ва ба кор даровардани қобилиятнокии онҳо барои стресси равони эҳсосӣ дар ҷараёни таҳсил ва инчунин дар давраи сессияи имтиҳони фаъолияти вазифаи системаи асаб зарурият дорад. Ҳангоми муқоиса намудани нишондиҳандаҳои тонуси мушаки, вазни бадан ва дигар узвҳои ҳаракат то ва баъди сессия тағйирот ба амал намеояд.

Фаъолияти системаи узвҳои вегетативӣ хусусан системаи дилу рагҳо натиҷаи нишондоди таҳқиқотҳо муайян карданд, ки дар зудии кори дил пеш ва баъд аз супоридани имтиҳон фарқият кам дида мешавад, яъне аз 53 то 110 маротиб/дақиқаро дарбар мегирад. Ин нишондиҳандаҳо аз давра ба давра қобилияти мутобиқшавӣ доштани донишҷӯён дарак медиҳад. Баъзе тағйиротҳоро дар аввали сессия дидан мумкин аст, ки кашишхурии дил 85-93 маротиба дақиқаро ташкил мекунад. Аз ҷиҳати фоизнокӣ бошад дар 30% донишҷӯён дар аввали сессия ва 10% дар охири сессия дидан мумкин аст. Фишори систолии артериявӣ дар аввали сессия ба нишондиҳандаи аз 97 то 138 мм ст. симоб дар охири сессия бошад ин нишондиҳанда 85-140 мм. ст. симобро ташкил медиҳад. Ҳамзамон дар фишори диастолии артериявӣ дар аввали сессия то ба 52,1 то ба 92 мм.ст. бошад пас дар охир вай то ба 58-60 мм.ст.симоб баробар аст. Ҳолати баландшавӣ дида намешавад. Ҳолати пастшавии нишондодҳои фишори артериявии систоли ва фишори артериявии диастоли нисбатан паст буда ба 90 ва 45 мм.ст.симоб баробар аст. Ин нишондиҳандаҳоро дар аввали сессия дар 6% донишҷӯён дида мешавад. дар охири сессия бошад дар 15% донишҷӯён дида мешавад. Муайян карда шуд, ки дар аввали сессия фишори артериявии систолӣ дар 50% донишҷӯён дида мешавад. Дар охири сессия бошад то ба 30% кам мешавад. Ин нишон медиҳад, ки шиддатнокии эҳсосӣ дар донишҷӯён баъд аз супоридани имтиҳонҳо нисбатан паст мешавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои вегетативии дар донишҷӯён дар аввал ва охири сессия (м±m). n= 20.**

| Нишондиҳанда | Дар аввали сессия | Дар охири сессия |
|---|---|---|
| ФСА мм.ст.симоб | 125,1±2,1 | 112,1±2,1 |
| ФДА мм.ст.симоб | 76,2±1,2 | 70,3±1,5 |
| АД воҳиди шартӣ | 120,5±1,5 | 110±2,3 |

Ҳаҷми дақиқавии хуни (ҲДХ), то имтиҳон аз 4010,25 то 4891,12 мл/дақиқаро ташкил мекунад. Баъди имтиҳон бошад ин нишондод нисбатан тағйир ёфта аз 3070,10 то 5225,38 мл/ дақиқаро ташкил медиҳад. Муайян, карда шуд, ки ҳаҷми дақиқавии хун (ҲДХ) ба меъёр наздик пеш аз имтиҳон дар 70% донишҷӯён аз меъёр баланд мешавад. Ин натиҷа дар 10 донишҷӯ гузаронида шуд. Дар охири сессия бошад ин нишондиҳанда муттаносибан ба 40 ва 25% баробар мешавад.

Потенсиали мутобиқшавӣ то имтиҳон дар миқёси аз 2,10 то 4,0 хол баъди имтиҳон бошад тағйироти на он қадар зиёдро дидан мумкин аст, ки дар миқёси 1,20 – 2,8 хол баробар мешавад. Теъдоди донишҷӯёни ин нишондиҳандаҳо бошад то имтиҳон 35% баъди имтиҳон 30% донишҷӯёнро дар бар мегирад, ки аз шиддатнокии тарзи мутобиқшавӣ шаҳодат медиҳад (расми 1).




**Расми 1. - Динамикаи пайдошавии таъсири шиддатнокии эҳсосӣ ба фаъолияти дилу рагҳои донишҷӯёни шакли кредитии таълим.**

**Ишораҳои шартӣ.** Дар хати ординат пайдошавии нишондиҳандаҳои вегетативӣ то имтиҳон. Дар хати абсисс фаъолияти дилу рагҳо нишондиҳандаи вегетативии Кердо бошад то имтиҳон дар 60% баъди имтиҳон дар 40% - таҳқиқшудагон аҳамияти нисбатан манфӣ дошта, то имтиҳон дар 20% баъди имтиҳон дар 28% баробар аст. Шиддатнокии эҳсосӣ (ШЭ) то имтиҳон аз 10 то 35 холро ташкил мекунад. Нишон дода шудааст, ки 60% донишҷӯён дараҷаи пасти изтиробро доранд. Дараҷаи баланди изтиробро дар 8% донишҷӯён дидан мумкин аст. Баъди сессия шиддатнокии эҳсосии донишҷӯён 13-40 холро дар бар мегирад, теъдоди пастшавии изтироби донишҷӯён хеле зиёд шуда, қариб 75% онҳоро дар бар мегирад. Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар бисёри донишҷӯёни гуруҳи додашуда сарбории таълимӣ дар ҳарду ҳолат тағйирёбии ҳаракати хун, фишори систолии артериявӣ, нишондиҳандаи дуюмин, ҳаҷми дақиқавии хун ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Нишон дода шудааст, ки тағйироти аникро дар донишҷӯён дар давраи имтиҳон мушоҳида кардан мумкин аст. Ба ғайр аз муайян кардани шиддатнокии эҳсосӣ дар донишҷӯён, инчунин, ҳолати фаъолияти системаи дилу рагҳо, изтироб дар рафти шакли таълимии кредитӣ муайян карда шуд. Дар асоси таҷрибаҳо нишондиҳандаҳои вегетативӣ ба монанди зуддии кори дил ба ҳисоби миёна 72,3±2,4 к/м ташкил дод. Таҳлили нишондиҳандаҳои морфофизиологӣ дар донишҷӯён нишон дод, ки дар аввал ва охири сессия фарқияти куллӣ мушоҳида карда намешавад (ҷадвали 2.).

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои вегетативии организми донишҷӯёни шакли кредитии таҳсил дар аввал ва охири сессия (м±m). n= 20.**

| Нишондиҳанда | Дар аввали сессия | То имтиҳон | Баъди имтиҳон |
|---|---|---|---|
| ЗКД м/дақ | 73,1±2,1 | 85,3±1,4 | 80,1±2,2 |
| ФСА | 115,5±2,5 | 125,1±1,8 | 115,5±3,1 |
| ФДА | 75,1±3,2 | 86,2±2,5 | 82,3±1,8 |
| НД воҳ. шартӣ | 90,2±2,7 | 115,1±2,8 | 105,1±2,1 |
| ҲДХ мл/дақ | 4010±2,5 | 5340±4,5 | 4530±6,8 |

Нишон дода шудааст, ки дар аввали сессия дар 55% донишҷӯён нишондиҳандаи вазни бадан кам мешавад. Дар охири сессия бошад теъдоди донишҷӯёне, ки вазни баданашон аз меъёр кам аст 30%-ро ташкил мекунад, дар он ҳолате ба вуҷуд меояд, ки фаъолияти ҷисмонии донишҷӯ, камҳаракатӣ, вайроншавии реҷаи хӯрокхурӣ ва шиддатнокии эҳсосӣ мушоҳида карда мешавад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки зудии кори дил пеш ва баъд аз супоридани имтиҳон аз 60 то 110 и/дақиқаро ташкил медиҳад. Фишори систолии артериявӣ (ФСА) пеш аз экзамен аз 95 то 125 мм.ст.симоб баробар аст. Ҳолати пастшавӣ дар 16% донишҷӯён то сессия мушоҳида карда шуд. Фишори артериявӣ (ФА) бошад баъди имтиҳон нисбат то имтиҳон баланд мешавад. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки то имтиҳон дар 7% таҳқиқшудагон ФСА аз меъёр зиёд (95 мм.ст.симоб) баъди имтиҳон ин нишондиҳанда нисбатан баланд буда қариб 25%-ро ташкил медиҳад. ФДА пеш аз имтиҳон 75 мм.ст.симоб баъди имтиҳон ин нишондиҳанда ба 76 мм.ст.симоб баробар мешавад. Нишондиҳандаи

дуюмин низ аз меъёр зиёд буда, 75-85 воҳиди шартиро ташкил мекунад, нишон дода шудааст то имтиҳон дар 35% баъди имтиҳон дар 75% донишҷӯён Н/Д аз сабаби ба тavри ратсионали кор накардани дил мушоҳида мешавад. Нишондиҳандаи ҳаҷми дақиқавии хун (ҲДХ) аз он шаҳодат медиҳад, ки то имтиҳон дар 28% донишҷӯён ин нишондиҳанда меъёрӣ мебошад. Аз меъёр зиёд дар 70% донишҷӯён дидан мумкин аст. Дар давраи имтиҳон ин нишондиҳандаҳо 15 ва 55%-ро ташкил мекунанд. Нишонаи вегетативии мусбии Кердо (НВМ) то имтиҳон дар бисёрии донишҷӯёни ташхисшуда мушоҳида мешавад. Баъди имтиҳон нишондиҳандаи манфиро дар 8% донишҷӯён дидан мумкин аст. Фоизнокӣ бошад мутаносибан ба 25 ва 15 фоиз баробар аст (расми 3.).




**Расми 3. - Динамикаи нишондиҳандаи вегетативӣ дар донишҷӯёни шакли кредитии таҳсил.**

**Ишораҳои шартӣ – Дар хати ординат мутаносибии фоизноки нишондиҳандаҳои вегетативӣ то ва баъди имтиҳон**

**Дар хати абсисс фаъолияти дил ва рагҳо**

Баробарии вегетативӣ фақат дар 6% донишҷӯён дида мешавад.

Нишондиҳандаи мутобиқшавӣ нишон медиҳад, ки то имтиҳон дар 50% баъди имтиҳон дар 23% донишҷӯён шиддатнокии мутобиқшавӣ мушоҳида мешавад. Шиддатнокии эҳсосӣ бошад мувофиқи таҳқиқот ба навбат фаъолият намудани асабҳои симпатикӣ ва парасимпатикӣ дида мешавад. Нишон дода шудааст, ки дар бисёр донишҷӯён танзими симпатикӣ мушоҳида карда мешавад. Дар давраи имтиҳон теъдоди вай зиёд шуда, то 80% ташкил мекунад. Танзимкунии парасимпатикӣ бошад ҳамагӣ 15% мебошад.

**Муҳокима**

Натиҷаҳои ба дастовардашуда дар давраи таҳқиқоти донишҷӯёни шакли кредитии таҳсил нишон доданд, ки дар системаи марказӣ, вегетативӣ, фаъолияти олии асаб, ҳолати функсионалии кори дилу рагҳо ва системаи нафаскашӣ тағйирот мушоҳида карда мешавад. Муайян карда шудааст, ки аввалин тағйирот ҳангоми шакли таҳсили кредитиро дар кори системаи дилу рагҳо, нафаскашӣ, фишори систолӣ ва диастолӣ, ҳаҷми дақиқавии хун шиддатнокии эҳсосӣ дида мешавад. Дар донишҷӯёни шакли кредитии таҳсил имконияти пасти мутобиқшавии организм аз ҳисоби камҳаракатӣ, камдохилшавии оксиген, ки организм муддати дароз дар ҳолати гипоксия қарор дорад. Дар давраи сессияи дуюм (спроби усули) Штанге истифода карда шуд, нишон дод, ки дар давраи имтиҳони дар 50% донишҷӯён аз меъёр кам ва дар сесияи шашум дар 25% дида мешавад. Нишондиҳандаи проби Генчи, вай мутаносибан ба 83 ва 60% баробар аст. Пастшавии ҳиссиётӣ ба камоксиген яке аз омили паст кардани имконияти мутобиқшавиро ба шароити каҳратун таъмин менамояд [21, 58, 99]. Натиҷаҳои таҳқиқотҳо нишон доданд, ки шиддатнокии айён ва давомнокии системаи дилу рагҳо дар давраи сессияи шашум нисбат ба якум ва дуюм, ки пастшавии зудии кашишхурии дил то ба 15% фишори набз ба 18% ва ҳаҷми дақиқавии хун то ба 25% дида мешавад. Яке аз нишонаҳои асосии донишҷӯёни шакли таълими кредитӣ ин пастшавии ҳолати депрессия нисбати сессияҳои якум ва дуюм мебошад. Натиҷаҳои ба дастовардашуда нишон медиҳанд, ки дар шакли кредитии таҳсил раванди мутобиқшавӣ ба таҳсил дар соли сеюм ба амал меояд, ки аз дараҷаи мутобиқшавӣ ба ин раванд дарак медиҳад. Вобаста аз давомнокии раванди таълим оҳиста пастшавии теъдоди донишҷӯён ба танзимкунии симпатикӣ 90% муқобили 50%. Ҳамзамон зиёдшавии теъдоди донишҷӯён бо танзими парасимпатикӣ аз 80% то 23%, ки аз шиддатнокӣ дар таълими донишҷӯён ва

пайдошавии мондагӣ мушоҳида мешавад. Дар давраи мутобиқшавии донишҷӯён пастшавии шиддатнокии эҳсосӣ, баландшавии худбаҳодиҳӣ, аз ҳаёт қаноатбахш будан бо гузашти вақт, пай дар пай мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр натиҷаҳои ба дастовардашуда оиди шакли таълими кредитӣ нишон дод, ки дар донишҷӯён шиддатнокии эҳсосӣ бинобар кам будани сарбории иловагӣ нисбатан суст ва кутоҳмуддат ба амал меояд.

## АДАБИЁТ


1. Брук, Т.М. Методы и средства ранней профилактики потребления психоактивных веществ [Текст] / Т.М. Брук, С.А. Кореневский, О.В. Молотков //. - Физическая культура и спорт в профилактике наркомании и преступности: сб. матер. междун. науч.-практ. конф., 17–20 мая 2004. – Смоленск, -2004. – С 140 –149.
2. Безматерных, Л.Э. Информативность методов количественной оценки индивидуального здоровья: автореф. дис. … канд. мед. наук / Л.Э.Безматереных //. – Барнаул, 1997. – 13с.
3. Виленский, М.Я. Физическая культура и здоровый образ жизни студента [Текст] / М.Я. Виленский, А.Г. Горшков. – М.: Гардарики // -2007. – 218 с.
4. Дубровский, В.И. Валеология. Здоровый образ жизни [Текст] /В.И. Дубровский//. –М.: RETORIKA –A, 2001. – 560с.
5. Калинкин, Д.Е. Социально - экономические и поведенческие факторы риска, определяющие состояние здоровья взрослого населения промышленного города [Текст] / Д.Е. Калинкин, А.Б. Карпов, Р.М. Тахауов, С.М. Хлынин, М.А. Валаков, Е.В. Ефимова. - Здравоохранение Российской Федерации. – 2012. – № 1. – С. 29–34.
6. Кандагушева, А.М. Здоровье студентов - медиков в современных условиях [Текст] / А.М. Кандагушева, Л.В. Эльгарова, А.А. Эльгаров //. - Профилактическая медицина. – 2011. – № 3. – С. 15–18.
7. Николаева, Е.И. Сравнительный психофизиологический анализ функционального состояния студентов различных форм обучения в педагогическом вузе [Текст] / Е.И. Николаева, С.А. Котова//. - Вопросы психологии. –2011. – № 4. – С. 24–32.
8. Пирогова, Л.А. Состояние физического здоровья студентов мединститута /Л.А. Пирогова, Н.П. Велитченко, И.Т. Конов // Совершенствование физического воспитания в учебных заведениях: материалы Междунар. науч.-практ. конф. – Гродно, 1993. –Ч.1. –С.89.
9. Спилбергер, Ч.Д. Концептуальные и методологические проблемы исследования тревоги: Стресс и тревога в спорте [Текст] /Ч.Д. Спилбергер. СПБ., М.: Физкультура и спорт, - 1983. – С.12-24.
10. Тихвинский, С.Б. Детская спортивная медицина /С.Б. Тихвинский, СВ. Хрущев // Руководство для врачей. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Медицина, 1991. – 560с.
11. Устоев, М.Б. Изменение функции сердечно – сосудистой системы у студентов под влиянием физической и умственной нагрузки при кредитной форме обучения [Текст] /М.Б. Устоев, М.Т. Алиева, Б.Р. Устоев// Вестн.Тадж.нац. ун-та. – Естеств. науки. -Душанбе, -2016, -№1/1(192). - ISSN 2413-452X-С. 277-280.
12. Шукуров, Ф.А. Стрессоустойчивость и адаптационные возможности студентов [Текст] / Ф.А. Шукуров //IV съезд физиологов СНГ / Сочи Дагомыс – 2014. -С-266.


## ОМӮЗИШИ ШИДДАТНОКИИ ЭҲСОСӢ ВА ИЗТИРОБ ДАР ДОНИШҶӮЁНИ ШАКЛИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛ


Дар мақола маълумотҳо оиди тағйирёбии ҳолати эҳсосӣ, стресс мутобиқшавии донишҷӯён, тағйирёбии фаъолияти системаҳои вегетативӣ, кори дилу рагҳо вобаста аз шакли кредитии таҳсил оварда шудааст. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дар давраи пеш ва баъд аз супоридани имтиҳонҳо ҳолатҳои гуногуни шиддатнокии эҳсосӣ мушоҳида карда мешавад. Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки дигаргуншавии фаъолияти системаи вегетативиро дар аввали сессия қариб дар 50% донишҷӯён дидан мумкин аст. Баъди имтиҳон ин нишондиҳандаҳоро дар 20% донишҷӯён дидан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқот далели он мебошанд, ки дар бисёри донишҷӯёни шакли кредитии таҳсил кам тағйирёбии шиддатнокии эҳсоси пайдошавии изтироб мушоҳида карда мешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** эҳсос, изтироб, системаи вегетативӣ, кредитӣ, дилу рагҳо, ҳаҷм, дақиқа.


## ИЗУЧЕНИЕ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО НАПРЯЖЕНИЯ И ТРЕВОГИ У СТУДЕНТОВ КРЕДИТНОЙ ФОРМЫ ОБУЧЕНИЯ


В статье приведены данные по изменению состояния эмоций, стресса, адаптации студентов, работы вегетативной системы, сердца, сосудов в зависимости от кредитной формы обучения. Исследования показали, что в период до и после сдачи экзаменов в период сессии можно наблюдать различное состояние эмоционального стресса. Показано, что за изменением деятельности вегетативной системы можно наблюдать в начале сессии на 50% студентов. После экзамена этот показатель составляет 20%. Результаты исследования свидетельствуют о том, что у многих студентов кредитной формы обучения наблюдается незначительное проявление эмоционального напряжения и тревоги.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** эмоция, тревога вегетативная система, кредитная форма, сердце, сосуды, минутный объём крови.

**THE STUDY OF EMOTIONAL STRESS AND ANXIETY AMONG STUDENTS OF THE CREDIT FORM OF EDUCATION**

The article presents data on changes in the state of emotions, stress, adaptation of students, the work of the autonomic system, heart, blood vessels, depending on the credit form of education. Studies have shown that in the period before and after the exams during the session, you can observe a different state of emotional stress. It is shown that the change in the activity of the autonomic system can be observed at the beginning of the session by 50 % of students. After the exam, this figure is 20 %. The results of the study indicate that many students of the credit form of study have a slight manifestation of emotional tension and anxiety.

**KEYWORDS:** emotion, anxiety, autonomic system, credit form, heart, blood vessels, minute volume of blood.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Устоев Мирзо Бобоҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **981-01-31-71**. E-mail: **ustoev 1954@mail.ru**
***Ботурова Раҳима* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри 2-юми факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **934333171.**

**Сведение об авторах:** ***Устоев Мирзо Бабаджанович*** – Таджикский национальный университет, доктор биологических наук, профессор кафедры физиологии человека и животных. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **981-01-31-71.** E-mail: **ustoev 1954@mail.ru**
***Ботурова Рахима*** - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса биологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **934333171.**

**Information about the authors:** ***Ustoev Mirzo Babadchanovich*** – Tajik National University, doctor of biological sciences, professor of the department of human and animal physiology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **981-01-31-71**. E-mail: **ustoev 1954@mail.ru**
***Boturova Rahima*** - Tajik National University, 2nd-year master's student of the Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **934333171.**

# ВАРИАНТИ ТАЪСИСИ АСОСНОККУНИИ АКСБАРДОРӢ ДАР БУРИШҲОИ АНГИШТ БО НИШОНАИ ҚУТБӢ

***Гулмирзоев Т.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Усули қутбӣ барои муайян кардани координатаҳои нуқтаи аксбардорӣ дар асоси кунҷҳои уфуқии ченшуда (β1 β2), кунҷи амудӣ δ1 ва масофаи l1 аз нуқтаи ибтидоии такягоҳӣ ба I то Pi муайяншуда [1] (расми 1). Ин усул дар карерҳо бо масофаи назарраси корҳои кӯҳӣ аз нуқтаҳои шабакаҳои такягоҳӣ хеле самаранок аст [2].




*Расми 1. Чорроҳаи қутбӣ, усули муайянкунии координатаҳои қутбӣ*

Барои ба ҷо овардани кор дар паҳлуҳои корношоями карер миқдори зарурии нуқтаҳои такягоҳӣ гузошта мешавад, ки ба ҳамаи минтақаҳои кории карер аёнӣ медиҳад [1].

Кунҷҳои уфуқӣ ва амудӣ бо теодолитҳои синфи Т1, Т2, масофаҳои моил бо диапазонҳои оптикӣ бо риояи талаботи зерин чен карда мешаванд: масофа то нуқтаи муайяншаванда набояд аз 3 км зиёд бошад, хатҳои миёнаи квадратии ченшавандаи масофа на бештар аз 0,1 м, кунҷҳои уфуқӣ бо усулҳои даврашакл на камтар аз ду самти ибтидоӣ бо фарқияти кунҷҳои самтӣ аз ҳар як самт то нуқтаи таъиншуда на бештар аз 45 "чен карда мешаванд [4].

Кӯшиш кардан лозим аст, ки дарозии самтҳои ибтидоӣ аз дарозии самтҳо ба нуқтаҳои

муайяншудаи асосноккунии аксбардорӣ зиёд бошад.

Координатаҳои нуқтаи муайяншаванда бо формулаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд:

$XP_1 = X_1 + d1cos\alpha1\text{-}P1$; $YP_1 = Y_1 + d1sin\alpha1\text{-}P_1$,

Дар инҷо: $d1 = ctg\delta1$; $\alpha1\text{-}P1 = \alpha I\text{-}II + \beta1 - 180^{o} = \alpha I\text{-}III + \beta2 - 180^{o}$

Хатогии мавқеи ашёи муайяншаванда бо формулаи зайл ҳисоб карда мешавад

$$MPI = \left(\sqrt{\frac{m0 * l}{\rho''}}\right)^2 + ml^2$$

Ки дар ин ҷо: m0 — хатогии муайян кардани кунҷи самт аз ду самт, ml — хатогии ченкунии масофа.

Ҳал:

Маълумотҳои ибтидоӣ

Нуқтаи 1 x=431,198 y=3008,715

Нуқтаи 2 x=606,458 y=2740,551

$XP1 = X1 + d1cos\alpha1\text{-}P1$; $YP1 = Y1 + d1sin\alpha1\text{-}P1$,

d=127,680

$XP1=431+127,680cos150,516^{o}$ 1-P1=431,198 YP1=3008 +127,680sin127,680 1-P1=3008,715

Ҷавоб:XP1 = 431,198 м YP1= 3008,715 м




*Расми 2. Нишонаи қутбӣ. Схема миқёсӣ 1:2000*

Ҳамчун усули таҳияи асосноккунии аксбардорӣ, трангулятсияи расмии таҳлилӣ дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки дар буриши ангишт аксбардории фотограмметрӣ истифода мешаванд [3]. Координатҳо ва баландии нуқтаҳои шабакаи аксбардорӣ дар компютер бо ёрии барномаҳои махсусе, ки танзим ва арзёбии дурустии мавқеи нуқтаҳоро таъмин мекунанд, ҳисоб карда мешаванд. Хатогиҳои координатаҳои нуқтаҳои муайяншуда набояд аз талаботи асосӣ барои шабакаҳои аксбардорӣ зиёд бошанд. Миқёси тасвирҳо, баландии аксбардорӣ, ҷойгиршавӣ ва миқдори нуқтаҳои такягоҳии тасвир, инчунин, бо назардошти иҷрои талабҳои асосӣ оид ба дурустии муайян кардани нуқтаҳои асосҳои аксбардорӣ муайян карда мешаванд. Ҳангоми истифода бурдани стереофотограмметрии рӯизаминӣ дар карер мавқеъи нуқтаҳои аксбардориро бо усули графомеханикӣ – бо роҳи ҳалли хати фотограмметрии бурриш бевосита дар нақша муайян кардан мумкин аст. Барои ин аз ду ё се асоси аксбардорӣ стереоҷуфтҳои аксҳоро истифода мебаранд. Пойдорҳо (расми 3) B1, B2, B3 тавре интихоб карда мешаванд, ки самтҳои мувофиқ аз нӯги чапи ҳар кадоми онҳо (H1, H2, H3) то нуқтаҳои муайяншуда бо кунҷи аз 30 то 120° бурида мешаванд [4]. Ҳама гуна иншооти устувор ва намоён нуқтаҳои махсус дар ҷойҳои дуруст насбшуда метавонанд ҳамчун нуқтаҳои муайяншудаи P1, P2, P3 истифода шаванд. Дар стереоавтограф як ҷуфт стерео ҳар як пойгоҳ бо навбат насб карда мешавад. Ҳар кадоми онҳо ба таври муқаррарӣ ориентатсия карда, асоси акбардорӣ ҷорӣ карда мешавад. Самти планшетро бо 2-3 нуқта, як нуқтаи дурдаст бо координатҳои маълум, самти маълум ё кунҷи самти меҳвари оптикии муқаррарии камераи аксбардорӣ иҷро кардан мумкин аст [3].



*Расми 3. Нақшаи нишонаи фотограметрии рост*

Сипас, аз ҳар як поя тамғаи дурбини стереоавтографро ба нуқтаҳои (сигналҳои) муайяншаванда равона карда, дар планшет бо қалами координатор ба нуктаҳои мувофиқ самт мекашанд, аломатҳои баландии нуқтаҳои онҳоро аз баландии дастгоҳ сабт мекунанд.. Нуқтаҳои буриш, ки дар самтҳои мувофиқ аз ду ё се асоси нақша гирифта шудаанд, координатҳо ва баландии онҳоро муайян мекунанд [1].

Асосноккунии баланди аксбардории маркшейдерӣ дар карер дар як вақт бо лоиҳаи пешбинишуда ба вуҷуд оварда мешавад. Нуқтаҳои ибтидоӣ барои муайян кардани аломатҳои баландии нуқтаҳои асосноккунии аксбардории нуқтаҳои такягоҳии баландии синфҳои 3-4-ум мебошанд. Аломатҳои баландии нуқтаҳои асосноккунии аксбардорӣ дар карер бо нивелиркунонии геометрии синфи 4, нивелиркунонии техникӣ ё тригонометрӣ муайян карда мешаванд [2]. Барои нивелиркунонии техникӣ сатҳҳои дараҷаи дақиқии Н10 ва болотар истифода мешаванд. Гаштҳои нивелиркунонӣ дар байни нуқтаҳои аслӣ дар як самт гузошта мешаванд, ҳаракатҳои овезон аз нуқтаи ибтидоӣ дар самтҳои пеш ва қафо. Истеҳсоли нивелиркунии тригонометрӣ ченкунии кунҷи амудӣ δ, масофаи нишеби ι,, баландии асбоб i, баландии сигнал v (расми 4) -ро дар бар мегирад.




*Расми 4. Нивелиркунонии тригонометри дар карер*

Миқдори зиёдатӣ бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$\Delta Z = d tg\delta + f + i - v = l sin\delta + f + i - v$

Дар ин ҷо: d - уфуқӣ, l - масофаи моил байни нуқтаҳо, м.

$f = k + r$,

дар инҷо $k = \frac{d2}{2R}$ -ислоҳи каҷшавии замин

$r = k\frac{d2}{2R}$ - ислоҳи рефраксия

R = 6370 км – радиуси миёнаи замин

r – коэффитсиенти рефрактсияи заминӣ.

Аз руи натиҷаҳои тадқиқот маълум аст, ки дар давоми руз нишондиҳандаҳои шикаста аз -0,22 пеш аз баромадани Офтоб ва то -0,10 пеш аз фуру рафтани офтоб фарқ мекунанд. Дар масофаҳои нисбатан кутоҳ (то 3 километр) арзиши миёнаи он ба kср = -0,16 баробар ҳисоб карда мешавад. Он гоҳ ислоҳи куллии каҷшавии Замин ва рефраксия хоҳад буд

$$f = k + r = \frac{d2}{2R} - 0{,}16\frac{d2}{2R} = 0{,}42\frac{d2}{R}$$

Кунҷҳои амудӣ бо теодолити дараҷаи дақиқии Т30 дар ду қадам, Т15 ва болотар - дар як қадам чен карда мешаванд. Баландии асбобҳо ва сигналҳо бо ченаки то сантиметри наздиктарин мудаввар кардашуда муайян карда мешаванд. Гаштҳои нивелиркунии тригонометрӣ ба нуқтаҳои шабакаҳои такягоҳии на камтар аз синфи 4 асос ёфтаанд, ки дарозии умумии на зиёда аз 2,5 км аст. Миқдори зиёдатӣ барои ҳар як тараф ду маротиба дар самтҳои пеш ва баръакс муайян карда мешавад. Тафовути иҷозатдодашуда аз зиёда аз 0,04л, см, гашти умумӣ 0,004 L / √n, ки дар он l дарозии моили тараф, м; L - дарозии гашт, м, n - шумораи тарафҳо.

Дода шудааст: d=127,679 м, l=127,723 м, кунҷи вертикалӣ b=1,52º, баландии дастгоҳ 1,6 м, баландии рефлектор 2 м.

Ҳал:

$$\Delta Z = 127{,}679 tg 1{,}52^{o} + 0.42\frac{127{,}679}{6370000} + 1{,}6 - 2 = 1{,}989 м$$

Ҷавоб: ΔZ=1,989

**АДАБИЁТ**

1. Маркшейдерские опорные и съёмочные сети на карьерах: Учебное пособие/ - Голубко Б.П., Панжин А.А. – Екатеринбург: УГГГА, 1999. – 55с.
2. Маркшейдерские работы при разработке месторождений открытым способом: Учебной пособие/ - Голубко Б.П., Панжин А.А. – Екатеринбург: УГГУ, 2005 – 154с.
3. Маркшейдерские работы при разработке месторождений полезных ископаемых открытым способом: Методические указания/ - Голубко Б.П. – Екатеринбург: УГГУ, 2004 – 38с.
4. Маркшейдерское дело: Учебник для вузов /Оглоблин Л.Н., Герасимович Г.И., Акимов А.Г. и др. 2-е изд., перераб. И доп. М: Недра, 1981 - 704с.

**ВАРИАНТИ ТАЪСИСИ АСОСНОККУНИИ АКСБАРДОРӢ ДАР БУРИШҲОИ АНГИШТ БО НИШОНАИ ҚУТБӢ**

Асосноккунии аксбардории маркшейдерӣ дар буришҳои ангишт дар як вақт бо лоиҳаи пешбинишуда ба вуҷуд оварда мешавад. Нуқтаҳои ибтидоӣ барои муайян кардани аломатҳои баландии нуқтаҳои асосноккунии аксбардории нуқтаҳои такягоҳии баландии синфҳои 3-4-ум ба шумор рафта, аломатҳои баландии нуқтаҳои асосноккунии аксбардори бо нивелири геометрии синфи 4, нивелири техникӣ ё тригонометрӣ муайян карда мешаванд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** асосноккунӣ, аксбардорӣ, буриши ангишт, ченакҳои геодезӣ, нуқтаҳои ибтидоӣ, нуқтаҳои такягоҳӣ, кунҷҳои амудӣ, нивеликунони, синфҳо, гаштҳои нивелиркуни.

**ВАРИАНТ УСТАНОВЛЕНИЯ ОБОСНОВАНИЯ СЪЕМКИ В УГОЛЬНЫХ РАЗРЕЗАХ С ПОЛЯРНЫМИ ЗАСЕЧКАМИ**

Обоснование маркшейдерской съемки на угольных разрезах выполняется одновременно с проектом. Исходными точками для определения высоты точек обоснования съемки являются высотные реперные точки 3-4 классов, а высотные отметки точек обоснования съемки определяются геометрическим нивелированием 4 класса, техническим или тригонометрическим нивелированием.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** обоснование, съемка, угольный разрез, геодезические измерения, исходные точки, опорные точки, вертикальные углы, нивелировка, классы, нивелирные ходы.

**OPTION TO ESTABLISH THE RATIONALE FOR SURVEYING IN COAL MINES WITH POLAR SERIFS**

The substantiation of mine surveying at coal mines is carried out simultaneously with the project. The starting points for determining the height of the survey justification points are the high-altitude reference points of classes 3-4, and the elevation marks of the survey justification points are determined by class 4 geometric leveling, technical or trigonometric leveling.

**KEYWORDS:** substantiation, survey, coal section, geodetic measurements, starting points, reference points, vertical angles, leveling, classes, leveling moves.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулмирзоев Туграл Давлатмуродович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети геология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 926003231.**

**Сведение об авторе:** ***Гулмирзаев Туграл Давлатмурадович*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета геологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 926003231.**

**Information about the author:** ***Gulmirzoev Tugral Davlatmurodovich*** second - Tajik National University, year master`s student of the Faculty of Geology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 926003231.**

**УДК: 633.631.52**

# ХУСУСИЯТҲОИ ФИЗИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВӢ ДАР ШАКЛҲОИ БИОЛОГИИ ТРИТИКАЛЕ

***Алимуродов А.С., Ғуломова А.К.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳангоми муҳокимаи проблемаи ба хунукӣ ва сармо тобоварии растаниҳо, аз ҷумла, ба саҳми мубодилаи моддаҳо ба хусус карбогидратҳо ва таркиби онҳо дар madди аввал меистад. Мувофиқи далелҳои илмии як зумра олимон хусусияти криопротектории карбогидратҳо дар маркази диккати мухаккиконе мебошад, ки ба ин проблема машгуланд

{1, с.28-31; 2, с. 11-12; 3, с. 54.} Карбогидратҳо боиси зиёд шудани консентратсияи осмотикии шираи ҳуҷайра мегарданд, илова бар ин, мувофиқи механизми адаптатсия ки ба туфайли он таркиби ҳуҷайра чандиртар ва ба деградатсия ва деформатсияи механикӣ тобовартар мешавад, яъне муқовимат мекунанд Карбогидратҳо ҳамчунин ба эътидол овардани сохторҳои ҳуҷайра низ мусоидат намуда денатуратсияи молекулаҳои сафедаҳоро пешгирӣ мекунанд {4, с.330; 5, с.397-408}. Сарфи назар аз он, ки дар як қатор масъалаҳои марбут ба нақши карбогидратҳо дар муқовимат ба сармо ва таносуби байни ин хосият ва таркиби нуқтаҳои назари гуногун вуҷуд дорад, аммо аҳамияти карбогидратҳо дар эҷоди муқовимат, механизмҳои мушаххаси иштироки карбогидратҳо дар раванди тобоварии баланд хунукӣ ва сармо – хеле калон аст. Аҳамияти ин пайвастагиҳо дар баланд бардоштани муқовимати растанӣ ба ҳарорати пастро аксари тадқиқотчиён эътироф мекунанд. {6, с.76-79; 7,с.127-129; 8, с. 20-22}. Дар ин бобат омӯзиши таркиби карбогидратҳо таваҷҷуҳи хоса дорад. Растаниҳо ба таъсири харорати паст ва якбора паст рафтани он, даврахои зуд тағйир ёфтани хунукшавӣ ва гармшавӣ тоб меоваранд. Воқеан, агар масалан, зироатҳои тирамоҳӣ дар минтақаҳои шимолӣ пас аз гузаштани марҳилаҳои якум ва дуюми вегетатсия, ба ҳолати зимистонгузаронӣ гузашта, дар моҳи май дубора сабзиш пайдо кунанд, пас дар шароити Тоҷикистон растаниҳои зимистон нашъунамокунанда вегетатсияи онҳо давом меёбад. Дар нимаи зимистони сол, чунин фикр кардан ба маврид аст, ки дар растаниҳои зимистонгузаронда мубодилаи карбогидратҳо бо хусусиятҳои хосӣ давом мекунад. Вобаста ба ин, мо миқдори карбогидратҳоро дар растаниҳои фасли зимистон нашъунамокунанда омӯхта, барои муайян кардани нақши воқеии ин пайвастагиҳо дар баланд бардоштани муқовимати растанӣ ба ҳарорати паст аз методи карбогидратҳо бо ҷудокунии хроматографӣ муайян карда шуданд. Дар ҷадвал маълумот дар бораи таркиби карбогидратҳо дар узвҳои шаклҳои биологии растанӣ дар давраи кишти октябр нишон дода шудааст. Сар аввал кишти растаниҳои моҳи октябр дар нуқтаи панҷазании растаниҳои бошиддат ҷамъ шудани карбогидратҳо мушоҳида шудааст. Бо фарорасии сармои зимистон таркиби алоҳидаи карбогидратҳо коҳиш ёфт ва ин раванд ба олигосахаридҳо назар ба дигар карбогидратҳо дертар таъсир расонд ва дар аввали моҳи март консентратсияи карбогидратҳо пас аз сармо то ҳадди ақал коҳиш ёфт. Баробари аз нав сар шудани растаниҳои вегетатсияи дар баргҳо таркиби карбогидратҳо боз пуршиддат афзуд.

Дар давраи тирамоҳии растанӣ ҳам дар нуқтаҳои панҷазанӣ ва ҳам дар баргҳо ҷамъшавии шадиди карбогидратҳо, махсусан олигосахаридҳо ба амал меояд. Бо фарорасии давраи хунукӣ (моҳи январ) миқдори моносахаридҳо, сахароза ва дигар олигосахаридҳо ба ҳадди максималӣ расид, пас дар моҳи феврал миқдори ҳама карбогидратҳо коҳиш ёфт. Дар фасли баҳор, миқдори сахароза ва фруктоза ба таври мавзун зиёд шуд.

**Ҷадвал.**

**Динамикаи ҷамъшавии карбогидратҳо дар нуқтаи панҷазании шаклҳои биологии растании тритикале**

| Санаи кишт | Моҳҳо | Миқдори қандҳо, % |
|---|---|---|
| 10.10.2021 | X | 1,2 |
| | XI | 1,3 |
| | XII | 2,5 |
| | I | 2,8 |
| | II | 2,2 |
| | III | 3,7 |
| | IV | 6,4 |
| | V | 7,7 |

Ҳамин тавр, парвариши тритикале дар мавсими тирамоҳ, зимистону аввали баҳор имконият медиҳад, ки заминҳои обёришаванда дар шароити Тоҷикистон дар тамоми фасли сол истифода шавад.

## АДАБИЁТ

1. Алимуродов А.С. Методы и результаты селекции тритикале в условиях Таджикистана / А.С. Алимуродов // журнал «Кишоварз» (Земледелец), ТАУ им. Ш. Шотемур – Душанбе, 2019. - 2 (82). С. 28-31
2. Каримов Х.Х. // Физиология и биохимия зимневегетирующих кормовых культур / Х.Х. Каримов. – Душанбе 2003. С.11-12

3. Машкевич Н.И. Растениеводство / Н.И. Машкевич. - Москва 1974. С.54.
4. Максимов Н.А.,1913. О вымерзании и холодойстойкости растений. Экспериментальные и критические исследования / изв. СПБ. Лесного и-та. № 25. 330 с.
5. Туманов И.И., Трупова Т.И., 1957. Закаливание тканей озимых растений с помошью сахаров, поглощаемых из наружного раствора /физиология растений. Т.4. вып.5. С.397-408.
6. Назранов Х.М., С.Х. Шханцева, А.М. Кальмиков /действие и последствие минеральных удобрений на урожайность озимого тритикале в севообороте /Вестник Крастау. 2011. №9 С76-79
7. Маршалова А.Н., Глушков В.В., Макаров В.И., Маслова Н.Ф. / Изменение урожайности яровой тритикале в различные по местоусловиям годы /вестник Казанского ГАУ №2 (20) 2011. С127-129
8. Касынкина О.М. Биологическая и хозяйственная оценка тритикале в условиях Пензенской области /Нива поволжья №2 (15) май 2010 С.20-22

## ХУСУСИЯТҲОИ ФИЗИОЛОГӢ ВА БИОХИМИЯВӢ ДАР ШАКЛҲОИ БИОЛОГИИ ТРИТИКАЛЕ

Дар мақола маълумот дар бораи таркиби карбогидратҳо дар узвҳои шаклҳои биологии растании тритикале дар давраи кишти тирамоҳӣ нишон дода шудааст. Сараввал ҳангоми кишти тирамоҳӣ, дар нуқтаи панҷазании растаниҳо бошиддат ҷамъ шудани карбогидратҳо мушоҳида шудааст. Бо фарорасии сармоҳои зимистон таркиби ҳамаи шаклҳои карбогидратҳо коҳиш ёфт ва ин раванд ба олигосахаридҳо назар ба дигар карбогидратҳо дертар таъсир расонд ва дар аввали моҳи март консентратсияи онҳо пас аз сармо то ҳадди ақал коҳиш ёфт. Баробари аз нав сар шудани вегетатсияи баҳории растанихо дар баргҳо таркиби карбогидратҳо афзуд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** тритикале, карбогидрат, барг, шакли биологӣ.

## ФИЗИОЛОГО-БИОХИМИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ БИОЛОГИЧЕСКИХ ФОРМ ТРИТИКАЛЕ

В статье приведены сведения о составе углеводов в органах биологических форм растений тритикале при осеннем посеве. Первоначально накопление углеводов наблюдалось в узлах кущения. С наступлением зимы содержание всех форм углеводов уменьшалось, причем олигосахариды этот процесс затрагивал позже, чем другие углеводы, и в феврале их концентрация снижалась до минимума после холодов. С началом интенсивного роста растений в листьях увеличивается содержание углеводов происходит резкое накопление углеводов, особенно олигосахаридов, как в узлах кущения, так и на листьях.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** тритикале, углевод, лист, биологическая форма

## PHYSIOLOGICAL AND BIOCHEMICAL PROPERTIES IN THE BIOLOGICAL FORMS OF TRITICALE

The article shows the information on the composition of carbohydrates in the organs of spring plant forms during the October sowing period. Initially, the accumulation of carbohydrates was observed in the October crop rotation at the point of intensive plant growth. With the onset of winter, the content of all forms of carbohydrates decreased, and this process affected oligosaccharides later than other carbohydrates, and in early February their concentration decreased to a minimum after the cold. With the emergence of intensive plants in the leaves, the content of carbohydrates increased again.

**KEYWORDS:** triticale, carbohydrate, leaf, biological form.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Алимуродов А.С.*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** д.и.к., дотсенти кафедраи биохимия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

***Ғуломова Аниса Киявмиддиновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети биология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 10-995-10-00.** E-mail: **abduzohid1964@gmail.com**

**Сведение об авторах:** ***Алимуродов А.С.***- Таджикский национальный университет, д.х.н., доцент кафедры биохимии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

***Гуломова Аниса Киявмиддиновна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета биологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 10-995-10-00.** E-mail: **abduzohid1964@gmail.com**

**Information about the author** s: ***Alimurodov A.S***. – Tajik National University, d.a.s., docent of the Department of Biochemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

***Gulomova Anisa Kiyavmiddinovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Biology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 10-995-10-00.** E-mail: **abduzohid1964@gmail.com**

# <u>ХИМИЯ – ХИМИЯ</u>

УДК 619:615.284

## ТЕХНОЛОГИЯИ ИСТЕҲСОЛИ АНАТОКСИНИ ПОЛИВАЛЕНТӢ БАР ЗИДДИ ЭНТЕРОТОКСЕМИЯИ АНАЭРОБӢ

***Гулнозаи М., Имомова А., Пулотов Ф.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Энтеротоксемияи анаэробӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст ва яке аз бемориҳои гурӯҳи сироятҳои клостридиозӣ ба соҳаи чорводорӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад. Тадқиқотҳои бактериологӣ бо мақсади муайян кардани ангезандаҳои энтеротоксемияи анаэробӣ дар шароити кишвар муайян карда шуданд, ки навъҳои аз ҷиҳати этиологӣ муҳим ин C.perfringens A, B, C, D мебошад [1,3,4].

Сарфи назар аз муваффақиятҳое, ки дар самти омӯзиши хусусиятҳои паҳншавӣ, пайдоиши мавсимӣ, тадбирҳои профилактики ва ветеринарию санитарӣ, ба даст оварда шудааст, айни замон аз ин бемори талафоти зиёди ҳайвоноти кишоварзӣ ба қайд гирифта мешавад, ки ба нишондиҳандаҳои иқтисодии фермаҳои чорводорӣ таъсири калон мерасонад [2,4-7].

Мақсади асосии таҳқиқоти мо ба даст овардани анатоксини поливалентӣ аз штаммҳои C.perfringens бар зидди энтеротоксемияи анаэробии ҳайвоноти кишоварзӣ мебошад. Барои амалӣ гардондани мақсади пешбинишуда бояд муҳити махсуси ғизоӣ омода карда, технологияи ҳозиразамони парвариши штаммҳои саноатиро ба роҳ монда, комбинатсияи оптимаии компонентҳо интихоб карда шавад.

Таҳқиқотҳои таҷрибавӣ дар комплекси биотехнологии ҶДММ «Агровет», шароити лабораторӣ ҶСКМ ТР «БИОРТ», ва дар вивариуми Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи АИКТ гузаронида шудаанд. Дар рафти таҳқиқот штаммҳои истеҳсолӣ ва назоратӣ аз коллексияи ҶДММ «Агровет», C.perfringens навъи A - № 28, C.perfringens навъи B - № 1, C.perfringens навъи C - № 3, C.perfringens навъи D - № 91 истифода шуданд.

Усули пай дар пай парвариш штаммҳои саноатии C.perfringens дар пробиркаҳо, зарфшишаҳо ва биореакторҳо гузаронида шуданд. Барои парвариши саноатӣ биореактор истифода шуд, ки дорои системаи идоракунии автоматӣ буда, ҳамаи параметрҳои асоси танзим карда мешуданд.

Морфологияи ҳуҷайра ва тозагии бактериологӣ тавассути микроскоп назорат карда шуд. Мувофиқи стандарти оптикии бактериявӣ ГИСК ба номи Л.А. Тарасевич, шумораи ҳуҷайраҳои микроорганизмҳо дар маҳлул дар 1 $см^3$ муайян карда шуд. Барои муайян кардани токсинокии бактерияҳои парваришуда ва дараҷаи он мушҳои сафеди вазнашон 16-18 истифода шуданд. Токсинҳо бо формалин ғайрифаъол карда шуда, дар дастгоҳи ултрафилтратсияи АСФ-020 консентронида шуданд. Барои омода кардани силсилаи таҷрибавӣ таносуби оптималии ҷузъҳои анатоксини поливалентӣ ва дигар компонентҳо ба миқдори муқарраршуда якҷоя карда шуданд.

Натиҷаи парвариши штаммҳои саноатии C.perfringens дар пробиркаҳо, зарфҳои шишагӣ, ки бо пай дар пайи муайян дар муҳити ғизоӣ дар асоси экстракти ҷигар ва казеин гузаронида шуд, дар ҳама зинаҳо хосиятҳои морфологӣ ва физиологии онҳо мувофиқи талаботи саноатӣ буд. Пеш аз парвариши бактерияҳо ба зарфшишаҳо бо муҳити ғизоӣ, маҳлули глюкозаи 40%-и стерилизатсия кардашуда илова карда шуданд, бо назардошти он, ки фоизнокии ниҳоии глюкоза дар муҳити ғизои ҳадди аққал 1% моддаи хушкро ташкил кунад. Парвариши умқи дар муҳити ғизоӣ дар таносуби 10:1 гузаронида шуд, ки дар он консентратсияи оптикӣ на камтар аз $9{,}0\times10^9$ ҳуҷайра дар $1см^3$ буд. Парвариш дар зарфшишаҳо дар шароити ҳарораташ 37 ± 10°C ба муддати 18 то 32 гузаронида шуданд.

Парвариш дар шароити биореактор бо таносуб 10 л ҳуҷайраҳои парваришшудаи фаъол ба ҳар 100 л муҳити ғизоӣ анҷом дода шуд. Зичии ҳуҷайраҳои Clostridia дар биореактор дар ҳудуди $800\pm50\times10^6$ ҳуҷайра дар $1см^3$ нигоҳ дошта шуданд.

